ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2022. №5

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2022. №5

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2022. No.5

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2022. – №5. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2022

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2022. – №5. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2022

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST*

Khorkashev Sakhidod — *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST*

Nazarzoda Saifiddin — *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST*

Gulnazarova Jilo — *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad — *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Sirojiddini Imomali — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST*

Saidov Khalimdzhon Azizovich — *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom — *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna — *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustzoda Khamrokhon Dzhuma — *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2022. – №5. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2022

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК: 491.155:491.550

ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ВА ОВОШИНОСИИ АРАБ

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бурро ва саҳеҳ талаффуз намудани вожа, пеш аз ҳама, ба таври дуруст адо кардани ҳарф, яъне ҳаққи ҳар ҳарферо ба ҷо овардан, бастагӣ дорад. Ҳамин аст, ки имрӯз ҳангоми ба омӯзиши ягон забон машғул гаштан, ҳатман, аз омӯхтани овозу ҳарфҳои он оғоз карда мешавад. Ба ин тартиб, китобҳои дарсии забономӯзӣ ва дастуру воситаҳо дар ин маврид бо нишон додани махраҷи ҳарфҳо ва чи гуна талаффуз намудани ҳарфҳо шуруъ мегардад. Ҳарчанд дар таърихи забони арабӣ таваҷҷуҳ ба чигунагии талаффузи ҳарфҳо ба оғози зуҳури Ислом ҷиҳати ба таври дуруст хондану тиловати калимоти қуръонӣ баргардад ҳам, вале дар забоншиносии араб, хусусан, дар асрҳои II-III ҳиҷрӣ, ки бузургтарин таълифоти забоншиносӣ ба майдон омадаанд, ба он ба таври бояду шояд таваҷҷуҳ намешудааст. Омӯзиши таърихи савтиёт дар забони арабӣ нишон дод, ки он дар зимни забоншиносии араб чор марҳилаи таърихиро тай намудааст. Нахустин омӯзиши савтиёт, ба монанди дигар масоили забоншиносӣ дар «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ сурат гирифтааст. Ин донишманд бо ёдоварӣ аз 29 ҳарфи арабӣ талаффузи онҳоро вобаста ба 8 махраҷ шуморидааст [11, с.57]. Ҳарфҳои арабиро Халил ибни Аҳмад вобаста ба махраҷҳояшон ба таври зел мураттаб намудааст: ع، ح، ه، خ، غ - ق، ك – ج، ش، ض – ص، س، ز – ط، د، ت – ظ، ث، ذ – ر، ل، ن – ف، ب، م – و، ا، ي – همزة [11, с.48]. Бояд ёдовар шуд, ки тартиби вожагон низ дар «Китоб-ул-айн» вобаста ба ҳамин тартиби ҳарфҳо оварда шудааст. Равиши муайян намудани махраҷи ҳарф низ аз ҷониби ин донишманд бисёр сода ва ҷолиб пешниҳод шудааст. Ба таъкиди ӯ, бо овардани алифи мафтуҳа «أ» ва сокин овардани ҳарф метавон махраҷи онро муайян намуд, ба монанди: أَبْ، أَتْ، أَحْ، أَعْ، أَغْ [11, с.47]. Таснифу тафсири мазкури Халил ибни Аҳмад, ки барои шинохти асли вожаҳо ва хусусиятҳои идғому эълол ва ибдоли он мусоидат менамояд, аз ҷониби фарҳангнигорони баъдӣ пазироӣ ёфта, бештари онҳо фарҳангҳои худро маҳз бо шарҳу эзоҳи ҳарфҳо/овозҳои арабӣ оғоз намудаанд.

Дар баробари наҳвиён талоши наҳвиён дар ташаккули омӯзиши савтиёти арабӣ назаррас мебошад. Хидмати наҳвиён дар ин самт идомаи мантиқии марҳилаи нахуст, ки вобаста ба фарҳангнигорӣ ба майдон омада буд, ба шумор меравад. Дар пайравӣ ба устодаш Сибавайҳ низ ба масъалаи савтиёти араб таваҷҷуҳ намуда, дар баробари таъкиди вуҷуди 29 ҳарфи забони арабӣ, боз ишора ба 35 /42 овоз дар ин забон менамояд, ки ҳамагӣ бархоста ва вобаста ба ҳамон 29 ҳарфанд. Ба ин маъно, ки дар баробари 29 ҳарфи аслӣ Сибавайҳ боз аз 6 ҳарфи дигари фаръӣ, ки корбурди онҳо дар тиловати Қуръон ва хониши ашъори араб хушоянд аст ва аз 8 ҳарфи дигари фаръӣ*, ки аслан корбурдаш дар ягон маврид писандида нест, ёдовар мешавад [4, с.431-432]. Воқеан, чунин тақсимоти дақиқи овозҳо аз ҷониби Сибавайҳ бори дигар аз истеъдоду маҳорати бесобиқаи ӯ дар ростои ҳамагуна масоили забоншиносӣ дарак медиҳад. Чунончи мавсуф аз ҳарфҳои фаръӣ овозҳоеро дар назар дорад, ки ба таври мустақил набуда, балки тобиши овози аслӣ мебошад. Масалан, «ن»-и хафифае, ки дар гурӯҳи ҳарфҳои фаръии арабӣ ёд шудааст, аслан, тобише аз овози «ن» аст, ки вобаста ба ҷойгоҳи мушаххас ба ин гуна талаффуз мешавад.

Ба фарқ аз устодаш Сибавайҳ махраҷи ҳарфҳои арабиро на 8, балки 16-то ба қалам медиҳад [4, с.433]. Маҳз ҳамин тафовут байни андешаҳои Халил ибни Аҳмад ва Сибавайҳ

*«Донишмандони гузаштаи араб дар интихоби истилоҳот бисёр мӯшикофона амал менамудаанд. Масалан, забоншиносони гузашта ба монанди Сибавайҳу Ибни Ҷиннӣ ва Сирофию Ибни Сино ба ҷойи истилоҳи «الصوت»-и имрӯз истилоҳи «الحرف»-ро ба кор мебурдаанд ва онро ба ду гурӯҳ: «حروف ساكنة» ва «حروف ممدودة» ҷудо мекардаанд, ки ин гуна тақсим аз он чи мо бо «الأصوات»، «الأصوات الصامة» ва «الأصوات الصائتة» медонем, шомилтару дақиқтар аст» [13, с.112].

боиси баҳсҳои гуногун атрофи таъсирпазирии донишмандони араб аз омӯзаҳои юнониву ҳиндӣ, ҳамзамон, зери суол бурдани нисбати «Китоб-ул-айн» ба Халил ибни Аҳмад гардидааст. Таснифи махраҷи ҳарфҳо аз ҷониби Халил ибни Аҳмад дар мактаби забоншиносии Андалус низ роиҷ будааст, дар ҳоле ки дар мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ва Хуросону Мовароуннаҳр таснифи Сибавайҳ пазириши бештар доштааст [1, с.29-30]. Ин дар ҳолест, ки дар ҳавзаҳои илмии Мовароуннаҳр таснифи махраҷи ҳарфҳо ба 14 махраҷ низ ба назар мерасад [8, с.524-526]. Инчунин, аз ҷониби забоншиносони асрҳои нахусти ҳичрӣ ҳарфҳо такя ба ҷарангдориву бечарангӣ ва дигар хусусиятҳои овоие, ки дар танҳоӣ ва ё ҳамнишини бо дигар ҳарфҳо пайдо мекунанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, вале ин ҳама баҳсҳо ҳамагӣ дар чанд сатру саҳифа, на ба таври мустақил, балки дар зимни ягон мавзуи дигар меоавардаанд. Чунончи Сибавайҳ андешаҳои худро дар робита ба ҳарфу овозҳои арабӣ дар зери боби идғом овардааст ва аз чунин тартибгузории мавзуъ бармеояд, ки онро ба мадхале барои боби мазкур гардонидааст. Яъне, баҳси овошиносӣ дар ин ҷо ба хотири хуб дарк намудани масъалаҳои марбут ба идғом будааст [4, с.431; 10, с.93].

Ба назар мерасад, ки забоншиносони баъдии форсу тоҷик низ ба масъалаи савтиёт таваҷҷуҳ намуда, кори Сибавайҳро дар ин ҷода идома додаанд. Чунончи дар асри X Заҷҷоҷӣ ва дар асри XII Замахшарӣ ба масъалаҳои овошиносии арабӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ҷумла, Замахшарӣ бахши чоруми китоби «Муфассал»-ро, ки зери унвони «قسم المشترك» (қисми муштарак) оварда шудааст, ба масъалаҳои имола, фақф, қасам, тахфифи ҳамзаву якҷо омадани ду сокин ва ғ. тахсис додаву дар он хусусиятҳои овоии ҳарфҳои арабиро ба баррасӣ кашидааст [9, с. 434-445].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки бештари забоншиносони араб ба савтиёт ҳамчун мадхал ё даромаде ба масъалаҳои сарфӣ, аз қабили идғому эълол ва ғ. таваҷҷуҳ менамуданд ва аввалин нафаре, ки дар ин росто асари мустақил таълиф кардааст, ин Ибни Ҷиннӣ мебошад.

Марҳилаи дувуми омӯзиши савтиётро метавон ба талоши донишмандоне, ки ба балоғати арабӣ ва таҳқиқи фасоҳати вожагон машғул будаанд, мансуб донист. Дар ин ҷо аз Руммонӣ (ваф. 384 ҳ), Ибни Синони Хаффоҷӣ (ваф. 426 ҳ) ва Баҳоуддини Сабкӣ (ваф. 773 ҳ) ва дигарон ёдовар шуд, ки онҳо пажуҳишҳои худро дар овошиносӣ аслан вобаста ба ҳамнишинии ҳарфҳо, ки дар эҷоди хушоҳангиву шевоии калимаҳо нақши аввалиндараҷа дорад, анҷом додаанд.

Ҳарчанд ҳама илмҳои забоншиносӣ ба хотири дурустхонии Қуръони карим, посдории он аз ҳар гуна хато ва дарки маонии он ба майдон омада бошанд ҳам, вале ба назар мерасад, ки илми таҷвид ба унвони марҳилаи савуми ташаккули овозшиносии араб дар асри IV ҳичрӣ зуҳур кардааст. Чунончи таъкид мешавад, ки аввалин асари мустақиле, ки дар робита ба таҷвид навишта шудааст, ба қалами донишманди асри чоруми ҳичрӣ Абумузоҳим Хоқонӣ (ваф.325) тааллуқ дорад, чун мавсуф қасидаеро дар ҳудуди 51 байт вобаста ба таври наку тиловат кардани Қуръони карим таълиф карда будааст ва вожаи таҷвид низ ҳамчун як истилоҳи илмӣ маҳз аз ин ба баъд корбурд шудааст. Дар асри V ҳичрӣ илми таҷвид пурра аз илми қироат ҷудо гашта, ба ҳайси як илми мустақил ташаккул меёбад. Аз ҷумла, дар асри VIII ҳичрӣ аз ҷониби Муҳаммад Муръишӣ мулаққаб бо Сочақлизода (ваф. 738 ҳ) китоби «Ҷаҳд-ул-муқил» ва шарҳи он «Баёну ҷаҳд-ил-муқил» таълиф мегардад, ки дар онҳо овозҳои забони арабӣ ба таври комилу шомил омӯхта шудаанд ва имрӯз бештари андешаҳои овошиносии дар ин китобҳо овардашуда исботи худро ёфтаанд. Дар муқоиса ба пажуҳишҳои овошиносии дар зимни фарҳангномаву китобҳои наҳвӣ омада таҳқиқоти таҷвидӣ дар мустақилияти ин илм мусоидат намудааст [15, с.17-18; 16, с.61-62]. Воқеан, илми таҷвид ҳамин илми овошиносист, чунончи Ҳасан ибни Қосим Муродӣ омӯзаҳои таҷвидро дар 4 масъала хулоса намудааст, ки ҳамагӣ вобаста ба масоили савтиёт мебошанд. Ӯ мегӯяд: «Таҷвиди қироат бар чор чиз аст: 1) шинохти махраҷи ҳарфҳо; 2) шинохти сифати ҳарфҳо; 3) шинохти он чи бо сабаби якҷо омадани ҳарф бо ҳарфи дигар пайдо мешавад; 4) одатнамоии забон ба ин ва бисёр такрорнамоии он». Се масъалаи аввал дар ҳама китобҳои таҷвид ба назар мерасад, вале масъалаи чорум ҷанбаи амалӣ дорад, чун он дар натиҷаи таълими муаллим ба шогирд ба миён меояд [14, с. 10-11].

Марҳилаи чоруми овошиносии арабӣ, ки на фақат дар забоншиносии араб, балки дар забоншиносии умумӣ таҳаввули бузурге эҷод намудааст, ин ба майдон омадани китоби «Махориҷ-ул-ҳуруф»-и Ибни Сино мебошад. Мавриди ёдоварист, ки ба саҳми донишмандони форсу тоҷик, хусусан ба андешаҳои Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва Насириддини Тусӣ дар ташаккули омӯзиши савтиёти забони арабӣ забоншиносони муосири тоҷик Д.Хоҷаев [2, с.67-81; 3, с.13-15] ва С.Сулаймонов таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, устод С.Сулаймонов рисолаи «Махориҷ-ул-ҳуруф» ё «Асбобу ҳудус-ил-ҳуруф»-и Ибни Синоро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва бо таҳқиқи муфассалу арзишманде ба чоп омода кардааст.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки рисоли мазкури Ибни Сино ба шаш фасд тақсим шудааст: 1) дар сабаби падид омадани овоз; 2) дар сабаби падид омадани ҳарфҳо; 3) дар ташреҳи ҳанҷара ва забон; 4) дар сабабҳои ҷузъии ҳарфҳои арабӣ; 5) дар ҳарфҳое, ки ба ин ҳарфҳо монанданд; 6) дар мавриди он ки ин ҳарфҳо ба ғайр аз аъзоҳои нутқ аз дигар ҳаракатҳо низ шунида мешавад [7]. Аз мутолиаи асар, ҳатто аз номи бахшҳои рисола пайдост, ки рисола дар баробари ҷанбаи тиббӣ-амалӣ боз аз ҷанбаи забонӣ бархӯрдор аст. Хусусан, дар фаслҳои 4-5-и рисола Ибни Сино ба таснифи ҳарфҳои арабӣ ва ғайриарабӣ аз нигоҳи махраҷ вижагиҳои забонии асар бармало мебошад [7, с.9-16]. Бархӯрдорӣ аз дониши тиббӣ ба Ибни Сино мусоидат намудааст, ки дар баробари тавсифи дақиқи махраҷи ҳарфҳо боз тартиби онҳоро ба фарқ аз забоншиносон тағйир диҳад. Чунончи: а) «ا» -ро бархилофи Сибавайҳу Ибни Ҷиннӣ дар паҳлуи «ء» ва ҳарфҳои ҳалқӣ нагузоштааст; б) баръакси Сибавайҳ «ق»-ро бар «ك» муқаддам гузоштааст; в) «و»-у «ي»-ро баъди ҳамсадоҳо ҷо додааст; г) ҳарфҳои сегонаи иллатро дар охири фасл овардааст; ғ) «م»-у «ن»-ро, сарфи назар аз махраҷи гуногун доштан, пайи ҳам овардааст ва дар ин ҷо сифати димоғӣ доштани онҳо ба инобат гирифта шудааст» [10, с.109].

Ба назар мерасад, ки дар забоншиносии классикии араб бештар ба ду ҷанбаи ҳарф: махраҷ ва сифати он таваҷҷуҳ мешудааст. Ба ин маъно, ки ҳарф дар куҷо ва чи гуна эҷод мешаваду кадом оҳангро мегирад, аз баҳсҳои асосии забоншиносон будааст. Масалан, байни забон ва байни коми боло махраҷи «ج», «ش» ва «ي» аст, дар ҳоле ки аз сифатҳои «ج»-у «ش» ҷарангдорӣ ва аз сифатҳои «ي» беҷарангист [سيبويه 1996 ج.4، ص.433-434]. Чи тавре пештар ҳам ишора шуд, машҳуртарин таснифи ҳарфҳо бо назардошти махраҷум сифат маҳз аз ҷониби Сибавайҳ сурат гирифтааст, чун ӯ махраҷи ҳарфҳои арабиро 16 ва сифати онҳоро 17-то медонад [14, с.79-80].

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки овошиносии забоншиносони арабнигори форсу тоҷик танҳо бо баррасии махраҷу оҳангнокӣ ва дигар хусусиятҳои ҳарфҳои арабӣ маҳдуд намегардад, балки фарогири дигаргуниҳои овозие мебошад, ки ҳангоми интиқоли калима аз як забон ба забони дигар сурат мегирад. Хусусан, тағйироти овоие, ки дар раванди иқтибосшавии калимаҳои форсии тоҷикӣ ба арабӣ сурат гирифтааст, аз ҷониби забоншиносони арабнигори форсу тоҷик, ба вижа саромади забоншиносон Сибавайҳ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар «Китоб» ду фасл: «هذا باب ما أعرب من الأعجمية» (Боб андар арабӣ гардондани аҷамӣ) ва «هذا باب اطراد الإبدال في الفارسية» (Боб андар пайгирии бадалшавӣ дар форсӣ) оварда шудааст, ки Сибавайҳ дар онҳо атрофи чи гуна ба сохтори калимаи арабӣ мувофиқ намудани калимаи ғайриарабӣ сухан гуфта, ҳамзамон, аз дигаргуниҳои ҳарфҳои арабии калимаҳои иқтибосшаванда аз форсӣ ба арабӣ ишора мекунад. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ҳарфе, ки дар форсӣ байни «ك»-у «ج» аст, бо назардошти наздикии махраҷаш ба «ج» ба «ج» табдил дода мешавад, ба монанди «الجُربُز»، «الأجُرّ» ва «الجَوْرَب». Гоҳе ба «ق» низ бадал карда мешавад, чаро ки аз нигоҳи махраҷ ба он ҳам наздик аст, чунончи бархеҳо мегӯянд: «قُربُز» ва бархе «كُرْبَق» ва «قُرْبَق» низ гуфтаанд. Охири калима, ки дар гуфтори мардуми форс устувор нест, ҳангоми пайвастан ба «ج» бадал менамоянд ва ба ҷойи «كُوْسه» ва «مُوْزه» «كُوْسَج» ва «مُوْزَج» мегӯянд [4, с.303-305].

Ё донишманди дигари форсу тоҷик, Абуҳотим Аҳмад ибни Ҳамдони Розӣ (ваф.322 ҳ) ҳарчанд дар мавриди фазилати забони арабӣ аз нигоҳи ҳуруф ва камбуди дигар забонҳо, аз ҷумла форсӣ дар ин росто сухан гӯяд ҳам, аз гуфтори ӯ метавон бархе нукоти муқоисавиро байни овозҳои ин ду забон: арабӣ ва форсии тоҷикии асрҳои III-IV ҳичриро

хулосагирӣ намуд. Чунончи мавсуф бо ёдоварӣ аз махраҷи 28 ҳарфи арабӣ[†] ба камбуду афзунии ҳарфҳо дар забонҳои дигар пардохта, мегӯяд: «Дигар забонҳо ба монанди забони форсӣ камбуду афзунӣ доранд. Чунончи дар форсӣ «ع», «غ», «ح», «ق», «ط», «ظ», «ص», «ض», «ذ» ва «ث» нест. Ҳатто дар забони аслиашон ҳеҷ калимае нест, ки дар таркибаш ин ҳарфҳоро дошта бошад. Агар ба корбурди калимаи арабӣ ё вожаи муаррабе, ки дар сохтораш яке аз ин ҳарфҳо бошад, ночор шаванд, он ҳарфро ба ҳарфи форсие, ки махраҷаш ба он ҳарфи арабӣ наздик аст ва ё ба зеҳни касро он меорад, табдил медиҳанд. Масалан, «ح»-ро ба «ه» табдил дода, «محمد»-ро «مهمد» мегӯянд; «ع»-ро ба «أ»-и мамдудаи ҳамзадор, ки ба хотир «ع»-ро мерасонад, табдил дода, «علي»-ро «ألى» мегӯянд; «غ»-ро ба «و» табдил дода, «غلام»-ро «ولام» мегӯянд; «ق»-ро ба «ك» табдил дода, «قمر»-ро «كمر» мегӯянд; «ط»-ро ба «ت» табдил дода, «طاووس»-ро «تاووس» мегӯянд; «ظ»-у «ض»-ро ба «د» табдил дода, «ضرب»-ву «ظلم»-ро «درب»-у «دلم» мегӯянд; «ص»-ро ба «س» табдил дода, «صنم»-ро «سنم» мегӯянд; «ذ»-ро ба «د» табдил дода, «ذليل»-ро «دليل» мегӯянд; «ث»-ро ба «ت» табдил дода, «كثير»-ро «كتير» мегӯянд» [5, с.76-77]. Дар идома ба баҳс атрофи ҳарфҳое, ки дар забони форсии тоҷикӣ ҳастанду дар забони арабӣ нестанд, аз қабили «п», «г» ва «ч» пардохта, мегӯяд: «Онҳо (мардуми форсу тоҷик – И.К.) ҳарфҳоеро эҷод намудаанд, ки аслӣ нестанд. Масалан, байни «ف» ва «ب» ҳарферо эҷод карда, «رجل»-ро «بای» ва «بستان»-ро «باغ» мегӯянд. «П», ки дар калимаи «по» аст, байни «ف» ва «ب» эҷод шудааст, дар ҳоле ки «б» дар калимаи «боғ» аслӣ аст; ҳарферо байни «ق»-у «ك» эҷод карда, «قبر»-ро «گور» мегӯянд ва «أعور»-ро «كور». «Г», ки дар калимаи «гӯр» аст, байни «ق»-у «ك» аст ва «к»-и дар калимаи «кӯр» буда, аслӣ мебошад. Байни «ج»-у «ك» ҳарферо эҷод карда, «بَشَرة»-ро «چهره» мегӯянд ва «نهر»-ро «جوی» мегӯянд. «Ч», ки дар калимаи «чеҳра» аст, сохта ва «ҷ», ки дар «ҷӯй» омадааст, аслӣ мебошад» [5, с.77]. Чи тавре ишора шуд, Абуҳотими Розӣ чунин «камбуд»-у «афзунӣ»-ро хосси забони форсии тоҷикӣ не, балки вижаи тамоми забонҳо ба ғайри арабӣ шуморида, аз ҷумла таъкид мекунад, ки «дар ин масъала бо мардуме, ки иброниву сурёниро медонистанд, мунозира кардам ва масъаларо наздик ба ҳамон чизе ёфтам, ки дар ин ҷо ёд шуд. Вале бо ҳамин қадар шарҳ иктифо варзидем, зеро дар дигар забонҳо ба мисли забони форсӣ чирадаст нестем» [5, с.77].

Мавриди зикр аст, ки Ибни Сино дар рисолаи худ ба 16 овози дигаре ишора мекунад, ки дар забони арабӣ набуда, бархе дар забони форсию хоразмӣ ва бархе дар забонҳои дигар дида мешавад. Чунончи Ибни Сино ҳарфҳои монанд ба «ج»-и арабиро чор навъ гуфта, яктои онро хоси забони форсӣ «ҷ» ва се дигарро хоси забонҳои дигар (на арабию на форсӣ) шуморидааст [7, с.14].

Ҳамзамон, роҳкорҳое аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик ҷиҳати навишти дурусти номҳои ғайриарабӣ пайрезӣ шуда будааст. Масалан, Абурайҳони Берунӣ шикоят аз навишти арабӣ намуда, мегӯяд: «Аммо навиштор ба забони арабиро офати бузургест, ки ҳамоно ташобуҳи шаклҳои ҳуруфи ҳамҷуфт дар он ва лузуми тамоюзи нуқтаҳву нишонаҳои тасрифи онҳост, ки агар дар назар гирифта нашавад, маънои худро аз даст медиҳад. Ҳол агар ғафлат дар татбиқ ва эҳмол дар тасҳеҳ ба ҳангоми муқобаларо, ки дар миёни мардуми мо одист, ба он бияфзоем, он гоҳ буду набуди китоб ва ҳатто донистану надонистани он чи дар он аст, яксон хоҳад буд. Агар ин офат набуд, он гоҳ нақли номҳои мавҷуд дар китобҳои Десқуриюдис, Ҷолинус, Пулис ва Урибосиюс, ки ба забони арабӣ тарҷума шуда, кофӣ менамуд. Аммо ҳеҷ эътимоде ба ин (тарҷума)-ҳо надорем ва аз тағйирот дар нусхаҳои онҳо дар амон нестем» [6, с.170-171]. Ин нукта бошад, «Абурайҳони Беруниро во медошт аз нақли баъзе асомии юнонӣ аз рӯйи кутуби арабӣ худдорӣ кунад, чаро ки иҷтиноб аз тасҳифи онҳо ба эътиқоди вай фақат аз роҳи нақли мустақим аз хатти юнонӣ ва сурёнӣ имкон дошт. Аҳмад ибни Тайиби Сарахсӣ барои эҳтироз аз хато дар нақли дурусти асомии румиву юнонӣ алифбое ихтироъ кард бо чиҳил аломат, Ибни Халдун кӯшид, то дар нақли асосии марбут ба барбар, ки таърихи умумии вай махсусан бад-он такя дошт, ҷиҳати баъзе ҳуруфи хоси барбар нишонаи махсус бисозад. Дар

[†]Дар забони арабӣ бархе забоншиносон алифу ҳамзаро дар алоҳидагӣ ҳарф мешуморанд, аз ин рӯ, ҳарфҳои арабӣ ба 29-то мерасад. Аммо аз нигоҳи донишмандоне аз қабили Абуҳотими Розӣ, ки алифу ҳамзаро як ҳарф мешуморанду онро «ألف الهمزة» меноманд, дар алифбои арабӣ 28 ҳарф вуҷуд дорад.

китобҳои форсӣ ҳатто гоҳ дар нақли асомии арабӣ ҳам тасҳиф пайдо мешуд ва ин ишкол дар китобҳои таърих бештар буд – то китобҳои адаб [12, с.154].

Хулоса, донишмандони форсу тоҷик, сар аз забоншиносон то файласуфону табибон дар ташаккули илми овошиносии араб саҳми назаррас гузоштаанд. Дастовардҳои онҳо дар ин ҷода танҳо бо овошиносии араб маҳдуд намегардад, балки хидмате ба башарият дар тамоми асрҳо мебошад. Ба ин маъно, ки бештаре аз дастовардҳои онҳо дар ин ҷода аз дастовардҳои муосир, ки тавассути техникаву технология ба даст омадааст, ҳеҷ камӣ надорад. Ҳамзамон, бо тасвири махраҷу сифатҳои ҳарфҳо, чи арабӣ ва чи ғайриарабӣ, донишмандони арабнигори форсу тоҷик тавонистаанд, то барои ояндагон сарчашмаи муътамадеро дар мавриди овозҳо ба мерос гузоранд. Хусусан, хидмати онҳо дар тарсими овозҳое, ки бо гузашти замон моли таърих гаштаанд, бисёр арзишманду сутуданӣ мебошад.

Муқарриз: ***Саломов А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Звегинцев В.А. История арабского языкознания: Краткий очерк / В.А. Звениецев. Изд. 3-е, стереотипное. – М.: КомКнига, 2007. – 80 с.
2. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. – 152 с.
3. Хоҷаев Д. Гуфтори наку куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 230 с.
4. أبو بشر عمرو بن عثمان بن قنبر. الكتاب سيبويه. تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ط.3. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1996. الجزء الرابع. – 494 ص.
5. أبو حاتم أحمد بن حمدان الرازي. كتاب الزينة في الكلمات الإسلامية العربية. عارضه بأصوله وعلّق عليه حسين بن فيض الله الهمداني. ط.1. – صنعاء: مركز الدراسات والبحوث اليمني، 1994. – 424 ص.
6. ابو ریحان بیروني، محمد بن احمد. الصیدنه في الطب=داروشناسی بر بزشکی. ترجمه باقر مظفرزاده. – تهران: فرهنکستان زبان وادب فارسی، نشر آثار، 1383. – 1204 ص.
7. أبو علي الحسين بن سينا. أسباب حدوث الحروف. نسخه وصححه ووقف على طبعه محب الدين الخطيب. – القاهرة: مطبعة المؤيد، 1332. – 20 ص.
8. أبو القاسم بن محمد بن سعيد المؤدب. دقائق التصريف. تحقيق حاتم صالح الضامن. – دار البشائر للطباعة والنشر والتوزيع، 2004. – 743 ص.
9. أبوالقاسم محمود بن عمر الزمخشري. المفصل في علم العربية. دراسة وتحقيق فخر صالح قدارة. – عمان: دار عمار، 2003. – 564 ص. – 40 ص.
10. أحمد مختار عمر. البحث اللغوي عند العرب مع دراسة لقضية التأثير والتأثر. الطبعة السادسة. – القاهرة: عالم الكتب، 1988. - 383 ص.
11. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الأول. – 382 ص.
12. عبد الحسين زرين كوب. تاريخ در ترازو: در باره تاريخنكرى و تاريخنكارى با تجديد نظر و اصلاحات. – تهران: مؤسسه انتشارات امير كبير، 1375. – 323 ص.
13. عبد المجيد الطيب عمر. منزلة اللغة العربية بين اللغات المعاصرة: دراسة تقابلية. ط.2. – المملكة العربية السعودية: مركز البحث العلمي وإحياء التراث الإسلامي، 1437. – 282 ص.
14. غانم قدوري الحمد. المدخل إلى علم الأصوات العربية. ط.1. – عمان: دار عمار للنشر والتوزيع، 2004. – 327 ص.
15. غانم قدوري الحمد. الدراسات الصوتية عند علماء التجويد. ط.2. – عمان: دار عمار للنشر والتوزيع، 2007. – 527 ص.
16. مهين حاجي زاده. دراسة آراء سيبويه الصوتية في ضوء البحث اللغوي الحديث. مجلة التراث الأدبي، 1388. – السنة الثانية، العدد الخامس. – ص.55-84.

ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ВА ОВОШИНОСИИ АРАБ

Дар мақола саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули овошиносии араб баррасӣ гаштааст. Аз таҳлили мавзуъ бармеояд, ки овошиносии араб зимни забоншиносӣ чор марҳилаи таърихиро пушти сар намудааст. Марҳилаи аввали он бо андешаҳои Халил ибни Аҳмаду Сибавайҳ алоқаманд буда, марҳилаи дувумаш ба таълифоти Ибни Ҷиннӣ рост меояд. Дар марҳилаи савум фаъолияти донишмандони илми таҷвид назаррастар аст ва мустақилияти овошиносӣ ҳамчун илм маҳз дар таълифоти ин донишмандон дида мешавад. Марҳилаи чоруми овошиносии арабӣ, ки на фақат дар забоншиносии араб, балки дар забоншиносии умумӣ таҳаввули бузурге эҷод намудааст, ин ба майдон омадани китоби «Махориҷ-ул-ҳуруф»-и Ибни Сино мебошад. Бартарии ин рисола дар он аст, ки дар баробари баррасии махраҷу сифатҳои ҳарфҳо аз нигоҳи забонӣ боз паҳлуҳои тиббӣ-амалии овошиносӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Ба назар мерасад, ки забоншиносони баъдии форсу тоҷик низ ба масъалаи савтиёт таваҷҷуҳ намуда, кори Сибавайҳро дар ин ҷода идома додаанд. Чунончи дар асри X Заҷҷоҷӣ ва дар асри XII Замахшарӣ ба масъалаҳои овошиносии арабӣ таваҷҷуҳ кардаанд.

Калидвожаҳо: Халил ибни Аҳмад, Сибавайҳ, забоншиносӣ, овошиносӣ, ҳарф, махраҷ, забони арабӣ.

ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИЕ УЧЕНЫЕ И АРАБСКАЯ ФОНЕТИКА

В статье рассмотрен вклад персидско-таджикских ученых и арабских фонетистов. Анализ темы показывает, что арабская фонетика в языкознании прошла четыре исторических этапов. Первый этап связано с мышлениями Халил ибн Ахмада и Сибавайха, а второй этап охватывает труды Ибна Джинни. В третьем этапе отмечается значительная деятельность ученых в труды которых относятся областям таджвида и формированию фонетики как науки. Четвертой этап арабской фонетики, которая имела значительное измененине только в арабском но и в общем языкознании связана с выходом на свет книги «Махоридж-уль-хуруф» Ибн Сины. Преимущество этого произведения в том что наряду с местом образования согласных с точки зрения языкознания также

обсуждены медико-практические стороны фонетики. Кажется что последующие персидско таджикские языковеды также уделяли большое внимание проблемам фонетики и продолжали работы Сибавайха этом направлении. Так в X веке Заджоджи и в XIIЗамахшари уделяли большое внимание проблемам арабской фонетики.

Ключевые слова: Халил ибн Ахмад, Сибавайх, языкознание, фонетика, буква, арабский язык, места образования согласных.

PERSIAN-TAJIK SCIENTISTS AND ARABIC PHONETICS

The article considers the contribution of Persian-Tajik scientists and Arabic phoneticians. Analysis of the topic shows that Arabic phonetics in linguistics has gone through four historical stages. The first stage is associated with the thinking of Khalil ibn Ahmad and Sibawayh, and the second stage covers the works of Ibn Jinni. In the third stage, there is a significant activity of scientists whose works relate to the areas of tajwid and the formation of phonetics as a science. Siny. The advantage of this work is that, along with the place of formation of consonants, from the point of view of linguistics, the medical and practical aspects of phonetics are also discussed. It seems that subsequent Persian-Tajik linguists also paid great attention to the problems of phonetics and continued the work of Sibavaykh in this direction. Thus, in the 10th century Zajoji and in the 12th century Zamakhshari paid great attention to the problems of Arabic phonetics.

Key words: Khalil ibn Ahmad, Sibawaikh, linguistics, phonetics, letter, Arabic language, places of consonant formation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмонов Карорматулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведения об авторе: ***Исмонов Карорматулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.550+42

СОХТОРИ ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТОР

Исматуллоева П.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вижагиҳои ҷумлаҳои унвонӣ аз нигоҳи қиёсӣ ва забоншиносии муқоисавию таърихӣ ва типологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тақсимоти калонтарин ва муҳимми ҷумлаҳо, тақсими онҳо ба гурӯҳҳои сода ва мураккаб мебошад ва он вобаста ба он аст, ки оё ба таркиби ҷумла як ё якчанд воҳидҳои нутқи дар навбати худ, аз ҷумлаҳо иборатбуда ворид мешаванд ё на.

Вобаста ба будан ё набудани субъекти амал, ҷанбаи субъект ва тарзи ташаккули мубтадо, ки аз ҳамин ҷо бармеояд, ҷумлаҳо метавонанд шахсӣ, номуайяншахс, бешахс ва унвонӣ бошанд. Аъзои ҷумлаи мавҷударо вобаста ба он ки ин сараъзои ҷумла бо чӣ ифода шудааст, бо исм ё шакли шахсии феъл, метавон басо шартӣ мубтадо ё хабар номид.

Бештар аз ҳама, ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ тафсилӣ мешаванд, ба сифати аъзои пайрави ҷумла муайянкунандаи исм ва баъзан ифодашуда бо гурӯҳҳои калони муайянкунандаҳо баромад мекунад.

Ҷумлаҳои унвонии ҷанбаи феълидошта дар забони англисӣ гурӯҳи начандон калонро ташкил медиҳанд, ки онҳо гурӯҳи ҷумлаҳои амрӣ мебошанд. Дар ҷумлаҳои амрӣ субъект ҳамеша шахсе мебошад, ки амр ба ӯ нигаронида шудааст, ҳарчанд, ки субъект дар ҷумла ёдоварӣ намешавад. Бинобар ин, ҳарчанд ки ҷумлаи амрӣ аз рӯйи сохтори худ, бешак яктаркиба аст, ба хонанда навъи сараъзо нисбат ба ҷумлаи унвонӣ хеле возеҳтар ҷудо мешавад.

Мубтадое мустақилмаъно номида мешавад, ки бо вожа ё ибораи дорои муҳтавои муайян ифода шуда бошад. Чунин мубтадо на танҳо барои шаклгирии сохтории ҷумла лозим аст, балки барои он аст, ки бидуни он хабар маънои худро аз даст медиҳад.

Семантикаи ҷумлаҳои унвонӣ - дар забони англисӣ ва маҳз маънии умумии навъи ҷумлаҳои унвонӣ ҳолатро ***чего – кого – what (кого-либо – who),*** метавон ба тартиби зерин баррасӣ намуд, ки дар он ҷо:

1) ҷумлаҳои унвоние, ки дар онҳо амали омили номуайян, неруи идоранашаванда ва ғайра ифода мешаванд. Онҳо аз дигарон аз рӯйи семантика ба ҷумлаҳои яктаркиба қаробат доранд.

2) ҷумлаҳои унвонии ифодакунандаи ҳолати табиат ва муҳити атроф;

3) ҷумлаҳои унвонии ифодакунандаи ҳолати ҷисмонӣ ва равонии инсон;

4) ҷумлаҳои унвонии далолаткунандаи ҳолати вобаста ба набудани чизе;

5) ҷумлаҳои бо масдар, шаклҳои феълӣ ва номӣ иртиботдошта муҳтавои арзёбии амали номбурдаи масдарро доранд, ки бо маънои ҳолати возеҳтар, ҳангоми будани «субъекти муфассал» такмил мегардад.

Аксарияти дастуршиносон бар он ақидаанд, ки ҷумлаи амрӣ аз сохтори дутаркиба иборат мебошад. Дар ин ҳол, мубтадои ҷумлаи амрӣ ҷонишини шахси дувум ***[you]*** эътироф мешавад, ки чун қоида ҳазф мегардад ва агар истифода шавад ҳам, фақат ҷанбаи ташдидӣ хоҳад дошт [8]. Аммо таҳлили маводи фаровони мавҷуда нишон медиҳад, ки ба сифати мубтадои ҷумлаҳои амрӣ, на танҳо ҷонишини шахси дувум, балки дигар ҷонишинҳо ва шумораҳо низ метавонанд корбаст шаванд. Аз нигоҳи забоншиносӣ ифодашавии субъекти амр метавонад шахси номуайян, номушаххас, ё бештар аз як аъзои гурӯҳ, ё гурӯҳи пурраи одамон бошанд, ки ба онҳо амру фармоиш нигаронида шудааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки ҷумлаи навъи ***Everybody keep silent*** мантиқан маънии ***Everybody – you, all of you whom I address – keep silent*****,** ва ҷумлаи навъи ***Somebody close the door*** маънои ***Somebody– one of you present – close the door*** **-**ро доранд.

Нуқтаи назари номбурда, ки ба таҳлили маводи фаровони мавҷуда асос ёфтааст, бо мулоҳизаҳои фарзиявии як силсила забоншиносони маъруф пуштибонӣ мешавад. Чунончи, Г. Поутсма чунин мешуморад, ки дар ҷумлаҳои амрӣ исм ё ҷонишини номуайянӣ баъзан ҳамчун ивазкунандаи ҷонишини шахси дувум ба кор бурда мешавад [8, с.88]. Нишондиҳандаҳои шаклии он нукта ҳам мавҷуданд, ки ҷонишинҳои дар боло зикршуда дар ҷумлаҳои амрӣ ҳамчун ивазкунандаҳои ҷонишини шахси дувум идрок

мешаванд. Яке аз чунин нишондиҳандаҳо истифодаи ***don't (а не doesn't)*** дар сохторҳои инкорӣ бо ***anyone, anybody*** ва ғайра мебошад.

Ҳамаи тафсилоти дар боло зикршуда шаҳодат медиҳад, ки баррасии сохтаҳо на ба шахси севум мансуб аст, балки аз гуногуншаклии ҷумлаҳои амрии ба шахси дувум нигаронидашуда иборатанд.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи забоншиносӣ ифодашавии субъекти амр метавонад шахси номуайян, (номушаххас), ё бештар аз як аъзои гурӯҳ, ё гурӯҳи пурраи одамон бошанд, ки ба онҳо амру фармоиш нигаронида шудааст. Ҷумлаҳои амрӣ бо мубтадоҳои навъи ***anybody, somebody, everybody, all*** меъёри грамматикии забони муосири англисӣ мебошанд.

Системаи тасрифи сиғавӣ, аз ҷумла сиғаи шартӣ, яке аз мураккабтарин ва печидатарин фаслҳои грамматикаи забони англисӣ мебошад, ки фарогирии он бо мушкилоти муайян тавъам аст. Системаи тасрифи сиғавии номукаммали таърихан ташаккулёфта барои забони англисӣ, ки се шакли мақулавӣ: сиғаи хабарӣ (индикатив), сиғаи амрӣ (императив) ва сиғаи шартӣ (конюнктив) -ро дар бар мегирад, аз тарафи бисёр забоншиносон эътироф шудааст. Проблемаи тасрифи сиғавӣ ҳанӯз ҳам дар маркази таваҷҷуҳи дастуршиносон, ки ба ёфтани роҳи ҳалли як силсила масъалаҳои бунёдӣ муваффақ нашудаанд, боқӣ мемонад.

Ҳангоми баррасии ҷумлаҳои амрӣ дар забони англисӣ, яке аз баҳснoктарин масъала оид ба мавҷудияти мубтадо мебошад. Ба баёни дигар, сиғаи амрӣ дар сохтори яктаркиба, бемубтадо ё ҷумлаи дутаркибаи мубтадодошта чист?

Аммо таҳлили маводи фаровони мавҷуда нишон медиҳад, ки ба сифати мубтадои ҷумлаҳои амрӣ метавонад на танҳо ҷонишини шахси дувум, балки гурӯҳи дигари ҷонишинҳо, шумораҳо ва ғайра корбаст шаванд. Ба ин нукта Д.Болинҷер ҳам ишора кардааст, вақте ки ӯ дар бораи «сиғаи амрии номуайян» бо мубтадоҳои ***someone, everybody, anybody, nobody, all, some, a few*** ва ғайра менависад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷумлаҳои унвонӣ ба навъҳои муҳим мансубанд, аммо онҳо ба сифати навъҳои баҳснок дар соҳаи ҷумлаҳои яктаркиба боқӣ мемонанд. Ин нукта, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки он то ҳол бо як истилоҳи воҳиди мавриди қабули ҳамагон ифода нашудааст. Р.Д. Салимов дар диссертатсияи доктории худ (2010) ва дар рисолаи худ (2010) ҳамаи навъҳои ҷумлаҳои яктаркиба дар забони русиро дар қиёс бо забони тоҷикӣ муфассал таҳқиқ намуда, ба ҷумлаҳои унвонӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Р.Д. Салимов, зимнан, тавзеҳ намедиҳад, ки чаро ӯ истилоҳи «титульное предложение»- ро пешниҳод мекунад ва бартарии истилоҳи мазкур дар муқоиса бо истилоҳҳои «номинативный» ва «назывной» дар чист [8, с.344]. Муаллиф ба ҳалли ин масъала равиши интиқодиро интихоб карда, дар ин ҳол муҳаққиқини пешинро такмил дода, ҷумлаи унвонии яктаркибаро васеътару амиқтар тавсиф менамояд [8, с.327-333].

Ҷумлаи унвонӣ ҳамчун навъи ҷумлаи яктаркиба фақат аз як таркиби мубтадо иборат аст ва ин ё он ашё, падида, ҳолат, макон, замонро номбар намуда, ҳамзамон бо ин, вуҷуд доштани ашёи номбурдаро тасдиқ мекунад. Дар ҷумлаҳои унвонӣ хабар вуҷуд надорад. Агар ба он хабар пайваст карда шавад, он гоҳ вай сифати худро ҳамчун ҷумлаи унвонӣ аз даст дода, ба ҷумлаи дутаркиба табдил хоҳад шуд.

Ҷумлаи унвонӣ он ашёро тавзеҳ медиҳад, ки дар замони ҳозира вуҷуд дорад. Аз рӯйи ин маънӣ метавон гуфт, ки вай фақат ба тавсифи ашёи дар замони ҳозира вуҷуддошта иртибот дорад.

- Ба ман кадомаш мезебад.

– Гулобиаш ё сафедаш?

– Гулобиаш, – гуфтам ман.

– Чаро?

– Чунки гулобиаш ба рӯятон ҳамранг аст [2, с.96].

Дар ин мисол ҷумлаи унвонӣ дар забони тоҷикӣ вожаи *«гулобиаш»* мебошад, ки аз рӯйи маънои худ ранги ашёи дар ҳамон лаҳза мавҷудбударо тавсиф менамояд. Инчунин, ба сифати ҷумлаи унвонии саволӣ метавон вожаи ***«Чаро?»***-ро баррасӣ намуд, ки он даъват барои ҷумлаи баъдӣ мебошад.

Аз рӯйи вазифа ҷумлаҳои унвонӣ ба ду намуд тақсим мешаванд: 1) ***ҷумлаи унвонии тавсифӣ***, ки барои тавсиф намудани ин ё он ашё, падида, макон, барои тавсифи алоҳидаи мавҷудияти онҳо, барои тасвири падидаҳои табиӣ, ки дар он ҷо амали фард тавзеҳ

мегардад, ҳолати обуҳавоии табиат, барои тасвири манзара, ки дар он ҷо амалиёти афрод сурат мегирад, ё макони ашёи тавсифшаванда, барои тавсифи тадбирҳои гуногун, гирдиҳамойиҳо, барои номбаркунии падидаҳои гуногуни овозӣ; тасвири ҳолатҳое, ки макон ва замони амал ба онҳо вобастагӣ доранд; барои ифода намудани баъзе маъноҳое, ки пайдарпай баррасӣ мешаванд. Чунин ҷумлаҳои унвонӣ вижагиҳои асарҳои бадеӣ ва драмавӣ мебошанд ва дар забони гуфтугӯӣ истифода намешаванд. 2) ***ҷумлаи унвонии ишоратӣ*,** ки ба ашёи номбаршуда ишора мекунад ва ба он таваҷҷуҳ менамояд. Гӯянда барои нишон додани ашёи дур ва наздик ин навъи ҷумлаҳои унвониро ба кор мебарад.

Ҷумлаҳои унвонӣ мафҳумҳо, ашёи алоҳида, падидаҳоро номбар карда, ба замон ва макони мавҷудияти онҳо ишора мекунанд. Ҷумлаҳои пешина ва пасинаи онҳо бо онҳо робитаи наздик доранд ва он андешае, ки дар ҷумлаи унвонӣ ифода шудааст, дар он ҷумлаҳо возеҳтар мешаванд. Ҷумлаҳои унвонӣ дорои оҳанги талаффузи вижаи хабарият аст, дар акси ҳол онҳо ҷумла шуда наметавонистанд. Ҷумлаҳои унвонӣ навъи махсуси ҷумлаи яктаркиба аст ва дар забон ба тимсоли табиӣ мавҷуд аст:

– Шаб. Чароғони беҳаду ҳисоби само чашмак мезаданд [2, с.211].

Бинобар вуҷуд надоштани хабар дар ҷумлаи унвонӣ, аз ҳисоби ҳолшарҳкунандаҳо ва пуркунандаҳо тавзеҳоти муфассали он имконнопазир аст. Ҷумлаҳои унвонӣ ҳам дар шакли ҷумлаҳои сода ва ҳам ба шакли ҷумлаҳои мураккаб вуҷуд доранд. Намудҳои гуногуни исмҳо метавонанд нақши ҷумлаҳои унвониро иҷро кунанд. Бисёр исмҳои хос ва ҷинс, мушаххас ва муҷаррад ва бештар аз ҳама, исмҳои далолаткунандаи макон ва замон ба кор мераванд.

Ҷумлаи содаи унвонӣ бо матн ва дигар ҷумлаҳои ҳамҷавор иртиботи наздики маъноӣ дорад. Аксарияти маъноҳое, ки дар ҷумлаи унвонӣ ифода мешаванд, тавсифи худро дар ҷумлаҳои дигар пайдо мекунанд, ё ки бо ёрии ҷумлаҳои дигар мукаммал мегарданд. Агар ба онҳо таваҷҷуҳ гардад, аз рӯйи ин сохтор се мавқеъро – дар оғоз, дар мобайн ва дар охир ишғол мекунанд.

Кафкӯбӣ. Тӯйхӯрон то ҳол чизе нахӯрдаанд, ба хӯрдану нӯшидан фармони раис нашудааст [2, с.170].

Тавре ки дар боло хотирнишон гардид, бисёр ҷумлаҳои унвонӣ мафҳуми нав ё андешаи нав, инчунин ашёи навро ифода мекунанд. Ин намуди ҷумлаҳо, аксаран пеш аз ҷумлаҳои дигаре ҷойгир мешаванд, ки бо онҳо робитаи семантикӣ доранд. Нахуст андешаи нав ифода ёфта ва минбаъд бо воситаҳо ва роҳҳои гуногун тавсиф ё тавзеҳ мегардад:

– Хомӯшӣ. Гӯё оламро сукут фаро гирифт [2, с.117].

Падидаҳои ҳаммонандро метавон дар ҷумлаи содаи тафсилӣ дучор омад. Чунин ҷумлаҳо аз ҳисоби пуркунандаи бевосита ва ҳолшарҳкунандаи замон, инчунин ба воситаи дигар ҷумлаҳои сода сохта мешаванд.

Таҳлили сохторӣ-семантикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба монандии вижа аз нигоҳи сохторӣ ва муҳтаво дар забонҳои номбурда ишора мекунад. Ин навъи вожаҳо аз рӯйи сохтор ба чаҳор гурӯҳ тасниф шудаанд: вожа-ҷумлаҳои сода, вожа-ҷумлаҳои сохта, вожа-ҷумлаҳои такрор ва вожа-ҷумлаҳои тафсилӣ.

Аз рӯйи ҷамъбасти таҳқиқот бештар ба забони гуфтугӯӣ ва муколама хос будани вожа-ҷумлаҳо ошкор гардид. Дар чунин намудҳои гуногуни муошират метавон ҷумлаҳоеро дучор омад, ки аз як вожа ва сохтаҳои устувори унвонии ба ҷузъҳои алоҳида тақсимнашавандаи ҷумлаҳо иборат мебошанд.

Тавре ки пажӯҳиш нишон дод, ҳамроҳияти вожа-ҷумлаҳо бо духӯрагии бешубҳа тавсиф мешавад ва дар мавҷудияти хосиятҳои воҳидҳои ду синф – вожаҳо ва ҷумлаҳо зоҳир мегардад. Ҳамаи се синфи вожа-ҷумлаҳо дорои баъзе тафовутҳо дар ҳамроҳияти грамматикӣ ва луғавӣ мебошанд, ки он аз ҳолати ҳар як синф дар микросистемаи ин воҳидҳо вобастагӣ дорад. Аммо ин тафовутҳо чандон зиёд нестанд. Муҳим он аст, ки ҳамаи вожа-ҷумлаҳо, куллан метавонанд тавассути маҷмуи умумии хосиятҳои ҳамроҳият тавсиф шаванд ва он ҳамаи вожа-ҷумлаҳоро ҳамчун воҳиди як микросистемаи забон тавсиф менамояд. Ҷумлаҳое, ки тасдиқ ва инкорро ифода мекунанд, асосан аз воситаҳои муайяни ёридиҳанда дар нақши ҳиссачаҳо (дар мисоли ҳиссачаҳои ***«ҳа»*** ва ***«не»*** дар забони тоҷикӣ) истифода мекунанд. Ҳангоми ифода намудани розигӣ ё норозигӣ, ё барои

инъикоси робитаҳои модалӣ-отифавӣ ҳиссачаҳо, нидоҳо ва вожаҳои модалӣ ба кор бурда мешаванд.

Дар вожа-ҷумлаҳои инкорӣ гӯянда ба саволҳои додашуда ба маънои инкор посух мегӯяд, ё ки фикри касеро инкор мекунад, инчунин норозигии худро ба андешаи ин ё он шахс ифода менамояд. Ба мисли вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ вожа-ҷумлаҳои инкорӣ ҳам метавонанд тобишҳои гуногуни модалӣ ва отифавиро қабул намоянд. Вожа-ҷумлаҳои инкорӣ воситаҳои ёридиҳандаеро аз қабили ҳиссачаҳои инкории ***«не», «на»*** ва вожаю ибораҳои ***"багумон, нодуруст, барғалат, нофаҳмо,"*** инчунин ҷонишинҳои инкории ***"ҳеҷ, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ кадом, ҳеҷ куҷо"*** ба кор мебаранд**.**

Бояд қайд намуд, ки агар дар муколама ҳиссачаҳои инкорӣ бо ҷумлаҳои нопурра ҳамроҳ бошанд, он гоҳ онҳо на вазифаи вожа-ҷумлаҳо, балки танҳо вазифаҳои худро ҳамчун ҳиссачаҳои инкорӣ иҷро мекунанд.

Вожа-ҷумлаҳои саволӣ бо ёрии вожаҳои дорои тобиши саволӣ ***"ҳа, хуб, хуш, хайр"*** ва ҳиссачаҳои саволии ***«наход, наход ки, чӣ, а»*** ва ғайра ифода гардида, инчунин метавонанд тобишҳои гуногуни модалӣ ва отифавиро қабул намоянд.

Тобишҳои иловагии маъноӣ, тавре ки қаблан хотирнишон шуда буд, бо ёрии оҳанги талаффуз имконпазир мегардад.

Вожа-ҷумлаҳои нидоӣ бо ёрии нидоҳои отифавии ***"а, у, ваҳ, бо, оббо, ҳайҳот, офарин, боракалло, ура, афсӯс, сад афсӯс"*** ва бо кумаки нидоҳои амрӣ сохта мешаванд. Тобишҳои отифавӣ ва амрии вожа-ҷумлаҳои нидоӣ бо ёрии оҳанги талаффуз имконпазир мегардад

Вожа-ҷумлаҳои хусусӣ ифодакунандаи ҷанбаи вижа мебошанд. Онҳо аз рӯйи маънӣ ин ё он фикрро тасдиқ ё инкор мекунанд, ҳарчанд, ки худи онҳо аз ифодаи розигӣ маҳрум буда, танҳо ба табрик, ташвиқ, фарҳанги муошират ва падидаҳои шабеҳи он далолат мекунанд. Вожа-ҷумлаҳои хусусӣ дар аксарияти ҳолатҳо ҳамроҳ бо муроҷиат дар раванди муколамаҳо ва суҳбатҳои дӯстона истифода мешаванд. Масалан, ҳангоми вохӯрии ду нафар афрод ё ошноён: **– Салом! – Салом.**

Вожа-ҷумлаҳои сода танҳо аз як калима иборатанд. Онҳо бо ёрии ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ, вожаҳои модалӣ ва нидоҳо ифода мешаванд.

Баъзе ибораҳо дар ҷумла баёнгари фарҳанги инсон мебошанд ва ба вазифаи вожа-ҷумлаҳо ба кор мераванд.

Гоҳе вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ, инкорӣ, саволӣ, хитобӣ ва хусусӣ такрор мешаванд, дар натиҷаи он муҳтавои онҳо бештар боварибахш ва таъсиррасон мегарданд.

Баъзе вақтҳо вожа-ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ муродифҳоро қабул мекунанд, ки онҳоро тафсил медиҳанд. Дар ин ҳолат муҳтавои вожа-ҷумлаҳо аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Вожа-муродифҳои тавзеҳотӣ бо таркиби вожа-ҷумлаҳо омехта шуда, маънии ягонаро ифода мекунанд ва дар ин ҳол ба ҷузъҳои таркибӣ тақсим мешаванд.

Дар ин бахши таҳқиқот боз як нишонаи зоҳирии вожа-ҷумлаҳоро қайд намудан бамаврид аст. Дар нутқи гуфтугӯӣ вожа-ҷумлаҳо метавонанд танҳо дар намуди муколама, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ дучор шаванд.

Ифодашавии вожа-ҷумлаҳо дар намуди муродифҳо ва мутазодҳои пай дар пай, аз як тараф, услуби хеле ихтисорёфтаи нутқро таъмин намуда, бо ҳамин вижагӣ ин услубро исбот намояд, аз сӯйи дигар, тасаввурот дар бораи дар баъзе ҳолатҳо истифодаи ҳамзамони фикри духӯраи гӯяндаро эҷод менамояд.

Вижагиҳои умумӣ ва фарқкунандаи вожа-ҷумлаҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ менамояд. Вожа-ҷумлаҳо хусусияти хосси синтаксиси забони англисиро ташкил медиҳанд. Дар робита бо баҳсбарангез будани сараъзои вожа-ҷумлаҳо муаллифони баъзе пажӯҳишҳо пешниҳод мекунанд, ки «истилоҳи беном»- ба ҷойи сараъзои ҷумлаи яктаркиба ба кор бурда шавад. Аммо ба ҳар сурат, ин нуқтаи назар аз тарафи илми синтаксиси муосир пазируфта нашудааст. Қобили қайд аст, ки дар ҳамаи китобҳои дарсӣ дар бахши «Синтаксис» сараъзои ҷумлаи яктаркибаи унвонӣ мубтадо ном бурда мешавад [10, 13, 15].

Робитаи ҷумлаҳои унвонӣ нисбат ба ҷумлаҳои ғайрифеълӣ, инчунин таснифи онҳо дар забоншиносӣ бо ҳукмронии назарияҳои феълмарказӣ муайян карда мешавад, ки тибқи онҳо унсури марказии ҳар гуна калом феъл мебошад ва ҳар гуна сохтаи бидуни феъл осебпазир ба шумор меравад [15, с.330].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки набудани феъл дар баъзе ҷумлаҳо сиришти системавии забонӣ дорад. Ба ақидаи муаллиф вожа-ҷумлаҳо ба ҷумлаҳои сохтаи усулии бидуни феъл мансуб мебошанд. Вожа-ҷумлаҳо ҳамчунин ҷумлаҳои яктаркибае мебошанд, ки сараъзои онҳо бо исм ё ҳиссаи нутқи мустақилмаъно ифода шудаанд ва он дар забони русӣ падежи номӣ (именительный падеж) буда, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вожа дар шакли номӣ корбаст мегардад. Сараъзо метавонад бо ибора ҳам ифода гардад, аммо вожаи меҳварии он бояд ҳатман шакли падежи номиро дошта бошад. Дар илми синтаксиси забони англисӣ ҳам нуқтаи назари ягона оид ба навъҳои семантикӣ-амалкардии вожа-ҷумлаҳо вуҷуд надорад. Дар забоншиносии англисӣ нишонаи асосии грамматикии вожа-ҷумлаҳо сиришти морфологии сараъзои онҳо ба шумор меравад.

Вожа-ҷумлаҳо ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ рӯйдодҳои замони ҳозираро ифода мекунанд. Бо роҳи номбаркунии ҷузъиёти асосии «ашёӣ» дар бораи вижагиҳои вазъият иттилоъ дода, ҷумлаҳои унвонӣ ҳамеша ба модалӣ будани яке аз маъниҳои замони ҳозира далолат мекунанд. Дар матнҳои тасвирии нақлии бадеӣ муҳтавои ҷумлаҳои унвонӣ ба нақшаи унвонӣ мутобиқат доранд.

Бад-ин тартиб, нишонаҳои асосии грамматикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ «яктаркиба будани сохтор, сиришти морфологии сараъзо, тарзи талаффузи хос, аъзогии синтаксисӣ мебошад» [15, с.54].

Вожа-ҷумлаҳо яке аз навъҳои сохторӣ-семантикии ҷумлаҳои яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик мебошанд. Вожа-ҷумлаҳо дар асарҳои таҳқиқотии Б. Ниёзмуҳаммадов, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, М. Норматов, Ш. Рашидов, Р.Д. Салимов ва дигарон мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Аммо ҳангоми ҷудокунӣ ва тасвири вожа-ҷумлаҳо донишмандони номбурда аз мавқеъҳои гуногун ба масъала муносибат намуда, ба натиҷаҳои гуногун расидаанд. Ба навъи мустақили семантикӣ-сохторӣ мансуб намудани вожа-ҷумлаҳои забони тоҷикӣ бешакку шубҳа аст, аммо дар масъалаи муайян намудани сиришти вожа-ҷумлаҳо, ба навъҳо ва зернавъҳо тақсим намудани онҳо ҳанӯз бисёр нуктаҳои ҳалнашуда ва баҳснок мавҷуданд.

Дар забоншиносии тоҷик дар мавриди яктаркиба будани сиришти ҷумлаҳои унвонӣ ақидаҳои қобили баҳс нестанд. Ҳамаи пажӯҳишгарон таъкид мекунанд, ки дар сохтори вожа-ҷумлаҳо фақат як сараъзо – мубтадо мавҷуд аст.

Вижагии грамматикии ҷумлаҳои мазкур ифодашавии сараъзои онҳо бо исм бидуни вожаи ёридиҳандаи хабарӣ мебошад, хабарият дар ин гуна ҷумлаҳо танҳо ба воситаи оҳанги талаффуз амалӣ мегардад.

Ба исм табдилшавии сараъзо дар вожа-ҷумлаҳо шаҳодати мушаххас меёбад, яъне ҷонишин нишонии ашёи мушаххас ё синфи ашё мегардад. Шакли грамматикии сараъзои ҷумлаҳои унвонӣ ҳамеша ҷумларо ҳамчун тасдиқӣ, боэътимод ва ҳамаро муваққатӣ тавсиф менамояд. Вожа-ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ фақат аз рӯйи як амсилаи «N» пешниҳод шудаанд. Албатта, ҷумлаҳои унвонӣ бо доштани ҳудуди муайяни сохторӣ, метавонанд танҳо иттилои навъи махсус – номишавии одии ашёро ҷойгир намоянд. Аммо онҳо дар он асос ҷумла номида мешаванд, ки дорои хабарият ва ҳошияи оҳанги талаффузӣ буда, метавонанд бо ҳамроҳшавӣ ҷумлаҳои дигар шомили ҳадафи нақлӣ бишаванд. Аз лиҳози грамматикӣ онҳо ҳамон гуна воҳидҳои иртиботии забонӣ мебошанд, ки дигар навъҳои ҷумлаҳо ҳастанд.

Дар забони тоҷикӣ пажӯҳишҳои рисолавии махсуси ба ҷумлаҳои унвонӣ бахшидашуда вуҷуд надоранд. Аммо дар таҳқиқоти ба синтаксиси ҷумлаҳои сода бахшидашуда баъзе вижагиҳои семантикӣ-сохтории вожа-ҷумлаҳо ҳам баррасӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Рашидов «Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик», инчунин асари М.Норматов ва Ш.Рашидов «Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба» бештар арзишманд мебошанд. Масъала оид ба ҷумлаи унвонӣ дар китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии забони адабии тоҷикӣ ва инчунин дар грамматикаи илмии забони адабии муосири тоҷик инъикоси худро ёфтааст. Аммо, тавре ки таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда нишон медиҳад, дар забоншиносии тоҷик масъала оид ба сиришти вожа-ҷумлаҳо ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқнашуда боқӣ мемонад. Ш.Рашидов дар таҳқиқоти худ ҷумлаҳои унвониро чунин таъриф додааст: «ҷумлаҳое, ки дар онҳо ашё номбар шуда, аммо ҳолати он тавзеҳ намешавад, ҷумлаҳои унвонӣ номида мешаванд» [13, с.25]. Ва минбаъд овардааст: «дар вожа-ҷумлаҳо будан, мавҷудияти рӯйдод ё ашёи

номбаркунандаи сараъзо тасдиқ карда мешавад» [13, с.28]. Ш.Рашидов муътақид аст, ки «ашё, рӯйдод ва ғайра дорои кадом як аломати номуайян мебошанд» ва дар ин робита натиҷагирӣ мешавад: «… нодуруст мешуд, агар ба вожа-ҷумлаҳо хабар илова карда шавад, ба мубтадо ин ё он аломат ё ҳолат илова карда шавад» [13, с.27].

Ба ақидаи муаллифи таҳқиқот муфид мебуд, агар ба ин проблема бори дигар ба як сарчашма, яъне ба забони форсӣ – хешованди наздики забони тоҷикӣ муроҷиат карда шавад, ки дар он забон ҳам вожа-ҷумлаҳо ба сифати навъи сохторӣ-семантикии мустақили ҷумлаҳои яктаркиба ҷудо карда шудаанд. Чунончи, масалан, Ю.А. Рубинчик ҳисоб мекунад, ки «вожа-ҷумлаҳо навъи сохторӣ-семантикии мустақили ҷумлаҳои яктаркиба мебошанд ва қайд мекунад, ки ба вожа-ҷумлаҳо ҷумлаҳои яктаркибае мансубанд, ки сараъзои онҳо ба будан, мавҷудияти ашё ва падида далолат карда, бо исм, ҷонишини шахсӣ, ҳиссаи нутқи исмшуда, инчунин ибораи якҷояи миқдорӣ-исмӣ ифода шуда бошанд» [14, с.100-105].

Тавре ки аз тафсилоти дар боло зикршуда маълум мешавад, таҳлили адабиёти илмӣ ва дигар нахустмаъхазҳои ба масъалаи ҷумлаҳои унвонии забони тоҷикӣ бахшидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаи мазкур фақат дар адабиёти забоншиносӣ матраҳ гардида, аммо ба таври бояду шояд инъикос нашудааст, тавсифи тафриқашудаи ҳамаи ҷанбаҳои синтаксисии он ҳанӯз матраҳ нагардида, инчунин ҳанӯз амсилаҳои типологии тавсифкунандаи вижагиҳои семантикӣ ва грамматикӣ, таркиби сохтории ҳамин навъи ҷумлаҳо ҷудо нашудаанд, ҳарчанд ки ҳар як муаллиф мунтазам иттилооти лозимиро такмил мекард.

Таҳлилу тафсири вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози сиришти синтаксисии забони англисӣ оварда шудааст, тасвири сохтори вожа-ҷумлаҳо бо таҳқиқоти ҳолати вожа-ҷумлаҳо нисбат ба дигар воҳидҳо дар занҷири нутқ, инчунин вазифаҳои синтаксисии онҳо дар ҷумла такмил мегардад. Вожа-ҷумлаҳо бори аввал нест, ки бавосита ва бевосита мавриди тавсифи забоншиносӣ қарор гирифтааст ва дар ин маврид ошно шудан бо асарҳои Б.А. Илиш, М.А. Беляева ва дигарон кофист. Дар осори мазкур аз ҷумла масъалаҳои оид ба тартиби аъзои ҷумла, яъне масъалаҳо оид ба инверсия мавриди таҳлил қарор гирифтанд, чунки ҷумлаҳои содаи таҳлилгардида шаҳодат медиҳанд, ки онҳо мавқеъҳои гуногунро ишғол намуда, дар ҷумла вазифаҳои мухталифро иҷро мекунанд. Вижагии ташкилёбии вожа-ҷумлаҳо ба халалдоршавии силсиламаротиби (иерархия) воридшавии воҳидҳо ба сатҳи дигари забоншиносӣ асос ёфтааст ва он дар ин ҳолат маънии онро дорад, ки воҳид бо ҳамаи аломатҳои ҷумла ба сифати вожаи ягона ба таркиби ҷумлаи асосӣ шомил мегардад. Дар ин ҷо раванди номишавии ҷузъӣ ба мушоҳида мерасад, вақте ки воҳиди сатҳи болотар, иттифоқан ба вожа монандӣ пайдо мекунад, ё ба ҳар ҳол, ба воҳиде, ки ба вай аз рӯйи хосиятҳои худ шабеҳ аст, наздик мешавад.

Пажӯҳиши вожа-ҷумлаҳо монандии бешакку шубҳаи ин воҳидҳоро бо маҷмуа-воҳидҳои инкорпоративии ба забонҳои дорои сохти инкорпоративӣ хосбуда нишон доданд. Вожа-ҷумлаҳо ба сифати вожаҳои алоҳида амал намуда, нишонаҳои асосии сатҳи аввалияи худро ҳифз мекунанд. Бинобар ин, метавон вижагиҳои муайянкунандагии зерини вожа-ҷумлаҳоро дар забони англисӣ ҷудо намуд:

1. Амсилаҳое, ки аз рӯйи онҳо вожа-ҷумлаҳо сохта мешаванд, такрори амсилаҳои ҷумлаҳои маъмулӣ бо ҳифзи тартиби калимаҳои барои забони англисӣ хос мебошанд. Сохтори дохилии вожа-ҷумлаҳо ба воситаи аломатҳои асосии ҷумлаҳо аз қабили хабарият ва модалӣ будан муайян мешаванд.

2. Дар аксарияти вожа-ҷумлаҳо сарфи назар аз ҳадафҳои графикӣ ва морфологӣ шаклгирии қисми вожа-ҷумлаҳо тавассути вожаҳо, вале на морфемаҳо роҳандозӣ мегардад.

Муқарриз: ***Қурбонов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В.Д. Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва русӣ / В.Д. Аракин. – М., 1989.
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1,2. / С. Айнӣ. – Душанбе, 1962. – 414 с.; 250 с.
3. Беляева, М.А. Грамматикаи забони англисӣ / М.А. Беляева. – М., 1977. – 333 с.
4. Блох, М.Я. Назарияи грамматикаи забони англисӣ / М.Я. Блох. – М., 1986. – 383 с.
5. Бабайцева, В.В. Ҷумлаҳои яктаркиба дар забони муосири русӣ / В.В. Бабайцева. – М, 1968. – 221 с.
6. Бархударов, Л.С. Сохтори ҷумлаи содда дар забони муосири англисӣ / Л.С. Бархударов. – М., 1966. – 200 с.
7. Ильш, Б.А. Сохти забони англисии муосир / Б.А. Ильш. – Л., 1971. – 366 с.
8. Каушанская, В.Л. Забони англисӣ / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер. – Л., 1973. – 319 с.
9. Молчанова Г.П. Баъзе вижагиҳои семантикаи ҷумлаҳои амрӣ (аз рӯйи маводи забони англисӣ). – Вып.4. / Г.П. Молчанова. – Калинин: Калининский гос. ун-т., 1976. – 161 с.
10. Норматов М. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба / М. Норматов, Ш. Рашидов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.

11.Пешковский, А.М. Синтаксиси забони русӣ дар тафсири илмӣ / А.М. Пешковский. – М., 1956. – 511 с.
12.Почепцов, Г.Г. Грамматикаи назариявии забони муосири англисӣ / Г.Г. Почепцов. – М., 1981. – 286 с
13.Рашидов Ш. Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / Ш. Рашидов. – Душанбе, 1969. – 32 с.
14.Рубинчик, Ю.А. Забони муосири форсӣ / Ю.А. Рубинчик. – М.: Изд. Восточная литература, 1960. – 234 с.
15.Салимов Р.Д. Сохтор ва семантикаи ҷумлаҳои яктаркиба дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ / Р.Д. Салимов. – Душанбе; РТСУ, 2010. – 399 с.

СОХТОРИ ҶУМЛАҲОИ УНВОНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНСОХТОР

Дар мақолаи мазкур бори аввал масъалаҳои сохтор ва семантикаи вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози забоншиносии типологӣ ва қиёсӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Илова бар он, нахустин маротиба мақоми мақулавии (категориалӣ) вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ошкор ва исбот карда шуда, таҳлили сохторию семантикӣ ва амалкардии воҳиди забонии номбурда аз лиҳози системаи байнизабонӣ ва дохилизабонӣ амалӣ гардидааст. Тавсифи вижагиҳои сохторию семантикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ роҳандозӣ гардида, дар асоси он таснифи сохторию семантикии гурӯҳи воҳидҳои синтаксисии мазкур пешниҳод шудааст. Аҳамияти таҳқиқот, ҳамчунин дар такмили консепсияи илмӣ оид ба ҷанбаи системавӣ доштани вожа-ҷумлаҳо дар забон аст. Натиҷаҳои пажӯҳиш ба густариши минбаъдаи тасаввурот дар бораи сохтор, семантика ва амалкарди вожа-ҷумлаҳо дар системаҳои забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, инчунин имкон медиҳад, ки дар ҳаллу фасли проблемаҳои умумии семантикаи забоншиносӣ, забоншиносии сохторӣ ва амалкардӣ саҳмгузор бошад.

Калидвожаҳо: грамматика, семантика, ҷумлаҳои хабарӣ, ҷумлаҳои инкорӣ, ҷанба, адресат, хусусиятҳо, сиға.

СТРУКТУРА НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В РАЗНОСТРУКТУРНЫХ ЯЗЫКАХ

В настоящей статье проведено научнообоснованное исследование по установлению специфики функционирования и структуры слов-предложений и номинативных предложений в языке. В этом плане впервые вопросы структуры и семантики слов-предложений подвергаются анализу в современном таджикском языкознании в плане типологического и сопоставительного языкознания. Наряду с этим, впервые выявлен и доказан категориальный статус слов-предложений в таджикском, английском и русском языках и реализован структурный и функционально-семантический анализ данной языковой единицы в плане её межъязыковой и внутриязыковой системы. Проведено подробное описание структурных и семантических особенностей слов-предложений в таджикском, английском и русском языках и на основе этого предложена структурно-семантическая классификация данной категории синтаксических единиц. Данное исследование способствует дальнейшей разработке общей теории и методики сопоставительного, и типологического изучения слов-предложений в разноструктурных языках. Важность исследования заключается также в совершенствовании научной концепции о системном характере слов-предложений в языке. Результаты исследования содействуют дальнейшему углублению представлений о структуре, семантике и функционирования слов-предложений в системах сравниваемых языков, а также позволят внести определенный вклад в решение общих проблем лингвистической семантики, структурной и функциональной лингвистики.

Ключевые слова: грамматика, семантика, утвердительные предложения, отрицательные предложения, аспект, адресат, особенности, наклонение.

THE STRUCTURE OF NOMINATIVE SENTENCES IN THE DIFFERENT LANGUAGES

It is carried out the scientifically grounded research on establishment of specificity of functioning and structure of words-sentences and nominative sentences in language. In this regard, for the first time the questions of structure and semantics of words-sentences are subjected in modern Tajik linguistics in terms of typological and comparative linguistics. At the same time, for the first time the categorical status of word-sentences in Tajik, English and Russian languages is revealed and proved, and the structural and functional-semantic analysis of this language unit in terms of its intra-linguistic system is realized. A detailed description of the structural and semantic features of the words-sentences in the Tajik, English and Russian languages and on the basis of this proposed structural and semantic classification of this category of syntactic units. This study contributes to the further development of the General theory and methodology of comparative and typological study of word sentences in different languages. The importance of the study is also to improve the scientific concept of the systemic nature of words and sentences in the language. The results of the study contribute to the further deepening of ideas about the structure, semantics and functioning of word-sentences in the systems of compared languages, as well as contribute to the solution of common problems of linguistic semantics, structural and functional linguistics.

Key words: imperative, grammar, semantics, affirmative sentences, negative sentences, aspect, addressee, features, inclination.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматуллоева Парвина Раҷабалиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 903-02-45-85**

Сведения об авторе: ***Исматуллоева Парвина Раджабалиевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 903-02-45-85**

Information about the author: ***Ismatulloeva Parvina Rajabalievna*** - Tajik National University, assistant of the general university department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 903-02-45-85**

УДК: 80/81 ББК 1

ВЕЖАГИҲОИ САРФӢ ВА ВАҶҲИ КОРБУРДИ ПАСВАНДҲОИ ИСМИ МАЪНИСОЗ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНИ XVIII

(дар мисоли асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ»)

Исмоилов О.Б., Ашрапов Б.П.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам аст, ки омӯзишу баррасии марҳалаҳои мухталифи давраи нави густариши таърихи забони адабии тоҷикӣ, «маъмулан аз асрҳои VIII – IX ин ҷониб ба таҳлилу таҳқиқи асарҳои ҳам мансур ва ҳам манзуми муътамад вобастагӣ дорад» [1, с.102; 2, с.122]. Аз ин рӯ, объекти таҳқиқоти мо асари илмӣ-таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ» буда, ки он фарогири «ҳаводиси чилу ҳаштсоли давраи манғити Осиёи Марказӣ дар қарни XVII ва ибтидои қарни XVIII инъикос ёфтааст. «Туҳфат-ул-хонӣ» аз ду ҷузъ иборат мебошад…: «…ҷузви аввал баёни воқеоти Муҳаммад Раҳимхон маа волиди бузургвори ӯ амир Муҳаммад Ҳакимбий атолиқ, ҷузви сонӣ баёни аҳволи амир Муҳаммад Дониёлбий атолиқ маа фарзанди барҳӯрдори ӯ амир Муҳаммад Шоҳмуродбий» [3, с.110; 5, с.87]. Инак, «таърихномаи «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ низ монанди дигар осори ҳамин давраву пешин вежагиҳои хосси худро дорост» [8, с.280]. Ба ҳамин минвол, дар ин мақола оид ба бархе аз вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбурди пасвандҳои исми маънисози асари мавриди таҳқиқ изҳори андеша мекунем. Гуфтан ба маврид аст, ки “яке аз роҳҳои асосӣ ва пурмаҳсули ғаномандии забони тоҷикӣ ба воситаи ванд (аффикс)-ҳо сохтани калимаҳои нав ба ҳисоб меравад” [4, с.83; 18, с.75], вале «сермаҳсултарин усули калимасозии исм роҳи морфологӣ буда, дар асари мавриди таҳқиқи мо ҳам, мисли забони адабии муосири тоҷикӣ, бисёртар бо роҳи морфологӣ унсурҳои луғавии нав сохта шудаанд» [6, с.94; 13, с.54].

Маъмулан, дар забони адабии муосири тоҷикӣ як силсила пасвандҳо дар сохта шудани исмҳои маънӣ истифода шуда, аз ҳиссаҳои дигари номии нутқ калимаи нав месозанд. Ба ин гурӯҳи унсурҳои калимасоз пасвандҳои **–ӣ, -гарӣ, -иш, -ор, - ворӣ, -гор, -о, -гонӣ, -ос/-ас** дохил мешаванд [7, с.115]. Аз ин ҷост, ки ҳамаи чунин пасвандҳо дар ташаккули калимаҳои сохта мақоми ягона надошта, балки иддае аз онҳо сермаҳсул, қисми дигар каммаҳсул ё бемаҳсул мебошанд.

Пасванди –ӣ (-гӣ): - дар қатори пасвандҳои дигари фаъоли забони тоҷикӣ унсури вожасози **–ӣ (-гӣ)** дар забони «Туҳфат-ул-хонӣ» аз нуқтаи назари корбурд ва дараҷаи истифода вежагиҳои бориз ба мушоҳида расида, доир ба корбурду мақом ва арзиши он дар илми забоншиносии тоҷикӣ андешаҳои гуногун ироаву иброз шудааст. Аз ин рӯ, Алиакбари Деҳхудо дар луғатномааш фармудааст: «Корбурди **-ӣ** дар сохти сифати нисбӣ аст, ки нисбат ба чизе ё маҳаллеро бирасонад, монанди: **осмонӣ, заминӣ, исфаҳонӣ** ва назоири он [9, ҷ. 1, 241]. Пасванди **-ӣ** дар форсии бостон вуҷуд дошта, дар форсии миёна ба ҳамон сурат дида намешавад, вобаста ба ин «вазифаҳо»-и **-ӣ (-гӣ)** бояд гуфт, ки он таърихан як пасванд набуда, балки ду унсури калимасозе маҳсуб мешуд, ки яке дар бунёди исмҳои маънӣ, дувумӣ дар ташаккули сифатҳои нисбӣ мавриди истифода қарор дошт» [14, с.66-67, 69]. Гуфтани он ҷоиз аст, ки пасвандҳои мазкур аз рӯйи хусусияти корбурд ё дараҷаи истифода дар забони даврони Сосониён аз ҳам тафовути куллӣ доштанд. Чунончи, агар вежагии пасванди **–ih** дар истифодаи муштараки он бо асосҳои номии соддаву сохта ва шаклҳои мураккабу таркибии ҳиссаҳои номӣ мушоҳида гардад, пас унсури калимасози **-ik** ё **-ig** яке аз пасвандҳои серистеъмолтарини сифатсози ин даврони инкишофи забони тоҷикӣ ҳисоб мешавад [15, с.127, 131].

Дар созмони исмҳои маънии сохтаи «Туҳфат-ул-хонӣ» пасванди **-ӣ** ҳиссагузорӣ карда, он асосан ба калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамроҳ гардида, исмҳои нав сохтааст, аммо мавридҳои ба вожаҳои арабиасл ва туркиасл илова гардида, сохта шудани воҳидҳои нави луғавӣ низ кам набуда, унсури вожасози номбура чун анъана яке аз пасвандҳои исми маънисоз сермаҳсул ва фаъол ба назар расида ва он аз дигар ҳиссаҳои номии нунқ, аз ҷумла исм, сифат, масдар, феъл ва зарф вожагони наве месозад:

а) **аз исмҳо:** *одамӣ (10, с.16/27; ҳамчунинниг. ба: 166/329); ёрӣ (10, с.14/25); касалӣ (10, с.184/365); дӯсти (10, с.157/312; ҳамчунин ниг. ба: 171/339, 255/507); душманӣ (10,*

с.2100/198; ҳамчунин ниг. ба: 46/490); мардӣ (10, с.245/487); дуздӣ (10, с.197/391; ҳамчунин ниг. ба: 257/512, 257/512); фарзандӣ (10, с.203/404; ҳамчунин ниг. ба: 204/406, 204/406, 206/409); хорӣ (10, с.252/501; ҳамчунин ниг. ба: 27/50, 45/85, 68/132, 175/348); огоҳӣ (10, с.38/72; ҳамчунин ниг. ба: 48/91, 50/96, 51/98, 53/102, 54/103, 54/104, 60/116, 76/149, 76/150, 78/154, 92/181, 113/224, 117/231, 159/315, 170/338, 171/340, 177/351, 188/373, 202/402, 243/483, 279/556); фирӯзӣ (10, с.26/47; ҳамчунин ниг. ба: 38/72, 144/286, 174/346, 187/371, 191/380, 213/423, 243/483): ...илло, ки байни тарафайн абри ҳасаду **душманӣ** борони адовату кина борад (10, *с.*100/198); Мо низ инони муовадат ба сӯйи маркази давлат маътуф дошта, интизори вақти **нусрату фирӯзӣ** аз даргоҳи воҷибӣ мебарем (10, *с.*200/398).

б) **аз сифатҳо:** *софӣ (10, 54/104; ҳамчунин ниг. ба: 75/147, 77/152, 99/195, 108/213, 145/286, 173/343. 175/348); харобӣ (10, с.16/27; ҳамчунин ниг. ба: 14/26, 32/60, 44/83, 103/203, 108/214, 124/246, 174/346, 176/350. 191/379, 223/443, 243/483. 256/510. 258/514) холӣ (10, с.24/43; ҳамчунин ниг. ба: 46/87, 82/162, 102/202, 110/218, 120/238, 142/281, 145/287, 156/309. 197/392, 200/398, 208/414, 242/481, 257/512, 261/519, 278/553, 279/555, 280/557), зебоӣ (10, с.220/437; ҳамчунин ниг. ба: 59/113); баландӣ (10, с.18/31; ҳамчунин ниг. ба: 30/55, 64/123, 68/132, 71/137, 97/192, 114/226, 114/226, 198/393, 207/412); хуррамӣ (10, с.4/6, 24/44; ҳамчунин ниг. ба: 44/84, 56/107, 69/133, 79/156, 82/161, 82/161, 132/262, 145/286, 146/289, 153/304, 173/344, 185/367, 192/381, 192/382, 214/426, 215/427, 217/432, 221/440, 226/450, 244/485); шодӣ (10, с.5/7; ҳамчунин ниг. ба: 49/94, 56/107, 76/149, 79/156, 107/212, 145/286, 147/291, 166/330, 168/333, 168/334, 173/344, 174/346, 176/349, 185/367, 225/447, 239/476, 250/498, 270/538); муфсидӣ (10, с.198/393):* ...хуни он қавми бадмаошро ба хоки **хорӣ** мерехтанд ва атрофи вилояту акнофи қасаботи эшонро селоби **харобиву** оташи **вайронӣ** зада, барнову пир ва тавилу қасири онҳоро ӯлҷаву асир месохтанд (10, с.27/50); ....борҳо бар маҳаки имтиҳон зада, **софӣ** аз ҳар қадар ва беғаш аз хавфу хатар ёфта, бар оинаи хотири он фавҷи маосир равшану муҷалло фармояд (10, с.81/159); ...соат ба соат рифъати ҷоҳ ва **баландии** мартаба ӯро ба зирваи аъло мебурд (10, с.40/75); Ва ба сарпанҷаи тасаллуту тороҷ ашёву амволи мутакосир ҷамъ намуда, **шодии** мардумро ба ғам ва сури эшонро ба мотам мубаддал гардонид (10, с.46/87); Чун се ҷиҳати он ҳисор **дар баландӣ** ба авҷи иртифои ҳаво ҳамсарӣ дошт ва пайки тезрафтору хаёлро аз таваҷҷуҳ бар фарози он дасти амал кӯтоҳ буд (10, с.237/472); Чошти явми чаҳоршанбе ба муҳозии қалъаи Арк **бар баландӣ** фуруз омада, се ҷиҳати ӯро ба аъдойи туфангдор муҳит ёфтанд (10, с.259/516).

Дар мисолҳои панҷум ва шашуми фавқ калимаи сохтаи **баландӣ** бо пешояндҳои аслии **дар** ва **бар** ҳамроҳ омада, ба сифати зарфи макон баромад кардааст.

в) Карминагӣ дар якчанд маворид бо асоси замони ҳозираи феъли **ҳаст** исми сохтаи **ҳасти**ро истифода кардааст: Ва Хоҷа Туйғуни сарой, ки сарҳалқаи ин кӯтаҳназарон буд, рақами **ҳастии** ӯро аз саҳфаи вуҷуд биақбаҳи ваҷҳе маҳв намуданд (10, с.128/253; ҳамчунин ниг. ба: 75/148, 98/193, 106/209, 128/254, 159/316, 176/350, 194/386).

Ба ҳамин минвол, дар асари мавриди назари мо тавассути пасванди номбурда бо асоси замони ҳозираи феъли **банд** исми сохтаи шахси «**бандӣ=**ғулом, банда» ташаккул ёфтааст, ки ин падидаи наҳвӣ яке аз вежагиҳои боризи забони «Туҳфат-ул-хонӣ» ҳисобида мешавад: Ҳар кӣ саре овард, сомоне ёфт, ҳар кӣ **бандӣ** овард, ба инъоме баҳраманд шуд, ҳар кас аспу аслиҳаи душманонро пешкаш бикард, дар силки муҳиббон инхирот ёфт (10, с.208/413); Дар асъади соот Эшбӯлӣ ғубори суддаи санияро куҳли басар намуда, ба курнуши хоқони даврон фоиз гардид ва маблағи шаст нафар **бандӣ** аз назари кимиёасар гузаронида, бо тавобеи худ дар силки интизоми убайду ҳашами подшоҳи фаррухшиям дохил гардид (10, с.245/48).

г) **аз зарфи замон:** *рӯзӣ:* Барнову пир ва қавиву заиф ба боди ниҳебу тороҷ рафта, **ба рӯзии явмия** муҳтоҷ шуданд (10, с.66/128; ҳамчунин ниг. ба: 210/417).

Мисолҳои ба дастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо ёрии ин пасванд дар асоси ҳам калимаҳои тоҷикиасл ва ҳам вожагони туркиву арабӣ як силсила воҳиди луғавии наве ташаккул ёфтаанд:

а) **аз калимаҳои содда ва мураккаби туркӣ:** Сардорони номӣ дар атрофу камини он қария фуруз омада, ҳарчанд эшонро ба **элӣ** хонданд моли закот ва **оқэлӣ** ва чарики худро медиҳем (10, с.212/421); ...бино бар мазаннаи дурандешӣ элчиён ба каррот фиристода, **изҳори элӣ ва инқиёд,** бал ибрози аҷзу инкисор ба дарбори кайвонмадор иштиҳор менамуданд (10, с.201/399; ҳамчунин ниг. ба: 114/226, 116/230, 135/268, 148/293, 150/297,

153/304, 153/304, 169/335, 190/378, 196/389, 200/397, 202/402, 209/416, 211/419, 211/419, 212/421, 253/504, 258/514, 270/537, 275/547, 275/548, 291/580)

б) **аз калимаҳои сода ва мураккаби арабӣ:** *воҷибӣ (10, с.48/81; ҳамчунинниг. ба: 87/171, 200/398, 247/491, 278/554, 285/568); ғайбӣ (10, с.7/11; ҳамчунинниг. ба: 13/23, 19/33, 45/85, 150/298, 177/352, 187/371, 200/397, 212/422, 241/480, 245/48, 252/501, 255/507, 286/569); мавруси (10, с.42/79); инсонӣ (10, с.165/327); шайтонӣ (10, с.165/327; ҳамчунинниг. ба: 264/525); нафсонӣ (10, с.45/85; ҳамчунин ниг. ба: 165/327, 255/507); тамомӣ (10, с.87/171; ҳамчунин ниг. ба: 160/317); шарқӣ (10, с.115/227; ҳамчунин ниг. ба: 117/232, 122/241, 127/251, 129/256, 160/318, 181/359, 184/366, 192/382, 282/562, 285/567, 289/575, 289/575); ғарбӣ (10, с.129/256; ҳамчунин ниг. ба: 160/318, 218/433); хотибӣ (10, с.165/328); сабурӣ (10, с.115/227; ҳамчунин ниг. ба: 166/329); маҳҷурӣ (10, с.166/329); қутбулақтобӣ (10, с.182/361); қалбӣ (10, с.224/445, 244/486); нуввобӣ (10, с.197/391; ҳамчунин ниг. ба: 250/498); лорайбӣ (10, с.255/507; ҳамчунин ниг. ба: 286/569); қулливу ҷузвӣ (10, с.6/10; ҳамчунин ниг. ба: 32/59, 39/73, 137/271); ухравӣ (10, с.250/498,); ҳовӣ (10, с.221/440); маҳвӣ (10, с.221/440):* Ва бо вуҷуде, ки шайхи мазкур дар маърази мухотабаи нафси **хотибӣ** ва дар арсаи муохазаи зоти **хонӣ** наёмад, аммо ба воситаи қиллати тадбир ва касрати **шармсорӣ** рӯйи хиҷолат дар ниқоби таворӣ кашида, пойи **сабурӣ** дар домани **маҳҷурӣ** печид ва ба маслаҳати **растагорӣ** пой дар доираи **хорӣ** ниҳода, аз назари эътибори сиғору кибор афтод (10, с.166/329); ...бо дигар бародарон ҳар як гавҳаре аз хизонаи **ғайбӣ** аст ва дурре аз алтофи **лорайбӣ** буданд, тӯйи олӣ фармояд, ки чашми наззораи каён ва дидаи даврон дар мушоҳиди он хираву тира монад (10, с.286/569); Яке он, ки аз он **муфсид хасмии** беандоза ва ҷароҳатҳои тоза дар ботини пуршӯр дошт, дигар, он ки дар ноҳияи ин мамлакат ҷуз ӯ амири соҳибқудрату мукнате набуд (10, с.53/101).

...ҳарчанд ҷонибайн бино бар иғвову ифсоди шайтонӣ ва ҳавоҷису тасвилоти **нафсонӣ** бо якдигар даровехтаанд (10, с.255/507). Дар мисоли мавриди таҳлил калимаи сохтаи **нафсонӣ** ба сифати ҷонишини нафсӣ истифода шудааст.

Дафъаи чаҳорум он фирқаи оташмизоҷ бундуқаҳои ҷоншикор бар сари даст гирифта, **тамомӣ** - пиёдаву савора яктану якдил шуданд (10, с.87/171).

Ҳамчунин, вожаи дигари марбута **«тамомӣ»** ба вазифаи ибораи туфайлии **«аз ҷумла»** корбаст мешавад, ки мисоли фавқ дол бар ин гуфтаҳост.

Дуруст аст, ки дараҷаи истифодаи вожагони сохтаи асари мо як хел сурат намегиранд, аз ҷумла **«касалӣ, муфсидӣ, тозагӣ, хасмӣ, ёрӣ, мавруси, инсонӣ, хотибӣ, маҳҷурӣ, қутбулақтобӣ, ҳовӣ»** дар маҷмуъ якдафъагӣ аз ҷониби муаллифи асар корбаст гаштаанд: ...айши дурӯзаи нопойдорро аз **тозагии** руҳу сармояи футӯҳ дониста, тамоми авқот ба асбоби шодкомӣ мепардохт... (10, с.44/84); Дар аснои роҳ Бӯриро бино бар **касалӣ**, ки дошт, гурги аҷал гиребон дарида, сафари дорулҷазо пеш гирифт (10, с.184/365).

Пасванди –шан: - фактҳои забонии ин асар дарак аз он мекунанд, ки пасванди **–шан** чун анъана танҳо бо калимаи **«гул** – 20 маротиба» дар мавридҳои зарурӣ корбаст мешавад: Чун масофати маъруфи байналаном тай ёфт, он ғавси *(кумакрасон – А.Б)* муборакдами маймунқадам дар шаъни ин ниҳоли **гулшани** иқбол низ дархости тараффуъ ва ҷоҳ аз даргоҳи ҳазрати Илоҳ намуда, навиди иёлати додгустарӣ дод (10, с.7/12; ҳамчунин ниг. ба: 40/76, 48/92, 55/106, 56/107, 61/117, 63/121, 65/126, 82/161, 93/184, 124/245, 132/262, 144/286, 155/307, 156/309, 162/321, 164/325, 166/329, 188/373, 270/538).

Пасванди –иш: - агарчи дар забони адабии ҳозираи тоҷик ***«Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик»*** [7, с.116] (нашри академӣ) пасванди исмсози **–иш** серистеъмол, вале каммаҳсул бошад ҳам, дар забони «Туҳфат-ул-хонӣ» **«-иш»** ҳам серистеъмол ва ҳам сермаҳсул ба ҳисоб рафта, чун анъана аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месозад: Пас, бояд ки амири бузургвор рафоҳияти ҳоли раоёву даҳоқин ва **оромиши** хотири фуқарову масокинро аз даргоҳи ҳазрати Илоҳ масъалат намоянд (10, с.32/59); Аз садоҳои маҳиби *(тарснок – А.Б)* тӯпу туфанг ва аз **ғурриши** ҷазоиру сафшикан соиқаи раъду ноираи барқ ба сӯйи афлок мутасоид гашт (10, с.20/36).

Зимнан қайд бояд намуд, ки пасванди **-иш** дар асари мавриди таҳқиқ исмҳое сохтааст, ки онҳо давомнокии амалро ифода мекунанд. Чунончи: Ҳуҷуми лашкари беповусар чун **гардиши** чархи ахзар дар **ҷунбишу** ҳаракат омада, дар баробари он фаҷараи куффор фавҷ-фавҷ суфуфи мутаволӣ оростанд (10, с.25/45); …хусрави Эронро дараҷаи толеъ дар камоли баландиву рифъат ва **гардиши** айём мусоиди бозуву соиди комгории ӯ,

агар инони тавсани рухсат ба дасти ин зарраи муҳаққиртимсол афтад, рахши азимат ба водии истиқболи ӯ ронда, сурати мулоқоти он зубдаи салотини узом намуда ояд (10, с.30/55, 88/173, 270/538, 279/555).

Бо вуҷуди ин, дар забони «Туҳфат-ул-хонӣ» чанд ибороте дар асоси қолаби *асоси замони ҳозираи феъл + пасванди* ***–иш*** *+ пайвандаки пайвасткунандаи –у + асоси замони ҳозираи феъл + пасванди* ***–иш*** таркиб ёфтаанд: ***«пурсишу навозиш, осоишу оромиш, тобишу намоиш, кушишу кӯшиш*** (10, с.11/20; ҳамчунин ниг. ба: 22/39, 26/48, 106/209, 112/221, 115/227, 129/255), ***кӯшишу кушиш»*** дар мавридҳои алоҳида корбаст шудаанд: Баъд аз итмоми қоидаи **пурсишу навозиш** амири комёб ба рӯйи маҷмаи умаро ва мақдами аҳбоб абвоби суруру шодӣ кушода, ҷашни мулукона биёрост (10, с.173/344); …то ба ин вақт ки подшоҳи алалитлоқ ба фаҷвои каримаи ва-ал-Лоҳу рауфун би-л-ибод ҷиҳати **осоишу оромиши** халқуллоҳ шавкату ҳашамати моро дар назари аҳли иноду дидаи арбоби фасод мисмору автод сохт (10, с.211/420); …дар қалъу қамъи якдигар доди **кушишу кӯшиш** доданд (10, с.22/40); Аз тарафайн ғояти **кӯшишу кушиш** ба зуҳур оварда, Шафеи ғалчаро ба зарбаи туфанг аз пой андохтанд (10, с.259/516).

Пасванди –ванд: - дар асари номбурда танҳо унсури луғавии **пайванд** тавассути пасванди –**ванд** тазоҳур гардид, ки ин падидаи наҳвӣ бори дигар аз каммаҳсул будани он дарак медиҳад: Ва ҳар самаре, ки аз шаҷараи иртифои давлати шаҳриёрӣ ба савми кулла йавмин ҳува фӣ шаънин бар хоки тароҷеъ ва инсироф афтод, асари **пайванди** ӯ аз иъзони сарафрозии ин ниҳоли гулшани иқбол зоҳиру ҳувайдо гашт (10, с.56/107).

Ба ҳамин минвол, Карминагӣ ду маротиба ҳамроҳи бандаки феълии **–анд** унсури луғавии мазкурро мавриди истифода қарор додааст: Дар ин ҳангом раъйи олӣ чунон иқтизо намуд, ки Муҳаммадюсуфбекро бо фавҷе аз туфангдор дар қалъаи Авлош гузошта, ба ағруқ **пайванданд** (10, с.154/305; ҳамчунин ниг. ба: 120/238).

Чун мавҳабати номутаноҳии ин давлати **абадпайвандро** ба нуввоби ҳазрати аъло марҳамат намуда, муҳол аст, ки дигаре рибҳи ҷаҳондор ва меҳнати кишварситонӣ нокашида, ба ин номи сомӣ мавсум монад (10, с.224/445). Дар мисоли фавқ муаллифи асар калимаи мураккаби **абадпайванд**ро созмон додааст, ки ҳини омӯзиш ин ҳодисаи наҳвӣ ҳамагӣ як маротиба ба чашм расид.

Хулоса, таҳлили имконоти калимасозии пасвандҳои мазкур дар забони давраи мавриди баҳс шаҳодат аз он медиҳад, ки доираи васлшавии ин унсурҳои калимасоз бо воҳидҳои луғавии гуногунмаъно васеъ будааст, яъне онҳо метавонистаанд на фақат ба исмҳо, балки ба ҳиссаҳои нутқи дигар, бахусус сифат, масдар, феъл ва зарф низ ҳамроҳ шуда, вожаҳои нави сохта ба вуҷуд оранд.

Муқарриз: ***Қӯзиева Н.*** – номзади илмҳоифилологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Ashrapov, B.P. Consideration on the place and role of subordinate conjunctions in "Tuhfat- ul-khoni" by Muhammad Vafo Karminagi / B.P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2017. – No 4(73). – P.101-109.
2. Ashrapov, B.P. The Place of Poly-Affixes in the Tajik Literary Language of the XVIII-th Century / B.P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2015. – No 3(64). – P.122-131.
3. Ашрапов, Б.П. Грамматические особенности личных местоимений в "Тухфат-ул- хони" Мухаммада Вафаи Карминаги / Б.П. Ашрапов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2015. – № 2(63). – С.109-119.
4. Ашрапов Б.П. Корбурд ва вежагиҳои сарфии пешвандҳои сифатсоз дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - 2020. - №3. – С.81–92.
5. Ашрапов, Б.П. Способы образования суффиксальных наречий в "Тухфат-ул-хони" Мухаммадвафо Карминаги / Б.П. Ашрапов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2015. – № 4-2(163). – С. 80-84.
6. Ашрапов Б.П. Таҳлили муқоисавии маънои пасванди **–гоҳ** дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX / Б.П. Ашрапов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2021. – No 3(88). – P. 93-99.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: дар се ҷилд. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
8. Ғиесов, Н.И. Вижагиҳои сарфӣ ва наҳвии пайвандакҳо дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII (дар мисоли "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ) / Н.И. Ғиесов, Б.П. Ашрапов // Ахбори

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – No 1(259). – P.280-287.
9. Деҳхудо А. Луғатнома. Ҷ.1, 6, 13,14 / А.Деҳхудо. - Теҳрон, 1373.
10. Карминагӣ, М. Туҳфаи хонӣ. Дастнависи №1426 Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
11. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987, 1988. - Ҷ.1.2. - 480 - 416 с.
12. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ.1. - 416 с.
13. Мирмухамедов О.Т. Ҷамъбандии арабӣ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли усули ҷамъбандии солими арабӣ) / О.Т. Мирмухамедов, Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2021. - №6. - С.53-59.
14. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева, Е.К. Молчанова // Основы иранского языкознания: в 5-ти томах. Том 2. Среднеиранские языки. - М.: Наука, 1981. - С.6-146.
15. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймиддинов. - Душанбе, 2001. - 310 с.
16. Сирочиддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Сирочиддин Алихон. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951. - Ҷ.2. - 952 с.
18. Эгамназаров Ҳ.Ҳ. Об общенародном характере употребления некоторых терминов родства и их функционально-семантических особенностях в языках разного грамматического строя / Ҳ.Ҳ. Эгамназаров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2020. - №2 (83). – С.75-84.

ВЕЖАГИҲОИ САРФӢ ВА ВАҶҲИ КОРБУРДИ ПАСВАНДҲОИ ИСМИ МАЪНИСОЗ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНИ XVIII

(дар мисоли асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ»)

Дараҷаи корбурд ва вежагиҳои сарфии пасвандҳои исми маънисоз дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII (дар мисоли асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ») мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ як силсила пасвандҳо дар сохта шудани исмҳои маънӣ истифода шуда, аз ҳиссаҳои дигари номии нутқ калимаи нав месозанд. Ба ин гурӯҳи унсурҳои калимасоз пасвандҳои **–ӣ, -гарӣ, -иш, -ор, - ворӣ, -гор, -о, -гонӣ, -ос/-ас** дохил мешаванд. Собит гардидааст, ки унсурҳои вожасози асари мавриди баҳс аз ваҷҳи истеъмол баъзеашон сермаҳсул ва баъзеи дигарашон каммаҳсул мебошанд. Аз ин рӯ, пасванди **–ӣ (-гӣ)** дар асари мавриди омӯзиш монанди забони адабии ҳозираи тоҷикӣ яке аз унсурҳои вожасози фаъол ҳисобида шуда, чун анъана он аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ, аз ҷумла исм, сифат, масдар, феъл ва зарф вожагони наве месозад. Дар асоси усули эҳсоӣ аён гашт, ки унсури калимасози **-шан** танҳо бо калимаи «**гул** – 20 маротиба» дар мавридҳои зарурӣ корбаст шудааст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ дида мешавад. Бояд қайд намуд, ки пасванди –**иш** агарчи дар забони адабии ҳозираи тоҷик пасванди исмсози серистеъмол, вале каммаҳсул бошад ҳам, дар забони «Туҳфат-ул-хонӣ» он ҳам серистеъмол ва ҳам сермаҳсул ба ҳисоб рафта, аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месохтааст. Хулоса карда шудааст, ки таҳлили имконоти калимасозии пасвандҳои мазкур дар забони давраи мавриди баҳс шаҳодат аз он медиҳад, ки доираи васлшавии ин унсурҳои калимасоз бо воҳидҳои луғавии гуногунмаъно васеъ будааст, яъне онҳо метавонистаанд на фақат ба исмҳо, балки ба ҳиссаҳои нутқи дигар, бахусус сифат, масдар, феъл ва зарф низ ҳамроҳ шуда, вожаҳои нави сохта ба вуҷуд оранд.

Калидвожаҳо: исм, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, пасванди исмсоз, унсурҳои вожасоз, таҳлили қиёсӣ, «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, вежагиҳои сарфии унсурҳои вожасоз, дараҷаи корбурд.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ И УРОВЕНЬ УПОТРЕБЛЕНИЯ ИМЕННЫХ СУФФИКСОВ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ АБСТРАКТНЫЕ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ, В ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ XVIII ВЕКА

(на примере исторического произведения «Тухфат-уль-хони»)

Рассмотрены морфологические особенности и уровень употребления именных суффиксов, обозначающих абстрактные существительные в таджикском литературном языке, относящемся к XVIII веку (на примере исторического произведения «Тухфат-ул-хони»). Подчеркивается, что в современном таджикском литературном языке ряд суффиксов используется при построении абстрактных существительных, а от других именных частей речи они образуют новое слово. В соответствующую группу словосочетательных элементов входят следующие суффиксы, такие как: **-и, -гари, -иш, -ор, -вори,-гор, -о, -гони, -ос/-ас.** Доказано, что лексические элементы рассматриваемго исторического произведения являются продуктивными или непродуктивными с точки зрения их употребления. Поэтому суффикс **-и (-ги)** в рассматриваемом произведении, как и в современном таджикском литературном языке, считается одним из наиболее активных словосочетательных элементов, как правило, образующих новые существительные. Исходя из статистического метода, стало ясно, что суффикс **-шан** употребляется только со словом «**гул**» - 20 раз, что наблюдается и в современном таджикском литературном языке. Стоит подчеркнуть, что суффикс **-иш,** хотя в современном таджикском литературном языке считается более часто употребляемым именным суффиксом, но в языке «Тухфат-ул-хони» является и активным, и продуктивным именным суффиксом. Делается вывод, что приведенный анализ лексических возможностей этих суффиксов в языке рассматриваемого периода показывает, что диапазон связи этих лексических элементов с разными лексическими единицами шире, ими могут быть не только имена существительные, но и части речи, особенно прилагательные, инфинитив, глаголы и наречия, добавляются для создания новых производных слов.

Ключевые слова: имя существительное, современный таджикский литературный язык, именной суффикс, лексические элементы, сравнительный анализ, «Тухфат-ул-хани» Мухаммадвафои Карминаги.

MORPHOLOGICAL PECULIARITIES AND LEVEL OF USAGE OF NOMINAL SUFFIXES DENOTING ABSTRACT NOUNS IN THE TAJIK LITERARY LANGUAGE REFERRING TO THE XVIII-TH CENTURY

(on the example of the historical production referred to as "Tuhfat-ul-khoni")

The dwells on morphological peculiarities and level of usage of nominal suffixes denoting abstract nouns in the Tajik literary language referring to the XVIII-th century (on the example of the historical production referred to as "Tuhfat-ul-khoni"). It is underscored that in modern Tajik literary language a series of suffixes are used in building abstract nouns and from other nominal parts of speech they form a new word. The relevant group of word-combinational elements includes the following suffixes, such as: **-i, -gari, -ish, -or, -vori ,-gor, -o, -goni, -os / -as.** It is proved that lexical elements of the historical production in question are considered to be productive or non-productive in term of their usage. Therefore, the suffix **-i (-gi)** in the work under consideration like modern Tajik literary language is considered to be one of more active word-combinational elements, as a rule it makes a new nouns. Proceeding from statistical method it became clear that the suffix **-shan** is used only with the word "gul - 20 instances" in some cases, which is seen in modern Tajik literary language as well. It is worth stressing that the suffix **-ish**, although in modern Tajik literary language considers as a more frequently used nominal suffix, but in the language of "Tuhfat-ul-khoni" it is both as an active and a productive nominal one. It is concluded that the adduced analysis beset with lexical possibilities of these suffixes in the language of the period in question shows that the range of connection of these lexical elements with different lexical units is more widely-sued, they could be not only nouns, but parts of speech, especially adjectives, infinitive, verbs and adverbs are added to create new derived words either.

Key words: noun, modern Tajik literary language, nominal suffix, lexical elements, comparative analysis, "Tuhfat-ul-khani" by Muhammadvafoi Karminagi.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Исмоилов Олимхӯҷа Бурҳонхӯчаевич*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, сармуаллими кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1.
E-mail: **bion_86@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-00-05-60**
Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлодович - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи грамматикаи забони арабӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 929-08-83-44**

Сведения об авторах: ***Исмоилов Олимхуджа Бурхонхуджаевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры персидского и китайского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, Мавлонбекова 1.
E-mail: **bion_86@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-00-05-60**
Ашрапов Баходурджон Пулотович - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры грамматики арабского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, прос. Мавлонбекова, 1. E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 929-08-83-44**

Information about the authors: ***Ismoilov Olimkhuja Burhonkhujayevich*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philogical sciences, senior lecturer of the department of Persian-Chinese languages. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekova 1. E-mail: **bion_86@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 927-00-05-60**
Ashrapov Bahodurjon Pulotovich – Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, applicant of the department of Arabic grammar. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand, Trav. Mavlonbekova 1.
E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 929-08-83-44**

УДК: 491.550

МАВҚЕИ НОМҲОИ ИФТИХОРӢ (ЛАҚАБ ВА ТАХАЛЛУС) ДАР “ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ”

(таҳқиқи забоншиносӣ)

Абдусамадзода Э.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзишу таҳқиқи лақаб ва тахаллусу номҳои ифтихорӣ (иловагӣ) аз нимаи аввали солҳои 70-уми асри гузашта маншаъ гирифта, дар ин боб аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ асару мақолаҳои зиёде ба табъ расонида шудаанд.

Зимнан бояд гуфт, ки омӯзишу таҳлили номҳои ифтихорӣ ва тахаллусу лақабҳо, бавижа лақабҳои мардуми авом душвор мебошанд, зеро мардум аз ошкор намудани лақабҳои худ худдорӣ мекунанд.

Муҳаққиқ Босворт К.Э. дар асараш «Сулолаҳои мусулмонӣ (Дастури хронологӣ ва насабшиносӣ)» бобати таърихи лақабҳо ва лақабгузории давраи ғазнавиён таҳқиқот анҷом дода, паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкурро шарҳ додааст [1].

Муҳаққиқи тоҷик О. Ғафуров дар ин боб лоиқи ёдоварист. Ӯ дар асарҳояш «Қиссаҳо дар бораи номҳо» [2], «Шер ва Наргис» [4], «Ном ва таърих» [3], ҷанбаҳои мухталифи бахши лақабгузориву номҳои ифтихориро дар асрҳои миёна, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамчунин саҳми муҳаққиқи дигари тоҷик А. Қаландаров низ дар ин ҷода назаррас мебошад. Ӯ дар як мақолааш «Мавқеи услубии ному лақаб» (1974) роҷеъ ба ному лақаби қаҳрамонҳои осори бадеии устод С. Айнӣ масоили лақабгузориро пайгирӣ намуда, таҳқиқот анҷом додааст.

Мавриди қайд аст, ки масоили мутазаккир дорои ҷанбаҳои шавқангез буда, дар аснои омӯзиш масъалаҳои зиёди ҳаёти мардум, шахсият, фарҳангу тамаддун ва дигар паҳлуҳои ҳаёти эшон ошкор мегарданд. Гарчанде як зумра муҳаққиқон дар ин боб таҳқиқот анҷом додаанд, ҳанӯз ҳам он дар маҷрои муайяни худ ворид нагардидааст, яъне то кунун лақабҳои қаҳрамон (персонаж)-ҳои ягон асари насрӣ – ривоятӣ ва адабию бадеӣ мавриди омӯзишу пайгирӣ қарор дода нашудааст. Бо ин далел дар ин таҳқиқотамон, ки дар мисоли асари қиссавии насрӣ-ривоятии “Қасас-ул-анбиё” нахустин ба ҳисоб меравад, ба омӯзиши он лақабу номҳои ифтихории он даст бизанем.

Омӯзиши номҳои ифтихорӣ ва тахаллусу лақабҳои қаҳрамонҳо (персонажҳо)-и асарҳои таърихӣ, насрӣ - ривоятӣ, динӣ, бадеӣ дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони соҳа кам анҷом дода шуда, то андозае масъалаи нав мебошад. Зимни ин таҳқиқот, ки лақабу тахаллус ва номҳои ифтихории қаҳрамонҳои асари насрӣ-ривоятии динии “Қасас-ул-анбиё” мавриди омӯзиш қарор мегиранд, таҳлил анҷом хоҳад гирифт.

Ҳангоми таҳлил ва омӯзиши номҳои ашхос (антропонимия) дар «Қасас-ул-анбиё» ба қабати исмҳои хоссе вохӯрдем, ки онҳо номҳои изофӣ ё худ иловагии персонажҳо ҳастанд. Номҳои иловагӣ тибқи маълумоти сарчашмаҳои луғавӣ лақаб, тахаллус ва ё номи ифтихорӣ маъно шудаанд.

Дар қабати маводи онимии «Қасас-ул-анбиё» лақабҳо (тахаллус ва ё номҳои ифтихорӣ) мисли қабатҳои дигари луғавӣ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Таҳқиқ ва омӯзиши лақабҳо монанди дигар исмҳои хос кори саҳл набуда, ҷустуҷӯ ва ковишҳои амиқи илмиро тақозо менамояд. Барои хуб дарк намудан бобати шарҳ ва тафсири онҳо аз нигоҳи забонӣ бояд ба таҳқиқи амиқ ва дар мизони андеша нозукбинона баркашидани онҳо саъй намоем.

Аз эҳтимол дур нест, ки таҳлил ва баррасии ин қабати онимҳо андешаи хонандаро бобати омӯзиши номҳои ифтихорӣ (тахаллус, лақаб) дар «Қасас-ул-анбиё», махсусан унвон гузоштан ба он калимаи **«Лақаб»** парешон намояд, зеро дар айни замон калимаи лақаб дар андешаи аксар ҳамчун мафҳуми манфӣ дарҷ ёфтааст. Бештари мардум лақабро танҳо мафҳуме медонанд, ки барои симои нозеб, хислати нохуб ва рафтору кирдори бад доштани инсон ба он нисбат дода, василаи мазоҳу тамасхур мебошад, аммо дар асл ин тавр нест. Лақаб ҳамчун номи иловагӣ дар баробари хислатҳои манфӣ, инчунин бояд ба хислат, рафтор, ҳунар, куният ва монанди инҳо барин афъоли ҳамида ба кас гузошта шавад ва онро ҳеҷ гоҳ набояд восилаи тамасхуру мазоҳи инсон баҳо бидиҳем. Луғати

“Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаи лақабро «… Номи иловагие, ки ба кас аз рӯйи сифати нек ё бад, ё аз рӯйи ягон кораш дода мешавад; унвон…» маънидод менамояд, ки ин гуфтаҳои болоро возеҳ месозад [13, с.125-127].

Дар “Қасас-ул-анбиё” лақабҳо ба қабати исмҳои хос шомил гардида, аслан ба фонди калимаҳои маъмулии забон мутааллиқ мебошанд. Олим ва муҳаққиқи тоҷик Р. Шоев дар таҳқиқоташ лақабҳоро аз нигоҳи истеъмол ва бароиш ба ду қисмати асосӣ тасниф намудааст: а) лақабҳое, ки аз байни халқ мебароянд; б) лақабҳои ифтихорӣ, ки аз тарафи зимомдорон тақдим карда мешуданд» [15, с.46]. Инчунин муаллиф бобати пайдоиш ва зуҳури суннати лақабгузории гурӯҳи дуюм ишора карда мегӯяд, ки «Лақабҳои гурӯҳи дуюм дар забони тоҷикӣ ҳанӯз аз асрҳо IX маъмуланд ва идомаи он хеле тӯлонист» [15, с.46]. Аз гуфтаҳои эшон хулоса намудан мумкин аст, ки гурӯҳи аввали лақабҳо таърихи тулонитаре доштааст, зеро маълум аст, ки пайдо шудани санъати лақабгузории ифтихорӣ, ки ҳамчун расм ва анъаноти давлатӣ дар замони салтанати Аморати Бухоро бесабаб нест. Албатта, он дар заминаи суннати аввали лақабгузорӣ пайдо гардидааст, зеро ягон сохт, ҷараён ва омилеро бе заминаи муайян дар ҳавои хушку холӣ созмон додан ғайри имкон аст.

Дар «Қасас-ул-анбиё» лақабҳо аз ҷониби муаллифон интихоб нашуда, ҳар як қаҳрамони ривоятҳо ҳангоми адои салтанат ва рисолати хеш дар замони зиндагиашон аз ҷониби қавму миллатҳо соҳиби лақабҳои хос гардидаанд. Дар асар лақабҳои **Амин, Илиё, Калимуллоҳ, Лаин (Лаъин), Мардуд, Масеҳ, Муртазо, Набӣ, Руҳуллоҳ, Сиддиқ, Халил** ба қайд гирифта шудаанд, ки Амин ба Ҷабраил ва Муҳаммад (с), Илиё ва Муртазо ба Алӣ, Калимуллоҳ ба Мӯсо, Лаин (Лаъин) ва Мардуд ба Иблис, Масеҳ ва Руҳуллоҳ ба Исо паёмбар, Набӣ ба Яъқуб ва Муҳаммад паёмбар (с), Сиддиқ ба Юсуф паёмбар ва Абӯбакр, Халил ба Иброҳим паёмбар, Хотун ба Сора – ҳамсари Иброҳим (а) мутааллиқанд.

Мувофиқи ахбори қиссаҳои асар ва маълумоти сарчашмаҳо бобати ба лақабҳо соҳиб гардидани қаҳрамонҳо (персонажҳо)-и асар маълумоти ҷолибу саҳеҳро пайдо намудем ва лозим донистем, ки чанде аз онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор бидиҳем.

Амин – ин лақаб мувофиқи нақли ривоятҳои “Қасас-ул-анбиё” ба Ҷабраил ва Муҳаммад паёмбар (с) мутааллиқ мебошад. **Амин** калимаи арабӣ буда, маънои вакил; боэътимод, муътамад, дурустқавл, бовафо; амонатнигоҳдоранда ва амонатдорро ифода мекунад [6, с.62].

Дар мавриди **Амин** лақаб гирифтани Ҷабраилу Муҳаммад (с) дигар баҳс наменомад, зеро Ҷабраил мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо нахустин амонатдори Худованд пеш аз паёмбарон ба ҳисоб меравад. Дар ин бора, дар ривояти “Зикри Азозил алайҳиллаъна” дар “Қасас-ул-анбиё” хеле назаррас маълумот дода шудааст. Дар қисса омадааст, ки баъди ҷонро ба инсон таслим намудан малоикеро амр намуд, ки пешонии Одам (а)-ро бимоланд, то ҷон дар бадани ӯ қарор бигирад. Ҳангоми молидани пешонии Одам (а) ӯ бо илҳоми Худованд атса зад. Дар ин асно ба Ҷабраил амр шуд, ки “... Ё Ҷабраил (а), он атсаро бигир ва нигаҳ дор, ки мурод аз он сире ҳаст! Ва бандае аз он атса хоҳам офарид, ки Исӣ (а) ибни Марям (р) хоҳад буд” [12, с.14]. Ҷабраил аз ибтидои офариниши башарият то ба як кам охирин паёмбари мурсал онро дар амонат нигоҳ дошт ва онро ба Марям - модари Исо - паёмбар таслим намуд [12, с.14-285], ки дар асл маҳфуз доштани он амонат ҳазорҳо солро дар бар мегирад. Пас, аз мазмуни ривоят бармеояд, ки лақаби **Амин** дар нахуст ба Ҷабраил ва сипас ба Муҳаммад (с) хос мебошад.

Амин - дар қолаби калимасозии арабӣ аз рӯйи вазни **“фаъил”** сохта шуда, решаи калима “амн”, ки дар вазни **“фаъл**” омада, маънои амонӣ, тинҷӣ, бехатарӣ ва осоиштагиро ифода мекунад [8, с.62].

Лақаби дигаре, ки мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад, **Лаин (Лаъин)** мебошад. **Лаин (Лаъин)** вазни “Фаъил” чун исми ифтихорӣ ё худ лақаб ба Иблис мансуб буда, таърихи ниҳояти қадими тавлид дорад. Ин ном ҳамчун лақаб замоне ба Иблис созгор афтод, ки аз ибтидои халқ шудани падари башар, ҳазрати Одам (а) буд. Ин нуктаро Худованд дар китоби муқаддаси Қуръон равшан баён намудааст: “Бар ту бод лаънати ман то рӯзи қиёмат” [Қуръон, Сод, ояти 77], зеро ӯро амр кард, ки Одам (а)-ро саҷда кун, Иблис гуфт: “...ман аз вай беҳтарам, зеро ки маро аз оташ офариди ва ӯро аз гили (будбӯй)” [Қуръон, Сод, ояти 75]. Аз шарҳи ҳаводис маълум гардид, ки ин лақаб аз лаънате, ки Худованд Иблисро карда буд, пайдо гардида, дар натиҷа ба Иблис гузошта

шуд.

Лаин (Лаъин) ба маънои лаънаткардашуда**,** лаънатӣ, ронда ва дуркарда аз раҳмат ва некӣ шарҳ ёфтааст [13, с.591]. Ин калима, ки аз рӯйи баромад ба забони арабӣ мутааллиқ аст, аммо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ таркиби овозии онро мутобиқ ба талаботи пойғоҳи талаффузи тоҷикӣ иваз намудааст. Дар асл ин калима **(Лаин)** бояд мутобиқи таркиби овозии аслии худ дар шакли **Лаъин (لـعيـن)** истифода шавад, аммо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мавриди корбурди сактаро (ъ), ки ба ҷойи овози айн (ع) истифода мешавад, дар миёни ду садонок ба истиснои калимаи **фаъол** ва **таъин** манъ кардааст. “Ҳарфи **ъ** дар байни ду садонок, ба истиснои калимаҳои **фаъол, таъин** навишта намешавад” [5, с.10].

Ҳамин тариқ, то кунун Иблисро ҳамчун махлуқи рондашудаи даргоҳи илоҳӣ бо калимаи **Лаин (Лаъин)** ном мебаранд. Дар баробари ин, лақабҳои **мардуд, радшуда, радкардашуда, рондашуда** низ ба Иблис мансуб аст ва дар муколамаи мардум ва осори шоирону нависандагон истифодаи фаровон дорад.

Зулайхоро намуд ин ҳар маъқул,
Вафо мардуду ҷавр афтод мақбул (Ҳозиқ) [9, с.641].

Лақаби дигари мансуб ба Иблис, ки дар “Қасас-ул-анбиё” истифода мегардад, **Мардуд** мебошад.

Лаъин аз рӯйи сохт сода буда, таркиби онро як реша созмон медиҳад.

Дар асар зери мафҳуми **Масеҳ** - паёмбар Исо фаҳмида шуда, дар сарчашмаҳо ба таври мухталиф маънидод гардидааст. Муҳаммад Ғиёсуддин дар фарҳангаш “Ғиёс-ул-луғот” **Масеҳро** ба маънои дӯст ва бисёр паймоишкунандаи замин; (ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Исо паёмбар пайдо шудааст, зеро ки дӯсти Ҳақ буданд ва аз боиси таҷарруд аксар ба сайру гашт мебуданд); ва ба маънии дурӯғгӯ; ва ба маънии он, ки як чашму як абрӯ надошта бошад; ба муносибати ин ду маънӣ лақаби Даҷҷол низ аст;... [13, с.260]. Аммо ҷои дигар лақаби Даҷҷолро **Миссиҳ** гуфтаанд, ки дар вазни **сиккин** (ба маънии корд), **Масеҳ** бошад, бар вазни **саҳеҳ** омадааст [Ниг: 9, с.260].

Номшиноси дигар Я.Ш. Самарқандӣ дар асари худ “Фарҳанги номвожаҳои форсии тоҷикӣ” **Масеҳро** ҳамчун исми мардона ба маънои соҳиби тахту тоҷ (подшоҳ); касе, ки ба пешониаш равғани муқаддаси чиллик кашида шудааст; ҳидояткардаи Худо; дӯст ва сайругашткунанда; лақаби Исо (а), зеро ки он ҳазрат дӯсти Ҳақ буданд, боиси таҷарруд аксар ба сайру гашт мебаромаданд [15, с.156]. Аз таҳилҳо ва шарҳи донишмандони номшинос ва луғатшиносону қомусдонон бармеояд, ки **Масеҳ** аз калимаи **Масҳ** (даст молидан, масҳ кашидан ба гардан ҳангоми таҳорат) сохта шудааст, ки он мансуби забони арабӣ мебошад. Ин гуфтаҳоро андешоти номшиноси тоҷик Я.Ш. Самарқандӣ возеҳ месозад: “**Масеҳ**... касе, ки ба пешониаш равғани муқаддас чиллик кашида шудааст” [15, с.156].

Дар сарчашмаҳо **Масеҳ** дар шаклҳои Масеҳдам (он ки нафасаш монанди Исои Масеҳ ҷонбахш аст ва чун Исо (а) “гӯё” бо дами нафаси худ мурдаро зинда мекунад; маҷ. он кӣ суханаш бataъсир аст), Масеҳо (андуда; аз тарафи Худои таъоло ҳидояткардашуда), ки ҳарду шакл лақаби Исо паёмбарро ифода мекунанд [15, 156].

Муртазо лақаби Алӣ ибни Абӯтолиб, писари амак ва домоди Муҳаммад – паёмбар (с). **Муртазо** мансуби лафзи арабӣ буда, ба маънои розишуда; қаноатмандшуда; хурсандшуда шарҳ дода шудааст [13, с.848].

Ягон лақаб, номи ифтихорӣ ва тахаллус бе сабабе ба инсон гузошта намешавад, ҳатман омиле, амале, ҳолату ҳаракате, ҳодисаву воқеае сабаб мешаваду ба як шахс номи ифтихорӣ ё тахаллусу лақаб мегузоранд. Муртазо лақаб гирифтани ҳазрати Алӣ низ дар пайроҳаи аввалин имоновардаҳои асҳоби Муҳаммад паёмбар (с) пайдо гардидааст. Қиссаҳо ривоят мекунанд, ки дар миёни асҳоби ҳазрати Муҳаммад (с) баъди ба рисолат расидани эшон аввалин нафаре, ки ба Худованд ва паёмбари Ӯ имон оварданд, Алӣ ибни Абӯтолиб буд.

Вожаи дигаре, ки ҳамчун номи ифтихорӣ ё худ лақаб дар асар дар қиссаи “Қиссаи Исҳоқ ва Яъқуб алайҳимоссалом” ба эшон нисбат дода шудааст, **“Набӣ”** мебошад. **Набӣ** асосан мансуби забони арабӣ буда, маънои паёмбар, расулро ифода мекунад [13, с.770]. Дар қиссаи зикршуда **“Набӣ”** зиёд истеъмол шудааст: “...Яъне: Эй Набӣ, кифоят аст туро Аллоҳ ва ҳар он ки имон ба ту оварданд” [12, с.335].

Сиддиқ – ҳамчун лақаб ё худ тахаллус дар “Қасас-ул-анбиё” ба яке аз хулафои рошиддин Абӯбакр ва Юсуф паёмбар мансуб буда, мансуби забони арабӣ мебошад. Сиддиқро луғатҳо чунин маънидод намудаанд. **Сиддиқ** – марди бисёр ростгӯй, садоқатманд; боваркунанда, имоновaранда ба Худо, он ки ба Худо садоқат дорад; лақаби Юсуф – писари Яъқуб ва Абӯбакр – халифаи якуми ҳазрати Муҳаммад (с) [12, с.335].

Таҳлилҳо ошкор сохтанд, ки Сиддиқ ҳамчун исми ифтихорӣ аз рӯи ифодаи ҷинсият дар шакли ҳам мардона ва ҳам занона истифода гардидааст. Ифодаи ҷинсият дар забони арабӣ монанди дигар забонҳо низ бо илова гардидани пасванди **– а** ифода меёбад. Ин ҳолат низ дар “Қасас-ул-анбиё” дар чанд маврид корбаст гардидааст. Айнан дар мисоли зикргардида, ки асосан маъно ва рамзи ростгӯйву ростқавлӣ, садоқатмандию содиқ будан дар тақвияти имон ва аҳд бастанро ифода мекунад, истеъмоли фаровон дорад. “Ва ҳар гоҳ, ки он Ҳазрат (с) вафот ёфт, Оишаи Сиддиқа ҳаждаҳсола буд” [7, с.323].

Зиннурайн – ин лақаб мансуби Усмон – сеюмин халифаи рошиддин буда, мансуби забони арабӣ мебошад ва аз рӯйи сохт мураккаб буда, таркиби онро ҷузъҳои “зин” (зул), “нур” ва “айн” созмон медиҳанд. Мувофиқи арзи қиссаи “Зикри шаклу ҳайат ва аҳволу асмои азвоҷи мутаҳҳарот ва баъзе масоили писандидаи он Ҳазрат (с)...” ин лақаб замоне созгор афтид, ки Усмон (р) бо ду духтари Расули Акрам (с) Утба ва Умм Кулсум издивоҷ намуд, сипас соҳиби лақаби “Зиннурайн” гардид.

Таҳлили ҷузъҳо ё худ таркиби вожаи **“Зиннурайн”**, ки асосан ҳарсе ҷузъҳои он мансуби забони арабӣ мебошанд, маънои ду нурро ифода мекунад, яъне соҳиби ду нур, рӯшноӣ.

Калимуллоҳ//Каломуллоҳ - лақаби ифтихории Мӯсо паёмбар. Ин лақаб замоне ба Мӯсо созгор афтид, ки ӯ болои кӯҳи Сино//Сайно ва ба қавле кӯҳи Тӯр бо Худованд ҳамсуҳбат шуд. Вожаи **Калимуллоҳ** дар асари муҳаққиқи тоҷик Я.Ш. Самарқандӣ «Фарҳанги номвожаҳои форсӣ тоҷикӣ» ба маънои ҳамсуҳбати Худо, лақаби Мӯсо – паёмбари яҳудиён, ки гӯё дар кӯҳи Сино ба Худо ҳамсуҳбат шуда буд, маъно шудааст [12, с.128]. Таркиби вожаро ҷузъҳои “**Калим” ва “Аллоҳ”** созмон дода, аз рӯйи сохт мураккаб мебошад. Лозим аст, иброз намоем, ки мафҳумҳои “Калим” ва “Аллоҳ”, ки таркиби лақаби Мӯсо паёмбарро ташкил медиҳанд, мансуби забони арабӣ буда, дар сарчашмаҳо ба таври хеле фаровон ва густурда маънидод шудаанд. Ҷузъи “**Калим”** ба маънои ҳамсухан, ҳамсуҳбат, гуянда ва “**Аллоҳ**” (дар таркиби калима дар шакли “Лоҳ” ихтисор ёфтааст) яке аз номҳои Худованд бо арабӣ маънидод шудааст.

Лақаби дигаре, ки дар асар мушоҳида шуд, **Руҳуллоҳ** мебошад. **Руҳуллоҳ** лақаби Исо паёмбар буда, сарчашмаҳо онро “Руҳи Аллоҳ; лақаби Исо - паёмбар» маънидод намуданд [12,с. 250]. Дар хабар омадааст, ки Исо (а) аз аввалин атсаи ҳазрати Одам, ки он руҳи Оллоҳ аст, мутаваллид шудааст. «…Ё Ҷабраил он атсаро бигир ва нигаҳ дор, ки мурод аз он сире аст! Ва бандае аз он хоҳам офарид, ки Исӣ (Исо дар сарчашмаҳо дар шакли Исӣ низ омадааст) ибни Марям (р) хоҳад буд» [7, с.14]. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳо аввалин касе, ки бе падар ва бо руҳи Худованд ба дунё омадааст, Исо паёмбар мебошад. Ин гуфтаҳо вожаи мураккаби «**Руҳуллоҳ»**-ро ҳамчун лақаб ба Исо паёмбар саҳеҳ менамоянд. Таркиби вожаи мазкурро калимаҳои мустақилмаънои **«руҳ»**, ки маънои ҷон, нафас; ҳаёт, зиндагонӣ; малак; арвоҳ; ва номи пардае аз мусиқиро ифода мекунад [15, с.161]. Дар ин калима «**руҳ**» аслан ба маъноҳои ҷон, нафас; арвоҳ ва малак омадааст, зеро ҳазрати Исо ягона паёмбарест, ки Худованд ӯро ба арш бурдааст. Аз рӯйи таълимоти сарчашмаҳои динӣ танҳо руҳи инсон баъди маргаш ба арш парвоз мекунад, ҷисми бечон зери хок мешавад. Он маконе, ки руҳи инсоният (руҳи он афроде, ки пок ва дӯстони Худоянд) то рӯзи қиёмат нигоҳ дошта мешавад, **Руҳ-ул-қудс** ном дорад. Макони арвоҳи покон ва манзилгоҳи руҳи бандагони содиқи Худованд будани онро калимаи **«Қудс»,** ки мафҳуми покӣ, тозагӣ, покизагӣ аз олоиш ва гуноҳро ифода мекунад, собит мекунад [14, с.143]. Дар ин бора аҳли адабу шуаро дар осорашон хеле равшан аз покии он ҳамчун макони тозаву беолоиш зикр намудаанд.

Муҳаққиқи эронӣ Ҳусайн Наттоқи Наҷафӣ дар мақолаи худ бо номи «Руҳ аз дидогоҳи динҳо ва фалсафаи Юнон» аз қавли «Инҷил» аз макони муборак ва ҷойи муқаддас будани рӯҳулқудс ибрози назар карда мегӯяд: «… аммо ҳар кӣ бар руҳулқудс куфр гӯяд, омурзиданӣ нахоҳад шуд» [11, с.73].

Мебояд зикр кард, ки омӯзиш ва пайдоиши лақабҳо масъалаи мураккаб ва душвору

баҳсбарангез буда, ҳар як лақаб дар алоҳидагӣ таҳқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд. Дар асл лақаб дар назари кас он қадар чизи муҳим наменамояд, вале лақаб чигунагии шахсро беҳтар аз номаш ифода мекунад.

Хулоса, мо равшан нишон додем, ки лақабҳо чӣ тавр пайдо мешаванд ва чаро миёнии мардум устуворанд. Таҳлил дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва фарҳангу луғатҳои тафсирӣ анҷом дода шуд. Ин таълифот ҳадди ниҳоӣ нест. Дар оянда кӯшиш ба харҷ дода, бо пайдо намудани маълумоти наву сарчашмаҳои илмӣ онро такмил хоҳем дод.

Муқарриз: ***Ҷ.Рустамшоҳ*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДК ба номи А Рӯдакӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Босворт К.Э. Мусульманские династии. Справочник по хронологии и генеалогии / К.Э. Босворт. Перевод с англ. П.А. Грязневича. - М., 1971. - 324 с.
2. Ғафуров О.Ғ. Қиссаҳо дар бораи номҳо / О.Ғ. Ғафуров. - Душанбе, 1968. - 140 с.
3. Ғафуров О.Ғ. Ном ва таърих: (дар бораи номҳои арабӣ, форсӣ, тоҷикӣ ва туркӣ): луғат / О.Ғ. Ғафуров. - М.: Наука, 1987. - 220 с.
4. Ғафуров О.Ғ. Шер ва Наргис / О.Ғ. Ғафуров. - М.: Наука, 1971. - 240 с.
5. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, 268). - Душанбе: ҶДММ “Аниса-95”, 2021. - 69 с.
6. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). - Душанбе: Эр-граф, 2011. - 640 с.
7. Маҳмадуллоҳ С. Қасас-ал-анбиё / С.Маҳмадуллоҳ, А.М. Абдусаттор, С.И. Аҳрор, Амриддини Ҷ. - Душанбе: Ориёно, 1991. - 400 с.
8. Нуров А. Мулҳақот ба «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.1. / А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
9. Нуров А. Мулҳақот ба «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.2. / А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
10. Ҳомидов Д.Р. Топонимия водии Кешруд (таҳлили таърихию забоншиносӣ). (нашри дуввум) / Д.Р. Ҳомидов. - Душанбе: Маориф, 2012. - 168 с.
11. Ҳусайн Наттоқи Наҷафӣ. Рӯҳ аз дидгоҳи динҳо ва фалсафаи Юнон / Наҷафӣ, Ҳусайн Наттоқ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Душанбе: Сино, 2014. - №3/5(142). – С.171-173.
12. Самарқандӣ Я.Н. Фарҳанги номҳои форсӣ-тоҷикӣ / Я.Н. Самарқандӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2010. - 392 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - Душанбе: ҶДММ «Шуҷоиён», 2010. - 996 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - Душанбе: ҶДММ «Шуҷоиён», 2010.- 1095с.
15. Шоев Р. Ономастикаи «Самак айёр» (таҳқиқи забоншиносӣ) / Р. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 175 с.

МАВҚЕИ НОМҲОИ ИФТИХОРӢ (ЛАҚАБ ВА ТАХАЛЛУС) ДАР “ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ”

(таҳқиқи забоншиносӣ)

Мақола ба омӯзиши лақаб, тахаллус ва номҳои ифтихорӣ дар “Қасас-ул-анбиё” бахшида шудааст. Муаллиф зимни таҳқиқот мавқеи номҳои ифтихориро дар “Қасас-ул-анбиё” муайян намуда, дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои луғавӣ, осори гузаштагон ва таҳқиқоти олимони соҳа мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Дар ин таълифот ҷанбаҳои забонӣ, муайян кардани сохту таркиб, маъно ва истеъмоли ин қабати номҳо дар асар мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудааст. Дар ин таълифот дар заминаи омӯзиши сарчашмаву маъхазҳои бурҳони илмию таърихӣ ва динию ривоятӣ ҷанбаҳои забонию зуҳури таърихии лақаб, тахаллус ва номҳои ифтихории персонажҳои “Қасас-ул-анбиё” муайян карда шуда, пайдоиш ва созгор афтидани онҳо ба моликони худ низ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф зикр менамояд, ки “...калимаи лақаб дар андешаи аксар ҳамчун мафҳуми манфӣ дарҷ ёфтааст. Бештари мардум лақабро ... василаи мазоҳу тамасхур медонанд, аммо ... лақаб номи иловагии инсон буда, ҳеҷ гоҳ восилаи тамасхуру мазоҳи инсон нест”. Ҳамзамон, дар мавриди олимону муҳаққиқони соҳа, ки бевосита ба омӯзиши масъалаи мазкур таҳқиқот анҷом додаанд, маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: омӯзиш, лақаб, тахаллус, номҳои ифтихорӣ, таҳлили забонӣ, корбасти онимӣ, қабати забонӣ, мавқеи номҳои ифтихорӣ.

МЕСТО ПОЧЕТНЫХ ИМЕН (ПРОЗВИЩ И ПСЕВДОНИМОВ) В “КАСАС-УЛ-АНБИЯ”

(лингвистическое исследование)

Статья посвящена изучению прозвищ, псевдонимов и почетных званий в “Касас-ул-анбие”. В ходе исследования автор, определяя место почетных званий в “Касас-ул-анбие”, рассматривает и исследует их на основе изучения лексических источников, произведений древних и исследований ученых в данной области. В данной работе углубленно изучаются лингвистические аспекты, определение структуры и состава, значения и использования этого пласта имен в произведении. В данной работе на основе изучения источников, научно-исторических документов, религиозных и мифологических свидетельств выявляются лингвоисторические аспекты прозвищ, псевдонимов и почетных имен персонажей «Касас-ул-анбие», определяются их происхождение и адаптация относительно своих владельцев. Автор отмечает, что «… слово “прозвище” часто мыслится большинством как отрицательный термин. Большинство людей считают прозвище… средством насмешки, но… прозвище есть добавочное человеческое имя и никогда не бывает средством насмешки человека». В то же время предоставлена информация об ученых и исследователях данной области, которые проводили исследования

непосредственно по данному вопросу.

Ключевые слова: изучение, прозвище, псевдоним, почетные имена, лингвистический анализ, онимическое употребление, языковой пласт, место почетных прозвищ.

PLACE OF HONORARY NAMES (Nicknames and Nicknames) In "KASAS-UL-ANBIA"

(linguistic study)

The article is devoted to the study of nicknames, pseudonyms and honorary titles in "Kasas-ul-anbiye". In the course of the research, the author, determining the place of honorary titles in "Kasas-ul-anbiye", examines and researches them based on the study of lexical sources, ancient works and research of scientists in this field. This paper studies in depth the linguistic aspects, the definition of the structure and composition, the meaning and use of this layer of names in the work. In this work, based on the study of sources, scientific and historical documents, religious and mythological evidence, linguistic and historical aspects of nicknames, pseudonyms and honorary names of the characters of "Kasas-ul-anbiye" are revealed, their origin and adaptation relative to their owners are determined. The author notes that "... the word nickname is often thought of by the majority as a negative term. Most people consider a nickname ... a means of ridicule, but ... a nickname is an additional human name and is never a means of ridicule of a person. At the same time, information is provided about scientists and researchers in this field who conducted research directly on this issue.

Key words: study, nickname, pseudonym, honorific names, linguistic analysis, anomic usage, linguistic layer, place of honorific nicknames.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Абдусамадзода Эрадж Абдусамад*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и истории языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Куляб, ул.С. Сафарова 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru**

Information about the author: ***Abdusamadzoda Eraj Abdusamad*** - Kulob State University named after A. Rudaki, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Linguistics and History of Language. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Str., 16. E-mail: **erajjon-1988@mail.ru**

УДК: 491.155 (581)

ВИЖАГИҲОИ МАСДАРҲОИ ҶАЪЛӢ ВА ҚИЁСИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ДАРӢ ВА ГУНАҲОИ ОН

Усмон Сулаймонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масдар тибқи ишораи забоншиносон, аз ҷумла ба гуфтаи устод Додоҷон Тоҷиев, "... шакли ибтидоии феъл буда, номи амал... ва ҳолатро ҳамчун протсес ... мефаҳмонад. Масдар замон, шахс, шумора ва сиғаро ифода намекунад ... ва бо аломаҳои грамматикӣ ва лексикии худ дорои аломатҳои ҳам феъл ва ҳам исм мебошад. Маълум аст, ки баъзе аз исмҳо низ маънои амалро мефаҳмонад, монанди: кӯшиш, омӯзиш, гуфтор, гуфтугӯ ва ғ., лекин новобаста аз ин байни исм ва феъл- менависад профессор Тоҷиев,- фарқи ҷиддӣ мавҷуд аст. Агар дар феъл амал ҳамчун протсес ифода шавад, дар исм амал маънои предметӣ мегирад.

Масдар, чи хеле, ки ӯ ишора мекунад,- шакли номии феъл аст, онро исми феълӣ ҳам мегӯянд. Ба хусусиятҳои асосии феъл соҳиб будани масдарро ба эътибор гирифта, онро ба категорияи феъл дохил мекунанд, гарчи мавқеи махсусро ишғол мекунад ва характери дубаҳра дорад. Дар луғат феълҳо одатан дар шакли масдар дода мешаванд [1, с.318-319].

Масдарҳои ҷаълӣ ба воситаи пасванди **-идан** аз исму сифат таркиб ёфтаанд. Ин навъи масдарҳо дар грамматикаҳои забони тоҷикӣ бо истилоҳи "сохта" ва дар дастурҳои забони форсӣ бо истилоҳи "ҷаълӣ" мавриди корбурд қарор гирифтаанд, монанди: **номидан**,**ҷангидан**, **тезонидан**, **хушкидан** ва амсоли онҳо.

Ба қавли баъзе аз донишмандон, аз ҷумла ба гуфтаи доктор Парвиз Нотили Хонларӣ феълҳоеро ки аз як исм ё сифат бо ҷузъи сарфӣ сохта шудаанд ва дар истилоҳ "масдари ҷаълӣ" хонда мешаванд низ бояд аз ҷумлаи феълҳои сода шумурд. Дар ин гурӯҳ гоҳе модаи феъл калимаи форсӣ аст ва гоҳе калимае, ки аз асли арабӣ маъхуз аст.

Ба дастаи аввал метавон: **чарбидан**, **чархидан**, **туршидан**, **лангидан**, **оғозидан**, **дуздидан**, **ранҷидан**, **ҷӯшидан**, **гандидан**, **ғалтидан** ва ба дастаи дувум: **рақсидан**, **ғортидан**, **фаҳмидан**, **талабидан,балъидан**, **тавофидан**, **хуфидан**ро мисол овард [8, с.118-119]. Ин навъи масдарҳо дар забони дарӣ ҳам дар наср ва ҳам дар назм ба кор рафтаанд. Чуноне ки мавриди корбурд қарор гирифтани онҳоро дар ашъори шоирони пешин низ зиёд мушоҳида мекунем:

Рақсидани сарву ҳолати гул,
Бе савти ҳазор хуш набошад (Ҳофиз).

Бар сари хон имтиҳон чидан,
Луқмаи нарм рост **балъидан** ... (Бедил).

Яке донишпажӯҳе дошт губиз,
Ба **чарвидан** нагашта ҳеҷ оҷи (Шокири Бухорӣ).

Дар гунаҳои ин забон, дар баробари масдарҳои зикрёфта инчунин масдарҳои ҷаълии дигаре низ дучор меоянд, ки дар асл аз дигар забонҳо ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар гунаи форсӣ масдарҳои: **қопидан**, **чопидан**,**тапонидан** аз вожаҳои туркии: "қопмоқ", "чопмоқ" ва "тапмоқ" муштақ гардидаанд ва масдари "**телегрофидан**" аз калимаи "телеграф"- и фаронсавӣ маъхуз шудаанд. Дар гунаи тоҷикӣ аз вожаҳои: "механик", "коллектив", "техник"- и русӣ низ масдарҳои ҷаълии: **механиконидан**, **техниконидан**,**коллективонидан** ва ғайра сохта шудаанд.

Ба тавре ки аз навиштаҳои дастурнависони Эрон, ба хусус аз навиштаҳои Абдурраҳим Ҳумоюнфаррух бармеояд: "Афъоли ҷаълӣ онҳое ҳастанд, ки дар забони форсии қадим ва паҳлавӣ набудааст ва бо иҷозае, ки шуъаро дар тангии қофия дошта, яке аз калимаҳоро аз қабили сифат ё исм ё қайд гирифта аломати феълӣ [идан] дар охири он афзуда феъл (масдар - У.С.) сохтаанд, ё он ки як калимаи арабӣ ё оромӣ ё забони дигар монанди [исм ё масдар]-ро гирифта ва ба қонунифорсӣ аломоти феъл дар охири феъл афзудаанд, чун: фаҳм- **фаҳмидан**, талаб- **талабидан**, балъ- **балъидан**, ҳамчунин: ғорт- **ғортидан** ва ғайра. Ва аз онҳо феъл сохтаанд ва низ аз **тунд**,ки сифат ва қайд аст ва низ

аздер,киқайд аст,феълсохтаанд, яъне **деридан**,дер кардан ва **тундидан**,яъне тундӣ кардан ва тунд шудан сохтаанд [10, с.582-583].

Дар забони дарӣкорбурди чунин феълҳои ҷаълӣ бештар дар назм ба назар мерасанд, ки шоҳиди ин гуфта, мисолҳои зайл буда метавонанд.

Чун харе побаста **тундад** аз харе,
Ҳар ду пояш баста гардад бар саре.
В-арна **тундидӣ** зи банд он булфузул,
Ӯ набуди хар бади шери фуҳул (Мавлавӣ).

Чу посе аз шабд**иранде** бигзашт,
Ба сар омад шеъриён аз кӯҳи мавсул (Манучеҳрӣ).

Феълҳои мазкур дар забони дарӣ мавқеи хоси истифодаро доро буда, теъдоди зиёди онҳо дар ашъори шоирон ба кор рафта, дар фарҳангҳо низ забт шудаанд. Ин гуна феълҳо ва масдарҳои ҷаълиро агар чи аслӣ нест ва ҷаълӣ аст наметавон сари худ ҷаъл истифода кард, балки бо вуҷуди ҷаълӣ будан онҳо мавкул ба самоъ ва дидан дар навишта ва шеъри фусаҳои мутақаддим аст.

Дастурнавис, инчунин дар давраи Сафавия ва дар Урумия ба таври мазоҳ сохта шудани ин феълҳоро зикр намуда, сипас аз шухӣ ба ҷиддӣ гузашта, тамоми калимаҳои форсӣ, ҳатто исмҳои хосро феъл сохтаанд, ки дар ин бора иттилои муфассалро аз девони ӯ, ки дар Ризоия ба табъ расидааст, мушоҳида кардан мумкин аст. Монанди: ، آسودیده ، پیریده ، مغانیده پولیدهبسیده ، ва ғайра, ки дар ашъори шоирони ин давра ба назар мерасид.

Ба хашму ҷур маёзор дилбаро дили мо,
Ки новаке зи нигоҳат **басида** қотили мо.
Бирав тарз ё зулфи хубон ба чангат,
Замоне бияфтад ки **пулида** бошӣ.

Агар чи мубталои меҳнати дашти **мағонидам**,
Биҳамдиллоҳ ки дар рӯзи муборак шервонидам [ниг.: 10, с.583-584].

Бархе аз дастурнависон, феълҳои ҷаълиро низ ҷузъи феълҳои сода ба шумор оварда, чунин шарҳ додаанд. “Феълҳои ҷаълӣ феълҳоеанд, ки буни феълӣ надоранд, ба иборати дигар бун дар ин феълҳокалимаи форсӣ ё ғайрифорсӣ аст, ки аз он феъл сохта шудааст, Монанди: **балъидан**,**телегрофидан**, **чарбидан**, **рақсидан**, **талабидан**, **кӯчидан**” [12, с.27].

Феълҳо ба тавре ки аз таърихи забон равшан аст, нисбат ба дигар аҷзои калом бештар ба тағйирот гирифтор шудаанд. Ба қавли забон-шинос ва дастуршиноси Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ: «Барои мисол метавон гуфт, ки дар форсии имрӯз ҳар феъле дорои ду модаи мутафовит музореъ ва мозӣ аст. Феъле, ки масдари он «бурдан» аст, як модаи музореи «бар» ва як модаи мозии «бурд» дорад, ки сохтҳои бисёр аз ҳар як ба кор меравад, аммо решаи ҳар ду яке аст. Дар модаи музореъ реша бидуни афзудани ҷузъи дигар истеъмол мешавад ва дар модаи мозӣ ҷузъи «д» ба он мулҳақ шудааст. Зимнан дар худи реша низ тағйире ҳосил шуда, яъне мусаввати «а» дар яке, ба мусаввати «у» дар дигаре табдил ёфтааст: **бар** ва **бурд**» [9, с.228].

Тарзи корбурди феълҳои мазкур ба тавре ки аз осори назмӣ бармеояд дар манотиқи шарқӣ, яъне дар осори шоирону нависандагони адабиёти даризабони Балху Хуросон аз адабиёти ғарбӣ тафовути зиёде доштааст. Ин тарзи корбурдро мо зиёдтар дар осори давраи Сомониён, ба хусус, дар ашъори Рӯдакӣ, бештар мушоҳида мекунем. Монанди **авборидан**, **алфанҷидан**, **андароғозидан**, **бахсонидан**, **гусилидан**, **гусор- идан**,**тунҷидан**, **тӯзидан**, **сиголидан**, **ошикӯҳидан**, **гуворидан**, **оҳанҷидан** ва ғайра.

Масдари ҷаълии «**авборидан**» дар фарҳангҳо ба маънои ба ҳалқ фурӯ бурдан, нахойда фурӯ бурдан, балъ кардан ва балъидан ба кор рафтааст: Пас, **биявборид** эшонро ҳама,

Не шубонро меш зинда, не рама (Рӯдакӣ)

Ба дашт ар ба шамшер бигзорадам,
Аз он беҳ, ки моҳӣ **биявборадам** (Рӯдакӣ)

Корбурди ин масдар, инчунин дар ашъори шоирони пасин: Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Низомӣ низ, ба назар расид.

Масдари ҷаълии «**Алфанҷидан**»ба маъноӣ: ҷамъ кардан,андӯхтан, захира кардан, гирд овардан, касб кардан, ҳосил кардан ва дар баъзе аз фарҳангҳо ба маънои: ҳозир кардан, ба кор рафтааст, ки дар ашъори ниёгон бо ин маъноҳо, ба мушоҳида мерасад. Монанди:

Маялфанҷ душман, ки душман яке,
Фузун асту дӯст ар ҳазор, андаке (Рӯдакӣ).

Дурустии амал гар хоҳӣ эй ёр,
Зи **алфанҷидан** илм аст ночор (Абушакур).

Ҳар кас ки**наялфанҷад** ӯ ба сират,
Фардош ба маҳшар басар набошад (Носир Хусрав).

Масдари ҷаълии «**Бахсонидан // Пахсонидан**» дар фарҳангҳои «Бурҳони қотеъ», «Онандроҷ», «Сурурӣ» ба маънои: гудохтан, ҳал кардан, об кардан, пажмурда сохтан, пажмурдан, ранҷ доштан, озурдан, хиромидан ва дар шаклҳои: бахсон, пахсон, бахсонидан, бахс, бахсӣ, бахсидан ва пахсидан мавриди корбурд қарор гирифтааст. Дар «Фарҳан-ги ашъори Рӯдакӣ»-и Амон Нуров [2, с.46] ба маънои: афсурдаву ғамгин сохтан, хастадил намудан, дар азобу ранҷ доштан ба кор рафтааст.

Монанди:

Аз ӯ беандуҳӣ бигзину шодӣ ба таносонӣ,
Ба темори ҷаҳон дилро чаро бояд ки бахсонӣ? (Рӯдакӣ).

Бархе аздастуршиносони Эрон дар таърифи масдарҳои ҷаълӣ ба як назар буда, фикру ақидаҳояшонро низ тибқи дастурҳои якдигар баён намудаанд, ки шоҳиди ин гуфтаро мо ҳангоми аз назаргузаронии навиштаҳои онҳо, мушоҳида мекунем ба тавре ки дастуршиносон: Саидкамоли Толиқонӣ, Муҳаммад Ҷаводи Шариъат, Мехдии Муъиниён ва чанде дигарон ин таърифҳоро низ овардаанд [7, с.22; 13, с.91-96; 11, с.99-102].

Тибқи маълумоти Саидкамоли Толиқонӣ: «Масдари ҷаълӣ он аст, ки бо афзудани «**идан**» дар охири исми форсӣ ё арабӣ дуруст шуда бошад: **ҷангидан**, **рақсидан**, **тарсидан**, **фаҳмидан**, ки асли онҳо: ҷанг, рақс, тарс, фаҳм будааст» [7, с.22]. Мехдии Муъиниён низ дар дастури забони форсии худ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, навишта буд: «Масдари ҷаълӣ ё сохтагӣ он аст ки дар асл, масдар набуда, балки аз афзудани «**идан**» ба охири исми арабӣ ё форсӣ ё туркӣ ё фарангӣ … ҳосил шуда бошад, монанди талаб «**талабидан**», ҷанг «**ҷангидан**», балъ «**балъидан**» [13, с.100]. Муҳаммад Ҷаводи Шариат дар бахши ақсоми масдар, чун дигар дастурнависон низ ба ин масъала рӯ оварда мефармояд: «Масдари ҷаълӣ ё сохтагӣ масдарест, ки аз афзудани «-идан» (пасванди масдарӣ) ба охири исми арабӣ ё форсӣ ё ғайри ин ду ба вуҷуд омада бошад, монанди талаб (талабидан), ҷанг (ҷангидан), балъ (балъидан), телегроф (телегрофидан). Масдари ҷаълӣ ба қавли дастурнавис самоъӣ аст, яъне наметавон аз ҳамаи калимот ба таври фавқ масдар сохт. Тибқи гуфтаи ӯ, Тарзии Афшор дар тамоми ашъори хеш масодири ҷаълӣ ва афъоли муштақ аз онҳоро истеъмол кардааст, вале дигарон аз ӯ пайравӣ накардаанд ва ин яке аз ашъори ӯст:

Бо мани дилдодаи дилдор **ҷангидан** чаро?
Ту ғазоли гулшани ҳуснӣ **палангидан** чаро?» [11, с.94].

Дар масдари «**ҷангидан**» пас аз ҳазфи «идан» калимаи «ҷанг» боқӣ мемонад, ки исми форсӣ буда, маънии он бо ҷангидан иртибот дорад ва решаи феъли дигаре низ нест. Дар масдари «**талабидан**» бошад,пас аз ҳазфи «идан» калимаи «талаб» боқӣ мемонад, ки арабӣ аст ва маънии он бо феълӣ талабидан ҳам иртибот дорад.

Дар масдарҳои ҷаълии «**телегрофидан**», «**қопидан**» ва «**техниконидан**» бошад, ҳолат каме дигар буда, пас аз ҳазфи «идан» вожаи «телегроф»боқӣ мемонад, ки аслан аврупоӣ аст. Дар масдари ҷаълии «қопидан» асли қалима «қоп» ва дар масдари «техниконидан» асли калима «техник» буда, бо пасванди «идан»-и дарӣ масдар сохтаанд, ки яке аз калимаи туркӣ ва дигаре аз вожаи русӣ иқтибос шудаанд.

Инак, барои исботи ин гуфта, корбурди чанде аз масдарҳои дигар- ро низ дар ашъори шуаро,шоҳид меоварем. Масдари «**Андароғозидан**» ба маънои «оғоз кардан, сар кардан, шуруъ кардан, шуруъ намудан» ба кор меравад:

Марди муздур **андароғозид** кор,

Пеши ӯ дастон ҳамезад бефаёр (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Ошкӯхидан**». Ин масдар ба маънои: «лағжидан, лағжида афтодан» ба кор меравад:

Ошкӯхад бар замин ҳамвор бар,
Ҳамчунон чун бар замин душвор бар (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Оҳанҷидан**». Ин масдар ба маънои: «кашидан, берун баровардан»ба кор меравад:

Гуфт: фардо бикшам ӯро пеши ту,
Худ **биёҳанҷам** ситем аз реши ӯ (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Сиголидан**». Ин масдар ба маънои: «андешидан, ҷора ҷустан, ҳуҷум овардан ба душман, сӯйи аду тохтан, ҳамла бурдан бар хасм» ба кор меравад:

Сиголид дар ҷанг монанди ғуч,
Табар бурда бар сар чу тоҷи хурӯч (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Танҷидан**». Ин масдар ба маънои: «печондан, муҳкам бастан» ба кор меравад:

Неки ӯро фасонаворе шав,
Бади ӯро камар-т сахт **битанҷ** (Рӯдакӣ)

Корбурди масдари «**Турунҷидан // Таранҷидан**». Ин масдар ба маънои: « сахт дарҳам кашидашуда, фишӯрдашуда»ба кор меравад:

Ҷон **турунҷидав**у шикастадилам,
Гӯйӣ аз ғам ҳаме фурӯгусилам (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Тӯзидан»**. Ин масдар ба маънои: «гузоридан, пардохтан, адо кардан [-и қарз]»ба кор меравад:

Ба ҷумла хоҳам якмоҳа бӯса аз ту, буто,
Ба кеч-кеч нахоҳам, ки фоми ман **тӯзӣ** (Рудакӣ).

Корбурди масдари «**Чамидан»**. Ин масдар ба маънои «сайру гашт кардан, хиромон роҳ рафтан, бо нозу тафохур ва истисно роҳ рафтан, хиромон шудан. 2. ҷунбидан, ҳаракат кардан, саъю кӯшиш намудан»,ба кор меравад:

Чаро **ҳаменачамам**? То чаро кунад тани ман,
Ки низ то **начамам**, кори ман нагирад чам (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Ҷаҳидан»**. Ин масдар ба маънои:ҷастан, хез задан, паридан; ниг. инчунин частан; берун ҷаҳидан ба кор меравад:

Шери олуғда, ки берун **ҷаҳад** аз хона ба сайд,
То ба чанг орад оҳурову оҳубарае (Рудакӣ).

2. ба маънои: раҳо ёфтан, халос шудан.

Ту чӣ гуна **ҷаҳӣ**, ки дасти аҷал,
Ба сари ту ҳамезанад сарпош (Рӯдакӣ).

Корбурди масдари «**Шикӯҳидан»**. Ин масдар ба маънои: тарсу бим доштан, ваҳмидан, ҳаросидан, тарсидан, ба кор меравад:

Уштури гурсина касима барад,
Кай **шикӯҳад** зи хор? Чира харад.

Корбурди масдари «**Густаридан//Густуридан»**. Ин масдар ба маънои:гузоштан бар болои чизе, ба тартиб ниҳодан, фурӯ чидан ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои: паҳн кардан[4. I, с.299] низ ба кор меравад:

Неъмати фирдавс **густарида** зи ҳар сӯ,
Сохти коре, ки кас насозад чунин (Рудакӣ).

Бархи бештаре аз ин масдарҳои шоҳид овардашуда, хосси забони суғдӣ буда, бахусус дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ низ мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Ба ин гурӯҳ масдарҳои зиёди ҷаълӣ ба мисли: «**ободонидан**, **ожиридан**, **оғолидан**, **огоҳидан**, **офандидан**, **омеғидан**, **армонидан** ва садҳо масдарҳои ин навро метавон ворид кард, ки дар назму насри забони дарӣ истифода шудаанд. Дар ин бахш намунаи чанде аз онҳо шоҳид оварда мешаванд:

Масдари **ободонидан** ба маънои: обод кардан аст, ки аз сифат ва пасванди**-он** сохта шудааст. Дар забони портӣ ва суғдӣ обод бо тафовути овоӣ ба кор рафтааст.

Масдари **ожиридан** ба маънои бонг задан, хурӯшидан ва модаи музореъи он феъл ҷаълӣ буда, аз **- ожир** (исм) ба маънои: «бонг, фарёд» сохта шудааст.

Масдари **оғолидан** ба маъноҳои ангехтану таҳрик, шӯронидан ва тез кардан бар хусумату ҷангу фитна ба кор рафтааст. Модаи мозӣ ва музореъи ин феъл ҳар ду ҷаълӣ буда, аз **оғол** (исм) сохта шудааст.

Масдари **офандидан** аз офанд ба маънои ҷангу ҷидол, адоват ва хусумат кардан буда, модаи мозии он феъл низ ҷаълӣ ва аз модаи музореъ ва он низ ҷаълӣ буда аз **офанд** (исм) сохта шудааст.

Масдари **омеғидан** ба маънои омехтан аст. Модаи музореи ин феъл, ҷаълӣ буда, аз вожаи портии **омеғ** сохта шудааст.

Масдари **армонидан** аз армон ба маънии орзу ва ҳасрат бурдан ва афсӯсу пушаймонӣ. Модаи музореи ин феъл ҷаълӣ буда, аз армон(исм) сохта шуда, тибқи маводи бадастомада, аз суғдӣ: “**rm** “**n**ғам, ғусса, ҳасрат ворид гардидааст.

Ба тавре ки аз маводи таҳлилгардида бармеояд, бештаре аз масдарҳои ҷаълии забони дарӣ аз давраҳои нахусти рушду такомули он ба вуҷуд омада, сипас дар назму насри шоирону нависандагон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар баробари масдарҳои мазкури забони дарӣ, инчунин, масдарҳои ҷаълӣ аз забонҳои портӣ, суғдӣ ворид гардидаанд, ки бо таҳаввулоти овоии худ низ тафовут доранд.

Тибқи маводи бадастомада, манбаи асосии таъсирнокӣ, забонҳои портӣ, суғдӣ ва дигар лаҳҷаҳои роиҷбудаи Хуросону Моваруннаҳр буда, ки ба вусъатёбии забони дарӣ кумак расонидаанд [ниг.: 14; 6, с. 251- 316; 5, с. 171-181; 3, с.62-63].

Хулоса, таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин масъала метавонад ба таҳаввули бахши масдарҳоро дар забони дарӣ ва гунаҳои имрӯзаи он мушаххас намуда, умумият ва тафовутҳои онҳоро низ дар манотиқи мухталифи қаламрави забони дарӣ нишон диҳад.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. / Лексикология, фонетика, морфология / Қисми 1. Нашриёти “Маориф”. Душанбе, 1982 . - 462 с
2. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А.Нуров. – Душанбе: Маориф, 1990. – 368 с.
3. Шодиев Р. Феъл дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ (маъно ва сохтор) / Р.Шодиев. – Душанбе, 2012. – 149 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М., 1969. – 951 с.
5. Lazard G. La Langue des plus anciens monuments de la prose persane. – P., 1963. - 535 с.
6. Lents W. Die nordiranischen Elemente in der neupersische Literaturspra - Che bei Firdosi //ZII.-1926. Bd 4.- H.2.- S. 251-316.
7. پرویزناتل خانلری. تاریخ زبان فارسی. جلد دوم. چاپ سوم. – تهران، 1366. – 408 ص.
8. عبدالرحیم همایون فرخ. دستورجامع زبان فارسی. هفت جلد دریک مجلد. - موسسهٔ مطبوعاتی علی اکبرعلمی، 1337 . – 1142 ص.
9. محمد جواد شریعت. دستورزبان فارسی. چاپ اول. – صنوبر، 1364. – 469 ص.
10. حسن انوری. دستورزبان فارسی. – صنوبر، 1367. - 356 ص.
11. مهدی معینیان. دستورزبان فارسی. چاپ هفتم. چاپخانه مطبوعات، 1369. – 288 ص.
12. المقدسی. احسن التقاسیم، فی معرفته الاقالیم. – لیدن، 1877. – 499 ص.

ВИЖАГИҲОИ МАСДАРҲОИ ҶАЪЛӢ ВА ҚИЁСИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ДАРӢ ВА ГУНАҲОИ ОН

Дар мақола вижагиҳои масдарҳои ҷаълӣ ва қиёси онҳо дар забони дарӣ ва гунаҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Масдарҳои ҷаълӣ ба тавре ки ишора гардид дар гунаи тоҷикӣ бо истилоҳи “сохта” ва дар гунаи форсӣ бо истилоҳи “ҷаълӣ” (ва дар баъзе дастурҳо бо истилоҳи арабии “синоӣ”) низ ба кор рафтаанд. Омӯзиши сохторӣ ва маъноии ин навъи масдарҳо нишон медиҳанд, ки онҳо дар забони дарӣ вагунаҳои он якбора ба вуҷуд наомада, давра ба давра рушду такомул ёфтаанд. Аз тарафи дигар, бахши бештаре аз онҳо дорои маъноҳои нав гардида, дар осори шоирону нависандагон мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Дар баробари масдарҳои аслии забон, ворид гардидани масдарҳои ҷаълии иқтибосӣ низ нақши муҳим доранд. Онҳо дар забони дарӣ, на танҳо аз забони арабӣ, балки аз забону лаҳҷаҳои мухталифи эронӣ низ ворид гардида, бо тарзи талаффуз ва маъноҳояшон тағйир ва тафовутдоранд. Ин ҳолат, на танҳо дар худи забон, балки дар гунаҳои он низ чунин аст, ки шоҳиди онҳо бо вожаҳои русӣ сохта шудани масдарҳои ҷаълӣ дар гунаи тоҷикӣ ва бо вожаҳои туркӣ ва забонҳои аврупоӣ сохта шудани онҳо дар гунаи форсӣ ва бо вожаҳои пашту сохта шудани онҳо дар гунаи дарӣ мебошанд.

Калидвожаҳо:масдарҳои ҷаълӣ, омӯзиши сохторӣ, масдарҳои иқти- босӣ, лаҳҷаҳои мухталифи эронӣ, вожаҳои забони дарӣ, вожаҳои туркӣ, забонҳои аврупоӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИСКУССТВЕННОГО ИНФИНИТИВА И ИХ СРАВНЕНИЕ В ЯЗЫКЕ ДАРИ И ЕГО ВАРИАНТАХ

В статье рассматриваются особенности искусственных инфинитивов и их сравнение в языке дари и его вариантах. Искусственные инфинитивы как уже упоминалось, употребляются в таджикском варианте с термином «сохта» и в персидском языке с термином «джаъли» (а в некоторых материалах употребляется и арабский термин «синои»). Изучение структуры и значения этих типов инфинитивов показывает, что они не сразу появились в языке дари и в других языках этой субгруппы, а поэтапно развивались. Но с другой стороны, из большое значение приобрело новые значение и использовалось произведениях поэтов и писателей. Наряду с исконными инфинитивами языка важную роль играет и заимствование инфинитивов. Они вошли в языке дари не только из арабского языка, но и из различных иранских языков и диалектов с разными произношениями и значение. Это одинаково не только в самом языке, но и его вариантах, о чем свидетельствует построение искусственных инфинитивов в русском языке с таджикскими словами, в турецком и европейских языках с персидскими словами и в языке дари с пуштунскими словами.

Ключевые слова: искусственные инфинитивы, структурное изучение, заимствованные инфинитивы, различные иранские языки и диалекты, слова языка дари, турецкие слова, языки Европы.

FEATURES OF DERIVATIVE INFINITIVE AND ITS COMPARISON IN DARI LANGUAGE AND ITS TYPES

The article discusses the features of derivative infinitive and its comparison in Dari language and its types. As it had been indicated, derivative infinitive in Tajik is identified with the term “sokhta” and in Farsi it is identified with the term “ja’li” [and in some manuals it is described with Arabic term “sinoi”]. The structural and semantic study of this type of infinitive shows that, they didn’t emerge in the Dari language all of a sudden, but periodically during a long time. On the other hand, the majority of them involved new meanings and were abundantly used by famous poets and writers in their works. Along with the native infinitives of the languages derivative borrowed infinitives also play an important role. They came into the Dari language not only from Arabic, but also from different Iranian languages and dialects with changes in pronunciation and their meanings. This is true not only in this language. But it can be seen in other subgroup of Iranian languages. To prove that, we can bring examples for derivative infinitives in Tajik which were made with Russian words, in Farsi with Turkish and European languages, in Dari with Pashto words.

Key words: derivative infinitives, structural study, borrowed infinitives, different Iranian dialects, Dari language words, Turkish words, European languages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Усмон Сулаймонӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 919-13-08-25**

Сведения об авторе: ***Усмон Сулаймони*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. **Тел.: (+992) 919-13-08-25**

Information about the author: ***Usmon Sulaymoni*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associated Professor of Iranian Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 919-13-08-25**

УДК: 811.222.8 22

ХУСУСИЯТҲОИ КОРБУРДИ АУГМЕНТ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ФЕЪЛИ ЗАБОНИ СУҒДӢ

Самадов Р.С.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Забони суғдӣ яке аз забонҳои маъмул ва домангустурдаи давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, забони мардумони суғдинажоди сарзамини Суғд (порсии бостон **Suguda**, авестоӣ **Suγda**) буда, ҳудуди густариши он дар гузаштаи дур водии Зарафшону Уструшан ва дигар ноҳияҳои соҳили рӯди Зарафшон ва соҳили дарёи Қашқадарё будааст. Дар замони Ҳахоманишиён ва баъд аз он маркази Суғд шаҳри Самарқанд ба шумор меомад. Дар асри I пеш аз мелод минтақаи истифодаи забони суғдӣ аз Марв то ба Чину Муғулистон интишор меёбад.

То асри XII мелодӣ забони суғдӣ яке аз забонҳои бумӣ дар Мовароуннаҳр ва гирду атрофи он ба унвони “забони миёнаҷоӣ” дар роҳи Абрешим дар Туркистон ва Чин ба кор мерафт. Инчунин забони суғдӣ дар миёни қабилаҳои Осиёи Миёна ҳамчун забони тиҷорат низ хизмат мекард. Бозаргонони суғдӣ дар даврони Ҳукмронии суғдиён дар бозаргонӣ дар роҳи Абрешим миёни Чин ва Ғарб нақши бисёр фаъол доштанд.

Давраи аз байн рафтани забони суғдӣ бо таъсири забони тоҷикӣ пас аз асри IX оғоз мешавад. Дар сарзамини Ҳафтрӯд забони суғдӣ тавассути забонҳои туркӣ аз байн бурда шуд. Раванди матрук шудани забони суғдӣ дар вазъияти дузабонии суғдӣ ва туркӣ ҳамеша ба манфиати забони туркӣ анҷом ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар қаламрави густариши таърихии хеш забони суғдӣ бо мурури замон аз истифода хориҷ шуда, пас аз қарни XI ба ҳукми забони матрук ворид шуд. Ҳоло давом ё яке аз гӯйишҳои он дар дараи Яғноб воқеъ дар болооби Зарафшон ба исми забони яғнобӣ маҳфуз мондааст.

Осори бозёфтаи забони суғдӣ аз лиҳози мавзуъ ба бахшҳои динӣ ва ғайридинӣ ҷудо мешаванд. Бештари дастнавиштаҳои забони суғдӣ дар тули ҷодаи Абрешим - бахусус аз ноҳияи Турфон ва яке аз ғорҳои Ҳазорбудо ба даст омадаанд, ки тақрибан ҳамаи онҳо матнҳои динӣ мебошанд. Катибаҳои аввалин ба забони суғдӣ дар ибтидои садаи XX дар Туркистони шарқӣ (Турфон), ки дорои матнҳои буддоӣ, насронӣ ва монавӣ мебошанд, ошкор гардидаанд. Ин навиштаҳо бо се навъи хат- хатҳои оромии суғдӣ, суриёнӣ ва монавӣ иншо шуда буданд.

Соли 1933-ум дар қалъаи Муғ (воқеъ дар деҳаи Хайрободи ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон) як силсила санадҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиву маъмурӣ пайдо шуданд, ки онҳо бо номи “Бойгонии Деваштич” низ маъруфанд. Ин навиштаҳо барои муайян кардани давраи инкишофи забони суғдӣ ва хусусиятҳои вожагониву дастурии он аҳамияти бузург доранд. Қадимтарин навиштаҳои забони суғдӣ бо номи “Номаҳои куҳан” ба асри IV-мелодӣ ва боқимонда ба асрҳои VII-VIII мелодӣ тааллуқ доранд.

Ёдгории дигаре, ки нисбатан нав кашф шудааст, ин навиштаҷоти дар маҳалли Ҳисораки деҳаи Мадрушкати ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ёфташуда мебошад, ки соли 2011-ум аз ҷониби экспедитсияи археологии Панҷакент пайдо гардидааст. Аз ин мавзеъ нома ва ҳуҷҷатҳое ёфта шуданд, ки асосан дар рӯйи тахтача ва қоғазҳо ҳаккокӣ шуда буданд. Яке аз ин номаҳо ин номаи сардори посбонони биноҳои шаҳр ба сардори қалъаи Роғ мебошад, ки дар ин нома сардори посбонҳо аз сардори қалъаи Роғ хоҳиши фиристодани либос ва пойафзолро кардааст. Ду ҳуҷҷати дигар, ки яке пурра ва дигаре нопурра аст, ба Нанедад ном шахс аз тарафи ду нафар фиристода шудааст ва онҳо дар номаҳояшон ба Нанедад таъкид кардаанд, ки 10 халта ҷав ва дар ҳаҷми 16 коса намак фиристад. Инчунин чор ҳуҷҷати дигаре, ки аз мавзеи Ҳисорак ёфта шудааст, нопурра буда, қисм-қисм боқӣ мондаанд, ки археологон бозёфтҳои мазкурро ба охири асри VIII ва аввали асри IX муталлиқ медонанд [11].

Маълум аст, ки дар ҳар забон муҳимтарин ва мураккабтарин бахши сарф мавзуи феъл ва қоидаҳои марбут ба феъл маҳсуб мешавад. Замони гузаштаи феъл сарфи назар аз ҳамаи шаклу тобишҳои грамматикиаш амали пеш аз лаҳзаи нутқ воқеъшударо мефаҳмонад. Дар гузашта дар бархе аз забонҳои эронӣ роҳҳои хоссаи сохта шудани он

мавҷуд буд. Яке аз чунин роҳҳо бунёдгардии феъли замони гузашта тавассути аугмент буд, ки он дар аксари забонҳои ҳиндуаврупоӣ дида мешавад.

Аугмент вожаи лотиниасл (augmentum) буда, маънои “калоншавӣ, зиёдшавӣ” –ро дорад. Зери истилоҳи “аугмент” дар забоншиносӣ пешвандеро дар назар доранд, ки он дар оғози феълҳои сода ва дар мобайни пешванду решаи феълҳои сохтаи баъзе аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ омада, барои бунёди шаклҳои замони гузашта, монанди “плюсквамперфект”, “имперфект” ва “аорист” хизмат мекунад [17, с.315]. Дар забоншиносии эронӣ аугмент инчунин бо истилоҳҳои “ҷузъи мозисози такядор” [9, с.84], “афзунаи мозисоз” [5, с.21; 9, с.95], “афзунаи такядор”, “афзуна” [3, с.25; 5, с.21; 9, с.89] низ зикр шудааст. Таърихи мавҷудияти ин унсури грамматикӣ ба давраи мавҷудияти забон - асоси ҳиндуаврупоӣ мерасад. Осори он минбаъд дар забонҳои юнонии қадим, арманӣ қадим, фригӣ, санскрит маҳфуз мондааст.

Ағлаби муҳаққиқон ҳангоми таҳқиқи масоили корбурди аугмент дар ин ё он забонҳои ҳиндуаврпоӣ ба мураккаб ва душвор будани масъалаи мазкур ишора кардаанд. Аз ҷумла муҳаққиқ А.К. Гулакян вижагиҳои истифодаи аугментро дар забонҳои юнонии қадим, арманӣ қадим ва фригӣ омӯхта, ба чунин натиҷа расида буд, ки “аугмент дар забонҳои гуногун характери мухталифро соҳиб мебошад ва омӯзиши он душвору мураккаб буда, муҳаққиқро ба дуриҳо мебарад” [4, с.17].

Профессор С.Н. Соколов ҳангоми таҳқиқи мавқеи аугмент дар забони авестоӣ ва порсии қадим ишора карда буд, ки дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ муайян кардани хусусиятҳои истифодаи аугмент чунин мушкилотро дорост: 1) он дар ҳамаи забонҳои қадими ҳиндуаврупоӣ во намехӯрад; 2) тахмин кардани пайдоиши он, ки оё аввал дар забони юнонӣ буд ё ориёӣ, ҳодисаи душвор аст; 3) то ҳол ошкор нашудани истифодаи он дар забонҳои куҳан [19, с.213].

Дар забонҳои эронӣ аугмент ҳанӯз дар забон-асоси эронии бостон мавҷуд буда, баъдан дар забони порсии қадим ва авестоӣ идома ёфт, аммо дар давраи миёна дар иддае аз чунин забонҳо барҳам хӯрд. Гузариш аз сохти флективӣ ба аналитикӣ боиси вуқуи тағйироти зиёде дар сохтори забон гардид. Аз ҷумла дар забони порсии миёна, ки давоми забони порсии қадим буд, аугмент идома накард, танҳо дар забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ идома ёфт. Дар мавриди тақдири минбаъдаи аугмент дар забонҳои эронӣ профессор Д.И. Эделман чунин ибрози назар карда буд: “Идома ёфтани системаи имперфекти қадим бо бандаки шахси дуюми феъл ва аугмент дар забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва яғнобӣ давом кард. Дар гурӯҳи забонҳои ғарбиэронӣ бошад, танҳо дар забони толишӣ маҳфуз монд [23, с.50].

Доктор З. Заршинос бар он назар аст, ки “ба таври куллӣ сохтмони феъл дар забони хоразмӣ ҳаммонанди забони суғдӣ аз вижагиҳои хоссе бархӯрдор аст, ки ин ду забони эронии шарқиро аз забонҳои эронии миёнаи ғарбӣ мутамоиз (ҷудо. –С.Р) месозад. Аз ваҷҳи муштараки ин ду забон дар мавриди сохтмони феъл ба нуктаи зер метавон ишора кард: 1) Дар ин ду забон бар хилофи забонҳои миёнаи ғарбӣ, сохтмони мозии ғайритоми (имперфект) бостонӣ маҳфуз мондааст. Ин навъи феъл аз назари сохт мозии биношуда бар моддаи мазореъ ва дорои мафҳуми мозии мутлақ ё сода аст. Бо вуҷуди он ки ин навъи мозӣ ҳам аз назари таъриф аз намунаи бостонии худ (барои мисол аз форсии бостон) пайравӣ мекунад. 2) Дар ҳар ду забон бо афзудани лафзи ба сиғаҳои феъли мазореъ феъли оянда ё мустақбал месозад. Дар забони форсӣ “хостан”, ки дорои ҳамон маъно аст ва барои сохтани мустақбал (замони оянда – С.Р) ба кор меравад, сарф мешавад ва феъли аслӣ собит мемонад, дар ҳоле ки дар ду забон- суғдӣ ва хоразмӣ феъли аслӣ сарфшуда ва лафзи собит аст [6, с.64].

Суғдшинос Б. Қариб муътақид ба он аст, ки “яке аз мушаххасҳои низоми феъли суғдӣ ҳифзи мозии ғайритоми (imperfect) бостон аст, ки аз назари сохт, мозии биношуда бар сетоки (реша -С.Р.) ҳолӣ аст. Ин навъи мозӣ, ки ҳеҷ гуна ҷое дар эронии миёнаи ғарбӣ боқӣ нагузошта, дарбаргирандаи бештарин теъдоди феълҳо бо мафҳуми мозии мутлақ ё мозии сода дар мутуни қадимтари суғдӣ ва ҳатто дар ағлаби мутуни ҷадид мавҷуд аст [9, с.73].

Аз қайдҳои муҳаққиқон маълум мегардад, ки унсури грамматикии аугмент дар давраи миёнаи ташаккули забонҳои миёнаи эронӣ дар забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ маҳфуз мондааст.

Масоили таҳқиқи хусусиятҳои истифодаи аугмент дар забони суғдӣ эътибори чанде аз муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла профессорон В.А. Лившитс, А.Л. Хромов [10, с.484-486], доктор Б. Қариб [9, с.62-87; 25, с.158-160], доктор З. Заршинос [5, с.4-7], доктор Ҳ.Р. Боғбедӣ [3, с.24-25], забоншинос М.М. Исхаков [7, с.23-30] доир ба масъалаи мазкур таҳқиқот ба анҷом расонидаанд.

Доктор Б. Қариб дар пажӯҳише таҳти унвони “Низоми феъл дар забони суғдӣ” ба масъалаи замони гузаштаи феъл дар забони суғдӣ жарфтар назар карда, мавқеи аугментро дар феълҳои сохта ва сода басо мӯшикофона таҳлил намудааст. Мавсуф инчунин теъдоди фаровони феълҳои замони гузаштаро дар забони суғдӣ ва решаҳои онҳоро дар забони порсии қадим нишон додааст:

	Суғдӣ		Сетоки бостонӣ		
№	шахси севум мозӣ	Сетоки ҳол imperfect	имперфект	Сетоки ҳол	реша
1	βara (бурд)	Bar	á-bara	Bara	bar
2	Frāmāy (фармуд)	Framāy	fra-á-maya	Fra-māya	mā
3	Nīyōš (шунид)	Niyōš	ni-yá-gauša> ni-í-gauša	ni-gauša	gauš
4	Wāyaz (поён рафт)	ōxaz-	awa-á-xaza	ham-xaza	xaz
5	Manxaz (боло рафт)	anhaz-	ham-á-xaza	Hama-xaza	xaz
6	Māyāz (шуруъ кард)	Āyāz	ā-á-yāza	ā-yāza	gaz
7	Sīxwāy (бардошт)	Sexwāy	*uz-í-xwāhaya	Uz-xwāhaya	Xwah
8	Zīwart (баргашт)	Zewart	*uz-í-wart	uz-warta	Wart
9	βāžɤaδ (савор шуд)	βežɤaδ	abi-á-zgada	abi-zgada	Zgad
10	pāžɤēr (фарёд зад)	pažɤēr	upa-á-zgāraya	Upa-zgāraya	Zgar
11	Pāraxs (раҳо шуд)	Paraxs	apa-á-rahsa	apa-rahsa	Raik
12	Sīnāy (шуст)	Snāy	á-snāya-	snāya	Snā
13	Wēn (дид)	Wēn	á-waina	waina	

Феълҳои дар ҷадвали мазкур овардашуда, феълҳои шахси сеюми шумораи танҳо буда, онҳоро ба се даста ҷудо намудан мумкин аст: 1) Дастаи зиёди онҳоро феълҳои сохта ташкил медиҳад, ки дар онҳо аугмент байни пешванд ва реша қарор гирифтааст (аз 2-юм то 11-ум). Чунончи дар феъли шумораи 8-ум феъли замони гузашта **zīwart** “баргашт”-ро метавон дид, ки унсури дуюми феъл, яъне **ī** аугмент мебошад. 2) Ду феъли замони гузашта шаклан сода буда, бидуни аугмент сохта шудаанд (феълҳои шумораи 1-ум ва 13-ум): **βara** “бурд”, **wēn** “дид”. 3) Феъли таҳти шумораи 12-ум қароргирифта **sīnāy** “шуст” аз лиҳози сохт сода буда, дар он унсури дуюми калима яъне садоноки **ī** аугмент мебошад.

Забоншинос М.М. Исхаков дар асоси ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ истеъмоли аугментро дар забони суғдӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Мавсуф ба масъалаҳои мавҷудияти аугмент дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ, имкониятҳои истифодаи он дар забонҳои порсии қадим ва авестоӣ, махсусиятҳои истифодаи аугмент дар забони суғдӣ ва инчунин муқоисаи он бо забони яғнобиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст [7, с.23-30].

Бархе аз муҳаққиқон мавқеи аугментро дар забони суғдӣ дар муқоиса бо забони хоразмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Профессор А.А. Фрейман корбурди аугменти **m**-ро дар забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст [20, с.168]. Доктор М. Олиҳӣ бархе аз монандиҳоро дар мавриди сохтмони замони гузаштаи феъл дар забонҳои суғдӣ ва хоразмӣ зикр карда, дар байни асосу пешванд маҳфуз мондани аугмент ва аз даврони мавҷудияти забони порсии қадим ибтидоёбии онро зикр кардааст [13, с.122].

Феъли забони суғдӣ тарзи хоссаи ташаккули замони гузашта дошта, он аз асоси замони ҳозира тавассути аугмент сохта мешуд: **ptɤōš** “шунидан”, **pati+gauš** “мешунавад”, **ptiyōš <pati+a+ɤauš** “шунид” [10, с.426]. Дар ин ҷо аугмент бо сабаби аз ҷиҳати сохт сохта будани феъл дар мобайни пешванд ва асоси вожа ҷойгир шудааст: **pati** (пешванд)**+a** (аугмент)**+ɤauš** (реша). Чунин навъи сохта шудани замони гузаштаи феълро доктор З.Заршинос маҳз натиҷаи таъсири забони порсии қадим ба сохтмони феъли забони суғдӣ донистааст [5, с.10].

Дар забони порсии қадим замони гузаштаи феъл тавассути аугмент сохта мешуд ва вобаста ба он ки феъл чӣ гуна сохт дошт, аугмент ду мавқеъ дошт: агар феъл сода бошад, он ба оғози онҳо ҳамроҳ мешуд, аммо агар феъл сохта бошад, ин унсури замонсоз байни пешванди феълсоз ва асоси феъл ҷойгир мешуд. Масалан, феъли **pari+a+baram** “мебурдам” ба ҳиссаҳои **pari-** (пешванд), **-a-** (аугмент), **bar-** (реша) **-am** (бандаки феълӣ) ҷудо мешавад. Дар феълҳои сода бошад, аугмент монанди чанд забони дигари эронии қадим дар оғози калима қарор мегирифт ва ҷузъҳои таркибии он аз аугмент, реша ва бандаки феълӣ иборат буд. Чунончи: а) реша+а: **bara** асоси замони ҳозираи “бурдан”, **abarat** “вай бурд”; **bava** “будан” асоси замони ҳозираи феъли **abavam** (abavam) “ман будам”, **yada** “хондан” **ayadiy** “вай хонд” **šyava** “рафтан”, **ašavam** “ман рафтам” ва ғайра [18, с.257].

Дар забони суғдӣ аугментҳои **a, i,** ва **m** мавҷуд буданд, ки онҳо тавассути роҳҳои мухталиф ба забони суғдӣ ворид гардидаанд. Аз ҷумла аугменти **a** дар забони ориёӣ ***a** буда, инчунин он дар забони ҳиндии қадим ва порсии қадим вуҷуд дошт, ки баромади онро профессорон В.С. Расторгуева, Д.И. Эделман аз ***e-** и забони ҳиндуаврупоӣ донистаанд [16, с. 70]. Аугменти **ī** ҳангоми бо садоноки **i** ба анҷом расидани пешванди феълӣ ва баъд аз он омадани аугменти **a** ба вуҷуд омадааст. Аугменти **m** бошад аз таркиби пешванди ***ham-** и порсии қадим дар суғдӣ зоҳир шудааст.

Аугмент дар таркиби феълҳои сода ва сохтаи замони гузаштаи феъл омада, хусусиятҳои корбурди гуногунро доро мебошад:

1. Агар пешванд бо садоноки **a** тамом шавад ва баъд аз он аугменти **a** ояд, дар ин ҳолат аугменти **a** дар шакли **ā-** зоҳир мешавад. Масалан дар феъли **βāžγaδ** “савор шуд” аугменти **a** дар байни пешванди **βa-** ва решаи **žγaδ** омада ба **ā** зикр гардидааст**.** Феъли **frāmāy** “вай фармон дод” (**farmāy** “фармон додан”) дар ин ҷо пешванди **fr** дар асл аз пешванди феълии **fra-** и порсии қадим буда, дар натиҷаи бархӯрд бо аугменти **a** (**fra+a)** садоноки **a** аз таркиби пешванд афтида, аугменти **a** бошад дар шакли **ā** зоҳир гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки пешванди **fra-** дар бархӯрд бо решаҳое, ки бо ҳамсадоҳои **n, r, t, s, š** шурӯъ мешаванд, дар бештари маврид ба **fa** табдил мегардад: **frašam** “фиристодан” дар замони гузашта **fāšām** “фиристодам”.

Чунин тарзи сохта шудани замони гузаштаи феълҳоро зиёд мушоҳида намудан мумкин аст: **pāxwāy** “вай бурид” (pəxwā “буридан”), **pāžγēr** “фарёд зад” (дар феъли мазкур **pā-** дар натиҷа *apa-/upa +*a- ба вуҷуд омадааст), **wāxazand** “онҳо фаромаданд” (Ōxaz- “фаровардан” (ō-<эронии *awa-)), **wāstayand** “онҳо нигоҳ карданд” (ōstay – “халалдор кардан” <эронии *awa-stăya-), **βānō** “вай ларзонд” (аз **βnō** “ларзондан”); **wāγaz** “поён рафт” (**wā** аз ***ava+ *a-**).

2. Агар пешванд бо садоноки **i** ба анҷом расад ва баъд аз он аугменти **a** ояд, дар натиҷа аугмент дар шакли **ī** зоҳир мешавад. Масалан, дар феъли **nīpēs** “навишт” аугменти **a** баъди пешванди **ni** омада, дар натиҷаи якҷояшавии пешванд бо аугмент **nī** (*ni +*a-) ба вуҷуд омадааст. Инчунин ҳодисаи мазкур дар феълҳои **patīxwāy** “вай кушт” (patxwāy “куштан” pat< эронии pati-), **wīrēč** “вай рехт” (wirēč “рехтан”), **pačīkwērand** “вай тарсонид” (pačkwēr “тарсонидан”), **parīβērand** “вай хабар дод” (parβēr “хабар додан” пешванди par-< эронии *pari-), **nīšēδand** “онҳо шинонданд” (nišēδ “шинондан”), **patīγōš** “шунид” (Pati+a > patī), **zīwart** “баргашт” (**zī** аз *us-/uz- +*a-) низ мушоҳида мешавад.

3. Агар пешванд бо ҳамсадо тамом шавад, дар ин ҳол низ аугмент **ī** мешуд: **zīwartand** “вайҳо баргаштанд” (**z-< uz-, s-< us-) sīxwāy** “бардошт” (səxwāy “бардоштан”); **zīwart** “баргашт” (zewart “баргаштан”).

4. Феълҳои сода дар замони гузашта дар забони суғдӣ маъмулан бидуни аугмент сохта мешаванд: **βr’** “ӯ буд” аз сурати эронии бостон **a barati*** [5, с.21], **βara** “бурд” аз феъли замони гузаштаи порсии қадим **á-bara** решааш **bar** ба вуҷуд омадааст [9, с.90]. Бо вуҷуди ин, дар зери таъсири феълҳои сохта аугменти **i** дар баъзе феълҳои сода дида мешавад: **sināy** “вай шуст” (snāya “шустан”) [10, с.486; 21, с.45].

Суғдшинос Б. Қариб вобаста ба масъалаи мазкур менигорад, ки “гарчи афзуна ё ҷузъи мозисоз ба таври куллӣ мухтаси (махсуси -С.Р.) феълҳои пешванддор (мураккаб) аст, аммо теъдоди андаки аз феъҳои басит (сода -С.Р.) низ бар хилофи қоида ва ба пайравӣ аз феълҳои мураккаб афзуна мегиранд. Монанди **šīmār** аз сетоки **šmār > hišmāra**

“шумурдан, андешидан” ва **šīkar** “дунбол кард” аз **škar** “дунбол кардан”, **žīyēr** “хонд” аз **žyēr** “хондан” [9, с.85].

Ба масъалаи мазкур забоншинос М.М. Исхаков низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зимни муқоисаи аугмент дар забонҳои суғдӣ ва яғнобӣ таъкид намудааст, ки “аугмент дар забони суғдӣ аз яғнобӣ фарқ мекунад ва яке аз чунин фарқҳо ин истифодаи аугмент дар бархе аз феълҳои содаи суғдӣ мебошад, ки дар забони яғнобӣ ба чашм намерасад [7, с.25].

5. Дар радифи аугментҳои **a** ва **ī** дар забони суғдӣ аугменти **m** ба назар мерасад. Ҳангоми муқоисаи аугменти мазкур дар забони хоразмӣ маълум мегардад, ки дар забони хоразмӣ унсури грамматикии **m** бо бархе аз феълҳои асосашон бо ҳамсадои **n** оғозёбанда ҳамроҳ мешавад. Агар реша бо **n** оғоз ёбад, аугменти **m** пеш аз он омада метавонад. Масалан, феъли замони гузаштаи **mnɣwsn** “ман шунидам”, **mnɣws(y)d** “вай шунид” аз аугменти **m** ва феъли масдарии **nɣwš** “гӯш кардан” сохта мешавад. Дар забони суғдӣ низ аугменти **m** мавҷуд буд, вале он ба нудрат дучор мегардид: **manwaz** “гирдовард” [3, с.25].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки дар сохтани феълҳои замони гузаштаи забони суғдӣ аугмент ҷузъи ҷудоношавандаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Як хусусияти корбурди аугмент дар забони суғдӣ ин аст, ки вобаста ба чӣ гуна анҷом ёфтани ҳиҷо ва дар зери таъсири феълҳои сохта дар баъзе феълҳои сода аугмент дар шакли мухталиф ба назар мерасад, ҳол он ки дар дигар забонҳои эронӣ ин ҳолат мушоҳида намешавад. Инчунин аугменти **ī** барои дигар забонҳои эроние, ки дар сохтори замони гузаштаи феъл ин унсури грамматикиро доранд, бегона мебошад.

Муқарриз: ***Ҳасанзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ,
профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Аугмент. [Манбаи электронӣ] URL: www. wikipedia.org/wiki/ (Санаи мурочиат: 05.03.2018).
2. Аугмент// Лингвистический энциклопедический словарь. [Манбаи электронӣ] URL: http://tapemark.narod.ru/les/052c.html (Санаи мурочиат: 23.04.22).
3. Боғбедӣ Ҳ.Р. Сутраи иллат ва маълули кирдор (мутуни буддоӣ ба забони суғдӣ) / Ҳ.Р. Боғбедӣ. Чопи дувум. - Теҳрон, 1392. - 232 с.
4. Гулакян А.К. К вопросу об аугменте во фригийском, древнегреческом и древнеармянском языках / А.К. Гулакян // Симпозиум античная балканистика (Этногенез народов Балкан и Северного Причерноморья). - М., 1980. –С.16-17.
5. Заршинос З. Забони суғдӣ дар як нигоҳ / З. Заршинос // Номаи порсӣ. - №9 (1). 1383. - Теҳрон, 1383. - С.2-26.
6. Заршинос З. Забони хоразмӣ / З. Заршинос // Номаи фарҳангистон 1\2 URL: [Манбаи электронӣ]. (Санаи мурочиат: 19.08.2019).
7. Исхаков М.М. Глагол в согдийском языке (документы с горы Муг) / М.М. Исхаков. - Ташкент: Фан, 1977. - 240 с.
8. Қариб, Б. Фарҳанги суғдӣ (суғдӣ-форсӣ-инглисӣ) / Б.Қариб. – Теҳрон, 1995. - 567 с.
9. Қариб, Б. Низоми феъл дар забони суғдӣ / Б. Қариб // Мутолиоти суғдӣ (мақолот). Бо кӯшиши М.Шукрӣ. – Теҳрон, 1386. – С.63-113.
10. Лившиц В.А. Согдийский язык / В.А. Лившиц, А.Л. Хромов / /Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. – М.: Наука, 1981. – С.347-511.
11. Лурье П.Б. Согдийские документы из раскопок раннесредневекового Мартшката (Предварительное сообщение) / П.Б. Лурье. [Манбаи электронӣ] URL: https://t.me/ iransogdica/362 (Санаи мурочиат: 16. 01.2022).
12. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
13. Олиҳӣ, М. Баррасии иҷмолии вижагиҳои дастури забони хоразмӣ ва нишонаи он дар забони суғдӣ / М. Олиҳӣ // Паёми бостоншиносӣ. – Теҳрон, 1389. - №11. - С.118-125.
14. Олиҳӣ, М. Корбурди пешвандҳо дар забони суғдӣ ва санҷиши он бо забони яғнобӣ / М. Олиҳӣ // Паёми бостоншиносӣ. – Теҳрон, 1389. - №13. - С.107-116.
15. Опыт историко-типологического исследования иранских языков. В двух томах. Том 1. Фонология. Эволюция морфологического типа. Ответственный редактор В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1975. - 240 с.
16. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. Том 1. – М.: Восточная литература, 2000. - 327 с.
17. Семерень О. Введение в сравнительное языкознание / О. Семерень [Перевод с немецкого Абрамова Б.А]. – М.: Прогресс, 1980. - 406 с.
18. Соколов С.Н. Древнеперсидсий язык / С.Н. Соколов // Основы иранского языкознания (древнеиранские языка). - М.: Наука, 1979. – С.234-270.
19. Соколов С.Н. Язык Авесты / С.Н. Соколов // Основы иранского языкознания (древнеиранские языки). – М.: Наука, 1979. - С.129-231.
20. Фрейман А.А. Согдо-хорезмийские диалектологические отношения (Опыт сравнительной характеристики) / А.А. Фрейман // Советское востоковедение. - М.-Л.: Наук, 1947. - № 4. - С.157-170.
21. Ҳасанов А. Маводи таълимӣ-методӣ аз фанни таърихи забони тоҷикӣ (аҳди бостон ва миёна) / А. Ҳасанов. – Хуҷанд, 2018. – 96 с.
22. Шарипова Ф. Робитаи диалектологии ҷонишинҳои шахсии хоразмӣ, суғдӣ ва олонӣ-осетинӣ / Ф. Шарипова, Ф. Неъматзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. - Душанбе, 2020. - №8. - С.5-10.

23. Эделман Д.И. Некоторые проблемы сравнительно-исторической морфологии иранских языков / Д.И. Эделман // Вопросы языкознания. - М.: Наука, 1988. - №6. - С.45-63.
24. Эдельман Д.И. Хорезмийский язык / Д.И. Эдельман // Основы иранского языкознания. Среднеиранские и новоиранские языкы. – М.: Наука, 2008. - С.6-59.
25. Gharib, B. Analysis of the verbal system in the Sogdian language / B. Gharib. University of Pennsylvania Ph.D. dissertation. - 1965. - 232 с.

ХУСУСИЯТҲОИ КОРБУРДИ АУГМЕНТ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ФЕЪЛИ ЗАБОНИ СУҒДӢ

Дар мақола сухан аз хусусиятҳои истифодаи аугмент дар сохтмони замони гузаштаи феъли забони суғдӣ меравад. Таъкид гардидааст, ки аугмент ҳанӯз дар забон-асоси ҳиндуаврупоӣ мавҷуд буда, минбаъд он дар забони ориёӣ, эронии қадим, авестоӣ, порсии қадим идома ёфтааст. Унсури грамматикии мазкур дар давраи миёнаи инкишофи забонҳои эронӣ, бахусус дар забонҳои шарқии эронӣ- суғдӣ ва хоразмӣ давом кард. Дар забони суғдӣ аугментҳои **a, ī** ва **m** мавҷуд будаанд, ки онҳо бо роҳҳои мухталиф ба ин забон ворид гардидаанд. Муаллиф аз таҳлил ба хулосае омадааст, ки дар сохтани феълҳои замони гузаштаи забони суғдӣ аугмент ҷузъи ҷудоношавандаи онҳо ба ҳисоб меравад ва он дар таркиби феълҳои сода ва сохта омада, хусусиятҳои истифодаи зеринро доро мебошад: 1) ҳангоми пешванд бо садоноки **a** тамом шудан аугменти **a** баъд аз он ояд, дар ин ҳолат аугменти **a** дар шакли **–ā-** зоҳир мешавад; 2) агар пешванд бо садоноки **i** ба анҷом расад ва баъд аз он аугменти **a** ояд, дар натиҷа аугмент дар шакли **–ī-** зоҳир мешавад; 3) ҳангоми бо ҳамсадо ба охир расидани пешванд аугмент **ī** мешавад; 4) одатан феълҳои сода дар замони гузашта бидуни аугмент сохта мешаванд, вале дар зери таъсири феълҳои сохта аугменти **–i-** дар баъзе феълҳои сода дида мешавад; 5) аугменти **m-** дар забони суғдӣ ба нудрат дучор мешавад.

Калидвожаҳо: забони порсии қадим, забонҳои шарқӣ-эронӣ, забони суғдӣ, забони яғнобӣ, замони гузаштаи феъл, пешвандҳои феълӣ, феълҳои сохта, феълҳои сода, аугмент, имперфект.

ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ АРГУМЕНТА В ОБРАЗОВАНИИ ПРОШЕДШЕГО ВРЕМЕНИ ГЛАГОЛА СОГДИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматриваются особенности употребления аргумента в конструкциях прошедшего времени глагола согдийского языка. Отмечено, что аргументация существовала еще в индоевропейском языке, а затем продолжается в арийском, древнеиранском, авестийском, древнеперсидском. Этот грамматический элемент сохранился и в средний период развития иранских языков, особенно в восточноиранских языках — согдийском и хорезмийском. В согдийском языке есть дополнения a, ī и m, которые вводились в язык по-разному. Из анализа автор делает вывод, что в конструкции глаголов прошедшего времени согдийского языка дополнение является составной их частью, состоит из простых и сложных глаголов и имеет следующие особенности употребления: следует, что 1) в данном случае дополнение а появляется в форме –ā; 2) если приставка оканчивается на гласную i и за ней следует приращение a, результатом приращения будет -ī-; 3) увеличивается на конце согласного; 4) простые глаголы обычно образуются в прошедшем времени без приращения, но под влиянием построенных глаголов у некоторых простых глаголов наблюдается augmenti -i-; 5) дополнение m- в согдийском языке встречается редко.

Ключевые слова: древнеперсидский, восточно-иранские языки, согдийский, ягнобский, прошедшее время глаголов, глагольные префиксы, сложные глаголы, простые глаголы, аргумент, имперфект.

PECULIARITIES OF USING THE AUGUMENT IN THE FORMATION OF THE PAST TENSE OF THE VERB OF THE SOGHD LANGUAGE

The article discusses the features of the use of augment in the construction of the past tense of the Sogdian verb. It is noted that augmentation exists in the Indo-European language, and then continues in Aryan, Old Iranian, Avestan, Old Persian. This grammatical element was preserved in the middle period of the development of the Iranian languages, especially in the Eastern Iranian languages - Sogdian and Khorezmian. The Sogdian language has additions a, ī and m, which were introduced into the language in different ways. From the analysis, the author concludes that in the construction of the past tense verbs of the Sogdian language, the object is an integral part of them, consists of simple and complex verbs and has the following usage features: it follows that in this case, the object a appears in the form –ā; 2) if the prefix ends in the vowel i and is followed by the increment a, the result of the increment is -ī-; 3) increased at the end of a consonant; 4) simple verbs are usually formed in the past tense without increment, but under the influence of constructed verbs, augmenti -i- is observed in some simple verbs; 5) the addition m- is rare in the Sogdian language.

Key words: Old Persian, Eastern Iranian languages, Sogdian, Yaghnobi, past tense of verbs, verb prefixes, compound verbs, simple verbs, augment, imperfect.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Самадов Рамазонӣ Саидназарович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторанти Ph.D-и кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: **rahmon.rahim@bk.ru**.
Тел.: **(+992) 92-943-30-90; 00-883-30-90**

Сведения об авторе: ***Самадов Рамазони Саидназарович*** - Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, докторант Ph.D кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, ш. Худжанд, пер. Мавлонбеков 1. E-mail: **rahmon.rahim@bk.ru**.
Тел.: **(+992) 92-943-30-90; 00-883-30-90**

Information about the author: ***Samadov Ramazoni Saidnazarovich*** - Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Ph.D student of the Tajik Language Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, sh. Khujand, trans. Mavlonbekov 1. E-mail: **rahmon.rahim@bk.ru**.
Tel.: **(+992) 92-943-30-90; 00-883-30-90**

УДК: 491.550

КОРБУРДИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ДАР РОМАНИ “ДУВОЗДАҲ ДАРВОЗАИ БУХОРО”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Камолова Б.Б.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Забони зинда сарчашмаи дигари забони миллии тоҷик ба шумор меравад. Забони тоҷикӣ аз осори пурғановати нависандагону шоиронамон сарчашма гирифта, яке аз забонҳои пурғановат ва шева маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, ки пас аз Истиқлолият ҷанбаҳои ҳаматарафаи омӯзишу пажӯҳиши забони тоҷикӣ дучанд гардид. Забони мо бо Истиқлоли ватани мо пайванди ногусастанӣ дорад [15, с.13].

Қайд кардан лозим аст, ки аз асосгузори адабиёти классики тоҷик – Абуабдулло Рӯдакӣ сар карда, то рӯзҳои мо бештарини шоирон ва нависандагони тоҷик забони бойи халқро манбаи асосии забони осори худ қарор дода, аз дурдонаҳои он истифода бурда, забон ва воситаҳои тасвири бадеиро бой ва услуби осори худро суфта ва равон кардаанд. Нависандагони муосири тоҷик ҳам аз забони бою ғании халқ доимо истифода карда, ба бойшавӣ ва инкишофи забони миллии тоҷик ёрӣ мерасонад, ки ин раванд ҳоло давом дорад. Забони адабии тоҷикии ибтидои асри XX дигаргуниҳои азимеро гузаронида, сифатан тағйир ёфта буд [16, с.8].

Шоирону нависандагони тоҷик барои муъҷаз баромадани асарҳои худ аз тамоми воситаҳои забонӣ истифода намудаанд, инчунин аз сифатҳои феълӣ низ.

Масъалаи омӯзишу пажӯҳиши шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, то ҳанӯз миёни донишмандон баҳсҳои доманадорро ба вуҷуд оварда истодааст. Яъне, бархе аз забоншиносон чунин мепиндоранд, ки сифати феълӣ ба гурӯҳи шаклҳои тасрифшаванда дохил мешавад. Масалан, оиди ин масъала забоншинос С.Шербоев чунин ибрози ақида намудааст: “Чунон ки маълум аст, дар адабиёти илмии забоншиносӣ, аз ҷумла ҳам дар забоншиносии рус ва ҳам дар забоншиносии тоҷик феълҳоро дар маҷмуъ ба ду гурӯҳ: тасрифӣ ва тасрифнашаванда ҷудо намуда, ба гурӯҳи тасрифнашаванда масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳолро мансуб донистаанд. Мутаассифона, ҳамин ки назарияҳо, таърифу қоидаҳо ва бархе аз мисолҳои доир ба категорияҳои феълҳои тасрифӣ баррасидашударо дар маъхазҳои забоншиносии тоҷик муоина кунед, манзараҳои ихтилофангез пеши назар меояд, ки зимни хулосабарорӣ намудан аз онҳо ақидаи ба ном тасрифнашаванда будани шаклҳои бахусус, сифати феълӣ ва феъли ҳол шубҳаангез менамояд, яъне дақиқу боварибахш нест [14, с.11].

Корбурди сифатҳои феълӣ дар ашъори адибони классик низ ба чашм мерасад. Оид ба ин масъала муҳаққиқ Муҳаммадиева С. чунин ибрози ақида намудааст: Дар ашъори Сайидо корбурди вожаҳои мураккаби сифатҳои феълӣ низ ба назар мерасанд:

Моли ғ**оратзада** аз ҳакими деҳ бояд ҷуст,
Гургро нест гунаҳ, ҷурми шубон хоҳад буд [9, с.168].

Доир ба категорияи тарз аввалин маротиба ба назарияи забоншиносони антиқа, таҷрибаи донишмандони илми грамматикаи гузашта такя намуда, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор Гулзор» маълумоти муфассал додааст. Ӯ феълҳоро ба тарзи фоилӣ, мафъулӣ ва фоилии бавоситаю бевосита ҷудо намудааст: Навиштан ва задан феъл аст ва шахсе, ки Умарро зад зикри ӯ наёмада: савум феъли лозими он аст, ки фоил он феълро барои худ бикунад ва барои дигарон накунад [6, с.68].

Тарзи феълӣ ҳамчун категорияи махсуси грамматикӣ бо феълҳои мондаву гузаранда ва бавоситаву бевосита алоқаманд буда, муносибати дар феъл аксёфтаи байни фоил ва маъфули амалро ифода мекунад. Бояд ҳаминро иброз намоем, ки сифатҳои феълӣ ҳам дорои ду тарз мебошанд.

1. Ифодаи тарзҳои сифати феълӣ дар роман

Чи тавре ки маълум аст, сифатҳои **феълии гузаранда** амалеро ифода мекунанд, ки ба объект бевосита равона шудааст*:* ***китоб хондагӣ, мактубро навиштагӣ, тамомкунанда, навишта шудагӣ*** ва ғайра [3, с.244].

Мусаллам аст, ки нависандаи машҳури тоҷик Ҷалол Икромӣ асари хешро дар доираи меъёрҳои грамматикаи забони тоҷикӣ навиштааст. Аз тамоми воситаҳои забони дар роман васеъ истифода намуда, бо ин васила забони романро боз ҳам муъҷазтар гардонидааст. Корбурди сифатҳои феълӣ низ дар роман хеле зиёд ба назар мерасанд. Аз ин лиҳоз, дар романи хеш "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" сифатҳои феълиро низ бағоят васеъ истифода намудааст.

Аз харбузаҳои барои худашон ***ҷудокардамондагӣ*** *ягтаашро гирифта бурид ва се коса кард, баъд Миракро бедор кард [14, с.52].*

Дар пояш як мӯзаи нӯкборики кампошнаи ***даридагӣ,*** *эзорпочаҳои карбоси рангаш номаълум, ё сафеди чиркиншуда аз болои соқи кӯтоҳи мӯза овезон, дар танаш аз болои куртаи гиребонпаҳни карбос, яктаи уламӣ, бо миёнбанд аз миёнаш* ***басташудагӣ*** *дар сараш калапӯши бахмали сиёҳи рангаш паридагӣ [14, с.53].*

Ҳа, Ҳайдарқуламакро дидам... Либосҳои аскарӣ ***пӯшидагӣ*** *[14, с. 68].*

Мирак хари худро дар беруни дарвоза, ба рӯ ба рӯйи посбонҳо баста монду ба пеши падараш омад, баъд падару писар якҷоя ба қаравулхона даромаданд, ки ***рӯфташудагӣ*** *[14, с.76].*

Ҳушёр нашавем, ***намешудагӣ*** *барин амак [14, с.760].*

Ба инқилоб хизмат карда, кулӯчачолвор пӯшидааст ва шояд ба воситаи Ҳайдарқул ба ин ҷою ба тафтиш кардани одамҳои аз шаҳр мебаромадагӣ ва ба шаҳр ***медаромадагӣ*** *таъин шуда бошад [14, с.79].*

Ҳозир кӯчаҳо ҳамон аввалинкӣ барин, ана ҳамон кӯчаи калобод, ҳавлиҳо, гӯё ҳама барҷо, фақат баъзе деворҳо ***афтодагӣ****... [14, с.85].*

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки сифатҳои феълӣ ба мисли феъл ҳам монда ва ҳам гузаранда мешаванд. Бояд ҳаминро иброз намоем, ки мавқеи сифатҳои феълии монда низ дар роман бағоят калон аст.

Сифатҳои **феълии монда** амалу ҳолатеро ҳамчун аломати субъект мефаҳмонанд (***раванда, дурахшанда, баромада, шукуфтагӣ, меомадагӣ, тулуъ кардаистода, гузашта истодагӣ, рафтанӣ)*** ва ғайра. Хусусияти гузаранда ва монда доштани сифатҳои феълӣ ба ифодаи категорияи тарзҳои феъл низ вобаста аст. Ин навъи сифатҳои феълӣ низ дар роман хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд:

*Дар натиҷаи ин гуфтушунид ба вагонҳо бисёре мардум, асбобу анҷом, пулу тиллои давлатӣ, дафтару васиқаю қоғазҳо, хӯрокворӣ бор карда ва дар чандин о****бкашонӣ*** *об гирифтанд [14, с.31].*

Гарчанде ибораи *"обкашонӣ"* дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст ва танҳо маънои *"овардани об аз як ҷой ба ҷойи дигар"*-ро ифода менамояд, аммо ин калима дар забони тоҷикӣ метавонад ба маънои дигар низ корбаст шавад. Масалан, дар луғати "Чароғи ҳидоят" ***об кашидан*** ба маънои май кашидан омадааст [11, с.11].

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки мавқеи сифати феълии "*баромада*" дар роман бениҳоят калон аст, ки инро дар ҷумлаҳои зерин дида метавонем:

Лекин аввал даст ба ҳам задани ду паҳлавон маълум кард, асп ҳанӯз хеле дур аст ва ба болои он ***баромада*** *сувор шудан чандон осон набудагӣ барин... [14, с.47].*

Маълум шуда меистод, ки Ҳайдарқул ҳуҷумҳои ӯро бартараф карда истода , худаш барои афтидани вай ҳаракати ҷиддӣ намекунад [14, с.47].

Фирӯза, ки рӯймоли шолро бар китф гирифта аз қафои Асо ***баромада*** *буд, оҳиста гуфт [14, с.223].*

Ногаҳон бисёр сахт тақ- тақ зада шудани дарвозаи берун якбора ҳам Асо, ҳам Фирӯзаро аз хоб бедор кард [14, с.223].

-Аз чека мегӯяд,- гуфт Асо, - ***баромада*** *хабар гирам [14, с.221].*

Ягон кор ***баромада*** *мондагист [14, с.223].*

Бо мисолҳои зерини овардашуда мо собит намудем, ки бо сифати феълии "б*аромада*" нависанда Ҷалол Икромӣ ҷумлаҳои хеле зиёд сохтааст.

Хонандагони тоҷик барои услуби содаро интихоб намудани нависанда роману ҳикояҳои навиштаашро аз сидқи дил пазируфтанд. Ба мисли дигар ҳиссаҳои нутқ феъл ва шаклҳои тасрифнашавандаи онро, аз ҷумла сифатҳои феълии содаро беҳад зиёд дар романи "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" истифода намудааст:

*Агар милтиқпаронӣ аз як ҷо ба боло-болои **ҳам шуда** монад, он гоҳ милитсия аспакӣ **расида** меоянд [14, с.223].*

***Санҷида дида** баъд контрӯл кардан лозим буд [14, с.207].*

*Оқчурин дар нутқи худ гуфт, ки халқи Бухоро бо роҳи интернатсионалӣ пеш **рафта,** муносибат ва дӯстии худро бо халқҳои ҳамсоя мустаҳкамтар мекунад, хусусан бо Россияи шӯравӣ ва Туркистон **бевосита** алоқа баста, бо ҳам кор мекунанд [14, с.207].*

*Занаш чӣ тавр хушбахт бошад,- **гуфта** Ҳамроҳхон аз дил гузаронд [14, с.208].*

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки категорияи тарз дар сифатҳои феълии романи Ҷалол Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” баръало намоён аст.

2.Ифодаи замонҳои сифати феълӣ дар роман

Чи тавре ки маълум аст, категорияи замон дар феълҳои забони тоҷикӣ маъмул аст. Сифатҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ ба мисли феъл се замон доранд: замони ҳозира, гузашта ва оянда. Категорияи замон ҳамчун хусусияти барҷастаи сифати феълиро ҳамеша дар доираи феъл нигоҳ медорад. Инчунин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки сифатҳои феълӣ дар ҳамаи замонҳо ба вазифаи муайянкунанда меоянд [4, с.257].

Шакли сифати феълии замони ҳозира дар замони ҳозира воқеъ гардидани амалу ҳолатро мефаҳмонад. Дар забони тоҷикӣ категорияи замон яке аз хусусиятҳои барҷастаи феълии он мебошад. Оид ба ин забоншинос И. Мошеев чунин ибрози ақида намудааст. Хусусиятҳои барҷастаи феъл тарз, намуд ва замонро сифатҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ ба мисли забони русӣ доро мебошанд [8, с.168].

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки нависанда тавонистааст ҳама замонҳои сифатҳои феълиро дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” истифода намояд. Забон ва услуби устод Ҷалол Икромӣ дар ҳар як давраи муайяни эҷодӣ хусусияти ба худ хос дорад. Аз ин ҷост, ки эҷодиёти нависанда аз романи “Духтари оташ” то “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” ба дараҷаҳои инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик вобастагиҳои ҷудонашаванда дорад. Бештар нависанда ҷумлаҳои содаро мавриди истифода қарор додааст. Ҳангоми кор фармудани ҷумлаҳои сода гӯянда дар хусуси ҳодисае, факте хабар медиҳад [5, с.3].

Замонҳои сифати феълӣ як маъною муҳтавои муайянро мефаҳмонанд. Масалан, феъли замони ҳозира амали ба сомон нарасидаро ифода менамояд. Сифати феълии замони ҳозира низ чунин маъноро доро мебошад. Чи тавре ки Б. Сиёев қайд намудааст: «ҳамон навъе, ки маълум аст, тарзи сохташавии асоси замони ҳозира дар забони қадимаи эронӣ гуногун аст. Ин гуногунӣ бошад дар навбати худ вазифаи ҷиддӣ дошта, аслан ба хели феълҳо вобста мебошад. Масалан, дар забони авестоӣ зиёда аз сӣ хели феълҳо мавҷуд аст, ки аз онҳо асоси замони ҳозира сохтан мумкин аст. Дар забони қадимаи форсӣ-тоҷик бошад, понздаҳ феълҳо, ки аз онҳо асоси замони ҳозира сохта мешавад, дучор мешаванд” [10,с.15].

Дар забони тоҷикӣ дар ифода намудани замонҳои сифати феълӣ мавқеи вандҳо хеле калон аст. Ин шакл бештар хусусият ва ё амали доимии предметро дар замони ҳозира нишон медиҳад. Бо ин навъи сифатҳои феълӣ мо бештар дар ҷумлаҳои навиштаи устод Ҷалол Икромӣ дар романи“ Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” рӯ ба рӯ мешавем:

*Ҳукумат мекунад, **дониста** мекунад [14, с.349].*

*Агар бо мо **дониста** муомила кунад ман гуломаш мешавам [14, с.349].*

*Асад махсум бебокона **нигоҳ карда**, ҳаст раис, гуфт [14, с.345].*

*Салим Паҳлавон ӯро **дида истода**, салом доду аҳволи саломатиашро пурсид [14, с.344].*

Фирӯза дар даст қалам нишаста ба фикр фурӯ рафта буд [14, с.95].

Устод Ҷалол Икромӣ на танҳо романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”, на танҳо сифатҳои феълиро моҳирона дар мавридҳои лозимӣ истифода намудааст, инчунин дар интихоби калимаҳои иқтибосӣ низ маҳорати забондонии худро нишон додааст. Масалан, калимаи “қалам” ро, ки аз забони арабӣ иқтибос шудааст, истифода намудааст. Устод Айнӣ ин калимаро чунин шарҳ додааст: "Қалам -олоте, ки бо вай хат нависанд" [1, с.510].

Ба соданависӣ, аслан Ҷалол Икромӣ ба устод Садриддин Айнӣ такя намудааст. Муҳаққиқ Ҳ. Ҳусейнов дар китоби “Забон ва услуби “Одина”- и Садриддин Айнӣ оид ба ин масъала чунин ақидаронӣ намудааст: Агар бо мутолеаи “ Одина” Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Баҳриддин Азизӣ, Раҳим Ҷалил барин нависандагон услуби муайяни худро ёфта бошанд, пас аз мутолиаи “Дохунда” онҳо забону услуби худро ба таври васеъ такмил додаанд ва даҳҳо нависандагони ҷавон ҳам аз ин ғизои лаззатноки

руҳӣ баҳра бурда, дар арсаи эҷод баҳодурона қадам гузошта рафтаанд” [12, с.8]. Ҷумлаҳои овардаи нависанда хеле сода буда, ба ҳама фаҳмо мебошанд:

Чӣ шуд, ки ин қадар монда шудед [14, с.343].

Замин кафаду вай даромада равад [14, с.342].

Кораш бисёр!- гуфт ба духтараш ***тасалло доданӣ шуда*** *кампир [14, с.341].*

Дар ин кӯча дили ҳар як ***гузаранда*** *меларзад [14, с.338].*

Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ сифатҳои феълии замони ҳозира дорои ҳам тарзи гузаранда (***донанда, фаҳманда, кашонанда, коркунанда, зинатдиҳанда)*** ва тарзи монда ***(ҷаҳанда, расанда, коркунанда, боранда, ҳаракаткунанда)*** мешаванд. Сифатҳои феълии замони ҳозираи гузаранда амалеро ифода мекунанд, ки бевосита ба объект равона мешавад:

Бародарони азиз! Ман аз ҷиҳати синну сол ба ин вазифа чандон муносиб набошам ҳам, Кумитаи Марказӣ ҳаминро лозим донист ва ман ***не гуфта*** *натавониста қабул кардам [14, с.347].*

Наим ҳайрон ***шуда истодааст*** *[14, с.66].*

Сифати феълии замони ҳозираи монда, одатан, амалу холат ва ҳаракати фоилро ифода мекунад ва пуркунандаи бевосита намегирад:

Наими Талх дигар гапе назаду ба ин воқеаҳои ***гузаранда*** *аҳамият надод [14, с.65].*

Ба ин шахси ***ёридиҳанда*** *ӯ бо тааҷҷуб менигарист [14, с.66].*

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки дар забони тоҷикӣ сифати феълии “шунаванда”, асосан, ҳамчун исм корбаст мешавад. Як хусусияти ифоданоки ёридиҳандаи “шудан” феълҳои монда сохтани он аст. Дар забони тоҷикӣ сифатҳои феълии замони ҳозира ду тарз доранд: тарзи фоил ва тарзи мафъул.

Сифатҳои феълии замони ҳозираи тарзи фоил фақат бо амали гузаранда ифода мешаванд ва одатан ба объект бевосита равона мегарданд: *Саидпаҳлавон аз ин ҳолати* ***дилгиркунанда*** *ба хиҷолат афтода буд [14, с.45].*

Мусаллам аст, ки дар баъзе мавридҳо сифатҳои феълии тарзи фоил бо феълҳои монда низ ифода мешаванд. Дар ин ҳолат онҳо амалу холат ва ё ҳаракатеро чун аломати субъект фаҳмонда, пуркунандаи бевосита намегиранд:

Шахси аз дар ***бароянда*** *як каси қадпаст буд [14, с.46].*

Саидпаҳлавон ҷавони ба хона ***дарояндаро*** *ношинохта монд [14, с.75].*

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар забони тоҷикӣ сифатҳои феълии замони ҳозираи тарзи мафъул аз феълҳои гузаранда ба воситаи феъли ёридиҳандаи «шудан» сохта мешаванд:

Илова бар ин, сифатҳои феълии замони ҳозираи таркибии номӣ низ бо феълҳои ёридиҳандаи «шудан» тарзи мафъулро ифода мекунанд:

Барои рухсат гирифтан далели ба Фирӯза ***маъқулшавандае*** *надоштам [14, с.309].*

Боиси зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ сифатҳои феълии замони ҳозираи сода, одатан, шакли инкорӣ намегиранд. Фақат дар шакли мураккаби тарзи мафъул ҷузъи ёридиҳандаи он, ки феъл аст, префикси **на-** қабул мекунад: фаромӯшнашаванда, маъқулнашаванда ва ғайра.

Сифатҳои феълие, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ ба воситаи пасванди **-анда** сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: *судшаванда, нишондиҳанда, айбдоршаванда, овоздиҳанда, амалкунанда, иҷрокунанд*а ва ғайра.

Бо ҳамин рафтораш Карим ҳам ба қатори одамҳои рафторашон ҳеҷ ***фаромӯшнашаванда*** *дохил шуд [14, с.308].*

Сифатҳои феълии замони ҳозира хосияти вобастакунии феълӣ доранд.

Онҳо монанди феълҳо калимаҳои дигарро ба худ вобаста намуда, ибораҳои сифати феълии замони ҳозира месозанд:

Саидпаҳлавонро дар ҷойи дигар ҳамчун паҳлавони тез -тез ба майдон ***бароянда*** *мешинохтанд [14, с.315].*

Сифатҳои феълии замони ҳозираи гузаранда пуркунандаҳои бевоситаро тобеъ намуда, яке аз хусусиятхои барҷастаи феълии худро нигоҳ медоранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин шакл дар забони адабии ҳозираи тоҷик серистеъмолтар гардидааст. Сифатҳои феълии замони ҳозира дар роман хеле зиёд ба чашм мерасанд.

Боиси зикр аст, ки ба мисли феъл ин шакли тасрифнашавандаи феъл замони гузаштаро низ инъикос менамояд.

Дар забони тоҷикӣ сифати феълии замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феълҳо сохта мешавад. Ин навъи сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ дорои ду шакл мебошад. Шакли якуми сифати феълии замони гузашта бо ҳамроҳ кардани суффикси **-а** сохта мешавад: ***омада, навишта, баромада, тамомкарда, тобеъшуда, хонда*** баромада ва монанди инҳо. Шакли дуюми сифати феълии замони гузашта аз шакли якуми он бо ҳамроҳ кардани суффикси **-гӣ** сохта мешавад: ***омада-омадагӣ, навишта-навиштагӣ, тобеъшуда-тобеъшудагӣ, хонда баромада-хонда баромадагӣ*** ва монанди инҳо.

Забоншинос С. Шербоев қайд намудааст, ки сифати феълии замони гузашта, аслан бо пасванди **-гӣ** сохта мешавад [14, с.17].

Бояд ҳаминро ба инобат гирем, ки шакли замонӣ дар сифати феълии замони гузашта нисбат ба сифати феълии замони ҳозира равшантар зоҳир мегардад. Сифати феълии замони гузашта, одатан амал ва ҳолати пеш аз замони хабари ҷумла воқеъгардидаро нишон медиҳад:

*Махсум вақтҳои охир каме **монда** шудагӣ барин [14, с.341].*

Сифати феълии замони гузашта намуди мутлақро ифода мекунад. *Кампир ӯро ба Худо супорида баромада ба хонаи дигар рафт [14, с.341).*

*Махсум вақтҳои охир каммеҳр шуда **мондагӣ** [14, с.341].*

*Да дили Ҳайдарқул як насими форам **вазидагӣ** барин [14, с.334].*

*Аз таъсири ин насим қадаре **чок шудагӣ** барин [14, с.334].*

*Фирӯза ба маънои шеъру рамзи Оймуллои худ **пай бурда** сар хам кард [14, с.333].*

*Ошшаю модарашро ба ҳамин **овардагӣ** одам. Калонҳои иҷроияро бозӣ доронда метавонад [14, с.329].*

*Тамом бовар кунондааст, ки Карим **кушта шудагӣ** [14, с.329].*

*Ҳамаи суханони бо ӯ арзанда **гуфта шудагӣ** [14, с.325].*

*Аввал ҳама хомӯш буданд, баъд як ду кас чапак зада монд, маълум шуд, ки Ҳакимов даст **бардоштагӣ** [14, с.324].*

*Тарафи ҳарам, ки тамоман сӯхта, хароб гашта буд, тахта зада **монда шудагӣ** буд [14, с.314].*

*Бале супориш ҳамин тавр **шудагӣ** [14, с.314].*

*Хурдтарин кораш ҳамин, ки Асоҷони ман якбора оварда, ҳабс **карда мондагӣ** [14, с.306].*

*Асад Махсум, хусусан пас аз маҷлиси имрӯза бо ӯ қаҳриву нилӣ **шуда монд** [14, с.338].*

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки сифатҳои феълии замони гузашта дар ибораҳои халқии забони тоҷикӣ низ хеле зиёд ба назар мерасанд: *Сел **шуста рафтагӣ** барин орому соқит .*

Илова бар ин, дар забони тоҷикӣ дар аксари мавридҳо барои таъкиди амалу ҳолати мутлақ ба аввали баъзе сифатҳои феълии замони гузашта префикси феълии **би-** ҳамроҳ мешавад. Ин намуди сифатҳои феълӣ бештар дар назм истифода мешаванд :

*Гули **бишкуфта**и рӯи ту баҳори дили ман* (Ҳ. Юсуфӣ).

***Бишкуфта** гуле ба богу бустон,*

Кишвар зи рухи шумост шодон (Шарқи сурх).

Дар бисёри мавридҳо сифати феълии замони гузаштаи намуди мутлақ ба воситаи феълҳои ёридиҳанда низ ифода мешавад, ки дар ин маврид мутлақи амал боз ҳам равшантар мегардад:

*Заминҳои сел **шуста бурдаро** вайрон карда гирифтанд [14, с.77].*

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки ба қатори сифатҳои феълии замони гузаштаи гузаранда калимаҳои ***партофта, навишта, дидагӣ, вобаста кардагӣ, пешвоз кардагӣ ва*** ба сифатҳои феълии замони гузаштаи монда калимаҳои ***хандида, омада, баромадагӣ, хобида, боридагӣ, нишастагӣ, рӯй додагиро*** ворид карда метавонем.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки сифатҳои феълии замони гузаштаи гузаранда, одатан, амалеро ифода мекунанд, ки ба пуркунандаи бевосита равона мешавад. Ин навъи сифатҳои феълиро на танҳо Ҷалол Икромӣ, балки дигар шоирону нависандагон дар осори пургановати хеш васеъ истифода бурдаанд, ки мисолҳои зерин далели ин гуфтаҳост:

Баъзе кампирони ҳанӯз фаранҷиашонро ***напартофтагӣ дар*** *хонаи дигар ҷой гирифтанд* (Ҳаким Карим).

Сифатҳои феълии замони гузаштаи монда фақат амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект мефаҳмонанд ва ба объект бевосита намегузаранд:

Қатраҳои оби ба даруни гӯшаш ***даромада ва*** *ба ёлу думаш* ***часпидаро*** *аз худ дур карда сокиту ором истод* (С.Айнӣ). *Аз чор каси дар ин ҷо* ***нишастагӣ*** *фақат як нафар либоси маҳаллӣ дошт* (Раҳим Ҷалил).

Сифатҳои феълии замони гузаштаи монда ба воситаи суффикси **-он** ба гузаранда бадал мешаванд:

Аз чойники бо рӯймол ***печондагӣ*** *як пиёла чойи ширгарм кашида ба ӯ дароз кардам [14, с.308].*

Агар сифатҳои феълии замони гузаштаи гузаранда суффикси **-он** гиранд, сифатҳои феълии гузарандаи бавосита ба амал меоянд: **шунавонда, фаҳмондагӣ пӯшондагӣ, нависондагӣ** ва ғайра**.**

Либосҳои нав ***пӯшондагӣ,*** *мисли домод росту орост кардагӣ [14, с.308].*

Либосҳои он аз пӯстлохҳои хушкидаи дарахтон, аз баргҳои хазонгардидаи гулҳо, аз пояҳои дар натиҷаи беобӣ ва касалӣ ба ҳосил надаромада монанди коҳ хушк ва ***зардшудаи*** *гандум ва дигар набобот дӯхта шудаанд (М.Турсунзода). Бо гарм шудани ҳаво пахтаҳои* ***таршуда*** *ҳам гарм шудан гирифтанд (С.Айнӣ). Мақсад ангуштарини* ***гумшудаи*** *худро аз огилхона ёфта гирифт.*

Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ сифати феълии замони гузашта хусусияти вобастакунии феълии худро нигоҳ медорад ва иборaҳои сифати феълӣ месозад. Ин хусусияти онҳо махсусан, ҳангоми тобеъ намудани объекти бевосита барҷаста зоҳир мешавад: *Ҷавони ҳамаро дар ҳайрат* ***гузоштагӣ*** *ҳамин аст? [14, с.342].*

Ба ҷойи ҷавоб Фирӯза ангушти ба кадом санге ***зада*** *хуншоршудаашро нишон дод [14, с.264].*

Меҳмони ба ҳама ***маъқулшудагӣ*** *ба ман ношинос метофт [14, с.345].*

Агар пештар ҳар дӯстдории Асад Махсум ӯро болу пар дода, дар осмони фахру саодат сайр мекунонида бошад, ҳоло баръакс, вай дар ин дӯстдориҳо оҳанги дурӯғ ва фиребро ҳис ***мекардагӣ шуда монда*** *буд [14, с.342].*

Охир ҳамин Асад Махсум набуд, ки Каримро босмачиҳо куштанд, нобуд карданд, ***гуфта бу****д?! [14, с.342].*

Ҳангоми таҳлили мавод ба мо муяссар гашт собит намоем, ки мавқеи сифатҳои феълии замони гузашта дар асар бағоят калон буда, тавассути истифодабарии ин гурӯҳи сифатҳои феълӣ устод Ҷалол Икромӣ тавонистааст ба забону услуби романи худ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” боз як ҷозибияту таровати дигар зам намояд.

Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ сифати феълии замони ҳозира-оянда аз шакли дуюми сифати феълии замони гузашта бо ҳамроҳ кардани префикси **ме-** сохта мешавад: ***меомадагӣ, мерафтагӣ, мехондагӣ, ҳал мешудагӣ, хонда мебаромадагӣ*** ва монанди инҳо. Забоншиносон С.Арзуманов ва А.Сангинова қайд менамоянд, ки сифатҳои феълии замони ҳозира дар забони тоҷикӣ бо ҳамроҳ намудани пешванди **ме-** ба сифати феълии замони гузашта сохта мешаванд [2, с.212].

Бояд гуфт, ки қоида ва ё маълумоти назариявӣ доир ба тарзи ташаккулёбии сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда, ки аз шакли дуюми сифати феълии замони гузашта (рафтагӣ, хондагӣ, пурсидагӣ) бо иловаи префикс (пешванди)- и **ме-** сохта мешаванд, бо пешниҳоди мисолҳои мувофиқ дастрас гардидаанд, аммо доир ба мавзуи мазкур ҳамагӣ як машқ дар китоби “Забони тоҷикӣ” (барои синфҳои 5) дода шудааст [4, с.38].

Аз ин бармеояд, ки гарчанде мавзуи мазкур каме душвор аст, аммо баррасии он ҳамаҷониба ҳангоми омӯзонидани сифатҳои феълӣ ба роҳ монда нашудааст. Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда дар замони оянда воқеъ гардидани амалу ҳолатро ифода мекунанд, ки ин навъи сифатҳои феълиро низ устод Ҷалол Икромӣ дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” хеле зиёд истифода намудааст:

Шумо хуб маслиҳат карда, нақшаи корҳои баъд аз ин ***мекардагиатонро*** *созед [3, с.42].*

Дар ин ҷумла сифати феълии “*мекардагиатон*” ба сифатҳои феълии замони-ҳозира оянда мансуб буда, ҷумларо боз ҳам пурратар гардонидааст.

Ин суханҳоро вай дар суҳбатҳои ба коргарон ***мекардагиашон*** *истифода менамояд [14, с.212].*

Сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда амали доимии предметҳоро дар замони ҳозира ҳам нишон медиҳанд. Дар баъзе мавридҳо Ҷалол Икромӣ тавонистааст, барои тасвири воқеаву ҳодисаҳои замони худ дар роман такрор омадани сифати феълиро дар як ҷумла нишон диҳад, ки ин ба забони асар боз як хусусияти дигар зам менамояд:

Вай дар ин бора ба модараш шикоят ***мекардагӣ, арз мекардагӣ*** *шуда, норозӣ буд [14, с.342].*

Ба дили Ҳайдарқул як насими форам ***мевазидагӣ*** *барин шуд, кор мекардагӣ, мақолаҳо* ***нависонда,*** *таҳриру тайёр карда мефиристад [14, с.334]. Фирӯза куртаи аз ҳама дӯст* ***медоштагиашро*** *ба бар кард [14, с.334].*

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки сифати феълии замони ҳозира-оянда дар замони оянда тобишҳои азму заруриятро низ мефаҳмонад, ки ин хусусияти сифатҳои феълиро низ нависанда ҳангоми навиштани роман ба инобат гирифта тавонистааст:

Ҳайдарқул ба ҳавлӣ даромаду дари хонаро кушода лампаи даҳумро, ки дар тоқи хона буд, афрӯхт ва як нафаси осуда кашида ба хона назар ***меандохтагӣ шуд*** *[14, с.339].*

Охир, Карим ӯро аз ҷонаш ҳам зиёдтар дӯст медошт, бо вай аҳду паймон карда буд! Замин кафаду вай даромада равад! [14, с.341].

*-Мо чӣ мегуфтем, - гуфт Орзуқул. –Ҳар чӣ ки Ҳукумат мекунад****, дониста*** *мекунад [14, с.349].*

Лекин ба назди ман комиссар шуда омадани ин кас зарур бошад? [14, с.348].

Чи тавре ки маълум аст, сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда гузаранда низ шуда метавонанд. Калимаҳои ***медонистагӣ, мededагӣ, мешинохтагӣ, мегуфтагӣ, мегирифтагӣ*** ба гурӯҳи сифатҳои гузаранда дохил мешаванд. Сифатҳои феълии замони ҳозира-ояндаи монда низ дар забони тоҷикӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, калимаҳои ***мерафтагӣ, меомадагӣ, намегунҷидагӣ, мерасидагӣ, ақиб мемондагӣ*** ба он гурӯҳ дохил мешаванд. Шаклҳои гузаранда амали бевосита ба объект равонашавандаро мефаҳмонанд: *Мумкин он урфу одатҳои занро каниз, мардро* ***гулом мекардагӣ*** *аз миён бардошта шавад* (Ҳаким Карим). *Он доруи одамро* ***хароб мекардагӣ*** *дар дорухона дигар фурӯхта нашавад.*

Шаклҳои монда амалу холатро хамчун аломати субъект ифода мекунанд ва пуркунандаи бевосита намегиранд: *Роҳҳои оҳани аз қаламраваш* ***мегузаштагиро*** *вайрон карда, ба сурати ваҳшиёна ва хоинона коргарони роҳи оҳанро бо зану бачаҳояш кушт* (С.Айнӣ).

Корбурди сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”- и Ҷалол Икромӣ хеле зиёд ба назар мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар забони тоҷикӣ сифати феълии замони ҳозираи муайян низ вуҷуд дорад, ки он аз шакли якуми сифати феълии замони гузаштаи феъли асосӣ ва сифати феълии гузаштаи феъли ёридиҳандаи «истодан» сохта мешавад: *омада истода, хонда истодагӣ, рафта истодагӣ, тулуъ карда истода* ва монанди инҳо.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар забони тоҷикӣ сифати феълии замони ҳозираи муайян низ ду шакл дорад: а) шакли якум бо илова кардани суффикси **–а** сохта мешавад: *машинаи омада истода, бачагони гӯш карда истода ва монанди онҳо;* б) шакли дуюм бошад бо илова кардани пасванди **–гӣ** сохта мешавад: машинаи омада истодагӣ, шогирдони хонда истодагӣ ва монанди онҳо.

Мавриди зикр аст, ки сифати феълии замони ҳозираи муайян дар ҳамин ҳангом воқеъ шуда истодани амалу ҳолатро ифода менамояд ва бо феъл-хабари ҷумла дар як замон воқеъ мешавад: *Гардани дарози асп синаи* ***ҳаросидаистодаи*** *ин ҷанговари пуркорро панаҳ кард*. Сифатҳои феълии замони гузашта бо феълҳои ёридиҳандаи «***гаштан», «истодан», «нишастан», «хобидан»*** амали бо феълҳои тасрифӣ дар як замон воқеъшавандаро низ ифода карда метавонанд. Ин ҳодиса бештар хусусияти гуфтугӯӣ дошта, дар нутқи мардуми маҳаллӣ ва дар роману повестҳои нависандагон бештар истифода шудааст:

Набошад, гап тамом! – гуфт Оқчурин. – Аз ҳозир ***сар карда****, рафиқ Ҳайдарқул комиссари шумо мешавад [14, с.350].*

Шумо, рафиқ Ҳайдарқул корҳои ба ***роҳ монда шудагиро,*** *ба Кумитаи Марказӣ маълум мекунеду ҳар чӣ ки лозим бошад, ёфта медиҳем ва ҳар камбудие, ки бошад, ба ислоҳаш мекӯшем [14, с.350].*

Пас аз соате насими фораме вазида абрҳоро пора мекард ва дар осмон ситораҳои дурахшон пайдо мешуданд, ки дар субҳ бо нахустин шуои заррини офтоб ***парвоз карда мерафтагӣ*** *буд... [14, с.350].*

Илова бар ин, шаклҳои сифатҳои феълии замони гузаштаи феълҳои ***«истодан», «гаштан», «нишастан», «хобидан» ва «доштан»*** зоҳиран гузашта бошанд ҳам, замони ҳозираро мефаҳмонанд ва амали бо хабар дар як замон воқеъгардидаро ифода мекунанд: *ҳо, ҳамон ҷавони дар гӯшаи хона* ***нишастагӣ*** *набераи ман аст [2, с.212].*

Оқчурин, ки марди қоқинаи қадбаланд ва гандумгун, чашму абрӯсиёҳ, бо мӯйҳои гӯлии мошу биринҷ аз ҷо бархост ва шинели худро кашида ***мондантӣ*** *шуд [14, с.346].*

-Миқдорашонро камтар ***карда*** *нишон додагиро месанҷед лозим [14, с.345].*

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни гузаранда амалеро мефаҳмонанд, ки ба объект бевосита равона мешавад: *Мӯйсафед ба ин кор муносиб набуд. Ҳам худаш азоб мекашид, ҳам корҳо* ***расво шуда истода*** *буданд [14, с.334].*

Метарсам, ки ҳамин хел қуввaҳои аксии инқилобро ба атрофаш ***гункардаистода****, як рӯз ба сари худи мо ҳуҷум сар накунанд?! [14, с.333].*

Фирӯза ба маънои шеъру рамзи Оймуллои худ пай бурда сар хам ***карда истода*** *гуфт [14, с.333].*

Мусаллам аст, ки сифатҳои феълии замони ҳозираи муайяни монда фақат амалу ҳолат ё ҳаракати субъектро ифода мекунанд ва пуркунандаи бевоситаро гирифта наметавонанд. Ин ҷиҳати корро ба инобат гирифта, чунин сифатҳои феълиро дигар нависандагону шоирони тоҷик дар осори пурғановати хеш хеле зиёд мавриди истифода қарор додаанд:

Сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян хосияти вобастакунии феълии худро нигоҳ медоранд ва ибораҳои сифати феълии замони ҳозираи муайян месозанд.

Дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” сифатҳои феълии замони ҳозираи муайян назар ба дигар намуди сифатҳои феълӣ камтар ба назар мерасанд.

Чи тавре ки маълум аст, дар забони тоҷикӣ сифати феълии замони оянда бо ҳамроҳ кардани суффикси **-и** ба шакли тасрифнашавандаи феъл - масдар сохта мешавад: *хӯрдани, гуфтани, шунидани, кардани, гирифтани, супоридани, омадани, хондани, хӯрдани, сарф кардани, гуфтани в*а монанди инҳо. Ин шакли сифати феълӣ дар замони оянда воқеъ гардидани амал ва ҳолатро мефаҳмонад:

Корҳои ҳафтаи оянда ***карда шуданиро*** *ба ӯ супориш медиҳам [14, с.330].*

Дар ин ҷумла сифати феълии замони ояндаи “**карда шуданӣ”** дар оянда ба вуқӯъ омадани амалро мефаҳмонад.

Ин мардак, ки дар дунё ба гайр аз манфиати инқилоб ва галабаи он, ба гайр аз несту нобуд ***карда шуданӣ*** *дунёи зулму фасод дигар мақсаде надорад, чаро аз кор меравам мегӯяд [14, с.330].*

Ҳамаи корҳоро бо машина, бо электрик ***кардантӣ*** *аст [14, с.330].*

Сифати феълии замони оянда амалу хусусияти доимии предметро низ мефаҳмонад: *Даромади аз ин* ***роҳ шуданӣ*** *ба ҳамин асп намерасад (С.Айнӣ).*

Таҳлилу тадқиқи мавзӯи интихобшуда «Мавқеи сифати феълӣ дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”-и Ҷалол Икромӣ моро водор сохт муайян созем, ки мавқеи сифатҳои феълӣ дар ин асар бениҳоят калон буда, нависанда тавассути истифодабарии он забони асарро боз ҳам ғановатмандтар гардонидааст. Забони асарҳои шоирону нависандагон хеле ҷолибу диққатҷалбкунанда буда, яке аз дигаре ба куллӣ фарқ дорад.

Ҳангоми таҳлили мавод маълум гардид, ки Ҷалол Икромӣ мувофиқи такомулоти забони адабӣ то дараҷае аз истеъмол намудани шаклҳои куҳнаи грамматикӣ худдорӣ намуда, кӯшиш мекунад, ки шаклҳои умумишавандаи феълҳо ба нормаи умумии забони адабӣ дохил гарданд. Нависанда ин мақсади худро, пеш аз ҳама, дар забони ин асари худ дар амал татбиқ намудааст.

Устод Ҷалол Икромӣ хусусиятҳои ифоданокии сифатҳои феълиро ба маънои лексикӣ, морфемаҳо, бандакҳои хабарӣ, ёридиҳандаҳои феълӣ, алоқаи синтаксисӣ вобаста намуда, дар ҳамин асос ифодаҳоро пурэҳсос ва ҷозибанок гардонидааст. Аз ин ҷост, ки объекти тасвир дар назари хонанда ҳамчун амалу ҳолат, факту рақам ва предметҳои муайяну муқаррарӣ дар ҷараёни ҳаракат буда, хусусиятҳои хос ва ифодаҳоро намудор мегардонад.

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ.12. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 560 с.
2. Арзуманов С. Забони тоҷикӣ / С. Арзуманов, А. Сангинова. - Душанбе, 1988. - 416 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ1. – Душанбе, 1986. - 372 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе, 1989. - 224 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе, 1989. - 222 с.
6. Д. Хоҷаев. Гуфтори наку куҳан нагардад / Хоҷаев Д. - Душанбе, 2011. – 229 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. (лексикология, фонетика, морфология). - Душанбе, 1973. – 481 с.
8. Мошеев И. Сопостовительная типология русского и таджикского языков / И Мошеев. - Душанбе, 1991. - 230 с.
9. Муҳаммадиева С. Истифодаи сифпатҳои мураккабу сифатҳои феълӣ дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ / С.Муҳаммадиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №5. – С.73-76.
10. Сиёев Б. Очеркҳо оид ба таърихи феъли забони тоҷикӣ / Б.Сиеёев. - Душанбе, 1968. - 193 с.
11. Сирочиддин Алихон Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Алихон Сирочиддин. – Душанбе, 1992. - 238 с.
12. Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х.Ҳусейнов. – Сталинобод, 1960. - 121 с.
13. Шербоев С. Назария ва методикаи таълими феълҳои ғайритасрифӣ / С. Шербоев. - Душанбе, 2019. - 224 с.
14. Ҷалол Икромӣ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Икромӣ, Ҷалол. - Душанбе, 1983. – 352 с.

КОРБУРДИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ДАР РОМАНИ “ДУВОЗДАҲ ДАРВОЗАИ БУХОРО”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Мавзуи мақолаи мазкур сифати феълӣ ва намудҳои онро дар забони тоҷикӣ дар бар мегирад. Сифатҳои феълӣ мисли феъл ҳам монда ва ҳам гузаранда мешаванд. Дар мақола махсус қайд карда мешавад, ки сифатҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ ба мисли феъл се замон доранд: замони ҳозира, гузашта ва оянда. Категорияи замон ҳамчун хусусияти барҷастаи сифати феълиро ҳамеша дар доираи феъл нигоҳ медорад. Инчунин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки сифатҳои феълӣ дар ҳамаи замонҳо ба вазифаи муайянкунанда меоянд. Дар мақола ба баъзе ҷабҳаҳои муаммои мазкур рӯшанӣ андохта шудааст, ба мисоли: сифати феълӣ-шакли феълие, ки ҳам хусусияти феълӣ ва ҳам хусусияти сифатӣ дошта, амал ё ҳолати ашёро ҳамчун аломат мефаҳмонад: рӯзҳои гузашта, меҳмонони омада, дарҳои кушода. Дар баъзе мавридҳо сифатҳои феълии тарзи фоил бо феълҳои монда низ ифода мешаванд. Дар ин ҳолат онҳо амалу ҳолат ва ё ҳаракатеро чун аломати субъект фаҳмонда, пуркунандаи бевосита намегиранд: *Шахси аз дар* ***бароянда*** *як каси қадпаст буд. Саидпаҳлавон ҷавони ба хона* ***дарояндаро*** *ношинохта монд*. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар забони тоҷикӣ сифатҳои феълии замони ҳозираи тарзи мафъул аз феълҳои гузаранда ба воситаи феъли ёридиҳандаи «шудан» сохта мешаванд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, сифати феълӣ, намудҳои сифати феълӣ, сифати феълии гузаранда ва монда, замонҳои сифати феълӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ ГЛАГОЛЬНОГО ПРИЧАСТИЯ В РОМАНЕ “ДУВОЗДАҲ ДАРВОЗАИ БУХОРО” ДЖ. ИКРОМИ

Тема данной статьи включает в себя глагольное причастие и его виды в таджикском языке. Глагольное причастие, как и глагол, остается переходным. В статье конкретно отмечается, что глагольное причастие в таджикском языке, как и глагол, имеет три времени: настоящее, прошедшее и будущее время. Категория времени как выдающаяся особенность причастия всегда удерживает его в пределах глагола. Поэтому приведение в качестве примеров причастия из произведений Джалола Икроми, Садриддина Айни, в научных работах учителей-лингвистов уместно и на уроках иностранного языка. В статье дается краткое изложение некоторых аспектов данной проблемы, например: глагольное причастие - это форма глагола, которая имеет свойство глагола и прилагательного, оно обозначает действие или состояние предмета как признак, качество, например: прошедшие дни, приглашенные гости, открытые двери. В некоторых случаях также выражаются глагольные причастия в связи с переходными глаголами. В этом случае они обозначают действие как признак субъекта и не принимают непосредственного дополнения, например: *Шахси аз дар* ***бароянда*** *як каси қадпаст буд.* ***Пришедший*** *был низкого роста. Саидпаҳлавон ҷавони ба хона* ***дарояндаро*** *ношинохта монд*. Саид-богатырь не узнал **вошедшего** в комнату. Следует отметить, что в таджикском языке причастия настоящего времени, обозначающие образ действия, образованы от переходных глаголов через вспомогательный глагол «стать».

Ключевые слова: таджикский язык, причастие, виды причастий, переходные и переходные причастия, времена причастий.

THE USE OF THE ADJECTIVE VERB IN THE NOVEL “THE TWELVE GATES OF BUKHARA” BY J. IKROMI

The topic of this article includes the adjective of the verb and its types in the Tajik language. The adjectives of the verb, like the verb, remain and become transitive. The article specifically notes that verbal adjectives in the Tajik language, such as the verb, have three tenses: present, past and future tense. The category of tense as an outstanding feature of an adjective always keeps the verb within the verb. Therefore, the use of adjectives as an example in the works of linguistic teachers Jalal Ikromi, Sadriddin Aini and the preservation of the native language in foreign language lessons is the present. The article provides a summary of some aspects of this puzzle, for example: in some

cases, adjectives in the style of Phil are also expressed with the remaining verbs. In this case, they do not explain the action or movement as a sign of the subject and do not accept the direct filler. It should be noted that in the Tajik language, present-day adjectives denoting a way of life are formed from transitive verbs through the auxiliary verb "to become".

Key words: Tajik language, participle, types of participles, transitive and transitive participles, participle tenses.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Камолова Бибикалон Бобомуллоевна*** – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30. E-mail: **bibijon@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 92-753-02-55**

Сведения об авторе: ***Камолова Бибикалон Бобомуллоевна*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат педагогических наук, доцент кафедры романо-германских языков. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.М.Турсунзаде 30. E-mail: **bibijon@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 92-753-02-55**

Information about the author ***Kamolova Bibikalon Bobomulloevna*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, candidate of pedagogy, associate professor of the Department of Romanic-Germanic Languages. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. M.Tursunzade, 30. E-mail: **bibijon@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 92-753-02-55**

УДК: 413.4

ХУШМУОМИЛАГИИ ЛИНГВИСТӢ ВА ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Файзова Т.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур

Муошират падидаи бисёрҷанбаест, ки онро ҷомеашиносӣ, фалсафа, психология, педагогика ва забоншиносӣ меомӯзад. Тибқи тафсири луғатҳо муошират раванди мураккаб ва гуногунҷанбаи ба роҳ мондан ва густариш додани робита байни одамон ва гурӯҳҳо мебошад, ки дар натиҷаи ниёзҳои фаъолияти муштарак ба вуҷуд меояд. Ба он коммуникатсия (мубодилаи иттилоот), интераксия (мубодилаи амал) ва дарки иҷтимоӣ (дарк ва фаҳмиши шарики муошират) дохил мешаванд [11, с.213].

Дар айни замон мафҳуми муоширатро калимаи «коммуникатсия» иваз мекунад. Ҳарду истилоҳот хусусияти умумӣ доранд – ин таносуби онҳо бо равандҳои мубодила ва интиқоли иттилоот ва пайвастагӣ бо забон ҳамчун воситаи интиқоли он мебошад. Ин калима аз лотинии communicatio – «паём, ирсол» гирифта шуда, табодули иттилоотро байни аъзоёни як ҷомеаи забонӣ барои ноил шудан ба ҳамдигарфаҳмӣ ифода мекунад.

Коммуникатсия шакли муоширати иҷтимоӣ буда, бо ёрии амалҳои коммуникативӣ сурат мегирад; мақсади он табодули иттилоот, инчунин муошират ва муайян кардани ниятҳои коммуникативӣ мебошад [1, с.106].

Ба маънои маҳдуд, муошират ҳамчун раванди якҷонибаи интиқоли иттилоот баррасӣ мешавад. Ба маънои васеъ, аз рӯйи дараҷаи фаъолнокӣ аз раванди муошират фарқе надорад. Дар таҳқиқи худ мо истилоҳи *муошират*ро истифода хоҳем кард.

Н.И. Формановская намудҳои зерини муоширатро ҷудо мекунад: [20, с.14-20].

1) *Рӯ ба рӯ ва дур аз ҳамдигар*, аз рӯйи мавқеи ҳамсуҳбатон нисбат ба ҳамдигар. Дар муоширати рӯ ба рӯ ҳамсуҳбатон дар назди ҳам қарор доранд, гуфтор вобаста ба аснои нутқ, ифодаи чеҳра ва имову ишора, оҳанги нутқ сурат мегирад. Агар ҳамсуҳбатонро фазо ва вақт аз ҳам ҷудо кунанд, ин алоқаи дур аз ҳамдигар (суҳбати телефон, мукотиба) мебошад.

2) *Мустақим ва ғайримустақим* бо мавҷудият ё мавҷуд набудани “миёнарав” дар интиқоли иттилоот. Ба муоширати мустақим гуфтугӯ, суҳбат дохил мешавад. Навъи ғайримустақими муошират интиқоли иттилоот тавассути гуфтугӯи телефонӣ, радио, китоб ё намоиши телевизионӣ мебошад.

3) *Шифоҳӣ ва хаттӣ*, аз рӯйи шаклҳои мавҷудияти забон. Муоширати шифоҳӣ бо аломатҳои тамоси бевосита ва рӯ ба рӯ ва хаттӣ бо аломатҳои дурӣ ва бавосита будани муошират алоқаманд аст. Матн/дискурси шифоҳӣ ба вазъият алоқаманд буда, бо имову ишора, ифодаи чеҳра ва интонатсия мустаҳкам карда мешавад.

4) *Муоширати байнишахсӣ – умумӣ – оммавӣ*, аз рӯйи шумораи иштирокчиён. Муоширати байнишахсӣ дар шакли муколама сурат мегирад. Дар муоширати умумӣ адресати умумӣ дар майдони назари гӯянда (лексия, маъруза, вазъгӯйӣ) қарор дорад. Дар муоширати оммавӣ (воситаҳои он маҷалла, рӯзнома мебошанд) адресат аз назари муаллифи матн дур мемонад.

5) *Эҷодӣ ва қолабӣ*, аз нуқтаи назари риоя кардан / риоя накардани қоидаҳо, матни тайёр. Дар муоширати эҷодӣ интихоби мавзуъҳо ва воситаҳои забонии офариниши дискурс номаҳдуд аст. Муоширати қолабӣ, бо риояи қоидаҳои иҷтимоӣ-коммуникативии истифодаи расму оинҳо хос аст. Инҳо матнҳои савгандҳо, ҷашнҳо, маросимҳо мебошанд. Муоширати қолабӣ инчунин риояи одоби муҳоваратро дар аснои муошират дар бар мегирад.

6) *Кооперативӣ ва ихтилофангез*, аз нуқтаи назари муносибатҳои шахсӣ ва баҳодиҳӣ ҳангоми риоя намудан ё вайрон кардани мувозинати иҷтимоӣ. Дар муоширати кооперативӣ матнҳо бо тобиши оҳанги созиш сохта мешаванд, баҳогузорӣ, мақсадҳо ва афзалиятҳо мувофиқанд. Дар муоширати ихтилофангез баҳодиҳӣ ба вазъият ва афзалиятҳои мақсадҳо мухолифанд. Матнҳо бо оҳанги ихтилоф (рад кардан, эътироз, низоъ).

7) *Тарзи нақлӣ (нарративӣ) ва коммуникативии нутқ*. Мувофиқи «Луғати тафсирии калимаҳои хориҷӣ» *нақлӣ – нарративӣ (лотинии nārrātio ҳикоя, нақл), лингв., л. нақлӣ*

маънидод карда мешавад [11, с.668]. Ба матни нақлӣ хос аст: шахси 3-юми персонаж, қариб ҳамеша замони гузашта, силсилаи феълҳо дар шакли мутлақ ва давомдор. Дар тарзи коммуникативии нутқ муколама мавқуд аст.

8) *Диалогӣ ва монологӣ*, дар асоси нақшҳои коммуникативии гӯянда ва шунаванда. Муколамае, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани нақшҳои коммуникативӣ ташаккул меёбад, матнро ҳамчун радду бадали фикру мулоҳиза дар дискурс ташкил мекунад. Дар нутқи монологӣ гӯянда ин нақши коммуникативиро муддати нисбатан тӯлонӣ нигоҳ медорад.

Гумон кардан хато аст, ки муколама муошират ду нафар аст. Мувофиқи тафсири луғат муколама (юнонӣ dialogos) гуфтугӯи байни ду ё зиёда шахс, инчунин бахше аз асари адабиест, ки аз суҳбатҳо иборат аст [16, с.705]. Муколама ё муколамат (арабӣ – гуфтугӯ, музокира, мусоҳиба) [17. с.724].

Тадқиқоти муҳимми фундаменталии илмӣ оид ба назарияи муколама асари Л. Якубинский «Дар бораи нутқи муколамавӣ» мебошад. Олим забонро ҳамчун як навъ рафтор дарк карда, навиштааст: «Дар асоси шаклҳои ивазшавандаи амалҳои мутақобила, ки тағйирёбии нисбатан босуръати амал ва аксуламалҳои байниҳамдигариро дар назар доранд, шакли диалогии муошират шифоҳӣ ҳосил мегардад» [23, с.25].

Яке аз хусусиятҳои асосии муколама сода будани сохти синтаксисии он мебошад. Дар он шаклсозиҳо истифодаи калимаҳо ва ихтисороти фонетикии ғайричашмдоштро дучор шудан мумкин аст [23, с.25], [22]. Инчунин метавон гуфт, ки табиӣ будани он, ба хусусиятҳои экстралингвистии муколама тааллуқ дорад. Хусусияти хосси муколамаро ҳамчунин ба адресат нигаронида шудани он, ивазшавии доимии нақшҳои гӯянда ва шунаванда муайян мекунад.

Муколама дар асари бадеӣ гуногун аст. Муколама дар асарҳои драмавӣ манбаи маълумот буда, сюжетро мукаммал мекунад ва бештар бо гуфтори зиндаи гуфтугӯӣ мутобиқат менамояд. Дар асари насрӣ ҳолатҳое, ки аз ҷониби нависанда тарҳрезӣ мегарданд, ҳолатҳои воқеии ҳаётро иваз мекунанд. Дар ин ҷо муколама як қисми таркибии асари бадеӣ буда, ба вазифаҳои асар тобеъ карда мешавад. Ба гуфтаи олими рус Г.Г. Полищук: «Рафтори нутқи персонаж бо тамоми воситаҳои тасвири ӯ алоқаманд буда, ба ин васила робитаи байни ҷузъҳои матнро мустаҳкам намуда, ягонагии онро таъмин менамояд» [15, с.154].

Нутқи персонаж аксар вақт нутқи муаллифро низ дар бар мегирад, ки дорои ҳар гуна иттилооти марбут ба муошират диалогӣ мебошад.

Ба ақидаи мо, муаллифи асар кӯшиш мекунад, ки ҳангоми инъикоси нутқи персонаж, онро бо забони намояндагони давраҳои гуногун, вазъи иҷтимоӣ, ҷинс, синну соли онҳо алоқаманд мекунад. Одоби муҳоварат, дар навбати худ, ҷузъи ҷудонашавандаи муколама мебошад.

9) *Муошират шифоҳӣ ва матнӣ.* Хусусиятҳои муошират шифоҳӣ аз инҳо иборатанд: муошират рӯ ба рӯ, муошират шифоҳӣ, муошират диалогӣ. Ба муошират матнӣ муошират бавосита, монологӣ ва хаттӣ хос аст.

Намунаҳои нутқ, ки аз асарҳои бадеӣ интихоб шудаанд, бо махсусияти муайян фарқ мекунанд. Матни бадеӣ асари махсус таҳияшуда аст. Он ҳақиқати ҳаётиро инъикос намуда, воқеияти дуюмдараҷаро ба вуҷуд меорад. Хусусиятҳои муошират одамон дар асари бадеӣ инъикос меёбанд, ки маводи он далели объективии забони як давраи муайяни таърихиро дар бар мегирад. Ба андешаҳои В.Г. Костомаров ва Б.С. Шварцкоф розӣ нашудан мумкин нест, ки «нависанда гӯё нутқи мардумро аксбардорӣ мекунад ва он чиро, ки ӯ дарёфт мекунад (на аз луғатҳо, мақолаҳо, чунон ки аксар вақт дар адибони камтаҷриба мушоҳида мегардад) на камтар аз андешаҳои ғайриихтиёри одамон арзиш доранд» [10, с.25]. Дар ин маврид ақидаи муҳаққиқи соҳа В.Э. Хализев ҷолиби диққат аст, ки адабиёт қудрати адабиётро, фаъолияти нутқи одамонро аз нав таҷдид намояд [21, с.109]. Намунаҳои нутқ аз осори нависандагони асри XX тамоми нозукиҳои муколамаро хеле дақиқ баён намуда, табиати нутқи як марҳилаи таърихиро инъикос мекунад.

10) *Хусусӣ ва расмӣ*, аз рӯйи муносибатҳои байниҳамдигарии муошираткунандагон ва муҳити муошират. Муошират расмӣ бо қоидаҳои қатъӣ маҳдуд буда, ҷузъҳои зиёди қолабиро дар бар мегирад. Муошират хусусӣ - муносибатҳое, ки бо чаҳорчӯбаи қатъии аснои корӣ маҳдуд нестанд, бо мафҳуми ғайрирасмӣ алоқаманданд.

Муҳити ғайрирасмӣ ва озодии муошират, назар ба ақидаи Е. Земская, тавассути унсурҳои зерини вазъияти экстралингвистӣ ба вуҷуд оварда мешавад:

а) муносибати наздик ё бетараф;

б) набудани мақсад ё дастури хабарро ба тариқи расмӣ расонидан (маъруза, лексия);

в) дар нутқ мавҷуд набудани унсурҳое, ки муошират ғайрирасмиро вайрон мекунанд [8, с.5].

Барои он ки гӯянда аз нутқи гуфтугӯйӣ истифода барад, чунин муайянкунандаҳо (детерминантҳо) заруранд: озодӣ, фазои ғайрирасмии муошират ва иштироки суҳбаткунандагон.

11) *Иттилоотӣ ва фатикӣ* аз рӯйи хусусияти мундариҷаи матн. Дар матни иттилоотӣ вазифаи муошират иттилооти нав бартарӣ дорад. Он метавонад иттилооти илмӣ, расмӣ-коргузорӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ё маъмулӣ-маишӣ бошад.

Муошират фатикӣ, мувофиқи тафсири луғат, «(англисӣ phatic - фатикӣ, маънои дар сатҳи эмотсионалӣ, сарфи назар аз мундариҷа, мусбат арзёбӣ шудани муҳтавои гуфторро дорад) муошират бо мақсади нигоҳ доштани алоқа мебошад» [14, с.127]. Муошират фатикӣ ба барқарор кардани алоқаи шифоҳӣ, нигоҳ доштани муносибатҳои шифоҳӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ба ақидаи Н.Д. Арутюнова, муколамаи фатикӣ нисбатан озодтар буда, потенсиали эмотсионалӣ, эстетикӣ ва интеллектуалии муошираткунандаро ошкор мекунад [3, с.652-653].

Ин маънои онро надорад, ки дар матни фатикӣ ҷузъи иттилоотӣ мавҷуд аст. Аксар вақт матнҳои дорои хусусиятҳои омехта мавҷуданд, ки онҳо дорои ҳам хусусиятҳои фатикӣ ва ҳам иттилоотианд. Ҳангоми расонидани хабари нав (дар гузоришу маъруза) аксар вақт доираи васеи воҳидҳои метакоммуникатсионӣ (*Биёед бубинем... Шумо, аллакай, медонед...*) вуҷуд дорад, ки ба соҳаи фатика дахл доранд.

Барои муошират бомуваффақият қоидаҳои марбут ба гӯянда ва шунаванда бояд риоя карда шаванд. Гӯянда нисбат ба ҳамсуҳбати худ бояд хушмуомила бошад, шунавандаро дар маркази диққати худ гузорад, мавзуи суҳбатро мутобиқи вазъият интихоб карда тавонад, мантиқи равиши суҳбатро нигоҳ дошта тавонад. Шунаванда, агар касе ба ӯ муроҷиат кунад, бояд аз машғулияти худ сар бардошта бодиққат гӯш кунад, нисбат ба гӯянда меҳрубон бошад, сухани ҳамсуҳбатро набурад, ба сухани хамсуҳбат дар вақташ баҳо дода тавонад, бо вай розӣ ё норозӣ буданашро дуруст изҳор намояд, ба саволи гузошташуда ҷавоб диҳад [19, с.18-23]. Дар ин қоидаҳо аз ҳама муҳимтар он аст, ки ҳамсуҳбатон ҳангоми муошират бояд бо ҳам хушмуомила бошанд.

Тасаввурот дар бораи хушмуомилагию эҳтиром, ки дар шуури инсон ташаккул меёбад, бештар ба меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеае, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, инчунин ба хусусиятҳои тарбия ва маърифати ӯ вобаста аст. Ба асосҳои назариявии забон такя карда ақидаҳоеро, ки дар фарҳанги мардум оид ба хушмуомилагӣ ҷойгир шудаанд, аз нав эҳё намудан мумкин аст.

Таълимоти мутафаккирони қадими форсу тоҷик ва Ғарб оид ба масъалаҳои муносибатҳои байнишахсӣ, асосан, ба муошират маъмулии гурӯҳҳои муайяни одамон дахл дошта бошанд ҳам, аксари онҳо метавонистанд унвони назарияҳои илмии одоби муоширатро касб намоянд. Аксари андешаҳои муҳаққиқони муосир дар бораи муошират аз таълимот ва андешаҳои мутафаккирони қадими Шарқу Ғарб сарчашма мегиранд [6, с.22].

Хушмуомилагӣ дорои зуҳуроти хосси забонӣ ва ғайризабонӣ мебошад, ки аз ҷумла: қолабҳои шифоҳӣ, имову ишора (дастфушурӣ, таъзим), мимика (табассум), ифодаи эҳсосот (ханда) ва набудани аксуламалҳои шифоҳӣ (хомӯшии боэҳтиром). Вайрон кардан ё риоя накардани принсипҳои хушмуомилагӣ ба нокомии коммуникатсионӣ оварда мерасонад ва ҳатто боиси ба вуҷуд омадани ихтилоф миёни ҳамсуҳбатон мегардад.

Хусусиятҳои шахсе, ки хушмуомилагиро ҳамчун воситаи маъмулии муошират бо дигарон медонад, як қатор мафҳумҳоеро дар бар мегирад, ки дар луғатҳои тафсирӣ мавҷуданд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин – *хушзабон, хушсухан, хушкалом, хушлаҳҷа, хушмуҳовара, хушманиш, хушмуомила, хушсавдо, хушхулқ, хушхӯй, хушҳузур, мушфиқ,забоновар [суханвар, хушбаён], забончарб [хушзабон], меҳрубон, дӯстдорикунанда, пурмуҳаббат, меҳркор, навозишкор, меҳрвар, меҳтароин, бузургтабъ, олитабиат, муаддаб, боадаб, ботарбия, адабгирифта, бомуҳаббат, мулоимхӯ, мулоимтабиат, нармтабиат,*

ҳалим, нармгӯй, нармгуфтор, нармзабон, некандеш, некдил, некуниҳод, некхӯ, некуравиш, некусахун, некусухан, ширинзабон, некусияр, хушгуфтор мебошад. Дар ФЗТ мафҳуми хушмуомилагӣ дар таркиби ибораҳо дар шакли масдар: *иноят намудан, калом нарм кардан [санҷида ва мулоим сухан рондан]* ва исмҳои маънӣ: *лутф, илтифот, хушояндӣ, марҳамат, меҳрубонӣ, дӯстдорӣ, мулотафа [муомилаи нарму хуб, шафқату навозиш], хушмақолӣ, хушмонишӣ, хушӯъ [ар.-фурӯтанӣ]* низ зоҳир гардидааст [17].

Хушмуомилагии забонӣ ба сатҳи муносибатҳои шарикони муошират ишора мекунад. Ин яке аз категорияҳои марказии прагматикаи забоншиносӣ мебошад. Дар марҳилаи ҳозира таърифи умумии эътирофшуда ва назари ягонаи назарияи забоншиносии хушмуомилагӣ вучуд надорад. Дар байни равияҳо ва консепсияҳои мавҷуда, ки Т.И. Ларина дар монографияи машҳури худ «Категорияи хушмуомилагӣ ва услуби муошират» [13, с.152] меорад, чанде аз онҳоро, ки ба фикри мо, нисбатан муҳимтаранд, дида мебароем: хушмуомилагӣ ҳамчун меъёри иҷтимоӣ; хушмуомилагӣ ҳамчун «нигоҳдорандаи симо» [26], [24], хушмуомилагӣ ҳамчун қоидаҳо ва максимҳои нутқ [28, с.41-58], [29], хушмуомилагӣ чун нишондиҳандаи мақоми шахс [5], [9], хушмуомилагӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ ва прагмалингвистӣ [20], [7].

Хушмуомилагӣ ҳамчун меъёри иҷтимоӣ. Назар ба ақидаи мазкур, амалҳое, ки ба меъёрҳои одоби муошират мувофиқат мекунанд, ҳамчун хушмуомилагӣ дониста мешаванд; амалҳое, ки ба меъёрҳои одоби муошират мувофиқат намекунанд, беодобӣ шуморида мешаванд. Чунин нуқтаи назар, ба гуфтаи Т.И. Ларина, «таърихан онро бо услуби гуфтор алоқаманд мекунад, вақте ки расмияти муошират ҳар кадар баланд бошад, дараҷаи хушмуомилагӣ ҳамон қадар баланд мешавад. Аммо тағриба ва мушоҳидаҳое, ки дар ин самт гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки расмият дар шароити ғайрирасмӣ на ҳамчун хушмуомилагӣ, балки ҳамчун густохӣ қабул мешавад» [13, с.152].

Хушмуомилагӣ ҳамчун «нигоҳдорандаи симо». Доир ба ин масъала ба муқаррароти умумии назарияи хушмуомилагии ҷомеашиносон-забоншиносон (сотсиолингвистон) (П.Браун (Браун), С.Левинсон (Левинсон) таваҷҷуҳ кардан бамаврид аст. Дар ин назария мафҳуми асосӣ «симо» (арзиши мусбати иҷтимоӣ) мебошад, ки ҳар як узви ҷомеа дорои он аст. Симои позитивӣ симои мусбат аст, ки муошираткунандагон офаридан мехоҳанд. Симои негативӣ – хоҳиши ҳар як калонсол ба озодии амал ва роҳ надодан ба дахолати дигарон ба доираи амалҳои ӯ мебошад [24, с.61-68]. Барои муошират муассир, муошираткунандагон бояд ба нигоҳ доштани симои худ ва шарики худ манфиатдор бошанд.

Ин олимон чунин амалҳои нутқи "ба симо таҳдидкунанда"-ро пешниҳод кардаанд:

1) ба симои позитивии гӯянда (қабули таърифу тавсиф, узрхоҳӣ, идора накардани амал);

2) ба симои позитивии шунаванда (ихтилоф, беэҳтиромӣ, изҳори норозигӣ, мавзуъҳои мамнуъ);

3) ба симои манфии гӯянда (изҳори асоснокӣ, миннатдорӣ);

4) ба симои манфии шунаванда (пешниҳодҳо, маслиҳатҳо, фармонҳо, дархостҳо, таҳдидҳо).

Таҳқиқи масъалаи мазкурро идома дода, В.И. Карасик ин мафҳумҳоро муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Хушмуомилагии позитивӣ имкони рад карданро дар аснои дархост, фармоиш бидуни «аз даст додани симо» истисно мекунад. Он, одатан, дар вазъияти ғайрирасмӣ ба кор бурда мешавад, ки дар он иштирокчиён мақоми баробари иҷтимоӣ доранд. Ба ақидаи олим, таъсири ҳамраъйӣ бо ёрии таъкид, истифодаи жаргон дар гуфтор, шаклҳои тасдиқ ва такрор ба вуҷуд оварда мешавад. Принсипи хушмуомилагии манфӣ дар муошират расмӣ истифода мешавад.

Он кам кардани зарареро пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми пурсиш ба ҳамсуҳбат расида метавонад. Зуҳуроти ин навъи хушмуомилагӣ худдорӣ аз дархостҳои мустақим ё ба таври нарм баён кардани онҳост. Дар ҳама ҳолатҳои муошират барои узр пурсидан омода будан пешбинӣ мегардад. Мавқеи асосӣ уҳдадор будан дар назди адресат ва муносибати пессимистӣ ба нокомии эҳтимолӣ мебошад.

Стратегияи позитивии хушмуомилагӣ дар 15 самти рафтор ифода меёбад:

1) таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба шахс; 2) таъкиди эмотсионалӣ; 3) афзудани мароқ ба шунаванда; 4) фароҳам овардани фазои ҳувияти дохили гурӯҳ (истифодаи лаҳҷаҳо,

диминутивҳо, муроҷиат бо ҷонишини «ту»); 5) кӯшиши ҳамфикрӣ («мавзуъҳои боэътимод» дар суҳбат, такрор дар муколама); 6) гурез аз ихтилоф (созиши зоҳирӣ: «Ҳа, аммо...» аз «Не» гуфтан беҳтар аст); 7) таъсиси «ҳудуди умумӣ» (ҷонишини «мо»-ро истифода бурдани духтур дар ҷумлаҳои «Мо имрӯз худро чӣ гуна ҳис мекунем?»); 8) ҳазлу шӯхӣ; 9) ба назар гирифтани майлу хоҳиши шунаванда; 10) таклиф ва пешниҳод; 11) ифодаи некбинӣ ҳангоми дархост; 12) ҷалби шунаванда ба фаъолият (маънои фарогири ҷонишини «мо»); 13) асоснок кардани таклифу дархостҳо, таъкиди ҳамкорӣ; 14) тасдиқи мутақобилаи уҳдадориҳо («Ман инро барои ту мекунам ва ту (шумо) барои ман чунин мекунед»); 15) ба шунаванда дар шакли предметҳои моддӣ туҳфа кардан [24, с.78].

Стратегияҳои хушмуомилагии манфӣ ба шунаванда имконияти озодии рафторро медиҳанд. Дар робита ба ин 10 самти рафтор ошкор карда мешавад: 1) истифода аз қолабҳои бавоситаи нутқ; 2) баёни нарми матлаб; 3) ифодаи пессимизм дар дархост; 4) кам кардани зарари имконпазир; 5) баланд бардоштани мавқеи мухотаб (адресат) ва кам гирифтани мавқеи худ (эҳтирому хоксорӣ); 6) омодагӣ ба узр пурсидан; 7) ишораи умумӣ (имперсонализация)-и иштирокчиёни муошират (истифодаи ҷонишинҳои шахсии номуайян, сохти ғайришахси); 8) умумӣ гардонидани талабот дар шакли меъёрҳое, ки аз нотиқ новобаста аст; 9) ҳодисаҳои мушаххасро ба категорияи падидаҳои умумӣ гузаронидан; 10) нисбат ба адресат худро уҳдадор ҳисобидан [24, с.80-82].

Ҷомеа бо назардошти вижагиҳои арзишҳои миллию фарҳангии худ ба яке аз онҳо афзалият медиҳад. Хушмуомилагии манфӣ бештар дар кишварҳои ғарб мушоҳида мешавад. Онҳо, одатан, эҳсоси худро камтар ошкор мекунанд, яъне чандон самимӣ нестанд, барои онҳо пинҳон кардани эҳсосоти худ ҳодисаи муқаррарӣ маҳсуб меёбад. Татбиқи принсипи хушмуомилагии манфӣ ба шахс имкон медиҳад, ки ҳангоми муошират худро озод ҳис кунад. Барои намояндагони маданияти рус ошкорбаёнӣ ва самимият, омода будан ба барқарор намудани робита хос аст. Барои онҳо хушмуомилагии позитивӣ созиш ва ҳамрайъии бомуваффақиятро таъмин мекунад [24, с.80-82].

Хушмуомилагӣ ҳамчун меъёрҳои нутқ ва қоидаҳои муошират. Хушмуомилагӣ ҳамчун меъёри нутқ ва қоидаҳои муошират дар таҳқиқоти прагматикии [28, с.41-48], [25, с.83-106] муфассал баррасӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки тибқи «Луғати нави истилоҳот ва мафҳумҳои методӣ» прагматика ҳамчун як бахши забоншиносӣ фаҳмида мешавад, ки фаъолияти воҳидҳои забонро дар нутқ меомӯзад – муносибати байни фикри баёншуда, муошираткунандагон ва матн (аснои нутқ)-ро меомӯзад [1, с.207]. Проблемаҳои асосие, ки прагматика меомӯзад, сохтор ва таснифи амали нутқ ва шарҳи баёнот, шаклҳои муоширати нутқ, қоидаҳо, тактика ва намудҳои рафтори нутқ мебошанд. Прагматика ба субъекти муоширати шифоҳӣ таваҷҷуҳ карда, муколамаро ҳамчун воситаи асосии муоширати байниҳамдигарӣ медонад. Он вазъиятеро меомӯзад, ки шахс дар он аломатҳои забонро истифода мебарад. Ин интихоби дурусти воҳидҳои забонӣ барои таъсир расонидан ба ҳамсуҳбат аст, ки ҳангоми мувофиқати амали нутқ ба матн ва вазъият ба даст меояд.

Таърифи васеи прагматикаи лингвистиро Ю.Д. Апресян медиҳад. «Зери мафҳуми прагматика мо муносибати гӯяндаро, ки дар ин ё он воҳиди забон (лексема, аффикс, граммемаҳо, таркиби синтаксисӣ) устувор аст, 1) ба воқеият, 2) ба мазмуни хабар, 3) ба мухотаб мефаҳмем» [2]. Дар хотир бояд дошт, ки асоси прагматикаро назарияи амалҳои нутқ ташкил медиҳад. Амали нутқ воҳиди асосии хурдтарини прагматикии муошират мебошад. Амали нутқи гӯянда, ки ба адресат (мухотаб) нигаронида шуда, бо мақсади огоҳ кардан, таъсир расонидан ё водор кардан ба амал нияташро амалӣ месозад. Омӯзиши амалҳои нутқ, ба ақидаи Н.И. Формановская, қадами аввалин дар омӯзиши воҳидҳои муошират мебошад [20, с.25].

Дар осори Г. Грайс (Grice), Д. Гордон (Gordon), Ҷ. Лакофф (Lakoff) қонуниятҳои умумие, ки муоширати шифоҳӣ ба онҳо тобеъ аст, собит шудаанд. Принсипҳои ҳамкорӣ ва принципи хушмуомилагӣ нисбатан муфассал тасвир карда шудаанд.

Дар консепсияи Г.Грайс (Grice) принсипи кооператсия принсипи асосӣ мебошад, ки дар он ҳамсуҳбатон бояд барои ҳамкорӣ кӯшиш кунанд. Моҳияти қоидаи мазкур аз он иборат аст, ки аз ҳар як муошираткунанда талаб карда мешавад, ки дар марҳилаи зарурӣ ва муайяни суҳбат саҳм гузорад. Риояи ин принсип муҳимтарин қоидаи одоби муошират муассир буда, интихоби воситаҳои нуткро вобаста ба вазъи муошират муайян мекунад.

Ҷ.Лич (Lich) қоидаҳои Г.Грайсро (Grice) равшану возеҳтар мекунад. Ба ақидаи ӯ, хушмуомилагӣ рафторест, ки дар он меъёрҳои асосии хушмуомилагӣ риоя мешаванд:

1) боодобӣ– «ба таври максималӣ кӯшиш ва фоидаи бештар ба дигарон»;

2) саховатмандӣ - «фоидаи камтар ва кӯшиши бештар барои худ»;

3) таҳсин - «дигаронро бештар ситоиш карда, худро кам гирифтан»;

4) хоксорӣ - «нисбат ба худ ботавозуъ будан»;

5) ҳамрайъӣ - «бештар розӣ шудан ва камтар изҳори норозигӣ кардан»;

6) хайрхоҳӣ - «бештар хайрхоҳӣ ва камтар адоват доштан».

Татбиқи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки муошират шифоҳӣ бомуваффақият ба роҳ монда шавад.

Хушмуомилагӣ ҳамчун арзёбии мақоми шахс. Ба фикри баъзе муҳаққиқон, масалан, В.Э. Голдин [5], В.И. Карасик [9] хушмуомила будан маънои онро дорад, ки ба муошираткунанда нақши иҷтимоиеро, ки ӯ иддао мекунад, додан аст. Нақши иҷтимоӣ аз мавқее, ки шахс дар ҷомеа ишғол мекунад, вазифае, ки ба ин мавқеъ хос аст ва қолаби меъёрии рафтор, ки аз мавқеъ ва вазифа бармеояд, иборат аст [20, с.68].

Т.В. Ларина менависад, ки роҳҳои ба даст овардани дараҷаи бештари хушмуомилагӣ на танҳо вобаста ба параметрҳои асноию иҷтимоӣ, балки дар умум вобаста ба маданияти этникӣ ҳам фарқ мекунанд [13, с.37].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки хушмуомилагӣ аз нигоҳи мақоми муошираткунандагон вобаста ба вектори вобастагии гуянда ва шунаванда ва тафовути мақоми иҷтимоии онҳо категорияи нисбӣ мебошад. Аз ин рӯ, аз мавҷудият/мавҷуд набудани муносибатҳои иерархӣ (нақшаи иҷтимоӣ ё синну солӣ) байни ҳамсуҳбатон метавон дар бораи барқарор шудани муносибатҳои асимметрӣ ё симметрии байни онҳо сухан ронд.

Хушмуомилагӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ ва прагмалингвистӣ. Хушмуомилагӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ хусусиятҳои маънавӣ, меъёри рафтор ва тарзи маъмулии муомила бо атрофиён мебошад. Он рафтори инсон ва эҳтироми одамонро тавсиф мекунад. Хушмуомилагӣ бодиққат будан, хайрхоҳӣ, омодагӣ ба хидмат, назокат ва одобро дар бар мегирад.

Хушмуомилагӣ дар алоқамандии бевосита бо одоби муҳоварат ва маданияти нутқ, инчунин бо масъалаҳои муошират муассир омӯхта мешавад. Дар ин самт таҳқиқоти олими варзидаи соҳа Н.И. Формановскаяро [18; 19; 20] махсусан таъкид кардан зарур аст. Муҳаққиқ меъёрҳои дар боло зикршудаи П.Грайс (Grice) ва максимаҳои Ҷ.Лич (Lich)-ро ба асос гирифта, онҳоро нисбат ба соҳибони забони русӣ татбиқ менамояд.

Хушмуомилагиро ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳқиқ карда, Н.И. Формановская онро ба категорияҳои функсионалӣ-семантикӣ бо вазифаҳои прагматикии ифодаи муносибати гӯянда ба шунаванда ва дар умум ба вазъият мансуб медонад [20]. Ҳангоми муошират муҳим аст, ки вазъияти муоширатро дуруст дарк намуда, нақши касбии худ (муошират расмӣ-корӣ) ё намояндагии байнишахсӣ (муошират ҳамарӯза) ба таври қатъӣ риоя карда шавад [4].

Номгузории ин ё он шахсе, ки аз ҷониби гӯянда дар вазъияти муайяни муошират сурат мегирад, дар худ иттилооти прагматикӣ ва маънои этикетӣ дорад: Набиҷон гуфта, мо «шахси наздик, худӣ, муносибатҳои дӯстона, муҳити ғайрирасмӣ»-ро нишон медиҳем. Набӣ гуфта, нишондиҳандаи «дӯстона»-ро ба «ошноӣ» иваз мекунем; Набӣ Акрамович гуфта, синну сол ё мақом, вазъияти расмӣ, эҳтиромро таъкид мекунем; Вақте ки Ҷаноби Акрамов мегӯем, муошират мо оҳанги сирф расмӣ мегирад.

Категорияи хушмуомилагӣ танзимкунандаи рафтор аст. Риояи принсипи хушмуомилагӣ ба муошираткунандагон имкон медиҳад, ки ба ҳадафи коммуникативиашон ноил гарданд. Тавассути хушмуомилагӣ вазифаи таъсиррасонӣ ба адресат (мухотаб) иҷро мешавад. Барои ин интихоби бошуурона ва мақсадноки воситаҳои забон мувофиқи нияти гӯянда ва таъсири прагматикии дилхоҳ бо назардошти чаҳорчӯбаҳои муайяни меъёрии ҳамкории мутақобилаи иҷтимоӣ зарур аст.

Алоқамандии зич байни категорияи хушмуомилагӣ ва одоби муҳоварат баръало аён аст. Хушмуомилагӣ ва намоиши он нисбат ба ҳамсуҳбат асоси меъёрҳои одоби муоширатро ташкил медиҳад. Риояи ин меъёрҳо зуҳуроти сифатҳои хушмуомилагӣ, бодиққатӣ, боодобӣ, назокат, худдориро дар бар мегирад. Ифодаи онҳо тавассути

амалҳои мушаххаси нутқ сурат мегирад. Одоби муҳоварат ҷузъи таркибии фарҳанги муошират аст.

Муқарриз: ***Ҷӯраева М.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Новый словарь методических терминов и понятий (теорияи практика обучения языкам) / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – Москва, 2009.
2. Апресян Ю.Д. Прагматическая информация для толкового словаря. Прагматика и проблемы интенсиональности / Ю.Д. Апресян. Под ред.Н.Д. Арутюнова. – Москва, 1988.
3. Арутюнова Н.Д. Язык и мир человека / Н.Д. Арутюнова. – Москва, 1999.
4. Гойхман О.Я. Речевая коммуникация / О.Я. Гойхман, Т.М. Надеина. – Москва, 2003.
5. Гольдин В.Е. Речь и этикет / В.Е. Гольдин. – Москва, 1983.
6. Джураева М.Р. Коммуникативно-прагматический анализ устойчивых формул общения в СМИ Таджикистана: дисс. докт. наук / М.Р. Джураева. – Душанбе, 2017.
7. Ерзинкян Е.Л. Лингвистическая категория вежливости: семантика и прагматика / Е.Л. Ерзинкян. – Ереван, 2018.
8. Земская Е.А. Русская разговорная речь: лингвистический анализ и проблемы обучения / Е.А. Земская. – Москва, 1979.
9. Карасик В.И. Язык социального статуса / В.И. Карасик. – Москва, 2002.
10. Костомаров В.Г., Шварцкопф Б.С. Об отношении говорящих к языку. Вопросы культуры речи, вып. 7 / В.Г. Костомаров, Б.С. Шварцкопф. – Москва, 1966.
11. Краткий психологический словарь. Сост. Л.А. Карпенко, А.В. Петровский и М.Г. Ярошевский (ред.). – Москва, 1985.
12. Крысин Л.П. Толковый словарь иноязычных слов / Л.П. Крысин. – Москва, 2005.
13. Ларина Т.В. Категория вежливости и стиль коммуникации. Сопоставление английских и русских лингвокультурных традиций / Т.В. Ларина. – Москва, 2009.
14. Психология общения. Энциклопедический словарь. Под Ред. А.А. Бодалев. – Москва, 2011.
15. Полищук Г.Г. Речевое поведение в структуре художественного текста. Проблемы речевой коммуникации. Межвуз. сборник науч. трудов / Г.Г. Полищук. Под ред. О.Б. Сиротинина. – Саратов, 2000.
16. Толковый словарь русского языка. Под ред. Д.Н. Ушаков. – Москва, 1935–1940. - Т.1. - С. 705.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ [аз асри Х то ибтидои асри ХХ]. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – Ҷ.1,2. – М., 1969.
18. Формановская Н.И. Употребление русского речевого этикета / Н.И. Формановская. – Москва, 1984.
19. Формановская Н.И. Речевой этикет и культура общения / Н.И. Формановская. - Москва 1989. - С.18–23.
20. Формановская Н.И. Речевое общение: коммуникативно-прагматический подход / Н.И. Формановская. – Москва 2002.
21. Хализев В.Е. Теория литературы / В.Е. Хализев. – Москва, 2004.
22. Щерба Л.В. Избранные труды по русскому языку / Л.В. Щерба. – Москва, 1957.
23. Якубинский Л.П. Избранные работы. Язык и его функционирование / Л.П. Якубинский. – Москва, 1986.
24. Brown P. Politeness: Some universals in language usage / P.Brown, S.Levinson. – Cambridge, 1987.
25. Gordon D. Conversational Postulates, [в:] P. Cole and J. Morgan (eds.), Syntax and Semantics / D.Gordon, G. Lakoff. - Vol. 3, Speech Acts. - New York, 1975. - C.83-106.
26. Goffman E., Relations in Public: Microstudies of the Public Order / E.Goffman. – Harmondsworth, 1972.
27. Goffman E., On Face-Work: an Analysis of Ritual Elements in Social Interaction, [в:] J. Laver and S. Hutcheson (eds.), Communikacion in Face-to-Face Interaction. – Harmondsworth, (1972[1955]). - C.319-346.
28. Grice H.P. Logic and Conversation, [in:] / H.P. Grice P. Cole and J. Morgan (eds.), Syntax and Semantics. - Vol. 3. - Speech Acts. - New York 1975. - C.41-58.
29. Leech G.N. Principles of Pragmatics / G.N. Leech. - London–New York, 1983.

ХУШМУОМИЛАГИИ ЛИНГВИСТӢ ВА ОДОБИ МУҲОВАРАТ ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба яке аз ҷанбаҳои хеле муҳимми илми забоншиносии муосир, ки то ҳол паҳлуҳои зиёди таҳқиқнашуда дорад, ба масъалаҳои одоби муошират, одоби муҳоварат, хушмуомилагии лингвистӣ ва инъикоси онҳо дар асари бадеӣ рӯй овардааст. Дар мақола назарияҳои машҳури одоби муошират ва хушмуомилагии лингвистӣ, ки ҳар кадоми онҳо паҳлуҳои гуногуни онро мавриди баррасӣ қарор додаанд, таҳлил карда шудаанд. Тасаввурот дар бораи хушмуомилагию эҳтиром, ки дар шуури инсон ташаккул меёбанд, бештар ба меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеае, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, инчунин ба хусусиятҳои тарбия ва маърифати ӯ вобаста аст. Ба асосҳои назариявии забон такя карда ақидаҳоеро, ки дар фарҳанги мардум оид ба хушмуомилагӣ ҷойгир шудаанд, аз нав эҳё намудан мумкин аст. Муаллиф таъкид менамояд, ки барои муошират бомуваффақият қоидаҳои марбут ба гӯянда ва шунаванда бояд риоя карда шаванд. Гӯянда нисбат ба ҳамсуҳбати худ бояд хушмуомила бошад, шунавандаро дар маркази диққати худ гузорад, мавзуи суҳбатро мутобиқи вазъият интихоб карда тавонад, мантиқи равиши суҳбатро нигоҳ дошта тавонад. Дар миёни таълимотҳое, ки хушмуомилагӣ ҳамчун категорияи меъёрҳои иҷтимоӣ, категорияи «нигоҳдорандаи симо», категорияи меъёрҳои нутқ ва қоидаҳои муошират баҳогузорӣ мешавад, хушмуомилагӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ ва прагмалингвистӣ мукаммалтар арзёбӣ мегардад. Дар робита бо ин масъала асари бадеӣ ҳақиқати ҳаётиро инъикос намуда, воқеияти дуюмдараҷаро ба вуҷуд

меорад. Хусусиятҳои муошират одамон дар асари бадеӣ инъикос меёбанд, ки маводи он далели объективии забони як давраи муайяни таърихиро дар бар мегирад. Намунаҳои нутқ аз осори нависандагони асри XX тамоми нозукиҳои муколамаро хеле дақиқ баён намуда, табиати одоби муҳоварати як марҳилаи таърихиро инъикос мекунанд.

Калидвожаҳо: муошират, коммуникатсия, хушмуомилагӣ, эҳтиром, хоксорӣ, адресат, адресант, гӯянда, шунаванда, муколама, одоби муошират, одоби муҳоварат.

ЛИНГВИСТИЧЕСКАЯ ВЕЖЛИВОСТЬ И РЕЧЕВОЙ ЭТИКЕТ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ

В данной статье автор обращается к одному из важнейших аспектов современной лингвистики, в котором еще много неисследованных аспектов, вопросам этики общения, речевого этикета, языковой вежливости и их отражения в художественном произведении. В статье анализируются популярные теории этики общения и языковой вежливости, в каждой из которых рассматриваются различные аспекты. Представление о вежливости и уважении, которое формируется в сознании человека, во многом зависит от культурных и социальных норм общества, в котором он живет, а также от особенностей его воспитания и образования. Опираясь на теоретические основы языка, можно возродить представления, утвердившиеся в культуре народа, о вежливости. Автор подчеркивает, что для успешного общения необходимо соблюдать правила, касающиеся говорящего и слушающего. Говорящий должен быть вежлив с собеседником, ориентироваться на слушателя, уметь выбирать тему разговора в зависимости от ситуации, поддерживать логику разговора. Среди учений, где вежливость оценивается как категория социальных норм, категория «сохранения лица», категория речевых норм и правил общения, наиболее совершенной является вежливость как прагмалингвистическая категория. В связи с этим художественное произведение отражает реалии жизни и создает вторичную реальность. Особенности человеческого общения отражаются в художественном произведении, материал которого является объективным доказательством языка определенного исторического периода. Отрывки из произведений писателей XX века очень точно выражают все нюансы диалога и отражают характер этикета общения данного исторического периода.

Ключевые слова: общение, коммуникация, вежливость, уважение, смирение, адресат, адресант, говорящий, слушатель, диалог, этикет общения, речевой этикет.

LINGUISTIC POLITENESS AND SPEECH ETIQUETTE IN A ARTWORK

In this article, the author addresses one of the most important aspects of modern linguistics, in which there are still many unexplored aspects, the issues of communication ethics, speech etiquette, linguistic politeness and their reflection in a work of art. The article analyzes popular theories of communication ethics and linguistic politeness, each of which considers different aspects. The idea of politeness and respect, which is formed in the mind of a person, largely depends on the cultural and social norms of the society in which he lives, as well as on the characteristics of his upbringing and education. Based on the theoretical foundations of the language, it is possible to revive the ideas that have become established in the culture of the people about politeness. The author emphasizes that for successful communication it is necessary to follow the rules regarding the speaker and the listener. The speaker must be polite with the interlocutor, focus on the listener, be able to choose the topic of conversation depending on the situation, and maintain the logic of the conversation. Among the teachings where politeness is assessed as a category of social norms, the category of "saving face", the category of speech norms and rules of communication, the most perfect is politeness as a pragmalinguistic category. In this regard, a work of art reflects the realities of life and creates a secondary reality. Features of human communication are reflected in a work of art, the material of which is an objective proof of the language of a certain historical period. Excerpts from the works of writers of the twentieth century very accurately express all the nuances of the dialogue and reflect the nature of the communication etiquette of this historical period.

Key words: communication, communication, politeness, respect, humility, addressee, addresser, speaker, listener, dialogue, communication etiquette, speech etiquette.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзова Таҳмина*** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, унвончӯйи кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 146

Сведения об авторе: ***Файзова Тахмина*** – Таджикский аграрный университет им. Шириншо Шотемур, соискатель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 146

Information about the author: ***Fayzova Tahmina*** - Tajik Agrarian University named after Sh.Shotemur, competitor of the Tajik language department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 146

УДК: 42:491.550

ИСТИЛОҲОТИ ИҚТИБОСИИ ДИНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ ДАР АСОСИ АСАРҲОИ ТАРҷУМАШУДА

Шехов И.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Бо пешрафти ҷомеа илмҳо рушд мекунанд ва истилоҳот дар маҷмӯъ, дар соҳаҳои гуногун мавқеи истифодаи бештарро соҳиб мегарданд. Дар ҷомеаи ҷадид, аҳли адаб ё аҳли қалам ва ё ин, ки тарҷумонҳо ҳангоми баргардонии матлаб, матнҳо ё маводҳои тарҷумашаванда ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Аз ин рӯ, мо мақсад гузоштем, ки дар хусуси истилоҳоти иқтибоси динӣ маълумот диҳем. Дар замони муосир бо таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ, масъалаи хеле муҳим ба шумор меравад. Бо тағйирёбии иттилот дар ҷаҳон, масъалаи тарҷума мубрамтар мегардад ва мутахассисон барои омӯзандагони илмҳо имконият меофаранд. Тарҷума фонди луғавии забонро ғанӣ мегардонад ва доираи истифодабарии забонро васеътар мекунад. Омадурафти шаҳрвандон сабаби ворид шудани истилоҳоти нав ё иқтибосот дар забонҳо мегардад. Яке аз роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти динӣ: тавасути нутқи шифоӣ ва хаттӣ мебошад, ки аз се марҳилаи таърихи иборат аст: давраи қадим*(Old period)*, асрҳои миёна*(middle period)* ва давраи муосир*(modern period)*. Ҳангоми тарҷумаи асарҳо аз тарафи тарҷумонҳо нодуруст ва бемаврид истифодабарии истилоҳот мушоҳида мегардад...

Мафҳуми термин аз калимаи юнонии «terminus»- аз юнониёни қадим «termin»худованди нигоҳбони марз ва нишонаҳои марзи истифода мешуд ва баъдан ба забонҳои дигар ҳамчун иқтибос мавриди истифода қарор мегирад [15, с.1217]. ҳамчунин оид ба иқтибосот ё калимаҳои иқтибосӣ муҳаққиқӣ тоҷик Т. Бердиева чунин назар дорад: *«Иқтибос гуфта, унсури лексикӣ, фонетикӣ, семантикӣ, грамматикӣ ва синтаксисии аз як забон ба системаи забони дигар дохилшударо меноманд» [1, с.6].*

Дар баробари он, забоншиносон масъалаҳои гуногуни забоншиносиро меомӯзанд. Дар ин самт намояндагон ба монанди А.Д. Хаютин., S. Johnson., Th. Sheridan., B.K.Muller., Е.Э. Биржаковой., I.R.Galperin., Randal Olson., М. Шаҳобова., И.Н. Калонтаров., Ҷ.Парвона., А. Мамадназаров ва дигарон хизмати арзанда карданд. Дар замони муосир дар бораи истилоҳот забоншиносон, луғатнигорон ва мутахассисони соҳаҳо корҳои арзишмандеро ба анҷом расониданд, аммо то ҳол дар истилоҳоти соҳавӣ мушкилии асоси барои тарҷумонҳо боқи мондааст. Тарҷума ҳамчун як шакли табодули фарҳангҳо дар ҷомеаи ҷаҳон решаи таърихӣ дорад. Дар мавриди терминсозӣ ё вожашиносӣ муҳаққиқ ва забоншиноси тоҷик, профессор Назарзода С. чунин андеша дорад: *Истилоҳ, пеш аз ҳама вожаест, ки дар сохтори истилоҳии як соҳаи муайян ба таври дақиқ ва қатъиву мушаххас як мафҳумро ифода мекунад [6, с.41].* Пеш аз он ки мо ба усулҳои гуногуни калимасози сарфаҳм равем, бояд мушкилиҳои таркиби мафҳум ё ҷузъҳои асосии онро омӯзем. Аз нигоҳи таҳлили морфологӣ асоси калима маънои марказиро дар худ нигоҳ медорад. Дар хусуси калимасозӣ забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов чунин мегӯяд: *«Калимаҳои аслии забон дар бобати калимасозӣ низ мавқеи бузург доранд. Дар заминаи ҳар як решаи қадима бо усулҳои мухталифи калимасозӣ садҳо калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ ба вуҷуд оварда мешаванд» [5, с.90].*

Унсурҳои калимасози дар китоби “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” чунин оварда шудаст: *«Суффиксу префиксҳо дар сохтани қариб ҳамаи ҳиссаҳои мустақи-ли нутқ ништирок мекунанд, аммо доираи истифодаи онҳо як хел нест. Суффиксҳо миқдоран зиёд буда, бештар исм, сифат ва зарф, аммо префиксҳо асосан сифату феъл ва зарф месозанд» [2, с.85].*

Бояд гуфт, ки дар муқоисаи истилоҳоти динии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ вожаҳои хусусияти иқтибосидошта ва мавқеи реалияҳо хеле устувор ба назар мерасад. Дар ин хусус М. Насруллоев дар мақолааш чунин ибрози андеша намудааст: «Дар осори классикони тоҷику форс бо бисёре аз калимаву ибораҳо, ҷумлаву байтҳои зиёде вохӯрдан мумкин аст, ки дар онҳо ба Қуръон ишора мешавад» [7, с.28]. Аз нигоҳи муҳаққиқ андешаи мазкур дар забони тоҷикӣ дар ҳақиқат дуруст аст, чун ки забони арабӣ забони дин буд ва ҳангоми

зуҳури дини ислом дар қаламрави Осиёи Миёна иқтибосоти зиёде мавриди истифода қарор гирифтанд ва ин ҳодиса дар забони англисӣ ҳам рух додааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки иқтибосоти динии аз ҷиҳати решашиносӣ (etymology) дар ҳарду забон аз гурӯҳҳои зерин иборатанд: аслӣ (Original or Native) ва иқтибосӣ (Borrowing or Foriegn). Дар ин ҷо лозим ба таъкид медонем, ки аз динҳои дигар ҳам вожаҳои динӣ дар забонҳои омӯхташаванда ворид шудаанд. Дар маҷмуъ иқтибосоти диниро дар забонҳои муқоисашаванда ба се гурӯҳ ҷудо намудем:

1.*Иқтибосоте, ки ба забони тоҷикӣ ворид шуданд: imom ~ имом; mystic ~ориф, сулук; Islam ~ислом; sharia ~ шариат; jihad ~ҷиҳод; Shiah ~шиа; caliph ~хилофат; Allah ~ худо; Muslim ~мусалмон; Quran ~Қуръон; Medina ~ Мадина; Rabbi ~олими яҳудӣ; Jewish ~ яҳудӣ; Ramadan ~ рамазон; Sunni ~ суннӣ; pope ~халифаи азим; Buddhist ~будоӣ; Torah ~таврот; halal ~ҳалол; amulet ~ тумор.*

2.*Иқтибосоте, ки ба забони англисӣ ворид шуданд: Zoroastrianism~ зардушт; Church~*калисо*; mosque~ масҷид; Christianity~ исавӣ;* sheikh ~ шайх; *biblical~ Бибия; Islam ~Ислом; paradise ~ биҳишт; pope~халифаи азам; Judaism~*яҳудият*; Jew~Яҳудӣ; Krishna~ худо; asceticism ~ зоҳидгароӣ; nihilism ~пучгаро; ecclesiastic~ руҳонӣ: evangelical ~ муждадиҳанда; monotheism~яктопараст; Ramadan ~рамазон; Sunni ~* суннӣ*; Shiah~шиа; Patriarch ~ пешво.*

3.*Иқтибосоте, ки аз забонҳои дигар ба забонҳои муқоисашаванда ворид шуданд: shaman~ ҷодугар; Shiah~ шиа; Buddhist~бутпарст; Jainism~дини Браҳманӣ; Hinduism~ҳиндугароӣ; Brahmanas~Браҳман; Upanishads~рисолаи Веда; voodoo~афсунгар; Wicca~кофир; Yahweh~худо; Judaism~яҳудият; Torah~Таврот; Talmud~қонун; яҳудӣ; karma~сарнавишт; kosher~ҳалол; Krishnaism~кришнапарастӣ; Krishna~худо; synod~шуроиқ лисоӣ; ecclesiastical~руҳонӣ; Islam~ислом; Trinity~сегонаг; Siddhartha~асосгузори Будизм; Sikhism ~яктопарастӣ; Shintoism~дини Япониҳо; Shivaism ~худои Шива; Shiva~ Шива; shrine~маъбад; apostle~ расул; nirvana~биҳишт; pup~роҳиба; synagogue~парастишгоҳи Яҳудӣ; syncretism~дугароӣ; Dharma~оини Будоия; sharia ~ шариъат ва гайра.*

Истилоҳи **имом** –динӣ буда, аз забони арабӣ ба тоҷикӣ иқтибос шудааст ва то замони мо ин калима мавқеашро аз рӯйи маъно дар ҳар ду забон устувор нигоҳ доштааст, аммо орфографияаш (шакли навишташ) ба тағйирот дучор шудааст. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷики ” бо чунин маъноҳо оварда шудааст: *1. Пешво, пешрав, роҳбар. 2. Пешво ва асосгузори ҳар яке аз мазҳабҳои расмии ислом, пешвои дин. 3. Пешвои ҷамоати намозгузорони масҷидҳо, касе, ки ҳангоми намоз ба вай иқтидо карда намоз мегузоранд [10, с.545].* Чуноне ки дар боло қайд кардем, дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ин тарзи истифода хеле фаҳмо мебошад, аммо барои мардуме, ки дини насрониро парастиш мекунанд, ин калима он қадар фаҳмо нест ва дар «Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ» нест [4]:

- *Истифодаи усули қиёс, ки ба мантиқи Арасту наздик аст ва урф ҳамчун сарчашмаҳои фиқҳӣ аз таваҷҷуҳи* ***имом*** *ба илму фарҳанги Юнону Аҷам дарак медиҳад [9, с.12] ~ Using of the principle of qiyas (judgement by analogy), close to Aristotel's logic, and tradition, as a source of jurisprudence, tells of the* ***Imam****'s attention to scences and culture of Iran and ancient Greece [12, с.89].*

Истилоҳи мазкур дар луғатномаи “Oxford advanced learner's dictionary” ҳамчун иқтибос бо маънои аслиаш оварда шудааст: *1. A religious man who leads the prayers in a mosque; 2. Imam the title of a religious leader,from Arabic"imam"leader from"amma" lead the way (калимаи* ***имом*** *аз мафҳуми* ***аммаи*** *араби таркиб ёфтааст) [14, с.784]. Дар забони англисӣ ин мафҳуми динӣ, ки аз лотинӣ мегузарад ва дар луғатномаҳои ду ва бисёр забона муродифҳои зиёд дорад: spiritual leader, pope, catholic pope, roman catholic pope, holy father, priest, churchman, clergyman.* Дар забони тоҷикӣ калимаи **имом** дар охираш пасвандҳои исмсози гуногун қабул мекунад, ба монанди “**зода**”дар номи одамон ё баъзан дар ҳолати танҳо ба маънои вазифа истифода мешавад: Имомзода, Имомалӣ, Имомов...Ин мафҳуми динӣ дар ҳар ду забон таносуби маъноияшро нигоҳ доштааст, вале дар сохтор тағйир меёбад.

Аз нигоҳи таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ ин истилоҳ дар ду маврид бештар ба кор бурда шудааст: 1. Дар забони тоҷикӣ бо ҳамроҳ шудани пасванд дар номҳо ва вазифа ба кор бурда шудааст. 2. Дар забони англисӣ ин истилоҳ пешванд намегирад, ва калимаҳои ҳам маъноияш хусусияти забони тоҷикиро доранд:

➢ *Устодаш Ҳаммод қабл аз вафоти худ сарварии ҳавзаи илмии Кӯфаро бар уҳдаи Абӯҳанифа вогузор месозад. Аз ин пас даврaи камолоти эҷодии* ***Имом*** *фаро мерасад.Дар он айём беш аз 700 нафар шогирд дошт [9, с.27]. ~Before dying, his teacher Hammad commissioned Abu Hanifa with* ***the leadership*** *of Kufa's scientific circle. At that time, he was teaching to more than 700 disciples [12, с.99].*

Муаллиф дар вақти навиштани матни асл аз забони форсӣ ба англисӣ ба хусусиятҳои миллӣ ва вожаҳои динӣ ислом эътибор додааст, лекин ҳуқуқи хонандаи хориҷиро кам ба назар гирифтаст ва ин тарзи баргардони дар асарҳои дигарон ҳам ба мушоҳида мерасад.

Вожаи *«**суннӣ**»* динӣ буда, дар забонҳои муқоисашаванда иқтибос шудааст, ва дар «ФТЗТ» ба таври зайл нишондода шудааст: *1. роҳ, равиш, одат; 2. Ибодат ва маросими дине, ки пайравони мазҳаби суннат ва ҷамоат онро ба ҷо меоварданд, вале ба ҷо овардани онҳо фарзу воҷиб нест; аҳли суннат ва ҷамоат пайравони мазҳаби суннӣ дар ислом 3. урф, одат,расм, қоида; анъана: тӯйҳои суннатӣ [10, с.271]. Аз нигоҳи луғавӣ дар ҷумлаи зерин дуруст корбаст шудааст:*

➢ *Ин буҳрон, ки барои меросии ҳокимияти Муҳаммад (с) сар шуд, огози амале буд, ки баъдан сабабгори ба шохаҳои* ***суннӣ*** *ва шиъа тақсим шудани ҷамоати исломӣ гардид [3, с.58]. ~ The origin of Islam's divisions into* ***Sunnism*** *and Shiaism may, indeed, be broadly traced to the crisis of succession to the Prophet Muhammad [11, с.40].*

Аз ҷиҳати луғатофарӣ истилоҳи ***«суннӣ»***- дар забони тоҷики пасванди – ***гаро***, - ***ӣ*** ва - ***улло*** мегирад. Масалан: *сунигаро*, *суннатӣ*, *сунатулло* ва дар англисӣ пасвандӣ ***-ate***– ***ism***…. *Ҳангоми тарҷума, мутарҷим истилоҳи* ***«суннӣ»****-ро дар шакли арабиаш* ***«тасаннун»*** *ба кор бурдаст, аммо ин шакли вожжа дар* «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» оварда нашудаст:

➢ *Дар воқеъ, ташаййуъ ва* ***тасаннун*** *ду равияи мукаммали дини Ислом ҳастанд ва дурусттар он аст, ки онҳоро таъбирҳои мухталифи пайгоми ягона, ки ҳамоно дини Ислом мебошад, бидонем [3, с.60]. ~In fact, both* ***Sunnism*** *and Shiaism constitute an integral part of Islam and they should more correctly be regarded as different interpretations of the same Islamic message [11, с.42].*

Аз назари луғавӣ ва тарҷума, мафҳуми таҳқиқшаванда дар матнҳои англисӣ ва тоҷикӣ маънои воҳид доштани истилоҳ ба мушоҳида расид, лекин дар сохтор фарқ дорад, ва дар ҷумлаҳои овардашуда исботи гуфтаҳои боло мебошанд:

➢ *Андешаеро, ки мо дар боло дар бораи аҳли хилофат ва шиъа баён кардем, дар асл ақидае аст, ки ба мусулмонони аҳли* ***тасаннун*** *хос буда, аксарияти исломшиносони Ғарб низ онро пазируфтаанд [3, с.60]. ~ The view on the origins of the caliphate and Shiaism outlined above is essentially that held by the* ***Sunni*** *Muslims and accepted by the majority of Western Islamists [11, с.42].*

Вожаи ***«Sufism»*** - иқтибоси динӣ буда, дар забонҳои омухташаванда барои ифодаи ормонҳои динӣ ба кор бурда мешавад, дар «ФТЗТ» бо чунин маъно ба кор бурда шудааст: ***1.****пӯшидани либоси пашмин.* ***2.****фалс. ҷараёне, ки пайравони он барои пок шудан аз хоҳишҳои нафсонӣ кӯшида, ашёи олами ва табиатро мазҳари (маҳалли зуҳурӣ) ҳақ(қ) (Худо) медонистанд, либоси пашмин пӯшида, ба зуҳду тақво машғул мешуданд, сӯфигарӣ: аҳли тасаввуф [10, с.319].* Дар ҷумлаи зерин, миёни аҳли адаб ё диндорон чунин тарзи ифодаҳои он вуҷуд дорад:

➢ *Дар охир метавон қайд кард, ки бо таъқиби сӯфиён дар аввали даврaи сафавиён тарафдорони тариқаи ирфонӣ дар Ислом истифодаи истилоҳи ирфонро нисбат ба* ***тасаввуф*** *афзалтар мешумориданд [3, с.473] . ~ It may be noted in passing here that with the persecution of the Sufis in early Safawid times, the advocates of mystical experience in Islam used the term gnosis or '****irfan*** *in preference to* ***Sufism*** *(****tasawwuf****) [11, с.460].*

Истилоҳот дар забонҳои олам бо тарзҳои гуногун ворид мешавад, аммо на ҳамеша дар забонҳои дигар ҳамтои худро пайдо мекунад. Мафҳуми ***«Sufism»*** - дар луғатномаи «OALD» чунин оварда шудааст: *a member of a Muslim group who try to become united with God through prayer and meditation and by living a very simple, strict life (mid 17th cent.: from Arabic sufi, perhaps from ṣūf 'wool' (referring to the woolen garment worn)* [14, с.1566]. Мафҳуми мазкур дар забони форсӣ решаи динию таърихӣ дорад, ки чунин хусусиятро дар дини насронӣ соҳиб нест, ва ин сабаб мешвад, ки мутахассисон ҳангоми истифодаи истилоҳоти зайл ,тафсири онро ба кор мебаранд:

➢ *Аммо бо вуҷуди беҳтар шудани шароит, имомон ва пайравонашон ҳануз ба иҷрои тақийа ва истифода аз пардаи сӯфиёна маҷбур буданд [3, с.484]. ~Despite the improved conditions, however, the imams and their followers were still obliged to practice* **taqiyya** *and to utilize the guise of* ***Sufism*** *[11, с.471].*

Дар раванди баргардони матнҳо, мутарҷим ҳаққӣ дорад, аз роҳу усулҳои фаровон истифода барад, масалан: дар тарҷума реалияҳо, ки хосси як минтақа, миллат ё дин ҳаст, мутарҷим на ҳамеша ҳаққи тарҷума кардан дорад ва бо роҳи дар дохили қавс овардани маънои он, барои хонанда усули баргардони хело фаҳмо мебошад:

➢ *Ба ҳар сурате, Низории Қуҳистонӣ инчунин нахустин исмоилии низорист, ки чунин истилоҳоти сӯфиёна мисли* ***хонақоҳ****,* ***дарвеш****,* ***ориф****,* ***қаландар*** *ва инчунин* ***пир*** *ва* ***муршид****ро, ки сӯфиён нисбати раҳнамои рӯҳониашон истифода кардаанд, ба кор бурдааст [3, с.464]. ~Be that as it may, Nizari Quhistani is also the first Nizari Isma'ili to use Sufi terminology such as* **khanaqah, darwlsh** *(dervish),* **'arif (***gnostic),* **qalandar** *(wandering dervish) as well as pir and* **murshud,** *terms used bySufis in reference to their spiritual guide [11, с.450].*

Мафҳуми **«*мусулмон*»-** дар забонҳои муқоисашаванда иқтибоси диннӣ мебошад, тавассути омадурафти тоҷирон, фарҳанги Исломӣ, истилои мардуми Араб ва ғайриараб (дар асрҳои VI-VII) ба забонҳои дигар оварда шудааст. Дар «ФТЗТ» бо чунин тарз овардааст: ***1. мусулмон*** *[10, с.845].*

➢ *Аммо ҳадафи асосии дипломатии Луиси IX, подшоҳи Фаронса он буд, ки ба муқобили* ***мусулмонон*** *бо мугулҳо муттаҳид шавад [3, с.35]. ~ The main diplomatic ambition of Louis IX of France, however, was to secure an alliance with the Mongols against the* ***Muslims*** *[11, с.17].*

Аз нигоҳи сарфию наҳвӣ дар ҷумлаи додашуда, калимаи **«*мусулмон*»-** дуруст ба кор бурда шудааст, ва ҳатто дар забонҳои ишорашуда шумораи танҳо ва ҷамъи он аз тарафи муаллиф ва тарҷумон ба таври комил риоя шудааст ва ҳамчунин вожаи таҳқиқшаванда хусусияти реалӣ худро нигоҳ доштааст:

➢ *Алӣ дар хутбаҳо ва мактубҳояш шарҳ медод, ки хонаводаи Пайғамбар (с) ё аҳл-ул-байт ҳуқуқи роҳнамоии* ***мусулмононро*** *дорад [3,60]. ~ Indeed, 'All had made it plain in his speeches and letters that he considered the Prophet's family or the ahl al-bayt to be entitled to the leadership of the* ***Muslims*** *[11, с.42].*

Вожаи ***«Christian»*** **-** динӣ буда, барои мардуми мо хеле фаҳмо мебошад. Аслан истилоҳи номбурда аз забони лотинӣ дар шакли ***«Christianus, Christ»*** **-** ба забони англисӣ ворид мешавад, аммо дар забони муосири англисӣ ***«Christian»*** **-** ба кор бурда мешавад. Дар Фарҳанги "OALD" бо чунин шакл зикр ёфтааст: **Christian** -1. based on or believing the teachings of Jesus Christ, *the* ***Christian Church /faith/ religion,*** 2. connected with Christians,*the Christian sector of the city,* 3. *(****also christian****)* showing the qualities that are thought of as typical of a Christian; good and kind,a person who believes in the teachings of Jesus Christ or has been baptizedin a Christian church [14, с.260]. Дар ҷумлаи зерин мафҳуми додашуда бо назардошти луғатномаи дар боло овардашуда бо чунин тарз ба корбурд гардидааст:

➢ *Аврупои* ***масеҳӣ*** *аз комёбиҳои афзудаистодаи мусулмонон ва забтҳои ҳарбии онҳо ба ҳарос афтод [3, с.30].~* ***Christian*** *Europe was alarmed by the expanding fortunes of the Muslims and their military conquests [11, с.11].*

Истилоҳи зикршуда, дар забонҳои муқоисашаванда маънои аслиашро дар матн пурра, комил, амиқу дақиқ ифода карда метавонад. Дар ҷумлаи боло ибораи ***«****Аврупои* ***масеҳӣ»*** ба корбурда шудааст ва ***«масеҳӣ*** *Аврупои»* истифода шавад, беҳтар мешуд. Аз нигоҳи тарҷума, нахуст донистани дуруст ва хуб омӯхтани материали тарҷумашаванда, дувум донистани забони аслии асар, савум хеле хуб ва дақиқ донистани забони модарии худро зарур мешуморем:

➢ *…out of these religious associations there are 17 cathedral mosques, 15* ***Christian*** *churches and 2 Jewish synagogues [13, с.263]. ~ … аз ин теъдод 17 ададро масҷиди ҷомеъ, 15 ададро калисои масеҳӣ ва 2 адади дигарро синагогаи яҳудӣ ташкил медод [8, с.263].*

Аз ҷумлаи дар боло зикршуда ба мо маълум гардид, ки вожаҳои динӣ аслан метавонанд бо як ё якчанд маъно дар шаклҳои гуногун истифода шаванд, аммо хусусияти динии худро дар забонҳои муқоисашаванда устуворона нигоҳ медоранд:

➢ *Дар соли 1097 зиёраткунандаҳо - аскарони* ***масеҳии*** *Ҷанги якуми салибдорон, аллакай, ба Сурия ворид шуданд [3, с.30].~ By 1097, the* ***Christian*** *pilgrim-soldiers of the First*

Crusade had already entered Syria [11, с.12].

Дар давраи муосир тарҷума яке аз роҳҳои иқтибосшавии истилоҳоти соҳавӣ дар ҳар як забон гаштааст. Дар вақти баргардони матнҳо аксарияти тарҷумонҳо ба хусусиятҳои миллӣ ин ё он забон такя мекунанд, ки ин сабаби иқтибосшави истилоҳот мегардад. Вожаи ***«hajj»*** - дар Фарҳанги забони тоҷикӣ бо чунин маъноҳо кайд шудааст: маросими зиёрати Каъба, ки яке аз рукнҳои дини ислом ба шумор меравад *[10, с.501].*

- *… The Head of State several times made a* ***hajj*** *with the members of his family, which testifies to the to policy … [13, с.262]. ~ … Роҳбари давлат бо аҳли оилаи худ чанд маротиба маросими* ***ҳаҷ****ро ба анҷом расонид, ки худ бозгӯйи сиёсат … [8, с.262].*

Бояд тазаккур дод, ки дар миёни тарҷумонҳо барои ҷалб кардани диққати хонанда усули баргардони ҳарф ба ҳарфро (транслитерация перевод) хеле бисёр ба кор мебаранд, ки матнро фаҳмо ва дастрас мегардонад.Дар матни додашуда мутарҷим чунин усулро ба кор бурдааст:

- *Motherland over 25 years of state independence, more than two hundred thousand citizens of Tajikistan made a* ***pilgrimage*** *to the Holy Mecca [13, 264]. ~ Ватан дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ беш аз дусад ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон зиёрати Маккаи мукаррамаро ба ҷо оварданд [8, с.265].*

Дар ҷумлаи зерин муаллиф якчанд истилоҳи диниро, ки ба хонандаи дохилӣ ва хориҷӣ нофаҳмо мебошад, онҳоро дар қавс бо ҳамтояшон дар забони англисӣ овардааст, ки ин як усули фаъолияти тарҷумонӣ буда, матнро пурқувват мегардонад. Ҳангоми раванди тарҷума бештари калимаҳо аз забонҳои дигар аз тарафи муаллиф ва тарҷумон иқтибос ва реалия мешаванд:

- *… religious duties, consisting of the seven pillars of Islam according to the Isma'ills, namely walaya (devotion to imams), tahara (ritual purity),* salat *(prayer) including jana'iz (funeral rites), zakat (alms),* sawm *(fasting),* ***hajj*** *(pilgrimage to Mecca), and jihad (holy war) [11, с.175]. ~ … ҳафт сутуни дини Ислом – валойат (вафодорӣ ба имомон), таҳорат, салот (намоз) аз ҷумла ҷаноиз (маросими дафн), закот, савм (рӯза),* ***ҳаҷ*** *(зиёрати Макка) ва ҷиҳодро фаро мегирад [3, с.202].*

Муҳаққиқ дар мақолаи мазкур кӯшиш кардааст, ки мувофиқатии сохторӣ ва маъноӣ истилоҳотро дар ҷумлаҳо нишон диҳад. Мавзӯи мазкурро дар забонҳои омӯхташаванда аз ҷиҳати таърихӣ, этимологӣ, овозӣ, сарфӣ, наҳвӣ, динӣ ва мавқеи истифодааш дида баромада ва ба чунин хулоса омадааст:

- *Вожаҳои динӣ дар ҳар ду забон дорои синонимҳо ва антонимҳои хеле зиёд мебошанд.*
- *Тарҷумон доираи истилоҳоти диниӣ насрониро маҳдуд кардааст ва ба истилоҳоти дини ислом имкониятҳои бештар додааст.*
- *Дар забонҳои муқоисашаванда истилоҳоти динӣ аслан аз забонҳои арабӣ ва лотинӣ иқтибос шуданд.*
- *Аз ҷиҳати сохтор ва маъно истилоҳоти динии дар забонҳои муқоисашаванда ба тағйироти овозӣ, шаклӣ,сохторӣ ва маъноӣ дучор мешаванд.*
- *Обуранги маҳал ва иқтибосоти динӣ буданашон дар китобҳои тарҷумавӣ ҳифз шудаст.*

Муҳаққиқ дар мақолаи нобурда омилу равандҳои дар боло зикрёфтаро ба назар гирифта, мавриди омӯзиш қарор додани истилоҳоти диниро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар асоси асарҳои тарҷумашуда амри саривақтӣ мешуморад.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева Т. Назарияи иқтибос (калимоти араби дар забони тоҷикӣ) / Т.Бердиева. – Душанбе,1991. – 128 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш,1985. – 356 с.
3. Дафтари Ф. Исмоилиён “Таърих ва ақоиди онҳо” / Ф. Дафтари. - Душанбе: ЭР-граф, 2012. –805 с.
4. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр- граф, 2015. – 1016 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душнбе, 2007. – 242.с.
6. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо / С Назарзода. – Душанбе, 2014. – 367с.
7. Насруллоев М. Таъбиру ифодаҳои қуръонӣ дар осори насрии Убайди Зоконӣ / М. Насруллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: Сино, 2009. - №4 (52). – С.28-31.

8. Пешвои муаззами миллат: Нақши Эмомали Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣю. - Душанбе, 2019. – 84 с.
9. Фаттоев С. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо, Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ / С. Фаттоев. – Душанбе, 2009. – 111 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [ФТЗТ]. Ҷилди 1, 2. – Душанбе, 2008. – 994 с.
11. Daftary F. The Ismailis: Their History and Doctrines second edition / F. Daftary. - Cambridge University Press. –1990, 2007. – 524 pp.
12. Fattoev S. The great Imam and dialogue of civilizations. The great Imam and national identity / S Fattoev. – Dushanbe, 2009. – 111 pp.
13. Great leader of the Nation: The role of Emomali Rahmon in strengthing State Independence. - Dushanbe, 2019. – 384 p.
14. Oxford Advanced Learner's Dictionary [OALD]. Nine edition. – India, 2015. - 8020 pp.
15. Webster's Ninth New Collegiate Dictionary (WNNCD). - Springfield, Massachusetts. – USA, 1983. – 1563 pp.

ИСТИЛОҲОТИ ИҚТИБОСИИ ДИНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ ДАР АСОСИ АСАРҲОИ ТАРҶУМАШУДА

Ин мақола ба мавзӯи «Истилоҳоти иқтибосии динӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» бахшида шудааст. Дар мавзӯи мазкур, ки то ҳол касе ба он таваҷуҳ накардааст, муҳаққиқ роҳҳои воридшавӣ ва истифодаи истилоҳотро аз ҷиҳати сохторӣ ва маъноӣ омӯхтааст. Роҳҳои воридшавии истилоҳоти динӣ дар забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати таърихи забоншиносӣ, решашиносӣ, луғавӣ, тарҷумавӣ ва методи таҳқиқ кардааст. Роҳҳои дигари воридшавии истилоҳоти диниро дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян намуда, ба хусусиятҳои миллии ин ё он фарҳанг дар матни тарҷумашаванда такя кардааст. Муаллиф фикру андешаҳои забоншиносонро ба назар гирифта, аз осори илмии онҳо ба таври васеъ истифода кардааст. Инчунин истилоҳоти иқтибосии диниро дар мақолаи аз ҷиҳати забоншиносии муқоисавӣ дар сатҳӣ баланд пажӯҳиш намудаа, паҳлуҳои норавшан ё мушкилотҳои забони онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз нигоҳи луғавӣ, омӯзиши истилоҳоти динӣ дар забонҳои муқоисашаванда дар кишвари мо иқдоми нав мебошад. Хусусиятҳои луғавӣ забоншиносӣ, методи таҳлили муқоисавии таърихӣ, методи тарҷума ва методи таҳқиқи статистикӣ истилоҳоти динӣ аз назари муҳаққиқ дур намондаст. Масусан, роҳҳо ва даврaҳои иқтибосшавии истилоҳоти динӣ дар забонҳои муқоисашаванда дар мақолаи додашуда ба эътибор гирифта шудааст. Мавзуи таҳқиқшаванда дар истилоҳшиносии тоҷик муҳим ва аз аҳамият холӣ набуда, дар инкишоф додани роҳҳои тарҷумаи матнҳо ва иттилоот мубрам мебошад. Аз ин сабаб, муҳаққиқ ба паҳлуҳои гуногуни истилоҳоти иқтибосии динӣ таваҷҷуҳ кардааст, усулҳои корбурд ва таносуби маънои онро муайян кардааст. Мақсади омӯзишии истилоҳот, ин офаридани муҳити мувофиқ барои забономӯзон ва тарҷумонҳо ва аз тарафи дигар, ғанӣ гардонидани фонди луғавии забонҳои муқоисашаванда мебошад.

Калидвожаҳо: иқтибосот, истилоҳоти динӣ, сермаънои истилоҳот, сохтор, фонди луғавӣ, тарҷума, забоншиносӣ.

РЕЛИГИОЗНЫЕ ЗАИМСТВОВАННЫЕ ТЕРМИНЫ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

(на основе переводныХ книг)

Эта статья озаглавлена «Заимствования религиозныХ терминов в английском и таджикском языках». По этой малоисследованной теме автор изучил способы образования и использования терминов, с структурно-семантической точки зрения. С точки зрения этимологической, лексической, переводческой и методологической, сопоставимые языки могут быть введены новые религиозные термины. Выявлены и другие способы введения религиозных терминов в изучаемые языки, исходя из национальных особенностей культуры в переводимом тексте. Принимая во внимание взгляды лингвистов, автор широко использовал их научные труды. Он исследовал заимствования религии в данной статье, обращая внимание на некую двусмысленность или проблемы языка. С лексической точки зрения, изучение религиозных терминов в сопоставляемых языках - новая тема исследования в республике Таджикистан. Особенности языкознания, метод сравнительно-исторического анализа, метод перевода и метод статистического исследования религиозных терминов были использованы автором в данной статье. В частности, в этой статье учитываются способы и примеры цитирования религиозных терминов в сопоставимых языках. Предмет исследования важен для таджикской терминологии и при разработке способов перевода текстов и информации. По этой причине исследователь рассмотрел различные аспекты терминов, используемых в религиозных заимствованиях и определил используемые методы и их значение. Цель изучения терминологии - создать среду, благоприятную для изучающих язык и переводчиков, и, с другой стороны, обогатить словарный запас сопоставимых языков.

Ключевые слова: заимствования, религиозная терминология, смысловая терминология, структура, лексический фонд, перевод, лингвистика.

THE BORROWINGS OF RELIGIOUS TERMS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES ON BASIS OF TRANSLATED BOOKS

This article is entitled «The borrowings of religious terms in English and Tajik languages on basis of translated books". On this topic, which no one has paid attention to yet, the researcher has studied the ways of entering and using terms from the structural and semantic point of view. The ways of income in which religious terms can be introduced into comparable languages in terms of their linguistic, etymological, lexical, translational and methodological history. Other ways of introducing religious terms into the languages under study have been identified, relying on the national characteristics of a culture in the text being translated. Taking into account the

views of linguists, he has made extensive use of their scientific works. He researched the borrowings of religious terms in a highly comparative linguistic article, exploring the ambiguities or problems of its language. From the lexical point of view, the study of religious terms on this topic in comparable languages is a new work in our country. The features of linguistics, the method of comparative historical analysis, the method of translation and the method of statistical research of religious terms are not far from the researcher's point of view. In particular, the ways and periods in which religious terms are quoted in comparable languages are taken into account in this article. The subject of the research is important in Tajik terminology and is important in the development of ways of translating texts and information. For this reason, the researcher has looked at various aspects of the terms used in religious borrowings, and determined the methods used and the proportions of their meanings. The purpose of learning the terminology is to create an environment conducive to language learners and translators, and on the other hand, to enrich the vocabulary of comparable languages.

Key words: borrowings, religious terminology, semantic terminology, structure, lexical fund, translation, linguistics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шехов Иззатулло*** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Борбад, 48/5. E-mail: **izzatullo_1@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-767-99-37**

Сведения об авторе: ***Шехов Иззатулло*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Борбада, 48/5. E-mail: **izzatullo_1@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-767-99-37**

Information about the author: ***Shekhov Izzatullo*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48/5. E-mail: **izzatullo_1@mail.ru.** Tel.: **(+992) 98-767-99-37**

УДК: 81=222.8 (575.3)

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ МИЛЛӢ

Шарифова Г.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Забон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ сайру таърихи тулонӣ дорад. Такя ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар масъалаи он ки таҷаддуди таърихию фарҳангии мардуми эронитабор аксар дар муҳити Самарқанду Бухоро, Балху Ҳирот ва Хуҷанду Фарғона, ки ба маънии том меҳани аслию азалии қавми тоҷик маҳсуб меёбад, ба вуҷуд омада, баъдан ба қисматҳои Ҷанубу Ғарбии Эрон, Озарбойҷон, қисматҳои Ҳинду Чин, Покистон ва Осиёи Сағир гузаштаанд. Ба шарофати давлатдории аҳди Сомониён маҳалҳои асосии тоҷикнишини Хуросони бузург дар ҳудуди гаҳвораи тамаддуни ориёиҳо-шаҳри Бухорои бостон муттаҳид карда шуданд [11, с.30-32].

Забони тоҷикӣ, ки имрӯз забони расмӣ ва давлатии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон шинохта шудааст, дар давраҳои гуногун барои инкишофи илму адаб, фарҳанг, сиёсат ва давлатдорӣ дар кишварҳои гуногун хизмат карда, мақоми босазоеро ишғол намудааст. Мақоми сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ин забон дар як ҳавзаи азими ҷуғрофӣ қавму қабила ва халқияту миллатҳои гуногунро водор месохт, ки онро омӯзанд, то ба василаи он байни ҳамдигар муошират кунанд, муомилоти иҷтимоиву иқтисодӣ барқарор созанд ва осори адабӣ ва илмиву фарҳангӣ таълиф намоянд [13, с.41-42].

Забони тоҷикӣ тавонову рақобатпазир буда, дар тули зиёда аз 1300 соли мавҷудияти худ барои бақои хеш бо чандин забонҳои дунё, аз ҷумла, бо забонҳои арабиву муғулӣ ва туркиву русӣ мубориза бурдаву гоҳе шикаст хӯрдааст, вале ҳаргиз мағлуб нагардидааст [10, с.8-9].

Сифати дигари забони тоҷикӣ ин шевою гуворо садо додани он аст, ки намояндагони бузурги миллатҳои ғайр дар ситоиши он матолиби ҷолибе гуфта, онро ҳатто аз забони модарии худ ширинтар донистаанд. Аз ҷумла, шоири урдузабони Покистон Муҳаммад Иқбол дар сифати ин забони суфтаву ноб гуфтааст:

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шакар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

Забони тоҷикӣ, ки тули қарнҳои зиёд забони илму адаб, забони расмии давлатӣ буд, имрӯз на танҳо мақому аҳамияти таърихии худро гум накардааст, балки беш аз пеш рушду инкишоф меёбад [11, с.21].

Истиқлолият ба мо имкон медиҳад, ки омӯзиш ва густариши ҳамаҷонибаи забони давлатиро бо диди нав ва бо назардошти имкониятҳои забони муосир мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем.

5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид. Тарғибкунанда ва муаррифгари забони давлатии ҳар кишвар воситаҳои ахбори омма ҳастанд, ки дар баробари шоирону нависандагон ва забоншиносон ҷой доранд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ забони воситаҳои ахбори омма забони давлатӣ, яъне тоҷикӣ мебошад. Беғалат ва равшану возеҳ пахш ва чоп кардани матолиби воситаҳои ахбор метавонад ба инкишоф ва тозагии забон боис гардад ва сокинони кишварро ба дурусту бехато ҳарф задан тарғиб кунад. Аммо, чуноне имрӯз мушоҳида мешавад, на дар ҳама расонаҳои кишвар риояи қоидаҳои имлои забон ва содабаёнӣ риоя мегардад. Сабаби ин дар аксар маврид огоҳ набудан аз қоидаҳои имлову аломатҳои китобати забони тоҷикӣ мебошад. Дар васоити ахбори омма бошад, ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки рӯзноманигорон қасдан аз ин ё он қоида чашм мепӯшанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯзҳо мардуми кишвари мо ва берун аз он дар сомонаҳои интернетӣ шомил ҳастанд ва ҳар яке саҳифаи хешро дар он боз кардаанд. Вақте дохили саҳифаҳо мешавед, чашматон ба ғалатгуфтанҳову ғалатнавистанҳои бемавриди имлоиву услубӣ ва аломатҳои китобатӣ меафтад, ки ростӣ ба хотири забони ширину гуворои зебои тоҷикӣ ва тоҷикзабон буданатон хории кас меояд. Дар ин маврид суоле

вирди забони хонанда мегардад, ки то кай ин ҳол идома меёфта бошад? Ба мисолҳои зер таваҷҷуҳ менамоем:

-Чаро имр**у**з касе намешино**садмон**?

- Ериатон ло**в**им

- Занҳои азиз **шумоҳонам ҳамихел ҳайитонми**?

- Мухтарам **Маҷиди.Ю**

- Конди**ци**онер **ай** Москва овардам **марҳамад состоянишон хубай** дига **намудошам хастай**

- М**ух**тарам вазири **тандурусти** шуморо ба **кадами 65с.ҳайёти** умратон...

- Чои кор барои **студенто** то **абед** аз соати 7сахар **то12абед ойлик** 800 сомон кор **магазини хурокахай** тарафи саховат илтимос **хами студентои** тарафи саховат **бдагиё** занг занен...

Ҳатто ба ҳоли чунин **“хушнависон”** шаҳрвандоне, ки дар гурӯҳҳои русӣ таҳсил гирифтаанд, масхара карда мегӯянд, ки “ҳами аввал забони худта ёд гир баъд забони русӣ кати навис!” Оре, сухани ҳақро мегӯянд. Барои чӣ дар навишти русӣ хато бошад, ислоҳ мекунанд дар забони тоҷикӣ касе парвое надорад? Ҳол он ки имрӯзҳо ҳамзабонони мо низ хатти кириллиро мефаҳманд, менависанд, аз ин беэҳтиромии забони тоҷикии мо чӣ хулоса мебароварда бошанд?

Яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити ҷаҳонишавӣ ин фазои иттилоотӣ ба шумор меравад. Мо соҳибони забонро лозим аст, ки ин фазоро ба таври бояду шояд ва ба мавқеъ истифода бурда, ақаллан, ҳуруфоти забони тоҷикиро дурусту бехато мавриди истифода қарор диҳем.

Доир ба ин масъала садҳо мисолҳо овардан мумкин аст, ки айнан ба лаҳҷаи гуфтугӯйӣ суханҳояшонро ба таври хаттӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамин тавре ки мисол овардем, баён мекунанд. Навиштаҳои болоро мутахассисони касбу кори гуногун мехонанд, мебинанд, аммо камбудиҳо нисбати забони миллӣ гӯё, ки ба назар намерасад.

Ин як тарафи масъала. Тарафи дигари масъалаи мавриди назар ин истифодаи забони тоҷикӣ дар омӯзиш ва корбарии техникаи муосири компютериву коммуникатсионӣ мебошад, ки тадриҷан рӯз ба рӯз васеъ мегардад. Дар ин ҷода низ мо то андозае муваффақ нашудаем. Баъзе кӯшишҳои баанҷомрасида дар ин самт ҳануз дастоварди нисбатан ҷиддӣ шуда наметавонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯз башарият гирифтори таҳаввулоти азиме аст, ки онро инқилоби иттилоотӣ низ мегӯянд. Ин инқилоб қодир аст, ки ҳаёти инсон – кор, зист, тарзи андеша ва ҳатто муносибат ба худашро куллан тағйир диҳад. Тафовути он аз инқилобҳои технологии қаблӣ, ки ба моддиёт ва энергия такя мекарданд, дар он аст, ки ба тағйир додани мафҳумҳои мабноии мо аз қабили вақт, фазо, масофа ва дониш асаргузор шудааст. Ин инқилоб, қабл аз ҳама, риштаи саноеи ҷадид – санъати иттилоотиро дар мадди аввал мегузорад. Ин саноат ба тавлиди воситаҳои техникӣ, усул ва технологияҳо дар истеҳсоли дониши ҷадид вобастагӣ дорад. Ташкилдиҳандаи муҳимтарини ин саноеи иттилоотӣ ҳама гуна технологияҳои иттилоотӣ, бавижа иртибот аз роҳи дур (telecommunication) мебошад. Технологияҳои иттилоотии замонавӣ ба пешрафти воситаҳои компютерӣ ва воситаҳои мухобирот такя мекунанд. Имрӯз ҷузъи иттилоотӣ дар фаъолияти ҳамарӯзаи одамон нисбат ба ҷузъҳои дигар бештар шудааст. Аз ин рӯ, вожаи «иттилоот» (information) маънии сеҳромезеро гирифтааст. Ин истилоҳ бо даҳҳо шаклу таркиб ва иборот ба фарҳанги забонҳои ҷаҳон ворид гаштааст. Табиати инқилоби иттилоотӣ, то ҳоло пурра баррасӣ нашудааст, аммо маънои он беш аз пеш ошкор мегардад. Ин аст, ки пешравии технологияҳои иттилоотӣ ба пешравии ҷомеа овардааст ва мафҳуми ҷомеаи иттилоотиро эҷод кардааст [7, с.83].

Солҳои охир дар корхонаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо оид ба татбиқи баъзе хусусиятҳои калимаҳои забони тоҷикӣ дар технологияҳои иттилоотӣ масъалаҳои ба монанди: таҳлили морфологии калимаҳо, бунёди морфологии калимаҳо, ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани калимаҳо, тарҷумаи дохилизабонии калимаҳои мураккаб, бамеъёрдарории баъзе калимаҳои мураккаб, ки тарҷумаи онҳо ба забонҳои дигар ғайриимкон аст, ба воситаи компютер овоз додани калимаҳо, ба воситаи техногияҳои иттилоотӣ ёфтани ҳиҷоҳои заданоки

калимаҳо, баъзе пешниҳодҳо барои такмили имлои забони тоҷикӣ ва мутобиқсозии махсусиятҳои забони тоҷикӣ бо имконоти технологияи иттилоотӣ, тавлиди компютерии луғатҳои басомадии калима ва воҳидҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ, таҳияи барномаи махсус оид ба вазни шеъри тоҷикӣ ва ғайра мавриди татбиқ қарор гирифааст. Вале ба татбиқи хусусиятҳои забони тоҷикӣ дар технологияҳои иттилоотӣ, қабл аз ҳама, масъалаҳои мутобиқ намудани махсусиятҳои сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ бо имконоти технологияи иттилоотӣ, бо усулҳои тарҳрезӣ нишон додани номувофиқатии имлои ҷории забони тоҷикӣ бо технологияи иттилоотӣ, номувофиқатии тартиби овозӣ бо алифбои ҷорӣ, шаклвайроншавии баъзе ҳарфҳо дар технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди мушкилоти ҳамагон гаштааст, набудани ҳуруфоти ягонаи тоҷикӣ дар шабакаи Интернет мебошад. Имрӯз дар шабакаи Интернет зиёда аз 70 намуд ҳуруфоти худсохт барои ифодаи матнҳои тоҷикӣ истифода мешавад. Аксари ин ҳуруфот аз ҷониби шахсони алоҳида сохта шуда, аз сабаби номувофиқатӣ бо махсусиятҳои алифбои тоҷикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар ифодаи матнҳои тоҷикӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд оварда истодаанд. Бояд қайд намуд, ки аз ин намуд ҳуруфоти тоҷикӣ танҳо ду намуди он дар муносибатҳои расмии корхонаву идораҳо истифода мешавад. Барои матнҳои тоҷикӣ ҳуруфоти Palatino Linotype дар шабакаи Интернет мавриди истифодаи умум қарор дошта, дар дохили кишвар ҳуруфоти Times New Roman Tj бештар мутобиқ мебошад. Ҳоло замоне фаро расидааст, ки дастовардҳои нави илм дар натиҷаи бархӯрди соҳаҳои гуногун ба даст меояд. Имрӯз бо назардошти бархӯрди хусусиятҳои илми забоншиносӣ ва технологияҳои иттилоотӣ зарурияти таълими забони тоҷикӣ бо усулҳои комилан нав, аз ҷумла, ҳалли кроссвордҳо ва санҷишҳои лексикӣ, сохтани матнҳо бо ёрии мукотиботи электронӣ ва ташкили ҳар гуна бозиҳои расмӣ, таҳияи мактубҳои расмӣ, омӯзиши сохтори луғатҳои электронӣ, пайкараҳои электронӣ ва сохтори онҳо ва ғайраро ҷорӣ намудан лозим ба назар мерасад [7, с.43]. Пешрафти босуръати технологияи муосир, алоқаи мобилӣ, телекоммуникатсия ва компютеркунонии самтҳо ва соҳаҳои гуногун маҳаки рушди иттилоотрасонӣ низ гардиданд. Дар шароити имрӯз, ки ҳама гуна иттилоот мавқеъ ва арзиши хосро дорост, мутахассисони соҳаҳои гуногун истифодабарии техникаву технологияи муосирро ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои хеш хеле муҳим ва саривақтӣ мешуморанд. Чунки технологияи муосир имкон фароҳам меоварад, ки коркард ва паҳн намудани босифати иттилоот бо суръати хеле баланд анҷом ёфта, бад-ин васила истифодабарандагон ба маълумоти зарурӣ дар муддати хеле кӯтоҳ дастёб мегарданд.

Боз як масъалаи дигар ин аст, ки баъди қабул кардани ҳуҷҷатҳо ҳуруфоти онҳо иваз мешаванд. Ҳангоми истифодабарии ҳуҷҷатҳое, ки ба забони тоҷикӣ ҳуруфчинӣ шудаанд, маълум мешавад, ки аз сабаби истифодабарии ҳуруфоти гуногун мутолиаи онҳо ба мушкилӣ оварда мерасонад. Кормандони корхонаҳо ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва вақти пурқимати хешро ба ҷустуҷӯи ҳуруфи лозима сарф менамоянд.

Забони адабӣ забоне мебошад, ки таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии он ба меъёри муайян дароварда шудааст ва тамоми ҷомеа аз он баробар истифода менамояд. Забони адабӣ як чизи шахшудамонда нест, он вобаста ба таҳаввули ҷомеаву афроди он тағйиру табдил меёбад.

Масъалаи муҳимме, ки дар боло зикр намудем, риоя накардани қоидаҳои имло ва услубҳои забони тоҷикӣ дар баъзе мавридҳо аз ҷониби рӯзноманигорони маҷаллаву рӯзномаҳо, ҳатто шабакаҳои телевизионӣ низ ба назар мерасад. Бархе аз онҳо гӯё, ки вожаи нав ва тағйироте ба забони адабии тоҷик ворид карда, ба таркиби луғат вожаҳои мушкилталаффузро аз иқтибосҳои арабӣ ва ғайра дар дохили суханашон ҷой медиҳанд, ки ба омма фаҳмо нест. Равшану возеҳ аст, ки ҳама табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ аз вазир сар карда, то омӯзгору донишҷӯ ва дигарон барномаҳои телевизионро тамошо мекунанд. Рӯзноманигор бояд тавре суханронӣ кунад, ки ба кулли тамошобин фаҳмо бошад ва онро дарк карда тавонад. На ин ки калимаҳои нофаҳмояшро аз дигарон пурсон карда гардад, ки чӣ маъно дорад?

Ҳоло баъзе калимаву ибораҳоеро, ки аз барномаҳои телевизионӣ ҷудо карда будем, айнан мисол меорем:

- оби нӯшокӣ, нӯшиданӣ, оби ошомиданӣ

- Ғалладони, ғалладонагӣ
- бурдборӣ, комёбӣ, муваффақият
- хатоӣ, хатогӣ, хато
- ёрдам, ёрмандӣ, ёрӣ, кумак
- кишт гузаронидан, гузарондан, коридан, киштан, кишт кардан
- пиёда кардан, амалӣ кардан, ба амал татбиқ намудан
- пиронсолон, куҳансолон
- тахфиф, арзон, таваррум
- қимат шуд, гарон шуд
- хӯрок, хӯрокворӣ, хӯрока
- фарқ, фарқият
- зарурият, зарурат
- муқобилият, муқобилат
- харидам, харид кардам, харидорӣ кардам
- дидан кардам, тамошо кардам
- сиҳат ёфтам, сиҳат шудам
- сохтмони биноҳои баландошёна, серошёна, бисёрошёна
- арзи сипос кардам, баён намудам
- саргузашти худро баён кард, нақл кард
- неругоҳи обии баркӣ, неругоҳи барқии обӣ
- Бадахшони кӯҳӣ, Кӯҳистони Бадахшон
- Тоҷикистони Шимолӣ, Шимоли Тоҷикистон
- ояндаи кишвар аз ғайрату шуҷоати ҷавонон вобастааст
- таъмини аҳолӣ бо барқ ҳалли худро меёбад, масъалаи таъмини барқ ҳал мешавад
- услуби ҳар шоир хусусиятҳои хосси худро дорад, хусусиятҳо дорад
- аз Шумо изҳори сипос мекунам
- политсияи Русия аз муҳофизони меҳнатии тоҷик пуштибонӣ намекунад
- фабрикаи **шири Саодат**
- **маҷмуи гиёҳӣ** буда
- мутахассисони ботаҷрибаи **Чиноӣ**
- бо усули **чинӣ**
- Аз дард ва таб! Пардефин
- **тавсеаи** ҳамкории
- таҳти **таҳрим** (ин калима дар фарҳанг ба маънои **манъкардашуда** омадааст) қарор доранд
- ниҳоли дарахтони сояафкан дар **инҷо**
- **Омӯзгори омодагии** дифои ҳарбӣ
- резондани **кафолатноки** кирми меъдаю рӯда
- қурби асъор аз “Ҷаҳоннамо”
- вазъи ҳаво, вазъи обу ҳаво
- ҳар коре, ки **мекунем,** аз сидқи дил **мекунем**
- Маркази тибби **чинӣ**
- асрори **зебои** дар асри XX1
- **саркаши** менамоянд
- **24 соат иттилоот**
- мулоқоти **маҷозӣ** (дар ин ҷо маҷоз ба кадом маъно омадааст, маълум нест) анҷом дод
- **изҳор** намуда **баён** доштанд, ки
- **амалинамоии** ин ҳадаф
- дар ин моҳи **пуршараф**
- **дарку таълимоти низомӣ** гирифта
- **муваффақона** ба анҷом расонданд
- **шӯҳратманди.**

Аз мисолҳои боло чунин бармеояд, ки услуби рӯзноманигорӣ ё публитсистӣ риоя нашуда ва меъёри забони адабии тоҷик, то андозае аз назарҳо дур мондааст.

Аз ин рӯ, марказҳои илмӣ ва олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои истифода бурдани забони давлатӣ дар сомонаҳои Интернет, барномаҳои иттилоотиву компютерӣ тадқиқоти илмиро ба анҷом расонанд ва онҳоро дар амал татбиқ намоянд. Ин барои ба забони муосири илмӣ мубаддал гардонидани забони давлатӣ, баланд бардоштани маданияти нутқи шифоҳӣ ва хаттии шаҳрвандон ва боло рафтани фарҳанги техникии ҷомеа қадами назаррасе хоҳад гардид [14, с.25].

Ҳануз соли 1926 устод Садриддин Айнӣ оид ба масъалаи тозагии забон ва риояи меъёрҳои он чандин мақолаи пуразриш ва судманд навишта буд [1, с.18]. Вазифаи муҳимми дигаре, ки имрӯз пешорӯйи аҳли илму маорифи кишвар қарор дорад, ин ба мақоми комили забони илм расонидани забони тоҷикӣ мебошад. Дар ин самт иқдомҳои зиёде амалӣ шуда истодаанд. Хусусан, бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” аз 30 июни соли 2021 таҳти №268 тасдиқ гардид [5, с.13]. Мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ ба забони давлатӣ таҳия ва таълиф шуда истодаанд. Вале боз ҳам дар раванди таҳияи дастурҳои таълимӣ-методӣ, китобҳои дарсӣ, ки барои ба забони илм табдил ёфтани забони тоҷикӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, хеле муҳим аст. Инчунин, таҳия ва ҳамгунсозии истилоҳоти забон, таҳқиқи масоили услубшиносии забон, фарҳангномаҳои классикии форсӣ-тоҷикӣ, соҳавӣ, таҳия ва нашри фарҳангҳои русӣ-тоҷикии истилоҳоти техникӣ, технологӣ, таҳияи вожаномаву муҳовараҳои дузабонаю сезабона, таъмини тарҷумаи расмии ҳуҷҷатҳои расмӣ ва соҳавӣ-тафсирии англисӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти технологияи компютерӣ, истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои компютерӣ, таҳияи барномаҳои компютерии омӯзиши забони давлатӣ, омӯзиши фанҳои дигар бо забони давлатӣ, таҳияи барномаҳои тарҷумаи компютерӣ аз забони тоҷикӣ ба забонҳои дигар ва аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ, ворид намудани шакли электронии “Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ” дар шабакаи Интернет ва даҳҳо чунин тадбирҳои нақшавии Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 омили ташаккул ва татбиқи забони давлатӣ шуда метавонад [13].

Ҳамин тавр, забон неъмати бебаҳое барои аҳли башар буда, инсон танҳо тавассути забон метавонад эҳсос ва фикру андешаҳои худро иброз намояд. Забони миллӣ оинаи пурҷилои таърих, ҷаҳони маънавӣ ва хираду маърифати ҳар як халқу миллат ба шумор меравад ва яке аз рукнҳои давлати соҳибистиқлол забони миллии он аст. Забон дар пойдории давлати миллӣ нақши боризеро дорост. Аз ин рӯ, ҳар давлате, ки мехоҳад қудрати сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро таҳким бахшад, қабл аз ҳама, бояд нуфузи забони миллиашро густариш диҳад.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.7 / С.Айнӣ. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1969. – 646 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: дар се ҷилд. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 355с.
3. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ / Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон 1973. - Қ.1. – 451 с.
5. Нурова К.А. Дастури методӣ оид ба иҷрои корҳои мустақилона аз фанни забони тоҷикӣ барои ҳамаи ихтисосҳо / К.А. Нурова. - Душанбе, 2016. – 51 с.
6. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатӣ. - Душанбе, 2021. – 63 с.
7. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. Қ.2. / Қ. Рустамов. - Душанбе, 2003. – 376 с.
8. Усмонов З.Ҷ. Забоншиносии иттилоотӣ / З.Ҷ. Усмонов [и др.]. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 169 с.
9. Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2013. – 319 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.:Сов., 1969. - Ҷ.2. – 947 с.
11. Шарифова Г.А. Забони тоҷикии соҳавӣ / Г.А. Шарифова. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 264 с.

12. Шарифова Г.А. Марҳалаҳои асосии таҳаввули равобити адабии тоҷику турк / Г.А. Шарифова. - Душанбе, 2015. – 292 с.
13. Шарифова Г.А. Забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Г.А. Шарифова, К.А. Нурова, З.У. Ҳамроқулова. - Душанбе, 2022. – 203 с.
14. Хоҷамуродов О.Ҳ. Ҷаҳонишавӣ ва фарҳанги миллӣ / О.Ҳ. Хоҷамуродов. - Душанбе, 2021. – 106 с.
15. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик (асрҳои X-XII). Дастури таълимӣ / С. Ҳалимов. - Душанбе, 2002. – 53 с.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 2. - Душанбе: Эр-граф, 2016. – 516 с.

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ МИЛЛӢ

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳим, яъне доир ба ташаккули забони миллӣ ва нақши технологияи иттилоотӣ сухан меравад. Чи тавре ки аз гузашта бармеояд, забон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ сайру таърихи тулонӣ дорад. Гузашта аз ин, дар фарҳангу тамаддуни халқу миллатҳо, аз ҷумла мо тоҷикон забони модарӣ зербинои ҳувияти миллӣ ва омили аслии ҳифзи он мебошад. Забони модарии мо – яке аз қадимтарин забонҳои Хуросону Мовароуннаҳр, меросбари забонҳои бостонии ориёист, ки донишу маърифати дар тули ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст. Ин забон гӯётарин далели ҳастии миллат буда, дар марҳилаҳои ҳассоси таърихи халқамон ҳамеша нақши тақдирсоз бозидааст ва дар баробари ин, аҷдоди бошарафу тамаддунсози моро аз гирдоби ҳаводиси пуртазоди асрҳои миёна то ба имрӯз эмин нигоҳ дошта, дар сарнавишти таърихии миллати шарафманди тоҷик таъриху фарҳанги камназири худро бо ҳамин забон иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст. Осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Аттору Саноӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Мавлоно Ҷомӣ ва садҳо нафарони дигар, ки ҳануз чандин аср пеш навишта шудаанд, имрӯз низ барои мардуми мо дастрасу фаҳмо ва азизу гиромӣ мебошад. Ин, албатта, мояи ифтихору сарфарозии мо – ворисони ин мероси бузурги маънавӣ мебошад. Набояд фаромӯш сохт, ки маҳз бо шарофати истиқлоли давлатӣ барои дурахши дигарбораи яке аз муқаддасоти миллии мо – забони тоҷикӣ ва рушду такомули он заминаи мусоид ва имкониятҳои фаровон муҳайё гардид. Забони тоҷикӣ, дар навбати худ ба сифати рукни муҳимми давлатдории миллӣ ваҳдату сарҷамъии миллати моро дар тамоми кишвар таъмин сохт. Имрӯз ҳам ин забон илҳомбахши фаъолияти ҳаррӯзаи мо буда, бунёдкориву созандагиҳои мардумамон дар ин забон таҷассум меёбанд ва ба оламиён муаррифӣ мешаванд. Аз ин рӯ, омӯхтану донистани забони давлатӣ қарзи фарзандии ҳар як фарди соҳибмаърифат буда, мо бояд барои устувор гардонидани забони давлатиамон мунтазам саъю талош намоем ва мақоми забони давлатиро дар тамоми соҳаҳо баланд бардорем. Таъкиду роҳбаладии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон моро водор месозад, ки дар бораи таъриху забон ва дигар арзишҳои миллӣ таҳлилу тадқиқотҳои зиёде дошта бошем, ки тавассути онҳо дар замири ҷавонон худшиносӣ ва худогоҳии миллиро мустаҳкам созем. Ҳамзамон, дар раванди ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати илму техника, аз ҷумла технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо дар замони муосир доир ба масъалаи ба пояи забони илми муосир расонидани забони тоҷикӣ кӯшиш намоем.

Калидвожаҳо: забон, технология, матбуот, интернет, муҳим, ташаккл, инкишоф, илм, фарҳанг, адаб.

РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ В ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ЯЗЫКА

В статье обсуждается важный вопрос – о формировании национального языка и роли информационных технологий. Язык как часть национальной культуры имеет давнюю историю. Более того, в культуре и цивилизации народов и наций, в том числе и нас, таджиков, родной язык является основой национальной идентичности и главным фактором ее сохранения. Наш родной язык – один из древнейших языков Хорасана и Мавераннахра, наследник древних арийских языков, сохранивший накопленные тысячелетиями знания и просвещение народа. Этот язык является самым убедительным доказательством существования нации и всегда играл важнейшую роль в трудных периодах истории нашего народа, языковых очерках, представленных миру. Произведения Рудаки и Фирдоуси, Аттора Санои, Саади и Хафиза, Мавлоно Балхи и Мавлоно Джами и сотен других, написанных несколько веков назад, и сегодня доступны, понятны и уважаемы для нашего народа. Это, конечно, предмет гордости для нас – наследников этого великого духовного наследия. Не следует забывать, что благодаря государственной независимости создана благоприятная основа и широкие возможности для возрождения одной из наших национальных святынь – таджикского языка, его развития и совершенствования. Таджикский язык, в свою очередь, как важная опора национальной государственности обеспечил единство и сплоченность нашего народа на всей территории страны. Сегодня этот язык является источником вдохновения для нашей повседневной деятельности, а творчество нашего народа отражено в этом языке и представлено миру. Поэтому изучение государственного языка является долгом каждого образованного человека, и мы должны постоянно стремиться к укреплению нашего государственного языка и повышению статуса государственного языка во всех сферах. Лидер Нации Эмомали Рахмона призывает нас провести подробный анализ и исследования по истории, языку и другим национальным ценностям, посредством которых можно укреплять самопознание и национальное самосознание в сердцах молодежи. Вместе с тем, в условиях глобализации, стремительного прогресса науки и техники, в том числе информационных и коммуникационных технологий, а также столкновения культур и цивилизаций в новейшее время необходимо изучить таджикский язык как основу национальной государственности.

Ключевые слова: язык, технология, пресса, интернет, важное, образование, развитие, интернет, наука, культура, литература.

THE ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGY AND PERIODICALS IN THE FORMATION OF THE NATIONAL LANGUAGE

The article discusses an important issue – the formation of the national language and the role of information technology. As it turns out, the language as a part of the national culture has a long history. Moreover, in the culture and civilization of peoples and nations, including us Tajiks, the native language is the basis national identity and the main factor in its preservation. Our native language is one of the oldest languages of Khorasan and Transoxiana, the inheritor of the ancient Aryan languages, which has preserved the knowledge and enlightenment of the people accumulated over thousands of years. This language is the most convincing proof of the existence of the nation and has always played a crucial role in the sensitive stages of our peoples history. Language essays and introduced to the world. The works of Rudaki and Firdausi, Attoru Sanoi, Saadi and Hafez, Mavlono Balkhi and Mavlono Jomi and hundreds of others, written many centuries ago, are still accessible, understandable and respected for our people today. This, of course, is a matter of pride for us – the heirs of this great spiritual heritage. It should not be forgotten that thanks to the state independence, a favorable basis and abundant opportunities have been created for the re-illumination of one of our national sacred things – the Tajik language and its development. The Tajik language, in turn, as an important pillar of the national statehood has ensured the unity and solidarity of our nation throughout the country. Today, this language is the inspiration of our daily activities, and the creativity of our people is reflected in this language and presented to the world. Therefore, learning the state language is the duty of every educated person, and we must constantly strive to strengthen our state language and raise the status of the state language in all areas. Emphasis and guidance of the Leader of the Nation Emomali Rahmon urges us to have a lot of analysis and research on history, language and other national values, through which to strengthen the self-knowledge and national self-awareness in the hearts of young people. At the same time, in the profess of globalization, rapid progress of science and technology, including information and communication technologies, as well as the clash of cultures and civilizations in modern times, let us try to bring the Tajik language to the foundations of modern science.

Key words; language, technology, press, internet, important, education, development, science, culture, literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Гулистон Амриддиновна*** **-** Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 63/3. E-mail**: gulyasab51@gmail.com.** Тел.: **(+992) 907-70-29-75**

Сведения об авторе: ***Шарифова Гулистон Амриддиновна*** - Таджикский технологический университет, доктор филологических наук, доцент. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Н.Карабаева, 63/3.
E-mail**: gulyasab51@gmail.com.** Тел.: **(+992) 907-70-29-75**

Information about the author: ***Sharifova Guliston Amriddinovna*** - Tajik Technological University, Doctor of Philology, Associate Professor. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. N. Karabaeva, 63/3.
E-mail: **gulyasab51@gmail.com.** Tel.: **(+992) 907-70-29-75**

УДК: 491.550

ПОТАМОНИМИЯИ «ТОҶИКОН»-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Давлатов Х.С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Потамоним [Potamonim] калимаи юнонӣ буда, номи дарё ва потамонимия маҷмуи номи дарёҳо, шохобҳои дарёҳо, наҳрҳоро мавриди баррасии забоншиносӣ қарор медиҳад. Дар ҳудуди мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин дар асоси манбаъҳои таърихӣ мавҷуд будани чунин дарёҳо ва шохобҳои дарёҳои хурду калон, наҳрҳо қайд гардидааст. Дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров чунин потамонимҳо ба қайд гирифта шудаанд: Вахш [Vaxš], Кофарниҳон [Kāfarnihān], Қаратоғ [Qaratāγ], Қашқадарё [Qašqadaryā], Қизилсу [Qizilsu], Оқсув [Āqsuv], Ому [Āmu], Панҷ [Panj], Сир [Sir], Хингоб [Xingāb], Сурхоб [Surxāb], Яғноб [Yaγnāb], Яхсу [Yaxsu], Зарафшон [Zarafšān], Ҳинд,[Hind] Қизилсу [Qizilsu], Аму [Amu], Аракс [Arks], Арей (Ҳарируд) [Arey], Атрей [Atren], Акес, [Akes] Вахш, [Vakhs] дар маҷмуъ 38 номи дарё зикр ёфтааст. «Чунончи, ин қабил иқоматгоҳҳо дар Туркманистон – дар нимҷазираи Красноводск ва Купетдоғи Марказӣ, дар Ӯзбекистон – дар наздикии Тошканд ва Самарқанд, масканҳои саркушодаи зиёд дар Тоҷикистон – дар ноҳияи Ӯротеппа, водиҳои Ҳисор ва Вахш, ноҳияи Данғара ва ниҳоят, дар солҳои охир осори маданияти мустйе дар Қирғизистони шимолӣ низ кашф гардиданд» [4, с.16].

Бояд гуфт, ки бештари ин полионимҳо бо форманти дарё шакл гирифтааст ва бар ифодаи дарё омадаанд.

Дарё [daryā] - вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар забони порсии қадим дар шакли drayah-баҳр, дар забони авестоӣ zrayh-баҳр, дар забони порсии миёна darya, дар забони порсии нав-тоҷикӣ daryā-дарё арзи ҳастӣ кардааст [11, с.65]. Дар фарҳангу луғатҳои тафсирии ба забони форсӣ [тоҷикӣ] таълифёфта, чун: «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод С. Айнӣ, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар бораи вожаи мазкур маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Мо ин ҷо маълумоти «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод С. Айнӣ, ки доир ба вожаи «дарё» саҳеҳтар ва Як навъ ҷамъбасти маълумоти дигар луғату фарҳангҳо мебошад, меоварем: «Дарё-1. Баҳре, ки гирдогирди заминро иҳота кардааст; 2.Баҳрҳое, ки ба баҳри муҳит мепайвандад; 3.Кӯлҳое, ки дар калонӣ ба баҳрҳо монандӣ доранд [кӯли Арал, Кӯли Хазар]; 4.Наҳрҳо ва рӯдҳои калон [монанди Аму, Сир, Зарафшон, Вахш] «ин маҷоз аст, ки махсуси забони тоҷикист» [7, с.19].

Дарё вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар се давраи инкишофи таърихи забони тоҷикӣ ба тағйири шакл дучор гардидааст. Шакли қадимаи ин калима «dayan»- баҳр (аз ҳиндуаврупоӣ+drei-рафтан, дарафтодан, ҳамла кардан- фақат дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ҳиндии қадим «jrayas»-давидан, ҷараён, авестоӣ «zқayah»- баҳр)-порсии миёна «dzaya» (б) тоҷикӣ «dahay»-дарё буда, ба маънои давидан, ҷараёни об меояд. Маънои аслии дарё баҳр, уқёнусе аст, ки дар забони тоҷикӣ ба маънои наҳрҳо ва рӯдҳои калон низ меояд ва хосси забони тоҷикӣ аст.

Дар фарҳангу луғатҳои тафсирӣ, чун «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» - и устод С. Айнӣ, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар бораи вожаи мазкур маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Мо ин ҷо маълумоти «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод С. Айнӣ, ки доир ба вожаи «дарё» саҳеҳтар ва Як навъ ҷамъбасти маълумоти дигар луғату фарҳангҳо мебошад, меоварем: «Дарё - 1. Баҳре, ки гирдогирди заминро иҳота кардааст; 2.Баҳрҳое, ки ба баҳри муҳит мепайвандад; 3. Кӯлҳое, ки дар калонӣ ба баҳрҳо монанди доранд (кӯли Орол, Кӯли Хазар); 4. Наҳрҳо ва рӯдҳои калон (монанди Аму, Сир, Зарафшон, Вахш) «ин маҷоз аст, ки махсуси забони тоҷикист)» [11, с.113]. **Рӯд [Rūd]** низ вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар забони порсии қадим ва порсии миёна, ки гузаштаи бевоситаи забони тоҷикӣ аст, дар шаклҳои rautah - «дарё», «рӯд», «маҷро»> rod - [rwd] «рӯд», «дарё», «маҷро» арзи ҳастӣ кардааст [19, с.113]. Ҳамчунин доир ба ин калима дар луғату фарҳангҳои ба забони тоҷикӣ таълифёфта маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Аз ҷумла, дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ доир ба ин вожа чунин

навишта шудааст: Рӯд 1.Наҳри калон [монанди рӯди Амуя, рӯди Шофирком, Ҳирқонрӯд, Шаҳррӯд]; 2. Тори созҳо, ки аз рӯда тофта бошанд; 3. Номи созест, ки тораш аз рӯд аст» [19, с.319].

Рӯд дар забони порсии қадим ва порсии миёна, ки гузаштаи бевоситаи забони тоҷикӣ аст, дар шаклҳои rautah - «дарё», «рӯд», «маҷро»> rod - (rwd) «рӯд», «дарё», «маҷро» арзи ҳастӣ кардааст [18, с.353]. Ҳамчунин доир ба ин калима дар луғату фарҳангҳо маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Аз ҷумла, дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ доир ба ин вожа чунин навишта шудааст: Рӯд-1. наҳри калон (монанди рӯди Амуя, рӯди Шофирком, Ҳирқонруд, Шаҳрруд); 2.Тори созҳо, ки аз рӯда тофта бошанд; 3.Номи созест, ки тораш аз рӯд аст» [11, с.120].

Дар фарҳангҳои тафсирӣ роҷеъ ба вожаи ҳавз чунин маълумот оварда шудааст: «Ҳавз ҷое, ки дар он оби бисёр ба таври сунъи ҷамъ карда шуда, аз он барои ошомидан ва обёрӣ истифода мекунанд» [6, с.80].

Этимология ё решашиносӣ риштаи забоншиносӣ буда, таълимот дар бораи пайдоиш ва инкишофи таърихии шакл ва маънои калима маҳсуб меёбад. Ё ба таври дигар, муайян кардани маншаи калимаҳо ё этимология (юн. etymon – ҳақиқат logos -таълимот) -и вожаҳои таркиби луғавии ин ё он забон маҳсуб ёфта, онҳо (вожаҳо) аз нигоҳи сарчашмаҳои пайдоишашон таҳқиқ карда мешаванд. Дар асоси талаботи ин риштаи забоншиносӣ калимаҳои таркиби луғавии забон, ки вожаҳои ифодагари мавзеъҳои обӣ низ ба ҳамин гурӯҳ шомиланд, ба гурӯҳҳои калимаҳои худӣ (аслан эронӣ ё тоҷикк) ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигар воридгардида) ҷудо карда мешаванд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар таҳқиқи этимологк, пеш аз ҳама истифодаи дақиқи қонуниятҳои мувофиқати овоз ва муқаррар кардани истисноҳои аз ин қонуниятҳо берун ниҳоят заруранд, зеро ки истисноҳои муайян дар мувофиқати овозии давраҳои мухталифи Як забон ва ё забонҳои ба ҳам хеш бо сабабҳои маълум ва мушаххаси воқеӣ ба вуҷуд меоянд. Танҳодар сурати ба назар гирифтани ҳамаи ин сабабҳои объективӣ этимологияи ҳақиқии илмии калимаҳоро, аз ҷумла гидронимҳоро муқаррар кардан мумкин аст [12, с.225].

Бояд гуфт, ки гидронимҳои эрониасли туркишударо метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: гидронимҳои эрониасли якҷузъашон туркишуда, гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда, гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд. а) Гидронимҳои эронии якҷузъашон туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодк, тиҷоратк, фарҳангӣ Як ҷузъашон тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Ёхсу (Yāγsu), калонтарин дарёи минтақаи Кӯлоб аст, ки минтақаро ба ду қисм ҷудо менамояд. Гидронимияи Ёхсуи минтақаи Кӯлоб бо якчанд шаклҳои овозии *<Yāxsu, *<Āxsu, *<Āqsu ва *<Yāxsu вомехӯрад ва дар нутқи рӯзмарраи аҳолии маҳаллӣ ҳамаи ин шаклҳо мустаъмаланд. Шакли Yāxsu дар гуфтори мардум зиёдтар мушоҳида мешавад [16, с.76]. Дар забони форсии миёна дарёи Панҷ ҳамчун Беҳрӯд (Behrud) -«рӯди нек», «рӯди меҳрубон» зикр гаштааст, ки шояд бо гидронимҳои Вахш (Vaxš), Йохсу (Yāxsu), Вахондарё (Vaxāndaryā), Баҳманрӯд (Bahmfnrud, номи пешинаи дарёи Сурхоб) ва Вахё (Vaxyā) алоқаманд бошад. Дар солномаҳои чинӣ чанд гидрониме таҳти унвонҳои Уху (Uxu), Ху (Xu), Ху-шу (Xu-šu), Бу-ху (Bu-xu), Потсу (Pātsu), Фотсу (Fātsu) зикр гаштаанд, ки бо номҳои мазкур муқоисаша вандаанд. Дар қисмати шарқии Ҷумҳурии халқии Чин ҳоло низ шаҳри калон ва дарёе бо номиОқсу (Āqsu)// Ёхсу (Yāxsu) // Охсу (Āxsu) вуҷуд дорад. Ҳамаи номҳои зикршуда аз Як решаи умумиэронӣ сарчашма гирифта, маънии «олиҳаи об» (худо, фаришгаи обҳо) -ро дорад. Дар китоби «Авасто» Яшти 5 ба олиҳаи обҳо (Ardvisura Anāhina -Ардвисура Аноҳита) бахшида шудааст ва «Ardvisura (Ардвисура) – яшт (yašt)» ё «Обон (Ābān)-яшт (yašt)» ном дорад. Олиҳаи обҳо дар яшти мазкур ба ду сурат, бо шакли рӯди Бузурге, ки сарчашмаи ҳамаи обҳо ва баҳрҳои дунё аст ва сипас, тасвири худи олиҳа (зани зебое) омадааст [2, с.110].

Ҳамин тариқ, Ёхсуи минтақаи Кӯлоб аввал, таҳти таъсири юнониҳову бохтариҳо (Оксус (Āksus) // Окс (Āks) // Оксу (Āksu) //Охшу (Āxšu) ва баъдан, ақвоми туркзабону туркнажод якчанд маротиба шакли овозии худро дигар кардааст (Ёхсу (Yāxsu), Оқсу (Āqsu

), Оқсув (Āqsuv), вале ҳамон маънии «олиҳаи об»-ро ифода менамояд. Ҳудуди густариши ин ном бештар аз панҷ-шаш кишварро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки дар ибтидо ба назар чунин мерасад, ин гидроним туркӣ аст, вале дар натиҷаи таҳлили этимологӣ аён мегардад, ки ин гидроним аслан, умумиэронӣ буда, то андозае тағйири шакл кардааст, яъне шакли Осрӯд ба тадриҷчунин шаклро соҳиб гардидааст «Солҳои 1969–1970 дар бошишгоҳи Шуғнов, ки дар болооби Яхсу воқеъ аст, чанд табақаи маскунӣ кашф шуд» [4, с.18].

-su [Ёғ+су]: Ёғсу, номи дарё дар ҳудуди минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: ёғ – шакли туркишудаи оқ, ки маънои сафедро дорад ва су – дарё; маъно: дарёе, ки обаш сафед аст, мебошад [5, с.250].

Оқсув (Oqsuv) номи дарё дар вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои оқ-сафед ва сув – об «оби софу тоза ва аз ҷойи сахт омадани дарё» [ниг.: 3, с.144]. б) Гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеромансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодк, тиҷоратк, фарҳангӣ пурра дар натиҷаи калка ё тарҷума тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Арал (Aral) номи баҳр дар ҷануби ғарбии қисми Осиёи ИДМ мебошад. Дарозӣ ё тӯлаш 428 км, бараш 235 км, масоҳати ҳавзааш 690 ҳазор км2, ҳаҷми об қариб 1000 км3 баландии аз сатҳи баҳр 53 м воқеъ аст. Пастхамии баҳри Арал дар натиҷаи фурӯхамидани қишри замин дар охири давраи неоген ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин ном деҳаҳо дар ноҳияҳои Восеъ ва Ҷомии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд. Номи пешинаи баҳр Хоразм ва пас аз омадани гурӯҳҳои этникии турку муғул аз ҷониби Оролу Муғулистон номи Хоразм ба шакли туркии Арал, ки маъноияш «ҷазираи беодам» аст, ба тадриҷ иваз гардид. Деҳаҳои Арал низ ба ҳамин тоифа мансубанд ва заминҳои деҳаҳои Арал аз дарёи Сурхоб ва Вахш обёркмешаванд. Бошқудуқ (Bošquduq) калимаи туркӣ буда, маънои «чоҳи калон»-ро дорад, ки дар дашту адири беоб кофта шуда, дар он оби бисёр захира мегардад ва дар атрофи он оғили чорво бунёд мегардад [14, с.43]. «Қабилаҳое, ки ба умумияти дигар тааллуқ доштанд, дар дашту ҷулгаҳои Осиёи Миёна, хусусан дар воҳаи Бухоро ва канораҳои баҳри Арал ҳаёт ба сар мебурданд. Ёдгориҳои аз онҳо боқимондаро бо номи «маданияти Калтаманор» ёд мекунанд» [4, с.22].

Қизилсу (Qizilsu) дарёест дар Ҷумҳурии Қирғизистон, номи болооби дарёи Сурхоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дарозиаш 250 км, масоҳати ҳавзааш 8380 км² аст. Аз нишебиҳои қаторкӯҳи паси Олой ибтидо ёфта, қад-қади водии Олой ҷоркмешавад. То ҳамроҳшавии дарёи Айлама Қаросу ном дорад. Бо дарёи Муғсу Як шуда, дарёи Сурхоб (болооби дарёи Вахш) -ро ҳосил мекунад. Сарфи миёнаи об (86 км дуртар аз резишгоҳ), 40,6м³/сон. ташкил медиҳад. Шакли мазкур шакли туркишудаи Сурхоб аст, ки маъноияш «дарёе, ки обаш сурхча аст», мебошад. Бошбулоқ (Bošbuloq) - номи чашма дар ҳудуди ноҳияҳои Бойсун, Шерободи вилояти Сурхондарё ва Чироғчк, Деҳқонобод, Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: бош (ӯзбекк) – «асоск, сар» ва булоқ (ӯзбекк) – чашма-чашмаи асосӣ ва ба чандин чашмаҳои хурд ҷудошаванда [14, с.48].

Обиғуноҷин (Obijunochin)- номи шохоби дарёи Оқсув, ки дар ҳудуди ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин номвожаи ҷуғрофӣ аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои об ва ғуноҷин (чорвои ҷавон) иборат аст. Ҷузъи ғуноҷин, ба андешаи мо ҷузъи вайроншудаи вожаи таърихии ғара (ɣara), ки ба маънои «кӯҳистон» ва маънои луғавии ин гидроним дарёи кӯҳӣ ба маънои дарёи обаш аз доманаи кӯҳ меомада фаҳмида мешаванд [14, с.67] «Дар ҷануби Тоҷикистон (масалан, дар работи марказии совхози ба номи Киров, наздикии шаҳри Қӯрғонтеппа) осори маскани қабилаҳои аҳди биринҷии саҳроӣ пайдо гардид. Дар воҳаҳои поёноби наҳрҳои Қизилсу, Вахш ва Кофарниҳон, ки ба дарёи Панҷ мерезанд, қабристонҳои давраи охири аҳди биринҷӣ, яъне миёна ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод ёфт шуданд» [4, с.32].

Оқдарё (Oqdaryo)-шохоби дарёи Қашқадарё ва аз ҷузъҳои оқ//ос-сафедӣ ва дарё таркиб ёфта, шакли тағйирёфтаи вожаи Осруд // Асруд аст. Ин вожа дар натиҷаи таъсири забонҳои туркӣ шакли Оқдарёро гирифтааст. Маънои луғавии ин вожа аз назди осиё

гузаштани дарёсп [7, с.48]. Каттаангар (Kattaangar)-номи ҷӯй дар ҳудуди ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Номи ин ҷӯй аз сабаби аз дигар ҷӯйчаҳо ё ҷӯйбор нисбатан калон будан ба ҳамин шаклномгузорӣ гардидааст. Маънии ҷузъи катта-калон ва ангар – анҳор, наҳр аст, ки шакли вайроншудаи вожаи калони тоҷикӣ мебошад. Каттадарё (Kattadaryo) - номи шохобчаи дарёи Қашқадарё дар ҳудуди Ғузори вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Номи ин дарё нисбати дигар дарёчаҳо ё ҷӯйбор калон будан ба ҳамин шакл номгузорӣ гардидааст. Маънии ҷузъи катта-калон аст, ки шакливайроншудаи вожаи калони тоҷикӣ мебошад.

Элок//Элаӣ (Elok//Elak) номи дарё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва калонтарин шохоби чапи дарёи Кофарниҳон. Аз ҳудуди ноҳияҳои Файзободу Ваҳдат ва Рӯдаккҷорӣ гардида, дарозиаш 97 км, масоҳати ҳавзааш 829 км². Дарё аз чашмаи деҳаи Элок, ки воқеъ дар доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Қаротегин аст, ибтидо ёфта, болооб ва ҷараёни миёнааш аз байни қаторкӯҳи Қаротегину Сурхкӯҳ ва поёнобаш аз водии Ҳисор мегузарад. Манбаи дарё обҳои зеризаминӣ ва барфу борон аст [18, с.119]. Оби Элоӣ барои обёрии заминҳо ва аз об таъмин кардани аҳолӣ истифода мешавад. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб буда, таърихан шакли айлоқ // айлох // яллохродоро буд, ки маънои луғавии ин гидроним «аз мавзеи кушод ё даштӣ омадани дарё» ба шумор меравад «Вай бисёр амалдорони олимақоми Ҳукумати Сомониёнро ба қабул кардани ақидаи қармата моил намуд, ки дар байни онҳо ҳоҷиби бузург, дабири хосси амири сомонӣ, сардори девони муставфӣ ва ҳокими Элок низ буданд» [4, с.345].

Аму//Ому [Amu], [лотин. Охи-Охсус, арабӣ–Ҷайҳун; ба ривояте Ому аз номи шаҳри Омул омадааст, ки он воқеъ дар ҷойи Чорҷӯйи ҳозира], калонтарин дарёи Осиёи Миёна. Дар қисми болообаш Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро аз Афғонистон ҷудо мекунад. Аму аз Як шудани дарёҳои Панҷу Вахш ба вуҷуд омада, ба баҳри Арал мерезад. Тӯлаш 1415 км, аз саргаҳи Панҷ 2540 км. Дар айни ҳол бо номи Ому, Амударё дар ҳудуди Осиёи Марказӣ чандин номи мавзеи ҷуғрофӣ арзӣ ҳастӣ доранд, ки чанде аз онҳо: Амударё, номи дарёи калонтарини Осиёи Марказӣ; Амударё, номи шаҳр дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон; Амударё, номи истгоҳи барқии обӣ дар ноҳияи Талимарҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Амударё, номи обанбор дар Ӯзбекистон, Амударё, номи мавзеи истиқоматӣ дар Туркманистон ва амсоли инҳо, ки ҳамаашон воқеъ дар қад-қади соҳили дарёи Ому. Ҳамин тариқ, вожаи Ому//Аму дорои таърихи тӯлонӣ буда, мувофиқи навишта ҳои муаллифони қадим аз номи деҳае гирифта шудааст, ки деҳаи мазкур воқеъ дар канори ҳамин рӯди бузург. Маънои луғавии вожаи Ому «деҳаи воқеъ дар канори дарёи лаболаб». Инчунин ба бисёр будани оби дарё низ далолат мекунад. Ин андешаи моро маълумоти луғати нимтафсилии устод С. Айнӣ низ тақвият мебахшад. Шакли Аму дар натиҷаи таъсири забонҳои туркию русӣ пайдо шудааст. Зеро то охири қарни XIX-ум ва ибтидои асри XX-ум калимаи мазкур дар шакли Омуя корбаст мегардидааст. Барои мисол навиштаи Аҳмад Махдуми Дониш роҷеъ ба калимаи Омуя дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития»-ро меоварем: «Ман пурсидам, об аз Омуя чаро наорӣ? Гуфт: Аксари мазореи Бухоро аз Омуя иртифоъ дорад, магар тавобиоти Қаршӣ то Қарокӯл». Амударё аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои аму//ому ва дарё иборат аст. Мувофиқи навиштаҳои муаллифони қадим аз номи деҳае гирифта шудааст, ки деҳаи мазкур дар канори ҳамин рӯди бузург воқеъ будааст. Маънои луғавии вожаи ому//аму «деҳаест дар канори дарёи лаболаб», ки далел аз бисёр доштани оби дарё. «Номи қадимаи юнонии ин вожа дар сарчашмаҳои таърихӣ дар шакли Окс ва шакли арабиаш Ҷайҳун ва Ому - тоҷикӣ ва аму-шакли ифодаи туркии ому// омӯй// омули тоҷикӣ» [2, с.143] «Ӯ бо қӯшуни бистҳазорнафара аз дарёи Аму гузашта, аввал ба Кеш (Шаҳрисабз), сипас, ба Нахшаб (Қаршӣ) ворид шуд ва аз он ҷо бо ҳамроҳии Неҳ ба муқобили Абӯалӣ ва Фоиқ ҳаракат кард» [4, с.347].

Вахш / Охшо / Оахшо [Vaxš /Āxšā /Āaxšā] - номи дарё, водӣ,

қаторкӯҳ, ноҳия, деҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шакли Охшо, Оахшо номи олиҳаи обу обёрӣ дар тасаввури бохтариёни қадим. Яқин аст, ки аз калимаи «вахшу»-и порсии қадим баромадааст. Дар забони авастоӣ ва дар китоби «Авасто» вахш истилоҳе мебошад, ки маънои луғавиаш «сухани гуфта шуда» буда, дар забони суғдӣ бо «логос»-и юнонӣ [мафҳум, сухан, гуфтор] ҳаммаъност. Дар забонҳои миёнаи эронӣ Вахш ба маънои

«рӯҳ» истифода шуда, баъзан «оби ҷорӣ»-ро низ ифода мекардааст. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи «Ваҳшу» номи Амударёст, ки юнониён онро бо калимаи ба он ҳамоҳанги Оксус ном мебурданд [5, с.59]. «Ду калонтарин дарёи Осиёи Миёна–Аму (ғайр аз поёноби он, ки дар воҳаи Хоразм воқеъ аст) ва Сир бевосита барои обёрӣ қариб истифода намешуданд ва обро на аз худи дарё, балки асосан аз шохобҳои онҳо мегирифтанд. Қисми асосии заминҳои обӣ дар водиҳои шохобҳои шимолии Аму ва Панҷ (Сурхоб, Кофарниҳон, Вахш ва ғайра) ҷой гирифта буданд» [4, с.350].

Хингоб/Хингов [Xingāb/Xingāv] – номи дарё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шохоби чапи дарёи Вахш буда, аз якшавии дарёҳои Гармо ва Қирғизоб ба вуҷуд омадааст. Дарё аз пиряхи Гармо ибтидо ёфта, дар наздикии деҳаи Лабиҷар ба дарёи Вахш мерезад. Тӯлаш 196 км, масоҳати ҳавзааш 6660 км. Шохобҳои калонаш: Рангов, Сариоб, Сурхоб, Бохуд ва Обимазор. Хингоб ширмоҳӣ ва баъзе шохобҳояш гулмоҳӣ дорад. Ин вожа аз нигоҳи сохт мураккаб: хинг - асп, аспи сафеду хокистарранг ва об-дарё; Ба ҳамин маъно ҷузъи хинг дар забони адабиёти классикӣ хеле фаровон корбаст гардида, дар гӯйиши маҳаллӣ ба маънои хира, тиракорбаст мегардад [7, с.479]. Пас маънои луғавии дарёи Хингоб дарёе, ки обаш тира, хира буда, ба дарёи Вахш ҷоришаванда. Ин дарё воқеъ дар қисмати ҷанубӣ шарқии Тоҷикистон. Аз пиряхҳои кӯҳии азимҷусса маншаъ мегирад.

Яхсу [Yaxsu]-номи дарё воқеъ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шохоби чапи дарёи Сурхоб. Тӯлаш 160 км, масоҳати ҳавзааш 2710 км^2. Аз нишебиҳои шимолу ғарбии қаторкӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ бо номи Мучнакиён сар шуда, дар ҷанубу ғарбии ноҳияи Восеъ ба дарёи Сурхоб мерезад. Шохобҳои калонаш – Обисурх, Кӯлобдарё [аз чап] ба шумор рафта, манбааш барфу борон ва оби чашмаҳост. Сурхоб [Surxob], номи дарё дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, болообаш дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон Қизилсу ном дорад. Дарозии дарё 384 км, масоҳати ҳавзааш 22690 км^2 мебошад [5, с.46].

Сурхоб аз нишебии шимоли қаторкӯҳи Паси Олой ибтидо ёфта, аввал дар водии васеи Олой ва пас аз дар водии танги байни қаторкӯҳҳои Олою Зарафшон ва Пётри Якум ҷорӣ мешавад. Пас аз ҳамроҳ шудани дарёи Хингоб номи Вахшро мегирад. Шохобҳои калонаш - Кӯксу, Ярхич, Сорбоғ, Сангикар, Қизилагин ва Муғсу мебошад. Манбаи оби дарё пиряху барф аст. Бо ҳамин ном ҳамчунин дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон шаҳрай мавҷуд аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои сурх - гулгун, қирмизранг, ба ранги хун монанд ва об - дарё иборат аст. Маънои луғавии ин топоним бо ранги сатҳизамини соҳилҳои дарё вобаста аст, ки хоку гили он сурхранг буда, ба дарё ранги сурхчатоб бахшидааст. Номи дигари ин дарё Камароб аст [ниг.: Камароб]. Ғайр аз ин номи дигари ин дарё Раштрӯд аст, ки ҷузъи аввал мансуб ба номи мавзеъи Рашт мебошад [10, с.112]. «Ду калонтарин дарёи Осиёи Миёна - Аму (ғайр аз поёноби он, ки дар воҳаи Хоразм воқеъ аст) ва Сир бевосита барои обёрӣ қариб истифода намешуданд ва обро на аз худи дарё, балки асосан аз шохобҳои онҳо мегирифтанд. Қисми асосии заминҳои обӣ дар водиҳои шохобҳои шимолии Аму ва Панҷ (Сурхоб, Кофарниҳон, Вахш ва ғайра) ҷой гирифта буданд» [4, с.350].

Сърхов [S'rxov], номи гидроним дар минтақаи Кӯлоби вилояти ХатлониҶумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ҷузъҳои сурх - ранг ва ow//ow шакл гирифтааст ва шакли тағйирёфтаи лаҳҷавии Сурхоб мебошад. Аз нигоҳи сохт ин вожа мураккаб аст [2, с.54].

Кавсар [Kavsar] (Ҳавзи Кавсар) - номи чашмае дар Биҳишт ҳаст, ки тибқи ривоятҳои динӣ ва навиштаи муфассирон он «чун барф сафед ва чун асал ширин аст.

Кавсар [Kavsar] вожаи дар назар мураккаб менамояд, лекин дар асл сода буда, аз Як ҷузъ иборат мебошад ва он маънои бисёр, фаровон ва анбуҳ ифода гардида, мутааллиқи забони арабӣ мебошад. Вожаи «Кавсар» [Kavsar] дар забони русӣ дар шакли «Каусар», дар забони англисӣ «Kawthar» истифода мешавад. Кавсарро муҳаққиқони мамолики ғарб ҳамчун мавзеи ҷуғрофӣ эътироф намекунанд. Чунин мавзеъҳоро онҳо ҳамчун мавзеҳҳои асотирӣ [афсонавӣ], ки дар илми ономастика зери мафҳуми мифоним [Як бахши илми ономастика, ки ба омӯзиши номи мавзеи аз афсона ва устураҳо баромада] омӯхта мешаванд, маънидод намудаанд. Аммо муфассирон ва муҳаддисони динӣ мавҷудияти Кавсарро ҳамчун чашма (гидроним) дар Биҳишт эътроф намудаанд.

Ин вожаро бархе забоншиносон «марди бисёр накӯкор», «бахшанда», «бисёр аз ҳар чизе», «ғубори бисёре», «барҳамнишаста» «ғуборе, ки ҳангоми хестан бисёре дар ҳам печад» ва «шодии бисёр» маънидод мекунанд. Бархеи дигар мегӯянд: Кавсар [Kavsar] «чӯе аст дар биҳишт, ки тамоми чашмаҳои Биҳишт аз он ҷорӣ мешавад» [1, с.71].

Ба андешаи мо вожаи «Кавсар» [Kavsar] ба маънои «хайри бисёр ва фаровон» мебошад. Вожаи «Кавсар» [Kavsar] бар вазни «мафъал» васфе аст, ки аз решаи «касра» гирифта шуда, ба маънои «хайри фаровон» аст. Маънои ин вожа чунон васеъ аст ва паҳлуҳои бешуморе, аз ҷумла «хайри бениҳоят» «ҳавз ва наҳр», «мақоми шафоат», «нубувват», «ҳикмат ва илм», «Қуръон», «зиёдии саҳоба ва пайравон», «муъҷизаҳо», «насл» ва «аъмоли солеҳ», ки дар якҷоягӣ онҳоро «кавсар» меномад.

Ошиқонро гар ба оташ меписандад лутфи дӯст,
Тангчашмам гар назар бар чашмаи Кавсар кунам [4, с.509].

Замзам [Zamzam]: номи чоҳ ва чашмаест дар Макка, дар назди хонаи Каъба. Инчунин, Замзам фасли чордаҳуми китоби муқаддаси зардуштиён аст [2, с.434].

Вожаи «Замзам» [Zamzam] дар китоби муқаддаси яҳудиён, «Инҷил» «Биъру шабаа» «بِئْر شَبَع» зикр шудааст. Вожаи «зам» дар забонҳои авестоӣ ва паҳлавӣ ба маънои «замистон» ва «сардӣ» аст. Дар вожаи зимистон, ҷузъи «зим» - ба ҳеҷ ваҷҳ тафсир намеёбад, зеро он дар забони муосир мавриди дигари истифода надорад, ба ин нисбат маънои онро низ муқаррар кардан мумкин нест. Дар гузаштаи қадим ин ҳиссаи вожаи зимистон ба тариқи мустақим низ истифода мешуд. Ба шаҳодати шарқшиноси маъруфи даврони шӯравӣ Е.Э. Бертелс, он бо вожаи «zmaka» - и авастоӣ, ки мувофиқи тасаввуроти эрониёни бостон «иблис»- ро ифода мекард ва боиси дар фасли зимистон пайдо шудани ранҷу азобҳои зиёд мешуд, робита дорад [9, с.87]. Решаи мавриди назар дар бисёр забонҳои гузаштаю имрӯзаи ҳиндуаврупоӣ инъикосоти худро боқӣ гузоштааст.

Чунончи дар ҳамон забони авастоӣ боз zya [zim] ба маънои «сардӣ, зимистон»; ҳиндии қадим himas, himantas, лотинӣ hiems, литвонӣ ziema, арманӣ jmeṙn, русӣ зима, паштунӣ ẑəmay, язгуломӣ zin, сарикӯлӣ zæyn ҳама ба маънои «зимистон». Инчунин, «Зам» номи дарёе дар наздикии, Марв аст [1, с.434].

Замзам [Zamzam]- ро бо номҳои дигар низ истифода мебаранд: «Ракзату Ҷибрил» ба маънои «қадамгоҳи Ҷибрил», «Ҳафирату Исмоил» ба маънои [чоҳи Исмоил], «Ҳафирату Абдулмуталиб» ба маънои «чоҳи Абдулмуталиб», «Биърат» ба маънои «пурхайр», «Мазнуна» ба маънои «Нафис», «Вароа» ба маънои «баобрӯ», «Шабаъа» ба маънои «сайркунанда», «Шифоу сақм» ба маънои «шифои беморон», «Сайда», «Нофиа», «Авна», «Бушро», «София», «Асима», «Солима», «Маймуна», «Муборака», «Кофия», «Офия», «Тоҳира», «Таом» ва «Туъм» [4, с.45].

Ба андешаи мо вожаи «Замзам» [Zamzam] бар маънои «оҳиста оҳиста» аст. Арабҳо вожаи «зам» - ро «оҳиста» мегӯянд. Дар фарҳанги форсии «Муин» вожаи «замзам» - ро «оҳиста - оҳиста» маънидод кардаанд. Ховаршиносон роҷеъ ба вожаи «зам» дар забони авестоӣ ва паҳлавӣ ба маънои «замистон» аст, вале дар китобҳои «авестоӣ», «паҳлавӣ», «аккадӣ», «суриёнӣ» ва «оромӣ» ба маънои «оҳиста» омадааст.

Ба андешаи мо вожаи «замин» гоҳ ба сурати мухаффаф «замӣ» аз ҳамин ном сохта шудааст ё бо пасванди «ин» чаро ки ҷавҳари замин сард ангошта шуда, «замик» - и паҳлавӣ низ аз ҳамин реша гирифта шудааст, ки дар авестоӣ ба сурати «зам» омадааст.

Инчунин, дар «Фарҳанги Шоҳнома» дар бораи вожаи «Замзам» маънои зайл дода: фасли чордаҳуми китоби «Занд», адои динии зардуштиёне, ки дар ҳоли ситоиш, шустани бадан ва вақти сарфи таъом оҳиста мехонданд [3, с.150]. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин вожаро ба маънои: «маломат», «сарзаниш», «бадгӯй», «илова кардан», «пайвастан», «гузоштани аломати замма ба болои ҳарфе» ва «ҳачв» маъно додааст [1, с.44] Бархе забоншиносон вожаи «Замзам» [Zamzam]- ро дар ду вожа, «зам», «зам» гуфта изофа кардаанд: «Зумма» [ба замми «р» ва ташдиди «м»] будааст. Сипас мухаффаф шуда ва шояд далели он осонии талаффуз бошад. Бадин тартиб вожаи «замм» сиғаи амри ҳозир аст. Он вожаи барои обе, ки мечӯшад ва ё обе ки зиёдатӣ мекунад, истифода мебаранд. Вожаи «Замзам» [Zamzam]- ро инчунин, «зумзам», «зумзим» ва «зумазм» низ талаффуз мекунанд [13, с.94-95] **Тасним [Tasnim]:** аз решаи «санам» ба маънои «қисмати болойии ҳар чиз» аст. «Маълумот ва мадракҳои аз ин ҷо бадастомада дар солҳои охир ба тавассути кашфи боз як махзани ёдгориҳои қадима – ғори Замзам чашма афзунтар гардид» [4, с.20].

Тибқи ривояти Қуръонӣ «тасним» обест дар ҷаннат, ки муқаррабони даргоҳи Худованд аз он менӯшанд. Дар бораи оне, ки чаро чашмаи ҷаннат тасним ном гирифт, ба хотири оне, ки оби чашмаи ҷаннат аз баландтарин мақом - яъне осмон фуруд меояд.

Дар Қуръон вожаи кофур ба маънии чашма ба кор рафтааст. Дар «Фарҳанги забониҳоқикӣ» ба ду маънӣ шарҳ ёфтааст: 1) моддаи хушбӯйи сафедтоби такрибан беранг, ки дартиб кор фармуда мешавад; 2) (динӣ) номи чашма дар биҳишт.

Мо масти шароби ноби ишқем,
На ташнаи салсабилу кофур [19, с.567].

Донишманд Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ бар он андеша аст, ки вожаи «кофур» аслаш азҳиндӣ аст ва вориди забонҳои эронӣ шуда, дар паҳлавӣ ба сурати копур вуҷуд дорад вавожаи кофури форсӣ аз ин ҷост [8, с.6]. Мавриди қайд аст, ки дар «Фарҳанги тафсириизабони тоҷикӣ» низ баромади вожаи кофурро ҳиндӣ қайд карданд ва ба маъниҳои маъданӣ1) моддаи булӯрини сафедранги бӯйдор, ки дар тиб ва техника ба кор меравад; 2) маҷозӣ сафед, тавзеҳ ёфтааст [2, с.619]. Ҳамин ақидаро низ Ҳасани Анварӣ низ қайд кардааст, кикофур муарраб аз санскрит аст [3, с.52] Лекин ба ихтилофи ин ақидаҳо дар «Фарҳанги форсӣ» собит шудааст, ки «кофур» муаттар буда, аз паҳлавии «kāpùr» аст ва дар санскрит дар шакли kāppùra вуҷуд дошт [5, с.48].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили чанд потомонимия маълум шуд, ки дар «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дарёву чашма ва номвожаҳои мансуби об (гидронимҳо) мушоҳида шуд. Таҳлили маводи потомонимӣ чун дигар таҳлилҳои забонии маводӣ топонимии китоби осмонӣ дар ошкор намудани таърихи қавму миллатҳо ва фарҳангу тамаддуни эшон, инчунин, ошкор намудани арқоми таърихӣ, равшан сохтани мавзеъҳои ҷӯғрофӣ нақши асосӣ доранд.

Муаллиф он фикрро пуштибонӣ менамояд, ки калимаи «Вахш» эронии қадим дониста мешавад.

Калимаи «Вахш» баромади эронии қадим дошта, баъдан чанд дафъа тағйири шаклу маънӣ кардааст. Дар забони Авасто «сухани гуфташуда» ва дар суғдӣ ба маънои «логос» марбут дониста мешавад. Дар баъзе аз забонҳои эронии давраи миёна он ба маънои «рӯҳ» ва баъзан «оби ҷорӣ» истифода мешуд. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ Амударё бо калимаи «Вахшу» ифода ёфтааст, ки онро юнониён Оксуси бо ин калима наздиӣ ва монанд дарёфтаанд. Дар катиба-сангнавиштаҳои осорхонаи Калкутта таъйиноти динниеро вохӯрдан мумкин аст, ки зайлан омадааст: «Вахш – «худои ягона» [6, с.76].

Хулоса, дар илми топонимика бахши гидронимияро дар навбати худ вобаста ба фарогирии мавзеъҳои обӣ ё аз нигоҳи мансубияти маконишон ба якчанд зергурӯҳҳо ва ё навъҳо ҷудо мекунанд: океаноним - номи уқёнус, пелагоним - номи баҳр, потамоним - номи дарё, лимноним - номи ҳавз ва кӯлҳо ва ғайра. Мо гидронимҳо, яъне номвожаҳои ҷуғрофии бо об вобастаи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро ба зергурӯҳҳои пелагоним - номи баҳр, потамоним - номи дарё, лимноним - номи ҳавзу кӯлҳо, номи чоҳу ҳавзҳо ва наҳру ҷӯйборҳо ҷудо намуда, тибқи ҳамин тақсимот ин номвожаҳои ҷуғрофиро ё гидронимҳои «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуровро таҳқиқу баррасӣ намудем.

Муқарриз: ***Дӯстзода Ҳ.Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) / Ҷ.Алимӣ. - Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 350 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1995. - 196 с.
3. Аҳмад Муҳаммад Шокир. Ҷомеъу-л-баён фӣ таҳвили-л-Қуръон» / Шокир, Аҳмад Муҳаммад // Муассасату-р-рисола, 1420ҳ./2000м. - Ҷ.1. – С.94-95.
4. Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе: Дониш, 2008. - 870 с.
5. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. - Душанбе, 2016. - 428 с.
6. Давлатов, Э.А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас - ул - анбиё» / Э.А. Давлатов. - Душанбе: Адабиёт, 2017. - 156 с.
7. Додихудоев, Р.Х. Линвистический анализ микротопонимии Памира (на материале шугнано-язгулямской группы языков): дисс… докт. фил... наук / Р.Х. Додихудоев. - Душанбе, 1979. - 367 с.

8. Имодӣ, Сайид Муҳаммад. Қуръони форсии куҳан / Сайид Муҳаммад Имодӣ. - Теҳрон: Нашри мероси мактуб, 1378. - 224 с.
9. Исоматов М. Об дар баррасиҳои таърихию этнографӣ / М. Исоматов [ва диг.]. – Душанбе, 2003. - 100 с.135.,112.
10. Исмоилов Ш. Топонимияи водии Қаротегини Тоҷикистон (таҳқиқи забоншиносӣ). / Ш.Исмоилов. - Душанбе, 1999. – 36 с.
11. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷикк. Луғатшиносӣ. Ҷ.1. Китоби дарсӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 240 с.
12. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ / Муин, Муҳаммад. - Теҳрон, 1375. - Ҷ.1. - 1472 с.
13. Нафасов Т. Ӯзбекистон топонимларнинг изоҳли луғати: луғати соҳавӣ / Т.Нафасов. – Тошкент: Уқитувчи, 1989. –288 с.
14. О.Маҳмадҷонов. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ / Маҳмадҷонов О. – Душанбе, 2004. - С.19.
15. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ / Н. Офаридаев. – Душанбе, 2001. - С.125.
16. Расторгуева, В.С. Сравнительно - историческая грамматика западноиранских языков. Филология / В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1990. - 253с.
17. Топонимика Востока: Исследования и материалы. - М.: Наука, 1969. - С.87-99.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., СЭ, 1969. - Ҷ.1. - 950 с.
19. Хромов А.Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: Сборниӣ статей / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1978. - С.39.
20. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2002. - 104 с.

ПОТАМОНИМИЯИ «ТОҶИКОН»-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият, мазмун ва ташаккули потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, ки як бахши ономастика ба ҳисоб меравад, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар бораи ономастика худ ҳамчун Як бахши мустақили илми забоншиносӣ мулоҳиза ронда шудааст. Муаллиф дар мақола ба таҳлилу баррасии потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров аз нигоҳи луғавӣ-маъноӣ пардохта, густариши ин бахши илми ономастикаро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ додааст. Инчунин ӯ потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров -ро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, густариши онҳоро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст. Ҳамин тариқ, муаллиф дар мақолаи худ то ҳадди имкон кӯшидааст, ки моҳият ва мазмуни потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров -ро бо такя ба асрҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони номшинос кушода, равшан намояд. Инчунин, муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хосаи забонию таърихии потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву арабӣ, луғату қомусҳои мӯътамад ва сомнаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули маводи забонии потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор намояд.

Калидвожаҳо: санъати номгузорӣ, таърихи тавлид, вожа, антропоним, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, тадқиқи забоншиносӣ, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ, потамонимияи, «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, ташаккул, таҳаввул, низом ва ном.

ПОТАМОНИМИЯ «ТАДЖИКИ»-И БОБОДЖОН ГАФУРА

Данная статья посвящена вопросам содержания, сущности и становления потамонимии «Точикон»-и Бободжон Гафура, так как является частью ономастики. Автор рассказывает об ономастике каӣ самостоятельного раздела языкознания. Автор в статье, рассматривая и анализируя потамонимию «Точикон»-и Бободжон Гафура с лексико-семантической точки зрения, описывает развитие этой области ономастики с самого начала изучения до современных времен. А также рассматривая и анализируя потамонимию «Точикон»-и Бободжон Гафура, автор сравнивает ее распространение в разные периоды развития языкознания, на основе проверенных научных источников рассказывает ее историческом зарождении, структуре и значении. Таким образом, автор в своей статье пытается, по мере возможности, раскрыть сущность и содержание потамонимии «Точикон»-и Бободжон Гафура с опорой на научно-исследовательские работы ученых-ономастов. Автор в этом исследовании также подвергает сравнительному научному изучению особые языковые и исторические свойства потамонимии «Точикон»-и Бободжон Гафура, исторические события, лексические источники и их употребления. При написании статьи предпринимает попытку на основе достоверных научных источников на базе многочисленных исследований отчественных и зарубежных ученых, таджикско-арабских словарей, достойных доверия энциклопедий и словарей, интернет - сайтов выявить процесс формирования и преобразования языкового материала еврейской антропонимии Корана, содержание, сущность, историю зарождения и ее употребление.

Ключевые слова: искусство нарекания имени, еврей, история зарождения, слово антропоним, изучение, анализ, рассмотрение, лингвистические исследования, исторические события, словарные источники, потамонимия, «Точикон», формирование, преобразование, система, имя и др.

POTAMONIMIYA OF THE «TADJIKS»-I BOBOJON GAFUR

This article is devoted to the issues of the content, essence and ormation ofthe potamonimiya of the «Tojikon» Bobojon Gafur as it is part of onomastics. The author talks about onomastics as an independent branch of linguistics. The author, in the article examining and analyzing the potamonimiya of the «Tojikon» Bobojon Gafur from a lexico-semantic point of view, describes the development of this field of onomastics from the very beginning of the study to modern times. And also considering and analyzing the potamonimiya of the «Tojikon» Bobojon Gafur, the author compares their distribution in different periods of the development of linguistics, on the basis of trusted scientific sources tells about their historical origin, their structure and meaning. The author also notes that the place of potamonimiya of the «Tojikon» Bobojon Gafur is significant and most of them are deeply penetrating in the Tajik language, that no one even thinks that these names have Judaic roots. Thus, the author in his article tries, as far as possible, to reveal the essence and content of the potamonimiya of the «Tojikon» Bobojon Gafur, based on the research works of onomastic scholars. The author in this study also, subjecting to a comparative scientific study of the special linguistic and historical properties of the potamonimiya of the «Tojikon» Bobojon Gafur, historical events, lexical sources and their use, when writing an article, makes an attempt on the basis of reliable scientific sources on the basis of numerous studies of domestic and foreign scientists, Tajik -Arabic dictionaries, trustworthy encyclopedias and dictionaries, Internet sites reveals the process of formation and transformation of the linguistic material of the Jewish anthroponymy of the Koran, the content, essence, history of origin and its use

Key words: the art of criticizing a name, Jew, history of origin, the word anthroponym, study, analysis, consideration, linguistic research, historical event, dictionary sources, potamonimiya, formation, transformation, system, name, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Худоёр Сайдаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. E-mail: **Davlanov-90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-19-19-90**

Сведения об авторе: ***Давлатов Худоёр Сайдахмадович*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, докторант Ph.D кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Душанбе Куляб, ул.С.Сафарова 16. E-mail: ***Davlatov-90@mail.ru.*** *Тел.:* **(+992) 988-19-19-90**

Information about the author: ***Davlatov Khudoyor Saydakhmadovich*** - Kulyab State University named after A.Rudaki, Ph.D student of the Tajik language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dushanbe Kulyab, S.Safarov 16. E-mail: **Davlatov-90@mail.ru.** Tel.: **(+992) 988-19-19-90**

УДК: 491.550

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ТАФСИРИ ВОЖАИ “ОБ” ДАР “ФАРҲАНГИ НИЗОМ” - И САЙИД МУҲАММАД АЛӢ ВА “ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ”

Файзова П.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Об манбаи ҳастии тамоми мавҷудоти олам ба шумор рафта, захираи бузургест, ки ҳастии он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ба қавли олимону мутафаккирон ҳаёт аз чор унсур таркиб ёфтааст (обу оташ ва хоку бод). Яке аз ин чор унсур ин **об** мебошад, ки моеи шаффофи беранг буда, аз ҳолати софӣ аз омезиши химиявии ҳидроген ва оксиген иборат аст. Аз ин лиҳоз, ин муъҷизаи табиат дар ҳама давру замон ҳамеша дар осори адибон тавсиф гардидаасту мегардад.

Вожаи **об** дар забон низ хеле зиёд истифода гардида, хусусияти калимасозӣ дорад ва барои сохтани бештари калимаҳои сохтаву мураккаб ва таркибӣ дар забони тоҷикӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ҳануз дар асри XIII Шамси Қайси Розӣ дар китоби худ, ал-Муъҷам хусусияти калимасозии вожаи обро шарҳ дода буд: “Ва аз ҷинси “бе” ҳеҷ ҳарфи зоид, ки ба авохири калимот дарояд нест, илло калимаи “об”, ки дар бисёр мавозеъ мутакаррир мешавад: гулоб, дулоб, кӯдоб, селоб, ғарқоб, гирдоб, заҳоб, сароб, буноб, шӯроб, поёноб, тезоб, кӯроб, зардоб, хуноб, симоб, сапедоб, хушоб, дӯшоб, қитъаоб, кузоб, панироб” [16, с.174].

Калимаи **об** калимаи серистеъмол буда, ҳам дар забон ва ҳам дар осори назму насри адибони гузаштаву имрӯза маънои аслӣ ва инчунин маъноҳои маҷозӣ дорад. Дар бораи хусусиятҳои калимасозӣ ва маъниофаринии вожаи **об** аз тарафи забоншиносон М.Н. Қосимова ва Д.Т. Тоҷиев як қатор китобу мақолаҳо рӯйи чоп омадаанд.

Дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” низ ин вожа мавқеи муҳимро ишғол намуда, хеле муфассал тафсир ёфтааст.

Ба ақидаи муаллифи “Фарҳанги Низом” - Сайид Муҳаммад Алӣ фарҳанги мазкур яке аз беҳтарин ва мукаммалтарин луғатномаҳои тафсирии дар Ҳиндустон интишоршуда мебошад, ки бар асоси забони форсии моваруннаҳрӣ навишта шудааст. Дар ин хусус донишманд Шаҳриёри Нақавӣ чунин ибрози андеша намудааст: “Фарҳанги Низом, яке аз муҳимтарин фарҳангҳои форсӣ, таълифи Сайид Муҳаммад Али Доии-юл- Ислом аст ва он дар панҷ ҷилд (бо тақтеи бузург), ки маҷмуи теъдоди сафаҳоти он 2469 сафҳа мебошад, дар хилоли муддати 12 сол аз 1346 то 1358 ҳиҷрии қамарӣ дар матбааи азими Устими Пуриси Ҳайдарободи Дакан ба чоп расидааст” [17, с.256].

“Фарҳанги забони тоҷикӣ” низ фарҳанги тафсирии забони адабии тоҷикӣ мебошад, ки аз ду ҷилд иборат буда, тақрибан 45 ҳазор калимаву ибораро дар бар мегирад. Шарҳи калимаву ибораҳо бо мисолҳое, ки аз асрҳои X то ибтидои асри XX гирифта шудаанд тафсир гардидааст. Ин фарҳанг 13-уми ноябри соли 1957 ба нашр супорида шуда, 10-уми ноябри соли 1969 ба чоп расидааст. “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калима ва маъноҳои зиёди аз истеъмол баромадаро низ дар бар гирифтааст. “Бо вуҷуди он, ки луғати мазкур дар чанд даҳсолаи охири асри гузашта дар инкишофу такмили забони адабии тоҷик таъсири муфид гузоштааст, онро ҳамчун луғати тафсирии забони адабии муосир ба қалам додан дуруст нест. Дар он як ҳиссаи бузурги системаи маъноии забони адабии муосири тоҷик инъикос наёфтааст” [5, с.205]. Аз ин рӯ лозим донистем, ки корбурди вожаи обро дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” муқоиса намоем.

Таҳлили лексикӣ ва маъноии вожаи об. Яке аз воҳидҳои асосию муҳимтарини илми забон вожаҳо ба шумор мераванд, ки масолеҳи асосии бинокории онро ташкил медиҳанд. “Калимаҳо мутобиқи ифодаи анвои мухталифи унсурҳои ҷудогонаи мазмуни худ ба гурӯҳҳои мустақилмаъно ва номустақил ҷудо мешаванд. Агар калима баробари маъноҳои грамматикӣ маънои луғавӣ ҳам дошта бошад, мустақилмаъност. Масалан, калимаҳои сар, даст, **об**ро ба ҳамин гурӯҳ дохил кардан мумкин аст” [7, с.7]. Калимаҳои мустақилмаъно аз ҷиҳати луғавиашон омӯхта мешаванд. Калимаи **об** ба гурӯҳи калимаҳои мустақилмаъно мансуб буда, маънои мустақили худро дорад.

Муаллифи “Фарҳанги Низом” баромади вожаи **обро** чунин баён намудааст: “Лафзи мазкур дар забони авестоӣ آپ, дар забони паҳлавӣ آو мебошад” [18, с.3].

Дар “Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ” баромади калимаи мазкурро ба таври зайл овардаанд. Об /āb/ < форсии миёна: -āp, < форсии бостон: -āp, < санскрит: -áp, муштақанд аз ҳиндуаврупоӣ: -'āp, < ирландии куҳан: -ab, < авестоӣ: -āp/ab,< форсии миёнаи турфонӣ ва портӣ: -āb,< суғдӣ: -p “آب”, <эронии бостон: -ā-ba, <балхӣ: abo, <осӣ: æV, <пашту: ob, <вахӣ: yupk, <яғнобӣ: āp, <бахтиёрӣ: au, <балуҷӣ: āp, <англисӣ: вотер [9, с.2, 3, 4].

Дар бораи ҷанбаи асотирӣ доштани вожаи **об** дар “Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ” чунин омадааст: “Об яке аз чаҳор унсури аслист, ки назди эрониён муқаддас ва эзадӣ ба шумор мерафтаанд. Аз қадимтарин айём дар Эрон ҳаммонанди ҷаҳонбинии куҳани сумерӣ муътақид ба нақши офаринандагии об дар низоми ҷаҳон будаанд. Аз ин рӯ, борҳо дар “Авасто” бар аҳамият ва тақаддуси он ишора шудааст. Дар “Обон-яшт” ва “Тир-яшт” дар бораи об сухан рафта ва Оноҳито (ба маънии пок ва беолоиш) ё Ноҳид ҳамчун эзадбонуи бузургӣ ва борварӣ ситоиш шудааст” [9, с.387].

Дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” вожаи **об** хеле муфассал шарҳ ёфта, дар “Фарҳанги Низом” ин вожа ба се маънӣ тафсир дорад: “Маънии якум, он ҷисми моеъ аст, ки муташаккил ба шакли зарфи худ мешавад, хоҳ унсури дувум аз аносири арбаа (қадима) (яъне чор унсур: об, хок, бод, оташ) бошад, ки нӯшиданаш аз заруриёти зиндагӣ аст. Мисол. Имрӯз ман хеле об хӯрдам. Маънии дуюм, ва хоҳ моеъ аз маволиди салоса мисли шираи мева ва фишурдаи чизе. Мисол. Имрӯз ман оби ҳиндувона хӯрдам. Маънии сеюм, ё ҷамоди мазобе бошад (яъне, чизе ки ба воситаи ҳарорат об шавад). Мисол. Заргар нуқраро об мекунад” [18, с.3]. Инчунин дар “Фарҳанги Низом” омадааст: “Об номи моҳи румӣ дар туркӣ аст, ки бо бурҷи асад мутобиқ аст” [18, с.3]. Дар фарҳанги мазкур вожаи об ба се маънӣ тафсир ёфтааст. Якум ба маънии аслӣ яъне моеи шаффоф, дуюм ба маънии оби наботот, сеюм ба маънии чизеро бо ҳарорат об кардан.

Вожаи **об** дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дорад. Моеи шаффофи беранг, ки дар ҳолати софӣ аз омезиши химиявии ҳидроген ва оксиген иборат мебошад [19, с.882]. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” низ ба моҳи ёздаҳуми румӣ марбут будани калимаи **об**, ки баробар ба моҳи август аст, ишора мегардад [19, с.888]. Аз муқоиса бармеояд, ки ин вожа нисбат ба “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дар “Фарҳанги Низом” муфассал тафсир гардидааст.

Ҳамчунон Сайид Муҳаммад Алӣ дар бораи гунаҳои гӯйишии об дар қаламрави Эрон чунин менигорад: “Дар баъзе вилоятҳои Эрон дар лафзи об ҳарфи **“о”**-ро табдил ба ҳамзаи мафтуҳа ва **“бо”**-ро ба **“вов”**-и арабӣ мубаддал карда, “ав” гӯянд ва ҳатто дар шаҳрҳои ҷануби Эрон ҳам “об”-ро “ав” бар вазни “шав” гӯянд. Дар лафзи “об” амсоли зайл дар Эрон роиҷ аст, ки маҷозан дар маонии зайл истеъмол мешавад” [18, с.3]:

1.Ҷило ва барқи ҷавоҳирот. Мисол: “Ман як марвориди **обдор** дорам” [18, с.3]. Дар ин ҷумла калимаи **обдор** калимаи мураккаб буда, аз калимаи **об** ва пасванди **- дор** сохта шудааст, ки ба маънои зебоӣ ва барқ задани ҷавоҳирот ва барои пуртаъсир шудани сухан истифода гардидааст.

2.Шиддат ва қуввати филизот. Мисол. “Чоқуи устод Аҳмад **оби хубе** дорад” [18, с.3]. Дар ин ҷо **оби хуб** ба маънои қуввати филизот ба кор бурда шудааст.

3.Тозагӣ ва талолуъ (дурахшиш). Мисол. “Фалон **обу ранги** хубе дорад” [18, с.3]. Дар ҷумлаи мазкур обу ранг ба маънои дурахшиш ва тозагӣ истифода гардидааст.

4. “Ҷойе, ки **об** аст тайямум раво нест”. Ин мисол дар тарҷеҳи афзал истеъмол мешавад [18, с.3].

5. “Наёяд дигар **оби рафта** ба ҷӯй”. Ин масал дар абас (беҳуда) будани сайъ дар амри маҳол истеъмол мегардад [18, с.4].

6. “Таоруфи **оби ҳаммом** мекунад”. Дар изҳори дӯстӣ кардани бидуни харҷ, истеъмол мегардад [18, с.4].

7. “То реша дар **об** аст, умеди самаре ҳаст”. Дар тарғиб ба чизе, ки мумкин аст, истеъмол мешавад [18, с.4].

8. “Нолаи **об** аз ноҳамвории замин аст”. Заҳмат инсонро ба фарёд меорад [18, с.5].

9. “**Об** садои шаршари худро намешунавад”. Ҳеч кас айби худро намебинад [18, с.6].

10. “**Об** қимате надорад, аммо обрӯ мисқоли ҳазор тумон аст”. Ба тавҷеҳи мутакаллим ба ҳифзи иззати худ истеъмол мешавад [18, с.4]. Муаллиф аз ин мисолҳо хеле зиёд истифода намудааст, ки миқдорашон ба 45 адад мерасад.

Таҳлили чанд вожаи ба ҳам муродиф. Муродифот ё худ синонимҳо калимаҳое мебошанд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд, маънои луғавиашон комилан ба ҳам мувофиқ меояд ва ё бо тобишҳои маънои луғавӣ ва обуранги услубиашон аз ҳамдигар фарқ доранд. Вазифаи муродифот дар забон, пеш аз ҳама, бой гардонидани забон аз ҷиҳати лексикӣ мебошад. “Баъзан чунин менамояд, ки ду калимаи муродиф бе ҳеҷ шубҳа метавонанд ҷойи якдигарро гиранд, вале агар дақиқтар мулоҳиза кунем, маълум мегардад, ки байни онҳо фарқе ҳаст. Масалан, калимаҳои **чашм** ва **дида**. Калимаи **дида-**ро дар забони назм, дар фолклор, дар нутқи шифоҳӣ дар баробари калимаи **чашм** кор мефармоянд, вале дар соҳаи тиб, анатомия ва физиология фақат **чашм-**ро истеъмол мекунанд” [5, с.26]. Дар ин гуна ҳолатҳо гуфта мешавад, ки бо мақсади услубӣ ба ҷойи як вожа истифода бурдани муродифи он ба мақсад мувофиқ меояд. Дар “Фарҳанги Низом ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаҳое бо ҷузъи **об** сохта шудаанд, ки метавон онҳоро муродифи ҳамдигар хонд.

Мисол:

Обрез - гудол ва ғайри он ки дар он об рехта шавад [18, с.15].

Обдон - истахру обгир ва ҷойе, ки дар он об ҷамъ мешавад [18, с.12].

Обканд - гудол ва мағоке (чуқурӣ) ғоибан аз ҷараёни об канда мешавад [18, с.19].

Дар “Фарҳанги Низом” вожаҳои зикршуда ба як маънӣ, истахр ё ҷойе, ки дар он ҷо об ҷамъ мешавад, корбаст гардидааст.

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” низ калимаҳои **обгир** ва **обканд** истеъмол шуда, муродифи ҳаманд, ки ба маънии ҳавз корбурд доранд.

Мисол:

Обгир - истахр [19, с.890].

Обдон - ҳавз [19, с.890]. Ҳамчунон дар фарҳанги мазкур метавон калимаҳои **обпайкар** ва **обандом**ро низ бо ҳам муродиф хонд.

Чунончи:

Обпайкар - обандом, нозукандом [19, с.893].

Обандом - нозукандом, латифбадан [19, с.889]. Дар мисолҳои зикршуда, вожаҳои **обпайкар** ва **обандом** ба ҳам муродиф буда, як маъноро яъне маънои нозукандомро ифода намудаанд.

Об ҳамчун ҷузъи калимасоз дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ”. Яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забон калимасозӣ ба шумор меравад. “Бештарини калимаҳои нав, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, техникӣ, инкишофи илму маданият ва ғайра пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба амал омадаанд” [10, с.6]. Роҳу равиши калимасозӣ ҳамеша дар такмил ва инкишоф қарор дорад. “Калимасозӣ ҳодисаи басо мураккаб буда, муайян намудани усул ва кашф кардани қонунҳои вай ба таҳлили дурусту шарҳи илмии таркиби калима ёрӣ мерасонад” [10, с.26]. Ин аст, ки дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимасозӣ ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Вожаи **об** чун ҷузъи калимасоз дар ҳар ду фарҳанг хеле фаъол мебошад. Ба воситаи вожаи **об** дар фарҳангҳо калимаҳои сохта ва мураккаб ташкил ёфтаанд.

Калимаҳои сохта. “Калимаи сохта васлшавии сунъии решаву аффикс набуда, дар он ҷузъҳо ба ҳам аз ҷиҳати маъно мувофиқат мекунанд ва мувофиқати маъноии асосу аффикс ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳам васл шуда маънои наве пайдо кунанд” [10, с.102]. Ба ин маънӣ, ки дар калимаҳои сохта ҳам маънои аффикс ва ҳам маънои реша равшан намоён мешавад. Унсурҳои асосии калимаи сохта, реша ва аффикс ё худ вандҳо ба шумор мераванд.

Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаҳои сохта бо ёрии вандҳои **-гин**, **-гун**, **-нок**, **-ӣ, -ак** ташкил ёфтаанд. Ин вандҳо дар калимасозии сифат сермаҳсул буда, аз исм сифат месозанд:

Обак - а) симоб, ҷева; б) тиб, обила [19, с.889].

Обгин - а) шиша, булӯр; б) сӯрохӣ ва пиёлаи булӯрин; в) оина; г) ба маънои маҷозӣ шароб, бода [19, с.889].

Обгун - а) ба монанди ранги об, обранг; б) тобон, ҷилодор [19, с.890].

Обнок - а) об омехта; б) обдор [19, с.892].

Обӣ - а) мансуб ба об, киноя аз ях шудани об; б) он чи дар об зиндагӣ мекунад; в) обёришаванда [19, с.894].

Обӣ - биҳӣ [19, с.895].

Барои муқоиса калимаҳои сохта бо ҷузъи "**об"**-ро дар "Фарҳанги Низом" ва "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дида мебароем:

№	Вандҳо бо ҷузъи **об**	"Фарҳанги Низом"	"Фарҳанги забони тоҷикӣ"
1.	-гин	-	об+гин
2.	-гун	-	об+гун
3.	-нок	-	об+нок
4.	-ӣ	-	об+ӣ
5.	-ак	-	об+ак

Чунонки мебинем дар "Фарҳанги Низом" калимаи сохта бо ҷузъи **об** ҷой надорад.

Калимаҳои мураккаб. Дар забони тоҷикӣ сермаҳсултарин типи калимасозӣ, калимасозии мураккаб ба ҳисоб меравад. "Калимаҳои мураккаб барои кӯтоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд. Онҳо ибора ва ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд" [3, с.119]. Калимаҳои мураккаб калимаҳое мебошанд, ки бо риояти қоидаҳои калимасозӣ аз ду ва ё чанд ҷузъ таркиб ёфтаанд. "Исмҳои мураккаб аз рӯйи алоқа ва муносибати ҷузъҳояшон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайваст ва тобеъ. Исмҳои мураккабе, ки аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ таркиб меёбанд, исмҳои мураккаби пайваст ном доранд. Исмҳои мураккабе, ки дар онҳо як ҷузъ бо дигаре тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад исмҳои мураккаби тобеъ ном доранд" [5, с.159].

Бо ёрии вожаи **об** дар "Фарҳанги Низом ва "Фарҳанги забони тоҷикӣ" калимаҳои мураккаби зиёд сохта шудаанд. Калимаҳои мураккаб дар фарҳангҳо танҳо калимаҳои мураккаби тобеъ мебошанд.

Чунончи: Дар исми **обанбор** ҳиссаи якум ба дуюм тобеъ буда, муносибати таъинот ифода ёфтааст. Дар зер мисолҳоро аз асарҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта меорем, ки дар қолаби **об** ва **исм** сохта шудаанд.

1.**Об ва исм (қолиби исм+исм)**.

Обрӯ - иззату шарафу арз [18, с.15].

Обрӯ - эътибор, иззат шараф [19, с.894].

Обанбор - утоқи махсусе, ки барои захира кардани об месозанд [18, с.7]. Обанбор исми мураккаб буда, маконро ифода менамояд.

Обтарозу - олоте аст, ки меъморон дар кандани қаноти об (чоҳе, ки дар зери замин ба ҳам пайваста аст) ба кор баранд [18, с.9].

Обдузд - ҷойе, ки дар он об пинҳонӣ ҷорӣ аст [18, с.13].

Обдузд - рахна ё роҳи зеризаминие, ки об пинҳонӣ аз он фурӯ меравад [19, с.891].

Обдандон - а) қиммае аз гулобӣ (муруд); б) қиммае аз анор; в) нони кӯчаки қандӣ [18, с.14].

Обдандон - а) як навъи ширинӣ; б) як муруди ширини обдор; в) ба маънои маҷозӣ нарм, мулоим; г) ба маънои маҷозӣ сухани содалавҳ [19, с.890].

Оброҳ - ҷойе, ки дар он гоҳе оби борон ҷорӣ мешавад [18, с.15].

Обкома - а) ба маънои мураббо; б) хӯрише буд, ки дар қадим мепухтанд [18, с.18].

Обкома - нонхӯриш, ки гӯё дар Исфаҳон аз ҷурғот, шир, тухми сипанд, хамири хушк ва сирка месохтаанд [19, с.892].

Оббанд - ду тасмаи чармӣ, ки ба ду тарафи гови обкаш баста мешавад [18, с.8].

Обсол - боғ [18, с.17].

Обсол - боғ [19, с.894].

Обкор - а) сақо ва обкаш; б) шаробхӯру шаробфурӯш [18, с.18].

Обкор - а) обкаш, машкоб б) шаробхӯр, майнӯш в) майфурӯш, бодафурӯш, ширакаш [19, с.892].

Обдаст - а) обе, ки қабл ва баъд аз ғизо дастро шӯянд б) оби вузӯъ [18, с.13].

Обдаст - обе, ки бо он дасту рӯй шӯянд [19, с. 890].

Обданг - осиёи махсусе аст, ки шулӯтро (шолиро) ҷудо карда, биринҷ созанд [18, с.14].

Обдуғ - мости курагирифтаи махлут бо об, ки номи дигараш дуғ аст [1, с.14].

Обранг - он ранги наққоше, ки дар он оби махлуткарда ба кор мебаранд. Муқобилаш ранги рӯғанӣ аст, ки бо рӯған махлут карда ба кор баранд [18, с.15].

Обрӯд - сунбул, дар фарҳангҳо ба маънии нилуфар аст [18, с.15].

Обсар - шустани бадан [18, с.17].

Обсафт - бекор ва танбал будан [18, с.17].

Обгӯшт - хӯрише аст, ки маҳбуби эрониҳост [18, с.20].

Обмарворид - номи олате (узве) аст дар чашм [18, с.21].

Обнабот - қиммае аз ширае [18, с.21].

Обной - он ҳиссаи каммарзи дарё, ки ду тарафаш хушк бошад [18, с.21].

Обнайсон - а) оби бороне, ки дар моҳи дувуми баҳор барои муолиҷаи амроз ва ғайра гиранд; б) найсон номи моҳи туркие аст, ки дар моҳи дувуми баҳор воқеъ мешавад [18, с.22].

Обёр - шахсе, ки мазраотро об медиҳад, обёрӣ шуғли обёр аст [18, с.23].

Обёр - касе, ки киштро об медиҳад, обмон, оброн [19, с.895].

Обандом - латифандом, нозукбадан [219 с.889].

Обпайкар -ниг. Обандом [19, с.893].

Обнавард - дарёнавард, маллоҳ [19, с.892].

Обсавор - киноя аз ҳубоб, қуббачаи об [19, с.894].

Обхона - а) мустароҳ, мабраз, халоҷо б) яке аз ҳабсхонаҳои арки Бухоро [19, с.894]. **Обхона** исми мураккаб буда, маконро ифода намудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар "Фарҳанги Низом" бо қолибҳои **исм+исм+ суффиксҳои -ак**, **-а исм+исм+пасванди ҷамъбандии -он**, низ калимаҳои мураккаб ташкил ёфтаанд:

Обдуздак - а) олоте аст, ки обро ба дохили худ ҷазб ва бақувват берун мекунад; б) қиммае аз ҳашароте, ки номи дигараш сарсара аст, дар боғҳо заминро сӯрох мекунад [18, с.13].

Оброҳа - ҷойе, ки об ҳангоми сел дар он ҷо ҷорӣ мешавад [18, с.15]. Дар ин ҷо оброҳа аз калимаҳои об ва роҳ таркиб ёфта, ба воситаи суффикси -а исми макон сохтааст.

Обдастон - ибриқ ва офтоба [18, с.14]. Ин вожа исми мураккаб буда, ба ашё далолат мекунад.

Исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд, дар фарҳангҳо дида мешаванд.

2.**Об ва сифат (қолиби исм+сифат).** Калимаҳои мураккабе, ки аз исму сифат таркиб ёфтаанд, ҷузъи асосии исм буда, сифат вайро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад.

Чунончи:

Обтар - хӯриши пуроб ё чойи сабуки камранг [18, с.9].

Обборик - муна (мизоҷи холият) ва мояи кам [18, с.7].

Обзаҳ - канори чашма ва рӯдхона ва амсоли онҳо, ки аз он оби тар оранд, заҳоб низ гӯянд [18, с.16].

Обхӯ - хушкии миёни дарё, ки номи дигараш ҷазира ё обхӯст [18, с.11].

Облуқ - харбуза ё ҳиндувона нарм ва пуроб бошад [18, с.21].

Обкӯр - а) касе, ки мардум аз нону намаки вай баҳравар намешаванд б) намакношинос, кӯрнамак [19, с.892].

Облуч - қанд, набот, каллақанд [19, с.892].

Обзеркоҳ - шахси маккор [18, с.17].

Калимаҳои мураккаб аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл низ таркиб меёбанд. Исм ҳамавақт ҳамчун ҷузъи якум ва асоси феълӣ ҳамчун ҷузъи дуюм воқеъ мегардад. Ин гуна калимаҳои мураккаб дар фарҳангҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта дида мешаванд.

3. **Об ва асоси замони ҳозираи феъл (қолиби исм+асоси замони ҳозираи феъл).** Бо калимаи **об** ва асоси замони ҳозираи феълҳои дидан, бозидан, бардоштан, бастан, пошидан, пухтан, чидан, хӯрдан, доштан, рафтан, задан, бардоштан, буридан, хушкконидан, гирифтан, кандан, кашидан, шинохтан ва ғайраҳо дар "Фарҳанги Низом" ва "Фарҳанги забони тоҷикӣ" калимаҳои зиёди мураккаб сохта шудааст:

Обдида - порча ва ғайра, ки ба он об расида тар шуда бошад [18, с.15].

Оббоз- шиновар [19, с.889].

Оббанд- ду тасмаи чармӣ, ки ба ду тарафи гови обкаш баста мешавад [18, с.8].

Обпош - зарфе аст монанди офтоба ва бар сари лулааш кулоҳи мушобакӣ (сӯрохдор) аст, ки аз он об бар ҷойе мепошанд [18, с.8].

Обпаз - чизеро дар об бидуни равған пухтан [18, с.9].

Обчин - чизе, ки бо он бадан хушк кунанд. Мисли қатифа ва ҳулла [18, с.10].

Обчин - порчае, ки бадани мурдаро пас аз шустан бо он пок мекунанд [19, с.894].

Калимаи **обчин** дар "Фарҳанги Низом" ба маънои қатифа яъне матое, ки барои хушк кардани бадан истифода мешавад, тафсир ёфтааст. Вале ин вожа дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" матое, ки бадани мурдаро пок кунанд тафсир дорад.

Обхӯр - а) касе ё чизе, ки об мехӯрад б) мавзее аст, ки дар канори рӯдхона ё истахр, ки маҳалли об хӯрдани мардум ва ҳайвон аст [18, с.11].

Обхӯрд - маҳалли обхӯрӣ [18, с.11].

Обхез - замине, ки ҳар ҷояшро бикананд об берун ояд [18, с.11].

Обхез - а) тӯфон, туғёни об, ҷӯши дарё; б) замини сернами заҳ [19, с.894].

Вожаи **обхез** дар "Фарҳанги Низом" танҳо ба як маънӣ замини обдор омадааст, дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" бошад, ин вожа ба маъноҳои обхезӣ ё худ тӯфон ва замини сернам тафсир гардидааст.

Обдор - а) касе ё чизе, ки об дорад. Мисол: Ин норингӣ обдор аст; б) навкаре, ки мутасаддии ҷойи шарбату духониёт (сигор) аст; в) каломи шоиста [18, с.12].

Обдор а) хушоб, пуроб ботароват, тару тоза; б) ҷилодор, обутобёфта; в) ба маънои маҷозӣ бурранда; г) киноя аз шамшер; ғ) соқӣ, шаробдор; д) ба маънои маҷозӣ фасеҳу балеғ, пурмазмун [19, с.891].

Вожаи мазкур дар "Фарҳанги Низом" ба ду маънӣ, яъне меваи обдор ва сухани пурмазмун, дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ин вожа ба маъноҳои тоза, боҷило, бурранда, шамшер, шахси шаробдор ва сухани фасеҳу балеғ шарҳ ёфтааст.

Обрафт - санге, ки ба сад маҳоб рафта мудаввар шуда бошад [18, с.15].

Обрез - а) гудол ва ғайри он ки дар он об рехта шавад; б) зарфе, ки аз он ҳангоми бадан шустан об бар бадан резанд [18, с.15].

Обрез - а) офтоба, обгардон; б) мабраз, обхона; в) обпарто, ташнов [19, с.894].

Обзан - зарфи бузурге аст, ки беморро дар он хобонида даво мекунанд [18, с.16].

Оббардор - а) қобили тараққӣ будани мол; б) қобили тавсеъ (васеъ) ибҳом (сухани пӯшида ва норавшан) доштан [18, с.8].

Обтохтан - масдари мураккаб аст, ба маънии пешоб кардан [18, с.9].

Обхушккун - коғази махсусе, ки обро аз рӯйи бадан ва ғайри он ҷазб мекунад [18, с.10].

Обдон - истахру обгир ва ҷойе, ки дар он об ҷамъ мешавад [18, с.12].

Обдон - ҳавз, обгир [19, с.890].

Ин вожа дар ҳарду фарҳанг ба як маъно корбаст дорад.

Обшор - ҷойе, ки об аз баландӣ ба поин бирезад. Ин лафз дар паҳлавӣ авсорик будааст [18, с.17].

Обшор - а) шаршара, шалола; б) сероб пуроб [19, с.894].

Вожаи **обшор** дар фарҳанги якум ба як маъно ва дар фарҳанги дуюм ба ду маъно омадааст.

Обкаш - а) касе, ки аз чоҳ об боло мекашад, ё обро аз ҷое ба ҷое мебарад; б) косаи бузурге, ки дар он сӯрохҳо ҳаст барои соф кардани об [18, с.19].

Обкаш - а) машкоб, саққо; б) обнӯшанда, обхӯранда, обхӯр [19, с.892].

Дар "Фарҳанги Низом" вожаи мазкур ҳам ба маънои машкоб яъне шахсе, ки обёрӣ мекунад ва ҳам ба маънои косаи сӯрохдор шарҳ ёфтааст. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" бошад, ба маъноҳои обкаш ва обнӯшанда корбаст гардидааст.

Обканд - гудол ва мағоке (чуқурие) ғоибан аз ҷараёни об канда мешавад [18, с.19].

Обканд - гузаргоҳи сел [19, с.892].

Обгардон - бузургтарин қошуқ (чумча) дар рехтани оши зиёд ё ғайри он ба кор ояд [18, с.20].

Обгардиш - тағйири обу ҳаво дар мусофират [18, с.20].

Обгардиш - тезрафтор, хушрафтор [19, с.889].

Обгардиш дар “Фарҳанги Низом” ба дигар маъно, яъне тағйир додани обу ҳаво, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои шахси хушрафтор тафсир гардидааст.

Обгир - истахр [18, с.20].

Обгир - а) истахр, пастоби дарё; б) зарфи гулоб, атрдон [19, с.890].

Калимаи баёншуда, дар фарҳанги аввал ба як маъно танҳо истахр ва дар фарҳанги дуюм ба се маъно, яъне ба маъноҳои истахр ё ҳавз, ҷойи пастии дарё, зарфи атр шарҳ дорад.

Обрафтор - тундрав, тездав (сифати асп) [19, с.894].

Обсавор - киноя аз ҳубоб, қуббачаи об [19, с.894].

Обшинос - а) касе, ки дар киштӣ мувозиби кам ва зиёди об ва ҳолати дигарон бувад; б) меъморе, ки дар шинохти обҳои зери замин маҳорат дорад [18, с.18].

Обшинос - а) роҳбалади киштӣ, ки пастиву баландии зери обро медонад; б) шахсе, ки замини обнокро аз беоб фарқ мекунад; в) қоидадон, расмшинос [19, с.894].

Дар “Фарҳанги Низом” бо қолибҳои **исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди ҷамъбандии -он, исм+асоси замони ҳозираи феъл+суффиксҳои -ӣ, -а** калимаҳои мураккаб корбурд доранд:

Обпошон - як иди қадими Эрон, ки дар он ба ҳамдигар гулоб мепошиданд ва дар Ислом мавқуф шуд [18, с.8].

Обрезон - номи ҷашнест, ки эрониёни қадим дар ёздаҳуми тирмоҳ мегирифтанд [18, с.15].

Обхӯрӣ - зарфи филизӣ ё гилӣ ва ё шишагине, ки дар он об хӯранд [18, с.11].

Оббозӣ - масдари мураккаб аст, ба маънии шиноварӣ кардан [18, с.7].

Обдида - ҷавҳар додашуда, ҷилододашуда [19, с.890].

Барои муқоиса таваҷҷуҳ мекунем, ба калимаҳои мураккаби бо ҷузъи **об** дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ”:

№	Калимаҳои мураккаб	“Фарҳанги Низом”	“Фарҳанги забони тоҷикӣ”
1	2	3	4
Қолиби исм+исм			
1.	Обрӯ	+	+
2.	Обанбор	+	-
3.	Обтарозу	+	-
4.	Обдузд	+	+
5.	Обдандон	+	-
6.	Оброҳ	+	-
7.	Обкома	+	+
8.	Оббанд	+	-
9.	Обсол	+	+
10.	Обкор	+	+
11.	Обхӯ	+	-
12.	Обдаст	+	+
13.	Обданг	+	-
14.	Обдуғ	+	-
15.	Обрӯд	+	-
16.	Обсар	+	-
17.	Обсафт	+	-
18.	Обгӯшт	+	-
19.	Обмарворид	+	-
20.	Обнабот	+	-
21.	Обной	+	-
22.	Обнайсон	+	-
23.	Обёр	+	+
24.	Обандом	-	+

25.	Обпайкар	-	+
26.	Обнавард	-	+
27.	Обсавор	-	+
28.	Обранг	+	-
29.	Обхона	-	+
	Миқдори ифодаи калимаҳои мураккаб бо ҷузъи **об** (қолиби исм+исм)	24	12
Қолиби исм+исм+суффикси –ак			
1.	Обдуздак	+	-
	Миқдор	1	0
Қолиби исм+исм+суффикси –а			
1.	Оброҳа	+	-
	Миқдор	1	0
Қолиби исм+исм+пасванди ҷамъбании –он			
1.	Обдастон	+	-
	Миқдор	1	0
Қолиби исм+сифат			
1.	Обтар	+	-
2.	Обзаҳ	+	-
3.	Обхӯ	+	-
4.	Облуқ	+	-
5.	Обкӯр	-	+
6.	Облуч	-	+
7.	Обборик	+	-
8.	Обзеркоҳ	+	-
	Миқдори калимаҳо	6	2
Қолиби исм+асоси замони ҳозираи феъл			
1.	Оббоз	-	+
2.	Оббардор	+	-
3.	Оббанд	+	-
4.	Обпош	+	-
5.	Обпаз	+	-
6.	Обчин	+	+
7.	Обхӯр	+	-
8.	Обхез	+	+
9.	Обдор	+	+
10.	Обрез	+	+
11.	Обзан	+	-
12.	Обхушккун	+	-
13.	Обдон	+	+
14.	Обшор	+	+
15.	Обкаш	+	+
16.	Обгардон	+	-
17.	Обгир	+	+
18.	Обшинос	+	+
	Миқдор	17	10
Қолиби исм+асоси замони ҳозираи феъл+пасванди ҷамъбандии -он			
1.	Обпошон	+	-
2.	Обрезон	+	-
	Миқдор	2	0
Қолиби исм+асоси замони ҳозираи феъл+суффикси –ӣ			
1.	Обхӯрӣ	+	-
	Миқдор	1	0

Қолиби исм+асоси замони ҳозираи феъл+суффикси -а			
1.	Обдида	+	-
	Миқдор	1	0

Муаллифони “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” барои қувватнок кардани андешаҳои худ дар бораи вожаи **об** аз таркиб, ибора ва зарбулмасалҳои зиёде истифода бурдаанд, ки ба ҷуз маъноҳои аслӣ ва асосиашон маъноҳои зиёди маҷозӣ доранд.

Таркиб ва ибораҳои маҷозиву (фразеологӣ) устувор бо ҷузъи об.

Таркибҳои устувор. Ин таркибҳо дар қолиби исм+пайвандаки пайвасти -у+исм сохта шудаанд.

Мисол:

Обу тоб - равнақ ва ҷило [18, с.22].

Обу тоб - ҷило, сафо, дурахшонӣ [19, с.887].

Обу ранг - равнақ ва ҳусн [18, с.22].

Обу ранг - а) ҳусн, зебоӣ, хубӣ, тароват, латофат; б) гулгуна, сурхию сафедӣ ва амсоли он, ки дар рӯй мемоланд [19, с.887].

Обу гил - тинат ва фитрат [18, с.22].

Обу гил - а) киноя аз сиришт, табиати инсон; б) вуҷуд, ҳастӣ; в) аслу насаб [19, с.886].

Обу алаф - ризқу рӯзӣ, хӯрок, обу дона [19, с.886].

Обу намак - ҳаловат, ширинӣ [19, с.886].

Обу нон - хӯрок, хӯроки андак, хӯроки қашшоқона [19, с 886].

Обу озуқа - хӯрокворӣ [19, с.886].

Обу оташ - киноя аз ду ҷинси зидди ҳамдигар [19, с.887].

Обу равған - а) киноя аз носозгорӣ, зидди якдигар будан; б) тазвир, ҳилла [19, с.887].

Обу таом - хӯрок, хӯрданӣ [19, с.887].

Обу ҳаво (ё хок) - шароити табиии як сарзамин, иқлим [19, с.887].

Ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъное, ки ба ҳам тобеъ буда, як мафҳуми мураккабро ифода мекунад, ибора ном дорад. Дар ташкили ибора ҳамаи ҳиссаҳои нутқ иштирок мекунанд. Ба хелҳо ҷудо шудани ибора ба ҷузъи асосӣ вобастагӣ дорад. Ҷузъи асосӣ тобеъкунанда мебошад, ки ҷузъи тобеъшаванда онро эзоҳ медиҳад. Дар забони тоҷикӣ ибораҳои озоди синтаксисӣ, ибораҳои маҷозӣ ва ибораҳои устувор (фразеологӣ), ибораҳои устувори феълӣ мавҷуданд. Дар “Фарҳаги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” мисолҳои зиёде бо ибораҳои изофии маҷозиву устувор оварда шудааст.

Ибораҳои изофии устувор бо ҷузъи об. Яке аз сермаҳсултарин алоқаи синтаксисии ибораҳо дар забони тоҷикӣ алоқаи изофӣ мебошад. Ҷузъи ин гуна ибораҳо бо ёрии бандаки изофӣ бо ҳам робита пайдо мекунанд. Бандаки изофӣ хосси ибора буда, бо калимаи асосӣ якҷоя меояд. Бандаки изофӣ калимаи пас аз худ омадаро ба калимаи асосӣ, ки он муайяншаванда аст, тобеъ мекунад. Дар фарҳангҳо ибораҳои изофии устувори бо ҷузъи об дар **қолиби об+изофат+исм, об+изофат+сифат** таркиб ёфтаанд.

Ибораҳои изофии устувор бо қолибҳои об+изофат+исм.

Оби ҳаёт - чашмаи афсонавие, ки ҳар кас аз ӯ об бихӯрад ҳаргиз намирад [18, с.10].

Оби ҳайвон - чашмаи афсонавӣ [18, с.10].

Оби Хизр - киноя аз оби ҳаёт [18, с.10].

Оби Хизр - оби ҳаёте, ки гӯё танҳо Хизри пайғамбар роҳи онро ёфта нӯшидааст ва зиндаи ҷовид аст [19, с.886].

Ибораи **оби Хизр** нисбат ба “Фарҳанги Низом” дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” муфассалтар шарҳ гардидааст.

Оби Марям - киноя аз иффат, покдоманӣ [19, с.884].

Ибораи **оби Хизр** муродифи ибораҳои **оби ҳаёт** ва **оби ҳайвон** мебошад. Ибораҳои **оби Хизр** ва **оби Марям** исмҳои хоссанд.

Ибораҳои изофии устувор бо қолибҳои об+изофат+сифат.

Оби борик - ба маънои наҳри бисёр кӯчак [18, с.7].

Оби бурранда - обе, ки ғизоро зуд ҳазм мекунад [18, с.8].

Оби бақо - ба маънии ҳамешагӣ ва дар маҷмуъ оби ҳаёт аст [18, с.8].

Оби хаст - харбузаву ҳиндувона ва амсоли онҳо, ки туршшуда бошад [18, с.10]. Ин гуна ибораҳо танҳо дар “Фарҳанги Низом” дида мешаванд.

Ибораҳои изофии фразеологӣ. Қолибҳои об+изофат+исм.

Оби бун - самъи бехи дарахти гардуӣ [18, с.8].

Оби ҷомина - ҷоми обхӯрӣ [18, с.8].

Оби ҷав - шаробе, ки аз ҷав тайёр мешавад [18, с.9].

Оби сиёҳ а) обе, ки дар чашм (ҳангоми об овардани чашм) падид мешавад; б) шаробе, ки ниҳоят ҳаром бошад, обсиёҳ гӯянд; в) обе, ки дар суми чаҳорпо падид ояд [18, с.17].

Оби кор - равнақу ривоҷи кор [19, с.883].

Оби ангур - киноя аз шароб [19, с.883].

Оби дидаи абр - киноя аз борон [19, с.883].

Оби барф - киноя аз сиришк, ашк [19, с.884].

Оби наргис - киноя аз оби дида [19, с.884].

Ибораҳои изофии маҷозӣ. Қолибҳои об+изофат+сифат.

Оби мурда - оби беҳаракат [18, с.12].

Оби мурда - оби ғайриҷорӣ [19, с.885].

Оби андешасӯз - киноя аз шароб [19, с.883].

Оби арғувон - а) киноя аз шароби сурх; б) киноя аз ашки хунин; в) киноя аз хун [19,с.883].

Оби афсурда - киноя аз шиша ва пиёлаи булур [19, с.883].

Оби аҳмар - киноя аз шароби сурх [19, с.883].

Оби зулмотранг - киноя аз шароб [19, с.884].

Оби ишрат киноя **-** аз шароб [19, с.884].

Оби кушода - бодаи бенашъа [19, с.884].

Оби маразкоҳ - оби шифо, дору [19, с.884].

Оби муаллақ - киноя аз осмон [19, с.885].

Оби оташзада - киноя аз ашк сиришк [19, с.885].

Оби оташин - киноя аз шароби сурх [19, с.885].

Оби равшан - киноя аз равнақу ривоҷ [19, с.885].

Оби тараб - киноя аз май, шароб [19, с.886].

Оби гулгун - киноя аз шароб [19, с.884].

Дар “Фарҳанги Низом” ибораи оби ҷав ба маънои шароб корбурд дошта бошад, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ибораҳои оби сиёҳ, оби ангур, оби андешасӯз, оби арғувон, оби аҳмар, оби зулмотранг, оби ишрат, оби кушода, оби оташин, оби гулгун ва оби тараб муродифи ҳамдигар буда, ба маънои шароб ё худ бодае, ки шахсро ба мастӣ барад истифода гардидааст.

Ҳамчунон дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ибораҳои ба ҳам муродифи оби кор ва оби равшан ба маънои равнақу ривоҷи кор, оби барф, оби наргис, оби оташзада ба маънои ашк, сиришк истеъмол шудааст. Ибораҳои изофии маҷозӣ бо ҷузъи **об** нисбат ба “Фарҳанги Низом” дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” серистеъмоланд ва маъноҳои гуногунро ифода кардаанд, ки бештаринашон ба маънои май, шароб корбаст доранд.

Барои муқоиса намудани таркиб ва ибораҳои маҷозиву устувор бо ҷузъи **об** дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба ҷадвали зерин таваҷҷуҳ менамоем:

№	Таркиб ва ибораҳои маҷозиву устувор бо ҷузъи **об**	“Фарҳанги Низом”	“Фарҳанги забони тоҷикӣ”
1	2	3	4
Таркибҳои устувор (қолиби исм+пайвандаки пайвасти -у+исм)			
1.	Обу тоб	+	+
2.	Обу ранг	+	+
3.	Обу гил	+	+
4.	Обу алаф	-	+
5.	Обу намак	-	+
6.	Обу нон	-	+
7.	Обу озуқа	-	+

8.	Обу оташ	-	+
9.	Обу равған	-	+
10.	Обу таом	-	+
11.	Обу ҳаво	-	+
	Ҷамъ:	3	11
Ибораҳои изофии устувор бо қолибҳои об+изофат+исм			
1.	Оби ҳаёт	+	-
2.	Оби ҳайвон	+	-
3.	Оби Хизр	+	+
4.	Оби Марям	-	+
	Ҷамъ:	3	2
Ибораҳои изофии устувор бо қолибҳои об+изофат+сифат			
1.	Оби борик	+	-
2.	Оби бурранда	+	-
3.	Оби бақо	+	-
4.	Оби хаст	+	-
	Ҷамъ:	4	0
Ибораҳои изофии фразеологӣ. Қолиби об+изофат+исм			
1.	Оби бун	+	-
2.	Оби ҷомина	+	-
3.	Оби ҷав	+	-
4.	Оби сиёҳ	+	-
5.	Оби кор	-	**+**
6.	Оби ангур	-	+
7.	Оби дидаи абр	-	+
8.	Оби барф	-	+
9.	Оби наргис	-	+
	Ҷамъ:	4	5
Ибораҳои изофии фразеологӣ. Қолиби об+изофат+сифат			
1.	Оби мурда	+	+
2.	Оби андешасӯз	-	+
3.	Оби арғувон	-	+
4.	Оби афсурда	-	+
5.	Оби аҳмар	-	+
6.	Оби зулмотранг	-	+
7.	Оби ишрат	-	+
8.	Оби кушода	-	+
9.	Оби маразкоҳ	-	+
10.	Оби муаллақ	-	+
11.	Оби оташзада	-	+
12.	Оби оташин	-	+
13.	Оби равшан	-	+
14.	Оби тараб	-	+
15.	Оби гулгун	-	+
	Ҷамъ:	**1**	**15**

Фразеологизмҳо бо ҷузъи **об** низ бо маъноҳои мухталиф дар фарҳангҳо дида мешаванд.

Об аз даст начакидан - бахил будан [18, с.6].

Об ба об шудан - ба маънии обу ҳавову мусофират [18, с.7].

Об ба даҳан хушк шудан - тааҷҷуби зиёд кардан, ҳайбат хӯрдан [18, с.7].

Об бар оташ задан - фурӯ нишондан, фасоду хашм [18, с.8].

Оби пок рӯю дасти касе рехтан - матлабро возеҳ ва пӯстканда гуфтан [18, с.9].

Оби ҷоеро хӯрдан - киноя аз таваққуф дар ҷое кардан [18, с.9].

Об хӯрдани чизе аз ҷое - марбут будани чизе ё ба ҷое ё чизи дигар [18, с.11].
Об хӯрдани чашм - умед доштан [18, с.11].
Оби хуш аз гулӯъ поин нарафтан - дар камоли сахтӣ ва заҳмат будан [18, с.11].
Гули тоза ба об додан - кори аҷибу тоза кардан [18, с.12].
Об дар пӯст омадан - чоқ ва тару тоза шудан [18, с.12].
Хуб аз об баромадан - натиҷаи матлуб будан ва комёб шудан [18, с.12].
Об дар ҷигар надоштан - қувваи гиря надоштан [18, с.12].
Об дар ҷӯй омадан - мақсади рафтаву гузаштаро боз ёфтан [18, с.13].
Об дар ғербол бехтан - кори беҳуда кардан [18, с.13].
Об дар гӯши касе кардан - касеро фиреб додан [18, с.13].
Об дар ҳован (уғурак) кӯфтан - кори беҳуда кардан [18, с.13].
Обдасти худро хӯрдан - ба маънии касби маош кардан аз заҳмати худ [18, с.14].
Оби рафта ба ҷӯй омадан ё баргаштан - мақсуди фавтшударо боз ёфтан [18, с.15].
Оби қалб хӯрдан - ба маънии фоида бурдан аз сафои қалби худ [18, с.18].
Сар зери об кардан - ғоиб шудан, фирор кардан [18, с.19].
Об во кардан ё об афтодани касе - ба маънии тамаъ кардан [18, с.22].
Обу ранг доштан - киноя аз ҳусн гирифтан, зебоӣ пайдо кардан [19, с.887].
Об гирифтани рӯй - зебоӣ пайдо кардан, ҳусну тароват ёфтан [19, с.887].
Об гирифтани чашм - киноя аз лаззат бурдан, баҳраманд шудан, бо назора [19, с.887].
Об хӯрдани дили касе - киноя аз ором ва таскин ёфтани дил [19, с.887].
Оби хуш хӯрдан - киноя аз роҳат кардан, баҳраманд шудан, осудан [19, с.888].
Оби шарм бурдан - киноя аз беҳаёӣ кардан, обрӯ рехтан [19, с.888].
Об аз ҷигар бахшидан - киноя аз ато кардан, чизе ба мардум додан [19, с.888].
Об бар оташи касе пошидан - киноя аз касеро таскин додан, ғазаби касеро фурӯ нишондан [19, с.888].
Обро ба ресмон бастан - киноя аз кори беҳуда кардан [19, с.888].
Об бар дида доштан - киноя аз шармгин будан [19, с.888].
Об бар дида равон гардонидан - киноя аз гиря кардан [19, с.888].
Об дар коло кардан - фиребгариву қаллобӣ кардан [19, с.888].
Об дар сабад кардан - киноя аз кори беҳуда кардан [19, с.888].
Об аз даҳон рафтан - чизеро сахт ҳавас кардан [19, с.888].
Об дар шир рехтан - киноя аз фиреб додан [19, с.888].
Об дар ҳован кӯфтан - киноя аз кори беҳуда кардан [19, с.888].
Об аз озар афрӯхтан - аз шарм арақ рехта сурх шудан [19, с.888].
Об аз сар гузаштан - киноя аз ҳад гузаштани кор [19, с.888].
Об ба дасти касе рехта натавонистан - киноя аз лаёқати хизмати касеро надоштан [19, с.888].
Об ба зери касе ҳиштан (сар додан) - ба бунёди кори касе осеб овардан [19, с.888].
Об омадани рӯйи кор - зоҳир шудани кор [19, с.889].
Бар оби чашма пул шикастан - киноя аз изҳори бесабрӣ ва бетоқатӣ намудан [19, с.889].
Об зери коҳ пӯшидан - ба нодонӣ задан [19, с.886].

Бояд тазаккур дод, ки ибораҳои устувори феълӣ ё худ фразеологизмҳо, ки **бо** ҷузъи об сохта шудаанд, дар ҳар ду фарҳанг ибораҳои устувори феълии серҷузъа мебошанд.

Дар таркиби баъзе аз зарбулмасалу мақолҳо низ вожаи **об** истеъмол мешавад, ки дар фарҳангҳо корбурд дорад.

Ба монанди:

1.**Об аз сарчашма гил будан** - фасод аз ҷои аъло омадан [18, с.6].

2.**Ба об нарасида мӯза кашидан** - шитоб кардан, бевақту соат ба кор сар кардан [19, с.889].

Дар ҷадвали зер барои муқоиса, корбурди фразеологизмҳоро бо ҷузъи **об** аз “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” меорем:

№	Ибораҳои феълии устувор	“Фарҳанги Низом”	“Фарҳанги забони тоҷикӣ”
1	2	3	4

1.	Об аз даст начакидан	+	-
2.	Об ба об шудан	+	-
3.	Об ба даҳон хушк шудан	+	-
4.	Об бар оташ задан	+	-
5.	Оби пок рӯю дасти касе рехтан	+	-
6.	Оби ҷоеро хӯрдан	+	-
7.	Об хӯрдани чизе аз ҷое	+	-
8	Об хӯрдани чашм	+	-
9.	Оби хуш аз гулӯ поин нарафтан	+	-
10.	Гули тоза ба об додан	+	-
11.	Об дар пӯст омадан	+	-
12.	Хуб аз об баромадан	+	-
13.	Об дар ҷигар надоштан	+	-
14.	Об дар ҷӯй омадан	+	-
15.	Об дар ғербол (сабад) бехтан	+	-
16.	Об дар гӯши касе кардан	+	-
17.	Об дар ҳован (уғурак) кӯфтан	+	+
18.	Обдасти худро хӯрдан	+	-
19.	Оби рафта ба ҷӯй омадан ё баргаштан	+	-
20.	Оби қалб хӯрдан	+	-
21.	Сар зери об кардан	+	-
22.	Об во кардан ё афтондани касе	+	-
23.	Обу ранг доштан	-	+
24.	Об гирифтани рӯй	-	+
25.	Об гирифтани чашм	-	+
26.	Об хӯрдани дили касе	-	+
27.	Оби хуш хӯрдан	-	+
28.	Оби шарм бурдан	-	+
29.	Об аз ҷигар бахшидан	-	+
30.	Об бар оташи касе пошидан	-	+
31.	Обро ба ресмон бастан	-	+
32.	Об бар дида доштан	-	+
33.	Об бар дида равон гардонидан	-	+
34.	Об дар коло кардан	-	+
35.	Об дар сабад кардан	-	+
36.	Об аз даҳон рафтан	-	+
37.	Об дар шир рехтан	-	+
38.	Об аз озар афрӯхтан	-	+
39.	Об аз сар гузаштан	-	+
40.	Об аз дасти касе рехта натавонистан	-	+
41.	Об ба зери касе ҳиштан (сар додан)	-	+
42.	Об омадани рӯйи кор	-	+
43.	Бар оби чашма пул шикастан	-	+
44.	Об зери коҳ шудан	-	+
	Ҷамъ:	**22**	**23**

Аз таҳлил ва муқоисаи корбурди вожаи **об** дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” равшан гардид, ки ба воситаи ин вожа дар забони адабӣ калимаҳои сохтаву мураккаб, таркиб ва ибораҳои маҷозиву устувор бунёд ёфтаанд ва дар забони адабӣ мавқеи махсусро ишғол намудаанд. Аз таҳлилу баррасии мавзуъ метавон чунин хулоса ва натиҷагирӣ намуд:

1.Дар “Фарҳанги Низом” муаллиф ба баромади вожаи **об** таваҷҷуҳ намуда, дар забони авестоӣ **оп** ва дар паҳлавӣ **ов** ифода ёфтани онро зикр кардааст. Инчунин гунаҳои гӯйишии вожаи обро дар қаламрави Эрон овардааст.

2. Калимасозӣ бо **ҷузъи об** дар ҳар ду фарҳанг мавқеи махсусро дорад. Ба воситаи ин вожа дар “Фарҳанги Низом” панҷоҳу чор адад калимаи мураккаб ва дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бошад, панҷ адад калимаи сохта ва бисту нуҳ адад калимаи мураккаб, ташкил ёфтаанд.

3. Калимаҳои зиёди мураккаб дар ҳар ду фарҳанг бо **ҷузъи об** сохта шудаанд, ки онҳо ба қолабҳои исм+исм (36 адад), исм+сифат (8 адад), исм+асоси замони ҳозираи феъл (27 адад) корбурд доранд.

4.Таркиб ва ибораҳои маҷозиву устувор бо **ҷузъи об** дар фарҳангҳо мавҷуданд, ки онҳо бо қолабҳои об+пайвандаки пайвасти-у+исм (14 адад), об+изофат+исм (5 адад), об+изофат+сифат (4 адад), сурат гирифтаанд.

5. Дар фарҳангҳо мисолҳои зиёди бо **ҷузъи об**, ки дар таркиби ибораҳои феълии устувор истифода гардидаанд, миқдорашон 48 адад, фразеологизмҳо бошанд 45 ададро ташкил медиҳанд.

Муқарриз: ***Саломов А.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С.Айнӣ // Куллиёт.Ҷ.12. - Душанбе: Ирфон,1975. – 260 с.
2. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс / А. Воҳидов. - Самарқанд, 1980.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.2 - Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология / зери таҳрири Б.Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе: Ирфон, 1973. Қ.1. – 450 с.
6. Қосимова М.Н. **Об** дар “Шоҳнома” - и Абулқосим Фирдавсӣ / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Сино, 2003. – 104 с.
7. Қосимова М.Н. Чор унсур: маъниофаринӣ, калимасозӣ (дар асоси маводи “Маснавии маънавӣ”) / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Деваштич, 2007. – 266 с.
8. Муҳаммад Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ / Ҳасандӯст, Муҳаммад. - Ҷ.1. – Теҳрон, 1393ҳ.
9. Муҳаммадчаъфари Ёҳаққӣ. Ё-58 Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Ёҳаққӣ,Муҳаммадчаъфар. - Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.
10. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (Синтаксис) / М.Норматов. - Душанбе: Матбуот, 2016. – 324 с.
11. Рустамов Ш. Исм (категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ) / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
12. Таджиев Д.Т. Слово **об** «вода» в современном таджикском языке / Д.Т. Таджиев // Труды ИЯ АН СССР. - Том I. - М.: 1952.
13. Ҳ. Маҷидов. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Маҷидов, Ҳ. - Душанбе, 2007. – 243 с.
14. Ҳ.Маҷидов. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / Маҷидов, Ҳ. – Душанбе, 1982. – 100 с.
15. Ҳошимов С. Луғатнигорӣ / С. Ҳошимов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004. – 79 с.
16. Шамс Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам / Розӣ, Шамс Қайс. – Душанбе, 1991. – 462 с.
17. Шаҳриёр Нақавӣ. Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон / Нақавӣ, Шаҳриёр. – Теҳрон, 1341ҳ.
18. Фарҳанги Низом. Ҷ.1. Чопи нахустин. - Ҳинд, 1305ҳ.; - Чопи дувумин. - Теҳрон, с.1362.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.: С.Э., 1969. - 951 с.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ТАФСИРИ ВОЖАИ “ОБ” ДАР “ФАРҲАНГИ НИЗОМ” - И САЙИД МУҲАММАД АЛӢ ВА “ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ”

Фарҳангнигорӣ яке аз бахшҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор рафта, омӯзишу баррасии он воситаи асосии шинохти таркиби луғавии забон мебошад. Дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба яке аз вожаи серистеъмоли забон, яъне вожаи **об** таваҷҷуҳи хеле зиёд зоҳир гардидааст. Дар мақолаи мазкур тафсири вожаи **об** ва корбурди он дар ибораву таркибҳо, роҳҳои калимасозии он дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бо равиши муқоисавӣ баррасӣ гардидааст. Дар ҳар ду фарҳанг бо вожаи **об** шавоҳиди зиёде бо калимаҳои сохта ва мураккаб омадаанд, ки бештаринашонро калимаҳои мураккаб бо қолибҳои исм+исм, исм+сифат, исм+асоси замони ҳозираи феъл ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар “Фарҳанги Низом” ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” муаллифон барои овардани намунаи таркибу ибораҳои рехта ва фразеологизмҳо бо вожаи **об** аз зарбулмасалу мақолҳои зиёде истифода намудаанд, ки дар мақола ҳамаи онҳо муқоиса гардида, бо маъноҳои мухталиф оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: об, фарҳанг, забон, ибора, таркиб, фразеологизмҳо, вожа, калимаҳои сохта, калимаҳои мураккаб.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИНТЕРПРЕТАЦИИ СЛОВА «ОБ» (ВОДА) В «ФАРҲАНГИ НИЗОМ» САИД МУХАММАДА АЛИ И «ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

Лексикография является одним из важных разделов языкознания, при изучении и рассмотрении лексики словарей можно описать словарный состав языка. В «Фарҳанги Низом» (Словарь Низом) и «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (Словарь таджикского языка) большое внимание уделяется одному из наиболее употребляемых слов в языке – слову “об”. В данной статье рассматривается истолкование слова “об”, а также сравнивается его употребление в «Фарҳанги Низом» и «Фарҳанги забони тоҷикӣ», где оно подробно объясняется. В этой статье особое место занимает словообразование данного слова в обеих толковых словарях. Посредством данного слова образуется множество составных и сложных слов, большинство из которых являются составными словами с формой существительное+существительное, существительное+прилагательное, которые указаны в словарях. Следует отметить, что в «Фарҳанги Низом» и «Фарҳанги забони тоҷикӣ» приведены примеры со словом «об» в устойчивых словосочетаниях и фразеологизмах, а также в пословицах и поговорках, которые в статье интерпретируются с подробными значениями и сравниваются.

Ключевые слова: вода, словарь, язык, фразеологизмы, слово, словообразование, составные слова, сложные слова.

COMPARATIVE ANALYSIS OF INTERPRETATION OF THE WORD "ОБ" (WATER) AND ITS USE IN "FARHANGI NIZOM" BY SAYID MUHAMMAD ALI AND "FARHANGI ZABONI TOJIKI"

Lexicology is one of the important sections of linguistics. Its analysis and consideration is one of the main tools of research and study of language vocabulary. In "Farkhangi Nizom" and "Farkhangi zaboni tojiki" much attention is paid to one of the most used words (terms) in the language - "об". This article compares the word "об" and its important role in "Farkhangi Nizom" and "Farkhangi zaboni tojiki" where it is reflected in detail. In this article a special place is occupied by word formation formed in both explanatory dictionaries by means of the word "об". Through this word the dictionaries form many compound and compound words, most of which are compound words with the form noun + noun, noun + adjective. It should be noted that in "Farkhangi Nizom" and "Farkhangi zaboni tojiki" the authors used the word "об" from stable word combinations and verb phrases, that is phraseological phrases, also from many proverbs and sayings, where the article provides their comparative analysis with detailed meanings.

Key words: water, dictionary, language, phraseology, word, word formation, compound words, verb present base.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзова Парвинахон Бургутовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E- mail: **donish-2018@ mail.ru**.
Тел.: **(+992) 918-71-30-36**

Сведения об авторе: ***Файзова Парвинахон Бургутовна*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории языка и типологии. **Адрес**: 754025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **donish-2018@ mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-71-30-36**

Information about the author: ***Fayzova Parvinakhon Burgutovna*** **-** Tajik National University, Doctoral Ph.D. of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17.
E-mail: **donish-2018@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-71-30-36**

УДК: 42:491.550

ЭКЗОТИЗМҲО ҲАМЧУН ПАДИДАИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ АЗ НИГОҲИ ТАРҶУМА

(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосир омӯзиши забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои дигар вусъат меёбад ва таҳқиқоти ҷанбаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷума рӯи кор меоянд. Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои эронии оилаи ҳиндуаврупоӣ дохил шуда, бо забони англисӣ муносибати наздики генетикӣ дорад. Ин алоқамандӣ ва хусусияти хос имкон фароҳам меоранд, ки забонҳои мазкур аз рӯи монандиҳо ва фарқияташон омӯхта шаванд. Бо рушди шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии миллатҳо имкон фароҳам меояд, ки алоқамандии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо, махсусан бо забони англисӣ, аз нигоҳи хусусиятҳои фарқкунанда ва умумӣ ба таври дақиқу равшан омӯхта шаванд. Бо назардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои зичи иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангиро бо мамлакатҳои англисзабонон вусъат мебахшад, ин масъала аҳамияти бештар касб мекунад. Масъалаҳои марбут ба муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавӣ тули чандин сол аст, ки зери таҳқиқоти илмӣ қарор мегиранд, вале то ҳол ин мушкилот диққати муҳаққиқони забоншиносон ва тарҷумашиносонро ба худ ҷалб менамояд. Хусусан фарқияти воҳидҳои муодил аз воҳидҳои муодили нопурра ва бемуодил мисли реалияҳо, лакунаҳо, истилоҳот, экзотизмҳо ва дигар воҳидҳои луғавие, ки дар фонди луғавии дигар забон ҳамчун бемуодил инъикос гардидаанд, мубрамияти таҳқиқоти мавзӯъро афзун мегардонад.

Воҳидҳои луғавии бемуодил масъалаи мубрами тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ ба шумор рафта, то ҳол ҳалли мушкилоти худро дар самти тарҷума пурра наёфтааст. Бо назардошти он, ки ин масъала дар забоншиносии тоҷик кам таҳқиқот шудааст, нуқтаи мазкур аҳамиятноктарин масъала дар илми забоншиносии тоҷик ба шумор меравад ва дар бораи бемуодилии воҳидҳои луғавӣ аввали солҳои 50-ум муҳаққиқон ва забоншиносон, ба мисли Я. И. Ретскер, А. О. Иванов, А. В. Фёдоров, Л. С. Бархурдаров, С. Влахов, С. Флорин, Л. Н. Соболев, Г. В. Чернов ва аз забоншиносони тоҷик дар давраи муосир Ф. М. Турсунов ва дигарон баъзе андешаҳои худро иброз доштаанд. Тамоми воҳидҳои луғавии бемуодил сабабҳои пайдоиши худро доранд, ки онҳо. дар мухталиф будани фарҳангу маданияти халқиятҳо, пешравии босуръати илму техника дар мамлакатҳои дунё ва гуногунии расму русуми миллии ҳар як миллат инъикос мегардад. Ба воҳидҳои луғавии бемуодил истилоҳот, исмҳои хос, калимаҳои мураккаб, реалия, лакуна, экзотизм, диалектизм, неологизм, жаргонизм, архаизм ва баъзе воҳидҳои фразеологӣ дохил мешаванд, ки онҳо бо сабабҳои гуногун ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар ҳамчун воҳидҳои бемуодил интиқол мешаванд. Чӣ тавре ки маълум гардид, экзотизмҳо яке аз гурӯҳҳои воҳидҳои луғавии бемуодил ба шумор мераванд.

Мӯҳтавои навиштани мақолаи мазкур дар он дарҷ мегардад, ки экзотизмҳои сохтории забони англисиро таҳлил намуда, роҳу усулҳои тарҷумаи онҳоро муайян созем.

Экзотизмҳо воҳидҳои луғавии бемуодили ғайризабонӣ ба шумор рафта, дар назарияи тарҷумашиносӣ бо номҳои гуногун инъикос мегарданд. А. К. Гатилова онро чун «экзотизмҳои сохторӣ» ном гирифта, чунин қайд кардааст: «Воҳидҳои луғавие, ки ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар монандии худро, яъне аналог намеёбанд» [3, с.56].

Олими дигар И. С. Алексеева экзотизмҳоро чун тобишҳои фарҳангӣ маҳсуб дониста, номутобиқатии онҳоро бо дигар забонҳо ҳангоми тарҷума нишон медиҳад [1, с.10]. С. Влахов ва С. Флорин экзотизмҳоро чун воҳидҳои луғавии ғайризабонӣ ё реалияҳои бегона ном бурдаанд [2, с.262].

Л. К. Латишев экзотизмҳои сохториро ба гурӯҳи чоруми воҳидҳои луғавии бемуодил ворид намуда, фарқияти онро аз бемуодилҳои тасодуфӣ нишон намудааст. Экзотизмҳои сохторӣ ҳамчун гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил ба шумор рафта, ба гурӯҳи бемуодилҳои тасодуфӣ хеле шабоҳат доранд, зеро экзотизмҳо низ дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда вуҷуд доранд ва дар ҳаёти мардуми забонҳои муқоисашаванда истифода мешаванд. Фарқият байни

инҳо дар он зоҳир мегардад, ки бемуодилҳои тасодуфӣ гарчанде дар забони ҳарду миллат вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале ҳамчун истилоҳ номи худро ёфта наметавонанд, аммо экзотизмҳо бошанд, номашон дар дигар забон ёфт нашавад ҳам, маънои он ҳатман шарҳ дода мешавад [4, с.147].

Сабаби асосии пайдоиши экзотизмҳо дар рушду инкишофи сайёҳӣ ва дар рафту омади муҳоҷирон мебошад. Умуман сабаби аввалини пайдоиши экзотизмҳои забони англисӣ дар омаду рафти муҳоҷирони мамлакатҳои Лотину Амрико, Африка, Ҳиндустон, Итолиё, Хитой ва ғ. инъикос меёбад, зеро ҳар як муҳоҷир хусусиятҳои миллии худро ба забон оварда, тамоми калимаҳое, ки дар атрофи фарҳангу маданияти ӯ мавриди истифода қарор мегирад, ба забони англисӣ ворид менамоянд. Дар натиҷа намудҳои гуногуни экзотизмҳо пайдо мешаванд. Аслан экзотизм он воҳидҳои луғавиеро дарбар мегирад, ки дар ҳаёти мардум аз забони бегона дохил шуда, солҳои тулонӣ мавриди истифода қарор мегирад. Метавон қайд намуд, ки экзотизмҳои сохторӣ ин ҳамон реалияҳои бегона мебошанд, ки аз забони бегона ба забони англисӣ ворид гаштаанд. Дар умум тамоми экзотизмҳои сохторӣ бо роҳи шарҳи маънӣ дар луғатҳо маънидод карда мешаванд ва ҳатто баъзеи экзотизмҳоро дар луғат ёфтан ғайриимкон аст, чунки забон мунтазам рушд меёбад ва экзотизмҳои нав ба нав вориди забон мегарданд. Дар ин ҳолат луғатнигорон дар вақташ онҳоро дар фонди луғавии забон ворид гардонида наметавонанд. Мисол, баъзе экзотизмҳои сохтории забони англисиро ба таври зайл таҳлил менамоем: cappuccino (итал.) - капучино, қаҳва бо қаймоқи шир, plaza (исп.) – майдони бозорие, ки дар Испания мавҷуд аст, mosque (араб.) – масҷиди мусулмонӣ, sari (индийс.) – як пораи матои пахтагӣ ё абрешимӣ, ки занҳои ҳинду гирди бадани худ печонда, онро ҳамчун либоси миллӣ истифода мебаранд, bazaar (форс.) – бозори шарқӣ, ки тамоми молҳои он бо мақсади хайрия фурӯхта мешавад, bistro (фр.) – ошхоначае, ки дар он тарабхона ё клуби шабона дорад, casino (итал.) – маконе, ки дар он рақсу мусиқӣ намоиш дода мешавад, dragon (гр.) – махлуқоти афсонавӣ, махлуқе, ки ду бол дораду аз даҳон оташи аланга медиҳад, geisha (яп.) – зани ҷопоние, ки бо рақсу сурудаш мардҳоро мафтун месозад, фоҳишазани ҷопонӣ ва ғ.

Экзотизми ***bistro*** заминааш аз забони фаронсавӣ буда, бештар дар забони гуфтугӯии халқи Париж истифода мешуд. Сарчашмаи пайдоиши ин калима маълум набуда, маънояш ***мағозаи хурди шаробфурӯшӣ ё тарабхона*** мебошад. Як қатор ақидаҳои тахминӣ вуҷуд дорад, ки ин калима гӯё соли 1815 баъд аз ғолибиятро ба даст овардани Наполеон дар истифодаи халқи рус дар шакли ***bee-stra (быстро)***, яъне *тез, ягон корро тез иҷро кардан* мебошад. Дигар ақидае вуҷуд дорад, ки калимаи ***bistro*** бо шакли дигар ***bistraud*** дар яке аз вилоятҳои Фаронса - Пуату дар нутқи халқ истифода мешавад, ки мазмунаш ***чӯпони хурд*** аст. Решаи ин калима ***biste*** буда, маънояш ***буз*** мебошад ва дар якҷоягӣ бо пасванди ***-raud*** маънои *чӯпон*ро гирифтааст. Дар забони тоҷикӣ низ ин калима серистифода аст, аммо на ба маънои *чӯпон, балки ошхонаҳоеро дар назар дорад, ки хӯрок ба таври худхизматрасонӣ харидорӣ* карда мешавад. Аслан, то имрӯз бештари халқи тоҷик на ба сарфаҳми ин калима мераванд ва на аз таърихи пайдоиши он хабардор ҳастанд. Табиист, ки калимаи ***bistro*** дар забони тоҷикӣ ҳамчун воҳиди луғавии бемуодил ба шумор меравад.

Калимаи ***pizza*** дар забони тоҷикӣ бемуодил буда, ҳамчун питса дар забони гуфтугӯии халқ истифода мешавад. *Пирог ё самбӯсаи* хеле машҳур на танҳо дар Аврупо, балки дар Тоҷикистон низ серистеъмол мебошад. Махсусан, ҷавонон онро болаззат дониста, тез-тез харидориаш менамоянд. Ин калима соли 1935 аз сарчашмаҳои тахминӣ аз забони итолёӣ дар шакли ***cake, tart, pie*** истифода шуда, дар фарҳанги этимологии итолёӣ "Vocabolario Etimologico della Lingua Italiana" шарҳ дода мешавад, ки сохти гуфтугӯии ин калима ***pinza*** буда, маънояш ***фишордиҳӣ, шиканҷа*** ва ***буғикунӣ*** мебошад [13]. Ин калима бо калимаи забони юнонии асри миёна алоқамандии зич дорад, ки калимаи юнонии ***pitta*** низ мазмуни якхеларо чун ***cake, pie*** иброз менамояд.

Экзотизми сохтории дигар ин ***dragon*** мебошад, ки дар забони тоҷикӣ ҳамчун *махлуқоти афсонавӣ, махлуқе, ки ду бол дораду аз даҳон оташ аланга медиҳад* шарҳ дода шудааст. Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров ин калима бо се маъно эзоҳ дода шудааст: 1***) аждар, аждаҳор, сусмори болдор, мори калон; 2) нуҷ. (бо ҳарфи калон) галласитораҳои Аждаҳор; 3) зоти кабӯтарҳои хонагӣ*** [5, с.266]. Пайдоиши ин калима аз асри XIII сарчашма гирифта, дар шакли ***dragoun*** дар забони фаронсавии кӯҳна, ки решааш аз забони лотинии

draconem гирифта шуда, маъноияш *сусмори боҳашаммат* ё *аждаҳор* буд. Пеш аз ин забонҳо, ин калима дар забони санскрит маънои дигарро ифода менамуд, ба таври "***visible***"- *ҳувайдо, намудор, ошкор, маълум, падидор* ва ғ. Калимаи ***dragoon*** дар китоби муқаддаси насронӣ «Библия», ки кӯҳантарин китоб ба шумор меравад, дар он ҷо низ ба чашм мерасад, ки бо забони яҳудӣ "***tannin***" он маънои *ҷонвари азимҷуссаи баҳри*ро ифода менамуд [13]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи ***аждаҳо*** аз решаи ***аждар*** гирифта шуда, маънии *мори калони афсонавӣ, ки тибқи ривоятҳо аз даҳонаш оташ мебарорад ва ҳама чизро фурӯ мекашад*, ифода кардааст [6, с.40]. Аз ин тафсирҳои фарҳангҳо бармеояд, ки чунин калима ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ бегона буда, дар як жанр истифода мешавад, яъне жанри бадеӣ. Метавон қайд намуд, ки ин калима дар ривоятҳои асотирӣ бештар истифода мешавад ва хурдрӯякони замони муосир онро на ба таври ***аждаҳо,*** балки бо таъсири забони русӣ чун ***дракон*** мешиносанд, зеро дар филмҳои тасвирии кӯдакон низ бо номи ***дракон*** дарҷ мегардад. Чӣ гунае, ки дар боло дарҷ намудем, экзотизмҳои сохторӣ дар ҳаёти забонҳои муқоисашаванда вуҷуд доранд ва дар нутқи онҳо ҳамагуна истифода мешаванд, вале онҳо чун як калима номи худро наёфта, ба таври шарҳи маънӣ маънидод мешаванд, калимаи ***dragon*** дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ низ муодили худро пайдо накардааст, балки шарҳу тафсир ёфтааст.

Калимаи дигар њамчун экзотизм ин ***geisha*** мебошад, ки аз ду реша ***"gei"*** – *санъат ва намоиш* + ***"sha"*** – *шахсият* мебошад. Пайдоиши ин калима аз Ҷопон сарчашма гирифта, соли 1887 ба маънои ҷопондухтаре, ки касбу кораш аз сурудхонию рақскунӣ иборат буд ва дар баробари ин мардҳоро дилхуш гардонида, вактҳои онҳоро чоқ мегардонд, яъне бо ин мафҳум ифода мегардид. Фарҳанги этимологии забони англисӣ ин калимаро бо калимаи ***almah***- и забони яҳудӣ муқоиса менамоянд. Шояд ин касбу кор аз фарҳанги яҳудиён ба ҷопониён гузашта бошад, ки дар ин фарҳанг калимаи ***geisha***-ро танҳо бо вожаи ***almah*** қиёс менамоянд. Дар забони яҳудӣ калимаи ***alma*** маънои духтари ҷавон ё бокирадухтарро дар назар дорад. Ин гуна духтаронро, кору фаъолияташон аз намоиш додани рақс ва суруд хондан дар оилаҳои сарватманд иборат буд. Чунин маросимҳо на танҳо дар вақти дилхушкунӣ, балки дар ҷанозаҳо низ сурат мегирифт. Бо забони яҳудӣ дар нутқи гуфтугӯиашон ин духтаронро бо калимаи ***ghawazee*** ном мегирифтанд. Чунин духтарон дар ҷомеаи яҳудиён мақоми баланд доштанд ва калимаи номбурда дар забони англисӣ низ муддате мавриди истифода буд [13]. Дар Фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ чунин калима вуҷуд надорад, вале мардуми тоҷик сарфаҳми калимаи ***гейша*** мераванд, чунки дар забони русӣ низ ин калима бо шакли ***гейша*** инъикос мегардад. Қисмати мардуми тоҷик, ки дар ҷомеа мавкеи зиёиро дарбар мегирад, ақидаи онро доранд, ки ин калима хоси миллати рус аст, чунки бо пасванди ***–ша*** истифода мешавад. Як қисми дигари халқи тоҷик умуман сарфаҳми ин калима намераванд, вале ин гуна касаба дар халқи тоҷик низ ҷой дорад. Дар Тоҷикистон низ мисли дигар мамлакатҳои дунё марказҳои дилхушӣ вуҷуд доранд, аммо калимаи ***geisha*** дар забони тоҷикӣ бо дигар мафҳум, яъне ***фоҳишазан*** инъикос мегардад. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи ***фоҳиша*** бо ду маъно шарҳ дода шудааст, яке *зани сабукпо, зани зинокор, зани тардоман ва дигаре бошад кори зишт, кори бад, бадкорӣ* мебошад [6, с.408]. Аз ин таҳлилҳо равшан гардида истодааст, ки ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ ин калима бо як мафҳуми монанд ё бо касбу кори монанд иброз мегардад, вале худи калимаи ***geisha*** ҳамчун ***фоишазан*** муодил ёфта наметавонад, чунки дар фарҳангҳо низ бо ин шакл ҳоло дарҷ нагаштааст. Тафсири аниқи калимаи ***geisha***- ро танҳо дар фарҳанги ABBY LINGVO, ки ба забони русӣ маънидод шудааст, ёфтан мумкин аст. Дар ин фарҳанг ин калима маънои *зани ҷопониe, ки бо рақсу сурудаш мардҳоро мафтун месозад, фоҳишазани ҷопонӣ* шарҳи маънӣ гардидааст [13].

Чӣ тавре ки қайд гардид, экзотизмҳо воҳидҳои луғавии бемуодил ба шумор рафта, бо роҳи транскрипсия ва транслитератсия, шарҳи маънӣ, эзоҳ дар поварақ ва ғайра тарҷума мегарданд. Мисол,

I played a ***waltz*** *or two, and she was charmed [8, с.*79*].*

Ман як-ду ***валс*** *иҷро намудам, ӯ бо ҳарорат иброз дошт [*7, с.88*].*

Калимаи ***waltz*** низ дар матни асл экзотизм ба шумор меравад, зеро реалияи бегона аст. Гарчанде ин калима ҳамчун калимаи иқтибосӣ тули чанд сол дар тамоми миллатҳо машҳур гардида, зери истифода карор дошта бошад ҳам, ба фарҳангу маданияти Олмон таалуқ дорад.

Дар ин матн ҳангоми тарҷума бо усули транслитератсия чун ***валс*** аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ интиқол гаштааст.

Бояд қайд намуд, ки гарчанде экзотизмҳои сохтории забони англисӣ дар фарҳангу маданияти халқи тоҷик дар истифода қарор дошта бошанд ҳам, ҳамаи онҳо ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд, зеро онҳо дар фарҳангҳои дузабона муодили худро наёфта, танҳо тафсири маъноӣ шудаанд. Бештари экзотизмҳои дар боло зикргардида дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ вуҷуд надоранд. Хулоса, маълум мегардад, ки чунин экзотизмҳо на танҳо дар забони тоҷикӣ, балки дар дигар забонҳо низ муодили пурраи худро пайдо накардаанд.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И.С. Введение в переводоведение: учеб. пособие для студ. учреждений высш. проф. образования / И.С. Алексеева. - 6-е изд., стер. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ; - М.: Академия, 2012. - 368 с. - (Высш. проф. образования).
2. Влахов, С.И. Непереводимое в переводе / С.И. Влахов, С. П. Флорин. - 4-е изд. - М.: Р. Валент, 2009. - 360 с.
3. Гатилова, А. К. Безэквивалентная лексика как понятие и явление (на материале немецкого и русского языков): дисс… канд. филол. наук /Гатилова Алевтина Константиновна. - Москва, 1996. - 171 с.
4. Латышев, Л.К. Технология перевода / Л.К. Латышев. - М., 2000. - 280 с.
5. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2011. – 1016 с.
6. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ, ҷ.1./ Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с
7. Шарлотта, Бронте. Ҷейн Эйр. Роман. (тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар) / Шарлотта Бронте. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 412 с.
8. Charlotte, Bronte. Jane Eyre / Charlotte Bronte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
9. Dizionario Etimologico [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://www.etimo.it/
10. Jan de Waard. From one language to another. (Functional translation in Bible Translating) / Waard de Jan, Nida A. Eugene, Thomas Nelson. -New York: Publishers Nashville; Camden, 1986. – 274 p.
11. Nida, E. A. The Theory and Practice of Translation / E. A. Nida, C. R. Taber. -Leiden: Koninklijke Brill. NV, 1969/1982. - P. 199.
12. Nida, E. The theory and Practice of Translation / E. Nida, Ch. R. Taber. - Leiden, 1969. – 220 p.
13. Online Etymology Dictionary | Origin, history and meaning of English words [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://www.etymonline.com/
14. Rask, Erasmus. A Grammar of the Anglo-Saxon Tongue. A new Edition enlarged and improved by the Author; translated from the Danish by B. Thorpe. -Copenhagen, 1830.
15. Tytler, A. F. Essay on the principles of Translation. Amsterdam. Studies in the theory and history of Linguistic studies. Book 1. / A. F. Tytler. – Amsterdam, 1978. – Vol. 13. – 457 p.

ЭКЗОТИЗМҲО ҲАМЧУН ПАДИДАИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ АЗ НИГОҲИ ТАРҶУМА

(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Дар мақола масъалаҳои марбут ба муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавӣ зери таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, фарқияти воҳидҳои муодил аз воҳидҳои муодили нопурра ва бемуодил мисли реалияҳо, лакунаҳо, истилоҳот, экзотизмҳо ва дигар воҳидҳои луғавие, ки дар фонди луғавии дигар забон ҳамчун бемуодил инъикос гардидаанд, омӯхта мешаванд. Инчунин, дарҷ шудааст, ки экзотизмҳо воҳидҳои луғавии бемуодили ғайризабонӣ ба шумор рафта, дар назарияи тарҷумашиносӣ бо номҳои гуногун инъикос мегарданд. А. К. Гатилова онро чун «экзотизмҳои сохторӣ» ном гирифта, чунин қайд кардааст, ки воҳидҳои луғавие, ки ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар монандии худро, яъне аналог намеёбанд. Мақолаи мазкур сабабҳои асосии пайдоиши экзотизмҳоро нишон дода, онро баррасӣ менамояд, ки рушду инкишофи сайёҳӣ ва рафтуомади муҳоҷирон боиси пайдошавии экзотизмҳо дар забонҳо мебошад. Умуман сабаби аввалини пайдоиши экзотизмҳои забони англисӣ дар омадурафти муҳоҷирони мамлакатҳои Лотину Амрико, Африка, Ҳиндустон, Итолиё, Хитой ва ғайра инъикос меёбад, зеро ҳар як муҳоҷир хусусиятҳои миллии худро ба забон оварда, тамоми калимаҳое, ки дар атрофи фарҳангу маданияти ӯ мавриди истифода қарор мегирад, ба забони англисӣ ворид менамоянд. Дар натиҷа намудҳои гуногуни экзотизмҳо пайдо мешаванд. Дар таҳқиқот инчунин қайд шудааст, ки экзотизмҳои сохторӣ ин ҳамон реалияҳои бегона мебошанд, ки аз забони бегона ба забони англисӣ ворид гаштаанд. Дар умум тамоми экзотизмҳои сохторӣ бо роҳи шарҳи маънӣ дар луғатҳо маънидод карда мешаванд ва ҳатто баъзеи экзотизмҳоро дар луғат ёфтан ғайриимкон аст, чунки забон мунтазам рушд меёбад ва экзотизмҳои нав ба нав вориди забон мегарданд.

Калидвожаҳо: тарҷума, муодил, воҳидҳои луғавии бемуодил, экзотизм, бемуодили тасодуфӣ, шарҳи маънӣ, англисӣ, тоҷикӣ, луғатнигорӣ.

ЭКЗОТИЗМ КАК ФЕНОМЕН БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫХ ЕДИНИЦ В ПЕРЕВОДЕ

(на примере английского и таджикского языков)

В статье исследуются вопросы, касающиеся эквивалентности и безэквивалентности лексических единиц. Изучаются различие эквивалентных единиц от неполных и безэквивалентных единиц: слов-реалий, лакун, терминов, экзотизмов и других лексических единиц языка, которые в лексическом фонде другого языка выражены как безэквивалентные. А также отмечается, что экзотизмы, считаясь внеязыковыми безэквивалентными лексическими единицами, в теории переводоведения выражаются различными другими именами. А.К. Гатилова, называя их “структурными экзотизмами”, отмечает, что лексические единицы в процессе перевода с одного языка на другой не находят своего сходства, то есть аналога. Данная статья, рассматривая причины появления экзотизмов показывает, что развитие туризма и переезды эмигрантов, являются основным фактом возникновения их в языке. В целом, основные причины возникновения экзотизмов в английском языке выражаются в переездах латиноамериканских эмигрантов в Индию, Италию, Китай и другие страны, потому что каждый эмигрант, используя национальные свойства своего языка во всех словах и выражениях, окружающих его культуру и быт, вносит их в анлийский язык. В итоге появляются различные виды экзотизмов. В исследоании также отмечается, что структурные экзотизмы - это те же самые, так называемые чужие реалии, которые вошли в английский язык из другого языка. В целом, все структурные экзотизмы в словарях поясняются толкованием их значений и даже толкование некоторых из них невозможно найти в словарях, так как язык переодически развивается и пополняется новыми экзотизмами.

Ключевые слова: перевод,эквивалент, безэквивалентные лексические единицы, экзотизм, случайный эквивалент, толкование значения, английский, таджикский, лексикография.

EXOTISM AS A PHENOMENON OF NON-EQUIVALENT UNITS IN TRANSLATION

(by the example of english and tajik languages)

The article explores issues related to the equivalence and non-equivalence of lexical units. It studies the difference between equivalent units from incomplete and nonequivalent units like realias (culture-specific items), lacunas, terms, exotisms and other lexical units of a language, which are expressed in the lexical fund of another language as nonequivalents. It is also noted, that exotisms considered to be extralinguistic non- equivalent lexical units in the theory of translation are expressed by various other names. A.K. Gatilova, calling them “structural exotism,” notes that lexical units in the process of translation from one language to another do not find their similarities, or their analogue. This article, considering the causes of the appearance of exotisms, shows that the development of tourism and emigration movements are the main fact of their occurrence in the language. In general, the main causes of exoticism in English are expressed in the movements of Latin American emigrants to India, Italy, China and other countries, because each emigrant, using the national properties of his language in all the words and expressions surrounding his culture and life, introduces them into English tongue. As a result, various types of exoticism appear. The study also notes that structural exotisms are the same, the so-called foreign realities that entered the English language from another language. In general, all structural exotisms in dictionaries are explained by the interpretation of their meanings, and even the interpretation of some of them cannot be found in dictionaries, since the language is periodically developed and replenished with new exoticisms.

Key words: translation, equivalent, nonequivalent lexical units, exoticism, random equivalent, interpretation of meaning, English, Tajik, lexicography.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кесамирова Саодат Рустамовна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи англиси факултети забони англисӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Мухаммадиева 17/6.
E-mail: **skesamirova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 987-52-41-41**

Сведения об авторе: ***Кесамирова Саодат Рустамовна*** – Таджиский государсвенный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой английской филологии факультета английского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6.
E-mail: **skesamirova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 987-52-41-41**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat Rustamovna*** – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, candidate of philological sciencies, head of the Department of English Philology, English Language Faculty. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadieva Str., 17/6.
E-mail: **skesamirova@gmail.com.** Tel.: **(+992) 987-52-41-41**

УДК: 400.5

МАФҲУМИ ВАЛЕНТНОКӢ ДАР ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ

Оқилова Х.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Омӯзиши комилан пурра ва ҳамаҷонибаи калима ҳамчун воҳиди асосии системаи забон вазифаи муҳимми забоншиносии муосир маҳсуб меёбад. Дар ҳалли ин масъала назарияи валентнокӣ мақоми махсусро соҳиб буда, он то ҳанӯз яке аз самтҳои мубрами забоншиносии муосир боқӣ мемонад. Аз оғози пайдоиши худ назарияи валентнокӣ ҳамчун самти муҳимми синтаксиси муосир, ки саҳми назарраси худро дар таҳқиқи масоили мавзуъ ва масоили баён дар забон мегузорад, арзёбӣ шудааст, инчунин дар омӯзиши мувофиқати калимаҳо ва сохтори ҷумла, қабл аз ҳама, дар истифодаи лексикаи феълӣ арзёбӣ гаштааст. Айни замон, дар коркарди дастгоҳи асосии назарияи мазкур, қисман, оиди муайянсозии принсипҳои таснифоти валентнокии феъл, оиди дарёфти ҳамбастагии валентнокӣ ва мазмуни феъл, оиди ҷудо намудани навъҳои актант натиҷаҳои қобили қабул ба даст омадаанд. Аммо, чунин масоили назарияи валентнокӣ, ҳамчун муайянсозии ҳудуди актантҳои ҳатмӣ ва факултативӣ, таносуби категорияҳои назарияи валентнокӣ бо категорияҳои грамматикаи анъанавӣ баҳспазир боқӣ мемонад. Қазияи таносуби валентнокӣ ва воситаҳои калимасозӣ, вижагиҳои татбиқёбии валентнокӣ дар навъҳои мухталифи ҷумла ва монанди инҳо ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Барои ҳалли масоили мазкур тадқиқотҳои минбаъдаи маводи забонӣ заруранд.

Интихоби муаммои мазкур ба ҳайси мавзуи тадқиқоти мақолаи мо бо он алоқамандӣ дорад, ки омӯзиши вижагиҳои валентнокии ҳиссаҳои гуногуни нутқ дар забоншиносии муосир ба шумори тадқиқотҳои мубрам тааллуқ дорад. Оиди он ки назарияи валентнокӣ дар забоншиносии муосир мақоми арзандаро соҳиб аст, интишороти зиёди муҳаққиқон аз ин масъала шаҳодат медиҳад. Қабл аз он ки ба гузориши намояндагони алоҳидаи назарияи валентнокӣ ва рушди он машғул гардем, ба таъриф, тавсиф ва таҳлили мафҳуми валентнокӣ дар луғату энсиклопедияҳо (қомусҳо)-и забоншиносӣ рӯ меорем. Дар «Луғати энсиклопедии забоншиносӣ», «Луғати пурраи энсиклопедӣ» валентнокӣ чунин тавзеҳ ёфтааст: «валентнокӣ ин қобилияти воридшавии калима тавассути алоқаҳои синтаксисӣ бо дигар зуҳурот мебошад». Маълум аст, ки мафҳуми валентнокӣ (аз кал. лотинии valentia – қувва, иқтидор) аз илми кимиё ба забоншиносӣ иқтибос ёфта, дар илми кимиё барои тасвири қобилияти элементҳои кимиёвӣ баҳри ба вуҷуд овардани пайвастаҳои ин ё он сохтор ба кор бурда мешавад. Бояд иқрор шуд, ки мафҳуми валентнокӣ дар илми забоншиносӣ дар оғоз танҳо нисбати феъл истифода бурда мешуд. Баъдтар, забоншиносон оиди валентнокии исму сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ низ ақида баён намуданд. Агар ба манбаи пайдоиши назарияи валентнокӣ назар андозем, пас ба асари забоншиноси фаронсавӣ Л.Тенйер бо номи «Асосҳои синтаксиси сохторӣ», ки соли 1959 дар шаҳри Париж ба табъ расидааст, дучор меоем. Оиди он ки кадом олим аввалин маротиба мафҳуми валентнокиро ба илми забоншиносӣ ворид намудааст, дар адабиёти илмӣ метавон якчанд нуқтаву назарро баррасӣ намуд. Олимоне ҳастанд, ки «муаллифи» мафҳуми мазкурро забоншиноси рус С.Д. Катснелсон меҳисобанд, олимоне низ мавҷуданд, ки аввалияти забоншиноси олмонӣ К. Бюллер, забоншиноси фаронсавӣ Л.Тенйерро дар ин ҷода дастгирӣ менамоянд. В.Г. Гак чунин меҳисобад, ки мафҳуми валентнокӣ аввалин шуда ба доираи илмӣ аз ҷониби С.Д. Катснелсон дар асари ӯ «Оиди категорияи грамматикӣ», ки дар Рӯзномаи ЛГУ №2 с.1948 ба табъ расида буд, ворид карда шудааст. В.Г. Гак таъкид менамояд, ки дар тафриқа аз забоншиносии Аврупои ғарбӣ, ки дар он истилоҳи валентнокӣ танҳо барои ифодаи мувофиқати феъл истифода бурда шуда, инчунин миқдори актантро, ки феъл метавонад ба худ ҳамроҳ созад, муайян месохт, дар забоншиносии шӯравӣ мафҳуми бештар фарохи валентнокӣ рушд меёбад. Ғайр аз валентнокии исму сифат, Катснелсон [7, с.32] ҳатто оиди валентнокии пайвандаку пешояндҳо сухан ронда буд, аммо оиди он кори муфассале анҷом наёфтааст. В.Г. Гак (1998: 79-80) мафҳуми валентнокиро муайян сохта, оиди хусусиятҳои асосии он чунин пешниҳодотро пешбарӣ менамояд: фаъол / ғайрифаъол, ҳатмӣ / факултативӣ, аз рӯйи миқдори валентнокӣ (феълҳои яквалента / дувалента / севалента), аз рӯйи шакли аъзои

пуркунанда (ҳиссаи нутқ, калима ё ҷумла, сохти масдарӣ), аз рӯйи семантикаи категориалии калима, ки валентнокиро татбиқ месозад (ҷондор / беҷон, мушаххас / мавҳум, шумора / бешумор).

Сарчашмаи дигаре, ки мо ба он баҳри дарёфти мазмун ва шарҳи истилоҳи «валентнокӣ» муроҷиат намудем, ин «Луғати маълумотномавии истилоҳоти забоншиносӣ»-и Д.Э. Розентал ва М.А. Теленкова мебошад. Дар луғати мазкур валентнокӣ ҳамчун «қобилияти калима баҳри ворид шудан ба ибора бо калимаҳои дигар» фаҳмида мешавад (Розентал 1985: 32). Истилоҳи валентнокӣ дар «Маълумотномаи мухтасар оиди забони муосири рус», ки муаллифаш Л.Л. Касаткин мебошад, ба таври муфассал баррасӣ ёфтааст. Ин ҷо валентнокии синтаксисӣ ҳамчун «иқтидори калима дар масъалаи мувофиқат бо дигар шаклҳои калима фаҳмида мешавад, ба таври дигар ифода созем, - валентнокӣ ин қобилияти соҳиб будан ба миқдори муайяни шаклҳои калима, ки маънои грамматикӣ ва лексикии онро дақиқу муайян месозанд, мебошад» (Касаткин 1991: 275). Валентнокиро тавсиф намуда, муаллифон ду навъи онро ҷудо менамоянд чап ва рост. Маълум аст, ки феъли тасрифшаванда дар шакли шахсӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда валентнокии чапро дорост. Дар феъли гузаранда, ки ба иловаи мустақим эҳтиёҷ дорад, метавон оиди валентнокии рост сухан ронд. Дар феъли монда валентнокии рост вуҷуд надорад. Ғайр аз валентнокии синтаксисӣ муаллифон оиди боз як навъи валентнокӣ – валентнокии семантикӣ сухан кардаанд, ки он «қобилияти калимаро оиди номгӯ намудани ҳодиса дар тобеъ намудани калимаҳои дигар ба худ мебинад, ки онҳо номгӯи иштирокчиёни ҳатмии ин ҳодиса мебошанд» (Касаткин 1991: 8). Ана ҳамин иштирокчиёни ҳодиса актант номида мешаванд. Мафҳуми валентнокиро шарҳ дода, муаллифон ёдрас месозанд, «танҳо он калимаҳое, ки ҳодиса, вазъияти корҳоро ифода менамоянду миқдори муайяни иштирокчиёни ҳатмиро дороанд, кадоме нақшҳои мушаххасро иҷро месозанд, валентнокиро соҳиб шуда метавонанд» (Касаткин 1991: 8). Чунин калимаҳо дар аксари вақт феълҳо ба ҳисоб мераванд. Дар «Луғати таълимии мафҳум ва истилоҳоти забоншиносӣ»-и А.К. Карпов валентнокӣ ҳамчун қобилияти умумии тавъамшавии воҳидҳои дараҷаҳои гуногун тавсиф меёбад. Илова бар ин, валентнокии семантикӣ ҳамчун «хусусияти пайвастшавии калима аз ҷиҳати семантикӣ бо доираи муайяни калимаҳои дигар, дохилшавии он бо калимаҳои дигар ба алоқаи синтаксисӣ муайян карда мешавад» (Карпов 2002: 29). Инчунин дар «Луғати мухтасари истилоҳоти забоншиносӣ»-и Н.В.Василева (1995: 20) валентнокӣ ҳамчун қобилияти воридшавии калима ба муносибатҳои синтаксисӣ (маъноӣ ва расмӣ) бо дигар калимаҳо (ҳамбастагии маъноӣ), инчунин, ҳамчун ҳамбастагии (аз росту аз чап) воҳидҳои забонӣ муайян карда мешавад.

Мафҳуми валентнокӣ дар илми забоншиносӣ ҳаминро ифода менамояд, ки калимаҳо бо миқдори муайяни «катакҳои холӣ» иҳота буда, инҳо бояд, ё ин ки метавонанд бо аъзоҳои муайян пурраву комил гарданд.

Валентнокӣ ба ҳама гуна калимаҳо хос аст, аммо қонунияти мувофиқати калимаҳо, қабл аз ҳама, дар лексикаи хабарӣ (феълӣ) баррасӣ гардидааст. Аз рӯйи ақидаи С.Д. Катснелсон «хусусиятҳои валентнокии хабар, ки дар ҷумла, бо худи хабар ифода меёбанд, ба намуди «ҷойҳои холие», ки бояд пур карда шаванд, нишон дода шудаанд. Ҳар як феъл барои аъзоҳои дигари ҷумла гӯё «ҷойи холӣ» боқӣ мегузорад».

Хотиррасон намудан ҷоиз аст, ки вижагии феъл дар талаботи вай нисбати дақиқ намудани маънӣ бо ёрии калимаҳои муайян қаблан низ аз тарафи забоншиносон мушоҳида гардида буд. Масалан, ҷудокунии феъл ба феъли мондаю гузаранда худ мақсади диққат додан ба зарурияти пурракунӣ ё дар қобилияти феъл пас аз худ иловаҳо доштанро соҳиб буд.

Эътирофи нақши муқарраркунанда доштани феъл аз мақоми он дар ҷумла дар мавриди таҳлили классикии ҷумла фарқият дорад. Ин ҳангом муносибатҳои субъектививу предикативӣ ба ҳайси асоси ҷумла, «мағзи ҷумла» баррасӣ гашта, аъзоҳои мазкури ҷумла байни ҳамдигар на бо тарзи навишт ва на бо тобеият пайваст набуда, балки робитаи ҳамбастагӣ доранд. Нақши феъл ҳамчун маркази сохтории ҷумла аз нақши он дар мундариҷаи алоқамандии ҷумла фарқият дошта, он бо воситаҳои грамматикӣ ба таври мустақим ифода намеёбад, зеро дар ҷумла тақрибан ҳар як калима метавонад маънии алоҳидаро соҳиб бошад, субъекту предикат бошанд, аз лиҳози алоқамандӣ аъзоҳои асосиро дар бар намегиранд. Масалан:

Рӯзи гузашта ман дӯстамро дидам.

Агар, баръакс, феълро ҳамчун марказ ва нуқтаи такягоҳии ҷумла ба назари эътибор гирем, пас, субъект дар муносибат бо дигар шарикони феъл мақоми намоёни худро аз даст дода, дар як саф бо шарикони дигар қарор мегирад. Дар сатҳи мантиқиву семантикӣ аснод номида шуда, дар сатҳи синтаксисӣ бошад, - актант (муштарик, калимаҳои пурракунанда) номгузорӣ мешавад. Тибқи назарияи вербосентрикии ҷумла маҳз феъл ва амалу вазифаҳои он ҷумларо муайян месозанд. Феъл аъзои валентнокиро соҳиб буда, дар атрофи худ мавқеи мушаххаси озодро пешбинӣ менамояд, ки ададу хусусияти он дақиқ муқаррар шуда, кадоме бо актант метавонад ва бояд пурраву мукаммал карда шавад. Ин актантҳо аз рӯйи нақши худ ҳам ба ҳайси аъзоҳои ҷумла (субъект, объект, ҳоли муайянкунанда) фарқ мекунанд ва ҳам бо тааллуқият ба аъзоҳои гуногуни ҷумла (исм, гурӯҳҳои пешояндор, сифат) фарқият доранд. Чунин шарҳу эзоҳи вербосентрикии ҷумла падидаи нав нест. Ҳанӯз Т.Калепки, ҷумлаи “Падар ба писар китоб медиҳад”-ро шарҳу эзоҳ дода, дар он мавҷудияти алоқаи «падар» (соҳиб), «писар» (мақсад), «китоб» (объекти амали ҷорӣ) – ро инкор карда, чунин меҳисобад, ки феъли «додан» хоссатан бо ҳар яке аз ин калимаҳо: «падар», «писар» ва «китоб» алоқамандӣ дорад. Ҳамчунин, Глинс чунин меҳисобад, ки феъл «нуқтаи нахустин ва ниҳоӣ» -ро тақозо намуда, «нишондиҳандаи муносибатҳо»-еро, ки барои ин хизмат мекунанд, «хидматгузорон»-и феъл дониста, онҳо мавқеи системавии аз ҷониби феъл кушодабударо пурра мекунанд. Ҳамин тавр, ба шакли мисол, нақшаи мавқеии ҷумлаи Stellenplan, ки аз ҷониби И.Эрбен дода шудааст, бо он фарқият дорад, ки актантҳои феъл дар он мақоми якхелаи синтаксисиро соҳибанд.

Ба ин сохтори ҷумла сохтори муҳокимаҳои мантиқӣ дар муносибатҳои мантиқии муосир мутобиқат намуда, дар фарқият аз тақсимоти классикии субъект ва феъл мувофиқи анъанаи аристотелӣ – на танҳо муҳокимаҳои дукарата, балки бисёркаратаро пешбинӣ менамояд.

Минбаъд истилоҳи валентнокиро истифода бурда, мо валентнокии феълро дар назар дорем. Барои ифодаи сохтори ҷумла, ки аз актантҳо, пуркунандаҳои облигаторӣ (ҳатмӣ /факултативӣ) ва пуркунандаҳои маъмулии озоди феъл иборат аст, мо аз истилоҳи сохтори актантии феъл истифода хоҳем бурд. Оиди масоили номбурда ва дигар олимони зиёд тадқиқотҳои гуногун бурдаанд. Яке аз намояндагони аввалини назарияи валентнокӣ ва синтаксиси сохторӣ дар илми забоншиносии аврупои ғарбӣ забоншиноси машҳури фаронсавӣ Люсен Тенйер (1893-1954) ба ҳисоб меравад. Асари илмии ӯ «Асосҳои синтаксиси сохторӣ», ки танҳо пас аз 5 соли вафоти ин олим рӯйи нашрро дид, дар оғоз муваффақиятро соҳиб нагардид. Ин бо он алоқамандӣ дошт, ки назария ва ақидаҳои пешниҳоднамудаи олими фаронсавӣ аз самт ва нуқтаву назари он вақт ҳукмронбуда, махсусан аз ғояҳои структурализми амрикоӣ фарқияти назаррас дошт. Чуноне ки В.Г.Гак [5, с.5] дар мақолаи муқаддимавии тарҷумаи русии «Асосҳои синтаксиси сохторӣ» меорад, Ж.Фурке асари Тенйерро бо мурғобичаи зишт аз афсонаи Х.Андерсен қиёс намуда буд. Гак ба он диққат медиҳад, ки тақдири асари Тенйер мисли тақдири мурғобичаи зишт ғайричашмдошт шуд. Ҳарчанд ки асари номбурда дар оғоз дар доираҳои илмӣ ба танқиди сахт дучор гардид, солҳои минбаъда олимон ба он аксар вақт ручуъ намуданд. Фикру ақидаҳои Тенйер онҳоро ба худ ҷалб кард. Тенйерро асосгузори нуқтаву назари синтаксиси семантикӣ (наҳви сермаъноӣ) эътироф намуда, назарияи ӯ барои коркарди чунин самтҳои забоншиносӣ, чун грамматикаи (сарфи) мансубият, назарияи валентнокӣ ва грамматикаи (сарфи) падежӣ ҳамчун асос хизмат намуданд (Ч.Филлмор, У.Чейф). Чуноне ки В.Г.Гак [5, с.6] изҳор месозад, тақдири ин китобро, инчунин иштиёқ ба онро метавон ҳамин тавр баён намуд, ки «ин асар ҳаннотии ин ё он мавзуи дар марҳилаи муайяни рушдёбии илм аз мавзуҳои мӯдшуда набуда, балки натоиҷи идроки муаммоҳои муҳими амалияи илми забоншиносист» ва низ натиҷаи таҷрибаи бисёрсолаи таълими забонҳо маҳсуб меёбад. Ҳамбастагии назария бо таҷрибаи амалии он ва инъикоси амалия ҳангоми иншои ғояҳои илмӣ – ин маҳз он чизе, ки бояд таъкид созем ва фарқияти хоссе, ки асари Тенйерро аз дигар корҳои илмӣ тафриқа мебахшад, мебошад. Ин аснод ифодагари он аст, ки шахсан Тенйер бо таълиму тадриси забонҳои хориҷӣ машғул буда, курсҳо оиди тарҷума мегузаронид. Аз ин лиҳоз, аҷиб нест, ки ҳамбастагии назарияву амалия тамоми фаъолияти илмиву таълимии ӯро фаро гирифтааст. Ҷолибияти «Асосҳои синтаксиси сохторӣ» ба фикри мо, қабл аз ҳама, бо – афзалияти мантиқии шарҳу эзоҳи мавзуъ, аёният,

истифодаи ташбеҳоти тасвирӣ ва шавқовар тавъам аст. Оиди алоқаи синтаксисӣ сухан ронда, Тенйер чунин менигорад, ки «ҷумла сохтан – ин миқдори зиёди калимаҳои номуайяншакли бесуробро зинда намуда, байни онҳо робитаҳои муштараки синтаксисӣ муқаррар кардан аст». Мағзи калимаро воҳиди соддаи синтаксисӣ шуморида, ӯ дар он «хиштеро мебинад, ки баҳри сохтмони сохтори калима равона шудааст»… Оиди мантиқи гуфтор ва аёнияти ғояҳои илмии Тенйер метавон чунин муқоисаи категорияҳои грамматикии ӯро «бо тӯпҳое, ки дар боғи қӯшуни тӯпҳо бекор истодаанд», оварда [15, с.61]. Чуноне ки гуфта шуд, Тенйер чун аввалин нафаре, ки мафҳуми валентнокиро ба илми забоншиносӣ ворид намудааст, шинохта мешавад. Валентнокиро ӯ чунин муайян месозад: «Феълро метавон дар намуди атоми ба худ хос бо меҳҷанҳо тасаввур намуд, ки вобаста аз ҳамин миқдор меҳҷанҳо миқдори беш ё ками актантҳоро ба худ ҷалб менамояд, то ки ин актантҳоро назди худ дошта бошад. Шумори чунин меҳҷанҳо, ки феъл дорои онҳост, инчунин миқдори актантҳое, ки феъл қобилияти идораи онҳоро дорад, моҳияти валентнокии феълро ташкил медиҳад». Вобаста ба миқдори меҳҷанҳо (ҷойҳои холӣ), ки феъл дорост, Тенйер қайд менамояд, ки валентнокии ягон феъли муайян бо ягон актанти мувофиқ ҳатмӣ нест, яъне, на ҳама вақт валентнокии феъл бо актант пурра карда мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки баъзе валентнокиҳо метавонанд озод бошанд. Ба сифати мисол ӯ чунин ҷумларо меорад: Алфред месарояд. – Алфред суруд месарояд. Дар робита бо ин бояд гуфт, ки ин ҷо Тенйер дар маркази ҷумла феълро мегузорад ва дар ҷумлаи феълӣ нақши марказиро маҳз ба феъл ҷудо мекунад, яъне, ба предикат на ба субъект. Албатта, ӯ мавҷудияти дигар ҷумлаҳо – субстантивӣ, адъективӣ ва зарфиро низ эътироф менамояд. Ақидаҳои худро ӯ чунин хулоса менамояд: «Дар ҷумлаи сода феъл ҳатман гирехи асосӣ буданаш зарурият надорад. Аммо, агар дар ҷумла феъл мавҷуд бошад, он ҳамеша маркази ин ҷумла ба ҳисоб меравад» [15, с.118]. Қаблан мо қобилияти Тенйерро дар ифодаи ташбеҳоти шавқовар барои равшанӣ андохтан дар масоили илмии забоншиносӣ ишора кардем. Пешниҳодоти Тенйер дар муқоисаи феъл бо драма, ки дар бисёр корҳои илмӣ ёдрас шудааст, ба таври фарох маълум аст. Тенйер мафҳуми «гирехи феълӣ»-ро ворид месозад, ки зери ин мафҳум маркази ҷумларо дар бисёр забонҳои аврупоӣ пешбинӣ менамояд. Ӯ чунин ибрози ақида мекунад: «1. Гирехи феълӣ, ки дар аксари забонҳои аврупоӣ маркази ҷумла маҳсуб меёбад, драмаи хурдро ифода менамояд. Ҳақиқатан, чун дар ҳама гуна драма, дар он ҳатман амал ҷорӣ буда, аксар вақт шахсони амалкунанда ва ҳолатҳо низ ҷой доранд. 2. Агар аз нуқтаи назари воқеияти драмавӣ ба нуқтаи назари синтаксиси сохторӣ гузарем, пас амал, ҳунарпешагон ва ҳолатҳо мутобиқан феъл, актант ва сирконстант мегарданд» [15, с.117]. Ҳамин тавр, Тенйер маркази ҷумлаи феълиро феъл меҳисобад, ки ба ҳайси зуҳуроти аз болои ҷумла идоракунанда меояд. Ҳамзамон, бо муайянсозии гирехи феълӣ Тенйер оиди актантҳо маълумот медиҳад, ки зери ин мафҳум мавҷудоти зинда ё ашёҳоро, кадоме дар раванди мазкур ба сифати мухталиф ва бо тарзи мухталиф иштирок мекунанд, тасвир мекунад. Аз рӯйи ақидаи Тенйер, актантҳо – ин ҳамеша исмҳо ё ҳаммисли онҳост. Ва баръакс, маҳз исмҳо дар ҷумла нақши актантҳоро ба худ касб мекунанд. Дар фарқият аз актантҳо сирконстантҳо ҳолро (вақту макон, тарз ва монанди инҳо), ки дар кадом раванд вусъат меёбад, ифода менамоянд. Тибқи ақидаи Тенйер, сирконстантҳо – ин ҳамеша зарф (вақту макон, тарз ва монанди инҳо), ё ин ки ҳаммисли онҳоянд. Ва баръакс, маҳз зарфҳо дар ҷумла ҳамеша ба худ вазифаи сирконстантҳоро касб мекунанд. Актант ва сохтори актантии феълро баррасӣ намуда, Тенйер қайд месозад, ки феълҳо миқдори гуногуни актантро дороянд. Вобаста ба ин, Тенйер чаҳор гурӯҳи феълҳоро ҷудо менамояд:

1.Феълҳое, ки актант надоранд– to drizzle, to rain, snow, freeze;

2.Феълҳои дорои як актант- феълҳои монда – to doze, to travel, bark, blink, couqh;

3.Феълҳои дорои ду актант – феълҳои гузаранда– to answer, to attack, to beqin, to grow;

4.Феълҳои дорои се актант – to say, to tell, to give, to present.

Ба гурӯҳи аввал Тенйер феълҳоеро шомил месозад, ки дар онҳо раванди ифодаёфта худ ба худ вусъат ёфта, иштирокчӣ надорад ва қайд месозад, ки инҳо, қабл аз ҳама, феълҳое ҳастанд, ки зуҳуроти атмосфериро ифода мекунанд. Ба муқоисаи феъл бо драма баргашта, Тенйер чунин иброз медорад, ки «дар ҳолати феъли хориҷ аз актант пардаи бардошта саҳнаро мекушояд, ки дар он борон ё барф борида истодаасту саҳна аз

ҳунарпешагон холист» [15, с.122]. Ба гурӯҳи дувум феълҳое дохил мешаванд, ки амалро ифода намуда, дар он танҳо як шахс ё як ашё иштирок дорад. Дар гурӯҳи савум феълҳое нишон дода шудаанд, ки дар раванди ифодаи он ду шахс ё ду ашё иштирок доранд. Ва охирон, гурӯҳи чаҳорум аз феълҳои амалеро ифодакунанда иборат аст, ки иштирокчиёни он се нафар шахс ё се ашёро ташкил дода, актанти нахустин ва савумин шахсият буда, актанти дувум – ашё мебошад [15, с.121-123]. Актантҳои ҷудогонаро Тенйер бо рақамҳои тартибӣ ифода месозад. Оид ба намудҳои алоҳидаи актантҳо аз нуқтаи назари семантикӣ муфассал маълумот дода, ӯ ба чунин хулоса меояд, ки актанти нахустин – оне, ки амалро ҷорӣ месозад ва дар грамматикаи анъанавӣ он маъмулан субъект ном дорад. Актанти дувум аз нуқтаи назари Тенйер – оне, ки амалро эҳсос мекунад ва дар грамматикаи анъанавӣ пуркунандаи мустақим ном дорад. Ин актантро Тенйер объект ном мегузорад. Актанти савум ин актанте, ки ба фоида ё зарари он амал анҷом меёбад. Дар грамматикаи анъанавӣ он пуркунандаи ғайримустақим ном гирифтааст [15, с.123-125]. Актант ва сирконстантҳоро муқоиса намуда, Тенйер фарқияти машҳурро меорад, ки сирконстантҳо дар ҷумла ба миқдори номаҳдуд буда метавонанд: «Миқдори сирконстантҳо муайян нест, чуноне ки миқдори актант муайян аст. Ҷумла метавонад сирконстант надошта бошад, ё ин ки миқдори номуайяни онро дошта бошад» [15, с.138]. Ҳудуди байни актанту сирконстант ҳанӯз ҳам баҳспазир боқӣ мемонад. Тенйер оиди ин қазия фикри худро чунин изҳор месозад: «Сирконстант метавонад бо зарф ифода ёбад, лек агар он на бо зарф, балки бо исм ифода ёбад, нахуст бояд бо ёрии пешоянд аломатҳои зарфро ба худ касб кунад. Ин ҷо албатта, навъи забонро бояд дар назар дошт».

Намояндаи дигари илми забоншиносӣ, ки бо муаммои назарияи валентнокӣ машғул гардидааст, ин олими машҳури забоншиноси рус, назариётчӣ С.Д.Катснелсон (1907-1985) мебошад, ки дар корҳои илмии худ ба як қатор масоил диққат додааст: муаммои таносуби забон ва тафаккур, назарияи мазмун ва маъно, назарияи сарфу наҳв, масоили забоншиносии равонӣ, тадқиқоти нутқи кӯдакона, муаммоҳои забоншиносии муқоисавиву таърихӣ дар соҳаи ҳиндуаврупоӣ ва олмоншиносӣ ва монанди инҳо. Тибқи консепсияи ӯ «вижагиҳои валентнокии феъл, ки дар ҷумла татбиқ меёбанд, дар худи феъл дар намуди «ҷойҳои холие», ки зарурият ба пурракунӣ доранд, дода шудаанд... » [7, с.22]. Катснелсон валентнокиро ҳамчун иқтидори синтаксисӣ, ки дар мазмуни лексикии калима ғунҷоиш дода шуда, қобилияти ба худ пайваст намудани дигар калимаи мустақилмаъноро дорад, мефаҳмад. Валентнокиро ӯ ҳамчун «маънии имконпазири калима ё баҳри зарурияти пурра намудани ҷумла бо калимаҳои навъи мушаххас ишораи ба таври пӯшида дар он мавҷудбуда» муайян месозад. Минбаъд Катснелсон қайд месозад, ки набояд «пуркунанда»-ро ба ин маънӣ бо истилоҳи анъанавии грамматикӣ, ки барои ифодаву ишораи объект меояд, омехта намуд. Хусусиятҳои валентнокиро муайян сохта, Катснелсон зарурияти тақсимоти валентнокиро ба расмӣ ва мундариҷавӣ таъкид намуд. Оиди ин ду навъи валентнокӣ маълумот дода, ӯ ба ин аснод такя месозад, ки «валентнокии мундариҷавӣ дар ҳамаи забонҳо якхела боқӣ монда, валентнокии расмӣ бошад, вазифаи сохти морфологии (сарфӣ) –и забони мазкур буда, дар забонҳои гуногун мухталиф аст» [7, с.22]. Ҳамин тавр, валентнокии мундариҷавиро назар ба валентнокии расмӣ сермаҳсул меҳисобад. Ӯ чунин ақида дорад, ки валентнокии мундариҷавӣ дар ҳамаи забонҳо якхела буда, аммо қобилияти валентнокии расмиро пешгӯӣ намудан душвор аст. Ҳанӯз дар назарияи Тенйер баррасӣ гардида буд, ки ба валентнокии феъл аз рӯйи ду нуқтаи назар метавон наздик шуд – миқдориву сифатӣ. Инчунин, Катснелсон валентнокии феълиро бо миқдори «ҷойҳои» аз ҷониби он кашфшуда ва вобаста аз миқдори «ҷойҳои» эҳтимолӣ андоза намуда, онҳоро ба якмакона, думакона, семакона тасниф мекунад. Ин таснифот, ки дар асоси он миқдори пуркунандаҳо меистад ва кадоме ҳангоми тадқиқи феъл нақши муҳим мебозад, хусусияти зоҳириро доро буда, аз нуқтаи назари забоншиносӣ он қадар шавқовар нест. Дар мавриди тадқиқи валентнокии феъл (предикат) маълумоти сифатии пуркунанда нақши бештар муҳим дорад. Предикандумҳо аз рӯйи муносибатҳо метавонанд дар ҳудуди навъҳои миқдории феълҳо (предикатҳо) (яквалента, дувалента) мухталиф бошанд. С.Д.Катснелсон навъҳои семантикиву синтаксисии феълҳоро низ ҷудо намудааст. Дар тақсимоти мазкур нақши ҳалкунандаро фарқияти байни феълҳои якмакона ва бисёрмакона – мутлақ ва нисбӣ мебозад. Дар тафриқа аз феълҳои нисбӣ феълҳои мутлақ (роҳ рафтан, истодан, гиристан, ғам хӯрдан, пажмурда гаштан, ранг кандан) аломатҳоеро

ифода месозанд, ки ба як объект хоссанд. Феълҳои ин навъ чунин ҳодисаҳоеро баён месозанд, ки дар объект анҷом пазируфта, аз ҳудуди он берун намераванд ва аз ин ҷо, барои зоҳиршавии худ ба объектҳои дигар эҳтиёҷ надоранд. Истилоҳи грамматикиро истифода бурда, онҳоро метавон феълҳои монда номгузорӣ намуд. Катснелсон оиди хусусиятҳои феълӣ низ сухан меронад. Аз сабаби он ки ин навъи феълӣ яквалента аст, байни забоншиносон иштиёқи зиёд барои таҳлил надорад. Ба якмакона будани онҳо нигоҳ накарда, феълҳои мутлақ низ якҷинса нестанд ва онҳоро метавон ба зернавъҳои мухталифи мантиқиву грамматикӣ, ки бо валентнокии ба худ хос фарқ мекунанд, тасниф намуд. Барои таҳқиқот феълҳои бисёрмакона ё нисбӣ бештар муносиб метобанд. Ин навъ феълҳо ҳодисаҳоеро тасвир месозанд, ки дар онҳо ду ё зиёда объектҳо «ширкат варзида», дар ин ҳодиса нақши махсуси худро мегузоранд. Шумори ин «иштирокчиён» иррелевантӣ буда, ин ҷо, шумори «нақшҳое», ки ҳодисаро ташкил медиҳанд, муҳим аст. Ба ҳайси намуна Катснелсон [7, с.20] ҳодисаи «ғарқшавӣ»-ро меорад, ки дар он маъмулан об ва маҳалли ғарқшавӣ тасвир меёбад. Чуноне ки қаблан зикр шуда буд, валентнокиро Катснелсон ҳамчун «хусусияти маънӣ, ки дар он «ҷойҳои холӣ» ё «гӯшаҳо» мавҷуд буда, мисли гӯшаҳои саволнома онҳо ба пурракунӣ эҳтиёҷ доранд», муайян сохта буд ва дар робита бо ҷудокунии пуркунандаҳо ба феъл, огоҳ месозад, ки дар феъл «макон» ва «хусусияти вазъиятии амали феълиро», ки дар ҳама гуна феъл ҷой доштанаш имконпазир аст, дақиқ фарқ намудан ногузир аст. Ҳар як амал дар макони муайян ва вақти муайян анҷом мепазирад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳоли макон ва ҳоли замон бо ҳама гуна феъл мувофиқат намуда метавонанд ва дар ин ҳолат онҳо гӯё ба тамоми ҷумла паҳн мешаванд. Илова бар ин бояд дар хотир дошт, ки ҳодисаҳое низ мешаванд, ки маълумоти муваққатӣ ё фазоӣ барои пурра намудани маънии феъл зарур мегардад ва ҳамин тавр, чунин пурракунӣ облигаторӣ мебошад. С.Д.Катснелсон чунин менигорад: «ин ҷо сухан оиди феълҳое меравад, ки дар маъниашон, аллакай, ишора ба ин ё он ҳолат нуҳуфта буда, маҳз дар чунин феълҳо барои «пурракунӣ» бо ҳол ҷойи холӣ мавҷуд аст [7, с.21].

Чуноне ки маълум гашт, «валентнокӣ танҳо бо пуркунандаҳо маҳдуд нашуда, ба давраи амалиёти худ мубтадо, гурӯҳи калимаҳои ба ҳол мутааллиқ, ҷумлаи пайрав, ибораҳои масдарӣ, сифат ва монанди инҳоро ворид месозад» [7, с.21]. Дар мисоли зер чунин оварда шудааст:

in London.

He lives with his parents.

Not far from his girlfriend.

Феъли to live – lives пас аз худ ягон сохти пешояндорро тақозо намекунад, лек зарурият чунин аст, то ки нутқ аз ҷиҳати грамматикӣ саҳеҳ бошад.

Маҳз аз ин лиҳоз, ки мафҳуми қаблан деринаи грамматикӣ имконоти фарогирӣ ва эзоҳу идроки тамоми вижагиҳои фаъолияти феълро дар ҷумла соҳиб набуд, ҷорӣ намудани мафҳуми «валентнокӣ» дар илми забоншиносӣ на танҳо мавқеи онро равшан намуд, балки зарурияти валентнокиро собит сохт.

Агар ин нуктаро ба назари эътибор гирем, ки аломатҳои забонӣ система мебошанд, пас равшан мегардад, ки робитаи умумии воқеият, тафаккур ва забон дар соҳаи махсуси валентнокӣ ҳамчун робитаи валентнокии мантиқӣ, семантикӣ ва синтаксисӣ ба зуҳур меояд.

Мафҳуми валентнокии синтаксисӣ рушди минбаъдаи худро дар корҳои Ю. Апресян дарёфт месозад. Ю. Апресян, қисман, валентнокиро чунин муайян кардааст: «…таснифоти унсурҳои лексикиро метавон ба воситаи синтаксис – дар асоси аломатҳои тафриқавии синтаксисӣ тасвир намуд, яъне, валентнокӣ (маъниҳои синтаксисӣ)-и унсурҳои лексикиро. Ба як гурӯҳи таснифот он унсурҳои лексикӣ муттаҳид карда мешаванд, ки бо маҷмуи ягонаи валентнокӣ муаррифӣ гашта, дар ин маврид валентнокии унсури лексикӣ дар асоси меъёрҳои дистрибутивӣ ва шакливазкунӣ муайян карда мешавад» [2, с.110].

Ю.Д. Апресян валентнокиро ба се намуд ҷудо мекунад: семантикӣ, лексикӣ ва синтаксисӣ.

Валентнокии семантикӣ ҳангоми мавҷудияти як аломати муайяни семантикӣ дар калима ба пайвастшавии воҳидҳои луғавӣ роҳ медиҳад, валентнокии лексикӣ ба васлшавии калимаҳо танҳо бо миқдори муайяни калимаҳо роҳ медиҳад, валентнокии

синтаксисӣ бошад, қобилияти воҳидҳои ҷудогонаи луғавиро дар идора намудан ё идорашавӣ дар назар дорад.

Ҳамин тавр, «солҳои охир мафҳум ва назарияи валентнокӣ, чи дар илми забоншиносии ватанӣ ва чи дар хориҷа диққати бештари олимонро ба худ ҷалб месозад. Ин бо он алоқамандӣ дорад, ки «валентнокӣ» зуҳуроти сарҳадиро байни грамматикаву лексикология, синтаксис ва семантика дар худ ҷой додааст» [11, с.31]. Дар робита бо ин, аҷиб нест, ки мафҳуми валентнокӣ дар илми забоншиносии муосир шарҳу эзоҳи гуногунро ба худ касб намудааст. Муаммоҳои зиёде, ки бо мафҳуми валентнокӣ алоқаманд ҳастанд, то ҳанӯз байни олимони забоншинос баҳсу мунозираҳои гарму ҷӯшонро боис мегарданд.

Муқарриз: ***Оқилова Ҳ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Абрамов, Б.А. Синтаксические потенции глагола / Б.А. Абрамов // Филологические науки. - 1966. - № 3. - С.34-44.
2. Апресян Ю.Д. Проблемы структурной лингвистики. АН СССР / Ю.Д. Апресян. - М, 1963.
3. Беляева, Т.М. Словообразовательная валентность глагольных основ в английском языке / Т. М. Беляева. - М., 1979. - 264 с.
4. Виноградов В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов. - М., 1975.
5. Гак В.Г. Валентность. – Лингвистический энциклопедический словарь / В.Г. Гак. - М, 1990.
6. Кацнельсон, С.Д. О грамматической категории / С.Д. Кацнельсон // Вестник Ленинградского университета, 1948. - 132 с.
7. Кацнельсон, С.Д. К понятию типов валентности / С.Д. Кацнельсон // Вопросы языкознания. - 1987. - № 3. - С.20-32.
8. Колобова, Л.С. Валентность глаголов в сопоставлении с валентностью отглагольных существительных / Л.С. Колобова. - М., 1983. - 233 с.
9. Король, Т.В. Валентность как лингвистическое понятие / Т.В. Король. - М.: “ЛГУ им. Петра Стучки, 1972. - 384 с.
10. Лейкина, Б.М. Некоторые аспекты характеристик валентностей / Б.М. Лейкина. - М.: Высшая школа, 1961. - 295 с.
11. Мещанинов И.И. Глагол / И.И. Мещанинов. - М.-Л., 1949.
12. Плунгян, В.А. Введение в грамматическую семантику: грамматические значения и грамматические системы языков мира / В.А. Плунгян. - М.: Издательство РГГУ, 2011. - 672 с.
13. Степанова М.Д. О «внешней» и «внутренней» валентности слова / М.Д. Степанова // Иностр. яз.в шк. - 1967. - № 3. - С.12-18.
14. Степанова М.Д. Части речи и проблема валентности в современном немецком языке / М.Д. Степанова, Г.Хелбиг. - М.: Высш. шк., 1978. – 258 с.
15. Теньер, Л. Основы структурного синтаксиса / Л. Теньер. - М.: Прогресс, 1988. - 656 с.

МАФҲУМИ ВАЛЕНТНОКӢ ДАР ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ

Дар забоншиносии муосир миқдори зиёди таҳқиқотҳо ба коркарди муаммоҳои назариявӣ, тадқиқи вижагиҳои валентнокии аъзоҳои гуногуни нутқ бахшида шудаанд. Агар дар оғози пайдоиш доираи истифодаи назарияи валентнокӣ танҳо бо феъл маҳдуд бошад, пас коркарди минбаъдаи назарияи мазкур собит сохт, ки на танҳо феъл, балки дигар аъзоҳои нутқ низ ба вижагиҳои валентнокӣ соҳибанд. Айни замон вижагиҳои валентнокӣ на танҳо дар феъл, исму сифат, балки дар зарф ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ низ мушоҳида гардидаанд. Дар мақолаи мазкур валентнокӣ ҳаддалимкон шарҳу эзоҳ дода шуда, навъу намудҳои он низ баррасӣ гардидаанд. Дар он назарияву амалияҳои олимони машҳури забоншинос оварда шудааст. Лек боз ҳам диққати махсуси олимони забоншиносро масоили валентнокии феъл – воҳиди забоние, ки иқтидори бештар мураккаб ва гуногунранг дорад, ба худ ҷалб месозад. Дар мақола маҳз ҳамин масъала - масъалаи валентнокии феъл бештару муфассалтар баён ёфтааст. Муаллиф ба ҳадафҳои гузоштааш ноил гардидааст. Аммо, муаммои валентнокӣ, махсусан дар забони тоҷикӣ ба таҳлилу таҳқиқи муфассал ниёз дошта, ин мақолаи муаллиф ҳанӯз сароҳанги ин кори саъбу заҳматталаб ба ҳисоб меравад. Зеро оиди ин муаммо дар илми забоншиносии тоҷик ҳанӯз асари номие иншо нагардидааст.

Калидвожаҳо: илми забоншиносӣ, назарияи валентнокӣ, валентнокии феъл, системаи забон, навъ ва намудҳои валентнокӣ, актант, сирконстант.

ПОНЯТИЕ ВАЛЕНТНОСТИ В ЛИНГВИСТИКЕ

Подробное изучение слова как основной единицы языка является важнейшей задачей языкознания. Основную роль в решении данного вопроса играет теория валентности. В данной статье автором подвергнуты исследованию основные свойства валентности глагола в английском и таджикском языках. В современный период теория валентности формировалась как важнейшая отрасль синтаксиса. Она очень широко используется при определении связей, соответствия слов, структуры предложения, строения предложения, которое, прежде всего, выражается глаголом. Сегодня языковеды в исследовании валентности глагола, при разработке теорий валентности, принципов классификации глаголов, определении соответствия валентности со значением глагола достигли видимых результатов. Несмотря на это, вокруг

исследования проблем теории валентности, отношений категории валентности с грамматической категорией возникают продолжительные споры. Для решения данной дилеммы очень важно исследование валентности как основного элемента языка. Основной целью выбора данной темы, прежде всего, является изучение валентных свойств различных частей речи, в особенности глагола, как одной из актуальных проблем лингвистики.

Ключевые слова: глагол, валентность глагола, теория валентности, определение соответствия валентности, категория валентности и грамматическая категория, актант, сиркостант.

THE CONCEPT OF VALENCE IN LINGUISTICS

In this article, the author has examined the basic properties of the valency of the verb in English and Tajik. A detailed study of the word as the basic unit of language is the most important task of linguistics. The main role in solving this issue is played by the theory of valence. In the modern period, the theory of valence was formed as the most important branch of syntax. It is very widely used during research in determining connections, word correspondence, sentence structure, sentence structure, which is primarily expressed by a verb. Today, linguists in the direction of studying the valency of the verb in the development of theories regarding valency, the principles of classification of verbs, determiningthe correspondence of valency with the meaning of the verb have achieved visible results. Despite this, there are long disputes around the study of the problems of the theory of valence, the relationship of the category of valency with the grammatical category. To solve this dilemma, it is very important to study valency as the main element of the language. The main goal of choosing this topic, first of all, is to study the valence properties of various parts of speech, in particularthe verb, which is one of the topical problems of linguistics.

Key words: verb, valency of a verb, theory of valence, definition of correspondence of valency, category of valency and grammatical category, actant, circconstant.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Оқилова Хуршедабону Афхозовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, докторанти факултети забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1 Тел.: **(+992) 92-702-24-94**

Сведения об авторе: ***Окилова Хуршедабону Афхозовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, просп. Мавлянбекова, 1. Тел.: **(+992) 92-702-24-94**

Information about the author: ***Okilova Khurshedabonu Afkhozovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurova, doctoral student of the Faculty of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Pr., 1 Tel.: **(+992) 92-702-24-94**

УДК: 491.550

ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ПЕШВАНДУ ПАСВАНДҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Шоева Н.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ

Дар забоншиносии муосир аксари олимон калимасозиро ҳамчун як соҳаи алоҳида ва мустақил арзёбӣ мекунанд. Ин нуқтаи назар ҳамин тавр асоснок карда мешавад, ки калимасозӣ ба монанди дигар паҳлуҳои илми забоншиносӣ дорои объектҳои махсуси таҳқиқ мебошад, ки яке аз муҳимтарини онҳо калимаҳои сохта, сохтор ва принсипҳои ташаккули онҳо мебошад. Бояд тазаккур дод, ки назарияи калимасозӣ дорои мафҳуму воҳидҳои ба худ хос буда, қонуниятҳои худро муқаррар мекунад ва истилоҳу усулҳои фардии таҳлил дорад. Дар забоншиносии даврони шӯравӣ доир ба ин соҳаи илми забоншиносӣ чунин олимони варзида, аз қабили В.В. Виноградов [1975], Г.О. Винокур [1959], М.Д. Степанова ва В. Фляйшер [1984], Н.Д. Арутюнова [1961], Е.С. Кубрякова [1965; 1972] ва дигарон таҳқиқот анҷом дода, муваффақиятҳои назаррасро соҳиб шудаанд.

Аз ҷумла, онҳо собит месозанд, ки калимасозӣ ҳамчун як шохаи мустақил, ба ҳар ҳол бо илмҳои сарфшиносӣ ва вожашиносӣ сахт марбут аст. Масалан, Е.С. Кубрякова дар ин хусус чунин иброз доштааст: “... калимасозӣ аз дидгоҳи забони мушаххас яке аз низомҳои инфиродии ин забон, сатҳи алоҳидаи забониро ташкил медиҳад, ки бо воҳидҳои одитарини худ, яъне асосҳои калимасоз ва аффиксҳои навъи дериватсионӣ, тарзу усулҳои махсуси муттаҳидсозии воҳидҳои сода ба воҳидҳои калонтар (сохта) ва ниҳоят, бо низоми махсуси алоқаҳо дар байни чунин воҳидҳо тавсиф ёфтааст” [Кубрякова, 1965, с.74]. Иқтибоси мазкур на танҳо тамоми барнома, балки вазифаҳои мушаххаси омӯзиши калимасозиро дар худ инъикос мекунад.

Дар забоншиносии ватанӣ пеш аз ҷудо карда шудани калимасозӣ ҳамчун фанни алоҳида ва мустақил ин соҳаи илми забоншиносӣ ё дар ҳудуди грамматика (сарфшиносӣ) ва ё дар ҳудуди вожашиносӣ омӯхта мешуд, баъзан бошад, ба калимасозӣ мавқеи мобайнӣ ва алоқамандкунандаи ин ду соҳаи калони илми забоншиносӣ ҷудо карда мешуд. Зимни ин гуна тақсимот ҷиҳатҳои луғавию маъноӣ ё шаклию сохторӣ (грамматикӣ) аз доираи назар берун мемонданд. Дар баробари ин, аз мадди назар воҳидҳои махсуси калимасоз низ дур мемонд, ки ба қатори онҳо асоси истеҳсолкунанда, амсила ва типҳои калимасозӣ дохил мешаванд.

Бо мурури замон забоншиносони тоҷик ба омӯзиши махсуси калимасозӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин ҷода як қатор таҳқиқоти назаррасро анҷом доданд, ки ин ба дастовардҳои мушаххас оварда расонд. Аз ҷумла, Н. Маъсумӣ дар таҳқиқоти илмии худ «Забон ва услуби Аҳмади Дониш», «Забон ва услуби повести С. Айнӣ «Марги судхӯр», Р. Ғаффоров «Забон ва услуби Раҳим Ҷалил», Б. Камолиддинов «Забон ва услуби Ҳаким Карим», Л.П. Смирнова «Забони асари «Таърихи Сиистон», Р. Ҷӯраев «Забони «Асрор-ул-тавҳид», Г.И. Козлов «Забони насри «Таърихи Байҳақӣ», М. Давлатова «Феълҳои сода дар “Зайн-ул-ахбор”-и Гардезӣ», С. Муллочаев «Фарҳанги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ», С. Сабзаев «Фарҳанги Кашф-ул-маҷуб», Б. Шарифов «Морфологияи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ», С. Ҳалимиён «Фарҳанги «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ», С. Хоҷаев «Забони «Туҳфаи аҳли Бухоро»-и Мирзосироҷи Ҳаким», И. Саидов «Синонимҳо дар назми Рӯдакӣ» ва асару мақолаҳои бисёри дигар ин ё он ҷиҳати калимасозӣ ва хусусан калимасозии аффиксалиро ба андозаи кам ё зиёд баррасӣ намудаанд.

Вале то ба ҳол таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ ва ё мақолаҳое, ки ба таҳқиқи калимасозии аффиксалӣ ва хусусан муқоисаи он дар забонҳои гуногун бахшида шуда бошанд, вуҷуд надоранд ва ё вуҷуд дошта бошанд ҳам, доир ба масъалаи мавриди назари мо қарор дода нашудаанд.

Аз таҳқиқоти калони ба калимасозии ин ё он ҳиссаи нутқ бахшидашуда, ки дар асоси маводи мушаххас гузаронида шудааст, корҳои илмии С. Ҳалимов «Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик аз рӯйи «Гулистон»-и Саъдӣ», С. Низомова «Калимасозии морфологӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ», Р. Шодиев «Калимаҳои феълӣ ва калимасозии феъл дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ», С. Хоркашев «Калимасозии исм

тавассути пешвандҳо» (аз рӯйи маводи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ) ва дигарҳоро ном бурдан ба маврид аст.

Дар ин ҷо мехостем, каме бошад ҳам, корҳои илмиву тадқиқотии дар ҷодаи калимасозии ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба сомон расидаро мавриди таҳлил қарор диҳем. Бо ин мақсад рӯ меорем ба таҳқиқоти диссертатсионии як зумра муҳаққиқон, ки солҳои охир дар кишварамон анҷом дода шудаанд.

Яке аз ҳиссаҳои нутқе, ки калимасозии он мавриди таҳқиқи олимони зиёди забоншинос қарор гирифтааст, феъл мебошад. Барои омӯзиши ин ҳиссаи нутқи забони тоҷикӣ, категорияҳои грамматикӣ ва калимасозии он таҳқиқоти анҷомдодаи чунин забоншиносони варзида, ҳамчун Б.Ниёзмуҳаммадов, Д.Тоҷиев, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд, А.А. Керимова, Н.Маъсумӣ, Д. Саймиддинов, Ш.Рустамов, А.Мирзоев, Ш.Ниёзӣ ва даҳҳо дигарон, ки паҳлуҳои гуногуни калимасозии феълро ҳамчун яке аз ҳиссаҳои калонтарин ва мураккабтарини нутқ таҳлил кардаанд, аҳамияти калон дорад. Тавсифи пурраи калимасозии ин ҳиссаи нутқ дар китоби дарсии сеҷилдаи «Грамматикаи забони ҳозираи адабии тоҷик", ҷ. 1 (1985) оварда шудааст.

Олимони забоншинос барои тавсиф додани калимасозии пешвандию пасвандии низоми забон дар бисёр мавридҳо аз схемаҳо ва амсилаҳои калимасоз истифода мебаранд. Чунин амсилаву схемаҳо нишон медиҳанд, ки кадом ҳиссаи нутқ ба раванди калимасозӣ шомил аст ва кадом ҳиссаи нутқ истеҳсолкунанда асту кадомаш маҳсули он. Чунин амсилаҳоро дар забоншиносӣ транспонентӣ меноманд, ки ин маънои дар онҳо фарқ намудани ҳиссаҳои нутқи истеҳсолкунанда аз маҳсули худро дорад. Дар амсилаҳои ғайритранспонентӣ ҳиссаҳои истеҳсолкунанда ва маҳсули онҳо бо ҳам мувофиқанд, вале ба ин нигоҳ накарда, дар онҳо амсилаҳои гуногуни пасвандӣ амал мекунанд.

Дар баробари амсилаҳои пасвандӣ, раванди бо пешвандҳо сохта шудани калимаҳо ва маъноҳои нав низ дар забони муосири тоҷикӣ хеле назаррас мебошад. Аз ҷумла, дар рисолаҳои илмии худ олимон нақши пешванди *ҳам-* ро дар асарҳои бадеӣ зикр кардаанд. Аз ҷумла, С. Низомова дар "Хамса"-и Низомӣ онро ба миқдори 64 калима [Низомова, с.77] дарёфт кардааст, С.Ҳалимов бошад, онро дар "Гулистон"-и Саъдӣ ҳамагӣ 8 маротиба вохӯрдааст. А.Амлоев пешванди мазкурро дар осори Ф.Муҳаммадиев хеле сермаҳсул дониста, чунин зикр кардааст: "Пешванди *ҳам-* дар насри бадеии нависандаи маъруф Ф.Муҳаммадиев хеле сермаҳсул аст. Бо пешванди мазкур ӯ 36 калимаи сохтаро истифода бурдааст" [1, с.11].

Дар хусуси истифодабарии пасвандҳо дар осори бадеии ин нависанда муҳаққиқ чунин қайд мекунад: "Морфемаи *–а* яке аз сермаҳсултарин пасвандҳои забони тоҷикӣ мебошад ва дар ҳудуди ҳиссаҳои гуногуни нутқ, ба монанди исм, сифат, зарф ва сифати феълӣ ба ҳайси унсури калимасоз хизмат мекунад. Пасванди мазкур дар низоми калимасозии исм мавқеи махсус дорад" [1, с.15].

Ба масъалаҳои ифода ёфтани феълҳои пешвандии забони тоҷикӣ дар забони русӣ кори илмии С.Д. Холматова бахшида шудааст, ки дар он дар баробари мушкилоти умумии калимасозии феълӣ масъала роҷеъ ба роҳҳои мушаххаси дар забони тоҷикӣ ифода гардидани ҳамон маънои феълие гузошта шудааст, ки тавассути илова гардидани ин ё он пешванд ба вуҷуд меояд [10].

Боз як олими забоншиноси тоҷик М.Ҷабборӣ дар диссертатсияи доктории худ "Алоқаҳои байникатегориалӣ дар низоми шаклҳои ғайришахсии феъл: дар асоси маводи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ" [5] доир ба исму сифатшавии сифати феълӣ ва феъли ҳол ҳарф зада, чунин менигорад: "Аз рӯйи сифати шаклҳои грамматикиаш сифати феълии забони тоҷикӣ аз сифатҳои феълии забони русӣ хеле бойтар аст. Дар забони тоҷикӣ 7 шакли сифати феълӣ ба назар мерасад (ки аз онҳо се шаклашон тавассути пасванди –гӣ ташаккул ёфтаанд), дар забони русӣ бошад - 4 шакл" [5, с.15].

Вожашиноси тоҷик Р.Раҷабова дар монография худ дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии воҳидҳои луғавии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ (дар шароити таъсири мутақобила)" роҷеъ ба калимасозии забони ин ду забон ибрози ақида намуда, ба чунин хулоса меояд, ки пешванду пасвандҳои забони тоҷикӣ ниҳоят сермаҳсуланд ва ҳатто дар забонҳое, ки сохторашон аз сохтори забони тоҷикӣ ба куллӣ фарқият дорад (масалан ӯзбекӣ – Ш.Н.), метавонанд вожаҳо ва маъноҳои нав ба нав ҳосил кунанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ мегӯяд: "... дар ифодаи «*дардмандонаю дилкаш*», ки дар шеъри шоири ӯзбек кор

фармуда шудааст, вожаи аввал аз ҷузъҳои зерин иборат аст: *дард* - реша, *-манд* - пасванд, *-она* - пасванд, *-ю* – пайвандаки пайвасткунандаи пайдарҳам. Ҳамаи ҷузъҳои ин калимаи мураккаб ба сохтори аслии луғавию грамматикии забони тоҷикӣ мансубанд ва он ҳолате, ки ин ҷузъҳо дар калимасозии забони ӯзбекӣ иштирок мекунанд, аз ҳазмшавии пурраи на танҳо воҳидҳои алоҳидаи луғавии забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ, балки ҳатто истифодашавии воситаҳои алоқаи он барои калимасозӣ шаҳодат медиҳад. Гузашта аз ин, истифодаи аффиксатсияи тоҷикӣ дар забони ғайр аз ҳазмшавии воситаҳои луғавию грамматикӣ ва чун оқибат, пурра ба онҳо иваз шудани аффиксҳои ӯзбекӣ дарак медиҳад" [8, с.55-56].

Дар таҳқиқоти илмии олими шинохта Ғоиб Мирзоев таҳти унвони "Калимасозии пасвандӣ дар забони муосири тоҷикӣ" [2018] роҷеъ ба калимаҳои "истеҳсолкунанда", пасвандҳои калимасоз, амсилаҳои калимасоз, типҳои калимаҳои сохта, амсилаҳои онҳо сухан рафта, доир ба роҳҳои гуногуни калимасозӣ маълумоти ҳаматарафа оварда шудааст. Олими забоншинос калимаҳои бо роҳи пасвандӣ сохташавандаро аз рӯйи ҳиссаҳои калонтарини нутқ тасниф намуда, амсилаҳои бо пасвандҳои исмсоз ва сифатсоз сохташавандаро тавассути овардани мисолҳои зиёд нишон медиҳад. Ин асари илмии муҳаққиқ дар омӯзиш ва шинохти калимасозии пасвандии забони тоҷикӣ саҳми боризи худро гузоштааст.

Муҳаққиқи ҷавон А. Амлоев дар монографияи худ таҳти унвони "Калимасозии исмҳо дар насри бадеии Ф.Муҳаммадиев" (2020) доир ба роҳҳои пешвандӣ ва пасвандии калимасозии исмҳо ҳарф зада, ақидаҳо, хулосаву натиҷагириҳои худро дар асоси маводи осори насрии нависандаи мумтози муосири тоҷик бо мисолҳои боэътимод асоснок намудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ бар он ақида аст, ки: "Нависандаи маъруф аз тарзу усулҳои калимасозии морфологии исмҳо, яъне тавассути аффиксҳо сохта шудани онҳо моҳирона истифода бурдааст. Дар баробари ин, дар насри бадеии нависанда калимасозии пасвандии исм, ки аз тарафи нависанда хеле самаранок истифода шудааст, мавқеи махсус дорад" [1, с.188].

Бояд тазаккур дод, ки роҳи пасвандии калимасозӣ дар ин раванд аҳамияти хосса дошта, тавассути ин усул пайдо шудани маъниҳои нав дар забони тоҷикӣ ниҳоят маъмул мебошад. Аз ҷумла, дар ҷамъбандии исмҳо иштирок намудани пасвандҳои *–ҳо ва –он* (*-ён, -гон, -вон*) раванди калимасозӣ ва шаклсозии исмҳоро хеле фаъол ва сермаҳсул мегардонад. Ин пасвандҳо дар исмҳои амалу маънӣ (*гуфтугузорҳо, суҳбатҳо*), исмҳои ифодакунандаи ченаки вақт (шабҳо, зимистонҳо), исмҳои ҷондор (*одамон, хонандагон*) ва бечон (*дастон, дидагон, абрӯвон*) ва ғайра истифода мешаванд [3, с.103].

Ба қатори аффиксҳо инчунин алломорфҳо низ дохил мешаванд, ки дар китоби "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" мавқеи онҳо дар раванди калимасозӣ хеле равшан нишон дода шудааст. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки "Алломорф бо морфемаи калимасоз ҳаммаъно буда, ба тақозои омилҳои морфологӣ ва фонетикӣ истифода мешавад. Масалан суффиксҳои *-ӣ, -гӣ, -стон ва -истон, -она* ва *–гона* алломорф ба шумор мераванд. Вале морфемаҳое, ки аз ҷиҳати маъно як буда, аз ҷиҳати шакл фарқ мекунанд, ба ин гурӯҳ дохил намешаванд, чунки дар байни онҳо муносибати иловагии дистритутӣ мушоҳида намешавад. Инҳо варианти морфема ба шумор мераванд" [3, с.106].

Дар ин радиф бояд тазаккур дод, ки калимаҳои мураккаб низ барои сохторбандии аффиксҳо нақши калон мебозанд. Аз ҷумла, забони ғазалиёти шоири мумтоз Лоиқ Шералӣ фасеҳу балиғ буда, шоир кӯшиш намудааст, ки барои риоя намудани назокату нафосати сухан аз ғановату боигарии забон самаранок истифода барад. Шоири борикбин дар самти корбасти калимаву таркиб, ибораву ҷумла ва махсусан барои саҳеҳу муъҷаз ифода кардани андешаҳояш аз воситаҳои гуногуни калимасозӣ ба таври фаровон истифода намудааст.

Дар ғазалиёти шоир нақши калимасозӣ бағоят калон аст. Шоири маънирас ҳангоми офаридани маъниҳои бикр кӯшиш намудааст, ки аз тамоми имконоти калимасозии забони тоҷикӣ устокорона истифода намояд.

Дар ғазалиёти шоир нақши калимасозии сарфӣ назаррас аст. Чунон ки маълум аст, калимасозии сарфии исм дар навбати худ ба ду қисм ҷудо мешавад: аффиксатсия (ба воситаи пешванду пасванд сохтани исм) ва калимасозии мураккаб. Дар ашъори шоир ин

ду навъи калимасозӣ баръало мушоҳида шуда, дар ин самт шоир хусусияти фардӣ нишон додааст.

Ҳангоми омӯзишу таҳқиқи ғазалиёти шоир исмҳои мураккаби тобеъро вобаста ба мисолҳои ҷамъовардаамон чунин гурӯҳбандӣ намудем:

1. **Исмҳои мураккабе, ки аз ибораҳои изофӣ сохта шудаанд: сарчашма, сарпараст, дилташнагон.**

Чи тавре ки маълум аст, заминаи асосии исмҳои мураккаби тобеъ ибораҳо ба шумор мераванд. Яъне исмҳои мураккаб дар порчаҳои насриву назмӣ дар шакли ибора ҳам омада метавонанд. Аммо барои муъҷазбаёниву ифоданокӣ, салосату фасоҳати сухан ибораҳо ба шакли калимаҳои мураккаб корбаст мешаванд.

Дар ғазалиёти шоир дар ин қолаби калимасозӣ се калимаро мушоҳида намудем: **сарчашма, сарпараст, дилташнагон.**

Қадри мо пурсед аз дилташна**гон**и меҳру шеър,
Дар муҳити дашти бирён ҷӯйи саршорем мо [2, с.8].

Дар байти боло калимаи **дилташнагон** аз се ҷузъ – дил (исм), ташна (сифат) ва *–гон* (пасванди ҷамъбандӣ) иборат аст. Агар масъалаи ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаи мазкур бо истиснои пасванд (дар шакли дилташна) ба миён ояд, пас он сифат аст. Аммо бо қабул кардани пасванди **-гон** вожаи мазкур ба исм мегузарад. Зеро ин ҷо ба категорияи исм гузаштани сифат (субстантиватсия) мушоҳида мешавад.

Ниёзӣ Ш. дар китоби «Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ» дар вақти шарҳи грамматикии исмҳои мураккаб зери сарлавҳаи «Бо роҳи бевосита ҳамроҳ кардани калимаҳо сохтани исмҳои мураккаб» дар хусуси калимаи **сар** ҳамчун ҷузъи аввали калимаи мураккаби тобеъ чунин нигоштааст: «Ин тип исмҳои мураккаб бештар бо ҳамроҳ кардани ду исм сохта мешавад. Дар ин гуна исмҳо ҳамчун ҷузъи якум (чун компоненти актив) дар номи шахс ва номи ашёҳо **сар** ба кор бурда мешавад» [6, с.25].

Дар ФЗТ калимаи **сар** ба маъноҳои **раис**, **сарвар**, **сардори лашкар** тавзеҳ ёфтааст [9, с.193].

Калимаи **сар** ба маънои **раис сарвар**, **сардор**, **роҳбар** дар адабиёти классикӣ истифода мешудааст, дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, дар таркибҳои фразеологӣ ва калимаҳои мураккаб вомехӯраду халос (1, 148).

Дар таркиби калимаҳои мураккаб ду хусусияти калимаи **сар** равшан зоҳир мешавад. Агар ҷузъи дуюми калимаи мураккаб шахсро ифода намояд, калимаи мураккаб шахсро далолат мекунад.

Дар байти зерин калимаи **сарпараст** аз ду ҷузъ – **сар** (исм) ва **параст** (асоси замони ҳозираи феъл) иборат буда, ба исми фоил далолат мекунад.

Чунончи:

Сарпарасти**ҳо**и ман дарди саре овардааст,
Хушкоми**ҳо**и ман шеъри таре овардааст [2, с.20].

Агар ҷузъи дуюми калимаи мураккаб ягон ашёи ғайришахсро ифода кунад, пас ҷузъи аввал дар таркиби калимаи мураккаб ба маънои **ибтидо**, **оғоз** корбаст шудааст. Масалан, дар байти зерин калимаи сарчашма ба ифодакунандаи **ибтидо** гирифтан аст.

Зи як **сар**чашма меоем, як сарчашмаи кӯҳ**ӣ**,
Ба поин**ҳо** аз он боло – ману дарё, ману дарё [2, с.11].

Ҳамин тариқ, баррасии адабиёти илмии ба мавзуи мазкур бахшидашуда нишон медиҳад, ки доираи таҳқиқоти калимасозии пешвандӣ ва пасвандӣ, хусусан дар асоси маводи осори адибони муосири тоҷик ҳанӯз маҳдуд буда, баргузории таҳқиқоти васеъ ва доманадорро тақозо менамояд. Бо дарназардошти ин матлаб, мо дар мақолаамон кӯшиш ба харҷ додем, ки доираи корҳои илмии дар ин самт анҷом додашударо мухтасаран таҳқиқ намуда, сатҳи омӯзиши хусусиятҳои калимасозии ҳиссаҳои гуногуни нуткро аз тарафи олимони вожашинос ва сарфшиноси тоҷик то як андоза арзёбӣ намоем.

Муқарриз: ***Раҷабова Р.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДСРТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Амлоев А.Я. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева / А.Я. Амлоев. – Душанбе, 2020. – 202с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ.1. - 356 с.

3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1987. – Ҷ.2. - 317 с.
4. Джабборова М.Т. Переход причастий в имена существительные в русском и таджикском языках / М.Т. Джабборова. - Душанбе: Российско-Таджикский [славянский] университет, 2000. - 34 с.
5. Джаббори М.Т. Межкатегориальные связи в системе неличных форм глагола: на материале русского и таджикского языков / М.Т. Джаббори. - Душанбе, 2005. – 290с.
6. Кузнецов С.Р. Флективная морфология русского глагола [словоизменение и формообразование] / С.Р. Кузнецов. Спб., 2000. - 252 с.
7. Мирзоев Г. Суффиксально словообразование в современном таджикском языке / Г. Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 2018. – 185 с.
8. Раджабова Р.Р. Сопоставительный анализ лексических единиц таджикского и узбекского языков [в условиях взаимодействия] / Р.Р. Раджабова – Душанбе, 2014. – 160 с.
9. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1972. - 77 с.
10. С.Д. Холматова. Способы передачи русских префиксальных глаголов на таджикский язык: автореф. дис. канд. филолог, наук / Холматова С.Д. - Душанбе, 1969. - 19 с.
11. Эдельман Д.И. Предикативные сочетания с причастиямим на *-гӣ* и на *-ӣ* в современном литературном таджикском языке / Д.И. Эдельман // Известия Академии наук Таджикской ССР. - Сталинабад, 1955. - Вып.7. - С.62-68.
12. Шарова Е.Н. Отглагольные формы с суффиксом *-гӣ* в современном таджикском языке: автореф. дис. канд. филолог, наук / Е.Н. Шарова. - М., 1953. - 26 с.
13. Ш.Ниёзи. Очерки по грамматике таджикского языка. Выпуск 7. / Ш. Ниёзи. – Сталинобод: Издательство АН Таджикской ССР, 1954.

ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ПЕШВАНДУ ПАСВАНДҲО ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Мақола ба таҳлилу баррасии заминаҳои назариявии масъалаҳои калимасозии забони тоҷикӣ бахшида шудааст, чунки ин масъала дар илми забоншиносии ватанӣ, аз ҷумла соҳаи сарфшиносии он камтар матраҳ гардидааст. Таҳлилу баррасии корҳои муҳаққиқон ва олимони кишвар дар ин ҷода барои беҳтар фаҳмидани механизмҳое, ки зимни сохта шудани вожаҳо ва маъниҳои нав дар доираи ин ё он ҳиссаи нутқ кор фармуда мешаванд, мусоидат мекунад. Равияи мазкури забоншиносии муосир собит месозад, ки забони муосири адабии тоҷикӣ яке аз забонҳоест, ки дорои воситаҳои сершумори калимасозӣ буда, пайваста дар ҳолати рушдёбӣ қарор дорад. Аффиксатсия яке аз усулҳои маъмултарин ва серҳосилтарини ба вуҷуд омадани шаклҳо ва маъниҳои нав ба ҳисоб рафта, на танҳо дар забони илмиву коргузорӣ, балки пеш аз ҳама, дар забони осори бадеӣ низ хеле фаъолона истифода бурда мешавад. Муаллифи мақола зимни баррасии корҳои илмии муҳаққиони тоҷик раванди омӯхта шудани калимасозии чунин ҳиссаҳои калонтарини нутқро, аз қабили исм ва феъл дида баромада, ба чунин хулоса меояд, ки ин равия, хусусан дар риштаи типологӣ ва муқоисавии он, ҳанӯз таҳқиқоти амиқ ва доманадореро аз тарафи олимону муҳаққиқони ватанӣ интизор аст.

Калидвожаҳо: забоншиносии ватанӣ, забоншиносии хориҷӣ, муносибатҳои дохилизабонӣ, роҳи пешвандии калимасозӣ, роҳи пасвандии калимасозӣ, калимасозии морфологӣ, аффиксатсия; алломорфизм.

УРОВЕНЬ ИЗУЧЕНИЯ ПРЕФИКСОВ И СУФФИКСОВ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Статья посвящена теоретическому анализу вопросов словообразования таджикского языка, поскольку данный вопрос в отечественном языкознании, в частности его морфологии, изучен всё ещё недостаточно. Изучение научных работ исследователей и учёных страны в данном направлении способствует более лучшему пониманию механизмов, которые используются в процессе построения новых слов и их значений в рамках той или иной части речи. Данное направление современной лингвистики доказывает, что современный литературный таджикский язык является одним из языков с многочисленными средствами словообразования и находится в постоянном развитии и совершенствовании. Аффиксация служит одним из наиболее распространённых и эффективных способов словообразования и появления новых форм и значений, она используется не только в языке науки и делопроизводства, но и прежде всего, очень активно задействована в языке художественного наследия. Автор статьи при рассмотрении научных трудов таджикских исследователей анализирует процесс изучения путей словообразования в таких больших частях речи, как существительное и глагол, и приходит к выводу о том, что данное направление, особенно в типологическом и сопоставительном направлении, всё ещё требует глубоких и обширных исследований со стороны отечественных учёных и исследователей.

Ключевые слова: отечественная лингвистика; зарубежная лингвистика; внутриязыковые взаимоотношения; префиксальный способ словообразования; суффиксальный способ словообразования; морфологическое словообразование; аффиксация; алломорфизм.

LEVEL OF STUDYING PREFIXES AND SUFFIXES IN TAJIK LINGUISTICS

The article is devoted to the theoretical analysis of the issues of word-formation of the Tajik language, since this issue in domestic linguistics, in particular its morphology, is still not sufficiently studied. Studying the scientific works of researchers and scientists of the country in this direction contributes to a better understanding of the mechanisms that are used in the process of constructing new words and their meanings within a particular part of speech. This direction of modern linguistics proves that the modern literary Tajik language is one of the languages with numerous means of word formation, and is in constant development and improvement. Affixation serves as one of the most common and effective ways of word formation and the appearance of new forms and meanings, it is used not only in the language of science and office work but first of all, it is very actively involved in the

language of artistic heritage. The author of the article, when considering the scientific works of Tajik researchers, analyzes the process of studying word-formation paths in such large parts of speech as a noun and verb, and concludes that this direction, especially in the typological and comparative direction, still requires deep and extensive research by domestic scientists and researchers.

Key words: domestic linguistics; foreign linguistics; intra-linguistic relationships; prefix method of word formation; suffix method of word formation; morphological word-formation; affixation; allomorphism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шоева Назокат*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ, омӯзгори кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. академик Раҷабовҳо, 10. Тел.: **(+992) 919-02-63-12**

Сведения об авторе: ***Шоева Назокат*** - Технический университет Таджикистана им. М.Осими, преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, ул. академиков Раджабовых, 10. Тел.: **(+992) 919-02-63-12**

Information about the author: ***Shoeva Nazokat*** - Technical University of Tajikistan named after M.Osimi, teacher of the Department of Languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, academics Radjabov, Str. 10. Tel.: **(+992) 919-02-63-12**

УДК: 80/81

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ЗАРФҲОИ МУРАККАБ

(дар мисоли асари «Туҳфат-ул-хонӣ»-и М.Карминагӣ ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ)

Ашрапов Б.П.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

«Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз осори тарбиявӣ-ахлоқии қарни XIV мебошад, ки то ҳол арзиш ва қимати худро гум накардааст. Ҷомӣ дар синни 73-солагӣ барои фарзанди ягонаи худ - Зиёуддин Юсуф ин асари бехазони хешро менависад. Ҷомӣ ба тарбияи фарзандаш аз кӯдакии ӯ машғул шуда, дар осори хеш - «Туҳфат-ул-аҳрор», «Сабҳат-ул-аброр», «Юсуфу Зулайхо», «Лайливу Маҷнун» ва «Хирадномаи Искандарӣ» фаслҳои алоҳидаро ба насиҳат ва панди фарзанди дилбандаш бахшида, ӯро ба касби дониш, ахлоқи нек, кирдори шоиста, дӯстиву рафоқат, навозиши бечорагон, хайру саховат, кумаки эҳтиёҷмандон ва хизмати халқ раҳнамоӣ мекунад» [4, с.3].

Дар мақолаи мазкур перомуни хусусияти грамматикии зарфҳои мураккаби «Баҳористон»-и Ҷомӣ дар қиёс бо зарфҳои мураккаби забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII андеша меронем. Аҳамияти таҳқиқи ин мавзуъ дар он аст, ки зарфҳои мураккаби забони адабии муосири тоҷикӣ бо усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва эҳсоӣ баррасӣ шуда, хусусиятҳои фарқкунанди зарфҳои мураккаби ин асари Ҷомӣ бо забони осори илмӣ-таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Тоҷ-ут-таворих», ки фарогири воқеаҳои таърихии хонадони давраи гуногуни қарнҳои XVII-XVIII мебошанд, муқоиса ва равшан карда мешавад.

Зарфҳои мураккаб асосан дар забони адабии муосири тоҷикӣ бо роҳи композитсия, яъне такрор ва ё аз ду калимаҳои мустақил бо иштироки ягон аффикс сохта мешаванд [5; 6; 9]. Чунонки маълум аст, зарфҳои мураккаби забони адабии муосири тоҷикӣ аз ҷиҳати муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: зарфҳои мураккаби а) пайваст ва б) тобеъ [12, с.280]. Дар осори мавриди таҳқиқи мо доираи истеъмоли зарфҳои мураккаби пайваст мисли забони адабии муосири тоҷикӣ ва дигар осор нисбат ба зарфҳои мураккаби тобеъ васеътар мебошанд [12, с.280; 16, с.182; 14, с.133]. Ин гуфтаҳо аз лиҳози сохту услуби грамматикӣ ба забони тоҷикии муосир шабоҳат доранд.

Зарфҳои мураккаби пайваст: Яке аз маъмултарин усули сохта шудани зарфҳои мураккаби пайваст дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва забони осори илмӣ-таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Тоҷ-ут-таворих» такрори ҳиссаҳои нутқ мебошад. Дар ин хусус муҳаққиқи забони адабии форсӣ-тоҷикии қарни XI О. Сулаймонов чунин таъкид мекунад: «Ба назари мо, фарқ байни чунин зарфҳои қарни XI ва забони имрӯза дар он аст, ки зарфҳои мустаъмал дар асар имрӯз дар забон матрук ва ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил шудаанд» [14, с.133]. Дар забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII ҳам ин гуна фарқият дида мешавад.

а). Такрори исмҳо. Ин гуна зарфҳо дар «Баҳористон» ва осори мазкур монанди забони адабии муосири тоҷикӣ аз такрори исмҳо зарфҳои тарзи амал, миқдор ва монандӣ сохта шудааст [12, с.280]. Ҳини омӯзиши зарфҳои мураккаби осори мавриди таҳқиқ маълум гардид, ки дар «Баҳористон» назар ба забони осори «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Зафарнома» истифодаи такрори исмҳои соф тоҷикӣ васеътар мебошанд: ... агар хоҳӣ, ба як зарбати панҷа ҷони туро биситонам ва агар хоҳӣ, туро *луқма-луқма* туъмаи худ гардонам! [4, с.116].

Гуфтан ба маврид аст, ки агар дар «Баҳористон» такрори исмҳои тоҷикӣ дар ин хусус ба назар расида бошад, аммо дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» ба ғайр аз такрори исмҳои тоҷикӣ боз вожаҳои арабӣ барои сохтани зарфҳои мураккаби пайваст хеле фаровон истифода шудааст, ки ин хусусият дар «Баҳористон» дучор нагардид. Хусусияти зарфҳои мураккаби пайвасти такрори исмҳо дар забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII беш аз ҳама дар вомвожаҳои арабӣ зоҳир мешаванд. Гурӯҳе аз чунин вомвожаҳо дар осори хаттии қарнҳои IX-X, XV-XVI ва XVII-XVIII ҳам дучор мешаванд ва бештари онҳо дар забони муосири тоҷикӣ ҳам маҳфуз ва ҳам мавриди истеъмол қарор доранд ва баъзеашон аз ҳуқуқи истифодашавӣ маҳрум

гаштаанд: *барқ-барқ* [12, с.35/66], *ғавқ-ғавқ* [12, с.24/43], *фавҷ-фавҷ* [12, с.24/43, 25/45, 31/57, 33/62, 38/71, 79/155, 102/202, 104/206, 122/242, 127/252, 134/265, 139/275, 163/323, 173/344, 182/362, 209/415, 214/426, 216/429, 248/493, 257/511, 259/516, 265/527, 278/553, 283/564, 291/579; 15, с.128, 153, 196, 205, 130, 169], *фирақ-фирақ* [15, с.310]. Исмҳои такрори тоҷикӣ: *даста-даста* [15, с.240, 139], *чаман-чаман* [12, с.9], *гурӯҳ-гурӯҳ* [15, с.289], *намо-намо* [15, с.108].

Аз мисолҳои дар боло зикршуда маълум мешавад, ки зарфи мураккаби пайвасти *фавҷ-фавҷ* нисбат ба дигар зарфҳо бағоят васеъ дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» мустаъмал гардидааст. Ҳангоми омӯзиши зарфҳои мураккаби пайвасти осори мавриди таҳқиқи мо аниқ гардид, ки зарфҳои *гурӯҳ-гурӯҳ, ғавқ-ғавқ ва барқ-барқ, фирақ-фирақ, ғамоат-ғамоат* низ ба маънии зарфи мураккаби пайвасти *фавҷ-фавҷ* истифода шуда ва онҳо ба вазифаи зарфҳои миқдору дараҷа ва тарзи амал омадаанд, аммо дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ин гуна зарфҳо ғайри истеъмоланд. Бояд зикр намуд, ки зарфҳои мураккаби *ғавқ-ғавқ, фавҷ-фавҷ, фирақ-фирақ* аслан зарфҳои арабӣ буда, алҳол дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи зарфҳои бемаҳсул дохил шудаанд. Зарфи мураккаби *ғавқ-ғавқ* дар осори «Таърихи Байҳақӣ», «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва «Маҷмуъ-ут-таворих» тамоман истифода нагардидааст: Афвоҷи лашкар ва табақоти ҳашами ӯ *барқ-барқ* дар мавтини осоишу ором қарор ёфтанд… [12, с.35/66]; ….афвоҷи сипоҳ *ғавқ-ғавқ* ба ҷониби Насаф ливои таваҷҷуҳ афроштанд… [12, с.24/43]; …. амири боиқтидор низ дар муҳориботи он мулоҳидаи ашрор *фавҷ-фавҷ* баромада….[12, с.104/205]; Аз ҳар тараф *гурӯҳ-гурӯҳ* саросемавор худҳоро ба дарё андохта…[12, с.285/567]; …ҳуккоми завиэҳтироми қасаботи Миёнколот беиҳмол манзил ба манзил ба ашоиру қабоил ва улуси ӯзбекия *гурӯҳ-гурӯҳ* истиқбол намуда, *ғамоат-ғамоат* тортуқу билокоти худҳоро аз назари анвари олӣ гузарониданд… [15, с.27]; …маъа тумоноти худҳо аз таоқуб *даста-даста* ёсу баста роҳӣ шуданд… [15, с.149]; …*пасу пеш чуқ-чуқ* сипоҳи зафаринтибоҳ чун дарёи маввоҷ равона гардида… [15, с.73]; Дар аснои роҳ *фавҷ-фавҷ* аз сипоҳ ва *хайл-хайл* чун сел аз ҳар ҷониб расида…[15, с.140, 179]; …ба сӯйи шимол рӯ ба Қӯрғон мӯрчал гирифта *саф-саф* истода тӯбу занбӯракро дуд ба дуд расонида шиланг карда ба Қӯрғон ҳавола менамуданд… [15, с.105].

б). Ҳангоми омӯзиши зарфҳои «Баҳористон» ва осори илмӣ-таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» маълум гашт, ки зарфҳои мураккаби пайвасти такрори сифат дар забони адабии муосири тоҷикӣ, ки мавриди истифода мебошанд, ба мо дучор нагардид *сахт-сахт, кам-кам, осон-осон* [7, с.280].

в). Такрори шумораҳо. Гуфтан ба маврид аст, ки ҳини омӯзиши осори мавриди таҳқиқ маълум гардид, ки танҳо дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ зарфи мураккаби пайвасти *як-як* аз ҷониби муаллиф истифода гардидаасту халос. Ин гуна сохти зарфҳои мураккаб дар «Баҳористон» каммаҳсул буда, аммо дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» мустаъмал нагардидааст ва ба вазифаи *як-як* зарфи таркибии *як ба як* кор фармуда шудааст: Он ғулом берун рафту *як-як* гӯсфандонро мекушту он мавзеъро мепухту пеши ман меоварду ман аз он огоҳ не. Чун берун омадам савор шавам, дидам, ки беруни хона хуни бисёр рехтааст [4, с.12, 54].

г). Такрори ҷонишинҳо. Бояд таъкид намуд, ки ин тарзи калимасозӣ ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва ҳам дар осори «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» каммаҳсул буда, банудрат истифода гардидаанд, ки дар асари илмӣ-таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ» вазифаи зарфи тарзи амал ҳамагӣ ду маротиба истифода гардидааст [7, с.280]. Ин гуна зарфҳои мураккаби пайваст дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ аз ҷониби муаллиф корбаст нашудааст. Б.Шарифов дар ин бобат ду мисолро таҳлил мекунад « …ғулом замон-замон табассуме мекард, сабоҳ ягон-ягон меомад. Дар ин ду мисол исм /замон-замон/ ва ҷонишин /ягон-ягон/ такрор ёфта, дар синтаксис ба вазифаи ҳоли замон меояд ва дар морфология бошад, онҳо ҷой ва мавқеашон тағйирнаёбанда аст, яъне дар дохили ҳиссаҳои нутқ мондан мегиранд» [16, с.182]. Он шаб *ягон-ягон* аз мардуми қалъа баргурехта…[12, с.266-552, 262-521].

ғ). Такрори феълҳо. Б.Ниёзмуҳаммадов, Л.Бузургзода дар «Морфологияи забони тоҷикӣ» дар бобати зарфҳои мураккаби пайвасти такрор феълро низ қайд намудаанд: Шарикон *давон-давон* ба пеши нонвойхона омада истоданд (С. Айнӣ. Дохунда) [13, с.59]. Ҳини қиёс намудани зарфҳои «Баҳористон»-и Ҷомӣ бо забони адабии форсӣ-тоҷикии

қарнҳои XVII-XVIII маълум гардид, ки танҳо ин ҳодисаи грамматикӣ ба «Баҳористон» хос мебошад, вале дар осори илмӣ-таърихии мавриди таҳқиқ аз ҷониби муаллифон корбаст нагардидани он маълум гардид. Бар замми ин, мо, бешубҳа, таъкид карда метавонем, ки чунин усули калимасозӣ ба забони осори «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» хос нестанд: Ҳаким аз он сухан барошуфт ва *хандон-хандон* дар он ошуфтагӣ гуфт: [4, с.26], Дид, ки қурси ноне *гардон-гардон* аз шаҳр берун омад ва рӯй ба саҳро ниҳод [4, с.110].

д). Масъалаи дигари зарфҳои мураккаби пайваст дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Зафарнома» он аст, ки ҳиссаҳои номии нутқи такрор бо воситаи пайвандаки *ва* чида шуда омадаанд, ки дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ хос намебошанд. Ин яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони адабии муосири тоҷикӣ ва осори «Таърихи Байҳақӣ» қарни XI, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва «Маҷмуъ-ут-таворих» қарни XVI мебошад, ки тамоман истифода нагардидаанд: *фавҷ-фавҷ ва хайл-хайл* [12, с.50/96]; *фавҷ-фавҷ ва даста-даста* [12, с.72/140]; *фавҷ-фавҷ, байрақ-байрақ* [15, с.287, 129], *панҷ-панҷ, даҳ-даҳ* [15, с.243, 112]; *чавқ-чавқ, фавҷ-фавҷ* [15, с.243, 113]; *фавҷ-фавҷ, қабила-қабила; гурӯҳ-гурӯҳ, фавҷ-фавҷ* [15, с.99, 54]; *фавҷ-фавҷ, гурӯҳ-гурӯҳ:* ….муаскари зафаринтибоҳ *фавҷ-фавҷ ва хайл-хайл* дар фанои шаҳр банди рутбаи амири комёб фарши тақриб бозиданд…[12, с.50/96]; ….умарои Эрон ва сардорони Тӯрон низ *фавҷ-фавҷ ва даста-даста* ороста эъломи таҳаввуру инод ба ҷониби курраи оташу бод афроштанд [12, с.72/140]; Ҳасбулфармоиши олии ҷамоати лашкарӣ *фавҷ-фавҷ, байрақ-байрақ* аз дарун ва аз берун боруи шаҳри Самарқанд гузашта [15, с.170]; …аз ҳар ҷониби лашкари зафарпайкар *фавҷ-фавҷ ва гурӯҳ-гурӯҳ* аламҳоро ҷилва дода *саф-саф* ёсу баста Қӯрғонро чун нун иҳота намуданд… [15, с.125].

Зарфҳои мураккаби тобеъ: Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» зарфҳои мураккаби тобеъ мисли забони адабии муосир аз ҷиҳати сохт ва услуб монанд мебошанд [7, с.281]. И.Исмоилов чунин шарҳ медиҳад: «ҷузъҳои зарфҳои мураккабе, ки дар натиҷаи такрор бо садонокҳои пайвасткунанда ташкил ёфтаанд, якҷоя навишта мешаванд» [9, с.51]. Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Зафарнома» якчанд зарфҳои мураккаби тобеъ мисли забони адабии муосири тоҷикӣ бо воситаи миёнвандҳои *-о-, -ё-, -она-, -и-* ва *-ба-* сохта шудаанд, ки миёнванди *-о-* ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва ҳам дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII сермаҳсул мебошад [7, с.281]. Бояд гуфт, ки дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ танҳо бо воситаи миёнванди *-о-* зарфи мураккаби тобеъ камобеш корбаст гардидааст ва дигар миёнвандҳои фавқуззикр истифода нагардидаанд: *баробар* [12, с.26/48, 57/110, 258/514]; *паёпай* [12, с.133/264, 142/282; 15, с.45, 119, 123, 137, 256]; *камобеш* [4, с.87, 90; 15, с.239, 308]; *шабонарӯз* [15, с.214]; *шабошаб* [15, с.200, 240, 243]; *пагоҳирӯз* [15, с.51, 108]: …*сарбасар* афтода мулоқӣ шуданд [15,84]; Аз ҷумлаи шуарои мотақаддам аст ва ибтидои «Шоҳнома»-ро вай оғоз кардааст ва бист ҳазор байт *камобеш* гуфта ва Фирдавсӣ онро ба итмом расонида… [4, с.87, 90]; … ҳунари домони тараддуд бар таҳрик устувор намуда, чандин тӯп *паёпай* кушоданд…[12, с.133/264].

Дар роҳи калимасозии зарф ҳиссаҳои гуногуни нутқ (исм, сифат, шумораи миқдорӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ, асосҳои феъл ва қисман зарфҳо) бидуни ягон хел восита ҳамроҳ шуда зарфҳои мураккабро ташкил медиҳанд [9, с.49]. Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII чунин ҳодисаи грамматикӣ хос мебошад: исм+феъл: *маслиҳатомез* [12, с.142/281]; сифат+исм: *парешонхотир* [15, с.227]; ҷонишин+зарф: *дирӯз* [4, с.41], *имшаб* [4, с.62, 61], *имрӯз* [15, с.217]; шумора+исм: *якбор* [15, с.222], *якнавъ* [15, с.32]; шумора+ҷонишин: *дучанд* [15, с.122], зарф+зарф: *пагоҳрӯз* [15, с.239].

И.Исмоилов дар бобати ин гуна калимасозии *имшаб, имрӯз, дирӯз* зарфҳои забони адабии муосири тоҷикӣ чунин мегӯяд: «Зарфҳои *имшаб, имрӯз, имсол,* ки аз шакли қадимии ишораҷонишини *ин* ва исмҳо ташкил ёфтаанд, инчунин зарфҳои мураккаби иқтибосии «қадимулайём, абадулобод, абадуддаҳр»-ро низ ба гурӯҳи зарфҳои мураккаби бо роҳи композитсия сохташуда дохил намудан мумкин аст» [9, с.49]. Бояд зикр намуд, ки зарфҳои арабие, ки аслан музоф ва музофун илайҳ (муайяншаванда ва муайянкунанда) ҳастанд ва ба ҳамин шакли наҳвии арабии худ, вале чун як калимаи мураккаб ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд, дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ роиҷ набуда, вале дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ»,

«Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» ин зарфҳои мураккаби иқтибосии *доимулавқот* [12, с.60/116], *абадуддаҳр* [12, с.58/112, 80/158], *доимулвақт* [12, с.58/112], *доимулафот* [12, с.28/52] дар осори мазкур ба маънии *ҳамеша* омадаанд. Дар асарҳои «Маҷмуъ-ут-таворих» ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ин ҳодисаи грамматикӣ хос набуда, вале дар «Таърихи Байҳақӣ» аз ҷониби муаллиф корбаст гардидаанд: … вукалои муътамиди ӯ *доимулавқот* ба хидмати остони ҷалолатошён ҳозиру мулозим буданд… [12, с.60/116], *Охируламр* ба он диёр тасаллут ёфта…[12, с.20/35], *…шабу рӯз ба ҷаҳду ҷидди тамом* кӯшиш намуда, *ҳамешатулавқот* оҳани сардро ба ҷойи пунк ба мушти худҳо мекӯфтанд [15, с.32, 27, 69, 42], …ӯро ба мулоқоти худ тахсис кард ӯ низ ба муқтазои фурсат захме чанд *маслиҳатомез* фиристод [12, с.142/281], Ҳаворо аз гирдаи адҳам ва ғубори ашҳаби абир низ ва *анбаромез* гардонид [5445а], Ҳеч медонед, ки *дирӯз* аз ин бар ман чӣ гузашта? [4, с.41].

Аъробӣ гуфт: -Аслаҳуллоҳу-л-амир, сирре, ки *дирӯз* миёни ману ту гузаштааст, имрӯз дар ифшои он макӯш [4, с.41], Хоҳаратро хоҳам фиристод, ки *имшаб* дамсозу ҳамрози ту бошад [4, с.62,61].

Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII ва забони адабии муосири тоҷикӣ инчунин бо роҳи синтаксисию морфологӣ низ зарфҳои мураккаб сохта мешаванд, ки алоқаи байни чузъҳояшон бо ин ё он хели алоқаи синтаксисӣ сурат гирифтааст. Бо ин усул асосан, ба воситаи аффиксҳои *-она, -а, -гӣ* ва *-ӣ* зарфҳои мураккаб сохта мешаванд [9, с.52]. Суффикси *-она* ҳам дар «Баҳористон» ва ҳам дар забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII дар ин вазифа назар ба суффиксҳои дигар каммаҳсул мебошад, дар ҳоле ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ он сермаҳсул аст [9, с.52; 7, с.284]. Ва инчунин Ҷон Мейс дар китоби хеш «Persian gammar» дар хусуси калимасозии зарфи мураккаб ҳадс зада, таъкид мекунад, ки аз сифати мураккаби *хушбахт* бо воситаи суффикси *-она* зарфи мураккаби *хушбахтона= fortunately* сохта шудааст [3, с.140]. Ҷомӣ, бо ин ҳама қонеъ нашуда, салтанатро ба хайма ташбеҳ дода, ростиву адлро сутунҳои он мешуморад ва *саволомезона* хитоб мекунад [4, с.6]; Ҷойи шикастаи мустаҳкамиро бо худҳо садду суғур карда, *хотирҷамъона* бо лашкари бекарон ёсу баста истодааст [15, с.194].

Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ зарфҳои мураккаби тобеъ, ки ҷузъи дуюмашон иборат аз феъли ҳол мебошанд, ба таври васеъ корбаст гардида, дар «Зафарнома» ин гуна хусусияти грамматикӣ банудрат истифода шуда, аммо дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Тоҷ-ут-таворих» ин усули сохти калимасозии зарфи мураккаб дучор нагардид: Лоҷарам, сарвари коинот, алайҳи афзал-ус-салавот, *тафохуркунон* (ифтихормандона) мегуфт: «Вулидту фӣ замани-с-султони-л-одил» [4, с.36]; Уштуре *маҳоркашон* дар саҳро мечарид [4, с.114]; Ва чун қавми Салил аз ин воқеа хабар ёфтанд, *ҷомадарону мӯякунон* бишитофтанду он ҳар ду куштаро ба мақобири қабила бурданду дар як қабр ба хок супурданд [4, с.59]; Бархезу он уштури гумшударо *сурогкунон* ба он қабила бигузар ва бо ҳеҷ кас номи ман мабар [4, с.60]; Чун ба Кӯфа азми реҳлат карданд, шуниданд, ки дар рӯзи аввал мегиристу *ҳудокунон (сурудгӯён)* мегуфт [4, с.63]; Бар вай тараҳҳум намуд ва бар пушти худаш савор кард ва худро дар об андохт ва *ошнокунон* рӯй ба ҷониби дигар ниҳод [4, с.107]; Муовия *узрхоҳон* ба вай навишт [4, с.39]; Ба ҷиҳати таъзияи ҳазрати амири ғуфроннишон *нолаафгон* то ба осмон расонида… [15, с.205]; …ба ҳамин дастур ба чандин фарсанг роҳ, *талошкунон* мерафтанд [15, с.214].

Суффикси *-а* мисли забони адабии муосири тоҷикӣ дар осори мазкур аз шумораҳои миқдорӣ, ҷонишинҳо, исму сифатҳо зарфи мураккаб месозад. Муҳаққиқ О.Сулаймонов дар ин хусус чунин таъкид мекунад: «Гоҳе ин пасванд аз таркибҳо зарфҳои мураккаб месозад ва бо ин усул бештар таркибҳои аз шумора ташаккулёфта зарф месозанд: яксара, дуасба, чаҳорасба, якрӯя ва ғайра» [14, с.133]. Ҳини ҷамъоварии мисолҳо маълум гардид, ки дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ин гуна зарфҳои мураккаб мавриди истифода қарор надоранд: *яксола* [15, с.183, 91], *яктарафа* [15, с.184;91], *дубора* [12, с.208/414, 218/434, 15, с.113], *ниммурда* [15, с.305;133], *сеҷониба* [15, с.205;99], *ҳаррӯза* [15, с.93, 98, 126, 252, 274], *баландовоза* [15, с.33, 63, 207, 255], *дигарбора* [15, с.123, 127, 128, 202, 242, 277, 289, 301, 12, с.200/398], *якбора* [15, с.102, 102, 194, 153, 218, 219, 219, 236, 237, 260, 304, 304, 12, с.128/253]: … аз ҷониби вилояти Фаранг *дигарбора* лашкари бекарон омада… [15, с.88]; Ва аз ибтидои маймана то интиҳои майсара як фарсанг роҳ ба зери суми марокиб *якбора* паймуда мегардид [15, с.154]; *дубора* руҳи тоза дар бадани покаш дамонида [15, с.72]; .. шояд

тараддуд намуда *ҳаррӯза* паёпайи ҳамдигар мерасиданд [15, с.132]; Аз рахти саҳими ҳодисаи эшон амон дод, он шаби дайҷур ҳар як *якбора* мутаворӣ гашта, дасти омил аз дилу ҷон шустанд [12, с.128/253]; Ба таҳияи асбоби юриш *дигарбора* муқаййид бошад [12, с.200/398]; Эрдонабек, ки аз назди амири комрон *дубора* ба майдон рафта буд [12, с.208/414].

Аз таҳлили зарфҳои мураккаби «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва забони адабии форсӣ-тоҷикии қарнҳои XVII-XVIII чунин ба хулоса омадан мумкин, ки аз ҷиҳати сохт ва услуби грамматикӣ зарфҳои мураккаб ба забони адабии муосири тоҷикӣ шабоҳат доранд. Дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ такрори исмҳои тоҷикӣ истифода гардида, аммо дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ», «Зафарнома» ва «Тоҷ-ут-таворих» бошад ба ғайр аз такрори исмҳои тоҷикӣ боз исмҳои арабӣ ба ҳайси зарфҳои мураккаби пайваст истифода гардидаанд. Агар дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ такрори феълҳо корбаст гардида бошанд, дар осори «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Зафарнома» ин гуна ҳодисаи грамматикӣ дучор намешавад. Бар замми ин, дар осори қарнҳои мазкур зарфҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи *ва* чида шуда омаданд, ки он ба «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва ҳам ба забони адабии муосири тоҷикӣ хос нест.

Муқарриз: ***Қӯзиева Н.*** – номзади илмҳоифилологӣ,
дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Jones, William. A gammar of the Persian language / William Jones. The ninth edition. – London, 1828. – 283 p.
2. Kuzieva, N.M. The Level of Usage of Arabic Preposition “maa=with, together” in the Tajik Literary Language Referring to the XIX-th Century / N.M. Kuzieva, B.P. Ashrapov // Тенденции развития науки и образования. – 2022. – № 85-5. – P.66-68.
3. Mace, John. Persian gammar / John Mace. – London: New York, 2003. – 223 p.
4. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот А. Афсаҳзод. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. - 139 с.
5. Ашрапов, Б.П. Способы образования суффиксальных наречий в "Тухфат-ул-хони" Мухаммадвафо Карминаги / Б.П. Ашрапов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2015. – № 4-2(163). – С.80-84.
6. Ашрапов, Б.П. Употребление производных арабских наречий в таджикском литературном языке XVIII-го века / Б.П. Ашрапов // Заметки ученого. – 2022. – № 2. – С.42-45.
7. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
8. Ғиесов, Н.И. Вижагиҳои сарфӣ ва наҳвии пайвандакҳо дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII (дар мисоли "Туҳфат-ул-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ) / Н.И. Ғиесов, Б.П. Ашрапов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – № 1(259). – С.280-287.
9. Исмоилов, И. Зарф дар забони адабии ҳозираи тоҷик / И. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 86 с.
10. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмуъ-ут-таворих» / Г. Камолова. - Душанбе: Дониш, 1984. - С.67.
11. Мирмухамедов О.Т. Ҷамъбандии арабӣ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли усули ҷамъбандии солими арабӣ) / О.Т. Мирмухамедов, Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2021. - №6. - С.53-59.
12. Муҳаммадвафои Карминагӣ. Туҳфат-ул-хонӣ. Муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таълиқот ва феҳрастҳои Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов / И.У. Раҳимов, Б.П. Ашрапов. - Хуҷанд: Ношир, 2018. - 390 с. + 586 саҳ. ф. = 976 с.
13. Ниёзмуҳаммадов, Б. Морфологияи забони тоҷикӣ / Б.Ниёзмуҳаммадов, Л.Бузургзода. – Сталинобод: Шуъбаи таълимӣ-методӣ, 1941. – С.57-59.
14. Сулаймонов, О. Хусусиятҳои морфологии «Таърихи Байҳақӣ»: рисолаи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи н. и. филологӣ:10.02.22. / О. Сулаймонов. - Хуҷанд, 2008.
15. Сутуда, Манучеҳр. Зафарномаи Хусравӣ / Манучеҳри Сутуда. Чопи аввал // Оинаи Мерос, 1999. – 316 с.
16. Шарифов, Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ / Б. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 232 с.

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ МОРФОЛОГИИ ЗАРФҲОИ МУРАККАБ

(дар мисоли асари М.Карминагӣ ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ)

Мақола дар мавзуи таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологӣ ва дараҷаи корбурди зарфҳои мураккаб дар мисоли асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ баҳс мекунад. Қайд карда мешавад, ки зарфҳои мураккаб аз рӯйи сохтор дар забони адабии муосири тоҷик ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд, ки инҳо зарфҳои мураккаби пайваст ва тобеъ мебошанд. Гузашта аз ин, аҳамияти таҳқиқи ин мавзуъ дар он аст, ки зарфҳои мураккаби забони адабии муосири тоҷикӣ бо усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва эҳсоӣ баррасӣ шуда, хусусиятҳои фарқкунанди зарфҳои мураккаби ин асари Ҷомӣ бо забони осори илмӣ-таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ» ва «Тоҷ-ут-таворих», ки фарогири воқеаҳои таърихии хонадони

давраи гуногуни қарнҳои XVII-XVIII мебошанд, муқоиса ва равшан карда мешавад. Бояд гуфт, ки яке аз маъмултарин усули сохта шудани зарфҳои мураккаби пайваст дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ» такрори ҳиссаҳои нутқ мебошад. Собит карда мешавад, ки агарчи дар «Баҳористон» такрори исмҳои тоҷикӣ дар ташаккули зарфҳои мураккаби пайваст ба назар расида бошад, аммо дар «Туҳфат-ул-хонӣ» ба ғайр аз такрори исмҳои тоҷикӣ боз вожаҳои арабӣ дар ин хусус хеле фаровон истифода шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили қиёсии зарфҳои мураккаби «Баҳористон»-и Ҷомӣ бо «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ба хулоса омадан мумкин, ки аз ҷиҳати сохт ва услуби грамматикӣ зарфҳои мураккаби осори муқоисашаванда ба забони адабии муосири тоҷикӣ шабоҳат доранд.

Калидвожаҳо: зарф, зарфҳои сохта ва мураккаб, зарфҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, вежагиҳои сарфӣ ва дараҷаи корбурд, «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МОРФОЛОГИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ СЛОЖНЫХ НАРЕЧИЙ

(на примере произведений «Тухфат-уль-хани» М.Карминаги и «Бахористан» Абдуррахмана Джами)

В статье рассматривается вопрос сопоставительного анализа морфологических особенностей и уровня употребления сложных наречий на примере исторических произведений «Тухфат-уль-хани» Мухаммадвафои Карминаги и «Бахористан» Джами. Отмечено, что в современном таджикском литературном языке сложные наречия делятся на две подгруппы по формам, а именно сочинительные и подчинительные сложные наречия. В связи с этим актуальность нашего исследования заключается в рассмотрении составных наречий современного таджикского литературного языка с применением сравнительно-исторических и статистических методов, установлении их отличительных особенностей на основе рассматриваемых научно-исторических произведений, в которых описываются различные исторические события XVII-XVIII вв. Следует отметить, что одним из наиболее распространенных способов образования сложных наречий как в «Бахаристане» Джами, так и в «Тухфат-уль-хани» является повторение частей речи. Доказано, что хотя в «Бахористане» повторы таджикских существительных были отмечены при образовании сложных наречий, но в «Тухфат-ул-хани», кроме повторения таджикских существительных в целом, часто использовались арабские слова. Приводя результат сопоставительного анализа сложных наречий «Бахористан» Джами и «Тухфат-уль-хани» Мухаммадвафои Карминаги, можно прийти к выводу, что по структуре и грамматическому стилю составные наречия соответствующих произведений являются аналогичными современным таджикским литературным языкам.

Ключевые слова: наречия, производные и сложные наречия, сочинительные и подчинительные сложные наречия, морфологические особенности и уровень употребления, «Тухфат-уль-хани» Мухаммадвафои Карминаги, «Бахаристан» Джами.

COMPARATIVE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL PECULIARITIES OF COMPOUND ADVERBS

(on the example of M.Karminagi`s creation and “Bahoristan” by Abdurrahman Jami)

The article under consideration dwells on the issue beset with comparative analysis of morphological peculiarities and the level of usage of compound adverbs on the example of the historical production entitled as “Tuhfat-ul-khani” by Muhammadwafoi Karminagi and “Bahoristan” by Jami. It is underscored that compound adverbs are divided into two sub-groups in term of their structure in modern Tajik literary language, namely coordinative and subordinate compound adverbs. In reference to it, the importance of the corpus of our study lies in consideration of compound adverbs of modern Tajik literary language resorting to comparative-historical and statisticalmethods, determination of their distinguishing peculiarities based on the scientific-historical productions in question including the historical events of various families of the XVII-XVIII centuries. It is worth mentioning that one of the most common ways of formation of compound adverbs in both “Baharistan” by Jami and in “Tuhfat-ul-khani” is repetition of parts of speech. It is proven that although in “Bahoristan” repetition of Tajik nouns were noticed in the formation of compound adverbs, but in “Tuhfat-ul-khani” besides repetition of Tajik nouns, Arabic words were used very abundantly, upon the whole. Adducing the result of an comparative analysis beset with compound adverbs of “Bahoristan” by Jami and “Tuhfat-ul-khani” by Muhammadwafoi Karminagi one can come to the conclusion that in terms of structure and grammatical style the compound adverbs of the correlative works are similar to modern Tajik literary language ones.

Key-words: adverbs, derived and compound adverbs, coordinative and subordinate compound adverbs, morphological peculiarities and level of usage, “Tuhfat-ul-khani” by Muhammadwafoi Karminagi, “Baharistan” by Jami.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлодович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи грамматикаи забони арабӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 929-08-83-44**

Сведения об авторе: ***Ашрапов Баходурджон Пулотович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры грамматики арабского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, прос.Мавлонбекова 1. E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 929-08-83-44**

Information about the author: ***Ashrapov Bahodurjon Pulotovich*** – Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, applicant of the department of Arabic grammar. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand, Trav. Mavlonbekova 1. E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 929-08-83-44**

УДК: 491.550

ОБРАЗНОЕ ЗНАЧЕНИЕ ВО ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦАХ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

Дустзода Х. Дж.
Таджикский национальный университет

Образное значение занимает особое место в семантической системе современного таджикского литературного языка и от других типов значений отличается рядом особенностей. Это значение можно наблюдать в лексических, фразеологических и синтаксических единицах языка, в каждом из которых оно выражается по-разному. Образное значение на основе наиболее отчётливого и выразительного отражения реального образа проявляется преимущественно во фразеологических единицах (ФЕ). Образ является особым выражением языкового значения, которое чаще излагается в форме различных эмоций и оценок. Образ является лучшим способом выражения семантики и предметом изучения различных наук. «Понятие образ, образность является предметом изучения не только лингвистических наук, но и таких, как литература, теория познания, семиотика и психология. Однако это не означает, что в данных областях понятие «образ» имеет дифференцированные значения. Под данным понятием подразумевается отражение реальной жизни в сознании людей в целом, и упомянутые науки изучают различные аспекты этих отражений» [I. 8, с.280-281].

Иными словами, образное значение – это значение, которое выражает образ. Например, в понятиях «ором шудан, ба худ омадан» (успокоиться, опомниться), «ҳама чизу чора, дороӣ» (все что имеется, богатство), «мустақилияти руҳонии худро аз даст додан, корҳои беақлона кардан» (потерять духовную самостоятельность, делать глупости), которые выражаются с помощью фразеологизмов: **нафас рост кардан** (*букв.* выпрямить дыхание) «вздохнуть, передохнуть», **буду нобуд (***букв*. было-не было**)** «всё, что есть» ва **худро гум кардан** (*букв*. потерять самого себя) «растеряться» присутствует именно художественный образ. Если образное значение фразеологизма **нафас рост кардан** основано на метафоричности (=метафора) его конструкции, и к значению «успокоение» примыкает тон вежливости, то образный оттенок фразеологического сочетания **буду нобуд** создаёт образное метафорическое значение «все, что имеется». Образное значение фразеологизма **худро гум кардан** – это яркое ироническое описание значения «ухудшения душевного состояния, колебания душевного или интеллектуального состояния». Например:

Ман расида рафтам ва **нафасамро** базӯр **рост карда**, ба тавре ки тавонистам, арзи ҳол намудам (Я дошел и **еле дыша**, как мог, объяснил ситуацию) [II. 19, с.131]. Инак бо ҳамин саволу ҷавоб ҳамаи **буду нобуди** Бозор аз дасташ рафта, дасту пояш аз замину осмон канда шуда, ба ғуломии бой афтод… (Таким образом, после этих переговоров Бозор потерял **всё, что имел**, его руки и ноги словно были оторваны от земли и неба, и он, как раб, попал в руки бая…) [II. 1, с.70]. – Бозор чанд вақт боз **худашро гум кардааст**, - гуфт дигаре (В последнее время Бозор ходит **растерянным**, – сказал другой) [II. 1, с.64).

В современном языкознании по теме образного значения и его выражения во фразеологических единицах можно встретить немало интересных научных заметок. Примечательно, что в большинстве научных работ по данной теме образ и образное явление трактуются как отдельные явления наиболее приемлемого и чёткого выражения понятий и явлений реального мира. Большинство исследователей поддерживают данную теорию и относят его к фразеологическим единицам языка. На наш взгляд, наличие образного значения во фразеологизмах также свидетельствует о наиболее чётком и ясном отражении в них понятий. Образное значение во фразеологизмах можно назвать высокой степенью выражения понятий. Российский исследователь Мезенин С.М., связывая данный термин с понятием (концептом), подчеркивает, что в любой науке, в которой изучается термин **образ**, он интерпретируется как «отражение предмета». Поскольку понятие образ относится как к эмоциональному, так и к концептуальному отражению, выделяют два типа образа: эмоциональный и концептуальный [I. 9, с.48].

Вышеупомянутый автор среди языковых единиц образность относит больше к фразеологическим единицам, отмечая, что возможностей для выражения образа у них больше. «Образными могут быть устойчивые выражения, реально отражающие объект. Например, слово **заяц** само по себе не обладает образностью. Но это же слово, произнесенное в конкретных обстоятельствах, может создать образ. Называя **зайцем** трусливого человека, мы уже не просто имеем дело со словесным знаком, а в свернутой и образной форме выражаем суждение (этот человек труслив: заяц труслив, следовательно, этот человек подобен зайцу) [I. 9, с.50-51].

Образность – это осознанный процесс использования понятия, происходящий на основе сочетания определенных элементов образа. Если такая гармония между элементами по какой-то причине размывается или нарушается, образ исчезает. Такое единство и согласование средств, которые создают образ, в основном, имеют сравнительный характер. Любой образный процесс по своей логической структуре состоит из трех частей: 1. Говорящий – человек, который в рамках своего мировоззрения и языковых возможностей придает образность тому или иному понятию; 2. Отдельный объект или событие в форме отражения, который имеет определенные отличительные черты, и создаёт благоприятную основу для образного выражения; 3. Основа, то есть общая характеристика предмета и его отражение. Образные языковые средства, охватывающие три упомянутых компонента, в основном являются аллегорией или сравнением [I. 9, с.54]. Такие выражения на основе образных сопоставлений определенных предметов и событий с отличительными особенностями в языке создают особый тип фразеологии – компаративные ФЕ. «Компаративные ФЕ, как и все другие структурные типы ФЕ, имеют концептуальное и переносное значение и выполняют номинативную и оценочную функцию» [I. 2, с.71]. Например, в компаративных фразеологизмах **монанди заргӯши ҳаросон** (*букв.* испуганный как заяц) «испуганный, в бегах», **ба монанди аспи бузӣ** (*букв.* как коза – лошадь) «послушный, покорный», **раққосаки соат барин** (*букв.* как маятник часов) «беспрерывно и равномерный» их образность обеспечивается в зависимости от основных элементов сопоставления – сопоставляемый, сопоставимый и причина сопоставления:

Монанди заргӯши ҳаросони аз таги бута ҷаҳида, байни гандумзор чунон гурехт, ки … (**Как испуганный кролик**, он выскочил из-под куста и так побежал посреди пшеничных полей, …) [II. 17, с.166]. Дар ин мавридҳо мошин ҳам бояд **ба монанди аспи бузӣ** бошад, ба соҳибаш гӯш диҳад… (В этом случае машина тоже должна быть **как коза-лошадь**, слушающая своего хозяина… [II. 11, с.365]. Мардумаки чашмаш **раққосаки соат барин** пайваста дар ҷунбиш (Его зрачки **как маятник часов** постоянно двигаются) [II. 14, с.184].

Если в смысловом содержании слов языка образное значение занимает относительно расплывчатое и неустойчивое положение (исходя из требований текста и речи говорящего), то во фразеологизмах это обстоит иначе. В отличие от слов в содержании фразеологизмов существует особый феномен образности и проявления образного значения. На наш взгляд, если представление образа в звуковой форме слова происходит в рамках ограниченных возможностей описания концепта, то эту ситуацию несколько ярче выражают ФЕ. Иными словами, для выражения образного значения во ФЕ больше предпосылок, нежели в обычных словах. Это может быть связано с тем, что ФЕ образуются из двух или более лексических и грамматических элементов в форме синтаксических единиц, и именно их развёрнутая структура способствует наиболее точному выражению понятия. То есть основным требованием для четкого выражения образного значения в ФЕ является их развёрнутая структура. Для сравнения можно привести примеры различных структурных типов выражений с их лексическими эквивалентами, в которых описание понятия совершенно разное: **дар як чашм задан** (*букв.* в мгновение ока) – сразу, быстро, **мисли обу равған** (*букв.* как вода и масло) – несмешанное, **нигоҳи яхбаста** (*букв.* ледяной взгляд) – недейственный, неэффективный, **дили *касеро* ғорат кардан** (*букв.* отнимать чьё-то сердце) – разочаровать, подвергать в отчаяние:

Асо ҳам дар ду хез худро ба назди дарвоза расонида, **дар як чашм задан** ба даруни роҳрави торик даромад. (Асо в два прыжка добежал до ворот и **в одно мгновение** вошел в темный коридор) [II. 6, с.198]. Онҳо чуноне, ки пайи ҳам чашм ба олам кушода буданд, ҳамон зайл яке думболи дигаре бахти хешро меёфту мерафт, лек падару модар **мисли обу**

равған ҳеҷ бо ҳам намеомехтанд (Они как родились одна за другой, так и одна за другой, находя свое счастье, уходили, но их родители **как вода и масло** так и не смирились друг с другом) [II. 17, с.296]. **Нигоҳи яхбаста** ва беифодаи Сурхак ба шифт андармон, ба ҳар нафасгирӣ хир-хири ҷонхарошаш шунаво, ҳатто омадани ӯро эҳсос накард (**Ледяной** и невыразительный **взгляд** Сурхака был устремлен в потолок, при каждом вздохе были слышны его душераздирающие хрипы, он даже не почувствовал ее приближения) [II. 17, с.299]. Ту гуноҳи маро ҳеҷ бахшида наметавонӣ, чунки ман **дили туро ғорат кардам**, муҳаббати туро барбод додам. (Ты никогда не сможешь простить меня, потому что **я ограбил твое сердце**, я загубил твою любовь) [II. 16, с.6].

Другой российский исследователь, Жуков В. П. подчеркивает, что образное значение в ФЕ-ах особенно проявляется в сравнении с обычными синтаксическими словосочетаниями, имеющими ту же лексическую структуру. Если ФЕ противопоставляется фраза, которая более или менее изменена и по своему лексическому составу схожа с фразеологизмом, то эта ФЕ носит более образный характер [I. 4, с.104].

В процессе общения, в процессе речи первичное (=изначальное) значение не выдерживает давления целостного значения ФЕ. Со временем образ, основанный на том же значении в контексте фразеологии, размывается, а затем полностью исчезает, и в этом случае возникает особый тип фразеологии – идиоматическая единица. В случае потери образности остается лишь связь между внешней звуковой формой и его значением, и на этой основе увеличивается изменение значения составных слов и их превращение в обязательные компоненты внутри фразеологизма.

Следует отметить, что для создания образного фразеологического значения необходимо, чтобы вся ФЕ, имеющая образную основу, была ориентирована на тот или иной объект реального мира. Связь между образным понятием и ФЕ, которая приобрела образное значение на основе образных средств, можно называть устойчивой двусторонней связью. В этом случае понятие образности и фразеологии выступают как две стороны медали, а в случае их разъединения образное значение исчезает. В то же время, только образ, располагающийся на фоне ВФ, представляет выраженный предмет, т.е. в данном случае он выполняет указательную функцию. Иными словами, образ, находящийся в основе ФЕ, признается важным элементом в описании сути понятия (концепта). Он может отражать предмет ярко и четко, а иногда размыто и невнятно. Второй случай очень редкий, во фразеологизмах таджикского языка, в основном, образ отчётливо и ясно отражает предметы и события. Функция образа в описании понятия состоит в том, чтобы представлять предметы и события или любые их выдающиеся особенности лучше и ярче, чем обычно. Эту ситуацию в фразеологизмах можно выразить следующей формулой:

Понятия ⟶ **Образ** ⟶ **Образное понятие в виде ФЕ**

Например, в следующих фразеологизмах, где образное значение является одним из основных элементов их семантического содержания, образ играет ключевую роль в характерном описании понятия (концепта) с помощью таких средств художественного описания, как сравнение, метафора, ирония и гипербола, которые служат в качестве образопорождающих элементов: **шир барин сафед** (*букв.* белый как молоко) «очень чистый, белоснежный» (образ на основе сравнение), **димоғи *касе* сӯхт** (*букв.* чей-то нос горит) «кто-то очень обиделся, расстроился» (образ на основе гиперболы), **як даҳан** (*букв.* один уста) «хотя бы одно слово» (образ на основе иронии), **таноби *касеро* кашидан** (*букв.* дергая за ниточки кого-то) «подчинять кого-то, воспитывать» (образ на основе метафоры):

– Садқаи дастони **шир барин сафедатон** шавам, – гуфтам дасти сап-сафедашро ба дастам гирифта. (– Да буду жертвой твоих **белоснежных рук**, – сказал я, взяв ее белоснежную руку) [II. 16, с.56]. **Димоғи** Латофат аз ин беэътиноӣ ниҳоят **сӯхт**. (От этого пренебрежения Латофат очень сильно **расстроилась)** [II. 17, с.21]. Чанд карат гуноҳ кард, **як даҳан** гап назадӣ (Он столько раз провинился, а ты **ни слова** не сказала) [II. 17, с.30]. … ин қадар марди баобрӯ ва аъзои ҳукумати республика **таноби** як ҷавонзанро **кашида** ва ба итоати худ оварда натавониста, ба ташкилотҳои болоӣ арз кардааст (… такой уважаемый человек и член правительства республики, не сумев **обуздать** и **подчинить себе** молодую женщину, пожаловался вышестоящим организациям) [II. 16, с.72].

Таким образом, в зависимости от отличий и отсутствия образа во фразеологизме можно делать выводы о степени самостоятельности значения его компонентов. Если внутренний образ понимается более или менее четко в ореоле модифицированной фразы того же лексического состава, то ни один компонент этого фразеологизма не сохраняет свою смысловую самостоятельность. Напротив, если внутренний образ не встречается в том или ином фразеологизме, общее значение выражения начинается со значений компонентов, и фразеологическая единица в этом случае становится стилистически самостоятельной. Например, во фразеологизме типа **якпаҳлу хобидан** (лежать на одном боку) общее значение фразеологизма возникает от общего значения компонентов. Во фразеологии типа **забон ёфтан** (найти язык) каждый из компонентов выражения сохраняет свое слабое лексическое значение, а фразеологизм имеет общее аналитическое значение [I. 4, с.111].

Очевидно, что элементы семантического содержания ФЕ взаимосвязаны, и в некоторых группах фразеологизмов они формируются вместе. На этом фоне образность во фразеологии тесно связана с эмоциональными элементами. Можно сказать, что в любом контексте описания образа более или менее присутствуют определенные эмоциональные моменты. Наблюдения показывают, что в смысловом содержании ФЕ таджикского языка эмоциональный элемент чаще сочетается с образным значением. Эта ситуация еще больше усиливает фразеологическое значение и уточняет его выражение с точки зрения образных и эмоциональных нюансов. Русский исследователь Шаховский И.В. рассматривает образность как один из важнейших элементов выражения эмоций во фразеологизмах. По его словам, в этом случае имеется в виду не тот образ, в основе которого лежит имя как неотъемлемая часть образа (этот образ можно очистить и затемнить исходное значение слова), а имеется в виду яркое представление о чем-то. Выразительный компонент может быть образным и нефигуративным, но в обоих случаях он остается денотативным элементом значения [I. 17, 31]. Наличие образных и эмоциональных нюансов в содержании фразеологизмов можно рассматривать как важную особенность фразеологического значении. Его можно интерпретировать в образном эмоциональном значение. Например, в следующих фразеологизмах можно наблюдать как образные, так и эмоциональные оттенки: **курта-курта гӯшт гирифтан** (*букв.* вбирать мясо рубашками) «быть вне себя от радости», **думро хода кардан** (*букв.* виляние хвостом) «со стыдом убежать», **чун саги девона** (*букв.* как бешеный пес) «бессознательно, неосознанно», **гапи бӯйгин** (*букв.* вонючее слово) «скверные слова»:

Ҳаводиси иҷтимоӣ як қисми сужетро ташкил карда, на танҳо боиси ошкор шудани воқеияти замон, балки боиси инкишофи образи бадеӣ гардидаанд. Нависанда гарчанде дар замони кӯдакӣ Исфандиёрро дар назди аҳли деҳ бачаи “бехосият” ва номубораккадам тасвир карда бошад ҳам минбаъд пас аз ба воя расидан, ӯро дастгиру мададгор ва хизматрасони мардум нишон додааст. Бачаи мададрасон будани ӯ аз корҳои шоистааш далолат медиҳад. Ӯ ба дили мардум бо лақаби “Сархӯр”маъво гирифт ва то охири хати сужет бо ин лақаб машҳур гашт. Исфандиёр тафсилоти лақаби худро дарк мекард, вале аз таърихи он бехабар буд. Аввалан ба модар муроҷиат мекунад:

“-Напурс, бачам, аламома тоза накун, напурс,- модар ғамгин мешавад.

-Чаро, оча? Ягон гап ҳаст?

-Ҳеҷ гап нест, бачам, кадоме дар кадом вақте туро Сархӯр гуфтааст, баъд ҳамин ном ба ту мондааст. Сархӯр гапи ганда нест, мон гуфтан гиранд, Худо тану ҷонат сиҳат бошад. ... Аз рӯзе ки туро Сархӯр гуфтем, сарат дарда надидааст, ҷақонаку паронак, назардаро, корбудкунак шудай.

-Не, оча, сархӯр гапи ганда. Касе аз ман ранҷад, таъна мезанад, сархӯр мегӯяд.

-Номаъқул кардаанд, бачам. Сархӯр гӯянд, гуфтан гиранд, ба дилашон, даҳони мардуму дашти Худо, файзи ин номро дидам. Баъзан туро Исфандиёр гуфта гардам, авзоат бечо, касалманд, корҳоят нопешрав мешаванд, файзу баракати хона мепарад, одамон як коса авқоти меовардагиашона дигар намебиёранд, мурғом аз тухм мемонанд. Бовар кун, бачам, ҳамин хел мешавад, таҷриба кардам. Мон, туро Сархӯр гӯянд” [1, с.13].

Бо вуҷуди “сархӯр” будан аз саҳифаҳои аввали роман бармеояд, ки ӯ бо дилбариву дилёбӣ, самимияту садоқат нисбати ҳамдеҳагон ва меҳнати ҳалолаш дӯстдори мардум гашта буд, ҳар кореро, ки ба ӯ мефармуданд аз дилу ҷон мекард бинобар ин ҳама Сархӯрро дӯст медоштанд ва ҳаракат мекарданд, ки хоҳиши ӯро иҷро намоянд. Аввалин шахсе, ки лақаби Исфандиёрро барояш гуфта дод, Ӯзбакхоҷа буд:

“Сархӯр ҳамон рӯз ҷонро аз худ нагуфта, аз пагоҳ то бегоҳ коҳу ҳезумҳои бобои Ӯзбакхоҷаро дар коҳдону ҳезумхонаашон ҷобаҷо кард, баъд назди ӯ, ки рӯӣ суфа нишаста китоб мехонд, рафт.

-Корҳоят буд шуд? Акнун дуо диҳед, мегӯӣ, бачам? – бобо сар аз болои китоб бардошт.

-Не, бобо... Шумо ба ман гӯед, ки чаро маро сархӯр мегӯянд, ин ҷо чӣ гап ҳаст? – Сархӯр аракҳои сару рӯяшро, ки ҳанӯз хастагиаш набаромада буд, пок карда ба суолаш ҷавоб хост” [1, с.14].

Исрори қатъии кӯдак пирамардро водор намуд, ки асли воқеаро дар бораи марги пурфоҷеаи хонадон барояш нақл намояд:

“Чи шуда, нашуда, ки падари Сархӯр як одами бедард, бекасал сар ба болин мемонаду мемирад. Аз рӯзи дафни Маҳрам – падари Сархӯр як-ду рӯз нагузашта, сиёҳӣ дур нашуда, ... мурдаи ду духтари қадрасаш Фотимаю Зуҳроро аз дарвоза даровардаанд, ки ба садамаи автомобилӣ дучор шуда буданд” [1, с.15].

“Сархӯр” лақаб гирифтани кӯдаки бегуноҳ низ аз ҳамин фоҷеаҳои зиндагии оилааш бармеояд. Фоҷиаҳои асосии дар як хонадон омада ба тамоми деҳа ва ба ояндаи бача таъсирпазир гашт. Нависанда олами ботини қаҳрамонро тасвир намуда, ҳиссиёти пурҳаяҷони вайро ба силки тасвир кашид ва фикру хаёлҳои гуногуни ба сар омадаашро ба қалам дод: танҳо “баъди ҳикояти бобои Ӯзбакхоҷа ба Сархӯр ном гирифтанаш Исфандиёр тан дод, дигар малол намешуд, ки ӯро Сархӯр гӯянд”.

Табиатан Сархӯр бачае буд, ки балову фалокатҳои пешомадаро бартараф мекард. Аҳли деҳа сифати Сархӯрро мекарданд вай ҳамеша дар забони гуфтугӯи мардум буд: “бачаи кампири Санам... Сархӯр мегӯянд, бачаи аҷоибе, мисле, ки ӯ ягона, дар миёни бачаҳои деҳа ӯ баринаш набуда.

-Назари Худо ба ӯ шуда...” [1, с.12].

Одатан нависандагон ба қаҳрамонҳои хоҳ мусбат ва хоҳ манфии асари худ мувофиқи кирду кор, хислату рафтор ва гуфторашон ном мегузоранд ва мақсаду мароми хешро ба воситаи қаҳрамонҳои марказии асар ифода месозанд. Масалан, Абдулҳамиди Самад дар романи “Гардиши девбод” [3] исми яке аз образҳо Некномро бо он мақсад гузошт, ки бо номи некаш дар байни мардум маъруфият пайдо намояд, дар оянда некандешу, некхоҳ бошад, ё Дилёб – дилбару дилёби одамон шавад ва маҳбуби халқ гардад ва ғайраҳо. Вале Кароматуллоҳи Мирзо дар романи “Ишқи Сархӯр” Исфандиёрро Сархӯр лақаб дода бошад ҳам, бар хилофи тахаллус вай ҷондеҳ, ҷонбахши якчанд нафар гардид. Ӯро нависанда на “сархӯр”, балки рӯҳафзову ҷонафшон, зиндагибахш ва ҳамдами аҳли деҳа меномад, ки ҳар як амали вай бозгӯкунандаи матлаби дар фавқ зикршуда аст.

Мақсад ва муддаои офариниши вақоеи асар ба воситаи ҳаводиси рӯзгори мардуми деҳот тасвир шуда, симои Сархӯр ҳалкунандаи проблемаҳои ба миён омада мебошад. Дар роман чаҳор ҳодисаи фоҷеабор инъикос ёфтааст, ки Сархӯр бо чусту чолокӣ, қаҳрамонӣ ва ҳисси инсонпарвариву масъулиятшиносӣ фоҷеаҳои ба сари мардум омадаро бартараф мекунад. Дар мавриди аввал гову гӯсолаи бобои Назарро аз марг наҷот дод:

1. Замоне, ки Сархӯр дар синфи панҷ ё шаш мехонд гов бо гусолааш “дар сари қуллаи якторае куҳ дармонд”. Ягон нафар тасаввур карда наметавонистанд, ки гов бо гӯсолааш бо кадом роҳ ба куҳи бадвоҳима баромадааст. Ҷонварон гоҳ-гоҳе баос мезаданд, мадад мехостанд, аммо имкони ба танаи куҳи баланди оинасон, лағжон пой монию боло шавӣ набуд. Бар замми ин “куҳ пури гургу хирс, ҳазор хел ҷондор” буд ва имконияти халос кардани гӯсолаву гов набуд. Мушкилкушои Бобои Назар Сархӯр гардид. Вай ба вазнинии роҳи пешомада нигоҳ накарда, ба болои кӯҳ баромад, моли дармондаро аз марг наҷот дода, боиси хурсандии на танҳо оила, балки бошандагони деҳа гашта буд:

“Гусолааш ҳам пайдо шуд, бандаш дар дасти Сархӯр, дар дасти дигари Сархӯр як дангали дароз, бо он говро пешандоз карда меомад.

-Вай Сархӯр аст? – Зани Бобои Назар кампири Низорамоҳ ба чашмонаш бовар намекард.

-Ҳа, оча, бахудо худаш, Сархӯр, - Гулзираи духтари хурдӣ чапак зад.

-Гова ёфта овардааст?

-Дина ба дадам гуфта буд, ки говтона гирифта мебиёрам, дадам вайро заданд, ҳақорат карданд.

-Худо занад ин дадаи туя, феълаш бад, гизала, бадқаҳр.

-Бечора Сархӯр, ҷона аз худ нагуфта кӯҳ баромадааст” [1, с.18].

Бар ивази ин қаҳрамонӣ Бобои Назар ширинихоии зиёдро барои Сархӯр доданӣ шуд, вале ӯ рад кард. Дар назди қавм духтараш Гулзираро баъд аз ба балоғат расидан ба занӣ пешниҳод кард, лекин Сархӯр на духтар, балки гӯсолаашро гирифтанӣ шуд.

Нависанда дар асар хислати Бобои Назарро дар ду ҳолат, замоне, ки моли ӯро Сархӯр аз кӯҳ фаровард ва таърифу тавсифҳои зиёд шунид ва дигар пас аз рад кардани духтараш, нишон медиҳад. Дар зиндагӣ бо ин тоифаи одамон вохӯрдан мумкин аст, ки муаллифи асар онҳоро ба тозиёнаи танқид гирифтааст:

“-Ту Гулзираро намегирам мегӯӣ? Ба ту сағераи дарбадар, дар таги девор мондагӣ, бесоҳиб, ман духтар диҳам гӯям «намегирам» мегӯӣ? Вой, вой, вое, агар рости гапро гӯям, медонӣ падарат чӣ одаме буд? Як умр подабон, хизматгор, ғулом буд, аз сагу мурғ қарздор, қарзу қавола катӣ аз олам гузашт. Модарат ҳам почаканда, нонталаб. Зот ба зотатон камбағал, ба ту зан намедиҳанд, ноз накун, Гулзира гӯй, гӯсола нагӯй” [1, с.20].

2. Воқеаи дуюме, ки аз тарафи нависанда ба силки тасвир кашида шудааст нақоти ҳамсинфаш Нигора аз хонаи оташгирифтаистода мебошад. Ақлу заковат, кордонӣ ва дар қавлаш устувор будани Сархӯр боиси муҳаббати зиёди мардум гашт. Тафсилоти ҳодиса аз забони модари духтар, ки ба шавҳараш муроҷиат мекунад, нақл шудааст:

“-Духтарамон дар алов месӯхту ҳеҷ кадомамон коре карда наметавонистем, аловкушҳо ҳам тан ба тақдири ҳақ доданд, умедҳо канда шуд. Гуфтанд, ки Нигора ҳайф шуд, гуфтанд, ки Худо раҳматаш кунад. ...«аз Нигора мондем», гуфта рӯю мӯй кандам. Баъд дар ҳамин дам дида будед, ки чӣ гап шуд. Ҳамин Сархӯрро Худо аз куҷое расонд. Шунид, ки Нигораи ҳамсинфаш дар даруни алов, девона шуд. Дидед, ки чӣ кор кард? Мисли шумо, падараш ғами ҷони худашро нахӯрд, сӯхта мемурам нагуфт. «Наход Нигора дар даруни алов мондааст?» об пурсид, сатил-сатил обро ба сараш рехта, ҷомаашро ҳам тар кард, онро ба сар кашида ақиб гашт. «Эй бача, ту чӣ кор карда истодаӣ? Месӯзӣ, мемурӣ», пеши роҳашро гирифтанд. Аммо вай ба ҳеҷ кас гӯш надода ба хона, ба даруни алов зада даромад. ... Дидем, ки Нигора дар бағал, дар сар то қадами худаш алов, мисли як аловдаста тарафи кӯли об шуд. Нигораро ба об андохт, одамон ба имдоди худи ӯ давида, алови даргирони ҷомаю либосҳояшро мекуштанд. Дидем, ки қариб ягон ҷойи Нигора насӯхта, аммо худи Сархӯр сӯхта, чанд рӯз дар беморхона хобид” [1, с.22].

Нависанда диловариву фидокории Сархӯрро бо санъати тазоду муқобала моҳирона корбаст намуда, “қариб ягон ҷойи Нигора насӯхта, аммо худи Сархӯр сӯхтан”-ашро таъкид мекунад, ки он аз муносибати баланди инсондӯстии қаҳрамон гувоҳӣ медиҳад. Вай ба монанди дигар ҳамдеҳагон, хоссатан падари духтар, ки бо айби ӯ сӯхтор (дар натиҷаи папироскашӣ –З.Ӯ.) сар зада буду нависанда бо ин роҳ ҳамаро ҳушдор медиҳад, метавонист фоҷеаро бо чашми сар тамошо кунад, вале ором ба он нигоҳ карда натавонист, дарҳол илоҷи воқеаро ҷуст “сатил-сатил обро ба сараш рехта, ҷомаашро ҳам тар кард, онро ба сар кашида” [1, с.22] ва бо ин роҳ духтарро аз марг нақот дод. Пас аз ин ҳодиса модар мехоҳад, ки Нигораро ба Сархӯр ба занӣ диҳад. Ин дуюмин пешниҳод барои издивоҷи Сархӯру Нигора буд. Сархӯр ҷавонмарди инсондӯсту некниҳод буд, бинобар ин бо ӯ ҷуфти муносиб шудани фарзандон орзуву омоли ҳар падару модар ба ҳисоб мерафт.

Ҳамзамон, возеҳ аст, ки осори бадеӣ аз ҳодисаву воқеаҳои ҳаётӣ ба вуҷуд омада, нависанда ба он либоси бадеияту тахайюл пӯшонида ба онҳо ҷузъиёти зиёдеро ворид сохта, чунон устодона ба батни сюжети асар ворид мекунад, ки аксаран аз ҳам ҷудо кардани воқеаҳои асл ва тахайюл имконнопазир аст. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло масъалаи таносуби тахайюли бадеӣ ва воқеият ба миён меояд. Танҳо дар сурати дурусту саҳеҳ ҳал кардани ин масъала ба нависанда муяссар мегардад, ки асари бадеии асил ва ҷолибу мондагор эҷод намояд.

3. Нависандаи маъруфи тоҷик Кароматуллоҳи Мирзо проблемаҳои имрӯзи зиндагиро, ки баъзан аз беаҳамиятии ҷавонон содир мешавад (дар назди дарё дар болои санг бо телефон сурат гирифтани Гулнора дар назар аст – З.Ӯ.) ба силки тасвир кашида, онро дар симои Гулнора -донишҷӯи Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ нишон медиҳад. Дар ин мавриди низ Сархӯр Гулнораро аз қаъри дарёи Кофарниҳон, ки дар ҳолати ғарқшавӣ қарор дошт, нақот медиҳад. Нависанда дар ин навбат ҳам таъкид менамояд, ки “дар лаби

дарё доду фарёд, одамон тарафи ӯ медавиданд”, вале илоҷи халосӣ набуд. Баъди дар беморхона ба ҳуш омадан фаҳмид, ки Сархӯр аз ҷонаш гузашта, худашро ба дарё андохта, Гулнораро “аз ҷӯши дарёи Кофарниҳон” баровардааст. Пас аз ин қаҳрамонӣ “дар он лаҳзаҳо фикре ба сараш омада, ки агар ҷавон мепазируфт, худро садқаи сари ӯ менамуд” [1, с.41]. Вале Сархӯр Гулнораро апа хонд.

4. Яке аз задухӯрдҳои роман, ки дар асоси моҷарои байни Лутфия ва Фахрӣ ба миён меояд боиси инкишофи сужет мегардад. Садамаҳои дар роман ба вуқӯъ пайваста дар атрофи як масъалаи асосӣ “Қарори ҳукумат дар масъалаи никоҳи байни хешу таборӣ” оғоз гардида, ҳодисаву садамаҳои дигар вобаста ба он ҳал мешаванд. Нависанда таъкид мекунад, ки қарори зикршуда “...як ғамхорӣ, як роҳнамоӣ баҳри одамон аст. Ба замми ин ки тифлон зарар мебинанд, носолим ба дунё меоянд, умре ранҷур, дастнигар, муҳтоҷ… Ин никоҳ гоҳе теша ба решаи хешию таборӣ, апаю хоҳарӣ, акагию додарӣ ҳам мешавад” [1, с.3].

Масъалаи пешгузоштаи нависанда гувоҳӣ аз он медиҳад, ки романи “Ишқи Сархӯр” як навъ дастгирӣ нисбати қарори зикрёфтаи ҳукумат ва кушодани масъалаҳои доғи рӯз мебошад. Дар дарунмояи асар масоили ҳалталаби ҷомеа бо воқеаву образҳои гуногун тавъам ба миён омадаанд. Агар муаммои дар фавқ зикр кардаи нависанда, яъне аз алов баровардани духтарҳо (дар мисоли Нигора), аз дарё одамро раҳонидан (дар мисоли Гулнора) аз тасодуфан ба амал омадани воқеа ва ё аз беаҳамиятии бархе одамон дарак диҳад, ба худкушӣ даст задани ҷавонон ва ба ҷони худ ҷабр кардани онҳо яке аз проблемаҳои аввалиндараҷа дар замони муосир мебошад. Муаллифи асар маҳз ҳамин муамморо ба риштаи тасвир кашида, ҷавононро дар роҳи ҳаётдӯстиву, меҳанпарастӣ ва инсонпарварӣ тарбият карданист, ки намунаи олии он образи Сархӯр ба ҳисоб меравад.

4. Нависанда бо сабку услуби баланди нигорандагӣ қаҳрамониҳои Сархӯрро дар мавриди наҷоти Лутфия, ки ба ҷарии Говкушон барои ҷамъ овардани ҳезум рафта буд, аз назари худи қаҳрамон мегузаронад. Дар ин маврид муаллифи асар ғояи баланди инсондӯстии Сархӯрро нишон дода, манфиатҳои ҷомеаро аз суди шахсии худ боло мондани қаҳрамони марказиро ифода кардааст. Нависанда Сархӯри ҷонсахт, “сагҷон”-ро, ки бо машқу тамрин худро дар ҳамин азобҳо тарбият мекард, ба тасвир гирифта, дар баробари он бо амри дил ба ҷо овардани қаҳрамониҳояшро бо дараҷаи баланди нигорандагӣ ба силки тасвир кашидааст:

“Сархӯр худашро намебахшад, якумр аз худ норизо, ки аз уҳдаи наҷот додани духтар набаромад, сустӣ кард. Ҳайф. Ӯ аз алов бароварда буд духтарҳоро, аз ҷӯши дарёи Кофарниҳон ҳам одамро раҳонд, морро дар танаи чинор аз ҳечааш дошт, ба поён партофт, ки одамон як соли дароз аз паи куштанаш буданд. Лек танаи ҷар аз алов, аз дарё, аз мор хавфовар. Дар такопӯ афтод, рӯ ба болои ҷар дастонашро ба ду тараф ёзонд, ба ду тараф қулоч кашид. Сархӯр омода, тайёр, сонияҳо, лаҳзаҳо... Аз сари ҷар ғелид духтар, сарозер меомад. Садои даҳшатовар, гӯё ҷари одамхӯр овоз бароварда. Чанги хок ба осмон, регу сангпораҳо ба сар мерехтанд” [1, с.29].

Муаллиф моҳирона пайванди зиндагии модару писарро, яъне Санаму Сархӯрро, замони аз селоб гузаштани Сархӯр ва ба фалокат дучор омадани вай ба қалам додааст. Маҳз дар ҳамин давра аз назари қаҳрамон мисли навори филм тамоми корнамоиҳояш пеши назар омад: “Аз қуллаи куҳ ғелон ҳам гашт, барои гови бо гӯсолаи Бобои Назар. Хурд буд, гӯсоларо мегирам, гуфту Гулзираро не. Гулзира калон, духтари зебои деҳа шуд. Ҳуши модари Сархӯр ба ӯ кашол, ки келин кунад. Гулзира хандида гуфтааст: “Хола, бачаи шумо Гулзираро не, гӯсоларо мегирам, гуфта буд”. Нигораро аз даруни алов бароварда. Аммо ӯ зангир набуд. Ҳоло ӯ дар оғӯши сел, Сархӯрро сел мебарад, то марг як лаҳза, ӯ бояд зинда монад, бори ғами модар нашавад, ба Лутфия “Меоям, бармегардам” гуфта ваъда дода.

Хати сужети асар Сархӯрро ба фалокат дучор намуд, гӯё зиндагӣ барояш тамом шудааст. Қаҳрамони марказӣ дар вақти ба ҳодисаи шуми накбатовар гирифтор шудан танҳо ду нафарро дар ёд нигоҳ медошт, ки барояш хеле азиз буданд, яке Санам - модараш ва дигаре Лутфия, ки бо як дидан ба дилаш ҷо шуда буд. Дар хаёлаш боз модар ва ҳамон духтаре, ки вақти ғарқ шудан овози ӯро мешунид: “Интизор мешавам, Исфандиёр, интизор мешавам, интизор!”ва ӯ низ фарёд мезад: “Меоям, Лутфия, меоям!” На, на, ӯ бояд

ғарқ нашавад, ӯ намемирад” [1, с.29]. Маҳз боварӣ ба худ ба вай неруву қудрати аз мусибат баромадан дод.

Романи “Ишқи Сархӯр” бузургҳаҷм набошад ҳам, хеле сервоқеа аст, ки дар ҳаводиси рӯзгори тасвиршуда шахсиятҳои зиёде иштирок менамоянд. Дар асар масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии мардуми тоҷик ба воситаи воқеаҳои зиёди ҳалталаб ва образҳои гуногуни асар, ки ба як ҳисоб адади умумии онҳо ба 58 нафар мерасанд, бозгӯ шудааст. Дар роман нависанда ба қаҳрамонони алоҳида аҳамияти аввалиндараҷа дода, онҳоро муфассалтар тасвир намудааст. Ғайр аз қаҳрамони асосӣ Сархӯр персонажҳои дигар Санам, Лутфия, Ӯзбакхоҷа, Гулнора ва монанди онҳо амал мекунанд, ки нависанда ба воситаи тасвири ҳар кадоми онҳо як масъалаи муҳимми ҷомеаро ба миён оварда, моҳияти образҳои фавқуззикрро дуруст дарк намуда, доир ба муҳимтарин ҳодисаҳои иҷтимоии замони муосир маълумот додааст. Ҳар як образҳои асар типи муайяни ҷомеа буда, сифат ва хислатҳои шахсии онҳо ба хубӣ зоҳир гаштааст. Образҳои дуюмдараҷа дар роман 43 ададро ташкил медиҳад, ки онҳо ба гуруҳи персонажҳои ёрирасон дохил мешаванд. Онҳо бевосита ё ба воситае дар ҳаёти қаҳрамони марказӣ роли муҳим бозида, барои пурра кардани симои Сархӯр хизмат менамоянд. Персонажҳои лаҳзавӣ бошад 13 нафарро ташкил карда, танҳо дар як маврид тасвир шудаанд. Ҳама якҷоя образи халқро ба миён оварда, муаммоҳои пешомадаро бо ҳамдастӣ яке бо дигаре ҳаллу фасл менамоянд.

Образҳои дар фавқ зикр шуда хатҳои сужетро ба ҳам пайвастаанд. Воқеаеҳое, ки аз муносибати ин образҳо ба амал омадаанд, на танҳо боиси инкишофи сужет гардидааст, балки барои зоҳир шудани хислат ва характери онҳо аҳамияти калон касб кардааст. Ӯзбакхоҷа дар радифи персонажҳои чандумдараҷа бошад ҳам, лекин хонанда аз тасвири нависанда, ки эҳтиром ва меҳри беандоза нисбати ӯ дошт, эшонро ба қатори аввал баровардааст. “Ӯзбакхоҷае, ки обрӯяш дар олам, он касро сӯфӣ мехонданд, сӯфии пок, худотарс, худаш ҳам аз ин ному нишон менозид”. Ӯ шахси бомаърифат, тақводору ботамкин буда, бо либосҳои озодаву шинам ва хислати наҷиби инсонӣ дар байни ҳамдеҳагон обрӯву эътибори хосса дошт. Нафаре дармонда гардад ҳатман аз ӯ маслиҳат мепурсид ва аз рӯи гуфтаи вай амал мекард, ин нишонаи боэътимоди ҳамдиёронро нисбати вай собит месозад.

Карoматуллоҳи Мирзо барои пурратар нишон додани симои Сархӯр образҳои Бобои Назар ва Бобои Абдураҳимро ба таври аҳсан ба тасвир кашидааст.

Нависанда дар роман на танҳо ҳаводиси зиёди марбут ба ҳаёти одамонро дар ҷомеа корбаст намудааст, балки бо шахсони воқеӣ ҳамсӯҳбат ва ҳолдон гашта, дар тақдири бачагоне, ки дар оилаҳои ба ҷудоӣ афтода тарбият ёфтаанд, бо дарди дил сухан мекунад ва аз қисмати вазнини онҳо ғамзада мегардад. Зеро худ аз овони кӯдакӣ ба гирудорҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ гашта, тамъи талхи ҷудоиро аз падар чашида буд. Карoматуллоҳи Мирзо дар мусоҳибае, ки бо Бузургмеҳри Баҳодур ба миён овардааст, чунин мегӯяд:

“Агар бигӯем, ки дар ин рӯзҳои мо дар дунё аз ҳама бештар кӯдакон, хурдсолону наврасон азоб мебинанд, сарсону саргардон саҳв намешавад. Як сабаби асосӣ аз нопойдории оила, оилаҳо вайрон мешаванд, азоб ба сари тифлон, зиндаятим мемонанд. Ҷабр ба ҷони тифл аз ҷониби модар ё аз ҷониби падар, ё бо айби ҳарду тараф, айби тарафайн, аз соз наомаданашон зиндагии осуда барҳам хӯрда...”.

Зиндагӣ қонуниятҳои худро дорад, ки бо амри он инсон рисолати худро дар ҳаёт идома медиҳад. Дар дунё оилаҳое ҳастанд, ки фарзандон аз навозиши падару модар ва ё яке аз онҳо маҳрум мондаанд. Дар романи “Ишқи Сархӯр” тимсоли ҳамин гуна шахси ҷафодида Санам аст, ки дар се рӯзи даргузашти модар падар ба хона зани дигареро овард, ҳамонеро, ки бо ҳамсараш дар вақти зинда будан созандагӣ надошт, байнашон ҳамеша душманӣ буд, “шавҳаратро мегирам”, гуфта ҳар гоҳ бо модари Санам таҳдид намуда, ҷанҷолу харҳаша мебардошт.

Пас аз вафоти ҳамсар падари Санам Давлатмурод ба хона Гулрезаро бо ду духтараш оварда, фарзанди худро аз дар берун кард:

“-Вай танҳо не, аз мурдани очат се рӯз нагузашта, оби сари очат хушк нашуда дадот зан гирифт, ба хона зан мебиёрад.

-Дурӯғ, ман намемонам дадам зан гирад, ман зани дадама мезанам, мекушам.

-Холаи Гулреза гирифт дадат” [1, с.43].

Дили Санам ба модари аз дунёи кунунӣ рафта сӯхт, ба хонаи модари ӯ акнун Гулрез медарояд, соҳиби кӯрпаю болин, чизу чораи вай мешавад.

Образҳои манфӣ аз қабили Гулреза, Фахрӣ, Фурқат ва ғайра қувваҳои муайяни ҷомеаро ифода менамоянд. Барои дарки муҳимтарин ҳаводиси иҷтимоии давр образҳои манфӣ низ аҳамият доранд. Яке аз ҳамин гуна шахсиятҳои кинапарвар Гулреза аст, ки бо тинати манфури худ дар байни ҳамдеҳагон маълум буд, ки аз аввали хати сужети роман то ба охир бо хисоли нопоки худ амал мекунад. Гулрез дар вақти зинда будани модари Санам ҳамеша бо ӯ дар ҷанҷол буд "аз таги пӯсти вай даромада ба хонаи онҳо пой тоза кард, дарундаро шуда, теша ба решаи зиндагии осудаи модари вай зад, то шавҳарашро аз худ кунад, аз ӯ ниқор ситонад, баъд ба ӯ гӯяд, ки ана дидӣ, Замира (модари Санам –З.Ӯ.), ман ба ту чӣ кардам, бо ман бозӣ макун, рӯзатро сиёҳ мекунам, ман Гулрез" [1, с.46]. Падар ба духтар рӯйи хуш надод, ғами ҷонашро нахӯрд, дашном дод, қабеҳ гуфт, чашмонаш оташбор, гӯё ӯ ҳамон падараш набуд, ки бо меҳрубонӣ вайро дар паҳлуяш мехобонд, мебӯсид, то хобаш бурдан ба ӯ афсона мегуфт. Вай дигар ба Санам падар намешавад.

Чунин воқеаҳои фоҷеабор, мутаассифона, дар ҷомеаи имрӯзаи мо низ дида мешавад. Бинобар ин, Карокатуллоҳи Мирзо ҳамчун нависандаи соҳибмаҳорат барои бартараф кардани хусуматҳои ҷомеа кӯшиш ба харҷ медиҳад. Образи Санам ҳамчун духтари ситамдидаву мазлум дар асар арзи ҳастӣ намуда, бозгӯкунандаи ранҷу кулфати волидайн нисбати фарзанд мебошад. Дар ҳақиқат, рӯзи Санам пас аз омадани модарандар сиёҳ шуд. Ӯ танҳо духтарони худ Маҳинаю Моҳрӯро ба зери парвариш гирифта буд. Образҳои фавқуззикр дар асар образҳои нофаъол буда, танҳо аз нигоҳи Санам ва Гулрез фаъолият доранд. Дар радифи Маҳинаву Моҳрӯ дар роман Робияву Райҳона -духтарони холаи Санам низ образҳои камфаъоланд ва танҳо барои нишон додани олами ботини Санами хурдсол корбаст шудаанд.

Нависанда бо офаридани образи Санам фарзандонеро, ки аз овони кӯдакӣ аз лутфу муҳаббати модар барвақт маҳрум шудаанд, тасвир карда, дар оянда бо азобу уқубат бошад ҳам ба мурод расидани онҳоро таъкид кардааст. Карокатуллоҳи Мирзо бо эҷоди симои Сархӯр, ки ҳамеша дилбару ғамбарори модар буд, ояндаи Санами ҷафодидаро нек арзёбӣ кардааст.

Карокатуллоҳи Мирзо дар роман образи Фахриро офарида, дар симои ӯ булҳавасони "роҳи ишқ"-ро дар ҷамъият нишон додааст ва таъкид бар он мекунад, ки маҳз ҳамин гуна нафарон сабабгори аз байн рафтани оилаҳои зиёди ҷомеа мегарданд. Муаллифи асар дар ихтимом симои манфури Фахриро аз забони падараш кушода, ҳолати зоҳиру ботинии ӯро ба хонанда маълум менамояд. Барои Фахрӣ барин нокасон Лутфияву Мӯнисаҳои замони муосир даст ба худкушӣ мезананд ва ҷони ҷавони худро ба хатар мегузоранд. Бо офаридани образи Фахрӣ нависанда ба вежа духтаронро ҳушдор медиҳад, ки ба ин тоифа одамон муносибати дӯстона накунанд, зеро аз дасти ҳамин гуна нокасон оилаи чандин нафар инсонҳо вайрону мотамзада мешаванд. Суханони падари Фахрӣ ифодакунандаи хислату хӯ ва рӯзгори нобасомони писари гумроҳшуда аст, ки бо вуҷуди худ зараррасони ҷомеа гаштааст. Барои он ки хонандаи закифаҳм аз образи Фахрӣ ба хубӣ бархӯрдор шавад, монологи падарро ба пуррагӣ меорем:

"Намедонам ту чӣ бача, чӣ балое рӯидӣ, номбадӣ. Ба ҳамин духтарҳои бечора ҳайронам, ки чӣ ҷиҳати туя дида саломи туя алайк мегиранд. – Ғазаби падар афзуда мегуфт: - Аз дасти ту кампири Солеҳамоҳ нолон, духтари хона-набарааш Соробегимро бароварда бурдӣ, овоза шуд, номзад дошт, аз фотиҳа гашт. Барои келин шудани вай дигар ҳеҷ кас по пеш наменомад, бахташро сӯхтӣ. Вай номзади бачаи Сӯфисанг будааст, Сӯфӣ аз ман рӯй тофтааст, бачааш аз Русия омадааст, дина дар пеши одами бисёр аз ришам гирифт, "бачата мекушам", гуфта гаштааст, гапи духтари холаат Лутфия аз даҳон намондааст, вайро куштӣ мегӯянд, дар хонаашон ғирев. Ҳамаи ин бас набуд, ки боз байту ғазали нав, ба духтари вазир гап додӣ, ҳамин лаҳзаҳо вай меояд, қиёмат қоим мегардад. Пои ман ҳам дар ин ҷанҷолҳои ту ғеҷид. Барои ману ту дар ин маҳалла, дар миёни мардум ҷой намонд, дигар рӯи одамоя набинам мегӯям. Зиндагӣ бароям тамом, нанг дорам, номус дорам, наметавонам, бачам, ман сарма гирифта меравам, - падар, ки рӯ-рӯи хона қадам мемонд, ҷомаашро аз сари мех гирифт, "меравам", гуфт" [2, с.44].

Дар аксар маврид нависанда факту санаду хабари воқеиро чун асос мепазирад ва ба онҳо тағйироту дигаргуниҳо дароварда, обу ранги бадеӣ дода, мувофиқи мақсаду нияти эҷодии худ истифода мебарад. Ва хеле ҷолиб аст, ки чунин вақое аз ҷумлаи хатҳои асосии сужети роман гардидаанд. Муошиқати Фахриву Мӯниса, ки духтари вазир аст, дер давом намекунад ва ӯ ҷавондухтарро дар нимароҳи зиндагӣ, пеш аз тӯи арӯсиаш гузошта, худ ҳамроҳи падар фирор мекунад. Тақдири Муниса дар асар маълум нест вай дар назди дуроҳаи зиндагӣ истодааст ва аз мазмуни сужет бармеояд, ки монанди Лутфия даст ба худкушӣ заданист.

Муқоисаи қаҳрамонони асар Сархӯр бо Фахрии булҳавас дар мавриди Лутфия ва Сархӯр бо Фурқати тарсу нисбати Нигора аз тарафи нависанда хуб ба роҳ монда шудааст. Ногуфта намонад, ки вожаи “фахр” [6, II, 427] дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ба маънои нозиш, мубоҳот кардан; он чи боиси ифтихор ва мубоҳот аст ё он чи ба нишонаи тақдир ва эҳтиром дода мешавад, вале калимаи “сархӯр” бошад касеро гӯянд, ки наздиконаш мурда худ зинда монда бошад, яъне маҷозан бе пойи қадам, номуборакқадам аст ва Кароматуллоҳи Мирзо дар ном ва лақаби қаҳрамонон низ санъати таззоду муқобаларо корбаст намуда, хислату рафтори онҳоро бо ному лақаб номувофиқ оварда, балки бар акси ҳол номгузорӣ кардааст, ки дар адабиёти тоҷик воқеаи нав ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар повести Садриддин Айнӣ “Марги судхӯр” қаҳрамони марказӣ бо лақаби «Қорӣ Ишкамба» шинохта аст. Нависанда дар ҳақиқат, симои ин одамро бо маънои лақабаш бо ҳам пурра мувофиқ офаридааст. Бинобар ин, мардуми шӯхтабъи Бухоро номи ӯро, ки Қорӣ Исмат буд, ба лақабаш иваз карда буданд. Вале дар мавриди Исфандиёр бо лақаби Сархӯр тамоман дигар аст. Лақаби “Сархӯр” ба хислати ӯ мувофиқ набуда, балки бар хилофи он аст, яъне ҷонбахшу ҷондеҳу зиндагибахш тасвир шудааст.

Яке аз вежагиҳои тасвирпардозии Кароматуллоҳи Мирзо дар он аст, ки вай тақдири қаҳрамонони мусбати худро ҳамеша бо тақдири халқ вобаста менамояд. Дар романи “Ишқи Сархӯр” образи бадеӣ асоси иҷтимоӣ дошта, хислатҳои халқи худ дар симои образҳои асар тавъам офарида шудааст.

Тасвири манзараҳои зебои табиат аз тарафи нависанда дилнишин ва фараҳбахш нигошта шуда, қаҳрамонони асар тавъам бо табиати зебои диёр офарида шудаанд. Кароматуллоҳи Мирзо табиати деҳаро бо меҳру муҳаббати хос инъикос менамояд. Нависанда воқеаҳои асарро аксаран дар ду мавзеъ, яке Шоҳмансур ва дигаре деҳаи Сафедоб ба силки тасвир кашидааст. Дар баробари ин ҷуғрофияи асар бузург аст. Масалан, доир ба шаҳри Душанбе, ки аз тарафи муаллиф дар се маврид таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст, ба воситаи пайванди образҳо ё воқеаҳои роман маълумот медиҳад. Аввалан дар маҳаллаи Қаротегини шаҳри Душанбе зистани пайвандони амаки Асадулло, дуюм муайян кардани “Деҳаи Сада ба маҳаллаи Қаротегини шаҳри Душанбе наздик, 4-5 километр роҳ” [1, с.16] ва сеюм доир ба таомулҳо ва қонуниятҳои нонавиштаи деҳаи Сафедоб, ки шахсони аз берун омадаро қабул накардани таҳҷоиҳо мебошад, инъикос намудааст.

Доир ба масъалаи дар фавқ зикршуда мисол меорем:

“-Шумоён ҷиян, аз як ҷиҳат дар Шоҳмансур не, дар шаҳри Душанбе мезиҳед, шумоҳо шаҳрӣ, зиндагии деҳаро намедонед, инҳо як таомул, таомулҳое доранд, ки шунавед ҳайрон мемонед. Садсолаҳо ҳам умратон дар деҳа гузарад, аз куҷое омада бошед, ҳамонҷоӣ мондан мегиред, дар Сафедоб ман бобои Ӯзбакхоҷа ё мулло Ӯзбакхоҷа нестам, номи ман муллои шоҳмансурӣ, фарзандонамро ҳам бачаҳои муллои шоҳмансурӣ мегӯянд, як кас Файз ном доштааст, аз деҳаи Кохуи Ромит кӯчида омада будааст, чанд аср гузашта, устохонҳояш дар гӯр намонда, худашро Файзи кохучӣ мегуфтаанд, набераю абераю чабераҳояш ҳам то ин рӯз абераю чабераҳои Файзи кохучӣ” [2, с.36].

Маҳз чунин муносибат кардани “таҳҷоиҳо” аз тарафи нависанда танқид карда шудааст, ки зуҳуроти номатлуби замон ба ноиттифоқию маҳалгароӣ оварда мерасонад ва боиси ба миён омадани ҷангҳои дохилӣ мегардад.

Дар баробари шаҳри Душанбе вобаста ба ҳаводиси тасвиршуда шаҳрҳои Бухоро, деҳаҳои Нилкону Роҳатӣ, Теппаи Самарқандӣ, Моинкаҷ ва ғайра аз он ҷумла дарёи Кофарниҳон, кӯли Комсомол, сои Меҳтарӣ, мазори Мағмуруд ва куҳҳои Мағмуруд, Қандӣ ва ҷарии Говкуш, ки воқеаи фоҷеабори асар дар ҳамин мавзеъ рух додааст, нигошта шудааст.

Аз тарафи нависанда деҳаи Сафедоб ҳамчун деҳаи хушманзара муаррифӣ шуда, манзараҳои табиат бо маҳорати баланди тасвирпадозӣ ба қалам омадааст. Табиати зебоманзари диёрро офаридан, воқеиятро ба сужети асари бадеӣ ворид кардан, ба маҳорати муаллифи асар вобастагӣ дорад. Карамотуллоҳи Мирзо табиатро бо инсон тавъам ба тасвир гирифта, зебогӣ ва хушбоду ҳавои як ҷузъи Тоҷикистонро дар мисоли деҳаи Сафедоб нишон додааст: “Тавсифи деҳаи Сафедобро бисёр шунидааст. Он дар миёни кӯҳ, чинорҳояш беҳисоб, садсолаҳо умр доштаанд, шоху навдаҳояшон то ба теғаҳои баланди куҳ расида, обаш софу мусаффо, широсо. Шояд барои ҳамин ҳам онро Сафедоб номидаанд. Об аз баландӣ мефарояд, як танаи одам барин об. Танаи куҳро об хурда карда, пайроҳа кушода. Аз он одамон якнимаву якпара шуда ба даруни куҳ даромада мераванд. Садои шаршара сеҳрангез, мардум афсун мешаванд. Лаҳзаҳои фароғату роҳати асабҳо, лаҳзаҳои осудагии ҷисму ҷон. Агар беморе бо умеди шифо қадам ба ин ҷо ниҳода, лаҳзаҳои лаҳза худро фориғ аз дарду ранҷ ҳис менамояд” [2, с.28].

Қаҳрамонони асар узви ҷудонашавандаи табиат ҳастанд, вобаста ба хулқу атвор, рафтору кирдор, ҷаҳонбинӣ, хислат ва рафтори инсон манзараҳои табиат тағйир меёбанд. Табиатро офаридан на фақат ҳодисаву вақоеи манзараофариниро инъикос менамояд, балки муносибати инсонро ба табиат ифода менамояд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат тасвирҳои табиат ба инсон таъсирбахшанд. Нависанда дар баробари зебогии диёр бархе аз камбудиҳои ҷомеаро, ки аз замони Шӯравӣ ба мерос мондааст, аз забони модари Лутфия таъкид кардааст:

“... марги ҳамин роҳу ҳамин деҳаи Сафедоб ҳам. “Ба хок рӯйи Сафедоб, номаш дар гӯр, Сафедоб не, сиёҳоб, балооб, рӯзашро сиёҳ кардааст” [2, с.28].

Дар замони Шӯравӣ ҳам онро он қадар ҳамвору мумфарш накарда будаанд, ки мардум имрӯз беозор мошин ҳай кунанд. Албатта, Сафедоб, ки онро болообу деҳаҳои қатори баъди онро поёноб ҳам мегӯянд, аз Шоҳмансури онҳо он қадар дур не, вале роҳ бисёр ноҳамвор, аз деҳаи Теппаи Самарқанд рӯ ба баландиҳо сар мешавад” [2, с.28].

Ин намуди тасвирпардозӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки романи “Ишқи Сархӯр” сирф асари бадеӣ набуда, балки дар он унсурҳои тасвири мустанад омезиш ёфта, бо услуби публисистӣ эҷод шудааст. Ин намуди тасвир мисли очерки бадеӣ буда, ба дарачаи баланди тасвироти бадеӣ нарасидаанд.

Услуби роман сар то по ҳамосавӣ – эпикӣ, объективӣ мебошад, ҳарчанд ки нависанда гоҳ-гоҳ саҳнаҳои драмавиро, бо усули драмавӣ – муколамаи бе тафсилу тафсири қаҳрамонон ва монологҳои лирикӣ, инъикос намояд, аз рамзу самбул, тасвирҳои шартӣ, манзараҳои моҷарописандӣ ва амсоли инҳо низ истифода мебарад.

Яке аз муҳимтарин вежагиҳои услубии забони муаллиф кӯтоҳбаёнӣ мебошад. Карамотуллоҳи Мирзо ҳам дар тасвири воқеаҳои гуногуни ҳаётӣ ва манзараҳои табиат, ҳам дар офаридани образу характери типӣ, ҳам дар корбасти муколамаи образҳо дастболо аст ва дар эҷоди асар сабку услуби ба худ хос дорад. Нависанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳар як калимаю ибораро дар ҷою мақоми худ истифода барад ва манзараҳои ҳаёти ҷамъият ва табиатро реалистона ба риштаи тасвир кашад, симои зоҳирию дунёи ботинии иштирокдорони асарро нишон диҳад. Дар роман монолог ва диалогҳо хеле табиӣ сурат мегиранд, онҳо вазъу ҳолати қаҳрамонон ва хӯю хислат, рафтору кирдор, ҷаҳонбинӣ, донишу тачриба ва ақлу фаросати онҳоро ифода менамоянд.

Воҳидҳои фразеологӣ дар романи “Ишқи Сархӯр” вобаста ба зиндагӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ ва ақлу заковати мардум пайдо мешаванд. Дар онҳо зимни мафҳуме як лавҳаи рӯзгор, сабақи зиндагӣ, муносибат ва таассуроти нек ё бад инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб маънӣ дар воҳидҳои фразеологӣ хеле нозук, пӯшида, вале басо рангин ва пурҷозиба ифода меёбад.

Одамон ба фразеологизмҳо аз рӯйи зарурат муроҷиат намуда, онҳоро дар мавриди муносиб истифода мебаранд, то афкори худро равшану таъсирбахш ифода намоянд. Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати муносибати маъноии ҷузъҳои худ, ифодаҳои маъноии маҷозӣ, шарҳпазир будан ё набудани маънӣ бо калимаҳои таркиби ибора аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Аз ҷиҳати ифодаи семантика воҳидҳои фразеологӣ ба як калима баробар мешаванд. Вале онҳо баръакси калимаҳои оддӣ нафақат предмет, аломат, амал ва ҳолати онҳо, балки тобишҳои мухталифи эмотсионалиро низ дар бар мегиранд. Масалан, дар романи “Ишқи

Сархӯр” низ корбасти воҳидҳои фразеологӣ ба назар мерасанд, ки ифодакунандаи ҳиссиёти мардум мебошанд:

сумак мезад [2, с.31] – *сум* - съмои асп ма иб-ай – яъне ба ҷаҳл омадани касеро ифода мекунад

оби ҳамин занака лой карда [2, с.34] – ё варианти дигараш дар гуфтори мардуми шимол *айши як нафарро талх кардан* - киноя ба касе дар зиндагӣ фишороварӣ намуданро дорад.

латтаро дар об задан [2, с.45] - ё дар гӯиши мардуми шимол *тарбуз аз бағал афтодан* - ба маънои ноумед шуданро дорад.

Ба ин монанд калимаву ибораҳо баъзан аз забони нависанда ва бархе аз забони қаҳрамонони асар гуфта шудаанд, ки ин ба сабку услуби ҳар нависанда вобастагӣ дорад. Калимаву ибораҳои халқӣ, ки аз ҷиҳати сохти худ рехтаю устувор ва аз ҷиҳати маъно амиқ мебошанд, на танҳо барои равшан ифода кардани фикр, офариниши образҳои гуногун ва тасвири вазъият, эҳсосоти персонажҳо хизмат мекунанд, балки ба услуби нависанда рангу бори миллӣ мебахшанд.

Дар романи Кароматуллоҳи Мирзо “Ишқи Сархӯр” истифодаи рамзу самбул низ яке аз вежагиҳои услубӣ ба шумор меоянд.

Тасвири “*моҳи пурра*”, “*равшании куҳ*” ё “*ҳама ҷо шир барин сафед шудан*” рамзи зафарёбии Сархӯр бар мушкилии ба куҳ баромада, гову гӯсолаи Бобои Назарро аз куҳ фаровардан аст. “Маҳтоб мебаромад, моҳи пурра. Куҳ равшанӣ меёфт, ҳама ҷо шир барин сафед” [1, с.20].

Нависанда дар баробари воқеанигорӣ ва моҷарописандӣ ба кайфият ва ҳолатҳои рӯҳию равонии қаҳрамонон ва персонажҳои худ – Сархӯр, Лутфия, Нигора, Фахрӣ, Мӯниса ва дигарон чун одамони андешапарвар ба риштаи тасвир мекашад, ранҷу дардҳои рӯҳию равонии онҳоро бештар дар монологҳои ботиниашон нишон медиҳад.

Ибораҳои “*об омадан*”, “*рахнаи обро кушода кардан*” [1, с.27] пас аз суҳбати Сархӯр бо модари Нигора ба миён меояд, ки аз тарафи нависанда бо рамзу самбул ифода ёфта, ба маънои издивоҷи Фурқат ва Нигораро имконпазир мешуморад.

“Ин хабар ба Фурқат ҳам расид, ҳамон лаҳза ба ҳавлии Нигораашон об омад, рахнаи обро кушода будаанд” [1, с.27].

Дар тасвири нависанда ҳаёт гӯё сахтҷонии Сархӯрро месанҷид. Ҷанги одаму об ва дарахти танаворӣ чинор такя намуда, аз селоб баромадани қаҳрамони асар рамзи ғолибият ва музаффариятро нишон медод. Воқеаҳои номатлуб ба мисли ҳалқаҳои сужети ғайримаъмулии роман мебошанд, ки нависанда вазъи сиёсии мамлакатро дар охири солҳои 90-уми садаи XX, ҳолу аҳволи мардум, ё ин ки шомилшавии ҷавонони гумроҳшуда ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро бо рамзу самбул ифода кардааст: *“Чанд лаҳза Сархӯр бо айби худаш аз чинор маҳрум монд, рӯ ба дарахти дигар шуд, ҷазояшро дид, аз карда пушаймон. Ҳоло чинор боз дастгири ӯ. Аз селроҳа берун, даме озод нафас мекашид... Ҷовидон бимонад чинор, дар решаҳояш саҷда мекунад”* [2, с.15].

Дар романи «Ишқи Сархӯр» ҳар як рамз як маънии томро ифода менамояд ва аз ғановати поэтикаи он шаҳодат медиҳад. Дар ин порча дар баробари вазниниву мураккабии ҳаёт чинор побарҷо монд. Бино бар ин шукргузори нависанда аз Ватани ободу осуда ва дуои ӯ Сарвари давлатро: *“Ҷовидон бимонад чинор, дар решаҳояш саҷда”* [2, с.16] ифодагари ободиву осудагии замон аст. Рисолати бештари мардум рӯзгори орому осоишта, бунёдкориву ободонии мамлакат, хушбахтию саодати башар мебошад. Онҳо селоби пуртуғёнро маҳкум намуда, роҳи озодӣ, ва ҳаёти хушро пеш мегиранд. Ғояи башардӯстона, мазмуну муҳтаво ва дарунмояи роман дар ҳамин аст.

Забони Кароматуллоҳи Мирзо ширин, равон, ҷаззоб, образнок, тарзи баёнаш содаву дилнишин аст. Муаллиф оромона, ботааннӣ, батафсил, бо фикру андешаи амиқ, бо риояи мантиқ чун адиби соҳибтаҷриба ва донишманди кордида, гоҳо бо хаёлу пиндорҳои файласуфона иншо мекунад. Вале ӯ қабл аз ҳама адиб аст ва бо забони фасеҳу балеғи образнок сухан меронад. Забонаш фаҳмову таркиби луғавиаш ғанист, дар баробари ҷумлаоти мураккаби тумтумтароқ, печдарпеч надоштан дар баъзе маврид шеваи нигориши хушки омиёна, хосатан гӯйишҳои ҷануби Тоҷикистонро фаровон корбаст кардааст. Дар радифи таъкиди сифатҳои хуби забони романи «Ишқи Сархӯр» ба як саҳвулкаломи муаллиф ишора мекунем:

Вомвожаи «авқот», ки маъмулан ҳам дар ҷануб ва ҳам дар шимоли Тоҷикистон дар забони гуфтугӯи халқӣ ба маънои «хӯрок» истифода шудааст: авқот – 1. хӯрок, таом; 2. – ризқ, рӯзӣ, қут [4, с.27] дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои «ҷамъи вақт» [5, I,37] омадааст. Албатта нависанда сухани дар фавқ зикр шударо аз забони қаҳрамони асар, Санам мегӯяд ва мо ба он даъво надорем («одамон як коса авқоти меовардагиашона дигар намебиёранд» [1, с.13], вале дар ҳар маврид ба дурустии он бояд риоя кард.

Қобили тазаккур аст, ки дар замони пеш Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ барои содда ва оммафаҳм кардани забони адабӣ кӯшишҳои зиёдеро ба анҷом расониданд, то ки забони асари бадеӣ ба халқ наздик ва оммафаҳм бошад. Вале ба ибораи дигар, ин таносубро ҳар нависанда дар асоси завқу салиқа, мақсади эҷодӣ, доираи мутолиа ва ғайраю ва ҳоказо ба таври инфиродӣ муайян карда истодааст. Лозим ба таъкид аст, ки вожаҳои алоҳида, ки дар асар корбаст шудаанд, ҳам аз забони қаҳрамонҳои асар ва ҳам аз тарафи нависанда гуфта шудааст, ки маънии он на ба ҳама дастрас аст. Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» (2012, 2017) калимаву ибораҳо ба ин маънӣ ифода ёфтаанд, муаллифи асар онҳоро чунон устодона ба батни сюжети асар ворид месозад, ки бархе аз онҳо аз мазмуни ҷумла маълум мегарданд:

гот [1, 5,30; 2, 19] (иқтибос аз мақаллаи «Паёми Суғд» № 6-7, 2020) – вақт, маврид, лаҳза [4,190] (Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ), ***ҳеҷа*** [1, 13,29] - лона, ошён [4, с.800], ***чулмарг*** [1, с.15] шудан – ҷавони марг [4, с.853], **чум** – чӣ медонам, намедонам, аҷаб не [5, с.759] ***гизала/газила/гизела*** [1,18] –бадхашм, бадқаҳр, қаҳролуд, асабӣ; ҷоҳил [4, с.152], ***буҷо*** [1,32] -ба ҷо, ***тал*** [1, с.33; 2, с.8] -- 1. «ботлоқи гузарнопазир» 2. «тепа» тал 3. «ғарам», ҳарчизи ботартиб болои ҳам гузошта шуда» [4, с.654], ***данг-данги*** [1, с.35; 2, с.7] гапро ба кӯча баровардан – данг (шуҳрат, овоза) [4, с.213] ***алахон*** [1, 6,8,37] – парешон, хавотир, бесарамҷон [4, с.54] ***кома кардан*** [1, с.39] - бо таъсири об сӯрох (вайрон) шудан ва фурӯ рафтану кафидани замин [4, с.336], ***ҷуми гап*** [1, с.42] – ҷомаи гап (мисли ба гап ҷома пӯшонидан), солҳои ***таҳширӣ***- солҳои қаҳатӣ [4, с.275] ***чуҳрӣ*** [2, с.7] – ҷурӣ (дар шеваи шимолӣ: ҷурӣ ба маънои «каниз») ***ҳурғаи алов*** [2, с.13] – ҳърға – маҷозан рақсидан [4, с.810], ***тарвоза шуда*** [2, с.15] – кӯндаланг, якпаҳлу [4, с.664], ***қинғола*** [2, 18,19] - духтари қадрас [4, с.389], ***ҳамел*** [2, с.18] – шаддаи ҳар чӣ, ки дар як ришта қатор гузаронида шудааст [4, с.793], ***ҳалилобхӯрак*** [2, с.29] ***ҳалилов/ҳалилова ҳайлов*** – навъи таоме, ки аз гарди орд, кӯфтаи сабзавот, андаке равған ба ҷурғот (чакка барои бемор тайёр кунанд) [4, с.790], ***нигас*** [2, 28,30] – бомгӯшаи пардаи муҳофизаи девори иморат, бом аз барфу борон: ҳар боре достако [4, с.490], ***кузала*** [2, с.31] – кӯзапушт, хамидақомат [4, с.342], ***гаппа*** [2, с.37] – вайрон, вайрона [4, с.184] ва ғайраҳо, ки дар асар фаровон истифода шудааст.

Карроматуллоҳи Мирзо дар романи “Ишқи Сархӯр” нишон медиҳанд, ки дар мавридҳои мушаххас ва вазъиятҳои мураккаби зиндагӣ мафҳумҳои одаму одамгарӣ, масъалаҳои некию накӯкорӣ, меъёрҳои ҳалолию покизагӣ, дарки нангу номус, ченакҳои шараф ва пойдории ахлоқи ҳамидаю одоби писандида дар бархӯрд алайҳи бадию зиштӣ, разолату хиёнат, душманию адоват, рашку ҳасад, ҷаҳлу торикӣ ва зулм хосиятҳои тоза кашф намуда, арзишҳои навро ба вуҷуд меоранд, андозаҳо тағйир мепазиранд. Ба ин иддао намуди тасвирпазирӣ дар насри замони истиқлол барҷаста ҳувайдо гардида, симои қаҳрамонҳо, хислату характери онҳо тавъам бо ҳаёти иҷтимоӣ созгор омадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзо, К. Ишқи Сархӯр / К.Мирзо // Паёми Суғд. – Хуҷанд, 2020. - № 6. – С.3-48.
2. Мирзо, К. Ишқи Сархӯр / К.Мирзо // Паёми Суғд. – Хуҷанд, 2020. - № 7. – С.3-47.
3. Самад, А. Гардиши девбод / А.Самад. – Душанбе: Адиб, 2007. – 567 с.
4. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [мураттибон М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б. Бердиев]. – Душанбе: Дониш, 2012.
5. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [мураттибон М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б. Бердиев]. – Душанбе: Дониш, 2017. – 842 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. – 952 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. – 950 с.
8. Фарҳанги ибораҳои рехта [тартибдиҳанда Фозилов]. Ҷ.1. – Душанбе: Нашрдавтоҷ., 1963. – 952 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.1. - Душанбе, 2008. – 950 с.
10. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ [Таҳти таҳрири Саймиддинов Д, Холматова С.Д., Каримов С.]. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 813 с.
11. Холиқназар, Ӯ. Ғалат менависем: Фарҳанги душвориҳои забони тоҷикӣ / Ӯ. Холиқназар. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияҳои Тоҷикистон, 2000. – 252 с.
12. Ҳусайн, М., Халаф, Табрезӣ. Бурҳони қотеъ: дар 5 муҷаллад. [Бо эҳтимоми Муҳаммад Муин] / М.Ҳусайн, Табрезӣ Халаф. – Теҳрон: Амир Кабир, 1357. - Ҷ.3. - С.1217-1923.

13. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.
14. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.
15. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
16. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=17831962

МУАММОИ ЧАНД МАСОИЛИ ЗИНДАГӢ ДАР РОМАНИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО «ИШҚИ САРХӮР»

Дар мақола асари Кароматуллоҳи Мирзо «Ишқи Сархӯр», ки тақдири инсони муосир тавассути бархӯрдҳои иҷтимоӣ ва низоъҳои зиндагӣ бо услуби моҷароӣ ба силки тасвир кашида шудааст, таҳлилу баррасӣ гардидааст. Нависанда дар эҷоди асари иҷтимоӣ ҳамун пажӯҳишгар, сиёсатмадор муносибат карда, ба ҳаводиси наве, ки дар ҷомеа ба миён меояд, бодиққат назар афканда, мафҳум, моҳият ва масъалаҳои ҷомеаро дар дарунмояи ин навъи асар корбаст кардааст. Дар меҳвари асар тақдири бачаи кӯчак, тавъам бо саргузашти образҳои роман, инъикос шудааст. Мақсад ва муддаои офариниши вақоеи асар ба воситаи ҳаводиси рӯзгори мардуми деҳот тасвир шуда, симои Сархӯр ҳалкунандаи чаҳор проблемаҳои ба миён омада мебошад. Қаҳрамони марказӣ Сархӯр бо чусту чолокӣ, қаҳрамонӣ ва ҳисси инсонпарвариву масъулиятшиносӣ фоҷеаҳои ба сари мардум омадаро бартараф мекунад. Муаллифи мақола таъкид бар он кардааст, ки вожаҳои алоҳидае, ки дар асар корбаст шудаанд на ба ҳама дастрас аст, бинобар ин нависандаро зарур аст, ки дар вақти офаридани асари бадеӣ ба вожаҳои шеваву лаҳҷа такя накарда бо забони соф адабӣ осори худро ба силки таҳқиқи бадеӣ кашида бошад.

Калидвожаҳо: насри замони истиқлол, Кароматуллоҳи Мирзо, романи иҷтимоии “Ишқи Сархӯр”, ҳаллу фасли якчанд муаммои зиндагӣ.

ПРОБЛЕМА НЕСКОЛЬКИХ ВОПРОСОВ ЖИЗНИ В РОМАНЕ КАРОМАТУЛЛОХИ МИРЗО "ИШКИ САРХУР"

В статье анализируется произведение Кароматулло Мирзо «Ишки Сархур», в котором в авантюрном ключе изображена судьба современного человека через социальные встречи и конфликты на жизненном пути. В создании социального произведения писатель выступает как исследователь, политик, внимательно изучает новые явления в обществе, использует понятие, сущность и проблемы общества в контексте данного вида произведения. В основе произведения судьба маленького мальчика, объединенная с историей героев романа. Цель и мотивы создания произведения описываются через события жизни сельчан, а Сархура решает четыре проблемы жизни. Центральный герой Сархур с ловкостью, героизмом и чувством человечности и ответственности преодолевает трагедии, выпавшие на долю односельчан. Автор статьи подчеркивает, что отдельные слова, используемые в произведении, доступны не каждому, поэтому писателю необходимо не опираться на идиомы и идиомы при создании художественного произведения, а использовать свое литературное произведение в свете художественного исследования.

Ключевые слова: проза независимости, Кароматуллохи Мирзо, социальный роман «Ишки Сархур», решение нескольких жизненных проблем.

THE PROBLEM OF SEVERAL QUESTIONS OF LIFE IN THE NOVEL "ISHKI SARKHUR" BY KARAMATULLOKHI MIRZO

The article analyzes the work of Karomatullo Mirzo "Ishki Sarkhur", which depicts the fate of modern man in an adventurous way through social meetings and conflicts on the path of life. In creating a social work, the writer acts as a researcher, politician, carefully studies new phenomena in society, uses the concept, essence and problems of society in the context of this type of work. At the heart of the work is the fate of a little boy, combined with the history of the heroes of the novel. The purpose and motives for creating the work are described through the events of the life of the villagers, and Sarkhura solves four problems of life. The central hero Sarkhur with dexterity, heroism and a sense of humanity and responsibility overcomes the tragedies that befell his fellow villagers. The author of the article emphasizes that the individual words used in the work are not available to everyone, so the writer should not rely on idioms and idioms when creating a work of art, but use his literary work in the light of artistic research.

Key words: prose of independence, Karomatullohi Mirzo, social novel "Ishki Sarkhur", the solution of several life problems.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ӯлмасова Замира Ҳабибуллоевна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

Сведения об авторе: ***Ульмасова Замира Хабибуллоевна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, профессор кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан г. Худжанд, пр.Мавлянбеков, 1.
E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-771-44-70**

Information about the author: ***Ulmasova Zamira Habibulloevna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Philology, Professor of the Department of Modern Tajik Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekov Ave., 1. E-mail: **zamira_ulmasova @ mail.ru.**
Tel.: **(+992) 92-771-44-70**

УДК: 891.55.092

МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТ ДАР МОВАРОУННАҲРИ САДАИ XVIII ВА АВВАЛИ ҚАРНИ XIX

Абдулазизова З.С.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Аз ибтидои қарни XVIII ва ҳатто барвақттар аз ин дар Мовароуннаҳр ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию маънавӣ ба буҳрони сахте дучор гардид. Яке аз сабабҳои айнию зеҳнии ин буҳрони фоҳишро аз кашфиётҳои бузурги ҷуғрофии Урупои садаи XVI ва кашфи роҳи баҳрии кишварҳои Ғарбу Шарқ метавон ҷустуҷӯ намуд. Ин роҳи баҳрӣ сабаб шуд, ки роҳи хушкигарди бузурги абрешими Ғарбу Шарқ касод гардад. Роҳи хушкигарди абрешими Ғарбу Шарқ – Чину Италия ва Венецияро ба воситаи шаҳрҳои Мовароуннаҳр бо ҳамдигар пайваст мекард. Бо ин туҳфаи Илоҳӣ аҳли Мовароуннаҳр ҳам аз амволу амтиаи гуногуни корвонҳои роҳи абрешим ва ҳам аз комёбиҳои илмию пешравиҳои ҷаҳон баҳра мебурданд.

Таърих гувоҳ аст, ки бо дастури Исмоили Сомонӣ туркҳои вилояти Исфиҷоб корвониёни абрешимро аз сарҳади Эрон қабул намуда, то ҳудуди Чин ва аз ҳудуди Чин то сарҳади Эрон гусел мекарданд. Бо ин васила туркҳои Исфиҷоб ва атрофи он зиндагонӣ мекарданд. Пас аз баста шудани роҳи абрешим аҳволи зиндагии онҳо хеле душвор гардида, дубора ба талаву тороҷи аҳолии шаҳрҳо рӯй оварданд.

Ҳукуматдорони Аштархонӣ махсусан, Субҳонқулихон (1680-1702) ва Абулфайзхон (1711-1747) дар идораи давлати Мовароуннаҳр басо сустӣ карданд. Онон ба ҷойи обод кардани кишвару беҳбуд сохтани вазъи зиндагии мардум ба ҷабру зулми аҳолӣ машғул шуданд. Айшу ишрат, порахӯрӣ ва фисқу фасод шуғли асосии онҳо гардид. Аз ин бемасъулиятиҳои ҳукумати марказӣ феодалони саркаши маҳаллӣ истифода бурданд ва дар сари ҳар кас ҳавои мансабе буд, ба мустақилият кӯшид. Дар чанде вилоятҳо аз ҷумла, дар Тошканд, Самарқанд, Ҷиззаху Миёнколот ва Фарғона шӯришҳо ба вуҷуд омаданд. Натиҷаи ҳамин шуд, ки боз ҳам халқ абгортару мамлакат валангортар ва Абулфайзхон ба бозичаи аъёну ашрофи дарборию феодалони маҳаллӣ табдил ёфт. Абулфайзхон дар хаёли мустаҳкам сохтани пояи давлати хеш дар арафаи ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Бухоро (с.1747) чанде аз сарлашкарони худро қатл мекунонад. Аз ин шароити муносиб Нодиршоҳ истифода бурда, бидуни ҷанг Бухороро фатҳ менамояд ва ҳамчун шоҳи фотеҳ 40 000 нафар аҳолии Мовароуннаҳрро ба сифати «**оқ ӯйлиён**» ба шаҳрҳои Эрон интиқол медиҳад.

Бар болои ҳамаи ин маҳрумиятҳо дар Бухоро ба иллати хушк омадани обу ҳаво чанд сол аз зироат ҳосил намерӯяд ва гуруснагию қашшоқӣ рӯй медиҳад. Дар чунин шароити сахти сиёсию иқтисодӣ ва маънавию равонӣ писари Ҳакимбӣ атолиқи манғит Раҳимхон атолиқ Абулфайзхонро дар мадрасаи Мири Араб ба қатл мерасонад ва идораи давлатро амалан ба даст мегирад.

Пешвои давлати Манғитиён амир Дониёл (1758-1785) (амаки Раҳимхон) низ авзои сиёсию иқтисодӣ ва маънавии мамлакатро дар фурсати кӯтоҳ беҳтар карда натавонист. Дар чунин вазъ дар Мовароуннаҳр барои пешравии адабиёту санъат ва умуман маънавиёт заминаи билкул танге боқӣ монда буд. Бо вуҷуди ин тангиҳо, тибқи маълумоти Возеҳ, Ҳашмат, Афзалӣ, Муҳтарам ва Абдӣ то миёнаҳои садаи XVIII дар ин сарзамин чанд адибе ба монанди Дардии Бадахшонӣ, Муҳаммадсолеҳи Хусрав, Исои Мавзун ва Музҳаби Бухороӣ ба фаъолияти эҷодӣ машғул буданд.

Аммо ба иллати нохушиҳои ҳаёти сиёсӣ аксари мероси ин адибон талаф гардидаанд ва то замони мо қисми хеле каме боқӣ мондаанд [6, в. 34 б].

Зоҳиран, дар Мовароуннаҳр аз миёнаҳои салтанати амир Дониёл то солҳои **70-уми қарни XVIII** барои пешравии ҳаёти маданӣ, фарҳангу адабиёт баъзе заминаҳо пайдо шуданд. Чунки аз ҳамин давра тибқи маълумоти сарчашмаҳо ба арсаи адабиёт як зумра адибоне ба монанди Қонеи Насафӣ, Шайдои Хуҷандӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ (в. 1819), Носеҳи Хатлонӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ, Ҳаббои Дарвозӣ ва дертар дар солҳои 80-90-ум ва то миёнаҳои садаи XIX ин теъдоди шоиронро ҳамчун Орифи Бухороӣ, Шавқии Каттақурғонӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Нодими Истаравшанӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Сиддиқи Фано, Нозили Хуҷандӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Музтари Косонӣ,

Узлати Косонӣ, Гулхании Ғармӣ, Султонхони Адо, Макнуна, Маъдани Понғазӣ, Шӯхии Хуҷандӣ ва чанд нафари дигар афзун намуданд [2]. Дар ин мақтаи таърих тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр: аморати Бухорову Хӯқанд ва қисман Хоразм **зиёда аз 170** адиби гуногунтабақаю маслак умр ба сар доштанд. Бо вуҷуди ин теъдоди адибон, дар аморати Бухоро доираи адабии муташаккил вуҷуд надошт. Дар ин аморат ба иллати парешонии сиёсию иқтисодӣ ва хирадношиносии ҳукуматдорони марказӣ аҳли илму адаб ба ҷуз шаҳри Бухоро, дар вилоятҳои аморат ба монанди Самарқанд, Ҳисор, Каттақурғон, Насафу Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Хатлону Дарвоз ва Бадахшон дар ҳолати парешону пароканда эҷод кардаанд.

Тавре ки маълум аст, ғазалҳо қисми асосии девони шоиронро ташкил мекарданд. Дар ғазал одатан, аз як тараф, эҳсоси ошиқона - ҳолати аҷиби муҳаббати бузург ва самимӣ ба “ёр” - маҳбуба (дар ғазалиёти Макнуна “ёр” - маҳбуб), васфи зебоии маъшуқа, тавсифи рафтору кирдори ӯ, нолиш аз дарду ғам, сӯзу гудоз, оҳу нолаҳои ошиқ, шикоят аз рафтори рақиб ва тақдир, аз тарафи дигар, масъалаҳои ахлоқ, фалсафа, тасаввуф, панду насиҳат, шикояту бадбин будан аз муҳити мавҷуда ва ҳатто сиёсат аз мулоҳизоти ғазалсароён низ дар канор намондааст.

Бештар мазмуну мундариҷа ва ғояи ғазалиёти шоирони ин марҳилаи таърихро оҳангҳои шикваю шикоят, оҳу нолаҳои ҷонгудоз ва эътирозоти сахти дилхарош алайҳи душворию тангиҳои муҳити бераҳми ғаддор, хирадношиносии ҳукуматдорони замонаи шум, гардиши фалаки каҷрав, сарнавишти нагуни аҳли хираду дониш ва амсоли инҳо фароҳам овардаанд.

Чунончи, **Мирзо Атои Бухороӣ** дар ғазале эътирозан бар фалаки бераҳми каҷрафтор мегӯяд:

Намегӯӣ, фалак бо ман ту захме аз чӣ рӯ дорӣ?
Ки ҳар дам пур кунӣ аз бодаи ғам ҷоми саҳбоям.
Ба як оҳи саҳар афлокро зеру забар созам,
Агар берун барояд як шарар аз санги хороям.
Ато, ту нестӣ фориғ зи ташвиши алам ҳаргиз,
Бувад бахтам сияҳ азбаски фарзанди Бухороям [4, в. 83б].

Ин ҷо дар мақтаи ғазал Мирзо Ато **«сиёҳӣ»**-и дуди оҳи хешро ба **«бухор»**-и Бухоро қиёс кардааст ва нақши ҳунарии шахси тирабахтеро офаридааст. Дар ҷойи дигар шоир бар муқобили беадолатиҳои боз ҳам **«фалаки каҷрав»** ва низоми зимомдорони замонаш эътирози сахте эълон кардааст:

Чу шамъ аз сӯзи дил оташ ба мағзи устухонам зан!
Шарар чун барқи ломеъ ҷастае бар ҷони ҷонам, зан!...
Ба уммеде, ки аз нахли муроди худ самар бинам
Гули навмедӣ аз гулшан ба фарқи боғбонам, зан!
Ато, аз будани ман ҳар замон оре фалак дорад,
Заминро баркан аз ҷову ба фарқи осмонам, зан! [4, в. 91 а].

Мирзо Ато дар мақтаи ғазале сахтию гаронӣ ва гардиши бори андуҳи замонашро ба **«санги осиё»** ва ҳолати бечораи хешро ба **«донаи гандум»** монанд карда, фарёди ҷонкоҳе кашидааст, ки то шикаста ба орду чанг ва ғубор табдил нагардад:

Дар шикастам гардиши гардун камарҳо бастааст,
Чун нигаҳ дорад, Ато, **аз осиё як донаро** [4, в. 4 б].

Қонеи Насафӣ дар абёти зерини хеш аз беқадрии аҳли донишу хирад ва бераҳмии мардуми ноқобили замонаш ба дод омада гуфтааст:

Зи баски қадршиносе набуд ҷуз анқо,
Ба тоқи саҳв ниҳодам вуҷуди хеш.
Сухан ба парда бимонад, аҷаб макун Қонеъ,
Ғубори чеҳраи меҳр аст нури тобиши хеш [3, в.101 а].

Вай дар ғазали дигар сабаби ин аҳволи вазнинашро гӯё аз ***«қирони наҳс»*** ва толеи бади сиёҳаш пиндошта бошад, бо рамзу киноя фармудааст:

Мардуми чашми замон бар хок резад хуни ман,
Заҳри ин паймона ранги донаи домам лазиз.
Кавкаби Қонеъ **қирони наҳс** дорад дар шараф,
Меҳнати бетолеи чун рӯзии шомам лазиз [3, в.101 а].

Қонеъ дар ғазали *(Зери бори ҳарфи мардум чун хати мистар манам – Дар шумори қадр н-ояд риштаи гавҳар манам)* [3, в.112 б]. Ин ҳама нокомию бебахтӣ, хонабардӯшию хорию залилиҳои аҳли хираду донишро аз ҷангу хунрезиҳои зимомдорони мамлакат медонанд:

Оби чашмам дар канори соҳили баҳри сухан,
Хонаи сифр аз ҳисоби ҳосили дафтар манам.
Ноумед аз нақши давлат, ғунчаи бе рангу бӯ,
Ҳалқаи холӣ зи хотам, кисаи безар манам.
Ашки шӯрам, қатрае аз оби найсонӣ манам,
Мӯҳра дар баҳри ҷавоҳир карда чашми тар манам [3, в.112 б].

Агар зумрае аз адибони воқеъбин нафрату норизоиҳои худро нисбат ба зулму ҷаҳолати гузаро ва ҳамоқатҳои бешумори зимомдорони замона гоҳ ба роҳи рӯирост, гоҳ ба рамзу киноятҳо ва гоҳо бо шикваю шикоятҳои ҷонгудоз изҳор намоянд, иддаи дигаре ғазабу бадбиниҳои хешро аз дидгоҳи *тариқаи нақшбандия*, ки шиорашон **«даст ба кору дил ба ёр»** ва **«ихтилот бо мардум»** буд, баён кардаанд.

Лутфуллоҳ Шайдои Хуҷандӣ, ки шоири охири қарни XVII ва аввали садаи XVIII аст, нафрати худро алайҳи ҷаҳолату зулми беинтиҳои Аштархониёни давраи охир, ки авзои муҳиту аҳволи халқи замонаро ниҳоят ба ҳолати сахти забун расонидаанд, ба ин қарор изҳор кардааст:

Аз миёни мардумон ёди Худо ҳам рафтааст,
Гиряву зорию тасбеҳу дуо ҳам рафтааст.
Тинати софӣ намебинам дар абнои ҷаҳон,
Аз дили ойинаҳо нури сафо ҳам рафтааст.
Шиквае доранд абнои ҷаҳон аз ҳамдигар,
Аз миёни мардумон меҳру вафо ҳам рафтааст.
Ағниё дарюза аз хони гадоён мекунанд,
Аз каримони ҷаҳон ҷуду ато ҳам рафтааст.
Мерасад фарёди мурғони гулистон бе асар,
Аз миёни булбулон шӯру наво ҳам рафтааст.
Ҳой-ҳойи сӯфиён, Шайдо, надорад ҳеҷ дард,
Нури тоат аз ҷабини пирҳо ҳам рафтааст [3, в.101 а].

Шайдо дар ин байти поён ҳам золимони замонашро таҳдидан ҳушдор медиҳад, ки фардо дар рӯзи ҷазо онҳоро ҳатман мукофоти ин ҳама амали зишт интизор аст:

Хабар аз хеш надорию ба ғафлат биравӣ,
Вой бар ҳоли ту, ки фардо чиҳо мегузарад.
Нони мазлум ситониву кунӣ айшу сурур,
Тарс аз ин рӯз, ки ба золим чиҳо гузарад [16, с.57].

Абдурраҳмонхоҷа Носеҳи Хатлонӣ рӯзгори зиндагии худро назар ба даврони гузаштагонаш аз ҳама айёми бадтарин ҳисобида фармудааст:

Гарчӣ бад буд пеш аз ин айём,
Бадтарин замон замонаи ман.
Хусрави шаҳри дарду ранҷу ғамам,
Кафи афсӯс шодиёнаи ман [9, в.115 б].

Носеҳи Хатлонӣ дар нимаи дуюми садаи XVIII ва аввали қарни XIX умр ба сар дошт. Ӯ соҳиби 3 маснавӣ: **«Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез», «Ҳадиқат-ур-расул»** ва девони ғазалиёт буд. Ба сабаби сахтиҳои муҳити тира аз беқадрӣ ва хору залилиҳои аҳли хираду дониши рӯзгораш фарёдҳои ҷонкоҳе кашидааст:

Олимон қадре надоранд дар миёни ҷоҳилон,
Оби софӣ зери коҳу тӯдаи хошок рафт [9, в.84 б].

Шоир дар бораи мақому манзалати иҷтимоиаш ба худ аз нигоҳи табақаи ҳокими замонаш **«киам ман»** гӯён савол медиҳад ва ҳамзамон худ аз ҷониби ҳамон табақаи золим ҷавоб мегӯяд:

Киам ман? Дар бисоти дарду меҳнат хуфтаранҷуре,
Ба қадри вусъати андеша аз дорушшифо дуре.
Зи беқадрӣ ба мизони ҳисоби кас намеоям,
Ба чашми мардумон камтар намоям аз пари мӯре [9, в. 122 б].

Носеҳ дар ин ду байти дигар худро дар замонааш ба **«гиёҳи зери соя», «сабзаи помол»**-и ағниё, гирифтори **«офатҳои олам», «обилаи пой»** ва **«табхоли лаб»** монанд карда фармудааст:

Гиёҳи зери соя ҳар куҷо афсурдагӣ дорад,
Ба базми эътибори ағниё чун сабза помолам.
Зи офатҳои олам як даме холӣ намебошам,
Ба по обилаам чанду ба лаб пайваста табхолам [9, в. 108 а].

Носеҳ дар чандин ғазалҳояш аз тазйиқу фишорҳои муҳити тира, абнои ноқобил ва золимони замонаи дидаи худ бо шикваю шикоятҳои дилхарош эътирозоти сахт баён кардааст. Чунончи, ӯ дар ғазали зерин давраи зиндагии худро ба **«дашти қиёматхез»**, **«биёбони шарарангез», «гардиши санги осиё»** ва худро ба **«мурғи бе болу пар», «доғи лола»,** устухонашро ба **«донаи гандум»** ва нолаҳои ғамангезашро ба **«садои най»** монанд карда фарёдҳо мекашад:

Дар ин **дашти қиёматхез** мурғи бе пару болам,
Биёбони **шарарангези сӯзон,** чун шавад ҳолам.
Чу **доғи лола** субҳи толеам равшан намегардад,
Ба сомони **пари зоғи сияҳбахтест** иқболам.
Маро аз заъфи тан ҳоҷат ба сӯи осиё набвад,
Чу **гандум устухонам** суда созад гардиши солам…
Ба ҳар ҷо меравам, Носеҳ, зи зулмат нестам фориғ,
Ба ранги соя меояд сияҳбахтӣ ба думболам [9, в. 107 а].

Аз баррасӣ ва таҳқиқи девони ғазалиёти шоирони ин давра бармеояд, ки оҳангҳои шикваю шикоят, нигаронию эътирозот аз тангдастию сахтиҳои муҳити тира, қашшоқию бенавоӣ ва нодорию муҳтоҷӣ бо умеду орзуҳо барои зиндагии оддии инсонӣ зистан дар ғазалиёти шоирони қисмати кӯҳистон бештар қувват гирифтаанд. Чунончи, ба далели мулоҳизаи боло ин ду пораи ғазали **Ҳачрии Дарвозиро** чун **«муште аз хирвор»** дарҷ менамоем:

Зи шарми зиндагонӣ чун ҷабин бо худ арақ кардам,
Чу гул з-ин инфаъол оби хиҷолат дар табақ кардам.
Дар ин бозор суди хешро як сар зиён кардам,
Матои умри худ, ё раб, надонам то куҷо кардам.
Пайи таҳсили рӯзӣ дод саргардониам даврон,
Барои нони ризқе ҳамчу санги осиё кардам.
Ба мулки бенавоӣ, Ҳачрӣ, охир кӯси шоҳӣ зад,
Бинои бекасиро сояи боли Ҳумо кардам [13, в. 40 б].

Пораи дигаре:

Агар аҳли замонро шеваи шарму ҳаё ин аст,
Арақ аз ҳар буни мӯ гар занад, селоб хоҳад шуд.
Маро аз соқии даврон, ки шуд беилтифотиҳо,
Шароби базмам имшаб **косаи хуноб** хоҳад шуд.
Ба кӯҳистон агар ин аст қадри фазлу донишҳо,
Сафарро дида гардад сифру Ҳачрӣ, хоб хоҳад шуд [13, в. 24 а].

Убайдуллоҳ Ҳаббои Дарвозӣ, ки шоири дигари кӯҳистон аст, аз тангиҳои шароити аҳли кӯҳистон, аз мусибатҳои қашшоқию бенавоӣ гирифтор шудани худ басе нолаҳои ҷонгудоз кардааст. Ӯ дар ғазали радифаш **«қашшоқӣ»** мегӯяд:

Ба ҷуз нақди тачаллӣ нест дар бозори қашшоқӣ,
Мусибатхона беҳтар бошад аз меъмори қашшоқӣ.
Ба сад андӯҳи дарду меҳнату ранҷу алам рафтанд,
Агар бандад ба сар аз боби зар дастори қашшоқӣ.
Тамоми меваҳоро дар мазоқи табъ санҷидам,
Бувад аз **заҳри қотил** талхтар **ашҷори қашшоқӣ.**
Набошад обу ранги кимиё, кай мис бигардад зар,
Бувад мунъим Масеҳо бар сари бемори қашшоқӣ.
Қадаҳнӯшони фитрат доманафшон рафтанд з-ин ҷо,
Ҳабо, моро чӣ зебад шикваю озори қашшоқӣ [11, в. 82 а].

Натиҷаи ҳамин қашшоқиҳои сахти зиндагонӣ буд, ки ӯ ба доми вабои қарз гирифтор гардида, фарёдҳои ҷонгудозе мекашад:

Вой бар ҳоли тиҳидасте фитад дар доми қарз,
Ҷуз ба мурдан чора натвон сохтан анҷоми қарз.
Ҳар куҷо бошад ду муфлис шишаи соатнамо,
Ҳар замон дар чашми тар резад ғубори номи қарз.
Хор мегардад бар аъзои моҳӣ устухон,
Гӯши он пораҳнае гар бишнавад пайғоми қарз.
Нест мумкин заҳмате к-аз миннати дунон фузун,
Пора мегардад катони дил зи моҳи воми қарз.
Эй Ҳабо, гирди сари зарпарварон яксар мапеч,
То нагардад ҷабҳасои даргаҳи исоми қарз [11, в. 40 а].

Мулло Раҳими Ғармӣ (1784 - 1853) ба иллати муҳтоҷию муфлисӣ ва дар замонааш ҳеҷ гуна қадру қимат надоштани хешро аз конуни беадолати даврон ва гардиши фалаки сифлапарвар дониста, нисбат ба чунин қонуну ойин эътироз кардааст:

Намедонам ба ман ин сифларо буғзу адоват чист?
Насиб аз умри талхам додаю зору низорам кард.
Дили садпора дорам, ки доим ғарқ дар хун аст,
Ҳуҷуми сели ашки лолагунам дар канорам кард.
Маро аз тирабахтиҳои худ корам нашуд равшан,
Ки шояд баъди маргам равшанӣ шамъи мазорам кард.
Надорам симу зарҳо дар кафам то обрӯ гирам,
Ба назди дӯстону душманонам шармсорам кард [7, в. 59 б].

Ғармӣ дар натиҷаи тангдастию бепулӣ махсусан, дар вақти зимистон аз кулбаи зиндагӣ надоштани худ ба дод омадааст. Вай дар яке аз шабҳои зимистон чунин ҳолати хешро ба ин тарз тасвир намудааст:

Афтода чу ғамҳои ҷаҳон бар сарам имшаб,
Пул нест ба ҳамён, ки ангишт харам имшаб.
Дар кулбаи эҳзон зи хунук ларзазанонам,
Зону чу арӯси нав андар барам имшаб,
Чун тир даромад хунук аз равзани бомам,
Бигзашт зи ҷавшан ба ҳалокат танам имшаб [7, в. 19 а].

Дар ин тасвир лавҳаи «**дар шаби пас аз никоҳ аз тарси домод ларзон зонуи хешро чун арӯси нав ба оғӯш кашидан» -**и шахси шоир хеле ҷаззоб рассомӣ гардидааст. Чунин тасвири лавҳаҳоро шоире қодир аст, мусаввирӣ кунад, ки ба монанди Раҳими Ғармӣ аз байни мардуми оддӣ ва табақаҳои поёни иҷтимоӣ баромада бошад.

Яке аз шоирони сарсону саргардони кӯҳистон **Фориғи Ҳисорӣ аст**. Фориғ, тибқи санадҳои таърихи девонаш, дар охирҳои қарни XVIII дар Ҳисори Шодмон ба дунё омада, то солҳои 60-уми садаи XIX дар қайди ҳаёт будааст [10, в. 14 а].

Замони зиндагии ин шоир ба давраи ҳукмронии амир Шоҳмуроду Ҳайдар ва амир Насруллоҳи Манғит рост меояд. Вақеан, дар ин ҳангом аз ҷангу ҷидол ва тоҷу тахтталабии ин амирону феодалони маҳаллӣ, ҷангҳои байни амирони Бухорову Хонияи Хӯқанд ва хонҳои Хоразм (Элтузар) мамлакат хароб, халқ абгор ва аз назари маънавию ахлоқӣ бе назму низом гардида буд. Баъзе ҷиҳатҳои чунин авзои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию маънавии кишвари Мовароуннаҳр дар ғазалиёти Фориғ инъикоси худро ёфтааст.

Чунончи, дар ғазали зерин пастравии ахлоқи табақаи ашроф, ривоҷи хиёнаткорӣ, макру фиреб ва дар натиҷаи ин ба вартаи қашшоқӣ афтодани халқ чунин ба тасвир омадааст:

Хароб гашт ватан, гум шуд аз миён номус,
Намонд дар бадани халқ пардаи фонус,
Ба дӯши мардуми олам либоси урёнӣ,
Тиҳишикам ҳама андар хурӯш чун қомус,
Шукӯҳи ҷӯши фиғон он чунон, ки ҳар шахсе
Ба арзи нолаи ҷонкоҳ ҳамдами фақнус.
Чунон ҳуҷуми фалокат, ки хоҷаю мулло,

Шуданд ҳар як аз ин ду ба якдигар ҷосус.
Ридои макр ба бар як ҷаҳон зи марду зан,
Ба фикри ҳилаву тадбир ҳар яке солус [10, в. 74 а].

Фориғ ҳамчун як нафар шоҳиди зиндаи замонаш дар ин гирдоби пурхатар аҳволи танги хешро ба ин қарор муаррифӣ кардааст:

Ба хок афтодаю хору заифу зор ман бошам,
Ҳақиру бенавою хастаю афгор ман бошам.
Мусибатдидаю мотамкашида, хунидил хӯрда,
Наҳифу кулфатандуду ба меҳнат ёр ман бошам.
Ғарибу дар ба дар чун об дорам сар ба пастиҳо,
Зи табъи соф чун ойина дар зангор ман бошам.
Ба асри тирабахтӣ сояпарвардаи шомам,
Ба ранги чашми анҷум то саҳар бедор ман бошам.
Чу гандум синачокам з-осиё чархи дунпарвар,
Зи аҳди Одам аз ҷаннат бурун ночор ман бошам.
Зи сар афкандагӣ чун зулф ҳастам дар шикасти дил,
Агар кам менамоям, дар назар бисёр ман бошам [10, в.93 а].

Оре, ба ин гирдоби бало ва дарду аламҳо танҳо Фориғи Ҳисорӣ гирифтор набуда, чунон ки худи шоир мегӯяд «дар назар кам намояд ҳам», аммо дар асл «бисёри ҳазору ҳазор» буданд.

Дар девони ғазалиёти **Мирзо Муҳаммад Шӯхии Хӯҷандӣ** низ шикваю шикоятҳои пуралам аз даврони пуршӯру шарари худ хеле бисёранд. Аммо мавридҳое дар ниҳоди ин шоир як равони қавӣ ва неруйи тоза пайдо мешавад, ки бо камоли далерӣ бар муқобили кирдорҳои беадолатонаи душманони хеш бишӯрад. Шояд мояи ин ҷасорат аз шоирзода ва дудмони Аҳмад Ҷалолуддини Махдуми Аъзам будани Муҳаммад Шӯхӣ бошад. Ба ҳар ҳол, шикоятҳои Шӯхӣ аз ҳукуматдорони пастфитрату зимомдорони беҳунари рӯзгораш кам нестанд:

Сад дафтар аз шикояти даврон бувад маро,
Ку сомеъе, ки гӯш кунад ин фасонаро [16, в.170 а].

Шоир дар замони худ аз беқадр гардиданҳои аҳли фазл бо надомат изҳор менамояд, ки хушо дар аҳди Сикандар аҳли хиради кишвар эътиборе доштаанд. Аммо гуфтааст ӯ:

Софтабъонро дар ин айём, Шӯхӣ, қадр нест,
Буд дар аҳди Сикандар эътибор ойинаро [16, в.49 б].

Аз ин сабаб, вай бар муқобили зимомдорони нотавони замонааш шӯрида, таъкид менамояд, ки ҳоло инони кишвар ба дасти заҳҳоктабъон афтодааст:

Чархи оҷиз хӯрд то мағзи саре бошад қавӣ,
Бӯи мардӣ ёфт ин номард аз кофури мо [16, в.56 б].

Шоир бисёр хуб медонад, ки ҳукми шоҳон гузарон аст. Аммо сухани шоирон ҷовидонист:

Рафтанд шаҳон монд нишон ганҷу гуҳарҳо,
Ғайр аз сухане чанд набошад асари мо [16, в.63 б].

Бинобар ин, вай ба натиҷае расидааст, ки дар ҷаҳон қадри сухан аз ҳама волост. Ба ин сабаб алайҳи душман бояд бо сухан ҷангид:

Ба гуфтугӯ сари душман қалам тавонам кард,
Забони хомаи ман **теғи обдори** ман аст [16, в.69 б].

Агар шоир дар ин байт бар муқобили хасм хомаи худро ба «**теғи обдор**» баробар намояд, дар байти дигар онро вай ба «**ханҷари пӯлодин**» монанд кардааст:

Набувад аҳли суханро ҳазар аз душмани хеш,
Хомаи теззабон **ханҷари пӯлоди ман** аст [16, в.86 б].

Дар адабиёти классик ба шамшер монанд кардани қалам ва ба пӯлод ташбеҳ додани ханҷар хеле маъмул аст. Чунин ташбеҳу истиоротро шуаро барои намоиш додани иқтидори беҳамтои бузурги хеш дар муқобили душмани басо қавӣ истифода мекарданд. Аз ҷумла, Шӯхии Хӯҷандӣ низ ҳамчун шоирзода: писари Лутфуллоҳ Шайдои Махдуми Аъзам дар муқобили фармонфармоёни ношуди сарватманди замонааш иқтидори беҳамтои хеш: **забони шамшер** ва **ҳомаи пӯлодин**ашро намоиш додааст.

Бемуҳобо, Шӯхии Хуҷандӣ дорои маҳорати баланди эҷодӣ ва суханофаринӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шеъри ӯ баррасии мавзуъҳои анъанавии адабиёт дар робита бо воқеаҳои ҳаётӣ мебошад [12, с.338].

Дар ғазалиёти Шӯхии Хуҷандӣ мафҳумҳои «ашк», «ашки ғам», «ашки хун», «оби чашм», «шӯри ғам», «чашми тар» ва ғайра фаровон истифода гардида, дар аксари мавридҳо барои тақвият бахшидани афкори мазҳабии шоир ва андешаҳои иҷтимоии ӯ ба кор рафтааст:

Ашки хун дар ӯ дорам баҳр-баҳр,
Шӯри ғам дар сина маҳшар-маҳшарам [12, с.339].

Дар маснавии «Дахмаи шоҳон» шоири барҷастаи садаи XVIII ва ибтидои қарни XIX **Мирзо Содиқи Муншӣ** (1758-1819) ҷиноятҳои зиёди амирони золими сулолаи Аштархониёнро дар ҳаққи раияти замонаш бо раҳёфти нави тасвир танқиду маҳкум кардааст. Фаъолияти эҷодии Мирзо Содиқ дар миёни фаъолияти адабии Сайидои Насафӣ (в.1711) ва Аҳмади Дониш як ҳалқаи иртиботӣ ва барзахе аст.

Мирзо Содиқ ҳамон шоири инсонпарвар буд, ки дар маснавии «Дахмаи шоҳон» амирони золимтарини аштархонӣ махсусан, Субҳонқулихон (1680-1702) ва Абдулфайзхон (1711-1747) –ро бо кирдори ҷабру зулми гузарои ба халқ раво дидаи онҳо дар курсии ҷиноят шинонидааст. Ин амирон дар охир маҷбур мешаванд, ки ҷиноятҳои бешумори худро худашон ба забони худ нақл кунанд ва дар назди халқ худашон бо сари хам иқрор шаванд. Аз ҷумла, худи Абдулфайзхон мегӯяд:

Сари саркашам шамъсон гашт паст,
Надонистам имрӯз дар пеш ҳаст.
Зи бас маст будам зи ҷоми ғурур,
Мукофотро дидам аз хеш дур.
Кунун ин мукофоти кирдорҳост,
Ҳамин ранҷам озори озорҳост.
Маранҷон дили халқ аз баҳри ӯ,
Ки бошад ҷаҳон душмани дӯстрӯ [5, в.44 а].

Шоир ҳатто ҷуръат намудааст, ки дар яке аз тороҷгариҳои амир Шоҳмуроди Манғит ӯро бо мадади суханони Саъдӣ барои эҳтиром кардани иззати нафси халқ ба адлу дод даъват кунад:

Раият ба тороҷи афғон мадеҳ,
Шубони ғанамро ба гургон мадеҳ.
Ҳамин байти Саъдӣ ба худ ёд ор,
Ки дар «Бӯстон» аст з-он ёдгор:
«Худоро бар он банда бахшоиш аст,
Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст.
Туро дода хақ мансаби доварӣ,
Ки бояд ғами зердастон х(в)арӣ» [5, в.30 а].

Хушбахтона, ин даъвати саъдиёнаи Содиқ ба иззати нафси амир Шоҳмуроди «Маъсум» нарасидааст.

Шоири барҷастаи дигари нимаи аввали садаи XIX **Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ** аст, ки бо маснавии бештар дунявию воқеии «Юсуфу Зулайхо» ва ғазалиёти ҳаяҷонбахши худ дар Мовароуннаҳр шуҳрати босазо дорад. Ҳозиқ аз рустои Кархи Ҳирот ба Мовароуннаҳр бо нияти таҳсил меояд. Ҳангоми таҳсил ба парастории меҳрубониҳои амир Ҳайдар мушарраф мегардад. Аммо дере нагузашта амир бо фитнаи дарбориён ба Ҳозиқ бо чашми ночиз менигарад ва шоир низ ба қавли Мирсиддиқи Ҳашмат ба дарбори амир «**нафрин гӯён**» ба назди амир Умархони Хӯқанд меравад. Вай дар Бухоро одобу ахлоқ ва равони амиру дарбориёни фитнаангези ӯро ба хубӣ санҷида буд ва ба хулосае меояд, ки ин тоифаи фитнапарвари кундазеҳн ҳаргиз ҳаққу ҳуқуқи ба раияту давлат сарварӣ кардан надоранд. Чунончи, дар ин чаҳор байти ғазал шоир мефармояд:

Халқи оламро на **ҳар дун даст бар сар мекашад,**
Ин қадаҳ аз даври гардун меҳри ховар мекашад.
Бори узви ҷоҳро ҳар сифла натвонад кашид,
Ҳеҷ тори анкабуте иқди **гавҳар** мекашад?!
Баски масти бодаи ҳирсанд абнои замон,

Табъашон **хуни падар** аз **шири модар** мекашад.
Қасди золим аз тавозӯъ нест ҷуз **тамҳиди зулм**,
Мешавад **ҳам неши ақраб заҳр чун бар мекашад** [14, в.207 б].

Аз даври гардиши офтоб то ин замон ҳама медонанд, ки шахси дунтабиате сари мардуми оламро ҳаргиз навозиш накардааст. Монанди ҳамин ҳеҷ гоҳе сифлае кору бори мансабу давлатро иқтидори кашидан надорад. Дар ҳамин қиёс ҳаргиз касе намедонад, ки «**иқди гавҳар**» -ро ба «**тори анкабут»** кашида бошанд. Дар ин маврид Ҳозиқ бо нуктасанҷии тамом ва нозукбиние «**иқди гавҳар**»-ро аз бори халқ ва **«тори анкабут**»-ро аз ҳукуматдорони замон истиора оварда гирехи нуктаро кушодааст.

Дар байти сеюм шоир бо ибороти «**аз шири модар кашидани хуни падар**» ҷаҳолати гузарои мансабдорони аморати Бухороро сахт маҳкум кардааст. Чунин рафтори ҷоҳилона набояд хосси табиати инсонӣ бошад. Дар байти чаҳорум кирдори аҳли зулм ва тавозӯи он ба ҳаракати каждум монанд гардидааст, ки каждум пеш аз нештар задан думашро поён гирифта ба задани нештар тайёр мешавад.

Дар ин ғазал Ҳозиқ марому кирдори аҳли зулмро бо овардани далелҳои боварбахше аз ҳаёти иҷтимоиву олами табиат ба дараҷаи сахт маҳкум кардааст.

Дар ғазалиёти Ҳозиқ яке аз масъалаҳои умдаи иқтисодӣ **мавзӯи зар ва соҳибони вай матраҳ** гардидааст. Дар ин масъала шоир пас аз дар қиёси якдигар баррасиҳои вазъи зиндагии аҳли донишу хирад ва соҳибони молу зар ба натиҷаи зерин расида бо истеҳзои талхе мефармояд:

Симу зар таҳсил кун гар обрӯ мехоҳадат,
Обрӯе дар ҷаҳон кай беҳтар аз симу зар аст.

Симу зар барои инсон қувваи нав, руҳи тозае бахшида, дар ҳалли душвориҳои зиндагӣ чароғи ақлу заковат шудааст. Шахси доро гарчӣ гунаҳкори азим аст, бо қувваи зар ҳатто дили «худованд»-ро ёфта, то ба биҳишт ҳам рафта метавонад:

Нурбахши дидаҳову ҳалли мушкилҳост зар,
Қуввати дин ҳам агар донӣ, зи зари аҳмар аст.
Нест бадтар дӯзахе аз безарию муфлисӣ,
Рост гӯям, зар калиди боғи хулду Кавсар аст.

Ҳозиқ дар ин ғазал бо киноя талхи нишонрас изҳор мекунад, ки агар аҳли сарват ба воситаи симу зар ҳатто «дили Худоро ба даст оварда» тавонад, пас дар хусуси мушкилоти дигар сухан рондан ҳоҷате надорад:

Метавон бо зар Худоро ҳам зи худ хушнуд сохт,
Гар Худоро чун хуш ояд, пас чӣ ҳарфи дигар аст? [14, в.3 б].

Дар ин даврони фитназ аз дасти муфлисию қашшоқӣ, бепулию безарӣ, заҳри ҷонкоҳи қарздорию тазйиқи паёпаи соҳибони молу зар сахт ба ҷон омада, фарёдҳои ҷонкоҳ кашидани аҳли донишу хирад яке аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти шуаро гардид. Шоҳиди барҷастаи ин ҳақиқати таърих мазмун ва мундариҷаи ғоявии девонҳои ғазалиёти Носеҳи Хатлонӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Ҳаббои Дарвозӣ, Раҳими Ғармӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Маъдани Понғозӣ ва чанд нафари дигаранд. Шояд яке аз сабабҳои эътирозоти табақаи мустамандтарини аҳолӣ алайҳи қашшоқию таҳдидҳои қарздорӣ ва беш аз пеш афзудани таваҷҷуҳи оммаи мардум барои дастрас намудани симу зар «дар Мовароуннаҳр аз охирҳои садаи XVIII ба андози пулӣ иваз гардидани андози молӣ» [1, с.132] бошад.

Чунки тибқи гуфтаи К. Маркс «дар ҷамъияте, ки пул эътибор дорад, соҳибони зар комрон ва муътабаранд» [4, с. 447].

Девони ғазалиёти **Авазмуҳаммад Нозили Хуҷандӣ** (1790-1876) дар таҳқиқи аҳволи мардуми нимаи аввал ва миёнаҳои садаи XIX водии Фарғона яке аз сарчашмаҳои асосии адабию таърихӣ мебошад. Чунки дар девони ин шоири аз байни табақаи поёни иҷтимоӣ сабзида, шарҳи аҳволи мардуми мустаманди водии Фарғона назар ба девонҳои шуарои дигари ин водӣ бештар дар сатҳи тафаккури бадеии ҳамин мардум ифода ёфтааст.

Ҳарчанд ғазалиёти Нозил аз ҷиҳати шеърият ва маҳорати баланди бадеӣ ба дараҷаи баланд нест, аммо аз лиҳози фаро гирифтани масъалаҳои муҳим, яъне чигунагии вазъи аҳволи мардуми табақаи истеҳсолгари неъматҳои моддию маънавӣ дар пояи баланди иҷтимоию сиёсӣ меистад. Дар ин ғазалиёт равони пурфутуҳи мардуми оддии замони Нозил бо садои эътирози шахси шоир якҷоя танинандоз аст. Чунончи, шоир дар ғазали

зерин, ки матлаи ошиқона дорад, тибқи суннат мақтаи онро низ бо андешаи ошиқона поён пазируфтааст. Аммо мақсади умда, аҳволи мустаманди мардуми замонаро дар миёни ғазал овардааст.

Синасадчок ҳамчу ман дар ишқ расво камтар аст,
Шонаю зулфи чунин занҷир дар по камтар аст…
Эй гадо, дасти дуо бар чашми худ неҳ, кӯр шав,
З-он ки мехоҳӣ мурувват, з-аҳли дунё камтар аст.
Гар ба меҳмонӣ ба ҳар ҷо по ниҳӣ, ҳушёр бош,
Дидаи анқост нони хушк ҳар ҷо камтар аст.
Қатрасон аз худ тиҳӣ чун гашта дар баҳри фано,
Ҳамчу Нозил дар муҳаббат дурри якто камтар аст [8, в.31 а].

Шоир дар ғазали дигар вазъи ниҳоят пурҳавли барои аҳли хирад мотамхонаи замонашро, ки дар он мардум мисли ғунчаҳо **«ҷигархун», «косаҳо пур аз заҳр»** ва аз **«теғи ҳаводиси аём ба дод»** омадаанд бо андуҳи амиқ ва дилсӯзии бепоён ба қалам оварда, таассуф мехӯрад, ки кишвари ӯ саросар ҳама вайрон гаштаасту дар он як манзили обод ҳам пайдо нест:

Сурати ваҳмест ояд дар хаёл олам куҷост?
Фарз бишморӣ, ки олам ҳаст. Ку одам? Куҷост?!
Ҳар касеро бингарам дар мотаме печида сар,
Ғунчасон хуни ҷигар дорад ба дил, хуррам куҷост?!
Ҷони доно з-ин инқилоби давр лабрези ғам аст,
Аблаҳонро нашъаи шодист, дар дил ғам куҷост?!
Аз дами теғи ҳаводис доғам, аз таъҷили умр,
Сина пурзахм аст, аммо фурсати марҳам куҷост?!
Эй ки мегӯӣ ба Нозил: «хез, рав з-ин ҷо дигар»,
Бигзарам з-ин манзили вайрона, ободам куҷост?! [8, в. 41 б].

Нозил ҷоми мардуми доною хирадмандро лабрези заҳру ғам ва аблаҳони рӯзгорашро шоду хуррам ва комрон дидааст. Таҷрибаи зиндагии шоир ҳар қадар, ки зиёд мешуд, ҳамон қадар дар назари ӯ камбудиҳои замонааш аён мегардид: «Бо боғи олам бин, ки ранг аз рӯйи гулҳо рафтааст, Нолаи ҷонсӯзи булбул бемуҳобо рафтааст» [9, в. 38 б]. Дар бисёр ғазалҳои Нозил авзои ваҳмангези замон, аҳволи халқи мустаманд ба мисли ғазалу қитъаҳои Маҳмуру Нодир ба умеди фардои нек ва беҳбудии мазлумон бо нафрати сӯзон танқиду мазаммат ва маҳкум гардидаанд.

Нозил дар нақшҳои ҳунарии **«манзили вайрона», «синаи аз теғи ҳаводис пурзахм», «сари аз мотами давр хам», «сурати ваҳм», «ғубори зулм», «лабрези ғам», «ҷавру ситами ағниё»** манзараи мудҳиши хонияи Хӯқанди замонашро тасвир намудааст. Дар чунин шеърҳо шахси шоир ҳамчун қаҳрамони лирикӣ бо ғаму андуҳ ва сӯзу гудоз дар тарафдории манфиатҳои мардум ва беҳбудиҳои мамлакат ба муқобили ойину қонун ва ҳукми замонаи зулмбунёд шӯридааст. Ӯ дар яке аз ғазалҳояш мегӯяд:

…Дуздон ба иззу шавкату нихват гирифтор,
Коло рабуда аз кафи бечораю нотавон.
Аз ҷаври дасти кунданишинони рӯзгор,
Занҷир лаб кушуда чу афъии билъамон.
Шайхи замона сар сӯйи меҳроб карда паст,
Дар фикри он ки раҳ зада, нафъаш кунад ба ҷон.
Нозил, ба хатм кӯш суханро, ки ҳолиё,
Гунг аст дар замона сухангӯи нуктадон [8, в. 147а].

Шоир дар шеъри дигар, ки дар пайравии қитъаи Бедил гуфтааст, матлаби болоро ба таври хеле барҷаста баён кардааст:

Вақти он шуд, ки намонад ба ҷаҳон ҳаққи намак,
Силаву раҳму мурувват зи миён гардад ҳақ.
Соҳиби ҷуду карам ҳеҷ нахоҳӣ ёбӣ,
Гар тафаҳҳус кунӣ аз авҷи само то ба самак.
Чаправон зери ҷулу шол чу хар гардад хуш,
Ростон ғамкашии даҳр ба таҳти капанак.
Ҳама дар қулзуми дарёи ҷаҳолат ғарқа,

Соҳили амн нахоҳанд ба ғайр аз ғӯтак.
Сухани ҳақ ҳама ботил шудаю рост-дурӯғ,
Эҳтироз аз тафи хуршед кунад чун шапарак.
Бӯриёсон ба таҳи пой шаванд аҳли улум,
Соҳиби ҷаҳлу хиёнат бикашад сар ба фалак [8, в.112 б].

Ба ақидаи шоир дар чунин ҷамъияти беадолат умр ба сар бурдан басо душвор аст. Аз ин рӯ, вай ба хулосае омадааст, ки бар сари зимомдорони золими чунин ҷамъияти беназму низом ба ҷойи борони найсон «**тири бало**», бар ивази раҳмати Илоҳӣ «**оташи нафрат**» ва бар хилофи сурмаи чашм «**хоки гардун**» биборад, авлотар аст. Аз ҷумла ӯ фармудааст:

Бар сари аҳли замона **хоки по** борад кам аст!
Ҷои борон аз фалак **тири бало борад** кам аст!
Дуди фисқ аз бениёзӣ сӯйи гардун меравад,
Ҷои он дорад, ки **оташ аз ҳаво борад** кам аст!
Аз ғубори зулм чашми аҳли биниш хира шуд,
Хок аз гардун ба ҷои тутиё **борад кам** аст [8, в. 36б].

Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ин шеърҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Нозил низ ба мисли шоирони пешқадами гузаштаю муосираш пайваста дар роҳи адлу ободиҳои кишвари худ ва ҳуқуқи инсонии фуқарои замонаш кӯшишу ғамхориҳо кардааст. Ҳамзамон ӯ, қисми зиёди ғазалиёти худро мувофиқи сатҳи дониш ва завқу салиқаи деҳқонону аҳли ҳирфаи замонааш гуфтааст. Дар чунин ғазалҳо орзую умед ва ниятҳои наҷиби табақаи поёни иҷтимоии Моваруннаҳр тасвир гардидаанд.

Ба ин тариқ, аз тавсиф ва таҳлили мухтасари заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии шароити эҷодии адибони ин давра маълум гардид, ки воқеан дар ин мақтаи таърих дар Моваруннаҳр барои мавҷудият ва пешравии адабиёту санъат ва дигар шаклҳои тафаккури бадеӣ шароити ниҳоят танг ва басо сахт боқӣ будааст. Чунин шароити ниҳоят танги эҷодиро дар Моваруннаҳр шояд баъди истилои урдуи чингизиён танҳо дар ҳамин садаи XVIII дучор меоем. Ба касофати чунин бадбахтиҳо буд, ки дар осори адибони ин давра тасвири авзои басо ҳузновару ғамангези кишвари торуҷдида ва аҳволи зиндагии мардуми мустаманди қашшоқи Моваруннаҳр мавзуи аз ҳама асосӣ қарор гирифтааст. Яқинан ҳамаи ин оҳу нолаҳо, эътирозоти ҳузновар ва ғамангези шуаро, дар навбати худ садои фарёдҳои равони оммаи мардуми додхоҳи замона буданд. Чунин садои имдодталаби мардум дар осори адибони махсусан, қисмати кӯҳистон бештар мушоҳида гардиданд.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI - середина XIX в.) / П.П. Иванов. - М.: Издательство восточной литературы, 1958. - 247 с.
2. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX (қисми 1) / У.Каримов, А. Абибов. - Душанбе: Дониш, 1974. - 201 с.
3. Қонеи Насафӣ. Девон. Нусхаи № 891 (Дш).
4. Мирзо Атои Бухороӣ. Девон. Нусхаи № 824 (Дш).
5. Мирзо Содиқи Муншӣ. Маснавии Дахмаи шоҳон. Нусхаи № 26 (Дш).
6. Мирсиддиқи Ҳашмат. Тазкират-уш-шуаро. Нусхаи №2729 (Дш).
7. Мулло Раҳими Ғармӣ. Девон. Нусхаи № 652 (Дш).
8. Нозили Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи №1033 (Дш).
9. Носеҳи Хатлонӣ. Маснавии Ҳайратангез. Нусхаи № 984 (Дш).
10. Фориғи Ҳисорӣ. Девон. Нусхаи №892 (Дш).
11. Ҳаббои Дарвозӣ. Девон. Нусхаи № 821 (Дш).
12. Ҳайдарова Б.У. Сувари хаёл дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ / Б.У. Ҳайдарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – №7. - 402 с.
13. Ҳаҷрии Дарвозӣ. Девон. Нусхаи № 1995 (Дш).
14. Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ. Девон. (Нш профессор У.Каримов).
15. Шайдои Хуҷандӣ // Тазкираи шуарои Хуҷанд. Бо пешгуфтор, тавзеҳ ва фехристи Насриддинов Абдуманнон. – Теҳрон, 1384. - С.134.
16. Шӯхии Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи № 2313 (Дш).

МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТ ДАР МОВАРОУННАҲРИ САДАИ XVIII ВА АВВАЛИ ҚАРНИ XIX

Дар мақола таърихи равандҳои ҳаёти адабии Осиёи Миёна дар садаи XVIII ва аввали қарни XIX баррасӣ шудааст. Дар асоси маъхазҳо, девонҳо, баёзҳо, мероси эҷодӣ асолати маҳорати ғазалсароии чунин шоирон ҳамчун Қонеи Насафӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Ҳаҷрии Дарвозӣ, Ҳаббои Дарвозӣ ва дертар дар солҳои 80-90-ум ва то миёнаҳои садаи XIX шоирон ҳамчун Орифи Бухороӣ, Шавқии Каттақурғонӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Нозили Хуҷандӣ, Узлати Косонӣ, Султонхони Адо, Макнуна, Маъдани Понғозӣ, Шӯхии Хуҷандӣ ва чанд нафари дигар тасвиршуда ба исбот расидааст. Тавре ки маълум аст, ғазалҳо қисми асосии девони шоиронро ташкил мекарданд. Дар ғазал одатан, аз як тараф, эҳсоси ошиқона - ҳолати аҷиби муҳаббати бузург ва самимӣ ба “ёр”- маҳбуба (дар ғазалиёти Макнуна “ёр” - маҳбуб), васфи зебоии маъшуқа, тавсифи рафтору кирдори ӯ, нолиш аз дарду ғам, сӯзу гудоз, оҳу нолаҳои ошиқ, шикоят аз рафтори рақиб ва тақдир, аз тарафи дигар, масъалаҳои ахлоқ, фалсафа, тасаввуф, панду насиҳат, шикояту бадбин будан аз муҳити мавҷуда ва ҳатто сиёсат аз мулоҳизоти ғазалсароён низ дар канор намондааст. Шароити ниҳоят танги эҷодиро дар Моваруннаҳр баъди ҳуҷум ва истилои урдуи чингизиён танҳо дар ҳамин садаи XVIII дучор меоем. Касофати чунин бадбахтиҳо буд, ки дар осори адибони ин давра тасвири авзои басо ҳузновару ғамангези кишвари торочдида ва аҳволи зиндагии мардуми мустаманди қашшоқи Моваруннаҳр мавзуи аз ҳама асосӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: Моваруннаҳр, ғазал, девонҳо, шоирон, урдуи чингизиён, кишвари ғоратшуда.

ИДЕЙНО-МИРОВОЗЗРЕНЧЕСКОЕ СОДЕРЖАНИЕ ГАЗЕЛЕЙ В МАВЕРАННАХРЕ XVIII – ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЫ XIX В.

В статье приведена история исследования процессов литературной жизни Средней Азии второй половины XVIII - первой половины XIX вв. На основании сведений источников, диванов, баязов описано своеобразие поэтического мастерства поэтов-певцов газелей, таких как Канеи Насафи, Мирзо Содики Мунши, Насехи Хатлони, Хаджрии Дарвози, Хаббои Дарвози, а позднее, в 80-90-ых годах до середины XIX века, поэтов - Орифи Бухорои, Шавқии Каттақурғони, Джунайдуллохи Хазык, Нозили Худжанди, Узлати Косони, Султонхони Адо, Макнуна, Ма'дани Понгози и др. Как известно, основную часть их диванов составляли газели. В газели, с одной стороны, обычно присутствует романтическое чувство - прекрасное состояние большой и искренней любви к “ёр” возлюбленной (в газелях поэтессы Макнуны “ёр” возлюбленный), описание внешней красоты любимого человека, описание его поведения, стон, боль, горе, вздохи влюбленного, жалобы на поведение соперника и судьбу. С другой стороны, вопросы морали, философии, мистицизма, советы, жалобы и ненависть к существующему окружению и даже политическому строю не остаются в стороне от мыслей певцов газелей. Чрезвычайно трудные условия для творческой деятельности поэтов сложились после нашествия и завоевания Чингисханом Мавераннахра в XVIII веке. В результате этих трагических событий, главной темой в творчестве писателей этого периода стало изображение бедственного положения разграбленной страны и тяжких условий жизни бедняков.

Ключевые слова: Мавераннахр, газель, диваны, поэты, Чингизово войско, разграбленная страна.

IDEAL-WORLD OUTLOOK CONTENT OF GAZELS IN MAVERANNAHR XVIII - FIRST HALF OF XIX CENTURY

The article describes the history of the study of the processes of literary life of Central Asia in the second half of the 18th - first half of the 19th centuries. Based on information from sources, divans, bayaz, it is described the originality of the poetic skill of poets-singers of gazelles like Kanei Nasafi, Mirzo Sodiki Munshi, Nasekhi Khatloni, Hajriy Darvozi, Khaboi Darvozi and later in the 80-90s until the middle of the 19th century poets like Orifi Bukhoroi, Shavii Kattaқurghoni, Dzhunaidullohi Hazik, Nozili Khujandi, Uzlati Kosoni, Sultonhoni Ado, Maknuna, Ma'dani Pongosi and others. As it is known, the main part of their sofas were gazelles. In gazelles, on the one hand, there is usually a romantic feeling - a wonderful state of great and sincere love for "yor" beloved a description of the external beauty of a loved one, a description of his behavior, groan, pain, grief, sighs of a lover, complaints about the behavior of an opponent and fate(in the gazelles of the poetess McNuna “yer” beloved. In another part, questions of morality, philosophy, mysticism, advice, complaints and hatred of the existing environment and even the political system is not remain aloof from the thoughts of the gazelle singers. Extremely difficult conditions for the creative activity of poets formed after the invasion and conquest of Maverannahr by Chenghis Khan in XVIII century. As a result of these tragic events, the main theme in the work of the writers of this period was the image of the disastrous the situation of a plundered country and the dire living conditions of the poor people.

Key words: Maverannahr, gazelle, divans, poets, Chingiz's army, plundered country.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Абдулазизова Зебо Садуллаевна*** – Донишкадаи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Деҳотӣ, ½. E-mail: **zebo61@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-506-91-51**

Сведения об авторах: ***Абдулазизова Зебо Садуллаевна*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Дехоти, ½. E-mail: **zebo61@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-506-91-51**

Information about authors: ***Abdulazizova Zebo Sadullaevna*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Dehoti, ½. E-mail: **zebo61@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-506-91-51**

УДК: 891.550

ПРОФЕССОР ХУДОӢ ШАРИФОВ ВА ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Беронов Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Ҳаким Носири Хусрав аз ҷумлаи он саромадони сухан аст, ки ҳанӯз дар замони зинда буданаш таваҷҷуҳи аҳли фазлу адабро ба худ ҷалб намуда буд. Ин аст, ки ҳанӯз пас аз сад соли аз ҳаёт падруд гуфтани ин ҳакими суханвар тазкиранависон ва сарчашмашиносон нисбати ӯ андешаҳояшонро баён сохтаанд. Гарчанде баъзе аз ин маълумотҳо ғаразнок бошанд ҳам, аммо дар баробари дигар шахсиятҳои таърихӣ аз Носири Хусрав ёдоварӣ шудаанд.

Дар заминаи ин маълумотҳо, сарчашмаҳо ва тазкираҳо омӯзиши ҳаёт ва осори Носири Хусрав дар баробари дигар намояндагони адабиёт оғоз гардида, ҳанӯз аз асри Х1Х ҳаёт ва осори бузургони ин сарзамин муҳимтарин вазифаи ин омӯзиш ба шумор мерафт ва то ҳоло давом ёфта истодааст.

Таҳқиқ ва омӯзиши ҳаёт ва осори Носири Хусрав асосан аз нимаи дувуми асри Х1Х оғоз гардида, пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки олимони ғарб, ки ба адабиёт ва фарҳанги тоҷикон таваҷҷуҳи хосса доштаанд, ба ҳаёт ва осори ин шоири маъруфи тоҷик нигоҳи махсус ироа намуда, ҳаёт ва осори ӯро зери назари таҳқиқ қарор додаанд. Тибқи нишондодҳои солҳои охир маълум аст, ки осор ва ашъори Носири Хусрав асосан аз ҷониби олимони ғарб ва русия таҳқиқот оғоз шудааст. Махсусан таваҷҷуҳи олимони рус ба монанди Жуковский В. А., Семенов А.А., Крымский В. А., Бертельс А. Е., Иванов аз аввалинҳо шуда ба осори ин саромади сухан мутаваҷҷеҳ гардида, осори ӯро зери таҳқиқ ва нашр қарор додаанд.

Ҳаким Носири Хусрав, ки зодаи хоки Тоҷикистон аст ва бо осори гаронарзиши хеш таваҷҷуҳи олимони тоҷикро ҳанӯз аз оғози асри ХХ ба худ ҷалб карда, олимони тоҷик низ дар баробари олимон ва таҳқиқотчиёни бурунмарзӣ ба ҳаёт ва осори Носири Хусрав пажӯҳиш оғоз карда шуд. Ҷанбаҳои гуногуни ашъор ва осори шоир зери таҳқиқ оғоз шуда, то кунун қариб тамоми осори шоир аз ҷониби донишмандони тоҷик таҳқиқ ва пажӯҳиш гардида, олимони тоҷик Камол Айнӣ, Алиқул Девонақулов, Нозир Арабзода, Алимардон Амрияздон, Хаёлбек Додихудоев, Мусо Диноршоев, Худоӣ Шариф, Тоҷиниссо Муродова ва дигарон ҷанбаҳои фалсафӣ ва адабии осори Носири Хусравро таҳқиқ намудаанд

Худоӣ Шариф яке аз олими намоёни тоҷик, адабиётшиноси нуктасанҷ, ки қариб тамоми осор ва ашъори шоирони бузурги тоҷикро зери назари таҳқиқ қарор додааст. Нисбати ҳаёт ва осори Носири Хусрав андешаҳои ҷолиберо баён сохта, шеъри Носири Хусравро аз нигоҳи илмӣ хеле ҷаззоб мавриди таҳлил қарор додааст, ки то кунун ҳеч олими адабиётшинос осори ин шоир ва файласуфи бузурги тоҷикро то ин андоза таҳқиқ накардааст.

Ин адабиётшиноси пуркор ва дақиқназари охири асри ХХ ва аввали асри ХХ1 бо девони ашъори Носири Хусрав пурра ошноӣ пайдо намудааст. Дар бораи шеъри бузурги ин саромади сухан фикрҳои ҷолибе мавриди назар қарор дода, асарҳои илмӣ ва мақолаҳои зиёдеро дар мавриди осор ва ашъори ин шоири тавоно ба табъ расонидааст.

Асарҳои илмии ба ашъори Носири Хусрав бахшидаи профессор Худоӣ Шариф «Ҳакими суханвар» бо ҳаммуаллифии Абдулғанӣ Мирзоев ва «Рози ҷаҳон» буда, мақолаҳои зиёди илмии зиёдеро дар мавриди ашъори назмию насрии шоир таълиф намудааст. «Ҳакими суханвар» ба ҳаёт ва осори шоир бахшида шуда, дар он аз рӯзгор ва осори Носири Хусрав пурра ва дақиқ маълумот фароҳам оварда шудааст.

Асари таҳқиқотии ин муҳаққиқи нуктасанҷ ва ҳақиқатбин «Рози ҷаҳон» мебошад, ки бо хоҳиш ва таҳрири дубораи худи муаллиф бори дувум соли 2016 аз чоп баромад. Ин асари илмӣ аз пешгуфтор, мавзуи муҳимтарини ба ашъори Носири Хусрав бахшида шуда, иборат аст. Муҳаққиқ дар ин қисматҳои асар ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи шеъри шоирро ҳамаҷониба таҳлил кардааст, ки то кунун ба ин ҷанбаи фалсафаи шеъри ин файласуф касе даст назадааст. Дар пешгуфтори асараш профессор Худоӣ Шарифов дар мавриди шеъри Носири Хусрав чунин андешаронӣ менамояд: «Тафсиргарии айнӣ дар шеъри Хусрав

сабаби афзоиши бисёри мавзуоти шеъри ӯ шудааст. Шоир дар паси воқеияти шеъри худ пинҳон наемонад, балки ба воситаи он шахсияти худро, бо иловаи ормону хоҳишҳо мекушояду боз менамояд. Фарқи шеъри Хусрав аз дигар қасидасароёни гузашта ва ҳамзамонони ӯ дар ҳамин аст. Бо ин сабаб касоне, ки ба шеъри Хусрав сару коре мегиранд, аввал аз ашъораш ақоиду назару шахсияти худи ӯро меҷӯянд. Чунин муносибат дар шеъри шоир миёни осори фалсафӣ ва шеъраш тафовуте намегузорад» [14, с.8].

Муҳаққиқ дар таълифи ин асар ба се масъалаи муҳимми ашъори Носири Хусрав диққати махсус равона кардааст: авваал омӯхтан, шинохтан ва таъин намудани маъхаз, манобеи гуфтори ӯ дар девони ашъор; дувум, чеҳраи динию фалсафӣ ва мардумии Носири Хусрав дар ашъори ӯ; савум, омӯхтану шинохтани ҳунари шоир аз лиҳози услуб, вазну қофия, шаклу шеър ва санъату балоғат.

Бо ин иқдом устод Худоӣ Шариф таъкид месозад, ки: «Дар ин рисола мо ба нақди шеърии Хусрав аз мавқеи шинохти шахсияти гӯянда ҳамчун нақши ғиноӣ машғул шудаем. Шеъри Носири Хусрав бозгӯи як шахсияти оқилу фозили донишманд ва пониҳод бо эътиқоду ахлоқи нек мебошад. Вай сухан аз оли ҷаҳон ва инсон, мақсуди зиндагонӣ ва ҳосили умр мегӯяд ва сухани чунин шахсият бе гумон дар рӯзгори мо ҳам ибратомӯзу таъсиргузор аст» [11, с.13].

Дар ин замина донишманди тоҷик устод Худоӣ Шарифов нуҳ мавзуъро аз Девони ашъори Носири Хусрав мавриди таҳлил қарор додааст. Мавзуъҳои мавриди назари ин муҳаққиқ ба тартиби муайян буда, пеш аз ҳама, аз «Замон ва ҳоли шоир» иқдом намудааст. Дар ин мавзуъ муҳаққиқ асосан ҳаёти шоирро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, умри пурбаракати шоирро ба чанд бахш тақсимбандӣ намудааст: «Дар тули умри дарози худ Носири Хусрав бо табақоти гуногуни иҷтимоии мардуми замона, хешу табор, аркони давлат, аҳли дину мазоҳибу дониш, шуаро ва адибон, сарватмандону бенавоёну бардагону аҳли заҳмат ва дигар бандагони Худо аз ҷумлаи тоҷику форсу турку яҳуду араб ва шояд ҳиндувон сару коре доштааст» [10, с.15].

Бо омӯзиши ин қисматҳои ҳаёти шоир ҷаҳонбинии шоир ниҳоят васеъ ва серпаҳлу буда, бо мушоҳидаҳои худ дар вақти сафари ҳафтсола ва мулоқот бо табақоти гуногуни ҷамъият мавзуъҳои зиёдро ба миён овардааст. Новобаста ба осори насрӣ дар осори манзуми шоир муҳаққиқ Худоӣ Шарифов 250 масъалаи рӯзгори мардумиро аз «вазъи зиндагонӣ, таҷрибаи таърихӣ, илмӣ, таърихӣ, мазҳабӣ, ҳакимӣ ва ғайраро ба миён оварда, ки дар назди ӯ мавриди таваҷҷуҳ ва эътибор буданд» [14, с.15], таваҷҷуҳ намудааст.

Аз рӯйи ишораи ин муҳаққиқ миқдори масоиле ки дар девони ашъори Носири Хусрав ҷой дорад, дар ашъори ҳеч шоири дигаре дидан ғайри имкон аст. Ҳадафи шоир аз баёни чунин мавзуъҳои мутааддад раҳнамоии мардум ба роҳи ҳушёрӣ ва роҳи хайру савоб аст [10, с.231].

Худоӣ Шарифов, ки шеърро ҳам аз диди шеърият ниҳоят ҷолиб ва диққатҷалбкунанда месанҷид ва ҳам аз нигоҳи фалсафаи он низ андешаҳои махсусе дорад, ба шеъри Носири Хусрав таваҷҷуҳи хосса дорад ва онро ҳаматарафа таҳлил намуда, иброз медорад, ки: «Носири Хусрав дар бораи қимату арзиши шеър нуқтаи назари худро дорад, ки вай ба тарзи фаҳмишу биниши салафҳо ва ҳамзамонони ӯ монанд нест» [10, с.142].

Дар баробари шеър ва ҳунари шоирии Носири Хусрав профессор Худоӣ Шариф ишора менамояд, ки сухани манзуми шоир дар баробари офаридани шеър ва ҳунари шоирӣ, навоварӣ ва такмили андешаро низ дар он ворид сохтааст. Ин навоварӣ ва масъалагузорӣ дар шеъри Носири Хусрав аз ҷанбаи филологӣ ва фалсафаи замони ӯ берун аст. Ба ин хотир, аз нигоҳи муҳаққиқ масъалаи сухан ва нависандагӣ дар осори насрии шоир низ мавқеи махсус дорад. Ӯ менигорад, ки: «Сухани Хусрав ба наҳве шарҳи шинохтани назар ва маънои огоҳона аз гуфтори ӯст. Хусрав кӯшиш дорад, ки тафсири воқеӣ ба андеша ва биниши худ бидиҳад. Он дарёфтеро ки дигарон аз андешаи ӯ бояд ба ҷой биёранд, худ мекушояд ва ба шакли густурда ба миён меорад. Фарқи шахсияти шоирии Хусрав аз як шоири воқеъгӯй, ки дар вазъи биниши худ роҳат истода намудани воқеиятро густариш медиҳад, дар ҳамин аст» [11, с.8].

Устод Худоӣ Шариф ба мавзуи шеъри Носири Хусрав низ таваҷҷуҳи махсус дошта, онро аз рӯйи мавзуъ ба қисматҳои зиёд ҷудо менамояд. Аз ҷумлаи мавзуъҳое, ки дар девони ашъори Носири Хусрав баён гардидаанд, чанд нуқтаи калидиро пеши назари хеш қарор медиҳад.

Қобили зикр аст, ки мавзуи ашъори Носири Хусрав гуногун ва серпаҳлу буда, устод Худоӣ Шарифов танҳо чанд масъаларо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Пеш аз ҳама, мавзуи дину ойин ва таваҷҷуҳи шоирро нисбати ин масъала ёдрас шуда, иброз менамояд, ки: «Носири Хусрав аввал Қуръонро раҳбари худ карда, аз роҳи он ҷустани ҳақиқатро дархост менамояд. Зеро роҳи ҳақро дигар мазоҳиб ва аз ҷумла файласуфон ҳам ҷустаанд» [10, с.72]. Ва барои тасдиқи ин фикр абётеро аз қасоиди Носири Хусрав овардааст:

Қуфл аз дил бардору Қуръон раҳбари худ кун,
То роҳ шиносию кушода шавадат дар.
В-ар роҳ наёбӣ на аҷаб дорам, азеро-к
Ман чун ту басе будам гомроҳу муҳайар [5, с.232].

Дар ашъори Носири Хусрав мавқеи дину мазоҳиб мавқеи махсус дошта, ҳадафи шоир танҳо эътиқод доштан ба дину мазҳаб ва риояи кӯр-кӯронаи аркони шариат набуда, балки ҳамчун донишманди мутакаллим тамоми иддаои худро зери далелу бурҳон тасдиқ менамояд: «Хусрав дар тасвир ва тарғиби маънӣ ва мақсадҳои мазҳабӣ аз ҳунари шоирӣ ва суханварӣ низ истифода мекунад. Аз ин ҷост, ки шеъру сухани ӯ тобиши мазҳабӣ дорад ва аҳли илму адаб аз ҳамин ҷиҳат шахсияташро мешиносанд ва ситоиш мекунанд» [12, с.78].

Равшан аст, ки ақоиди мазҳабии шоир дар партави худшиносӣ, таълимоти офариниши ҳастӣ ва мақоми инсон дар олам робитаи ногусастанӣ дошта, андешаҳои ақидатии Носири Хусрав бо ин мавзуъҳо тавъам аст ва бо ин ҳадаф ҷанбаи амалии эътиқодро афзалият мешуморад. Чунонки донишманди тоҷик Худоӣ Шарифов таъкид месозад: «Шеъри ӯ (Носири Хусрав Б. Ҷ.) поя ва асоси қавли назарию ақидатӣ дошта, шакли таблиғи таҷрибаи гузориши онҳо мутобиқи ин ҳадаф ва мақсадҳои амалӣ сурат гирифтаанд» [12, с.79].

Ҳадафи шоир аз такя бар амал ин тарғиби ахлоқ буда, мазҳабро бе ахлоқ тасаввур кардан наметавонад ва вуҷуди бехирадро колбади беҷон меҳисобад:

Макун ҳаргиз бад-ӯ феъле изофат, гар хирад дорӣ,
Ба ҷуз ибдоъи як мубдаъ, ка ламҳи-л-айни ав адно.
Маҷӯй аз ваҳдати маҳзаш бурун аз зоти ӯ чизе,
Ки ӯ ом асту моҳиёт хос андар ҳама ашъё.
Макун наъташ бад он гуна, ки зоташ мунфаил гардад,
Чунон к-аз камтарин қасде ба гоҳи феъл зоти мо.
Гар аз ҳар бинишаш берун кунӣ, васфе бар ӯ мафзо,
Ду бошад бехилоф, он гаҳ на фарду воҳиду якто.
Хирадро аввалин мавҷуд дон, пас нафсу ҷисм, он гаҳ
Наботу гунаи ҳайвону в-он гаҳ ҷонвари гӯё [5, с.80].

Аз ин нуқтаи назар равшан аст, ки ҳадафи шоир низ дар он аст, ки аввалин мавҷуди Худованд низ ақл ва инсон низ бо доштани ақлу хирад аз дигар мавҷудоти олам тафовут дошта, соҳибмазҳаб будани инсон ҳам дар доштани ахлоқу адаб зарурат дорад.

Нуктаи меҳварии Носири Хусрав дар ин мавзуъ, ки муҳаққиқ таъкид сохтааст, пайванду ягонагии Қуръону ҳазрати Пайғамбар Муҳаммади Мустафо мебошад: «Хусрав бузургии Қуръону Муҳаммадро дар пайванду ягонагӣ мешиносад. Қуръону Зулфиқор ва Муҳаммаду Ҳайдарро қобили қиёси таъини арзиш медонад. Қуръон қудрате руҳониву маънавӣ, Зулфиқор қудрати ҷисмонист. Муҳаммаду Алӣ низ миёни худ дар мавқеияти асолати исломӣ ва ҳамин оғози маънавӣ ва қудрати тадбиқи амал барҳӯрдор мебошанд» [9, с.82].

Чун шоир ба ин ду асли исломӣ эътиқоди баланд дорад, ба ин хотир, танҳо дар шеъри худ низ пайғамбар ва аҳли байти ӯро мадҳ кардааст ва халифаи фотимӣ, ки меросдори ин хонадон аст, онро низ зери мадҳу санои худ қарор додааст. Муҳаққиқ ва донишманди тоҷик Худоӣ Шариф таъкид месозад: «Ситоиши хонадони пайғамбар ва меросбарони хираду илм дар қасидаҳои бисёр зиёд (5, 140, 153, 141, 142, 165, 172, 206, 334 ва ғайра) омадааст» [11, с.85].

Мавзуи дигаре, ки устод Худоӣ Шарифов таъкид месозад, ин «Олам, замон ва инсон» дар шеъри Носири Хусрав аст. Масъалаи муроҷиат ба ҷаҳон, замон ва гардиши он, ҳоли инсон дар ин ҷаҳони гарданда аз мавзуъҳои асосие аст, ки дар тамоми осори шоир мавқеи назаррас дорад ва муҳаққиқ низ инро хотиррасон месозад. Тибқи мушоҳидаҳои ӯ дар

Девони ашори шоир қариб 286 шеъру рубоию қитъа аксаран хитоб ба ҷаҳону замон ва масъалаҳои марбут ба он ҳастанд. Аз ҷумла:

Эй қуббаи гардандаи беравзани ҳузро,
Бо қомати фартутию бо қуввати барно [5, с.53].

Ё ки:

Ба чашми ниҳон бин ниҳони ҷаҳонро,
Ки чашми аёнбин набинад ҷаҳонро [5, с.55].

Дар ин маврид профессор Худоӣ Шарифов менависад, ки: «Дар атрофи ин мавзуъ (ишора ба ҷаҳону замон ва гардиши он - Б.Ҷ.) Носири Хусрав таркиботи хосси шеъри худро ба вуҷуд овардааст, ки ба сухани дигарон кам монандӣ дошта, сабки нотакроре тавлид кардааст» [10, с.95]. Аз ин андешаи муҳаққиқ равшан ҳувайдо мегардад, ки мавзуи мазкур дар ашъори шоир танинандоз буда, онро бо мативҳои гуногун ва сабку услуби бадеӣ чун «ҷаҳони гарданда», «гардиди гетӣ», «чархи бекор», «гунбади равон» ва ғайра садо дода, ба андешаи шоир ҳамаи ин садоҳо аз нопойдории ҷаҳон дарак медиҳанд ва мавқеи инсонро дар он муайян месозанд. Чунин нидоҳо бештар хусусияти огоҳкунандагӣ дошта, инсонро ба ҳушёр ва зирак будан дар зиндагӣ таъкид месозанд. Чунонки Худоӣ Шариф менигорад: «Шеъри Носири Хусрав аз дидгоҳи адабӣ ба шахсияти инсон дар доираи ҳастӣ бевосита алоқаманд мебошад. Ӯ чун мутафаккири соҳиби андешаи илмӣ ва системаи ҷаҳонфаҳмӣ мавқеи инсонро дар ҷаҳон ба монанди «мӯри донакаш» танҳо дар талоши ризқу рӯзӣ ва нигаҳ доштани тани худ намебинад. Ҷаҳон ҷойи шинохти худ ва ҷустану ёфтани роҳи саодати абадӣ ва ба он ҷода рафтан аст» [11, с.95]. Вале шоир ба дунё танҳо аз ин нуқтаи назар нигоҳ накарда, балки назари нек ҳам дорад ва онро манзили «алфанҷи мулки бақо» мехонад:

Ҷаҳон ҷои алфанҷу мулки бақост,
Бақоеву мулке, ки ноиспарист.
Гар аз баҳри мулк офаридат Худой,
Чаро мар-туро майл зии чокарист?
Талаб кун бақоро, ки кавну фасод
Ҳама зери ин гунбади чанбарист.
Ҷаҳонро чу нодон накӯҳиш макун,
Ки бар ту мар-ӯро ҳаққи модарист [5, с.138].

Хотиррасон кардан ба маврид аст, ки ҷаҳон ва замон ба ҳастии инсонӣ ва ҳадафи офариниши одам дар ин макон, дар шеър ва осори насрии Носири Хусрав ҷойгоҳи назаррас дошта, профессор Худоӣ Шариф низ ин масъаларо ба майдони таҳқиқ кашидааст ва онро бо истифода аз гуфтаҳои Носири Хусрав таҳлилу баррасӣ намудааст ва чунин хулоса мекунад, ки: «Инсони ба хотири ӯ ин ҷаҳонро офарида бояд дар камолот, худшиносӣ, донишу ақл сазовори таъиноти худ бошад» [9, с.151].

Нуқтаи баҳсталаби ашъори Носири Хусрав ин тарғиби омӯхтани илму дониш ва доштани ақлу хирад буда, дар ҳар маврид аъён ба назар мерасад. Устод Худоӣ Шариф низ ба ин ҷанбаи мавзуи ашъори шоир нукоти ҷолибро ба миён овардааст. Ӯ таъкид месозад, ки: «Носири Хусрав арзиши илму донишро барои инсон дар қиёси ҷаҳлу нодонӣ месанҷад. Чун қиёс гирифтан ибтидои маърифату огоҳист, муносибати ба дарёфти ин асл аз андешаи олимонаи шоир рӯйида, табиист. Ҷаҳл хоби ҷон аст ва бедорӣ аз он волоии инсон» [12, с.154].

Аз назари Носири Хусрав инсон агар ба чархи гардон назари нек дошта бошад, майли ӯ ба омӯхтани илму дониш зиёд гардида, такомули ақл низ ба амал меояд ва имонаш комил мегардад. «Вақте ки доноии дунёӣ ба ақл табдил биёбад, феъл донои дин хоҳад шуд, зеро аз диди ақл он чи дунё мекунад, аз довари дунёст» [5, с.155].

Муҳаққиқ омӯхтани илму дониш ва самараи онро аз дар назари Носири Хусрав мавриди таҳлил қарор дода, омӯхтани илмро асоси ҳадафи инсон мешуморад ва қайд менамояд, ки инсон бояд аз нодонӣ шарм дошта бошад ва иброз медорад, ки: «Нодонӣ курӣ ба ҳақ аст ва аврати ҷаҳлро вақти доноӣ дидан метавонӣ» [8, с.157]. Ҳадаф аз омӯхтани инсон аз илму дониш беҳтар ва бештар дарк кардани офариниши олам аст.

Мавзуи баъдие, ки муҳаққиқи осори Носири Хусрав Худоӣ Шариф ба он аҳамият додааст, ин масъалаи «Озода мардум» ё худ панду андарз аст. Маълум аст, ки ягона мавзуе, ки дар шеъри Носири Хусрав бо дигар мавзуъҳо тавъам аст, ин мавзуи ахлоқ ва

арзишҳои ахлоқӣ маҳсуб меёбад. Ин ҷанбаи мавзуи ашъори шоир хусусияти таълимӣ – тарғиботӣ дошта, ин мавзуъро дар қасоиди ӯ тибқи нишондоди пофессор Худоӣ Шарифов ба чанд бахш ҷудо кардан мумкин аст: «Аввало қасидаҳое, ки дар онҳо ба воситаи пурсиш шунаванда мутаваҷҷеҳи мавзуъ шуда, сипас матлаби асосӣ баён карда мешавад. Қисмати дигари қасидаи шоир хусусияти сюжетӣ дорад ва аз он баъд назари холисан илмӣ васл карда мешавад» [(9, с.183).

Дар асоси ин қисматҳо муҳаққиқ андешаҳои панду ахлоқиро дар ашъори Носири Хусрав таҳлил кардааст. Аз рӯйи назари ӯ ин қисмати қасоиди шоир ба мавзуъҳои ҳакимонаву зоҳида ва мазҳабӣ шомил гардида, ҳатто бобҳои алоҳидае дар маснавиҳои шоир мисли: «Фаслун фӣ-н-насиҳат» ва «Фӣ баёни насиҳат» мавҷуданд, ки ин ҷанбаи мавзуи шоирро ҳувайдо месозанд. «Панди Хусрав дар девони ашъори ӯ хеле амиқтар аст ва дар пояи устувори адешаҳои илмӣ ва мазҳабии ӯ қарор дорад. Аз ҷумлаи мавзуоти марбути панду андарз мо масъалаҳои илму дониш, ақлу хирад, некию бадиро ба фаслҳои мустақил ихтисос додем» [11, с.186] -таъкид месозад устод Худоӣ Шариф.

Дари дурҷи сухан бигшой бар панд,
Ғазалро дар ба дасти зуҳд барбанд.
Ба оби панд бояд шуст дилро,
Чу солат баргузашт аз шаст в-а анд [5, с.165].

Ҳадаф аз панду андарз додани шоир, пеш аз ҳама, аз он сабаб аст, ки шоир инсонро бузургиву сарварии инсонро бо кирдору рафтори ӯ муайян месозад. Зеро эътирофи бузургии мутлақи инсонӣ тақозои камолоти шахсӣ ва ҷамъиятии ӯро нишон дода, аз назари Носири Хусрав: «… инсон набояд ба таъмину парвариши тан машғул бошад, ин ҳолат ӯро аз омӯзиш ва дарки ин доираи ҳастӣ ва зиндагӣ нигоҳ медорад» [11, с.131].

Аз ин нуқтаи назар, панд аз назари Носири Хусрав воситаи тарбият аст ва он ҷо ки сухан сурати илмӣ ва мазҳабӣ мегирад, вазифаи таълимӣ дорад.

Ниҳоят, мавзуи ҷолиб ва назаргире, ки дар маркази диққати муҳаққиқ Худоӣ Шариф қарор дорад, ин «Дарахти тубои шеър ва ҳусни ҷаҳон дар шеъри Носири Хусрав» [10, с.54] аст. Дар мавриди дарахти тубои шеъри шоир муҳаққиқ дараҷаи таҳқиқ ва таҳлили ашъори ӯро дар назар дошта, назари муҳаққиқонро мисли Е.Э. Бертелс, Иванов, Питси, Шиблии Нуъмонӣ, Эдуард Браун, Муҷтабо Минавӣ ва дигаронро ба миён оварда, муносибати шоирро бо ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳассон, Кисоии Марвазӣ ва дигар шоирон зери таваҷҷуҳ қарор додааст ва дар қисмати охири ин бахш ба таҳлили шеъри шоир мепардозад ва шеъри ӯро ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва ҳам аз нигоҳи сабку услуб мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ҷамъбасти ин бахши мавзуи шоир устод Худоӣ Шарифов чунин менигорад: «Носири Хусрав шоири фикру андеша, назари мазҳабӣ ва фалсафист ва шеъри мадҳию тасаввуфӣ дар маҷози парвардаи ақлу дониши ӯ хушояд нест. Ба ин восита, Хусрав дар навбаи аввал ба арзиши қасоиди мадҳии дарбор хатти бутлон мекашад» [14, с.302].

Нуктаи ниҳоии андешаҳои Худоӣ Шарифов нисбати шеъри Носири Хусрав ин «Ҳусни ҷаҳон» дар шеъри шоир аст. Аз диди назари ҳусни ҷаҳон шеъри ин мутафаккир ду паҳлу дошта, аввал ҳусни ҷаҳони зоҳир бо ҳусни зебоии нотакрори он ва дувум, назари худи шоир ба ин ҳусни назаррабо ва дилфиреб, ки мавқеи фикрӣ ва назари илмию мазҳабии ӯро маълум мекунад [11, с.303] Аз тасвирҳои бисёр зебо ва ҷаззоби шоиронаи Носири Хусрав баръало ҳусни ҷаҳон дар шеъри ӯ равшан мегардад. Чунонки Худоӣ Шариф таъкид месозад: «тасвири зебоии ҷаҳон, васфи зоҳири зебои олам дар шеъри Хусрав ҷиҳати касбию ҳирфаӣ ва завқии дарёфти фардиро ба ҳайси ду паҳлуи зоҳир дорад: паҳлуи якум, маҳдудаи шаклию маҷмуии шеър ва дуюм завқи дарёфти зебоии ҳастӣ мебошад» [11, с.303]. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки дар ашъори Носири Хусрав тасвири табиат ва баҳору наврӯз бисёр ба назар расида, шоир бо тасвири ин манзараи фасли сол на танҳо ҷаҳони зоҳир, яъне омадани баҳор ва сабзу хуррам гардидани табиатро васф мекунад, балки бо тасвири зоҳир дар замири ӯ ботини ҷаҳон ҷаҳон низ нуҳуфта аст:

Ба қавли чархи гардон, бар забони боди Наврӯзӣ
Ҳарири сабз дарпӯшанд бӯстону биёбонҳо.
Дарахти борвар фарзанд зояд бешумору марр,
Даровезанд фарзандони бисёраш зи пистонҳо.
Фароз оянд аз ҳар сӯ, басе мурғони гуногун,

Падид оранд ҳар фавҷе, ба лавне дигар илҳонҳо.
Ба сони пурситора осмон гардад саҳаргоҳон,
Зи сабзай обдору сурхгул в-аз лола бӯстонҳо [5, с.67].

Дар ин қисмати қасида тасвири баҳор ифода ёфта, шоир аз поён ёфтани сардиҳо ва ҷунбиши боди наврӯзӣ дарак медиҳад. Дар ин қасида аз аввал то охир ҳусни ҷаҳон ва тавсифи он бо ҳунари шоирӣ ва завқи маъниофаринии ӯ бо ҷаззобияти баланд равшан аст. Дар тасвири шоир инчунин мусаввараҳои бисёр зебо ба монанди тасвири шаб, ҳусни табиат, баҳор, хазон ва гуногуни он нишон дода шудаанд, ки ҳусни зебои ҷаҳони зоҳирро баён месозанд. Ба андешаи устод Худоӣ Шарифов: «Носири Хусрав эҳсоси зебоии табиатро ба дафтари худ овардан мехоҳад ва пуштибони «покию зебоӣ чун боғу роғ ва иснони зебо ва маҳкаме чун қаср будааст» [11, с.67]. Ҳусни зебоии назму наср ва инсон дар шеъри шоир тобеи даъват ва даъвоҳои мазҳабӣ ва ақидатии ӯ мебошанд. Зебоии ҳақиқии инсон тобеи мақсадҳо, раҳоӣ аз гирифториҳои ҷаҳон ва расидан ба камолоти руҳониву ақлонӣ мебошад» [11, с.340].

Ҳамин тариқ, шеъри Носири Хусрав аз нигоҳи муҳаққиқи нуктасанҷ ва жарфандеши тоҷик Худоӣ Шариф бо як усули илмӣ ва таҳқиқотӣ таҳлил ва баррасӣ шудааст, ки муҳаққиқони хеле каме ба ин тарафи масъалаҳо изҳори андеша намудаанд. Нақди шеъри Носири Хусрав аз нигоҳи ин муҳаққиқ мавриди назари ӯ қарор дода шуда, як таҳқиқоти комил ва ҳаматарафа таҳлилёфта ба сомон расонидааст. Тавассути таҳлилҳои амиқ ва мушаххас, пеш аз ҳама, шахсияти муаллиф ва нигоҳи ӯ ба шеъру шоирӣ баён гардидааст. Зеро шеъри Носири Хусрав намоёнгари як шахсияти оқилу фозили донишманд ва бо эътиқоду ахлоқи нек мебошад.

Муқарриз: ***Абдулназаров А.*** – доктори илмҳои филологӣ,
ДДХ б номи М.Назаршоев.

А Д А Б И Ё Т

1. Каландаров, Х. Диспут Насир Хусрав и Кисаи / Х. Каландаров // Словесность. Научный журнал Института литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ. – Душанбе: Шуджаиян, 2012. - № 2. - С.65-85 (на тадж. яз.).
2. Каландаров, Х. Причины и предпосылки приверженя Насира Хусрава исмаилизму / Х. Каландаров // Вестник педагогического университета. Серия общественных, гуманитарных и филологических наук. - Душанбе: Издание Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айнї, 2014. - № 1 (56). - С.3-6 (на тадж. яз.).
3. Сатторзода А. «Хубсухани» Носири Хусрав / А.Сатторзода: андешаҳои ӯ дар перомуни шеър // Куҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. - С.135-156.
4. Сатторзода А. Куҳна ва нав / А. Сатторзода. - Душанбе: Адиб, 2004. - 251 с.
5. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Носири Хусрав. Дар ду ҷилд. Бо кӯшиши Амрияздони Алимардон ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. - 1400 с.
6. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Носириа Хусрав // Ахтарони адаб. – Душанбе: Адиб, 2010. - 475 с.
7. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Носири Хусрав. Бо тасҳеҳи Маҳдии Муҳаққиқ ва Муҷтабо Минавӣ. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1372. - 692 с.
8. Хусрав, Носир. Дирӯз, Имрӯз ва Фардо / Носири Хусрав (маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2005. - 682 с.
9. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. Кит.2. – Душанбе: Дониш, 1977. - 489 с.
10. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х. шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1991. - 160 с.
11. Шарифов, Х. Рози ҷахон / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2004. - 352 с.
12. Шарифов, Х. Сухане аз адабиёти миллӣ (маҷмуи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2009. - 477 с.
13. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 172 с.
14. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида / Х. Шарифов // Ёдбуди устод Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. - 115 с.
15. Шарифов, Х. Ҳакими суханвар / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2003. - 232с.
16. Шарифов, Х. Шоир ва шеър / Х. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1998. - 230 с.

ПРОФЕССОР ХУДОӢ ШАРИФОВ ВА ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Мақолаи мазкур дар асоси андешаҳои донишманд ва адабиётшиноси маъруфи тоҷик, профессор Худоӣ Шариф баррасӣ шуда, дар он ҷанбаҳои гуногуни тасаввурот ва тафаккуроти устод Худоӣ Шариф дар мавриди шеъри Носири Хусрав таҳлил гардидааст. Маълум аст, ки то оғози таҳқиқотҳои илмӣ дар бораи шахсият, шеър ва сухани Носири Хусрав суханони пасту баланд дар тазкираҳо оварда шудаанд ва бештари онҳо асоси илмӣ надоштаанд, аммо бо оғоз гардидани таҳқиқот дар бораи намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик ва аз ҷумла дар бораи Носири Хусрав андешаҳои ҷолибе рӯйи кор омаданд ва шеъру андешаи ӯ ҳамчун сухани як ҳакими озодандеш ва дорои андешаи фалсафӣ ва илмӣ дар андешаи таҳқиқотчиён ҷой гирифт. Дар бораи осори фалсафӣ, илмӣ, адабӣ андешаҳои ҷолибе баррасӣ шуда, дар

хусуси осори шоир таҳлилҳои дақиқ ва илмӣ мавриди назар қарор доштаанд. Ҳамчунин дар бораи манзалат ва мақоми шеъри Носири Хусрав олимону адабиётшиносони зиёде фикрҳои ҷолиб баён сохтанд, ки андешаҳо ва назариёти илмию ҷолиби профессор Худоӣ Шариф қобили таъкид аст. Зеро дар ин мақола бештари сухан дар ин самт баррасӣ шудааст. Баҳо ва назари профессор Худоӣ Шариф нисбати шеъри Носири Хусрав нисбати дигар муҳаққиқон тафовути қавӣ дорад. Ӯ ба шеъри шоир аз нигоҳи илмӣ назар намуда, тамоми ҷанбаҳои шеъри ӯро таҳқиқ намудааст ва ба он ҳам аз ҷиҳати мавзуӣ ва ҳам аз нигоҳи мазмун назари холисона дорад. Андешаҳои илмии муҳаққиқ нисбати шеъри Носири Хусрав ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҳар як мавзӯи дарбаргирии шеъри ӯ, ки дар девони ашъораш оварда шудааст, аз ҷониби ин муҳаққиқи нуктасанҷ таҳлил гардида, дар мақолаи мазкур баён шудааст.

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, девони ашъор, Худоӣ Шариф, шеъру шоирӣ.

ПРОФЕССОР ХУДОИ ШАРИФОВ О ПОЭЗИИ НОСИРА ХУСРАВА

В данной статье проанализированы взгляды известного таджикского ученого и литературоведа, профессора Худои Шарифова на поэзию Насира Хусрава. Известно, что до начала научных исследований о личности и поэзии Насира Хусрава в тазкирах (анталогия) упоминались необоснованные факты, большинство из которых не имели научной основы. С началом исследований трудов представителей персидско-таджикской классической литературы, в частности, о Насире Хусраве, появились самые интересные факты, а его поэзия и идеи как одного из свободомыслящих мудрецов с философскими и научными воззрениями стали предметом изучения многих исследователей. Были рассмотрены интересные высказывания о философских, научных и литературных произведениях, а также проведен подробный научный анализ произведений поэта. Многие ученые и литературоведы высказывали смелые идеи о положении и статусе поэзии Насира Хусрава, среди которых заслуживают внимания научные идеи и теории Худои Шарифова. Оценка и мнение профессора Худои Шарифова по отношению к поэзии Насира Хусрава сильно отличаются от других исследователей. Он рассматривает поэзию поэта с научной точки зрения и почти изучил все ее аспекты. В данной статье особое внимание дано рассмотрению большинства вопросов этой области.

Ключевые слова: Носир Хусрав, диван, Худои Шариф, поэзии.

PROFESSOR KHUDOY SHARIFOV ABOUT THE POETRY OF NOSIR KHUSRAV

This article analyzes the views of the famous Tajik scholar and literary critic, Professor Khudoi Sharifov on the poetry of Nasir Khusrav. It is known that before the start of scientific research on the personality and poetry of Nasir Khusrav, unsubstantiated facts were mentioned in tazkirs (analogy), most of which had no scientific basis. With the beginning of studies of the works of representatives of the Persian-Tajik classical literature, in particular, about Nasir Khusrav, the most interesting facts appeared, and his poetry and ideas as one of the free-thinking sages with philosophical and scientific views became the subject of study of many researchers. Interesting statements about philosophical, scientific and literary works were considered, as well as a detailed scientific analysis of the poet's works. Many scholars and literary critics expressed bold ideas about the position and status of Nasir Khusrav's poetry, among which the scientific ideas and theories of Khudoi Sharifov deserve attention. The assessment and opinion of Professor Khudoi Sharifov in relation to the poetry of Nasir Khusrav is very different from other researchers. He considers the poetry of the poet from a scientific point of view and almost studied all aspects of it. In this article, special attention is given to the consideration of most issues in this area.

Key words: Nosir Khusrav, divan, Khudoy Sharif, poem.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Беронов Ҷумъа*** - Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёт. **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Ленин, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Сведения об авторе: ***Беронов Джумъа*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой литературы. **Адрес**: 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул.Ленина, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Information about the author: ***Beronov Jum'a*** - Khorog State University. M. Nazarshoeva, candidate of philological sciences, head of the Department of Literature. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin Str., 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-97-27-74**

УДК: 891.550

АБУЛҚОСИМИ ҚУШАЙРӢ ВА РИСОЛАИ Ӯ - САРЧАШМАИ МУЪТАМАДИ ТАСАВВУФӢ ДАР «БӮСТОН»

Латипов М.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Бӯстон”-и Саъдӣ ҳарчанд сирф китоби тасаввуфӣ набошад ҳам, вале дониш андухтани Саъдӣ аз мадрасаи “Низомия”-и Бағдод, ки дар онҷо олимони машҳур ва муътабари мутасаввиф дарс мегуфтанд, дар ин китоб бе таъсир набуд. Худи шоир дар китобаш “Бӯстон” аз чандин тан орифони машҳури аҳли тасаввуф ёд мекунад, ҳатто баъзе устодонашро мисли Абдурраҳмон Абулфарач[**] ва Суҳравардӣ[††] дар ҳикояҳое мавриди ибрат тасвир мекунад. Дар ҳар гӯшаи “Бӯстон” бузургворонеро мисли Боязиди Бастомӣ, Маъруфи Кархӣ, Ҷунайди Бағдодӣ ва монанди инҳоро, ки бисёриашон бе зикри номанд, дучор мешавем. Ҳамаи эшон рамзи ҷавонмардиву саховат, якдиливу муҳаббат ва инсондӯстиву одамият буда, аҳли тасаввуф мебошанд, ки яқинан дар китоби “Бӯстон” таъсири худро гузоштаанд. Ғайр аз ин, мо дар аксари ҳикоёти китоб ё ҷойҳои гуногуни он таъсири тасаввуфро мушоҳида мекунем. Чунин менамояд, ки Саъдӣ наметавонад зиндагии диниро танҳо ҳадафи мақсуд бидонад, балки онро навъе комилсозандаи лозим барои зиндагии иҷтимоӣ ва ахлоқи инсонӣ мешуморад. “Ӯ “фано филлоҳ”-ро ба шеваи суфиёни воқеӣ тавсия намекунад, балки мекӯшад ангезаи фаъолият дар зиндагиро дар дин пайдо кунад” [9, с.228].

Guedmann (*Гудман– Л.М.*) дар китоби Dissertatio (*Рисола – Л.М.*) мегӯяд, ки тасаввуфи Саъдӣ аз тезҳушии як зеҳни бедор сарчашма мегирад, на аз хобҳои як шоири дучори ҳазаён. Jules Mohl (Ҷулес Мол) менависад, ки тасаввуф аз барои Саъдӣ паноҳгоҳе буд, ки ба сӯи озодии фикр кушуда мешуд. Инчунин Барбие де Мейнорд бошад, Саъдиро пайрави самимии тасаввуф медонад, аммо Арнест Ренон ӯро бештар аҳли одобу русуми тасааввуф мехонад [9, с.228].

Аз ин рӯ метавон гуфт, ки, албатта, Саъдӣ медонист, ки маънии тасаввуф чист, аммо дар бораи вай метавон ин баёни Ғаззолиро, ки дар «Эҳёи улуми дин» омадааст, ба кор бурд: «фосила байни илму амал бисёр аст… ман аз тасаввуф он чиро ба таълим меомӯзанд, медонистам ва ончи дар ман ноқис буд, дар қаламрави ҷазба ва сулук пайдо кардам». Пас, Саъдӣ ирфонро чӣ гуна дарк карда буд? Дар воқеъ, ӯ ирфонро аз берун мавриди баррасӣ қарор медод. Дар андешаи ӯ тасаввуфи амалӣ, яъне ахлоқ ва таълиму тарбия аз тасаввуфи назарӣ муҳимтар аст.

Бинобар ин, ҷойи шакке нест, ки Саъдӣ ҳангоми таҳсил дар Низомия ғайр аз китобҳои тафсиру ҳадис ва адабиёту таърих, аз адабиёти тасаввуф низ баҳра мебурд, хусусан аз таълифоти шахсиятҳои барҷастаи аҳли тасаввуф, ки дар майдони илмҳои ҳадису тафсир, фиқҳу адабиёт ва таъриху фалсафа аз зумраи нобиғагон ба шумор мерафтанд. Аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои барҷаста **Абдулкарим ибни Ҳавозини Қушайрӣ** – соҳиби «Рисолаи қушайрия» мебошад, ки таъсири волое ба аксари донишҷӯёни “Низомия” ва устодони ин донишгоҳ, хусусан ба Саъдӣ доштанд.

Чунончи Бадеъуззамон Фурӯзонфар дар муқаддимаи таҳқиқии худ бар китоби «Рисолаи қушайрия» (тарҷумаи форсии “ар-Рисолат-ул-қушайрия”) роҷеъ ба муҳиммияти ин китоб дар майдони адабиёт, хусусан адабиёти тасаввуфӣ чунин ибрози назар мекунад:“Бегумон “Рисолаи қушайрия” яке аз маохиз ва асноди муҳимму муътабари тасаввуф аст ва касоне, ки бихоҳанд аз усули тариқат ё таърихи тасаввуф иттилоъи дуруст ва мустанад дошта бошанд, аз мутолаа ва муроҷаа ба ин китоб бе ниёз нахоҳанд буд” [17, с.71].

Аз замони таълифи китоб шуҳрати он ба тамоми қаламрави на танҳо кишварҳои арабӣ, балки ба Хуросону Мовароуннаҳр низ паҳн шуда буд. Бинобар ин шогирдон ва

[**]Абдурраҳмон Абулфарач дар ибтидо на танҳо ба тасаввуф майл надошт, балки зидди суфиҳои замони худ буд. Саъдӣ ӯро бо зикри номаш дар «Гулистон» ва бо ишора бе зикри ном дар “Бӯстон” ёд мекунад.

[††]Абуҳафс Умари Суҳравардӣ яке аз пешвоёни тасаввуф, муаллифи «Авориф-ул-маъориф» соли 632ҳ даргузаштааст.

ҳатто баъзе аз донишмандон ин китобро дар назди муаллифи он хонда сабақгардон мекарданд. Имом Қушайрӣ соли 448 ҳ.қ. ба Бағдод рафт, ки бисёр олимон он китобро дар назди ӯ хонданд. Онҳо дубора ба шаҳрҳои дигар рафта ин китобро ба дигарон меомӯхтанд. Масалан, Саъид ибни Исмоил ибни Алӣ ибни Аббос, ки яке аз шогирдони ӯ буд, ба шаҳри Ғазна рафта иддиои хешӣ бар имом Қушайриро кард. Олимони онҷо Саъид ибни Исмоилро бисёр пазироӣ карда рисоларо дар назди ӯ хонданд[17, с.71].

Зайнулислом Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозин ибни Абдулмалик ибни Талҳа ибни Муҳаммади Қушайрӣ аз бузургони уламо, шоирон, нависандагон ва мутасаввифони қарни панҷуми ҳиҷрӣ буд, ки дар рабеъ-ул- аввали с. 386 ҳиҷрии қамарӣ дар ноҳияи Истиво (ҳозира Қӯчон)-и Эрон таваллуд шудааст. Зайнулислом лақабе буд, ки барои донишмандони он замон медоданд. Ба қавли Забеҳулло Сафо лақабҳои изофа бо «ислом» дар охирҳои қарни чоруми ҳиҷрӣ ривоҷ ёфта буд[17, с.14]. Падари Қушайрӣ аз тавонгарони ноҳияи Истиво буд. Пеш аз онки фарзандаш Абулқосим ба ҳадди булуғ расад, вафот ёфт.

Субкӣ аз забони набераи духтарии Қушайрӣ нақл мекунад, ки ӯ муқаддимоти арабийятро назди Абулқосим ал-Ямонӣ, ки бо хонадони Қушайриҳо робитаи дӯстӣ дошт, фаро гирифт. Чун хироҷи деҳе, ки Қушайрӣ ихтиёри онро дар даст дошт, зиёд карда шуд, барои омӯхтани илми ҳисоб ба шаҳри Нишопур сафар кард[17, с.15].

Нишопур дар тӯли ҳама давру замон маъвои донишмандону фозилон ва орифон будааст, ҳатто дар рӯзгори Сомониён агарчи пойтахт шаҳри Бухоро буд, аммо Нишопур боз ҳам аҳамияти сиёсиву фарҳангии худро аз даст надода буд. Ин шаҳр маркази маҷлисҳои илмиву баҳсҳои фарҳангӣ буд, ки аз шаҳру кишварҳои атроф барои омӯзиши илм меомаданд. Абу Абдулло Ҳокими Нишопурӣ дар китоби Таърихи Нишопур 2430 нафар олимону донишмандонро ном мебарад, ки дар ин шахр дарс хондаанд. Ба ақидаи бисёр таърихнигорон онҷо маркази мунозараи мактабҳо ва равияҳои мухталиф будааст[17, с.16-22]. Аллома Фурӯзонфар чандин нафар донишмандони бузург, пешвоёни мактабҳои мухталифи назарӣ ва тарафдорони онҳоро зикр кардааст, ки ҳамагӣ дар ин шаҳр зиста дар воқеҳои таърихиву фарҳангии он даст доштаанд.

Саъдиро низ мушоҳида мекунем, ки дар “Бӯстон” аз Нишопур ва бузургони он ёдовар мешавад:

“Яке дар Нишопур донӣ чӣ гуфт?
Чу фарзандаш аз фарзи хуфтан бихуфт.
Таваққуф мадор эй писар гар касе,
Ки бе саъй ҳаргир ба манзил расӣ...” [3, с.109].

Шояд ба сабабхое, ки гуфтем, Абулқосим Қушайрӣ ба ин шаҳри хушбоду хаво, пурнозу неъмат ва чойи чамъшавии уламову донишмандон ру оварда дил баста ва шефта гашт ва ин шахрро маркази хонадони бузургу донишгустари Қушайрихо карор дод.

Ба гуфтаи Ибни Халликон, вакте Қушайрӣ ба нияти омӯхтани илми хисоб ба Нишопур омад, иттифоқан дар маҷлиси Абуалии Даққоқ ҳозир гашт ва суханаш дар дили вай коргар афтод ва аз хондани илми ҳисоб мунсариф шуд ва қадам дар тариқи иродат ва тасаввуф ниҳод ва Абуалии Даққоқ ба фаросат пай ба истеъдоду шоистагии вай бурд ва ӯро ба муридӣ пазируфт ва илм хондан фармуд ва Қушайрӣ ба талаби улуми динӣ ҳиммат баст ва фиқҳу усули дин таълим гирифт. Ӯ дар назди донишмандони зиёде таҳсили илм намуд, аллома Фурӯзонфар зиёда аз 18 тои онҳоро зикр кардааст[17, с.22-26].

Чунонки гуфта шуд, сабаби иқомати Қушайрӣ дар Нишопур ҷазби дарунии вай ба шахсияти рӯҳонӣ ва суханони пуршуру ҳолангези Абуалии Даққоқ буд. Гӯянд, ки ӯ нафасе гарму оташин дошт ва равишеро, ки мардоне чун Боязид ва Ҷунайд ва Шиблӣ доштанд, дар худ парварда буд, бад-ӯ ва Абулҳасани Харақонӣ хатм гашта буд ва то рӯзгори Мавлоно Ҷалолуддин чунон мард дар тариқат барнахост[17, с.27].

Рисолаи қушайрия аз 55 (панҷоҳу панҷ) боб иборат аст. Мақола маҷоли зикри ҳамаи онҳоро надорад, лекин баъзе бобҳои китобро, ки ба бобҳои «Бӯстон» мувофиқ меояд, зикр хоҳем кард. Боби якуми «Бӯстон», ки «Дар адлу тадбиру рой» ном дорад, дар Рисола бо чунин ном вуҷуд надорад, аммо боби сиву панҷуми он бо номи «Дар фиросат» аст,ки ин маъноро медиҳад. Боби дувуми «Бӯстон» «Дар эҳсон» ном дорад, ки ба ҳамин маънӣ мо онро дар Рисола дар боби сиву ҳафтум бо номи «Дар ҷуду сахо» меёбем. Боби саввуми «Бӯстон» , «Дар ишқу мастиву шур» ном дорад, ки дар Рисола, боби чилу нуҳум «Дар

маҳаббат» ва боби панҷоҳум «Дар шавқ» ном дорад. «Дар тавозуъ» номи боби чоруми «Бӯстон» аст, ки онро дар Рисола ба номи боби понҷдаҳум‡‡ «Дар хушуъ ва тавозуъ» меёбем. «Дар ризо» боби панҷуми «Бӯстон» буда дар Рисола бо ҳамин ном дар боби бисту панҷум таълиф шудааст. «Дар қаноат» боби шашуми «Бӯстон» ва нӯздаҳуми Рисола мебошад. Боби ҳафтуми «Бӯстон» «Дар олами тарбият» ном дошта, дар Рисола боби чилу сеюм: «Дар адаб» омадааст. Боби ҳаштум «Дар шукр бар офият» ба боби бисту якуми Рисола «Дар шукр» рост меояд. Боби нуҳумро Саъдӣ «Дар тавба ва роҳи савоб» номидааст, ки ба боби панҷуми Рисола «Дар тавба» мувофақат мекунад. Боби охири «Бӯстон» «Дар муноҷот ва хатми китоб» ном дорад. Боби чиҳилуми Рисола «Дар дуо» ном дорад, аммо аз муноҷоти Саъдӣ аз нигоҳи маънову муҳтаво фарқ мекунад. Имом Қушайрӣ дар бораи фазилат, роҳҳо ва чигунагии дуо бо услуби илмии ба аҳли тасаввуф хос сухан мекунад, аммо Саъдӣ худ, дуо ва муноҷот карда, бо услуби адабӣ роҷеъ ба фазилати дуо абёте суруда «Бӯстон»-ашро ҳусни хотима мебахшад.

Баъзе бобҳое, ки дар «Рисола» омадаанд, мо онро дар «Бӯстон» на дар шакли алоҳида, балки дар шакли зербоб ё ҳикояҳои беном пайдо мекунем. Масалан боби даҳуми «Рисола» (Дар хомӯшӣ) ном дорад, ки мо чунин мафҳуму мавзӯъро ба номҳои «Гуфтор андар фазилати хомӯшӣ», «Ҳикоят дар маънии саломати ҷоҳил дар хомӯшӣ», «Ҳикоят дар фазилати хомӯшӣ ва офати бисёрсуханӣ» ва «Ҳикоят дар хосияти пардапӯшӣ ва саломати хомӯшӣ» дар боби ҳафтуми «Бӯстон» (Дар олами тарбият), ки мавзӯъҳои мухталифро дар бар дорад, меёбем.

Бо вуҷуди ҳунари суханварӣ ва шевогӯии Саъдӣ таъсири «Рисола» дар китоби «Бӯстон», албатта барои муҳаққиқи дақиқназар, зуд ҳувайдо мегардад. Ҳикояи Ҳаҷҷоҷи золимро дар «Рисола», ки масдари асосии он маҳсуб мешавад, бо равиши сода ва ба зеҳни аҳли тасаввуф муносиб ба шакли зайл мехонем:

«Касе гӯяд андар наздики Ибни Сирин шудам. Ҳаҷҷоҷро ғийбат(ғайбат) кардам. Ибни Сирин гуфт: Худои таъоло ҳокиме одил аст, чунонки аз Ҳаҷҷоҷ инсоф ситонад, Ҳаҷҷоҷро низ инсоф диҳад. Ва ту фардо чун Худойро бинӣ, камтарин гуноҳе, ки карда бошӣ, сахттар бувад бар ту аз бузургтарин гуноҳе, ки Ҳаҷҷоҷ карда бошад» [17, с.234-235].

Саъдӣ, чунонки шеваи ҳунармандии ӯст, бо услуби шоиронаи гуворову дилнишин ин ҳикояро ба риштаи назм кашидааст, ки дар дили хонандаи худ таъсири амиқе мегузорад:

Касе гуфт: «Ҳаҷҷоҷ хунхораест,
Дилаш ҳамчу санги сияҳпораест.
Натарсад ҳаме з-оҳу фарёди халқ,
Худоё ту бистон аз ӯ доди халқ».
Ҷаҳондидае пири дериназод,
Ҷавонро яке панди пирона дод:
К-аз ӯ доди мазлуми мискини ӯ,
Бихоҳанд, в-аз дигарон кини ӯ.
Ту даст аз ваю рӯзгораш бидор,
Ки худ зердасташ кунад рӯзгор.
На бедод аз ӯ баҳраманд оядам,
На низ аз ту ғийбат писанд оядам.
Ба дӯзах барад мудбиреро гуноҳ,
Ки паймона пур карду девон сиёҳ.
Дигар кас ба ғийбат паяш медавад,
Мабодо, ки танҳо ба дӯзах равад [3, с.1509].

Мисли инки Саъдӣ дар ин абёт гуфтаи Абулқосими Қушайриро, ки дар Рисола бе шарҳу тафсир баён шудааст, шарҳу тавзеҳ додааст. Имои Қушайрӣ ба муридон насиҳат карда гуфтанӣ аст, ки Ҳаҷҷоҷ ва ҳар золиме метавонад ислоҳ шавад ва дар роҳи росту дуруст раҳнамоӣ ёбад, вале шумо чаро ӯро ғайбат карда бар худ гуноҳ мегиред?! Ту аз чунин одамони золиму аз ғайбати онҳо даст бардор, ки ночор рӯзе зиндагӣ аз онҳо интиқом меситонад. Чунони аз золим зулму бедодаш ба ман хуш намеояд, аз ту низ ғайбат хушам намеояд. Гунаҳкоре бо гуноҳаш ба дӯзах мешитобад, каси дигар бо ғайбат кардан

‡‡ Дар «Рисолаи қушайрия» понздаҳум ба маънои понздаҳум омадааст.

аз паси ӯ медавад, ки танҳо нарав ман ҳам ҳамроҳат ҳастам. Хулоса ин кор- ғайбат аз марди орифу насиҳатгари мардум муносиб нест!

Гӯё ин шарҳу тафсире буд, ки Саъдӣ дар баёни навиштаи чанд сатри Рисолаи қушайрия бо ашъори дилнишин иброз дошт.

Бояд гуфт, ки гарчанде Саъдӣ дорои ақли амалӣ аст, аммо наметавонад дар роҳи тасаввуф ақлро аз раъйи орифон болотар бардорад. Чунончи худ дар «Бӯстон» мегӯяд:

Раҳи ақл ҷуз печ дар печ нест,
Бари орифон ҷуз Худо ҳеч нест.
Тавон гуфтан ин бо ҳақоиқшинос,
Вале хӯрда гиранд аҳли қиёс…
Вале аҳли сурат куҷо пай баранд,
Ки арбоби маънӣ ба мулке даранд?!
Ки гар офтоб аст, як зарра нест,
В-агар ҳафт дарёст, як қатра нест… [3, с.109].

Эҳтимолан метавон гуфт, ки ин ҳикоят ишорат ба боби панҷоҳу панҷи китоби “Рисолаи қушайрия” [17, с.733] бошад ва ҳамчунин ҳадс задан мумкин аст, ки ашъори боло ба маънои зайл наздикӣ ё шабоҳат дорад: «Ва мурод бад-ин он аст, ки ҳар ки имон ба тақлид дорад ва ҳақиқат талаб накунад ва далоили тавҳид наҷӯяд, аз роҳи наҷот бияфтад» [17, с.13].

Дар “Бӯстон” ҳикояҳо ё нуктаҳои зиёдеро пайдо кардан мумкин аст, ки мутаассир аз “Рисолаи қушайрия” гаштаанд. Масалан дар боби чоруми “Бӯстон” (Дар тавозуъ) мехонем, ки шоир дар қиссаи тавозуъу хоксории Боязиди Бастомӣ зоҳири мавзӯъро бо ҳикоя бо як услуби шоиронаи шевову гуворо баён мекунад:

Шунидам, ки вақте саҳаргоҳи ид,
Зи гармоба омад бурун Боязид
Яке ташти хокистараш бехабар,
Фурӯ рехтанд аз сарое ба сар.
Ҳаме гуфт шулида дастору мӯй,
Кафи дасти шукрона молон ба рӯй.
Ки эй нафс, ман дархӯри оташам,
Ба хокистаре рӯй дарҳам кашам?!

Ин ҳикоятро ба Абу Саъид Абулхайр [7] ва ба Буусмони Ҳиярӣ [5] нисбат додаанд. Мо ин мавзӯъро дар «Рисолаи қушайрия» дар боби понҷдаҳум (Дар хушуъ ва тавозуъ) бо таҳлилу баррасӣ барои исботи баъзе аз афкори тасавуфӣ аз сарчашмаҳои саромадони ин тоифа дучор мешавем:«...ва хушуъ фармон бурдани Ҳақ бувад ва тавозуъ гардан ниҳодан Ҳақро ва бар ҳукми Ӯ эътироз нокардан» [17, с.217]. Дар ҷойи дигар аз забони худи Боязид меорад: Абузайдро[§§] гуфтанд: “Бандаи мутавозеъ кӣ бошад?” Гуфт: “Онгаҳ ки хештанро мақоме набинад ва маҷоле ва андар миёни мардумон ҳеҷ касро аз хештан батар (пасттар) надонад” [17, с.220].

Ҳамин тавр дар “Бӯстон” бояд интизор дошт, ки ҳамвора дар рафти ҳикоёти вай ба ҷои шарҳи мактаби ирфон мулоҳизаҳое кӯтоҳ дар бораи вижагиҳо ва мушкилоту озмоишҳои суфиён дида мешавад:

Бузургон накарданд дар худ нигоҳ,
Худобинӣ аз хештанбин махоҳ! [3, с.116].

Дар давоми сухани Боязид мехонем: “Ва гуфтаанд, тавозуъ неъмате аст, ки андар ӯ ҳасад накунанд ва кибр меҳнате бувад, ки бар вай раҳмат накунанд ва изз андар тавозуъ аст, ҳарки (тавозуъро Л.М.) андар кибр талаб кунад, наёбад”. Мо айни ин маъноро дар “Бӯстон” дар боби чорум (Дар тавозуъ) ба шакли зайл дармеёбем:

Тавозуъ сари рифъат афрозадат,
Такаббур ба хок андар андозадат. [3, с.116].

Нависандаи ин сатрҳо ҳикояеро аз боби дуюми “Рисолаи қушайрия”, ки “Дар зикри машоих” ном дорад, пайдо кард, ки онро метавон масдари яке аз ҳикояҳои “Бӯстон” донист. Ин ҳикояро Абдулкарим ибни Ҳавозини Қушайрӣ аз забони яке аз пешвоёни аҳли тасаввуф- Сарийи Сақатӣ[17, с.31] чунин меорад: “Ва гуфт: сӣ сол аст, то истиғфор

[§§]Яъне Боязидро.

ҳамекунам аз як шукр, ки кардам. Гуфтанд: чӣ гуна буд? Гуфт: оташ андар Бағдод афтод, касе маро хабар овард, ки дукони ту насӯхт. Гуфтам: алҳамду лиллоҳ! Ва сӣ сол аст, то пушаймонӣ ҳамехӯрам, то чаро хештанро аз мусулмонон беҳтар хостам!?" [17, с.31].

Чун Саъдӣ ба воситаи "Бӯстон" ахлоқи инсонро тасфия мекунад, дар ҳар ҷои китоб ба як навъ отифаи инсонӣ, муҳаббат, якдилӣ ва пайвастагӣ мардумро ба суратҳои гуногун тарбия медиҳад. Аз ин рӯ ҳикояи фавкуззикрро Саъдӣ дар "Бӯстон" бо обуранги адабӣ ва образҳои ҷаззоби ба хонанда таъсирбахш ба шакли дигаре ба қалам додааст:

Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт,
Шунидам, ки Бағдод ниме бисӯхт.
Яке шукр гуфт андар он хоку дуд,
Ки дуккони моро газанде набуд.

Дар олами "Бӯстон" чун ҳама инсонҳо бо якдигар ҳамдиливу ҳамдардӣ меварзанд, ин нидои башардӯстона аз забони қаҳрамони Саъдӣ ба гӯш мерасад:

Ҷаҳондидае гуфташ: "Эй булҳавас,
Туро худ ғами хештан буду бас!?
Писандӣ, ки шаҳре бисӯзад ба нор,
В-гарчи сароят бувад бар канор?"
Тавонгар худ он луқма чун мехӯрад,
Чу бинад, ки дарвеш хун мехӯрад?!
Дили подшоҳон шавад боркаш,
Чу бинанд дар гил хари хоркаш.
Агар дар сарои саодат кас аст,
Зи гуфтори Саъдиш ҳарфе бас аст! [3, с.29].

Албатта ин тасвир (яъне сухтор дар Бағдод), на сохтаи худи шоир, балки як амри воқеӣ мебошад, ки дар китобҳои таърих омадааст. Сар задани ин муомила дар чунин ҳолат аз ҳар инсоне кори табиӣ аст, аммо шоири ориф бо ин услуб хонандаи боҳуши худро таълиму тарбия медиҳад. Ин тасвири зебо ва муассир ҳатто дар асли маъхаз чунонки мушоҳида кардем, дида намешавад. Албатта, чунин суханварӣ нишондиҳандаи қудрати баланди шоирӣ ва шууру отифаи олии инсонии Саъдии бузургвор мебошад.

Дар «Рисолаи қушайрия» баъзе ҳикояҳоеро дучор меоем, ки айни ҳикояро дар «Бӯстон» бо тағйири номи қаҳрамон мехонем. Масалан ҳикояи Боязиди Бастомӣ, ки дар «Рисолаи қушайрия» дар боби ҳафтум (Дар тақво) ба шакли бисёр кӯтоҳ омадааст, Саъдӣ онро бо тағйири ном (Шиблӣ) ва бо тасвири бисёр зебову муассир ба риштаи назм кашидааст. Дар «Рисолаи қушайрия» ҳикояро чунин мехонем:

«Ва чун Буязид буд, ки ба Ҳамадон тухми усфур*** харид, чизе аз он ба сар омад†††, чун боз Бастом омад, ду мурча аз ӯ берун омад, бо (ба)Ҳамадон шуд ва он ду мурча онҷо бинҳод» [17, с.162].

Саъдии бузургвор ҳикояи фавқро бо образҳои бадеӣ обуранг дода бо услуби муассиртар чунин баён мекунад:

Яке сирати некмардон шунав,
Агар некмардиву мардонарав!
Ки Шиблӣ зи ҳонути гандумфурӯш,
Ба деҳ бурд анбони гандум ба душ.
Нигаҳ карду муре дар он ғалла дид,
Ки саргашта ҳар гӯшае медавид.
Зи раҳмат бар ӯ шаб наёрист хуфт,
Ба маъвои худ бозаш оварду гуфт:
Мурувват набошад, ки ин мури реш,
Пароканда гардонам аз ҷойи хеш.
Даруни парокандагон ҷамъ дор,
Ки ҷамъиятат бошад аз рӯзгор.
Чи хуш гуфт Фирдавсии покзод,

***Гиёҳеаст, ки гушти сахтро зарду нарм созад. Барои ранги зард кардани либосҳо низ истифода шавад. Тухми онро қиртим номанд.

†††Шояд ин ҷо ба маънии сӯрох шудани халта бошад.

Ки раҳмат бар-он турбати пок бод!
«Маёзор муре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хваш аст.
Сиёҳандарун бошаду сангдил,
Ки хоҳад, ки муре шавад тангдил»
Мазан бар сари нотавон дасти зур,
Ки рӯзе ба пояш дарафтӣ чу мур.
Гирифтам зи ту нотавонтар басест,
Тавонотар аз ту ҳам охир касест [3, с.87].

Ҳамин тавр Саъдӣ аз Рисолаи қушайрия таассури зиёде пазируфтааст, ки онро дар “Бӯстон” гоҳ дар шакли ҳикоя гоҳ дар шакли чанд ҷумла ё ибора аз ин сарчашмаи бузурги тасаввуфӣ пайдо кардан мумкин аст, ки албатта ин кор басирати хонандаи дақиқназар ва пажӯҳишгареро тақозо дорад.

Хулоса, “Бӯстон” як ҷаҳони донишу маърифат ва фарҳанги бузурги башарӣ аст, ки онро Саъдӣ бо заҳмату машаққати зиёде эҷод надмудааст. Дар мавриди худи Саъдӣ бошад, метавон ҳамон гуна сухан гуфт, ки худи ӯ дар бораи яке аз қаҳрамонҳояш дар “Бӯстон” тавсиф карда мегӯяд:

Ҷаҳонгаштаву донишандӯхта,
Сафаркардаву суҳбатомӯхта [3, с.46].

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусатторов А. Таърихи адабиёти араб/А.Абдусатторов. – Душанбе, 2008. – 192 с.
2. Аҳмад Тамими Дорӣ. Таърихи адаби порсӣ (мактабҳо, даврaҳо, сабкҳо ва анвои адабӣ). Чопи аввал. - Теҳрон: Бузургроҳи Рисолат, 1379 ҳ. – 289 с.
3. «Бӯстон»-и Саъдӣ ба тасҳеҳ ва тавзеҳи Ғуломҳусайн Юсуфӣ. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1368. – 618 с.
4. Зоҳидов Н. Насри арабизабонии асрҳои VIII-IX. – Душанбе: Бухоро, 2014.
5. Кимиёи саодат. Тасҳеҳи Аҳмад Ором. Дар ду ҷилд. – Теҳрон, 1319 ҳ. – 904 с.
6. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. - Душанбе: Эр-граф, 2011. – 640 с.
7. Муҳаммад ибни Мунаввар. Асрор-ут-тавҳид фи мақомот аш-шайх Абисаъид. Тасҳеҳи Забеҳуллоҳ Сафо. – Теҳрон, 1332 ҳ. – 454 с.
8. Саъдӣ Муслиҳ ибни Абдуллоҳ. Куллиёти Саъдӣ. – Теҳрон: Маркази Саъдишиносӣ, 1385 ҳ. – 879 с.
9. Ҳенри Массе. Таҳқиқ дар бораи Саъдӣ. Тарҷумаи Ғуломҳусайн Юсуфӣ ва Муҳаммад Ҳасан Маҳдавии Ардабилӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Хоҷа, 1364 ҳ. - 446 с.
10. أبو العباس أحمد بن أبي الخير. شيرازنامه... زركوب، تصحيح بهمن كريمي. تهران، مطبعه روشنائي، 1350 هـ.ق.
11. أبو نعيم الأصبهاني. حلية الأولياء وطبقات الأصفياء. دار الكتب العلمية، بيروت، 1997م.
12. أحمد عبد الرحيم السائح وعائشة يوسف المناعي. دراسات في التصوف الإسلامي. دار الثقافة، الدوحة، الطبعة الأولى، 1412هـ
13. حسن محمود عبد اللطيف الشافعي. فصول في التصوف. كلية دار العلوم، دار الثقافة للنشر والتوزيع، القاهرة، 1991-1992م.
14. خير الدين الزركلي. الأعلام. دار العلم للملايين، الطبعة الثالثة والخامسة، بيروت، 1980م.
15. عبد الرحمن جامي. نفحات الأنس. تصحيح ومقدمه مهدي توحيدي پور. انتشارات كتابفروشى محمودى، بدون تاريخ.
16. عبد الرحمن أبو الفرج. سيرة عمر بن عبد العزيز. طبعة مصر في مكتبة البحوث الإسلامية بإسلام آباد، تحت رقم عمري 153.
17. عبد الكريم بن هوازن قشيري. رسالهء قشيريه. – 1443 ه.

АБУЛҚОСИМИ ҚУШАЙРӢ ВА РИСОЛАИ Ӯ - САРЧАШМАИ МУЪТАМАДИ ТАСАВВУФӢ ДАР «БӮСТОН»

Дар мақола таъсирпазирии Саъдии Шерозӣ аз асарҳои тасаввуфӣ, аз ҷумла “Рисолаи қушайрия” ба баррасӣ кашида шудааст. Бӯстон”-и Саъдӣ ҳарчанд сирф китоби тасаввуфӣ набошад ҳам, вале дониш андухтани Саъдӣ аз мадрасаи “Низомия”-и Бағдод, ки дар онҷо олимони машҳур ва муътабари мутасаввиф дарс мегуфтанд, дар ин китоб бе таъсир набуд. Худи шоир дар китобаш “Бӯстон” аз чандин тан орифони машҳури аҳли тасаввуф ёд мекунад. Аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои барҷаста Абдулкарим ибни Ҳавозини Қушайрӣ – соҳиби «Рисолаи қушайрия» мебошад, ки таъсири волое на танҳо ба Саъдӣ, балки ба аксари донишҷӯёни “Низомия” ва устодони ин донишгоҳ доштанд. Мақолаи зайл таассури Саъдиро ба «Рисолаи қушайрия» дар китобаш Бӯстон бо мисолҳо баён мекунад.

Калидвожаҳо: китоби тасаввуфӣ, орифони машҳур, аҳли тасаввуф, Рисолаи қушайрия, таассури Саъдӣ, Ибни Ҳавозини Қушайрӣ, мутасаввиф.

АБУЛКАСИМ КУШАЙРИ И ЕГО ТРАКТАТ- ОДИН ИЗ ВАЖНЕЙШИХ ИСТОЧНИК СУФИЗМА В "БУСТАН"-е САДИ

В статье рассматривается влияние Саади Ширози со стороны суфийских произведений, в том числе «Трактата Кушайрия». Хотя «Бустан» Саади не является чисто суфийская литература, но образование Саади в медресе Низамия в Багдаде, где преподавали известные ученые, оказали влияние на эту книгу («Бустан»). В своей книге сам поэт упоминает нескольких известных ученых суфизма. К числу таких выдающихся личностей относится Абдулкарим ибн Хавазин Кушайри – автор кушайрийского трактата, оказавшего большое влияние не только на Саади, но и на большинство учеников медресе Низамия и её учителей. В данном статье описывается впечатление Саади от кушайрийского трактата в его книге «Бустан» с примерами.

Ключевые слова: суфийская книга, известные мудрецы, суфии, тезис (трактат) кушайри, Ибн Хавазин Кушайри, суфисти, метод Саади.

ABULQASIM QUSHAIRY AND HIS TREATISES ARE ONE OF THE MOST IMPORTANT SOURSES OF SUFISM IN BUSTAN OF SAADI

The article discusses the influence of Saadi Shirozi on the part of Sufi works, including the "Treatise of Kushayriyya". Although Bustan Saadi is not purely Sufi literature, but Saadis education at the Nizamiya madrasa in Bagdad, where famous scholars taught, influenced this book (Bustan). In his book, the poet himself mentions several famous scholars of Sufism. Among such outsdanding personalities is Qushayri the author of the Qushayri treatise, which had a great influence not only on Saadi, but also on most of the students of the Nizamiya Madrasah and its teachers. This article describes Saadis impression of the Qushayri treati in his book Bustan with examples.

Key words: susfi literature, famous sages, Sufies, Qushayri thesis, ibn Hawazin, method of Saadi.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Латипов Маҳмуд Мансурович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи араб. **Суроға**: 734025. Ҷумҳуурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **MahmoodMas'ud17@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-01-07-88**

Сведения об авторе: ***Латипов Махмуд Мансурович*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры арабской филологии. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки17 E-mail: **MahmoodMas'ud17@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-01-07-88**

Information about the author: ***Latipov Mahmood Mansoorovich*** – Tajik National University, senior teacher of the Department of Arabic Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **MahmoodMas'ud17@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-01-07-88**

УДК: 891.55.32

ТАСВИРИ ПАЙВАНДҲОИ ХОНАВОДАГӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

Латифов А.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Камолу пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ вобастаи вуҷуди қавму миллатҳое мебошад, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд. Рукну пояи аслӣ дар ин миён фарҳангу адабиёт аст, ки муаррифсозу нишонгари сатҳу дараҷаи фарҳангу тамаддун ва ҷаҳоншинохтии як миллат аст. Тавре ки таърих гувоҳ аст, миллату халқиятҳои ҷаҳон ҳамеша ба шинохти мазоҳири зиндагии якдигар эҳтиёҷу ниёз доштаанд. Дар тули замон рафъи ин риштаи ниёзмандиҳои конуни ҳастӣ ба дӯши адабиёт, нависандагону шоирон будааст. Бар асоси ин ҷанбаҳо қарор аст дар мақола масоили хонаводагӣ ва муносибати пайвандоҳи онро дар ҳикояҳои нависандаи машҳури муосири Ҳинд Меҳруннисо Парвиз мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Меҳруннисо Парвиз намояндаи насле аз адибон аст, ки замону зуҳуру ташаккулёбӣ ва камолу пешрафташ дар арсаи офаринишу эҷод ба даврони озодии Ҳиндустон мусодиф аст. Касби озодиву истиқлол баъди дусад соли ғуломиву мустаъмарӣ барои мардуми Ҳиндустон рухдоди бузурги таърихӣ буд. Бо фарорасии озодӣ марҳилаи тозае дар зиндагии мардум, соҳоти иҷтимоӣ оғоз гардид. Ин падидаи сарнавиштсоз ба таври умум риштаи адабиётро ҳам фарогир шуд. Насли наверо аз ҷумлаи шоирону нависандагон рӯйи кор овард, ки бо маҳорату истеъдод ва имконоти зеҳниву ҳунарии хеш маҷрои адабиётро дигаргун сохтанд. Перомуни корномаи нависандагони даврони истиқлол таҳқиқоту пажуҳишҳои пуршуморе анҷом шуда, вале номи Меҳруннисо Парвиз бо вуҷуди он ки яке аз чеҳраҳои таъсиргузори адабиёти муосир аст, аз мадди назари муҳаққиқони адабиёт дур мондааст. Бо шумори ин ки дар ҳиндшиносии тоҷик ба ҷуз маълумотҳои мухтасар таҳқиқи қобили мулоҳизае сурат нагирифтааст [3, с.157].

Меҳруннисо Парвиз ба насли сеюми адибони ҳинд дохил мешавад, ки фаъолияти эҷодии ин насл ба Ҳиндустони озод рост меояд, яъне дар солҳои чилуму панҷоҳум ба дунё омадаанд ва дар давраи соҳибистиқлол будани ин мамлакат нашъунамо ёфта, асарҳо офаридаанд (Рамеш Упадҳяй, Абдул Бисмиллоҳ, Удай Пракаш, Носира Шарма, Санҷив, Шивмуртӣ, Асғар Ваҷаҳат, Девендра Упадҳяй, Гянпрекаш Вивак, Рагҳунандан Триведӣ, Вирендра Саксена, Меҳруннисо Парвиз ва дигарон) [6, с.102].

Меҳруннисо Парвиз намояндаи сабки ҷадиди ҳикоянависони Ҳиндустон аст, ки ба тасвири саҳнаҳои воқеии ҳаёти ҷомеа маъруф гаштаву дар саросари Ҳиндустон ва берун аз марзи он шуҳрат ёфтааст. Ӯ бо истедоди фавқулодда ва нигоҳи тамоман тоза дар мавриди ҷузъитарин масоили иҷтимоӣ, ки боиси мушкилоти кулли ҷомеа гардидаанд, менигорад ва ин дардҳоро аз ботин ошкор месозад. Ҳамин ҳунари ӯст, ки имрӯзҳо муҳаққиқони зиндагиву осораш ҷойгоҳи ӯро дар баробари бузургтарин ҳикоянависони ҷараёни «Ҳикояи нав», ба монанди Камлешвар, Раҷендра Ядав, Моҳан Ракеш, Нирмал Варма, Шанӣ ва дигарон медонанд [2, с.242].

Пажӯҳиши осори Меҳруннисо Парвиз нишонгари он аст, ки дарунмояҳои аслии осори вай тарҳи масоили иҷтимоӣ, воқеияти замон, мушкилоти табақаҳои поёнии ҷомеа аст. Албатта ин беиллат нест, зеро адабиёт аз батни ҷомеа бармехезад ва ҳеҷ нависандае қодир нест, зимни эҷоду офариниш ҳолату воқеияти пешину ҳоли ҷомеаро канор бигузорад. Ҳадаф ва мақсади аслии нависанда замони эҷод хоставу нохоста зери сояи мазҳари иҷтимоӣ қарор мегирад [3, с.162].

Яке аз мавзуъҳое, ки дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз нақши барҷаста дорад, тасвири масъалаҳои хонаводагӣ, муносибати миёни фарзандон, падару модар, таъсири муҳити хонавода дар камолу инкишофи ҷаҳонбинии фарзандон, бархурди онҳо ба мушкилоти хонавода мебошад. Бояд таъкид намуд, ки даст задан ба тарҳу офариниши ҳунарии масоили хонаводагӣ аз ҷониби нависанда вижагиҳои хос дорад.

Меҳруннисо Парвиз аз як сӯ воқеияти айниро аз конуни як хонавода, ки ҷанбаи типӣ дорад ба риштаи тасвир мекашад ва зимнан талош меварзад то руҳу зеҳният, дунёи андеша ва расму оин, боварҳои ононро дар либоси вожагон баён дорад.

Ба воситаи эҷодиёти худ нодорию нотавонии оилаҳоро ва рӯзгори занону мардонро аз наздик дида, таассуроти худро ба хонанда нишон додааст. Тавассути навиштаҳояш пайваста ҳақиқати воқеии ҳаёти инсонро ҷуста, пайдо намуда, ба хонандагон пешкаш менамояд. Имрӯзҳо Меҳруннисо Парвиз бо ин сабки эҷодӣ яке аз адибаҳои бомаҳорату шинохта ба ҳисоб меравад [1, с.255].

Муҳаққиқи ҳинд П. Р. Ниту зимни арзёбии офаридаҳои Меҳруннисо Парвиз изҳор дошта, ки «Ҳикояи имрӯза муҳити замони худро куллан кашф намуда, аз ҳикояҳои солҳои пешин комилан мутафовит аст. Дар саҳнаи ҳикояофаринии адабиёти ҳиндӣ Меҳруннисо Парвиз ҳамчун зан-ҳикоянависи тарсимгари афкори табақоти миёнаи ҷомеаи мусалмон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Мавсуф бидуни шак бо садоқату хулус, ҳунармандона аз болои мушкилоти гуногуни ҳаёт парда бардоштааст. Мутаассир ва ҷоззибу пурэҳсос тасвир намуданро маҳаки асосии эҷодиёти худ қарор додааст.

Ҷило ё дурахшеро аз зиндагии шахсӣ ва мушкилоти аз сар гузаронидааш дар офаридаҳояш метавон эҳсос кард. Дар ҳикояи Меҳруннисо Парвиз дар ҷомеаи мусулмон фосиқиву бадахлоқии беандоза, коста гаштани арзиши зиндагӣ ва буҳрони сахти иқтисодӣ инъикос ёфтааст» [8, с.150].

Нигоҳи эҷодгари нависанда ҳамеша дар фазову макони буду бош ва амалкарди мардуми табақаи миёнаҳол мечархад, зеро зиндагии ин табақа саҳнаҳову манзараҳои пуршуморе барои навиштану мунъакис кардан дорад. Яке аз ҳикояҳои дилчаспу қобили диққат дар байни офаридаҳои адиб ҳикояи «Пайвандон» мебошад, ки дар хати сужаи он ҷараёни зиндагии як хонаводаи серфарзанд бо сатҳи пасти иқтисодӣ тасвир шудааст. Матолиби ҳикоя аз ҷониби қаҳрамони аслӣ Ҷовид ривоят мешавад. Ҷовид, ки дар Ҷагадалпур машғули таҳсил аст, барои дидори хонавода, падару модар ва хоҳару бародар ба Райпур бозмеояд.

Аслан, дур аз хона ба сар бурдан дар марҳилае аз зиндагӣ барои инсон эҳсосоти гуногунеро эҷод мекунад. Дурӣ аз хонавода, аз конуне, ки қисмати умр он ҷо сипарӣ шуда, ба дигар сухан умр он ҷо решадор шуда, эҳсоси ғурбатро бедор месозад, дар танҳоӣ саҳнаҳои гуногуни зиста дар зеҳн таҷдид мегарданд, гирифториҳои хонавода, симои падару модар пеши назар меоянд. Ин эҳсосу авотиф хоссатан замони бозгашт ба хона рангу сурати дигар мегирад.

Ба қаҳрамони ҳикояи «Пайвандон» Ҷовид низ чунин ҳолате рух додааст. Ӯ пас аз муддати тулонии таҳсил дар коллеҷ ба хона бармегардад. Шанно хоҳари хурдии Ҷовид дарвозаро ба рӯйи ӯ боз мекунад: «Акаҷон! Ин Шумо ҳастед? Ва ӯ дарвозаи заъфариро кушода, ӯро ба дохил даровард. Ӯ дасташро ба сари Шанно гузошт. Шанно дасти ӯро дошт ва кашида ба даруни хона гирифта бурд ва ҷомадонро аз дасташ гирифта, дар ҷевони чӯбини дар рӯ ба рӯ буда, гузошт.

-Очаҷон, очаҷон, бубинед, бародарам омаданд, - Шанно ба долони пушт рафта, фарёд кард» [11, с.165].

Чи тавре дида мешавад, бозгашти бародар барои Шанно рухдоди шодиофарин аст. Ӯ аз саршории шодиву хурсандӣ чи кор карданашро намедонад. Мехоҳад ба ҳамаи аҳли хонавода муждаи омадани бародарашро бирасонад. Ин амр як расми асрҳо шаклгирифтаву истеҳкомёфта дар чаҳордевори хонаводаҳои инсонист. Шояд бозгашту дидор бо фарзанд беш аз ҳама барои падару модар нишотангезу хурсандибахш бошад, вале дар ҳикояи мазкур мо ба акси он дучор мешавем. Омадани Ҷовид ҳеҷ аксуламале дар ниҳоди модар эҷод намекунад. Ин ҳолатро Ҷовид тез эҳсос мекунад: «Ногаҳон аз овози ошнои модар ӯ чашмонашро кушода, дид, ки модар бо дастмол дастонашро пок карда истодааст. Аз чеҳраи ӯ маълум буд, ки аз ногаҳон омадани ӯ ҳайрон нест. Гӯё, ӯ пас аз сайру гашт дар мадрасаи Ҳамид Алии воқеъ дар хиёбон ба хона омада бошад» [11, с.165].

Ҳеҷ гуфтугӯе миёни Ҷовиду модар радду бадал намешавад. Танҳо модар ба ӯ амр мекунад, ки дасту рӯяшро бишӯяд. Чунин вазъият Ҷовидро комилан ғофилгир мекунад. Ҳатто наметавонад аз модар ҳолу аҳвол бипурсад.

Ҳикоя дар марҳилаи оғозини худ қарор дорад, чӣ гуна ранг гирифтани сужаи он равшан нест, вале натиҷаи нахустин ё бардошти аввалин аз чунин муомилае дар зеҳни мухотабон шакл мегирад. Ба ин маънӣ, ки муҳити сангини иқтисодӣ, камбуди фаровони моддӣ аст, ки метавонанд дар руҳу равони инсонҳо ҳатто аҳли як хонавода таъсири амиқ

бигузорад ва эҳсоси хушояндро саркӯб кунад. Ҷовид машғули пурсишҳои печдарпеч ба гӯшаҳои мухталифи хона ва аҳли он назар меафканд.

Муҳаққиқи Ҳинд Шраддҳа Чандракар дар пажуҳише, ки дар атрофи ҳикояҳои нависанда анҷом додааст, андешаҳои муҳиммеро роҷеъ ба сабку услуб ва хусусиятҳои эҷодии адиба баён намудааст. Ба қавли мавсуф, ҳар даврае аз адвори адабиёт бо номи нависандае марбут аст, ки беш аз пешиниён ба масоилу мушкилоти замон, дарду ранҷи мардум пай бурда ва бо диду биниши тоза ба воқеияти айнӣ нигаристааст. Номбурда Меҳруннисо Парвизро аз зумраи чунин ҳунармандоне мешуморад. Ба андешаи ӯ, «Меҳруннисо аз зумраи нависандагоне мебошад, ки бо сабку услуби вижаи худ муносибати байни одамон ва ҳолатҳои яъсу ҷудоиро дар оилаҳо ба қалам додаанд. Мазкур бо диди хос, ҳунари биловасф дар бозтоби масоили иҷтимоӣ тавониста, вазъи сангину мушкилзои табақаи миёнаи ҷомеаро тасвир намояд. Руҳафтодагӣ, танбалӣ, муносибати сохтаи одамон, риёкорӣ ва ишқу муҳаббат аз мавзуъҳои асосии ҳикояҳои ӯ мебошанд» [9, с.60].

Дар боло қайд намудем, ки Ҷовид - қаҳрамони ҳикояи «Пайвандон», ҳарчанд дар муҳити хонавода ҳузур дорад, ба гунае эҳсоси ғарибӣ мекунад. Модар ба бозгашти ӯ бетаваҷҷуҳ аст. Ҳар кас машғули кори худ аст. Хоҷараш Саҷо, бо зикри «Салому алайкум акаҷон», басанда мекунад ва саргарми нонпазӣ аст. Танҳо омадани падар фазои фишорсозу ғамини хонаро дигаргун месозад. Падар бо дидани Ҷовид замони расиданашро мепурсад. Ҷовид эҳсос мекунад, ки хурсандие дар вуҷуди падар аз дидани ӯ пайдо мешавад: «Ӯ дид, ки чеҳраи падар равшан шуда, лабонашро табассум фаро гирифт. Монанди ин ки касе чодари ҷамъшударо кашида, шуста дарзмол карда бошад. Падар пиҷакашро кашида, дар либосовезак овезон кард ва мӯйҳояшро ба тартиб дароварда, дар назди ӯ омада нишаст ва ба суҳбат кардан шуруъ намуд» [11, с.166].

Фарорасии шом аҳли хонаводаро гирди ҳам меорад. Падар, модар, бародарон: Иқбол, Раҳим ва хоҳарон: Шаннову Саҷо. Ровӣ ба суҳбате, ки миёни онҳо сурат мегирад, ишора мекунад. Ба ҷузъиёти суҳбат сару коре надорем. Дар зеҳни хонанда чунин тасаввуре шакл мегирад, ки ҳадафи нависанда аслан баёни мавзуи суҳбат нест, балки бозтоби мазҳари зиндагии як хонаводаи деҳотӣ аст, ки бори сангини ҳаёт таҳти фишорашон қарор додааст, ҳарчанд ба таври мустақим аз дарду ранҷи худ чизе намегӯянд, вале нақши он дар сурату зоҳири он ҳувайдост. Ҷовид мушоҳиди ин нишасти хонаводагист. Саъй мекунад, то ҳеҷ гӯшае аз чашмаш пинҳон намонад. Эҳсос мешавад, ки дар ин муҳити хонаводагӣ меҳру дӯстдорӣ бо якдигар решадор нест, вале камбизаотӣ, нодорӣ ба гунае зеҳну фикри онҳоро машғул дошта, ки гоҳо вуҷуди он сарчашмаро фаромӯш мекунанд. Ҷовид саропо мушоҳиди вазъи авзои хонавода аст. Бародарон: Раҳиму Иқбол, ки яке аз мактабу дигаре аз кор бозгаштаанд, ҳар яке бо гӯшае хомӯш нишастаанд. Хоҷараш Саҷо ба девори ошпазхона такя намуда, лаб фурӯ бастааст.

Танҳо падар аст, ки гоҳ-гоҳ сухане радду бадал мекунад. Ин саҳнаҳоро Ҷовид зиёд омӯхтааст. Махсусан, вазъияти равонии модарро дар фазои хонавода. Ӯ хуб омӯхта, ки «Модар одат дорад, ки ҳангоми сухан кардан ногаҳон хомӯш мешавад ва боз ба гуфтан шуруъ мекунад. Вақте маъюс мешавад, он вақт чизе намегӯяд» [11, 166].

Маъмулан дарку шинохти дунёи ботинии инсонҳо, фазои фикрӣ ва ҳадафу маромашон ҳангоме ошкор мегардад, ки лаб ба сухан боз кунанд, ибрози андеша намоянд, ё атрофи масоиле, ки ақлу ҳуши онҳоро гирифтор намуда, ҳикоят кунанд. Вале дар ҳикояи «Пайвандон» қаҳрамонҳо хомӯшанд. Нависанда бо баҳрагирӣ аз шеваҳои хосси офариниши хеш фазоҳои матлубро мунъакис месозад. Масалан бо тасвири воқеае, ки зимни суҳбати шомгоҳӣ бо ҳаракати Ҷовид сурат мегирад, манзараи фақрзадагии хонаводаро нишон медиҳад: «Ӯ (Ҷовид–Л. А.) бо шавқ чангҳои даруни ҷузвдонашро тоза карда, онро бардошт ва чизу чораи дарунашро якто-якто баровардан гирифт. Ӯ эҳсос кард, ки чашмони ҳама ба ҷузвдони ӯ афтидааст, мисле ки бубинем чӣ овардааст ва ӯ замони таҳсил дар мактаб, коллеҷ, зимни бозгашт ба хона ҳеҷ чизе бо худ ҳамчун дастовез намеовард. Шояд ин бар асоси тарбияи хонаводагӣ буд. Инро ҳамонҳое мекунанд, ки хешу табори дуранд, аммо имрӯз аз чи бошад, дилаш аз ин одаташ ба дод омада буд» [11, 166].

Тавре аз нақли ин иқтибос дида мешавад, нигоҳи андӯҳбори аъзои хонавода ба ҷузвдони Ҷовид хоставу нохоста мухотабро бо ин андеша мебарад, ки онҳо зиндагии қобили мулоҳизае надорад.

Ҷовид барои муддати кӯтоҳе баргаштааст. Маъмулан чунин дидорҳо бояд саршори шодиву хурсандӣ бошад, вале ҷараёни зиндагӣ дар хонаи падарӣ ӯро маҷбур месозад, танҳо дар атрофи фалсафаи зиндагӣ, муносибату муошират хонаводагӣ, иллату сабабҳои сардӣ ё гармии ин муносибат, нақши сармоя дар рӯзгори одамӣ, ҳифзи пайвандҳои хонаводагӣ андеша намояд. Ҷовид пас аз ду рӯзи мондан дар оғуши хона эҳсос мекунад, ки бархӯрду муносибати аҳли хона ба ӯ тағйире намекунад. Ҳама аз дур бо ӯ муносибат менамоянд. Зиндагии маъмулии хонавода бар рӯйи пояҳои пешин аст. Субҳи барвақт падар, бародараш Иқбол ба кор мераванд ва ӯ мемонаду танҳоии риққатовар.

Ҷовид дар ин хонаводае, ки ба ғайр аз ӯ нуҳ фарзанди дигар дорад ягона фарзандест, ки бакалавр хондааст. Ба ёдаш мерасад, ки падар ҳангоми дар мактаби олӣ хонданаш ба ӯ ҳушдор медод, ки «мактаби олиро ҳам хондӣ, акнун ягон ҷо раис шав» [11, с.167]. Ба ёдаш ҳамчунин суҳбати падар бо модараш мерасад. Падар ба модар фармон медод, то писарашро бифаҳмонад, ки ӯ танҳо нест. Дар хона бародару хоҳар дорад, ки онҳо низ бояд хонанд. Шунидани ин сухани падар вайро маҷбур месозад, ки мустақил кор кунад, барои шартномаи мактабаш пул ҷамъ кунад.

Ҷовид, аз як сӯ, дар атрофи зиндагии худ андеша мекунад ва, аз сӯйи дигар, ба рафтору кирдори падар нахустин бор зеҳнан бо дидаи интиқод нигоҳ мекунад. Мисли ин ки мехоҳад падарро барои чунин вазъияти сангини хонавода муҷрим бидонад. Махсусан, лаҳазоте, ки падар бо ҳар баҳона ӯро мешунавонад: «Хӯрок дар гулӯяш дармемонд. Дилаш мехост бигӯяд, ки барои нуҳ-даҳ фарзанд таваллуд кардан кӣ онҳоро водор кардааст. Вақте ба дунё овардед, фикри ба воя расониданашонро низ кардан даркор аст. Аммо сухан ба даҳонаш омада, зери дандонҳояш бо нон хоида мешуданду ӯ гуфта наметавонист» [11, с.167].

Аз ин мисол метавон натиҷа гирифт, ки фарҳанги решадору мустаҳками шаклгирифта дар ҷомеаҳои шарқӣ иҷозат намедиҳад, то фарзандон ҳатто замони ноҳақ будани волидайн, ноҳақии онҳоро ба рух бикашанд.

Барои фарзандон танҳо шинохти камбуду кӯтоҳиҳо мемонад. Онҳо медонанд, ки падарон дар чи мавриде гоми иштибоҳӣ бардоштаанд, аммо бозгӯ шудану гуфтани ҳақиқат дар пешгоҳи волидайн ҷоиз нест. Зеро муҳити солҳои тулонии ҳоким бар хонавода, ки рӯйи сутунҳои иззату эҳтиром устувор аст, ҳаққи гуфтанро аз онҳо гирифтааст.

Зиндагии пешини падар ва шуғли сердаромадаш ба зеҳнаш мерасад. Афсӯс мехӯрад, ки чаро падар ҳаргиз сармоя ҷамъ накард, ҳатто касеро суғурта накард. Модар низ гунаҳкор буд. Падарро аз ин кор бозмедошт. Эътиқод дошт, ки суғурта умри одамро кам мекунад.

Тамоми саҳнаҳои ҳаёти сипаришуда аз пеши назари Ҷовид мисли лентаи кино мегузаранд. Пас аз хатми коллеҷ қариб ду сол коре пайдо карда натавонист. Рӯзе шунид, ки падараш дар авҷи нороҳатӣ ба модараш гуфт, то ба Ҷовид бигӯяд, ки аз хона баромада равад. Тайёрахӯр набошад. Шунидани ин гуфтугӯ ба андозае таъсирнок буд, ки рӯзи дигараш ӯро озими Ҷагадалпур намуд. Ҳеҷ касе аз ӯ суроғ нагирифт. Муддате дар шаҳри бегона бекор гашт, то ин ки дар мактабе муаллим шуд ва аз маошаш 100 рупия ба хона фиристод. Ин кори ӯ вазъи хонаро дигар карда буд. Ба ӯ нома навишта дар ҳаққаш дуои хайр мекарданд ва ҳамеша тақозо мешуд, то барои ин мушкилу он мушкил пул фиристад.

Бояд қайд намуд, ки саҳнаҳое, ки инъикоскунандаи вазъи сангину печидаи иқтисодӣ мебошанд, дар ҳикояи «Пайвандон» пуршуморанд. Ҷовид дар чаҳордевори хона ба ҳар гӯша, ки менигарад, сояе аз фақру нодорӣ, мушкилу гирифториро мебинад. Апаву хоҳараш, бародаронаш ҳама дастнигари ӯянд, умеди кумак доранд, вале ӯ дасткӯтаҳ аст. Дидани ин ҳама манзараҳо ӯро водор месозад, ки боз ба Ҷагадалпур баргардад. Шаби пеш аз сафар дороии хешро ҳисоб мекунад. Дар ҳамёнаш ҳамагӣ 14 рупия меёбад. Медонад, ки аз ин маблағ 11рупия барои билети роҳ ва 1 рупия барои харҷи роҳ сарф хоҳад шуд. Ҳамагӣ ду рупия мемонад. Тибқи маъмул пеш аз рафтан ба бачаҳо пул медиҳанд. Надоштани чунин имконе ӯро маъюсу андӯҳгин месозад. Махсусан саҳнаи рафтан аз хона ва худоҳофизӣ бо пайвандон ибратомӯз аст: «Дар рӯ ба рӯ ароба истода

буд. Падар пой болои пой дар курсӣ нишаста, модар, апа, Саҷҷо дар назди дарвоза рост истода буданд. Ду бародар дар курсӣ нишаста буданд. Бачаҳо дар долони пушт бозӣ мекарданд. Апа онҳоро ҷеғ зад, вале ягонтоаш наомад. Танҳо духтарча омад. Ӯ ду рупияро сахт дар дасташ дошта буд. Таппиши чашмони сухангӯи модару апаро ӯ эҳсос мекард. Духтарча аз дари ҳуҷра ба ҳавлӣ нигарист. Ӯ зуд духтарчаро бардошта, пушташро ба тарафи дигарон гардонда ду рупияро ба дасти духтарча дод ва мушти ӯро сахт фишурд» [11, с.171]. Натиҷае, ки аз мурури ин ҳикоя ҳосил мешавад ба шарҳи зер аст. Сатҳи пасти зиндагӣ аз нигоҳи иқтисод ба муносибати миён инсонҳо, ҳатто хонаводаи алоҳида таъсири амиқ мерасонад. Давому истодагарии он боиси зуҳури бегонагӣ мешавад.

Албатта, ҳадафи нависанда омӯхтану нишон додани раҳоӣ аз чанги ин мушкилу рафъи он аст. Ҳадафи навиштаи вай бозтоби вуҷуди иттиҳоду ваҳдати пайвандҳои маъмулу марсуми хонаводагист, ки лозим аст дар ҳар вазъияте ҳифзу нигаҳдорӣ шаванд, зеро бақои ҷомеаи инсонӣ вобастаи онҳост. Бояд бузургсолон зери фишори сангини вазъи иқтисодии хонавода ба фарзандон зиёдравӣ накунанд. Ин амал пайёмади хубе нахоҳад дошт, ки намунааш мисли зер аст: «Дар ин хонае, ки ба дунё омад, дар он ҳавлӣ қадам заданро омӯхт, имрӯз ин хона чи қадар хомӯш, ваҳшатангез ва бегона ба назар мерасад. Ӯ ҳашт рӯз истоданӣ буд. Вале дар панҷ рӯз нороҳат шуд. Таънаҳои лаҳза ба лаҳзаи падар ва гиряҳои модар дилтангаш карда буданд. Касе сухани хубе намегуфт. Ҳар кас дар фикри худу манфиати хеш буд» [11, с.172].

Дар миёни ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ҳикояҳое, ки ба муҳити хонаводагӣ, робитаи миёни аъзои хонавода, расму анъанаҳои маълуми хонавода, ранҷи хонавода, хонавода дар зеҳнияти мардуми рустоӣ бахшида шуда бошанд, зиёданд. Ҳикояи «Бемории падар» як намунаи марғубе аз он қабил мебошад. Қабл аз он ки ба сужа, банду баст ва мазмуну муҳтавои ҳикояи мазкур назар андозем, лозим медонем перомуни мавзуъ, ки яке аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёти мо маҳсуб мешавад, сухан дар миён бигузорем. Равшан аст, ки дар ҳар хонавода рукни аслӣ ва роҳбару ҳидоятгар ва ҳофизу нигаҳдори хонавода падару модаранд. Рушду камол ва умури зистиву маишии хонавода ба дӯши падар аст. Падар танҳо таъминкунандаи ниёзу эҳтиёҷи моддиву пулӣ нест. Нақши падар дар камоли ахлоқӣ-маънавии фарзандон ниҳоят корсоз аст. Иқтизои муҳити хонавода, низоми он тақозо мекунад, ки падар бояд барои аҳли хонавода намунаи ибрату шоистагӣ бошад. Дар акси ҳол саломату фазои хона халалдору ноустувор мегардад ва таъсири нохушояндаш ба ҷомеа мерасад. Дар ҳикояи «Бемории падар» мо бо саҳнаҳое дучор мегардем, ки дар кас эҳсосоти мухталифу андешабарангезро ба бор меоранд. Сужаи ҳикоя ба рӯйи муносибатҳои падару фарзандон, ки макони шаклгириашон хонавода аст, мечархад. Қаҳрамонони асосӣ дар ҳикоя номи хосе надоранд. Қисса аз мазҳари зиндагии хонаводаест, ки бо вуҷуди бе ном омадан, дар зиндагии инсонҳо ҳузур доранд, шоҳид доранд. Дар ҷомеаи инсонӣ намуна доранд. Ҳикоя бо тасвири асбобу анҷоми хона «курсиҳои пуштакдори зангхӯрдаи хона», ки як замоне доштани онҳо мояи ифтихор буд, оғоз мешавад. Писари мансабдор, дақиқтараш пулдор аз Деҳлӣ барои ҳамдардӣ, аёдати падари бемору дами маргаш меояд ва дидани «курсиҳои зангхӯрда» хотироти кӯдакиро пеши назараш зинда месозад. Дар хотироти ӯ ҳиссе нафратомезу дареғзо, солҳо нуҳуфта дар ҷисму ҷон эҳсос мешавад. Дидани падар пас аз солҳои тулонӣ қодир нест он ҳисси дардомезро дигаргун созад. Вазъе, ки дар дидани ҷисми бемори падар дар зеҳнаш ҳосил шуда, аз хотираи зишти ӯ гувоҳӣ медиҳад: «Дар болои кати хурдакак одаме ба мисли уқоб пойҳояш тоб хӯрда, бо андоми лоғари скилетмонанд хобидааст ва барои дидани ӯ аз Деҳлӣ омадааст. Ӯ барои ҳамдардии ин одам омада буд, аммо баъди ин қадар давиданҳо дар рӯ ба рӯйи ӯ наметавонист ором бингарад. Ин одами уқобнамо падари ӯ буд» [11, с.172].

Ин писар, ки аз ӯ «мансабдору пулдор» ёд шуд, пас аз бори сеюм нома гирифтан аз бародараш Моусере аз Деҳлӣ ба роҳ мебарояд. Фикр мекунад, ки падараш мурдааст. Ӯ тасмим мегирад ба он шаҳри хурди худашон биравад «вагарна дар он шаҳри хурд агар ӯ ба маросими дафни падараш расида наояд, пас мардуми он ҷо ӯро ҳеҷ гоҳ нахоҳанд бахшид» [11, с.172].

Ҳисси бадбинӣ нисбат ба падар ба андозаест, ки замони иқомат дар Деҳлӣ ҳаргиз аз ӯ ном намебарад, ба касе аз ӯ сухан намегӯяд. Танҳо замоне, ки барои сафари шаҳри хурд

рухсатӣ мегирад, ҳамкорон ва рафиқон мефаҳманд, ки «падари ӯ то ҳол зинда будааст» [11, с.172].

Муколамае, ки дар иртибот бо марги падар бо ҳамсараш сурат мегирад, мавзуъро шиддат мебахшад: «Шояд то ба ҳол ӯро ба хок супорида бошанд, - гуфт ба ҳамсараш. Вале ӯ ба ҳамсараш фаҳмонид, ки аз рафтан ҳеҷ фоидае нест, танҳо пули зиёд харҷ мешавад. – Шумо чаро фикр мекунед, ки аз нарафтани Шумо мардум чи гапу калочаҳо мебофанд? Чӣ гуна бо он мардум рӯ ба рӯ мешавед?» [11, с.173].

Ин исрори ҳамсар сафари ӯро ба макони падар ногузир месозад. Вале андешаи ин ки «барои як шахси нодаркор ин қадар маблағ харҷ карда истодааст» оромаш намегузорад. Ба андешаи ӯ хуб буд, ки «бо ин маблағ бо дӯстон нишаста, беҳтарин шаробро нӯшида, ду-се рӯз айшу ишрат» менамуд.

Дар ҳикоя саҳнае, ки ҷалби назар мекунад, дидори писари роҳдур бо ҳамсоягон, рафиқони даврони кӯдакиву наврасӣ аст, ки гӯё барои дилдорӣ омадаанд. Гуфтугӯи он дар ниҳоди писар ҳеҷ чизеро дигаргун намесозад. Эҳсос мекунад, ки ҳар якеро сару савдоест ва ҳар яке аз ӯ ҳамчун мансабдор орзу доранд.

Писар ба муҳити хона, ба модар нигоҳ мекунад. Эҳсос мекунад, ки дар рафтори модар ҳеҷ чизе тағйир наёфтааст. Корҳоеро, ки солҳо пеш дар хона мекард, анҷом медиҳад. Аз сӯйи дигар, муҳити комилан барояш бегонаву ғариб метобад. Ҷисми лоғари модар ӯро ба ҳайрат меорад. Мисли ин ки дар падару модар будани ин ду ҷуссаи лоғару заиф шак мекунад. Барои ӯ ранҷовартарин амал ба ёд овардани падар аст. Ба ёди хотироти ваҳшатноки замони пеш зинда мешавад: «Ёди падарро кардан замон, чеҳрааш хашмгин мешавад. Ӯ бо чашмони ғазаболуди худ ба падари бемораш менигарад. Ҳамин аст падари ӯ. Бо занҳои ифлостарини дунё робита дошт. Дар ҳама кораш камомад мекард ва оқибат ба маҳбас рафт. Шароб нӯшида, шишаҳои холиашро ба ҳар тараф мепартофт. Модар ӯро пойи луч мечуст. Хонаи ҳар як фоҳишаро тақ-тақ карда ӯро мекофт. Дар куҷое пайдо мекард, ҳакорату дашном дода, кашола карда оварда, дар хона маҳкам мекард. Дар хонаҳои маҳалла ҳар як гап тез паҳн мешуд. Ҳамин дӯзах буд, ки заҳри онро чашида бузург шуда буд» [11, с.175].

Писар ба ёди хоҳаронаш меафтад, ки бар асари кирдорҳои зишти падар бадбахту бесарнавишт шуданд, «бе шавҳар фарзандор шуданд» ва охири охир бе ному нишон шуданд. Мурдану зинда буданашонро касе намедонад.

Писар сари болини падар аст, вале зеҳнаш побанди барандоз намудани замоне аст, ки зери фишори хонаводагӣ, ранҷу азобҳои падар тасмим гирифт то аз хона барои ҳамеша фирор кард: «Ӯ парончак шуда, аз ин хона баромада рафтанро авлотар дониста, ба мавқеаш рӯзе парида рафт. Ӯ борҳо кӯшиш кард, ки гузаштаро аз худ тамоман дур кунад, онро фаромӯш кунад, лекин он ба мисли абр дар зиндагиаш соя меандохт. Магар мешавад гӯштро аз нохун ҷудо кард. Ӯ низ садҳо бор кӯшиш кард, гузаштаи худро канор бигузорад, вале гузашта ҳамеша мисли абре болои сараш соя афканда буд» [11, с.175].

Писар бо ҳамсараш ба Деҳлӣ омада буд. Ровии ҳикоя дар ҳикоя вуҷуди амали вайро низ аз мадди назар дур месозад. Ин амр тавассути худи писар, яъне шавҳари зан анҷом мешавад. Воқеан, писар на танҳо мушоҳиди зан, балки назоратчии тамоми фазоҳои хонаи падарӣ аст: «Занаш кӯшиш мекард, ки ба Деҳлӣ занг зада, аз ҳоли кӯдаконаш хабар гирад, вале алоқа қатъ мешуд. Ӯ дар чеҳраи занаш як норизояти амиқеро эҳсос менамуд. Ба ин маънӣ, ки ин ҷо омада гирифтор шудем. Ба хусур дору дода, хӯрок тайёр карда менишинад ва боз даҳҳо фармоишҳои дигар аз хушдоманаш мегирад» [11, с.175-176].

Писар зимни муддати иқомат дар болини падар натиҷа мегирад, ки дар ин дунё ҳеҷ касе ғами падари ӯро намехӯрад. Иттифоқ рӯзе сари субҳ модар ӯро аз хоб бедор карда, аз марги ростини падараш хабар медиҳад: «Ӯ аз хоби ширин бархест ва аз пушти модараш давида омада дид, ки дар рӯйи кати куҳна падар беҳаракат хобида аст. Вай оҳиста ӯро ҷунбонид, ки ҳаракате накард. Рост, ӯ мурда буд. Яъне, имрӯз мурдааст. Аммо барои ӯ кайҳо боз падараш мурда буд» [11, 176].

Тибқи расму оини роиҷ модару ҳамсар ба гиря даромаданд. Вале ин амали онҳо ба андешаи писар тазоҳуре беш набуд. Вақте ки тобутро бардошта раҳсипори гӯристон шуданд, писар аз қафои тобут мушоҳиди ҳозирин буд. Аз дӯстони падар касе набуд. Ҳамааш дӯстону шиносони ӯ буданд. Занону кӯдакон аз дару тиреза тобути рафтаистодаро тамошо мекарданд.

Вале поёни сафар ва марги падар барои писари раҳдур хушоянд буд. Бо вуҷуди харҷи зиёд дар маркази таваҷҷуҳи мардум, занони ҳамсоя қарор гирифт. Як ишораи зане барои ризояти ӯ басанда буд, ки мегуфт: «Бубин, ӯ рафта истодааст. Писари фалонӣ. Дар Деҳлӣ коргари калон аст. Хабари марги бечораро шунида зуд давида омадааст. Тақдирро бубин, ки аз ин гуна падари майнӯш чи гуна фарзанди қобилу тавоно баромадааст» [11, с.177].

Хулосае, ки аз ошноӣ бо муҳтавои ҳикояи мазкур ба зеҳн меояд метавонад рангу сурати гуногун дошта бошад, вале ба гумони мо нахуст қасди нависанда дар матни он таъкиди ин маънӣ аст, ки пойдорӣ, устуворӣ, бақои хонавода вобастаи солимии рафтору кирдор, истеҳкоми ахлоқиву маънавӣ, риояти суннатҳои мавҷуд аз ҷониби волидайн мебошад. Бархӯрди инсонӣ бо фарзандон, муносибати хуби падарона дар вуҷуди он дарахти меҳру муҳаббату дӯстдориро месабзонад, ба оянда дилгарм месозад. Агар ин усулҳо риоят нашаванд, конуни хонаводагӣ аз ҳам пошида мешавад, меҳру шафқат дар дили фарзандон сарду шикаста мешавад. Ҷойи онро нафрату бадбинӣ ишғол мекунад. Нафрату бадбинии дар домони хонавода буда метавонад ба иҷтимоъ сироят кунад. Писар қаҳрамони беноми ҳикоя чунин таҷрибаеро аз сар гузаронидааст. Вай ба падар ҳеҷ дилбастагиву дилсӯзие надорад. Вале суннати ҳоким бар ҷомеа – ширкат дар маросими дафну гӯрӯчӯб кардани волидайн бар ӯ пирӯз мегардад ва қарзи фарзандиашро иҷро менамояд.

Замоне сухан аз масоили хонаводагӣ дар миён аст, равшан аст, ки сарчашмаи ин масоил, заминааш, иҷтимоъ аст. Хулласи калом, ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз шабеҳи оинае мебошад, ки воқеияти айнии иҷтимоъи нависандаро ба мухотабон менамоёнанд.

Муқарриз: ***Қурбонов Ҳ.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Латифов А.Д. Меҳруннисо Парвиз намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ / А.Д. Латипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2019. - № 5. - С.253-258.
2. Латифов А.Д. Меҳруннисо Парвиз тарсимгари расму таомули рустоӣ / А.Д. Латипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «Филология». - Душанбе: Сино, 2017. - № 4/3. - С.242-245.
3. Латифов А.Д. Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз (монография) / А.Д.Латипов. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 180 с.
4. Нурова М. Сравнительное изучение современной таджикской прозы и прозы хинди / М. Нурова. – Душанбе: Дониш, 2017. – 245 с.
5. Раҷабов Ҳ. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 272 с
6. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав (нашри дуюм) / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 540 с.
7. Раҷабов, Ҳ. Ҷараёнҳои адабӣ дар адабиёти ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 84 с.
8. नीतू पी. आर. मेहरून्निसा परवेज़ की कहानियों में समकालीन स्त्री संकल्पनायें / नीतू पी. आर. एर्नाकुलम: - 2014. - 278 पृ.
9. पुनश्च (पत्रिका) विशेषांक , दिल्ली - अंक 14, जनवरी 2004, 192 पृ.
10. मेहरून्निसा परवेज़ की लोकप्रिय कहानियाँ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: प्रभात पेपरबैक्स-2017 .- 183 पृ.
11. मेहरून्निसा परवेज़, मेरी बस्तर की कहानियाँ / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह).. नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन.-2008.-240 पृ.
12. मेहरून्निसा परवेज़. आदम और हव्वा / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: नेशनल पब्लिकेशन हाऊस.-1975.
13. मेहरून्निसा परवेज़. एक और सैलाब / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: सामयिक प्रकाशन.-1990.- 132 पृ.
14. मेहरून्निसा परवेज़. लाल गुलाब / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: प्रभात प्रकाशन -2006 .-167 पृ.
15. मेहरून्निसा परवेज़. समर / मेहरून्निसा परवेज़ (कहानी संग्रह). नई दिल्ली: ग्रंथ अकादमी.- 2002.- 159 पृ.

ТАСВИРИ ПАЙВАНДҲОИ ХОНАВОДАГӢ ДАР ҲИКОЯҲОИ МЕҲРУННИСО ПАРВИЗ

Дар мақола муаллиф масоили мубрами рӯз – муносибати хонавода ва пайванд байни аъзоёни онро дар мисоли ҳикояҳои нависандаи маъруфи адабиёти муосири ҳиндӣ Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Тавре аз таҳлилу арзёбиҳо бармеояд, яке аз мавзуъҳое, ки дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз нақши назаррас дорад, инъикоси масъалаҳои хонаводагӣ, муносибати миёни фарзандон, падару модар, таъсири муҳити хонавода дар камолу инкишофи ҷаҳонбинии фарзандон, бархурди онҳо ба мушкилоти хонавода мебошад. Бояд таъкид намуд, ки даст задан ба тарҳу офариниши ҳунарии масоили хонаводагӣ аз ҷониби нависанда вижагиҳои хос дорад. Дар мақола таъкид шуда, ки бархӯрди инсонӣ бо фарзандон, муносибати хуби падарона, ки дар вуҷуди он дарахти меҳру муҳаббату дӯстдориро месабзонад, ба оянда дилгарм месозад. Агар ин усулҳо риоят нашаванд, конуни хонаводагӣ аз ҳам пошида мешавад, меҳру шафқат дар дили фарзандон сарду шикаста мешавад. Ҷойи онро нафрату бадбинӣ ишғол мекунад. Нафрату бадбинии дар домони хонавода буда метавонад ба иҷтимоъ сироят кунад.

Калидвожаҳо: хонавода, падар, модар, иҷтимоӣ, ҷомеа, волидайн, ахлоқ, расму русум, ҳиндӣ.

ОПИСАНИЯ СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РАССКАЗАХ МЕХРУННИСО ПАРВИЗ

В статье автор анализирует актуальные вопросы современности - взаимоотношения семьи и ее членов, используя рассказы известного писателя современной литературы хинди Мехруннисо Парвиз. Согласно анализу, одной из тем, играющей значительную роль в рассказах Мехруннисо Парвиз, является освещение вопросов семьи, взаимоотношений между детьми, родителями, влияние семейной среды на развитие мировоззрения детей, их подход к семейным проблемам. Следует отметить, что авторский подход к художественному оформлению семейной тематики имеет свои особенности. В статье подчеркивается, что гуманное отношение к детям, хорошее отношение отца в силе прорастить дерево любви и ласки, вдохновить на будущее. Если не следовать этим основам, семейные закономерности будут нарушены, а любовь и сострадание разбиты в сердцах детей. Ненависть и обида займут свои места. А ненависть и обида в семье, смогут заразить и общество. Низкий уровень жизни с экономической точки зрения оказывает глубокое влияние на отношение людей, даже отдельных членов семьи. Его продолжительность и стойкость приводит к появлению отчуждения.

Ключевые слова: семейство, отец, мать, социальный, общество, родители, характер, обачай, хинди.

REFLECTION OF FAMILY TIES IN THE STORIES OF MEHRUNNISO PARVIZ

In the article, the author analyzes the topical issues of our time - the relationship of the family and the ties between its members, based on the the stories of the famous writer of modern Indian literature Mehrunniso Parviz. According to the analysis, one of the topics that plays a significant role in the stories of Mehrunniso Parviz is the coverage of family issues, relationships between children and parents, the impact of the family environment on the development and broadening of children's world outlook, their approach towards encountering family problems. It should be emphasized that the author's approach to the artistic design of the family theme has its unique characteristics. The article emphasizes that a humane attitude towards children, a good fatherly attitude, which creates and develops the basis for true love and affection, inspires for the better future. If these methods are not followed, family rule will be violated and love and compassion will break the hearts of children followed by disappointment. Love would be replaced by hatred. Hatred and abhorrence in the family can infect the stability in society. A low standard of living from an economic point of view has a profound effect on people's relationships, even individual households. Its long term persistence leads to alienation.

Key words: family, Father, Mother, social, society, parents, disposition, custom, Hindi.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Латифов Алихон Давлатович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

Сведения об авторе: ***Латифов Алихон Давлатович*** - Таджикский национальний университет, старший преподаватель кафедры индийской филологии факультета языки Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

Information about the author: ***Latifov Alikhon Davlatovich*** – Tajik National University, Teacher of the Department of Indian Philology of the Faculty of languages Asia and Europa. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Тел.: **(+992) 98-519-28-06**

УДК: 891.550

МУАММО ВА ЛУҒАЗ
(айният ва тафовут)

Маҳмадуллоева Н.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Луғаз дар адабиётшиносии форсу тоҷик ба ҳайси санъати бадеӣ ва навъи шеър шинохта шудааст. Дар адабиёти шифоҳӣ онро чистон мегӯянд ва аз рӯзгори қадим дар миёни мардум маъмул будааст. Он сухани мушкил ва сарбастаи ба андешаву тафаккур муҳтоҷ мебошад, ки аз оғози шеъри форсии тоҷикӣ дар осори адибони форсигӯ ба назар мерасад. Хусусияти муҳимми он бо ишораи нишонаю сифатҳо баён намудани шахс ё чизи васфшаванда мебошад, ки барои такон додан ба зеҳни хонанда таъсири азим дорад.

Дар мавриди оғози пайдоиши он диду назарҳои гуногун вуҷуд доранд ва хулосаи андешаи муҳаққиқин ин аст, ки луғаз ҳанӯз дар осори аҳди қадим мавҷуд будааст. Қадимтарин намунаи маҷмуаи чистон “Рисолаи Юшт, Фариён ва Ахт” мебошад. Ба назари Аҳмади Тафазулӣ, ҳастаи достонии ин рисолаи чистонҳо қадимӣ буда ва сурати шифоҳии он дар аҳди Сосониён китобат шудааст. Номи Юшт аз хонадони Фариён дар “Авасто”, дар бандҳои 82 ва 83 омадааст, ки дар ҷазираи миёни рӯди Аранг барои Аноҳито сад аспу ҳазор гов ва даҳ ҳазор гӯсфанд қурбонӣ карда, аз ӯ барои пирӯзӣ дар мунозира бо Ахти ҷодугару бадандеш, ки 99 савол матраҳ карда буд, кумак хост. Қадимтарин луғази шери форсии дарӣ баъд аз ислом, ки то замони мо расидааст, қитъаи шоири асри IX Фирӯзи Машриқӣ (ваф. 896-897) дар мавзуи “тир” аст:

Мурғест хаданг, эй аҷаб, дидӣ,
Мурғе, ки шикори ӯ ҳама ҷоно.
Дода пари хеш каргасаш ҳадя,
То на бачааш барад ба меҳмоно [2, с.24].

Дар асрҳои X-XI эҷоди луғаз дар қолаби шеър интишори васеъ дорад, ки ҳангоми аз назар гузаронидани луғазҳои то ба мо омада расидаи шоирони асрҳои X-XII маълум мегардад. Онҳо дар мавзуъҳои гуногун луғаз гуфтаанд. Дар асри X як қатор шоирон, аз он ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Тоҳири Чағонӣ, Балъамӣ ва Мунҷикӣ дар мавзуъҳои гуногун луғаз навиштаанд.

Намунаи луғзҳои аз шоирони асри X гирдовардаи мо асосан ба тариқи зайланд:

Чун бигардад пои ӯ аз пойдон,
Худ шукуҳида намояд ҳамчунон [1, с.380].

Ё ин, ки луғази “шамшер” аз Балъамӣ:

Дарранда чу шерон, даманда чу саъбон,
Дурафшон чу ҳасбӣ, дурахшон чу озар [2, с.125].
Чун барафрӯзӣ рӯх аз бода, кулаҳ сози яла,
Дастҳоям шик гардад, пойҳояш шишала [2, с.125].

Шоири дигари ҳамин аср Тоҳири Чағонӣ дар васфи гули наргис чунин луғаз гуфтааст:

Он гуле, к-аш соқ аз минои сабз,
Бар сараш бар симу зар омехта.
Нохуни ҳур аст, гӯй, гирд-гирд,
Дидаи боз аз миён-ш ангехта [2, с.366].

Эҷод кардани луғз бисёр мушкил буда, он асосан бо ду роҳ суруда мешавад: Аввал, бо роҳи айнан ва ошкоро баён намудани аломати хосси шахс ё ашёи тасвиршаванда. Ба ин мисол шуда метавонад луғази зерини Тоҳири Чағонӣ дар васфи “Фуқоъ”:

Лӯъбате сабзчеҳра, тангдаҳон,
Бифизояд нишоти пиру ҷавон,
Ӯ бихандад, туро кунад гирён,
Маъҷари сар чу з-он бараҳна кунӣ,
Хашм гирад, каф афканад зи даҳон.
В-ар бихоҳӣ варо, ки бӯса занӣ [2, с.367].

Ё луғази дигари ҳамин шоир дар васфи асп:

Чу шаб буду ҳар гаҳ, ки биштофотӣ,
Ба таг рӯзи бигзашта дарёфтӣ [2, с.368].

Шоири дигари асри X Мунҷики Тирмизӣ дар васфи шароб луғазе гуфтааст:

Он талху бад-ӯ умри талх ширин,
Он зарду бад-ӯ рӯи зард ҳамро [2, с.413].

Ё ин, ки дар ҷойи дигар дар васфи асп гуфтааст.

Тур аст ба навбат-андарун заррин,
Тир аст ба заҳмат – андарун паррон [2, с.439].

Луғазро чун санъати шеърӣ дар намудҳои гуногуни адабӣ эҷод намудаанд. Шоироне, ки нисбат ба дигар намудҳои адабӣ бештар ба қасидасароӣ машғул буданд, луғазро дар ташбиби қасида овардаанд. Мисол, луғази «Шамъ»-и Манучеҳрии Домғонӣ, ки онро шоир дар ташбиби қасидаи ба мадҳи Унсурӣ бахшидааш овардааст:

Эй ниҳода бар миёни фарқ ҷони хештан,
Ҷисми мо зинда ба ҷону ҷони мо зинда ба тан.
Ҳар замон рӯйи ту лахте аз бадан чор биканад,
Гӯйи андар рӯйи ту музмар ҳаме гардад бад-он.
Чун бимири оташ андар ту расад шавӣ,
Чун шавӣ бемор беҳтар гардӣ аз гардан задан [3, с.70-78].

Луғазҳое, ки дар шакли ғазал сароида шудаанд, ҳаҷман хеле васеанд. Дар чунин луғазҳо ашёи луғазшаванда ба воситаи сухани бадеӣ муфассал тавсиф карда мешавад, ки ин хусусиятро мо бештар дар ғазале мебинем. Чунончи, луғази соати фарангии Тавҳидии Шерозӣ дорои ҳамин хусусият аст:

Чист он симинтан, хуршедшакл, моҳъузор,
Бе забон, бе дасту пою базлагӯву раҳсипор.
Луъбаташ ширинсухан ҳар дам якеро ҳамзабон,
Дилбари симинбадан ҳар шаб якеро дар канор [4, с.186-187].

Қисми дигари луғазҳо дар шакли рубоӣ ва қитъа гуфта шудаанд. Аз шоирони асри X Мунҷики Тирмизӣ дар шакли луғзе гуфтааст, ки онро метавон қитъа ба ҳисоб овард:

То кай гӯйӣ мадори илм ба ман гашт,
Ҷону дилам илмро гузида ватан гашт.
Чист яке модае, ки бе нар пешат
Рӯзе даҳ раҳ бизоду обистан гашт [2, с.415].

Бояд хотиррасон намоем, ки луғзи Мунҷики Тирмизӣ дар «Тарҷумон-ул-балоға» бо номи луғази «Тиру камон» зикр шудааст, аммо дар китоби ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ бо номи «Луғз дар бораи киштӣ» оварда шудааст. Ба фикри ман аз ҷиҳати маънову ба ҳақиқат наздиктар буданаш, тиру камон ҷавоби дурусттар аст. Барои он ки дар байти охирини ин луғаз шоир таркиби бе нар (камон) баҳс кардааст ва сониян ин, ки « даҳ раҳ бизоду обистан» ҳам хосси камон аст.

Шоирони луғазсаро дар шакли фард ҳам луғаз гуфтаанд, ки дар он якчанд сифату аломати ашёи луғазшаванда дар як байт оварда мешавад. Мисол, луғзи «Лой» аз Рӯдакӣ:

Обкандӣ дуру бас торик ҷой,
Лағз лағзон чун дар-ӯ бинҳанд пой [1, с.398].

Луғазҳои зикршуда равшан нишон медиҳанд, ки ҳар яки онҳо бо гуногунии шаклу тасвири воситаҳои бадеӣ ба ин ё он намуди адабӣ дохил мешаванд.

Муаммо дар маърифати луғавии пӯшида ва сарбаста баён доштани матолиб аст ва аввалин донишманде, ки аз маърифати истилоҳии он баҳс ба миён овардааст, Рашидаддини Ватвот аст. Ба ин маънӣ ӯ ҳадафи хешро чунин изҳор мекунад: «Ин санъат чунон бошад, ки шоир номи маъшуқ ё номи чизе дигар дар байт пӯшида биёрад, аммо ба тасҳиф, аммо ба қалб, аммо ба ҳисоб, аммо ба ташбеҳ, аммо ба ваҷҳе дигар» [1, с.303].

Баъд аз ин, Рашидаддини Ватвот барои тасдиқи андешаи хеш чунин намуна овардааст:

Дидам ду ҳафта моҳ зи дебо бар ӯ салаб,
Кардам дар ӯ нигоҳ, бимондам аз ӯ аҷаб.
Гуфтам чӣ номӣ, эй бут? Гуфто: Каримро,
Бингар божгуна в-аз ӯ номи ман талаб [1, с.303].

Дар муаммои фавқуззикр ҳадаф ё худ вожаи калидӣ лафзи «Карим» буда, агар он чаппа хонда шавад «Мирак» ҳосил мешавад, ки номи маҳбуба будааст.

Метавон гуфт, ки манбаи коргирифтаи Рашидии Ватвот ҳамоно «Тарҷумон-ул-балоға»-и Умари Родуёнӣ будааст, зеро чуноне ки профессор А. Сатторзода таъкид мекунад, Рашиди Ватвот он намунаҳоро дар фасли алғоз оварда будааст. Чунон ки профессор А. Сатторзода менависад: «Ин мисолро дар қатори намунаҳои дигар пеш аз Рашидаддини Ватвот соҳиби «Тарҷумон-ул-балоға» дар фасли санъати алғоз ва-л-муҳоҷот–луғаз оварда буд» [9, с.244].

Аз қазовати мазкур профессор А. Сатторзода ба ин натиҷа расидааст, ки ба назари мо, матлуб аст: «Маълум мешавад, ки дар замони Муҳаммад бинни Умари Родуёнӣ муамморо аз луғаз ҷудо намекардаанд. Аммо муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ин ду навъи шеъриро на танҳо ҷудо-ҷудо овардааст, балки онҳоро аз ҳам фарқ ҳам кардааст [9, с.244].

Ба назари мо, чистон шакли порсии муаммо набуда, луғазу чистон шеъри ҷудогонаанд ва дар таърихи адабиёти форс-тоҷик чистонҳои «Қалам»-и устод Рӯдакӣ, «Шамъ»-и Манучеҳрӣ, «Шамшер»-и Унсурӣ, «Об»-и Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ ва ғайраро метавон ёдрас намуд.

Оид ба муаммо ва луғаз аз донишмандони хориҷӣ Сируси Шамисо ва аз олимони ватанӣ профессор Абдунабӣ Сатторзода амиқравиҳои бештар кардаанд, ки мо дар мавридҳои зарурӣ ба таълифоти онҳо ручуъ хоҳем кард. Танҳо як ҷиҳат шоистаи таъкид аст, ки профессор А.Сатторзода амиқравии бештар дорад, зеро ин донишманди шинохта ҳам аз манобеву маохизи сершумор ва ҳам аз асари назарӣ бештар кор гирифтаву тавассути қиёсҳо айният ва шабоҳати луғазу муамморо басо матлуб шохис гардонидааст.

Дар асрҳои миёна донишмандон Камолиддин Ҳусайни Воиз дар «Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ул-ашъор» [9, с.244] ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» [6, с.344] муамморо мухталлиф тасниф кардаанд. Масалан, Атоуллоҳ Маҳмуд таснифоти зеринро ҷонибдор аст: тибоқ, марказӣ, таснифӣ, иттифоқӣ [6, с.345].

Дар асари Камолиддин Ҳусайн Воиз роҷеъ ба истилоҳи «Муаммо омадааст, ки муаммо бар исме аз асмои ба фунуни далолати лафзӣ ва сунуфи ишорати ҳарфӣ буда, қаройина нозими ӯро аз тасарруфе чанд махсус ногузир бувад» [9, с135]. Ин донишманд муамморо муштамил бар анвои зерин медонад: таҳсил, такмил, тасҳил ва дар таълифоти ин донишманд анвои фавқуззикр чунин тавзеҳ дода шудаанд: «Баъзе барои ҳосил кардани ҳуруф бувад, ки ба масобаи мода аст ҳар исмро ва онро амали таҳсил хонанд» [9, с.135]. Ё худ оид ба такмили чунин қазоват мекунад: «Ва баъзе барои ҷамъ кардану тартиб додани он бошад, то сурати исм мукаммал гардад ва онро амали такмил гӯянд» [9, с.135]. Ё ин ки дар хусуси таҳсил менависад: «Ва баъзеро фоидаи осонӣ ва тамомии амале дигар бошад, хоҳ ки роҷеъ ба таҳсили мода гардад ва хоҳ ба такмили сурат ва онро амали таҳсилӣ номанд ва ҳар як аз ин аъмол чанд зобитаи куллӣ дорад» [9, с.135].

Сируси Шамисо оид ба муаммо ва луғаз ё чистон баҳсҳои ҷудогона сомон дода менависад, ки (оид ба муаммо): «Муаммо шеъри кӯтоҳест, ки шоир дар он касе ё чизеро пинҳон кардааст ва хонанда пас аз тааммули бисёр метавонад он номро биёбад. Нозиле ба кумаки шигардҳои мухталиф аз қобили тасҳифу қалб ва ҳисоби ҷуммал хонандаро ба кашфи исм ҳидоят мекунад» [7, с.278].

Чуноне ки маълум гардид, андешаи сарчашманигор ва аҳли таҳқиқ оид ба фаҳмиши истилоҳии ин санъат асосан бидуни ихтилофанд. Ҳамагон пазируфтаанд, ки ин санъат хеле мураккаб ва сахт ниёз ба тааммулу андеша дорад. Ба ин маънӣ донишманди тоҷик Турақул Зеҳнӣ навиштааст, ки: «Муаммо санъатест, ки шоир номи махсус ё чизеро дар сурати нуҳуфта ба воситаи амали қалб ва тасҳиф ё ба иваз кардани муродифҳо, ҳисоби абҷад, киноя ва ишоратҳои пӯшида дар як байт ва ё якчанд байт навъе пӯшонад, ки аз ғайри фикру мулоҳизаи борик ва диққати амиқ шикофтани он муҳол буда, асосан кушодани он мавқуф ба донистани қоидаҳои маълуми муаммост» [2, с.113].

Чунон ки маълум мегардад, дар қазоватҳои фавқуззикр ифодаҳо шаклан мутафовит бошанд ҳам, муҳтавои қазоватҳо асосан ихтилофи фикрӣ надоранд. Меоем сари қазовати дигар, ки сарчашмаҳо аҳли таҳқиқ оид ба санъати луғаз ё луғз чӣ андеша доранд?

Ин ҳам мусаллам аст, ки нахустин баҳс дар ин бора ба донишманди асримиёнагии тоҷик Рашидаддини Ватвот мутааллиқ буда, ба қавли ӯ луғз сухани печида ва дур афтидан аз роҳи рост аст ва дар қиёс бо муаммо бунёди луғазро бар суол ва бунёди муамморо

мухталиф арзёбӣ мекунад. Дар ин бора дар асари профессор Абдунабӣ Сатторзода омадааст, ки: «Ба назари ӯ (Рашидаддини Ватвот - Н.М.), фарқи луғаз аз муаммо дар он аст, ки луғазро ба тариқи суол гӯянд ва аз ин ҷост, ки Аҷам инро чистон хонанд» [6, с.250]. Ин ҳамин маъниро дорад, ки ин донишманд Рашидаддини Ватвот аввалин шахс аст, ки оид ба тафовути ин ду санъати адабӣ баҳс ба миён овардааст.

Оид ба муаммову луғаз дар асари Турақул Зеҳнӣ омадааст, ки маънии луғавии луғаз печиш, роҳи кач ва берун рафтан аз роҳи рост аст. Дар илми бадеъ луғаз он аст, ки шоир шеъре менависад ва чизеро дар назар гирифта сифат, аломатҳо ва хусусиятҳои онро дар либоси ибораҳои мушкил ва монанд ва ғайри номи предметро баён мекунад ва ёфтани онро аз хонанда ба таври хитобу суол ва аксаран ба ибораи «чист он?» ифода мекунад. Аз ин сабаб рафта-рафта ба ҷойи луғази арабӣ чистон номи ин навъи шеър шудааст [2, с.116].

Ин муҳаққиқ дуруст таъкид мекунад, ки «Бо эҳтимоли ғолиб нахустин шоире, ки шеърро ба таври луғаз сурудааст, устод Рӯдакӣ» мебошад» [2, с.116]. Ӯ барои намуна луғази зеринро аз устод Рӯдакӣ зикр мекунад ва ин ҳамин маъниро дорад, ки санъати адабии мазкур дар асри Х мустаъмал будааст. Ин чистон чунин аст:

Ланги равандаст, гӯш нею суханёб,
Гунги фасеҳ аст, чашм нею ҷаҳонбин.
Тезии шамшер дораду равиши мор,
Колбади ошиқону гунаи ғамгин [2, с.116].

Санъати адабии мазкурро дар садаи XI шоирони дарбори Ғазнавиён Абдунаҷм Манучеҳрии Домғонӣ, Ҳаким Абулқосим Ҳасан Унсурии Балхӣ ва дигарон эҳё кардаву ғанӣ гардонидаанд.

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз силки он донишмандоне ҳастанд, ки оид ба санъатҳои адабии муаммову луғаз ва чистон баҳси бештареро дар осори ба илми бадеъ бахшидаашон раво дидаанд. Чунончи дар хусуси тафовути луғаз ва муаммо Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ чунин қазоват дорад: «Дар луғаз лозим аст, ки далолати ӯ бар мақсуди нозим ба зикри аҳвол ва авсоф бошад. Ва ин дар муаммо лозим нест, дар муаммо лозим аст, ки матлуби ӯ, ки мақсуди нозим исме бошад аз асмо. Ва ин дар луғаз лозим нест» [6, с.251].

Маҳмуд Ҳусайнӣ Атоуллоҳ алорағми муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» ва ҳамчунин бар хилофи Мавлоно Шарафуддин Алии Яздӣ собит сохта аст, ки дар таърихи адабиёти форс-тоҷик луғазҳое эҷод карда шудаанд, ки бидуни суоланд ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ барои исботи фикри хеш рубоии зеринро намуна меорад, ки дар он рубоии манзури гӯянда чашмбанд будааст:

Аз баҳри хусуф он чӣ шавад пур зи гирех,
Мушкин занабе бошад аз раъе фирех
Дар пеши камон чун малаху суфта ба тир,
В-ар соя бар офтоб пӯшида гирех.

Умуман, ҳадафи мо аз ин баҳси иҷтимолӣ роҷеъ ба айнияту тафовути муаммо ва чистон он аст, ки онҳо аслан аҳдофи амиқравии афкори инсонӣ дошта, тезҳушӣ, зиракӣ, кунҷковӣ, иртифоӣ андеша аз мақсадҳои эҷодкории онҳо будааст. Аз тарафи дигар, санъатҳои адабӣ иртифои тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбинии миллати тоҷик дар даврахои гуногуни асрҳои миёна низ будаанд.

Боиси таъкид аст, ки муаммо ва чистон ё луғаз дар таърихи адабиёти форс-тоҷик куҳантаърих буда, аввал ва ё дар мароҳиле оғозин ҳамчун санъати шеърӣ ва тадриҷан ҳамчун навъи шеърӣ шинохта шуда буд. Баъдҳо дар садаҳои XIV- XV ва нимаи аввали садаи XVI, хосса муаммо нисбатан оммавӣ шудааст ва ҳатто баъзе эҷодкорҳо «Муаммоӣ» тавсиф шудаанд, ки ин аз болоравӣ ва оммавӣ гардидани муаммо башорат медиҳад. Ин аст, ки шаклҳои шеърие дар навъи қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра дар шакли ё худ дар навъӣ муаммо эҷод шудаанд ва ин падида аз истеъдоди воло ва сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии миллӣ дар садаҳои гуногуни масири таърихи халқ маърифат карда мешавад, ки, пеш аз ҳама, арзиши адабӣ –илмӣ ва ҳунарӣ маърифатӣ дорад. Дар таърихи адабиёт махсусан Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин ҷода мақоми хосса дорад, зеро дар чаҳор осораш ӯ рисолаи кабир дар муаммо, рисолаи сағир дар муаммо ва рисолаи мутавассит дар муаммо дорад, ки касе дар ин ҷода ҳамқадами ӯ нест.

Муқарриз: ***Низомӣ М.*** – доктор илмҳои филологӣ,

А Д А Б И Ё Т

1. Ватвот, Рашидаддин. «Ҳадоиқ-ус-сеҳр ва дақоиқ-уш-шеър» / Рашидаддини Ватвот. - Москва: Наука, 1985. – 324 с.
2. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. - Душанбе: Маориф, 1992. - 304 с.
3. Мақсудов Б. Ҷустучӯ дар аҳвол ва осори Ирокӣ / Б.Мақсудов. - Душанбе: Пайванд, 2009. – 555 с.
4. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1991. – 334 с.
5. Низомӣ, М. «Ҳафт авранг»-и А.Ҷомӣ ва суннати достонсароӣ дар асри XV / М.Низомӣ. – Душанбе, 2014. – 398 с.
6. Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ ул-ашъор» / Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бо сарсухан ва таҳияи матн У. Тоиров. - Душанбе: Ҳумо, 2006. - 229 с.
7. Сатторзода, А. Такмилаи бадеъи форси тоҷикӣ / А.Сатторзода. - Душанбе: Адиб, 2011. - 380 с.
8. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ / Шамисо, Сирус. - Теҳрон: Фирдавсӣ, 1381. – 375 с.
9. Солеҳов М. Арӯз ва омӯзиши он / М.Солеҳов. - Душанбе: Эр-граф, 2016. – 276 с.
10. Шарифзода Х.Таърихи адабиёти тоҷик. Аз аҳди қадим то оғози асри XIII / Х.Шарифзода, М. Нарзиқул. - Душанбе: ТоРус, 2017. – 415 с.
11. Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Бурҳони Қотеъ / Бурҳон, Муҳаммад Ҳусайн. - Канпур, 1037. – 366 с.
12. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсиддин Муҳаммад. - Канпур, 1323. – 666 с.
13. Р. Ҳодизода. «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» / Р. Ҳодизода. – 1966.
14. Рашидаддини Ватвот. Ҳадоиқ-ул-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър / Ватвот Рашидаддин. - Теҳрон, 1339. – 690 с.
15. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 278 с.

МУАММО ВА ЛУҒАЗ

(айният ва тафовут)

Мақола ба баррасии айният ва тавофут дар муаммо ва луғаз бахшида шудааст. Дар адабиёти шифоҳӣ онро чистон мегӯянд ва аз рӯзгори қадим дар миёни мардум маъмул будааст. Дар мавриди оғози пайдоиши он диду назарҳои гуногун вуҷуд доранд ва хулосаи андешаи муҳаққиқин ин аст, ки луғаз ҳанӯз дар осори аҳди қадим мавҷуд будааст. Умуман ҳадафи муаллиф аз ин баҳси иҷтимолӣ рочеъ ба айнияту тафовути муаммо ва чистон он аст, ки онҳо аслан аҳдофи амиқравии афкори инсонӣ дошта, тезҳушӣ, зиракӣ, кунҷковӣ, иртифоӣ андеша аз мақсадҳои эҷодкории онҳо будааст. Аз тарафи дигар, санъатҳои адабӣ иртифои тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбинии миллати тоҷик дар даврaҳои гуногуни асрҳои миёна низ будаанд. Боиси таъкид аст, ки муаммо ва чистон ё луғаз дар таърихи адабиёти форс-тоҷик куҳантаърих буда, аввал ва ё дар мароҳиле оғозин ҳамчун санъати шеърӣ ва тадриҷан ҳамчун навъи шеърӣ шинохта шуда буд. Баъдҳо дар садаҳои XIV- XV ва нимаи аввали садаи XVI хосса муаммо нисбатан оммавӣ шудааст. Ин аст, ки шаклҳои шеърие дар навъи қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва ғайра дар шакли ё худ дар навъӣ муаммо эҷод шудаанд ва ин падида аз истеъдоди воло ва сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии миллӣ дар садаҳои гуногуни масири таърихи халқ маърифат карда мешавад, ки, пеш аз ҳама, арзиши адабӣ –илмӣ ва ҳунарӣ - маърифатӣ дорад.

Калидвожаҳо: муаммо ва луғаз, айният ва тавофут, санъатҳои адабӣ , шаклҳои шеърӣ, арзиши адабӣ – илмӣ ва ҳунарӣ - маърифатӣ.

ЗАГАДКА И ШАРАДА

(сходство и различия)

Статья посвящена рассмотрению сходства и различий загадок и шарад. В устной литературе она называется *чистон* - загадкой и популярна среди людей с древних времен. Существуют разные мнения относительно начала его происхождения, и исследователи приходят к выводу о том, что она слово существовало еще в Ветхом Завете. В общем, цель автора из этого возможного рассуждения об объективности и отличии проблемы и вопроса в том, что они изначально имели цель углубления человеческой мысли, а интеллект, интеллигентность, любознательность, креативность были в числе целей их творчества. С другой стороны, литературное искусство было основой мышления и мировоззрения таджикского народа в разные периоды средневековья. Стоит подчеркнуть, что загадки и шарады являются древними в истории персидско-таджикской литературы, и на первых порах или на ранних этапах она признавалась как поэтическое искусство и постепенно как вид поэзии. Позже, в 14-15 веках и первой половине 16 века, проблема стала относительно популярной. Поэтому поэтические формы в виде поэмы, газели, стиха, рубаи создавались в виде головоломки, и это явление просвещается высоким талантом и уровнем мышления и национального мировоззрения в разные века исторического процесса и имеет, прежде всего, литературно-научное и художественно-просветительское значение.

Ключевые слова: загадки и шарады, значение и различие, литературные произведения, поэтические формы, литературно-научное и художественно-воспитательное значение.

MYSTERY AND CHARADE

(similarities and differences)

The article is devoted to the consideration of the similarities and differences of riddles and charades. In oral literature, it is called *chiston* - a riddle and has been popular among people since ancient times. There are different opinions regarding the beginning of its origin, and researchers come to the conclusion that the word existed in the Old Testament. In general, the author's goal from this possible discussion about the objectivity and difference between the problem and the

question is that they originally had the goal of deepening human thought, and intelligence, intelligence, curiosity, creativity were among the goals of their creativity. On the other hand, literary art was the basis of the thinking and worldview of the Tajik people in different periods of the Middle Ages. It is worth emphasizing that riddles and charades are ancient in the history of Persian-Tajik literature, and at first or in the early stages it was recognized as a poetic art and gradually as a form of poetry. Later, in the 14th and 15th centuries and the first half of the 16th century, the problem became relatively popular. Therefore, poetic forms in the form of a poem, a ghazal, a verse, a rubaiyat were created in the form of a puzzle, and this phenomenon is enlightened by a high talent and level of thinking and national outlook in different centuries of the historical process and has, first of all, literary and scientific and artistic and educational significance.

Key words: riddles and charades, meaning and difference, literary works, poetic forms, literary-scientific and artistic-educational meaning.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадуллоева Насиба*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-49-22-34**

Сведения об авторе: ***Махмадуллоева Насиба*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-49-22-34**

Information about the author: ***Mahmadulloeva Nasiba*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-49-22-34**

УДК: 891.550

МАВЗУИ ВАТАН ДАР ЛИРИКАИ МУҲАММАД ҒОИБ

Зуфнунби Сайдаҳтам
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муҳаммад Ғоиб шоирест самимӣ, хушбаён, ки бо каломи латифу ҷаззоб, бо муҳтавиёти махсуси рангину дилнишин шеър мегӯяд ва бинои шеъри сеҳазорсолаи тоҷикро бо салосату фасоҳати шеъри асил рангин месозад. Шоир аз ҷумлаи шоирони мумтози адабиёти имрӯзи тоҷик аст, ки бо дарки масъулият дар ҷодаи шеъру шоирӣ гомҳои устувор ниҳода, бо ашъори баландмазмуну гуногунпаҳлу рисолати шоирии хешро дар пеши халқу ватан ба сомон мерасонад. Муҳтавои шеъри шоир аз ҳақиқати рӯзгор аст ва бо истифода аз анвои санъати бадеӣ ва тасвирҳои дастнохӯрда, дар қалби маънипарвари халқ тухми ишқу муҳаббат нисбат ба зиндагӣ, меҳан ва ҳақиқати рӯзгорро мепарварад. Барои он ки шеъраш воқеан шеъри асил ва мондагор бошад, дар ҷодаи шеъру шоирӣ сабку услуби хосси худро пеша намудааст.

Ӯ аз адибони тавоноест, ки дар тамоми жанрҳои адабӣ: ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, манзумаву достон, ҳикояву жанрҳои гуногуни драматургия бо сабки хосси худ образҳои рангину диққатҷалбкунандае офаридааст. Шоир бо такя ба назми ғиноии классикӣ ва муосир шеъри замони моро бою рангин сохта, онро аз нигоҳи мавзуъ ва муҳтаво, образҳои нав ва шеваҳои баёни бадеӣ рангин сохтааст. Бадеият яке аз хусусиятхои асосии осори шоир аст ва он чизе, ки сабаби ба дили хонанда ҷой гирифтани шеъри шоир гаштааст, маъниҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, бо перояи бадеият ороиш ёфтааст. Дар шеъри шоир ғояҳои баланд, маъниҳои барҷаста ва мазмунҳои нозуку латиф дар шакли зебое бо калима ва таркибҳои суфтаву ҳамвор, бо роҳи тасвироти бадеию адабӣ ифода ёфтаанд. Доираи мавзуъҳои осори шоир ҳам бепаҳност: ватан, модар, ишқ, васфи диёр, ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ғайра.

Маълум аст, ки фаъолияти шоирии Муҳаммад Ғоиб дар ду давра: замони шӯравӣ ва истиқлолияти давлатӣ идома дорад, вале дар ҳар ду давра ҳам мавзуи ватан дар меҳвари эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб мебошад. Ҳатто ин силсилаи ашъори худро дар маҷмуаи шеърҳои «Меҳри ватан», «Ашки қалам», «Дидор», «Хонаи Ватан», «Парчами нанг», «Гавҳари меҳр», «Каъбаи дил», «Қиблаи умед», «Боми сипеҳр», «Суруди ишқ», «Ватандорӣ» аз шеъру таронаҳое мураттаб кардааст, ки розгӯву санохони Ватан-Модар мебошанд. Ашъораш қалбҳоро ба ҳам мепайвандаду насими тозаи накҳати гуворои Ватанро ба машом мерасонанд. Ватандӯстӣ аз мавзуъҳои марказӣ ва аввалиндараҷаи лирикаи Муҳаммад Ғоиб буда, калимаи «Ватан» дар лексикаи ашъори шоир мавқеи махсус дорад. Ватанро манбаи илҳоми шоири ватандӯст, хонаи умед ва бахшандаи бахту саодат медонад.

Шоир дар ҳар каломи мавзуни офаридааш бо тобишҳои наву ибораҳои нозук ҳисси баланди ватандӯстиро рӯйи авроқи сапед тасвир менамояд. Шоир кӯшидааст эҳсосоти баланди ватанпарварӣ, руҳи миллӣ, хотироти неки қаҳрамонони ватан, муборизаву ҷоннисориҳои онҳо, зебогиву таровати ватанро бо мазмуну муҳтавои бикр ба хонандаи хеш иброз намояд. Аз мазмуну муҳтавои шеъри шоир метавон гуфт, ки на танҳо шоирро ҷисму руҳу ҷон бо ватан, балки ҳамнафас бо нафасҳои ватан аст.

Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб Тоҷикистонро бо ҳама дору надораш бо ҳама тасвирҳои ҷаззобу дилнишинаш метавон дарёфт:

Гар ватан сармояи осудагист,
Дар ду олам бе ватан ҳолам бад аст [1, с.139].

Албатта, тасвири ватан барои ҳар як шоир аз дидгоҳи хосси худ аст. Дар шеъри шоир, пеш аз ҳама, ифтихор аз ватан, тамаддун, қадру қимати ҳар зарраи хоку санги он ва халқи сулҳпарвараш бо як бадеияти хос таҷассум гаштааст ва ин маъниро дар шеъри «Ман ориёиям» хеле бошукӯҳ сароидааст. Сифатҳои садоқат, матонат, далерӣ, ҷасорат ва нангу номусро нисбати ватану ватандор тараннум менамояд:

Гарди ватан ба хирмани гавҳар намедиҳам,
Реги раҳи диёр ба мармар намедиҳам.
Як зарра нангро ба ҳама зар намедиҳам,

Дунёи нангу ор манам, ориёям [1, с.13].

Тавсифи ватандӯстии қаҳрамонони ватан, иродаи матин, шарафмандии қаҳрамонон ва зиндаву ҷовид будани онҳо дар маркази эҷоди шоир аст. Масалан, шеърҳои ба Эмомалӣ Раҳмон, Бобоҷон Ғафуров, Шириншоҳ Шотемур, Нусратулло Махсум ва Мирзо Турсунзода бахшидаи шоир ифшогари онҳост. Барои шоир ҳифзи ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шахси ватандор аст, зеро бе он наметавон худро озоду хушбахт тасаввур кард. Шахси ватандӯст наметавонад тақдири худро аз тақдири ватанаш ҷудо кунад. Ин ду риштаи пайвасти ногусастанист:

Ба ёд оварда таърихи ҳаёту қисмати тоҷик,
Дилаш мешуд чун сурб об аз гудозу ҳасрати тоҷик.
Пайи ҷуброни ҷаври ғайру ранҷу тоқати тоҷик,
Талаб мекард ҳаққи марзу буми миллати тоҷик [1, с.40].

Ё ин ки ҷойи дигар меорад:

Сафар дорад хатар, ними ҳаётат дар сафар бигзашт,
Миёни мардуми бегона, дар сад кӯву дар бигзашт.
Вале боре нахӯрдӣ аз шароби фанди мулки ғайр,
Аз он ки бо Ватан будӣ, набардат бо зафар бигзашт [1, с.36].

Дарду доғи зиндагӣ шоирро ғарқи андешаҳои дур месозад ва ҳикмати зиндагиро бо шебу фарозҳояш рӯйи авроқи сапед бо таровати тоза мунаққаш сохта, дурри маънӣ гирд меоварад. Муҳаммад Ғоиб ба таърихи гузаштаи миллати хеш таваҷҷуҳи зиёд дорад ва дар шеъри худ аз роҳи пурпечутоби пур аз даҳшату зулматро тай намудани гузаштагонамон ва ифтихор аз миллат ва қаҳрамононаш мекунад, ки бо ҳама сарнавишти талх тавонистаанд асолати миллии хешро ҳифз намоянд. Шоир аз таърихи миллати хеш, мусибатҳоеро, ки аз сар гузаронидааст иттилои амиқ дорад ва ба қаҳрамонони ҷоннисори он арзи эҳтиром мегузорад. Шоир ҳар он чиро, ки миллаташ дар тули таърих аз даст дод, парокандагие, ки ба ин қавм борҳо рух дод, ҳама арзишҳои ба боди фано рафтаро хуб медонад ва мардумро бо гузаштаи деринаи миллати хеш ошно ва барои ҳифзи он ҳидоят менамояд.

Шоир ончунон дар тасвири гузаштаи худ моҳир аст, ки хонандаро бо чанд мисраи шеърӣ бо таърихи садсолаҳои худ метавонад ошно намояд. Масалан, дар шеъри «Бонги таърих» ин маънӣ хеле қавӣ садо медиҳад: ишора ба ҳуҷуми Сикандар, Қутайба, муғул, ҷаври замонаро бардоштани бузургони тоҷик чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Аттор:

Барқ ёд оварад зи Искандар,
Хонумонсӯзтар аз оташ буд.
Аз Қутайба асар ҷаҳолат монд,
Ҷон аз он ҷонситон намеосуд...
Сӯхт шояд зи оҳи Фирдавсӣ,
Пояи тахти давлати Маҳмуд.
Буд муғул аз даранда ҳам бадтар,
Кард садҳо навиштаро нобуд [1, с.12].

Вале бо ёд намудани гузаштаи таърихи хеш, шоир бо ибораҳои: ганҷи гумкарда, боғи ҳасрат, корвони рафта таъкид менамояд, ки гузашта рафт, он барнамегардад, ҳар он чизи аз ватан мондаро бояд ҳифз намуд. Аз тарафи дигар, истифодаи ибораҳои маҷозӣ ҳусни шеъри шоирро боз ҳам рангину зебо гардонидааст:

Ганҷи гумкардаро нахоҳӣ ёфт,
Нест аз бори боғи ҳасрат суд...
Корвон рафт, бояд акнун кард,
Фикри ҳифзи қаламрави мавҷуд [1, с.13].

Устод ватанхоҳӣ ва ватанпарвариро муҳтавои шеъри худ ва худро фидоии роҳи ватан медонад. Дар тафаккури ӯ метавон нафареро ватандору ватандӯст ҳисобид, ки дар роҳи ободию осудагии ватан ҳеҷ гоҳ аз талошу заҳмат боз намеистад ва беҳтарин инсон касеро медонад, ки ҷоннисори ватани хеш аст. Муҳаббати ғайриодии ба ватан дошта ба ӯ эътимоди комил мебахшад, ки ояндаи ватанаш дурахшон аст ва ӯ метавонад тамоми мушкилию монеаҳоро паси сар кунад:

Ҳамон роҳе, ки поёнаш намебинам, ватандорист,
Ҳамон дарде, ки дармонаш намебинам,ватандорист.
Ба хуни ноф ҳар хоке шавад олуда, ҷон дорад,

Танеро бе ғами ҷонаш намебинам, ватандорист.
Ҳамон марде, ки аз тири аду дорад ҷароҳатҳо,
Вале чашмони гирёнаш намебинам, ватандорист [3, с.418].

Дарҷ кардан мумкин аст, ки шоир дар тавсифи ватан хеле муваффақ ҳам ҳаст. Ватан манбаи илҳоми шоир, тору пуди ӯ, Ватан тулӯи орзуҳо, маскани осудагӣ, шодии қалбҳо, олами умедҳост. Мушаббеҳи ҷаннат, макани осудагӣ, шодсози қалбҳо, ғамшикан, олами умеду мақсуд ҳисобидани ватан аз ҳисси баланди ватандӯстии самимии шоир дарак медиҳад:

Матлаи ҳар суҳбату ҳар анҷуман ҳастӣ,
Мулки ҷаннатсурату боғу чаман ҳастӣ.
Маскани осудагии ҷону тан ҳастӣ,
Шодсози қалбҳо, як ғамшикан ҳастӣ.

Тоҷикистон! Кишвари ҳастии ман ҳастӣ,
Бар ту дорам меҳри беохир, ватан ҳастӣ.

Гар манам тори вафо, пудам туро донам,
Чашмҳои тори мавҷудам туро донам.
Шодии рӯзи ғамолудам туро донам,
Олами умеду мақсудам туро донам.

Тоҷикистон! Кишвари ҳастии ман ҳастӣ,
Бар ту дорам меҳри беохир ватан ҳастӣ [1, с.41].

Адабиётшинос Аламхон Кӯчаров оид ба ашъори ватандӯстонаи маҷмуаи «Лолаи чашм»- и Муҳаммад Ғоиб дар мақолаи худ зери унвони «Лолаи чашм аниқ менигарад» чунин қайд менамояд, ки: «Чи андешаҳои амиқи ватандӯстона ва халқпарваронаву сулҳхоҳона дар қисмати «Дуди сипанд»- и маҷмуа», махсусан дар шеърҳои «Забони модарӣ», «Чашми ҳубоб», «Деҳаи матрук», «Ёдбуди деҳқон» сӯзу гудози амиқест, ки пояи мустаҳками иҷтимоӣ дорад ва зикри шоиронаи он дар қалби ҳар фарди солим нисбат ба ин меҳнаткаши роҳат надида ҳисси тараҳҳум ва нисбат ба ғоратгарони бешарафи раззоқи олам ҳисси нафрат бедор менамояд» [5, с.18-20].

Мавзуи ватан барои Муҳаммад Ғоиб мавзуест, ки ба ҷону дилаш баробар аст. Шоир тавассути тавсифу тасвироти мунаққаш, ташбеҳоти рангин, тасвирҳои тозаву касногуфта каломи мавзунро рӯйи сафҳаи девони ашъораш мунаққаш месозад, ки ин ғояи шеъри ӯро пурқувват ва муассир менамояд. Ӯ тасвиргари бемисли табиату ашёи меҳан аст. Дилбохтагӣ ба ин ҳама имкон медиҳанд, ки ҳусни диловез, субҳи босафо ва насими атрогинашро ҷаззоб ва дилкаш рӯйи хатти тасвир биёрад.

Дар шеъри “Олами афсона” овардани ибораҳои саҳрои сабз, олами афсона, қуллаҳои осмонбӯс, бӯйи ҷаннат эҳсоси муҳаббати бепоёни шоир нисбати меҳани хеш аст. Маҳорати баланди дигари ин шоири навовар дар сохтани ибораҳои рангин ва боз ҳам пурра ва ғанӣ гардонидани фонди луғавии забон аст.

Манзараҳои аҷоибу дилфиребу фараҳбаш диққати ҳар шахси ватандӯсту зебоипарварро ба худ ҷалб менамояд ва шоир аз ин зебоии диёр илҳом гирифта, ба воситаи тасвирҳои бадеӣ дар ҳис ва шуури хонанда муҳаббати ватандӯстонаро мепарварад:

Сабз саҳро, сабз боғу хона аст,
Хокро гул бар сару бар шона аст,
Гул чу шамъу гулпарак парвона аст,
Рег зери об чун дурдона аст,
Кишвари ман олами афсона аст [4, с.54].

Шоири навовар, бар он ақида аст, ки пеш аз фикри ватанро кардан эҳсоси дилсӯзӣ доштан лозим ва дилсӯзӣ қадами аввали муҳаббат аст. Муҳаммад Ғоиб сарояндаи беҳтарини зебогиҳои диёр аст. Манзараҳои ҳайратангези табиати меҳан хонандаи асилро ба сӯйи орзуҳо мебарад:

Қуллаҳои осмонбӯсаш дигар,
Санги побарҷои номусаш дигар.

Дар нигоҳи мардуми тасвиргар,
Абр мурғу кӯҳ мисли лона аст.
Кишвари ман олами афсона аст [1, с.58].

Шоир ватанро нури чашм, мардумгиёҳ, партави умед, парчами номус, баҳори бахт, баҳори сабз, гулғунчаи умед, зиндагибахш ҳисобида, бо тасвирҳои зебою дилнишин самимияти худро ба дунёи умедҳояш нишон медиҳад. Ин мазмуни баланди ватандӯстӣ дар шеърҳои “Тоҷикистон решаи номи манӣ”, “Баҳори орзу”. “Зиндагибахш”, “Диёри ман” қолиби қайданд:

Бе ту дорад сози дил оҳанги оҳ,
Бе ту аз чашмам парад нури нигоҳ.
Бо хаёли ту гузорам по ба роҳ,
Баҳри дарди ман туӣ мардумгиёҳ.

Партави уммед дар шоми манӣ,
Парчами номус дар боми манӣ.
Аз баҳори бахт пайғоми манӣ,
Тоҷикистон, решаи номи манӣ [4, с.55].

Ё ин ки:

Баҳори орзуям, Тоҷикистон,
Сари сабз аз ту ҷӯям, Тоҷикистон.
Гули иқболам аз хоки ту рӯяд,
Туӣ сурхии рӯям, Тоҷикистон [4, с.56].

Маънии олии тасвири зебоию дилрабоиҳои ватан дар дубайтиҳои шоир ҳам хеле назаррасу ҷаззобанд ва шоирро чунон волаю шайдои худ гардонидаанд, ки муҳаббати беандозаашро ба меҳри модар нисбат дода, бо ифтихори зиёд иброз мекунад, ки ҳеҷ кишваре ҷойи меҳанашро нахоҳад гирифт. Шоир меҳри ҷӯшони ватанашро бо эҳсосоти пурзӯри шоирона тасвир менамояд:

Манам шайдои ҳусни кишвари худ,
Манам муҳтоҷи меҳри модари худ.
Нагардам гирди тахти мулки дигар,
Замин гардад ба гирди меҳвари худ [1, с.134].

Шоир рассомеро мемонад, ки бо хаёлоти рангини худ ба олами гуногун ворид шуда, бо тамоми ҳастӣ воқеаҳои даврро наққошӣ ва таассуроти амиқеро дар умқи дилҳо ҷогир менамояд. Эҳсосу муҳаббати шоир ба андозаест, ки ҳатто ба тифли гаҳвора ҳам бо оҳанги маҳини лолоӣ ташвиқи ватандӯстӣ, муҳофизати кишвар аз адӯро менамояд ва тифлашро фардои ватан меномад. Ин маънӣ дар шеърҳои “Алла” ва “Лолоӣ” бо истифодаи калима ва ибораҳои паҳлавонам, посбонам, гули бахту таманноям, ниҳоли боғи дунёям, умеди неки фардоям тарғиби ватандӯстӣ менамояд. Ӯ бо ҳама нозукбаёнӣ ва лутфи нозуки кӯдакона, бо ташбеҳу талмеҳ аз муҳаббати инсон ба ватан мегӯяд ва ин муҳаббат дар ашъори ӯ меҷӯшад:

Алла, ҷонам, аллаё,
Малмиҷонам, алаё.
Паҳлавонам, аллаё,
Посбонам, аллаё.

Гули бахту таманноям ту ҳастӣ,
Ниҳоли боғи дунёям ту ҳастӣ.
Ватанро соҳибаш машҳур созад,
Умеди неки фардоям ту ҳастӣ [4, с.111].

Тасвирҳои шоир он қадар латифу гувороянд, ки мушоҳидагари одӣ наметавонад онро дарк кунад, бубинад. Муҳаббати самимӣ ба ватан ва ифтихор аз табиати зебою дилрабо, накҳати гул, чашмаҳои мусаффо, чаҳ-чаҳи булбулон, навои дилфиреби обшорон, хандаи самои лоҷувардӣ, шарфаи нозуку латифи хазонрез онҷунон бо бадеияти тамом мунаққаш гаштаанд, ки хонандаи шеърро ба олами хаёлоти рангин раҳнамоӣ мекунад:

Чашмаҳову рӯдҳоят бешумор,
Оби покат дар ҷаҳон овозадор.

Навбаҳору тирамоҳат зарнисор,
Нест ҳамранги ту дар дунё диёр…
Накҳати гул аз ҳавоят мерасад,
Савти булбул аз навоят мерасад.
Нури фардои дурахшони Ватан,
Аз замину аз самоят мерасад [4, с.56].

Шоир ҳамеша дар ҷустуҷӯст, то тавонад рангу бӯйи муаттари ба машом нарасидаро дарёбад ва бо ин бозёфти худ дилҳоро муассир кунад, таровати нав бубахшад. Барои ӯ шеър тавлиди як андешаи бикрест, тахайюлоти орифона, ошиқона, ватандӯстона бо ҳама ҷаззобияташ. Манбаи илҳому эҷоди шоир ҳам дар муҳаббат ба ватан, миллат, анъана, таърих, майли боз ҳам ободу зебо гардонидани меҳан аст. Ин самимият баҳри оромиву осудагии ватанро дар шеъри “Номаи бахт” баръало дидан мумкин аст:

Аз ҳама пайғомат илҳомам бас аст,
Як сухан аз ҷамъи инъомат бас аст...
Қаср не, осуда бошӣ, баҳри ман,
Сояи лабгӯшаи бомат бас аст.
Эй ватан, эй даргаҳи ишқу умед,
Номаи бахти манӣ, номат бас аст [4, с.61].

Муҳаммад Ғоиб мекӯшад бо ифода ва тасвирҳои тоза, хушобуранг маъниҳои бикрро ба дилҳо бирасонад. Ӯ дарҷ мекунад, ки ватан маконест, ки зиндаву руҳбаландат месозад, шарики ғаму дардҳоят мегардад. Танҳо ватан аст, ки бо қудрати аҷибу оғӯши пурмеҳраш инсонро ба сӯйи худ мекашад ва ҳар як инсон ҳам танҳо дар ватани хеш метавонад озодона пару бол занад, орзу кунад ва ба қуллаи муроди хеш бирасад:

Ҳазор дард зиндагӣ, туӣ раҳи давои ман,
Ҳазор уқда бандагӣ, туӣ гираҳкушои ман.
Ҳазор шукри сарнавишт, асар ту дорӣ аз биҳишт,
Ту саҷдагоҳу қиблаам, ту ҳадя аз Худои ман,
Зи баъди ояҳо шавӣ ту зикр дар дуои ман.
Ватан, ватан, ватан, ватан [4, с.63].

Мавзуи Ватан дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб дар давраи соҳибистиқлолии ватан ҷанбаи сиёсӣ пайдо мекунад, ки ин мавзуъ дар ҳамаи жанрҳои адабии рӯйи қалам овардаи ӯ шеър, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва маснавиҳои ӯ баръало намоён аст.

Шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ дар мақолаи хеш «Фурӯғи чароғи андеша» чунин қайд менамояд, ки: «Муҳаммад Ғоиб дар қолабҳои мухталифи бадеӣ ва мавзуоти луҷуми вақт шеър гуфтааст. Аммо мавзуи ишқ ва Ватан дар шеърҳои шоир бештар аз ҳар мавзуи дигар қалам хӯрдааст. Ватан:

Нарм ояд чу аллаи модар,
Шир – шири оби ҷӯй бар гӯшам.
Тифли гирёнаму набитвон кард,
Ҷуз Ватан сад диёр хомӯшам» [8, с.35].

Дар шеъри «Халқи фиребхӯрда» таркибу ибораҳои доғи ту, саҳрои ормон, халқи фиребхӯрда, сурхии аламҳо, боди сиёҳи ғамҳо, кӯйи ноумедӣ, эй хобрафта ишора ба як ҷаҳон нобасомониҳои ватан, дарду ранҷи мардуми диёр, шоми ғаму зулмати меҳан ишора менамоянд:

Бе ахтари бузургон тор аст осмонат,
Бодасти худ бикуштӣ мардони бонишонат.
Оташ задӣ худ охир саҳрои ормонат,
Кард хамӯшӣ охир маҳрум аз забонат,
Мисли ту кас надида халқи фиребхӯрда [3, с.497].

Дар солҳои навадум маънии дарки доғу дарди ватан дар рубоиёти шоир ҳам хеле зиёд ба назар мерасанд. Шоир мардуми равшанзамирашро ба бедории фикрӣ, ба худшиносӣ, ба дарки баду нек, душману дӯст даъват менамояд. Дар ифодаи ин маънӣ бо истифода аз санъати таносуби калом (хасм, бегона, мӯру малах, гунаҳ) шоир тавонистааст дар умқи маънӣ эҳсосоти дарди бепоёни ватандӯстеро, ки бе ваҳшат наметавонад ба фоҷеаи ба сари миллату ватани хеш омада бепарвоёна нигарад, ба қалам диҳад:

Бедоршавии хасм аз хуфтани мост.

Огоҳии бегона зи гап гуфтани мост.
Оянд суроғи мо ҳама мӯру малах,
Ин ҳам гунаҳи чу боғ бишкуфтани мост [1, с.132].

Дар ғазалиёти шоир ин мавзуъ бо бадеияту фасоҳати олӣ аз ватандорию хештаншиносӣ, ҳисси миллӣ, муҳаббат ба арзишҳои он бо сабки хосси ашъори адибони классики тоҷик рӯйи қалам нигошта шудааст. Гуфтаҳои адабиётишиноси тоҷик Соҳиб Табаров талқингари волоияти мазмуни баланди ғазали шоир ва меҳанпарастии ӯ мебошад: «Банда аминам, ки ҳоло аксари ҳамзабонони имрӯза, ки даст ба сина зада, дар бораи миллат, худшиносии миллати тоҷик гап мезананд, «Сӯхтан кард баланд оташи истеъдодам»- и Шуморо нахондаанд. Аммо рӯзе мерасад, ки байтҳои ҷудогонаатон вирди забони шеъру шеърдӯстон мегардад» [3, с.19].

Яъне ин гуфтаҳо тақозои онанд, ки лирикаи Муҳаммад Ғоиб дар пирояи зебои маънӣ, санъатҳои латиф ва бадеияти калом офарида шудаанд. Масалан, дар ғазали «Хуфтабахти оламем, аз ғафлатободем мо» як саҳифаи пур аз даҳшату ғаму дард, ранҷу ноободии ватану миллат дарҷ меёбад. Шоир тавонистааст бо иборасозиҳои пур аз фасоҳату балоғат бо бадеияти тамом манзараҳои ҳузнангезу саҳифаи нангини халқу миллату ватанро тасвир намояд. Шоир бо вуҷуди ҳама бародаркушиву торочшавию харобии ватан, сари таслим фурӯ намеорад ва ватани худ ва миллати худро фанонашаванда меҳисобад:

Чун чанор аз сӯхтан ранги гули хокистарем,
Шохахушки решасабзи сахтбунёдем мо [3, с.543].

Муҳаммад Ғоиб шоири мушоҳидакор аст ва дар эҷодиёташ бештар ба мавқеияти худ ба замону макон назари ҷиддӣ дорад ва қалам рӯйи авроқи сафед мебарад ва дарди ҷомеаи имрӯзро бо каломи мавзун рӯйи хатти тасвир мекашад. Ӯ ҳамчун шоир рисолати хешро дар ҷомеа дарк мекунад ва дар рушди маънавиёти ҷомеа саҳм мегузорад. Шоир хуб медонад, ки муҳити зиндагиаш чӣ гуна аст ва аҳволу шароити миллаташ ҳам ба ӯ маълум аст ва тақозои халқу ватанро низ дарк менамояд. Шоир бо итминони комил мегӯяд, ки ҳеҷ исёнҳо ва ҳеҷ шӯру шар наметавонад бунёди ин ватану ин миллату ин халқро барканад, субҳи козиби ватанро ба шоми тор мубаддал гардонад ва бо умеди он «решаи сабз» аст, ки дар оянда «меваҳои ширин ба бор меоварад», ки ин бори дигар аз меҳри бепоёни шоир ба Тоҷикистони биҳиштосояш хабар медиҳад.

Дар ғазали дигар ба ин маънӣ шоир мефармояд:

Барои одамӣ ҳар рӯзи мушкил имтиҳон бошад,
Дар ин мотамсаро хурсанд не, ғамдор мемонад.
Ватан бозори ҳастӣ асту молаш нақди ҷон хоҳад,
Ҳама арзонхаронаш рафта, ин бозор мемонад.
Асалхоҳон ватанро баҳри гулзораш нигаҳ доранд,
Хазон ояд агар, бесоҳиб ин гулзор мемонад…
Ҳама паҳну парешонем, то бадхоҳи хешонем,
Ба роҳи ҳифзгарҳо дидаи мо чор мемонад [3, с.557].

Шоир бо ганҷинаҳои бузурги маънӣ бо ҳазор дарду алам сухан аз парешонии миллат, торочшавии ватан, ба мотамсаро мубаддалшавии он менолад ва таассуф мехӯрад, ки ватани азизаш ба мотамсарое мубаддал гаштаву бозичаи дасти ватанфурӯшону муҳтоҷи муҳофизест ва бо вуҷуди саршори муҳаббати беҳудуд мегӯяд: «То дами ҷон доданам, бо меҳр сӯйи меҳанам» [3, с.620].

Муҳаммад Ғоиб бо дарки умқи маънӣ бо истифода аз тамоми нозукиҳои жанри ғазал эҷод менамояд ва бо гомҳои устувор дар ҷодаи шоирӣ маънии баланд месарояд. Шоир дар он солҳои пурталотум миллату ватанро чун аърофие медонад, ки ёрои на рафтан дораду на бозистодан. Бо муроҷиат ба миллати хеш даъват ба ягонагӣ мекунад, панд медиҳад, ки фарқи баду нек бидонем, аз гузаштагон дарси ҳаёт биомӯзем, қадри ватану миллату инсон бидонем ва нагузорем, ки душман табли шодӣ бизанад:

Табли шодӣ мезанад рӯзи ғамат Афросиёб,
Нестӣ авлоди Рустам, дар ту истикноф нест.
Фарқи неку бадро ҳам намедонем хуб,
Ҳеҷ кас монанди мо афтода дар аъроф нест.
Ҳаст хунпайванд дар дунё муқаддас аз ҳама.

Нест баҳри мо Ватан, он ҷо ки хуни ноф нест [3, с.591].

Чуноне қайд намудем, мавзуи ватан дар тамоми жанрҳои лирикаи Муҳаммад Ғоиб дар меҳвари эҷоди ӯст. Рубоиҳои шоир ҳам саршори муҳаббати меҳананд. Ҳар сангу хоки Ватан барояш пуразришанд ва ҳатто лойобаи Ватанро аз ҳама обҳои мусаффо боло медонад:

Мустаҳкам муҳаббати вассоф аст,
Як санги Ватан баҳои кӯҳи Қоф аст.
Хоке, ки дар он нишони хуни ноф аст,
Лойобааш аз оби дигар ҷо соф аст [3, с.696].

Чи тавре дар боло дарҷ намудем, мавзуи ватан дар ашъори шоир ҷанбаи таърихӣ гирифта, воқеаҳои давр дар он инъикос меёбанд. Масалан, дар дубайтии мазкур дар ибораҳои баҳори баргрезон, мардум гурезон, хории азизон, фитнаҳои бетамизон шоир ишора ба фаслҳои сарди ватан, ҷанги шаҳрвандӣ, оворагию бечорагии мардуми тоҷик, шоми пур аз дарду ҳичрони миллат менамояд:

Баҳор омад, баҳори баргрезон,
Шуд аз хоки ватан мардум гурезон.
Расид айёми хории азизон,
Зи дасти фитнаҳои бетамизон [3, с.724].

Шоир мардумро ба ҳимояи ватан дар рӯзи сахтӣ ва аз ӯ дурӣ наҷустанро талқин менамояд ва дар дубайтиҳои худ панд медиҳад, ки ҳар кӣ аз Ватан дур гашт ва хиёнат намуд, ҳеҷ гоҳ дар осоиш нахоҳад буд. Садои ӯ садои бедории миллат, садоест, ки чархи фалакро ба ҷунбиш меорад ва мардумро ба бедорӣ мехонад:

Агар рӯйи Ватанро ту набинӣ,
Қарори ҷону танро ту набинӣ.
Сияҳкорӣ макун, ки баъди мурдан.
Сафедии кафанро ту набинӣ [3, с.725].

Ба ҳамин маънӣ дар қисмати 10-уми манзумаи «Дилнома», воқеаҳои солҳои навадум инъикос ёфта, шоир ватану миллати хешро ҳушдор медиҳад, ки дар доми гургсифатонанд, эҳтиёт бояд шуд ва қаҳрамони лирикӣ бо ифтихори тамом чун Рустами Достон дар ҳимояи Ватан устувории худро нишон медиҳад ва бори дигар таъкид менамояд, ки нисбати ояндаву тақдири ватан бетараф нахоҳад буд. Бадеият ва истифодаи санъати ташбеҳ ҳусни шеъри шоирро боз ҳам афзун намудааст.

Эй Ватан! Мардумфиребони ту бошанд ин замон,
Ҳамлавар чун гург бар халқи ту мешанд ин замон.
Ту ба монанди гулӣ, монанд онҳо хорро,
Ончунон хоре ба нешаш лол созад морро…
Гарчи қадрамро надонад, эй ватан, Ковусҳо,
Рустамиҳои ман аст аз нангу аз номӯси ту [3, с.840].

Шоир бо каломи латифу мавзун бо ҳисси баланди ватанпарастӣ мехоҳад кину адоватро аз дилҳо берун созад, олами ваҳдату осуда бунёд кунад. Бо ашъори пургановаташ метавон гуфт, ки шоирро хонандаи асил чун вассофи меҳан, сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ягонагӣ хоҳад шинохт. Зеро шоир ҳама аз ишқи ватан сурудааст ва ҳастии ӯ пайвастааст бо ватан, ифтихор аз ин диёри биҳиштосо. Барояш ватан бо ҳама зарраи сангу хокаш, самои пурситора, кӯҳҳои осмонбӯсаш аз ҳама ганҷи Қорун болотар аст. Ватан бӯйи модарро медиҳад ва меҳраш бо меҳри модар баробар аст. Лирикаи ӯ зиндагардонандаи таърихи ҳазорсолаҳо бо бузургонаш буда, аҳамияти бузурги таърихӣ пайдо намудааст ва бо образҳои ҷолибу хаёлоти рангини офаридааш метавонад ба завқи хонандаи маънирас таъсири амиқ бахшад, дар тинати ӯ ҳисси хештаншиносӣ, миллӣ ва меҳанпарастиро бедор намояд. Образҳои офаридаи шоир бо истифодаи бомаҳорати санъатҳои ташбеҳу талмеҳ, киноя ву муболиға ву талмеҳ ҳусну қубҳи шеъри шоирро боз ҳам ҷаззоб гардонидааст. Воситаҳои тасвири такрорнашаванда ва ҳар як ибораи образноки мантиқан пухта ва мазмунан барҷастаи ба риштаи назм кашидаи ӯ ҳусну қубҳи шеъри шоирро ҷаззобу дилчасп намудааст. Ашъори ватандӯстонаи пур аз фасоҳату балоғати Муҳаммад Ғоиб бори дигар гувоҳии лирики бомаҳорат будани ӯро дар назми муосири тоҷик нишон медиҳад.

Дар давоми фаъолияти хеш Муҳаммад Ғоиб, рисолати шоирӣ ва асолати каломи мавзунро ба хубӣ дарк карда, бо сеҳри сухани мавзун дар рушди шеъри имрӯз ва умуман адабиёти муосири тоҷик хизмати шоиста карда истодааст.

Муҳаммад Ғоиб чун тараннумгари меҳан бо итминони комил ба ояндаи дурахшони меҳани азизаш менигарад ва бо боварӣ метавон гуфт, ки ӯро дар ҳама давру замон чун шоири меҳанпараст, инсони ватандӯст ёд хоҳанд кард:

Яке дар зиндагӣ танпарваре буд,
Дигар бенанги душманпарваре буд.
Зи баъди рафтани ман ҳам бигӯянд,
Муҳаммад марди меҳанпарваре буд [1, с.134].

Ҳамин тавр, шеърҳои ватандӯстонаи Муҳаммад Ғоиб, ки ҳомили оҳангҳои ватанпарастӣ ва ватандории миллӣ ҳастанд, натиҷаи ифтихороти миллии гӯянда буда, ҳадафҳои муайян ва баландеро пайгирӣ мекунанд, ки онҳоро ба тариқи зер метавон хулоса кард: бедор кардан ва парвариш додани эҳсоси ватандӯстӣ; дарк ва талқини ғояҳои ватандӯстӣ, муқаддасоти миллӣ, арзишҳои маънавии халқи тоҷик ва арҷгузорӣ ба онҳо; раҳнамоӣ ба ягонагиву якпорчагии мардуми тоҷик, рӯ овардан ба Ваҳдати миллӣ, ки нақоти мардуми тоҷик дар он аст; шинохти худу ҳувияти худ, раҳнамоӣ ба худшиносии миллӣ, шинохти таърих ва фарҳанги бузурги миллӣ, ки барои озодӣ ва Истиқлолияти давлатӣ ногузир мебошанд.

Бисёре аз шеърҳои ватандӯстонаи Муҳаммад Ғоиб дар забони мардум нишаставу сурудҳо шудаанд ва дар ин замони худшиносии миллӣ саҳми арзандаи худро дар шинохти ҳувияти миллии тоҷикон хоҳанд гузошт.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғоиб, М. Ватандорӣ / М. Ғоиб. – Душанбе: Маориф, 2016. - 144 с.
2. Ғоиб, М. Ватани наврӯз / М.Ғоиб. - Душанбе: Адиб, 2008. - 63 с.
3. Ғоиб, М. Девон / М.Ғоиб. - Душанбе, 2009. - 1015 с.
4. Ғоиб, М. Чашмаи саодат / М.Ғоиб. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. - 240 с.
5. Кӯчаров, А. Лолаи чашм амиқ менигарад / А.Кӯчаров // Чароғи андеша. – Душанбе: Ямини Содиқ, 2007. - С.18-25.
6. Кулов Д.Ҳ. Отражение социально – политических событий Таджикистана в поэзии 90 - х годов 20 века / Д.Ҳ.Кулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. - №1.
7. Содиқи Завқӣ. Чароғи андеша / Завқӣ, Содиқ. – Душанбе: Ямини Содиқ, 2007.
8. Хоҷаев, Қ. Суханварӣ / Қ.Хоҷаев. – Душанбе: Нашриёти Бухоро, 2013.
10. Худоӣ Шарифов Услуб ва камолоти сухан / Шарифов Худоӣ. – Душанбе, Ирфон, 1985.
11. Худоӣ Шарифов Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзаи тоҷик / Шарифов Худоӣ // Садои шарқ. – 1983. - №3. - С.107-113.
12. Худоӣ Шарифов. Услуб ва камолоти сухан / Шарифов Худоӣ. – Душанбе: Ирфон, 1985. - С.158-172.
13. Ҳусейнзода, Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан / Ш.Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 221 с.
14. Ю.Акбаров. Анъанаҳои шеъри инқилобии тоҷик / Акбаров Ю. // Садои шарқ. – 1986. - №7. - С.119-125.
15. Ю.Акбаров. Шеър хаёлангезу шӯронанда бошад / Акбаров Ю. // Садои шарқ. – 1986. - №4. - С.93107.

МАВЗУИ ВАТАН ДАР ЛИРИКАИ МУҲАММАД ҒОИБ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи ашъори ватандӯстонаи Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Муҳаммад Ғоиб меравад. Шоир бо руҳияи баланди ватандӯстӣ, инсонгариву некандешӣ, тараннуми ғояҳои баланди милливу башарӣ, амиқи андешаҳову мушоҳидаҳои шоирона, пажӯҳиши фалсафаи зиндагӣ ва ишқи поки инсонӣ кайҳост, ки дар байни хонандагон ва ҳаводорони каломи бадеъ маҳбубият пайдо кардааст. Дар ашъори Муҳаммад Ғоиб шеърҳои зиёде ба ин мавзуи муқаддас бахшидашуда ба назар расид, ки ҳар кадом аз муҳаббату самимият ва эҳтироми вижаи адиб нисбат ба маъвои дилангезаш башорат медиҳанд. Шоир бо ҳама завқи баланди тахайюли эҷодӣ, дар чаманистони пур аз руёҳои нақиб васфи ватани азизу маҳбубашро менамояд. Дар ватан танҳо зебоиро, муҳаббатро, самимиятро мебинад, орзу мекунад ва ояндаи некро барои ватан ва халқи азизаш таманно дорад. Паёми ӯ ба ватан – паёми худшиносӣ, худогоҳӣ, паёми бедории миллист. Саманди андешаи шоир гоҳе пӯшида ва гоҳе урён аст. Ғаму андуҳи худро нисбат ба нобасомониҳои ватану милллаташ бо тамоми вуҷудаш иброз медорад ва аз муваффақиятҳояш сар ба афлок аст. Сохти шеъри шоир ҳам аз сода ба тадриҷ мураккаб ва печида гашта, маънӣ ва муҳтавои он боз ҳам ғанитар мегардад. Шоҳкориҳои шоирона, тасвирҳои нав ба нав, диди тоза дар қолаби маъмулӣ ва суннатӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб зиёд дида мешавад.

Калидвожаҳо: ватан, ватандӯстӣ, осудагӣ, хушбахтӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, истиқлолият, миллат, анъана, таърих, мавзуъ, ашъор, шеър, ғазал, шоир.

ТЕМА РОДИНЫ В ЛИРИКЕ МУХАММАДА ГОИБА

В данной статье рассматривается патриотическая поэзия народного поэта Таджикистана, лауреата Государственной премии имени Рудаки Мухаммада Гоиба. Поэт с высоким духом патриотизма, гуманизма и доброжелательности, прославлением высоких национальных и человеческих идеалов, глубиной поэтических мыслей и наблюдений, изучением философии жизни и чистой человеческой любви издавна пользуется популярностью среди читателей и любителей поэзии. В поэзии Мухаммада Гоиба много стихотворений, посвященных этой священной теме, каждое из которых свидетельствует о любви, искренности и особом уважении писателя к этой тематике. Поэт всем своим творческим воображением восхваляет любимую родину. В своих стихотверениях о родине он видит только красоту, любовь, искреность, мечтает и желает светлого будущего своему любимому народу. Его послание Родине - это послание самосознания, послание национального пробуждения. Его размышления иногда закрыты, а иногда- обнажены. Он всем сердцем выражает свою скорбь по поводу волнений на своей родине и нации и гордится ее достижениями. Структура поэзии поэта постепенно усложняется от простого к более сложному и ее смысл и значение в то же время все более обогащаются. В стихах Мухаммада Гоиба часто встречаются поэтические шедевры, новые образы, новое видение, в привычном стиле и традициях.

Ключевые слова: родина, патриотизм, спокойствие, счастье, независимость, нация, традиция, история, тема, творчество, стихи, газель, поэт.

MOTHERLAND THEME IN LYRICS MUHAMMAD GOIB

This article deals with the patriotic poetry of the national poet of Tajikistan, laureate of the State Prize named after Rudaki Muhammad Goib, a poet with a high spirit of patriotism, humanism and benevolence, glorification of high national and human ideals, the depth of poetic thoughts and observations, the study of the philosophy of life and pure human love has long been popular among readers and poetry lovers. In the poetry of Muhammad Goib, there are many poems dedicated to this sacred topic, each of which testifies to the love, sincerity and special respect of the writer for this topic. The poet praises his beloved homeland with all his creative imagination. In his poems about the homeland, he sees only beauty, love, sincerity, dreams and wishes a bright future for his beloved people. His message to the Motherland is a message of self-awareness, a message of national awakening. His reflections are sometimes closed and sometimes naked. He wholeheartedly expresses his sorrow over the unrest in his homeland and nation and is proud of his achievements. The structure of the poet's poetry is gradually becoming more complex from simple to more complex, and their meaning and significance are at the same time more enriched. In the poems of Muhammad Goib, there are often poetic masterpieces, new images, a new vision, in the usual style and traditions.

Key words; homeland, patriotism, tranquility, happiness, independence, nation, tradition, history, theme, creativity, poetry, gazelle, poet.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зуфнунби Сайдаҳтам*** **-** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. Тел.: **(+992) 985-91-50-91**

Сведения об авторе: ***Зуфнунби Сайдахтам*** **–** Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, соискатель кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 985-91-50-91**

Information about the author: ***Zufnunbi Saydakhtam*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Applicant of the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6. Tel.: **(+992) 985-91-50-91**

УДК: 891.550

ТАҲҚИҚИ МАМДУҲОНИ ҚАСОИДИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Мерганзода М.Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз ҷанбаҳои арзишманди қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ зикри шахсиятҳо ва риҷоли гумноми таърихӣ дар онҳо мебошад. Е.Э. Бертелс дар бораи хусусияти қасидаҳои нимаи аввали асри XI андешаи ҷолибе баён кардааст: “Чакомаҳои шоирони аҳди Ғазнавиён, ки то рӯзгори мо расидаанд, бештараш шеърҳои дарборӣ аст. То он ҷо ки мешавад ёдоварӣ кард, қасида ҳамчунон асоситарин гуна ва намуди ин чакомасароӣ будааст. Аммо ин гуна чакомаҳои он рӯзгор, бо ҳама пучии дарунашон, ин тафовутро бо ҳамин гуна шеъри пасин доранд, ки боз ҳам, ағлаб тавсифҳои бисёр зебоеро меоранд ва додаҳои пуразиши таърихиро доштанд” [6, с.349]. Аммо А. Абдуллоев хусусияти қиматтари (арзишмандии) қасидаҳои шоирро чунин баррасӣ кардааст: “Хусусияти дигари қиматтари қасидаҳои Адиб ёдоварӣ шудани ин ё он факту воқеаҳои реалии замон дар онҳост” [5, с.54]. Ин гуна қасидаҳои шоир чун сарчашма аҳамияти ҳасбиҳолӣ, адабӣ, илмию таърихӣ дошта, метавонанд барои ҳалли масоили зиёди таърих ва адабиёт кумак намоянд.

Аммо аз чӣ бошад, ки то кунун дар муқаддимаи нашрҳои девони Адиб Собири Тирмизӣ аз мамдуҳон, риҷол ва шахсиятҳои таърихии қасоиди шоир қариб ишорае нест. Биноан, баррасию таҳқиқи ин мавзӯъ айни муддао ва саривақтӣ мебошад.

Шоир бо як қатор дарборҳо чи аз наздик ва чи аз дур равобит дошта ва ба мамдуҳонаш қасидаҳо бахшидааст. Мамдуҳони қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ Абулқосим Алӣ бини Ҷаъфари Мӯсавӣ, Султон Санҷари Салҷуқӣ, Отсизи Хоразмшоҳ, Султон Иброҳими Ғазнавӣ, Султон Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ, Музаффар Фахрулмулки вазир, Шамсиддин Ҷаъфар ибни Алӣ, Маҷдиддин Юсуф, Сулаймон ибни Отсиз, Амир Тоҷиддин Рафеъ ибни Алӣ, Аминулмулки Умар, шоир -Абдулвосеи Ҷабалӣ, Наҷмиддин Алӣ ибни Умар, Мир Ҷалил, Маҷдиддин Алӣ ибни Аҳмад, Зайниддин Абутолиб, Маҷдиддин Алӣ, Муҳаммад Ҳасан ибни Алӣ бини Абитолиб, Шамсиддин Муҳаммад ибни Тоҳир, Муҳаммади Тоҳир, Алоуддин Муҳаммад, Муҳаммад Масъуд, Зайниддин Абдуллоҳи Тоҳир, Муҳаммад ибни Ҳасан, Умдатуддини Зангӣ, Шарафиддини Умар, Шаҳобиддин Абубакр ибни Маҷдиддин, Амидулмулки Умар, Шарафулмулк, Муътаманулмулк, Баҳоумалик Ҷамолиддини Абдуллоҳ, Ҷамолиддин Абутолиб ибни Зиёуддини Балхӣ, Ҷамолиддин Абулҳасан, Зиёуддин мебошанд. Аксари номбурдагон шахсиятҳо ва риҷоле мебошанд, ки ҳатто дар ягон сарчашмаи таърихӣ роҷеъ ба онҳо ишорае нест, аммо Адиб Собири Тирмизӣ аз онҳо ном бурдааст.

Аз ин лиҳоз, дар ин мақола роҷеъ ба шахсиятҳо, шоирон ва риҷоли қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва осори худи шоир баҳс карда, чеҳраҳо, шахсияту мамдуҳони қасидаҳои шоирро таҳқиқу муаррифӣ намудаем.

Абулқосим Алӣ ибни Ҷаъфар Мӯсавӣ. Мамдуҳи хосси қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ Абулқосим Алӣ ибни Ҷаъфари Мӯсавӣ мебошад, ки шоир қисми зиёди қасоидашро ба ӯ бахшидааст ва солҳои зиёд дар даргоҳи ӯ будааст. Бояд зикр кард, ки А. Абдуллоев дар бораи Абулқосим Алӣ сухан ронда, шахсияти ӯро ба қадри лозимӣ муайян нанамудааст, ҳол он ки Абулқосим Алӣ мамдуҳи хосси шоир ба ҳисоб меравад ва ҳатто аз подшоҳон: Султон Санҷар ва Отсизи Хоразмшоҳ дида, Адиб Собир ӯро бештар мадҳ гуфтааст, яъне робита ва муносибати шоир бо ин шахсият хеле наздику мароқангез аст. Ба фикри мо, барои муайян ва омӯхтани рӯзгор ва осори шоир, ки норавшан аст, пеш аз ҳама, омӯхтану баррасии ҳаёт ва фаъолияти мамдуҳи асосии шоир аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Адиб Собири Тирмизӣ, ки дар як қасидааш бахшиши гуноҳи худро аз Абулқосим Алӣ хоста, ишора кардааст, ки ба мадҳи ӯ сад қасида бахшидааст. Чунончи:

Ба сад қасида туро хондаам ҳалиму карим,
Чунон макун, ки хиҷил гардам андар ин даъво.
Ба сад қасида, ки абёти ӯ зи санъати ман,
Ҳаме бар Озару Мино миро кунад миро... [1, с.267].

Аммо дар девони чопии Адиб Собир шаст қасида ба мадҳи ӯ бахшида шудааст. Ба қавли А. Абдуллоев, “...ин ҷо шоир азбаски аз Абулқосим Алӣ бахшиши гуноҳро металабид, бо муболиға сухан ронда бошад” [5, с.53]. Ба андешаи мо, шояд ин ишораи шоир асос дошта бошад, зеро то ҳол нусхаи пурраи девони Адиб Собир дар даст нест, бинобар ин, дар девони шоир танҳо шаст қасида ба мадҳи Абулқосим Алӣ вомехӯрад.

Аввалин сарчашмаи таърихие, ки дар бораи Абулқосим Алӣ маълумот додааст, “Лубоб-ул-ансоб ва-л-алқобу ва-л-аъқоб”-и Байҳақӣ мебошад. Ӯ ҳангоми зикри нақиби Тирмиз дар бораи ансоб ва алқоби Абулқосим Алӣ маълумот додааст. Байҳақӣ дар бораи муносибати душманонаи амир Қомоч бо ӯ чунин менависад: “Пас байни ӯ ва амир ва сипаҳсолори бузург Қомоч, ки аз умарои бузурги Санҷар дар Балх ва моварои он фармонфармои мутлақ буд, адовате ба миён омад. Адовати бошиддат ва дигарон, ҳатто Амир Қомоч ба муболиға роҳ дода, тасмими ӯро ва муродҳояшро муддате қатъ намуд ва ӯро бо аъмолаш ба мизони каму самани ночиз баркашид. Ва бо фармони Қомоч ба зиндон афтод ва муддате дар ҳабс бимонд. Бо вуҷуди ин, ғадр накардани Сайиди аҷал ошкор гардид, агарчанде ки дороӣ ва мурувваташро аз даст дода буд. Тири хашми Амир Қомоч тағйир ёфт, яъне он адовати мисли санг сахту шадиде, ки нисбат ба он Сайид дошт, дигаргун гардид ва ҳама айбу андуҳ ошкор шуд. Сипас зарару бало аз он Сайид дур шуда, аз ҳабс баромад” [7, с.574]. Адиб Собири Тирмизӣ якчанд қасида дар мадҳи Абулқосим Алӣ дорад, ки ба ин ҳодиса, ба ҳабс гирифтор шудани мамдуҳашро бо андуҳу ҳузни бисёр баён мекунад:

Бузург оли паямбар, бузург ҳодисае,
Ки чун туе буд андар кафи замона забун.
Мақар иззи ту Тирмиз зи дарди рафтани ту,
Ҳаме бигиряду он, ки сиришки ӯ Ҷайҳун.
Агар ду дидаи ман аз ғамат на хун гиряд,
Ҳаром бод маро нону неъмати ту чун хун [1, с.352].

Ба ғайр аз Адиб Собири Тирмизӣ, ӯро шоирони дигар, аз ҷумла, Рашиди Ватвот, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ аз дур мадҳ гуфтаанд. Рашиди Ватвот дар як қасидаи ба мадҳи Адиб Собири Тирмизӣ бахшидааш аз чӣ гуна будани шоир аз андуҳи мамдуҳаш пурсон шудааст. Чунончи:

Чӣ гунаӣ ту дар андӯҳи ҳабси он садре,
Ки дар маоливу ақл аст чун Аливу ақил?
Чӣ аҳд буд, ки дар маҷлиси муқаддаси ӯ,
Ба шеъри ҳазл ҳамеёфтӣ атои ҷазил?
Гаҳат расидӣ аз ҷуди дасти ӯ инъом,
Гаҳат расидӣ аз саъйи ҷоҳи ӯ табҷил.
Чӣ гуна бошад дар ҳабс он ки буд ӯро,
Сарои пардаи ҳашмат кашид мил-мил?... [8, с.325].

Гузашта аз ин, Рашиди Ватвот якчанд қасидае дар мадҳи Абулқосим Алӣ дорад, ки дар онҳо аз ин ҳодиса хабар дода, бо андуҳи зиёд аз ӯ ёд кардааст. Инак, чанд байт аз ин қасидаи Рашиди Ватвот намуна меорем:

Аз он ҳоли ошуфта андеша кам кун,
Ва з-он рӯзи шӯрида андӯҳ кам хӯр...
Худовандро шукр, к-имрӯз омад,
Дарахти амону амонит дар бар.
Бурун омадӣ аз мазиқи навоиб,
Чу аз баҳри луълӯ, чу аз кӯҳи гавҳар... [8, с.141].

Чунин ба назар мерасад, ки Сайид муддате дар ҳабс монда ва пас аз кушта шудани Амир Қомоч аз ҳабс раҳоӣ ёфтааст ва Адиб Собир дар ин вақт зинда набудааст. Аммо баъзе тазкиранависон, аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ исми ӯро “Сайид Абуҷаъфар Алӣ ибни Ҳусайн Қудомаи Мӯсавӣ” [10, с.48] нигошта, ки ин ҷо калимаи “Ҳусайн” ба исми ӯ афзудааст ва ин калима ба ансобу алқоби ин шахсияти таърихӣ мувофиқат намекунад. Адиб Собири Тирмизӣ дар қасоидаш ба ин шахсияти таърихӣ бо номҳои “Раиси Хуросон”, “Садри аҷал”, “Садри Шарқ ва Ғарб” муроҷиат кардааст:

Раису садри Хуросон, ки дар ҳимояти ӯ,
Ҳасад кунанд Ироқу Араб фаросонро.

Амру сайиди олам Алӣ, ки ҳилму ҳаёш,
Намунаест ба олам Аливу Усмонро... [1, с.25].

Дар девони Адиб Собири Тирмизӣ - нашри Алии Қавим қасидае бо унвони “Мадеҳи Садри Шарқ Зайниддин Абутолиби Мӯсавӣ” омадааст. Ин қасида дар девони шоир - нашри Аҳмад Абдуллоев “Дар мадҳи Зайниддин Абутолиб” унвон шудааст. Аммо дар қасида на ин ки мадҳи Зайниддин Абутолиб омадааст, балки мадҳи Тоҷулмаолӣ Маҷдиддин Абулқосим Алии Мӯсавӣ дида мешавад. Чанд байти мадҳии ин қасида чунин аст:

Садре, ки фахри Мӯсавиён асту Маҷдиддин,
Дар садри дин судури ҷаҳонро бад-ӯ маоб.
Баҳри илму Тоҷулмаолӣ Алӣ кӣ ҳаст?
Ҳар баҳр бо макорими ӯ камтар аз сароб... [2, с.68-69].

Ин қасида бояд дар мадҳи Абулқосим Алӣ бошад, на ин ки ба мадҳи Зайниддин Абутолиб ва ҳатто исми Мӯсавӣ низ дар номи Зайниддин Абӯтолиб барғалат оварда шудааст.

Султон Санҷари Салҷуқӣ. Мамдуҳи дигари қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ Султон Санҷари Салҷуқӣ мебошад. Адиб Собири Тирмизӣ як муддати кӯтоҳ дар дарбори Султон Санҷар буда, зеро дар девони шоир танҳо ҳашт қасида ба ӯ бахшида шудааст. Ба андешаи мо, ин пеш аз ба Хоразм рафтани ӯ воқеъ гардида, чунки Адиб Собир ҳамчун сафири давлати марказӣ махсус ба Хоразм бо фармони Султон Санҷар фиристода шудааст. Аммо Султон Санҷар бо мамдуҳи хосси шоир Абулқосим Алӣ дер боз муносибати наздик дошта ва Адиб Собир низ ба воситаи ӯ ба султон қаробат пайдо намудааст. Бояд таъкид кард, ки улвиён ва нақибон дар он замон дар назди шоҳон ва ҳатто дошнишмандон ҳурмату эҳтиром ва мақоми пешвоӣ доштанд, аз ин рӯ, Абулқосим Алӣ ин дараҷаро дар назди Султон Санҷар соҳиб буд. Шоир чор қасидае дорад, ки муносибатҳои Абулқосим Алӣ ва Султон Санҷарро ифода менамоянд. Чунончи, ин қасидаро “Дар мадҳи Абулқосим Алӣ ва Султон Санҷар” гуфтааст:

Сайиди содоти Шарқу Ғарб к-андар Шарқу Ғарб,
Ҳар чӣ бинӣ шеър гӯянд, мадҳи ӯро қобил аст.
Умдаи ислом Абулқосим Алӣ, к-ислом аз ӯ,
Дар ҳарими эҳтимому дар наими шомил аст...
Шоҳи шоҳон, подшо Санҷар, ки Шарқу Ғарбро,
Шаҳриёри комгору подшоҳи одил аст.
Дар паноҳи рояти ӯ, дар амони теғи ӯ,
Аз Сурайё то Саро аз Кошғар то Мавсул аст.
Ҷони Туркистон зи дасти бандагонаш ноиб аст,
Хусрави Ғазнӣ зи дасти ноибонаш омил аст... [1, с.64].

Отсизи Хоразмшоҳ. Адиб Собири Тирмизӣ ғайр аз Султон Санҷар Отсизи Хоразмшоҳ (551-561/1127-1156)-ро ҳангоми дар Хоразм таваққуф карданаш мадҳ гуфтааст. Отсизи Хоразмшоҳ писари Қутбиддин Муҳаммад ибни Нуштегин Ғарча буд ва ин Нуштегин ғуломи яке аз сардорони Салҷуқӣ буд. Қутбиддин Муҳаммад ба воситаи лаёқат ва кордонӣ манзури назари Султон Санҷар қарор гирифт ва султон ҳукмронии Хоразмро ба ӯ вогузор намуд. Пас аз Қутбиддин Муҳаммад писараш Отсиз ба Хоразмшоҳӣ расид. Бояд тазаккур дод, ки Адиб Собири Тирмизӣ бар асари ҳамин сиёсатбозиҳои подшоҳи марказӣ- Султон Санҷар ва амири исёнгар Отсизи Хоразмшоҳ ҷони худро аз даст додааст. Дар девони шоир ҳамагӣ 12 қасидаи ғарро дар мадҳи Отсизи Хоразмшоҳ вуҷуд дорад, ки ҳангоми дар Хоразм зистанаш, дар охири ҳаёташ гуфтааст. Аз ин қасоиди зикршуда яктоаш мазмуни шикоятро ифода мекунад, ки шояд ин қасида ҳангоми аз тарафи аскарони Отсизи Хоразмшоҳ дар ҷустуҷӯ буданаш эҷод гардидааст:

...Дар паи ман чӣ афтодаст фалак? Ҳеҷ магар
Ман на бардоштаи хусрави душманфиканам?!
Пир гаштам, ба ҷавонӣ гунаҳам чист ҷуз он-к
Гулшани мадҳи туро хушсухане ҷуз суханам.
Не, макун, шоҳо, дарёб, ки агар кушта шавам,
Барнаёяд ҳама олам ба баҳои кафанам....
Маписандо, ки шикоят равад аз бахт маро,

Ба лабам хира мафармой ба айби зақанам [1, с.191].

Султон Иброҳими Ғазнавӣ. Адиб Собири Тирмизӣ танҳо як қасида дар мадҳи Султон Иброҳим ибни Масъуд ибни Маҳмуд ибни Сабуктегини Ғазнавӣ эҷод кардааст. Чӣ гуна ба сулолаи Ғазнавиён - дарбори Султон Иброҳими Ғазнавӣ (ваф. 492/1099) робита доштани шоир ба мо маълум нест, аммо маълум аст, ки ин қасида дар охирҳои асри XI эҷод шудааст. Муҳтавои ин чанд байти Адиб Собир ба ин маънӣ далолатест:

Маро зи сарзадагӣ к-аз фалак шудам дар дил,
Ба ҷуз мадеҳи малик фикрате намонд савоб.
Худойгони ҷаҳони шаҳриёри ҳафт иқлим,
Сари мулуки замин молики қулубу риқоб.
Абулмузаффар султони аъзам Иброҳим,
Ки хусравонро даргоҳи ӯ бувад меҳроб... [1, с.51].

Ҳамон тавре ки Ҳамдуллоҳи Муставфӣ менависад: “Подшоҳони Салҷуқӣ ӯро хитоб падар мекардандӣ...” [11, с.400]. Ин қасида ба мамдуҳаш аз дур ва ё наздик бахшида шудааст, ба мо маълум нест. Аммо шоирони ин давра барои дарёфти мамдуҳи арзанда ва силиҳои муносиб аз дур низ ба подшоҳон қасидаҳо мефиристоданд.

Султон Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ. Дар девони Адиб Собири Тирмизӣ қасидаи дигар “Дар мадҳи мавлуди Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ” (ваф.508 ҳ. /1115) писари Султон Иброҳими Ғазнавӣ бахшида шуда, шоир султонро ба мавлудаш шодбош гуфтааст:

Ба Яздон, ки навёртар аз халқи ту,
Зи миҷмар нахезад бухоре дигар.
Зи фархунда мавлуди Масъуди ту,
Гирифт ин диёр ифтихоре дигар.
Бар ин ифтихоре, ки иқбол кард,
Нахоҳад гузид ифтихоре дигар... [1, с.117].

Ин қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ шояд баҳри имтиҳон суруда шудаанд, зеро шоирон барои пайдо намудани мамдуҳи муносиб қасидаҳо мефиристоданд. Гузашта аз ин, дар замони ҳукмронии Султон Иброҳими Ғазнавӣ, Султон Масъуди Ғазнавӣ ва Баҳромшоҳи Ғазнавӣ байни Ғазнин ва Марву Нишопур рафтуомад ва муносибати мусоид барқарор гардид, ки асоси ин оромиву рафтуомад, пеш аз ҳама, муносибатҳои хешутаборӣ буданд ва ин ба ҳаёти сиёсӣ ва илмиву адабӣ бетаъсир намонд.

Музаффар Фахрулмулки вазир. Хондамир дар “Таърихи Ҳабиб-ус-сияр” чунин зикр кардааст: “Дар авоили давлати Санҷар Каёбдулмаҷид бар маснади вазорат ва мулақаб ба Муҷирулмулк гардид.... ва дар айёми вазорати ӯ Фахрулмулк Музаффар ибни Низомулмулк аз Ироқ ба хидмати Султон Санҷар шитофта, ба василаи анвои хадамоти писандида хотири волидаи султон ва амир Арғуш ба ҷониби худ моил дид... ӯро ба баҳонаи рисолат ба Ғазнин фиристоданд ва Муҷирулмулк ба он вилоят рафта, дар хидмати Баҳромшоҳи Ғазнавӣ авқот мегузаронид, то мутаваҷҷеҳи олами уқбо гардид. Фахрулмулк Музаффар ибни Низомулмулк баъд аз азли Муҷирулмулк вазири Султон Санҷар шуд ва чанд гоҳ дар тамҳиди қавоиди адлу инсоф тарбияти уламо ва фузалову ашроф кӯшида, чун аҷали мавъуд расид ба захми корди яке аз фидоиён шарбати шаҳодат чашид...” [13, с.512]. Музаффар Фахрулмулк яке аз вазирони Султон Санҷар мебошад, ки чун падараш Хоҷа Низомулмулк вазири Султон Маликшоҳи Салҷуқӣ аз тарафи фидоие қатл шуда, Адиб Собири Тирмизӣ дар мадҳи ӯ танҳо як қасида эҷод кардааст:

Бар бисоти ҷалоли Фахрулмулк,
Нақши иқбол бину ҷон дарбоз.
Шамси дин он ки бо кифояти ӯст,
Қасаб пардаи моҳтоб гудоз...
Сарфарозо, дар ин замона, ки ҳаст,
Роҳи инсоф бе нишебу фароз.
Адл кун з-он, ки сарви бӯстонро,
Дасти кӯтоҳ доду умри дароз... [1, с.129].

Чунонки маълум аст, он адлу инсофи Музаффар Фахрулмулки вазирро шоир то андозае сутуда, ки тасдиқи гуфтаҳои фавқ аст.

Шамсиддин Ҷаъфар ибни Алӣ (Садриддин Ҷаъфари Мӯсавӣ). Ин мамдуҳи Адиб Собири Тирмизӣ –писари Абулқосим Алӣ мебошад, ки дар девони шоир дар мадҳи ӯ шаш

қасида мавҷуд аст. Байҳақӣ дар китоби “Лубоб-ул-ансоб вал алқоб вал аъқоб” баъд аз зикри ансобу алқоби Абулқосим Алӣ дар бораи писаронаш низ чанд ҷумла овардааст: “Ман борҳо фарзандаш Сайид-ул-аҷал Нуриддинро дар Нишопур дар моҳҳо ва соли 537ҳ. дидаам. Инчунин, борҳо маро дида, баъзе таснифотамро хондааст. Ин бузургвор ду сол пеш аз мавти писараш (фарзандаш) вафот ёфтааст. Фарзанди ӯ Сайид ва вазир Садриддин Низом-ул-ислом Ҷаъфар буд, ки Султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Нуърохон соли 552 ҳ. вазоратро ба ӯ супурда буд. Дар вазорат фаъолият дошт, то он замоне ки султон буд, сипас ба ҷойгоҳаш Тирмад бозгашт. Ба гуфтае алҳол, дар атрофи Балх мебошад” [7,с. 574-575]. Чи тавре ки маълум мешавад, Байҳақӣ аз ду фарзанди Абулқосим Алӣ, яке Нуриддин ва дигаре Садриддин Ҷаъфар ном бурдааст. Аммо дар девони нашркардаи Алии Қавим танҳо як ҷо исми ин мамдуҳи шоир дар шакли “Шараф-ул-сода Садриддин Ҷаъфари Мӯсавӣ” [2, с.170] омадааст. Чунончи, шоир дар мадҳи ӯ гуфтааст:

Фарзанди Маҷдиддин Шарафулсода Шамсиддин,
К-аз Кирдигор иззу шараф бешумор ёфт.
Ҷаъфар, к-аз Оли Ҷаъфари Содиқ ягона гашт,
Азбаски фазлу мартабат аз Кирдигор ёфт.
Он садри рӯзгор, ки хушрӯзгор шуд,
Ҳар кас, ки пеши хидмати ӯ рӯзгор ёфт... [2, с.83].

Алии Қавим дар ҳошияи саҳифаи девони шоир калимаи “Шамсиддин”-ро “Садриддин” низ нишон додааст [2, с.96]. Ба ҷуз аз Адиб Собири Тирмизӣ ин шахсияти таърихиро Анварии Абевардӣ низ мадҳ кардааст.

Сайид-ул-кифот Маҷдиддини Юсуф. Дар девони Адиб Собир - нашри Алии Қавим қасидае “Дар мадҳи Сайид-ул-кифот Маҷдиддини Юсуф вомехӯрад, аммо дар девони Адиб Собири Тирмизӣ нашри Аҳмад Абдуллоев ҳамин қасида “Дар мадҳи Абулқосим Алӣ” унвон шуда, ҳол он ки дар дохили қасида на исми Абулқосим Алӣ, балки Маҷдиддин Алӣ мавҷуд аст. Аммо дар ягон сарчашмаи таърихӣ ҷуз “Мактубот”-и Рашиди Ватвот номи ӯ наомадааст. “Мактубот”-и Рашиди Ватвот бо муқаддимае дар бораи шарҳи ҳол ва нақди осори Рашидиддин ва хотимае дар таърифаи риҷоли камноми эшон дар осори Рашид ба қалами Қосими Тавсирконӣ нашр шудааст. Дар хотима аз Ҷамолиддин Юсуф ишора рафтааст: “Ҷамолиддин Юсуф фарзанди Маҷдиддин Сайид Алӣ ибни Ҷаъфар аст. Гӯё вай ба ҷавонӣ даргузашта” [9, с.176]. Дар девони Рашиди Ватвот як тарҷеъбанд дар раъсои ӯст. Ин тарҷеъбандро Рашиди Ватвот барои тасаллияти падари вай - Абулқосим Алӣ эҷод намудааст. Чунончи:

Дидаҳоро зи сар биполойид,
Чеҳраҳоро ба хун биёлойид.
Соате аз ҷузъ маёромид,
Лаҳзае аз ано маёсойид... [8, с.536].

Рафт он к-ӯ ҷамоли олам буд,
Ифтихори нажоди одам буд.
Кӯдаке буд дар ҷаҳон, к-ӯро,
Фазли пирон ҳама мусаллам буд.
Дили ӯ чун хирад мутаҳҳар буд,
Арзи ӯ чун ҳунар мукаррам буд... [8, с.536-537].

Дар банди дигари тарҷеъбанд Рашиди Ватвот боз ҳам бо сӯзу гудоз аз ӯ ёд карда, ҳолати руҳии Абулқосим Алиро нозукона ва ҳассосона тасвир кардааст:

То ҷудо гаштӣ аз канори падар,
Тира шуд бе ту рӯзгори падар.
Маҷлиси илму маҷмаи уламо,
Аз ту шуд холӣ, эй нигори падар.
Рӯзу шаб дар фироқи талъати ту,
Нолаву навҳа гашт кори падар... [8, с.547-548].

Адиб Собир низ қасидае дар мадҳи Маҷдиддин Юсуф суруда, аз марги нобаҳангом ишора кардааст:

Юсуф, ки дод лафзи хешу ройи собиташ,
Ҳам обро таровату ҳам хокро субот.

Он макраме, ки буд бахиливу зулмро,
Дар соати валодати ӯ соати вафот... [2, с.87].

Сулаймон бини Отсиз. Дар девони шоир қасидае “Дар мадҳи шоҳ Сулаймон писари Хоразмшоҳ” омада шудааст, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ аз ӯ ишорае нест. Танҳо Ҳамдуллоҳи Муставфӣ андаке ишора дорад: “Баъд аз Отсиз Атобак Уғулбек ва ҷамъе умаро мехостанд, ки Сулаймон ибни Отсизро ба подшоҳӣ нишонанд...” [11, с.485]. Саид Нафисӣ низ дар мақолаи худ чунин нигоштааст: “Метавон истинбот кард, ки Сулаймоншоҳ писари подшоҳи Хоразм буда ва подшоҳи Хоразм ҳам дар он замон ҷуз ҳамон Отсизи Хоразмшоҳ касе дигар наметавонад бошад, ки Собир дар мадоеҳи ӯ қасоиди бисёр дорад ва бинобар ин, Сулаймоншоҳи мазбур писари Отсиз будааст. Мунтаҳо кутуби таърих исми ӯро сабт накардаанд ва фақат дар ин қасидаи Собир номи ӯ аз дастбурди рӯзгор масун мондааст ва ин ҳам яке аз қавоиди ашъори шуарои Эрон аст, ки номи бузургону шоҳзодагони замони хешро мухаллад месозад” [12, с.294-295]. Аз ишораи шоир ҳам бармеояд, ки Сулаймон писари подшоҳи Хоразм Отсиз будааст:

Шоҳи замона падари ту, ки ақл
Дар сифаташ волаву ҳайрон шавад...
Хиттаи Хоразм зи осори ту,
Рашки Ироқайну Хуросон шавад... [2, с.99].

Амир Тоҷиддин Рафеъ ибни Алии Шайбонӣ. Адиб Собир танҳо як қасида дар мадҳи ӯ эҷод намуда, ӯро амир хитоб кардааст**:**

Абулғаноим Амир Тоҷиддин,
Рофеъ бини Алӣ Шайбонӣ...
Каъбаи доду дин Хуросон шуд,
То ту дар хиттаи Хуросонӣ... [2, с.233].

Амир Тоҷиддин Рафеъ ибни Алии Шайбонӣ аз аъёни Хуросон буда, шояд дар Хуросон мансаби амириро доштааст. Бояд тазаккур дод, ки ба ҷуз аз Адиб Собири Тирмизӣ Рашиди Ватвот низ дар мадҳи ӯ қасида гуфтааст.

Шоир Абдулвосеи Ҷабалӣ. Абдулвосеи Ҷабалӣ –шоири муосири Адиб Собир мебошад, ки бо якдигар мушоира доштанд ва ҳамдигарро мадҳ низ гуфтаанд. Дар девони шоир як қасида дар мадҳи ӯ омада, ки матлаи он чунин аст:

Омад зи ҳут чашмаи хуршед дар маҳал,
Бингар, ки дар маҳал чӣ аҷоиб кунад амал [1, с.162].

Ин қасида ба ҷуз девони Адиб Собири Тирмизӣ (нашри Алии Қавим) дар ду девони шоир (нашри Аҳмадризо Ялмаҳо ва нашри Муҳаммад Алии Носеҳ) мавҷуд аст, аммо муҳаққиқин зикр кардаанд, ки “ин қасида наёмадааст” [1, с.162]. А. Абдуллоев ин қасидаро дар якҷоягӣ овардааст, [1, с.162] аммо Аҳмадризо Ялмаҳо [3, с.200-201] ва Муҳаммад Алии Носеҳ [4, с.306] алоҳида овардаанд. Аҳмадризо Ялмаҳо дар ҳошияи девон менависад: “Аз ин ҷо як саҳифа аз нусха афтодааст” [3, с.200] Муҳаммад Алии Носеҳ ҳам ин фикрро айнан овардааст [4, с.306]. Ба фикри мо, ин ҷо на ду қасида, балки як қасида дар мадҳи Абдулвосеи Ҷабалӣ бояд бошад ва ба ин қасида Абдулвосеи Ҷабалӣ ҷавобия навишта, мисрае аз онро тазмин намудааст. Чунончи:

Бақот бод, ки аз хондану шунидани он,
“Даҳон хазонаи гавҳар шудасту гӯш садаф” [14, с.228].

Умуман, дар девони Абдулвосеи Ҷабалӣ низ як қитъа ва як қасида дар мадҳи Адиб Собир мебошад, ки аз ҳунару мартабаи шоир дар шеъру шоирӣ ишора намудааст.

Ғайр аз ин, Адиб Собир дар қасоидаш теъдоди ашхосу риҷол ва судуру аъёни замони хешро мадҳ гуфта, ки чун мақоми таърихӣ надоштаанд, аз зикри исми эшон сарфи назар кардаем.

Хулоса, ин ҷиҳати қасоиди шоир арзиши муҳим дошта, дар шинохти шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла, олимону донишмандони улуми диниву дунявӣ, подшоҳон, амирон, шоирон барои муҳаққиқон кумаки бештаре хоҳад кард, зеро ашхосе, ки Адиб Собир мадҳу сано гуфта, ҳатто дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ дучор намешаванд. Баъзе аз муҳаққиқон Адиб Собирро маддоҳи хосси Султон Санҷари Салҷуқӣ таъкид кардаанд, ки ба андешаи мо, ин то андозае нодуруст аст. Адиб Собир бештар маддоҳи даргоҳи Абулқосим Алӣ мебошад ва дар қасидаҳояш асосан шахсият ва чеҳраҳои даргоҳи

ӯ, подшоҳону амирон, судури таърихиро таҷассум намудааст, ки танҳо тавассути қасидаҳои шоир номи онҳо то рӯзгори мо маҳфуз мондаанд.

Муқарриз: ***Раҷабова М.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Адиб Собир, ибни Исмоил. Девони Адиб Собири Тирмизӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Аҳмад Абдуллоев. - Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1380. - 393 с.
2. Адиб Собири Тирмизӣ. Девони Адиб Собири Тирмизӣ. Бо муқаддима, ҳавошӣ, таълиқот ва тароҷими аҳвол ба хомаи шевои Алии Қавим. - Теҳрон: Китобфурӯшии Ховар, 1371. - 322 с.
3. Адиб Собири Тирмизӣ. Девони Адиб Собири Тирмизӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва танқеҳи дуктур Аҳмадризо Ялмаҳо. - Теҳрон: Интишороти Некхирад, 1385. - 514 с.
4. Адиб Собири Тирмизӣ. Девони Адиб Собири Тирмизӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Алӣ Носеҳ. - Теҳрон: Илмӣ, 1343. - 617 с.
5. Абдуллоев, А. Адиб Собири Тирмизӣ. (замон, ҳаёт ва эҷодиёти ӯ) / А. Абдуллоев. - Душанбе: Дониш, 1969. - 190 с.
6. Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Е.Э. Бертелс. - Душанбе: Эр-граф, 2015. - 584 с.
7. Байҳақӣ, Алӣ бини Зайд. Лубоб-ул-ансоб вал алқоб-ул-аъқоб. Муқаддимаи Мирайши Наҷафӣ / Алӣ бини Зайди Байҳақӣ. - Теҳрон, 1385. - 828 с.
8. Ватвот, Рашидуддин. Девон ва Ҳадоиқ-с-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър. Бо муқаддима ва муқобалаву тасҳеҳи Саид Нафисӣ / Рашидуддини Ватвот. - Теҳрон: Чопхонаи Рангин, 1339. - 737 с.
9. Ватвот, Рашид. Номаҳо. Бо муқаддимаи Қосими Тавсирконӣ / Рашиди Ватвот. - Теҳрон: Чопхонаи Донишгоҳ, 1338. - 268 с.
10. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазрират-уш-шуаро. Гузиниши матн, нигориши дебочаву тавзеҳот аз Муҳаммад Ансор ва Аъзами Худодод / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. - Душанбе: Матбааи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1999. - 158 с.
11. Муставфӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб / Ҳамдуллоҳи Муставфӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Фирдавсӣ, 1339. - 816 с.
12. Нафисӣ, Саид. Адиб Собири Тирмизӣ / Саид Нафисӣ // Армуғон. – 1301. - №5, 6, 7.
13. Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. Ҷ. 2. - Теҳрон: Китобфурӯшии Хайём, 1353. - 824 с.
14. Ҷабалӣ, Абдулвосеъ. Девони Абдулвосеи Ҷабалӣ. Бо эҳтимому тасҳеҳ ва таълиқи Забеҳуллоҳи Сафо / Абдулвосеи Ҷабалӣ. - Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1361. - 728 с.

ТАҲҚИҚИ МАМДУҲОНИ ҚАСОИДИ АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ

Дар мақола масъалаи мамдуҳон ва шахсияту риҷоли қасоиди Адиб Собир мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, чеҳра, шахсиятҳо ва риҷоли гумноми қасидаҳои шоир таҳқиқу муайян шудаанд. Қасидаҳои Адиб Собир арзиши баланди адабӣ-эстетикӣ, илмию таърихӣ, шарҳиҳолиро доро мебошанд, ки пажӯҳиши онҳо барои шинохтан ва донистани ҳаёту фаъолият, осори шоир ва шахсиятҳову чеҳраҳои гумноми адабиёти нимаи дуюми асри XI ва нимаи аввали асри XII муҳим арзёбӣ мегарданд. Муаллифи мақола 126 қасидаи Адиб Собирро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, шахсиятҳо, шоирон ва чеҳраҳои ношиноси қасидаҳои шоирро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ то андозае муаррифӣ намудааст. Дар мақола мамдуҳон ва шахсиятҳои қасидаҳои шоир, аз ҷумла Абулқосим Алӣ бини Ҷаъфари Мӯсавӣ, Султон Санҷари Салҷуқӣ, Отсизи Хоразмшоҳ, Султон Иброҳими Ғазнавӣ, Султон Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ, Музаффар Фахрулмулки вазир, Шамсиддин Ҷаъфар ибни Алӣ, Мачдиддин Юсуф, Сулаймон ибни Отсиз, Амир Тоҷиддин Рафеъ ибни Алӣ, Аминулмулки Умар, шоир -Абдулвосеи Ҷабалӣ таҳқиқу муаррифӣ шудаанд. Гузашта аз ин, Адиб Собир дар қасоидаш теъдоди ашхосу риҷол ва судуру аъёни замони хешро мадҳ гуфта, ки чун мақоми таърихӣ надоштаанд, зикри исми эшон сарфи назар шудааст. Мамдуҳи асосии қасидаҳои Адиб Собир Абулқосим Алӣ бини Ҷаъфари Мӯсавӣ буда, шоир подшоҳи замон- Султон Санҷари Салҷуқӣ ва подшоҳи марказгурез - Отсизи Хоразмшоҳро низ мадҳу ситоиш намудааст.

Калидвожаҳо: шахсият, мамдуҳ, сарчашма, гумном, қасида, таърихӣ, шоир, шинохт, олимон, адабӣ, арзиш, хусусият.

ИССЛЕДОВАНИЕ ВОСХВАЛЯЕМЫХ ЛИЧНОСТЕЙ КАСЫД АДИБ САБИРА ТИРМИЗИ

В статье исследуется вопрос восхваляемых личностей касыд Адиб Сабира и определены их образы и неизвестные персонажи произведений поэта. Касыды Адиб Сабира имеют высокую литературно – эстетическую, научную, историческую и биографическую ценность, поэтому их исследование важно для знания и ознакомления с жизнью и деятельностью, произведениями поэта и незнакомыми личностями и образами литературы второй половины XI и первой половины XII вв. Автор статьи изучил 126 касыд Адиб Сабира и, на основе исторических и литературных источников, до какой-то степени ознакомил с восхваляемыми личностями, поэтами и незнакомыми персонажами касыд поэта. В статье изучены восхваляемые личности и персонажи касыд поэта, в том числе с Абулькасым Али бинни Джаъфаром Мусави, Султан Санджар Сальджуки, Атсиз Харезмшах, Султан Ибрагим Газневид, Султан Масъуд ибн Ибрагим Газневид, Музаффар Фахрульмульук вазир (министр), Шамсиддин Джаъфар ибн Али, Маджиддин Юсуф, Сулайман ибн Атсиз, Эмир Таджиддин Рафеъ ибн Али, Аминульмульк Омар, поэтом - Абдулвасеъ Джабали. Кроме этого, Адиб Сабир в своих касыдах восхвалял некоторое количество личностей и правителей, известных в его время, но не занимающих какое-то место в истории, и потому их имена преданы забвению. Основной восхваляемой личностью касыд Адиб Сабира является Абулкасым Али бинни

Джаъфар Мусави, также поэт выделяет время правления Султан Санджара Сальджукида и царствование противника централизации – Атсиза Харезмшаха.

Ключевые слова: личность, восхваляемое лицо, источник, забытый, касыда, исторический, поэт, ознакомление, ученые, литературный, ценность, особенность.

A STUDY OF THE ADVISED PERSONALITIES OF QASIDA ADIB SABIR TIRMIZI

Муҳаррири аввали ин нашрия узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Муборакшо Алимшоев таъин шуда, то соли 2000-ум дар ин вазифа кор кардааст [4, с.179]. Ҷонишини муҳаррир Музофир Илолов ва котиби масъул Шогунӣ Назриев буданд. Он солҳо дар рӯзнома мухбирон Мирзоҷалол Шоҷамолов, Гуляман Алиёрова, Рамонқул Рамонқулов, Алидод Сайфиддинов, София Наврӯзшоева, аксбардор Мизроб Маликшоев, ҳуруфчин Шакарбек Қурбонбеков ва дигарон фаъолият кардаанд. Шамсиддин Орумбеков дар китобаш “Васоити ахбори омма дар Бадахшони Тоҷикистон” зикр кардааст, ки он солҳо рӯзнома 15-нафар корманд дошт, ки аз онҳо 12 – нафарашон кормандони эҷодӣ буданд [15, с.13]. Адади нашри рӯзнома 5117 нусха буда, ҳафтае 3- маротиба рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва шанбе дар ҳаҷми 4–саҳифа, бо формати А3, нархаш 3 – тин бо забони тоҷикӣ нашр мешуд. Бояд гуфт, ки мақсади асосии рӯзномаи нашрияи ҳизбӣ ин тағрибу ташвиқи идеяҳои ҳизбӣ коммунисти Шуғнон, ки он вақт дар ҷомеа нақши роҳбарикунанда дошт, маҳсуб мешуд. Он вақт фаъолияти рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” фарохтар буд. Яъне, он на танҳо рӯзномаи ноҳияи Шуғнон, балки шаҳри Хоруғу водии Шоҳдара низ маҳсуб меёфт. Он вақт Роштқалъа ҳанӯз ба ноҳияи Шуғнон тааллуқ дошт ва хабару рӯйдодҳои ин водӣ низ дар рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” нашр мешуданд [Маърифати Шуғнон (1502) 6 май 2021]. Шумораҳои якум ва дуюми рӯзнома дар рӯзҳои ид баромаданд. Шояд аз ин сабаб хонандагонаш нашри онро рӯзи фаромӯшнашуда мешуморанд. Саҳифаи аввали рӯзнома бо ҳарфҳои калон “Коммунисти Шуғнон” унвон гирифта, дар шакли ранга таҳти сарлавҳаи “Идатон Муборак, Дӯстон” бо шиорҳои “Зинда бод 1-май”, “Рӯзи якдилии байналхалқии меҳнаткашон”, “Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед” ба 3 сутун тақсим шуда, ағлаби маводашро хабар ташкил медиҳад. Дар шумораи аввали рӯзнома 13 матлаб нашр шудааст, ки дар саҳифаи аввали он дар сутуни якум мақола таҳти унвони “Партия даъват мекунад” ба қалами котиби якуми комитети шаҳрии хоруғии ПК Тоҷикистон Ш. Шабдолов тааллуқ дорад. Дар сутуни дувум бахшида ба таъсис ёфтани рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” шеъри Шоири халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширин Бунёд таҳти сарлавҳаи “Минбари

Коммунист” ва сутуни савум муборакбодиҳо ба муносибати нашри нахустини рӯзнома чоп шуданд. Дар саҳифаи дуюм ва сеюми ҳамин шумора хабар нашр шудааст, ки аз воқеаҳои деҳаҳо ё ҷамоатҳои Шуғнон, ноҳияҳои тобеи марказ иттилоъ медиҳанд. Яке аз хабарҳои ин шумора, “Азм агар комил бувад” [№2 5 майи соли 1986] ном дорад, ба масъалаи оғози сохтмони НБО-и Помир ва роҳи оҳани Қӯрғонтеппа - Кӯлоб бахшида шудааст. Шумораи дуюми рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” 5 - майи соли 1986 бахшида ба рӯзи “Матбуоти Советӣ” аз чоп баромада, аз тарафи рости саҳифа сухани В.И. Ленин “Газета на фақат пропагандисти коллективӣ ва агитатори коллективӣ, балки ташкилотчии коллективӣ ҳам мебошад” [№2 5 майи соли1986] ба нашр расидааст. Дар саҳифаи аввал хабар аз ТАСС дар бораи намоиши якумимайи меҳнаткашони шаҳри Москва, Душанбе ва Хоруғ оварда шудааст.

Матбуоти ноҳиявӣ ин шакли махсуси ВАО- и чопӣ аст, ки дар навоҳии дуру наздики манотиқи кишвар паҳн мешавад. Таваҷҷуҳи нашрияҳои ноҳиявӣ ба он масъалаҳое зиёдтар ҷалб мегардад, ки одатан дигар ВАО онро инъикос намекунанд [2, с.143]. Замони ба фаъолият оғоз кардани рӯзнома мавод бештар дар бораи қарорҳои анҷуман XXVII КПСС дар амал доир ба иҷрои нақшаи панҷсола, бозсозӣ, рафти иҷрои шартҳои мусобиқаи сотсializм, революцияи кабири социалистии октябр, мавқеи вакилон, қарорҳои пленум ба омма, укази президиуми совети олии РСС Тоҷикистон дар бораи орденҳои “Шарафи модарон” ва “Медали модарӣ” мукофотонидани модарони серфарзанди ноҳияи Шуғнон, нақша ва пешомадҳои он, камбудиҳо, фаъолияти ибратбахши коммунистон, ветеранҳои ҷангу меҳнат, ислоҳоти мактаб дар амал, тарбияи атеистӣ, ватандӯстӣ, газетаҳои деворӣ, фаъолияти занони шуғнонзамин, дар бораи машъалони мактабу маориф, китоб ва китобхонӣ, сулҳ, варзиш, ҳаёти ҳизбӣ, таълиму тарбия, тандурустӣ, варзиш, маърузаҳои депутатҳои ноҳия барои тезонидани тараққиёти социалию иқтисодӣ дар партави қарорҳои анҷумани XXVII КПСС, хабар аз сессияҳои совети депутатҳои халқии шаҳри Хоруғ, ноҳияи Шуғнон, дар бораи пленуми комитети марказии ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, дар бораи ҷамъбасти нақшаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия, меҳнати суботкорона, ошкорбаёнӣ талаби замон, бозсозӣ, касбинтихобкунӣ, ободонӣ, натиҷаҳои ба даст овардани ҳосил, умуман маводи нашрия зиёдтар аз воқеа ва ташаббусҳое иттилоъ медиҳад, ки дар ин ё он колхозу совхоз ё корхонаҳои истеҳсолӣ ба вуқуъ пайвастаанд. Ҳайати таҳририяи рӯзнома мавзуоти сиёсиву иҷтимоиро мундариҷоти рӯзнома дониста, зери таъсири ҳукумати давр чунин мавзуотро инъикос намуданд. Таҳлили кори ташкилотҳои ҳизбиро дар иҷрои нақшаҳои муайянкардаи ҳизб, ташаббусу ибрат ва обрӯю мавқеи коммунистонро дар сафарбар намудани омма ба идоракунии истеҳсолот, парваридани ҳисси хоҷагидорӣ ва дарк намудани масъулиятшиносӣ дар ҳифзи моликияти сотсialистӣ, сарфаю сариштакорӣ, муборизаи заҳматкашони шаҳру ноҳия дар роҳи иҷрои қарорҳои анҷумани XXVII КПСС ва анҷумани XX ҳизби Коммунистии Тоҷикистонро аз ҷумлаи мавзуъҳои асосӣ қарор дод.

Чунон ки дар боло зикр кардем, нашри шумораи аввалини рӯзнома дар соли анҷумани XXVII КПСС ва анҷумани XX Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон фаъолияташро оғоз кард ва аз ин рӯ, кормандони рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” ҳам мақсади худро дар ташкилу сафарбар намудани меҳнаткашон баҳри иҷрои муваффақиятноки супоришҳо, амалӣ гардондани вазифаҳои ба миёнгузоштаи анҷумани XXVII КПСС ва анҷумани XX Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон медиданд. Бо мақсади таъмин намудани иҷрои қарорҳои ҳизб ва ҳукумат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар гардонидани шароити моддӣ ва маънавии меҳнаткашон рӯзнома дар аввали сол барои оғози соли дигар уҳдадориҳоро ба нашр мерасонид. Чунончи: Марраҳои соли 1988 [№4 (262) 9 январ соли 1988] доир ба уҳдадориҳои социалистӣ дар саҳифаҳои рӯзнома мавод чоп шудааст. Лавҳаи фахрӣ бобати иҷрои супоришҳо дар саҳифаҳои рӯзнома тез - тез ба табъ мерасид. Рӯзнома на фақат воқеаву ҳодисаҳои ба амал омадаи ноҳияву вилоятро инъикос мекард, балки иттилоотро аз ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи марказ низ ба табъ мерасонид. Чунончи: “Дарвози шӯравӣ 60- сола шуд” [№85 (705) 20 июл соли 1991], мақолаи “70 – соли пуршарафи армияи советӣ” [№23 (281) 23 феврали соли 1988] дар рӯзнома чоп шудаанд.

Рӯзноманигорони матбуоти маҳаллӣ як андоза мустақилият доштанд, камбудию норасоиҳоро зери танқид мегузоштанд, ки характери ҳизбӣ доштанд. Характери ҳизбӣ доштани фаъолияти журналистӣ, қисман ба он вобаста аст, ки журналисти коммунист – ин

ходими сиёсӣ, намояндаи адабии ташкилоти ҳизбӣ аст, ки барои иҷрои вазифаҳои дар пеш гузоштааш аз воситаҳои махсуси тарғиботӣ истифода мебарад [8, с.5]. Ҳар як навиштаи маводи рӯзнома муъҷазу мушаххас ва ба мақсади хос дар саҳифаҳои нашрия чоп гардид. Пургӯӣ ба назар намерасад, кормандони нахустини рӯзнома рӯзноманигорони касбӣ буданд ва ҳар як навиштаро маълумоти мушаххас ташкил медод. Шояд аз ин сабаб ҳамовозии мардум нисбат ба рӯзнома зиёд мешуд. Нашрия аз маводи мураккабу печида иборат набуда, бо забони сода ва оммафаҳм нашр мешуду вазифаи аслии он ташвиқу тарғиби ҳаёти нав ба ҳисоб мерафт. Нашрия вазифаҳои тарғибу ташвиқро вобаста ба уҳдадориҳои сохти нав ба роҳ мегузошту бо руҳияи ҳақиқатнигорӣ барои ҷомеа хидмат мекард. Танқид дар он давра барои пешрафти ҷомеа самара дошт. Дар саҳифаҳои рӯзнома танқид рӯирост чоп мешуд чаро, ки назорат қатъӣ буд ва садоқати корманди нашрия нақши аслиро иҷро мекард.

Мақолаҳои танқидӣ дар саҳифаҳои рӯзнома бештар аз рафти рейдгузаронӣ таҳти сарлавҳаи “Ба фориғболӣ хотима гузорем” [№12 29 май соли 1986] аз муаллиф Р. Раҳмонқулов бобати заминҳои киштнадида дар мавзеъҳои Птсер, Гозак, Шашвози ҳудуди Танг сухан меравад, “Сарсонӣ аз паи газ” [№6 (264) 14 январ соли 1988], дар он доир ба ҳалли бемасъулонаи қарори Совети депутатҳои халқии ВАБК дар бораи таъминоти пурраи таҷҳизоти газ дар хонаҳои манзилӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ аз тарафи роҳбарону совхозҳои ноҳия сухан меравад,“Вазъият тоқатфарсою мутахассисон бепарво” [№18 (276) 11 феврал соли 1988], ҷиҳати ба киштукори баҳорӣ сари вақт тайёр нагардидани техника ва истифодаи нооқилонаи он дар хоҷагиҳои ноҳия, кишту кори баҳорӣ ба ҷойи 25 рӯз расо 59 рӯз давом кардан ва муҳлати ҷамъоварии ҳосилот дар ноҳия ба ҷойи 60-65 рӯз 112 рӯз кашол ёфтан чоп мешуданд. Дар ҳақиқат ҳам ин рӯзнома ҳамаи мавзуъҳои баҳсталаби ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор дода, тамоми он роҳу воситаву усули кор ва идора намудани онҳоро ба миён меовард. Дар рафти таҳқиқ маълум шуд, ки тамоми камбудию норасоиҳое, ки дар ин ноҳия рух медоданд, аз мадди назари кормандони рӯзнома дур наемонд. Ба одитарин мушкилот диққати ҷиддӣ дода мешуд. Мақолаи “Дигар моро фаромӯш насозед” [№36 (656) 26 март соли 1991] мисоли ин гуфтаҳои боло шуда метавонад. Дар мақолаи мазкур сокинони қишлоқи Барчиди ҷамоати Поршинев аз надоштани мағозаи молҳои омехта шикоят доштанд. Ва аз тарафи кормандони ҷамъияти матлубот мушкилии сокинон ҳалли худро ёфт. Дар саҳифаҳои рӯзнома маърузаҳои депутатҳои ноҳияи Шуғнон аз сессияҳо, пленуми комитети шаҳри Хоруғи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ҷаласаи фаъолони ташкилоти ҳизбии шаҳр, маърузаҳои М.С. Горбачёв низ ба табъ расиданд. Чунончи: Нутқи М.С. Горбачёв ба воситаи телевизиони советӣ [№7 17 май соли 1986] бобати дучори мусибати садамаи станцияи барқи атомии Чернобил, конференсияи матбуоти М.С. Горбачёв [№72 16 октябр соли 1986], ки дар ҳаҷми қариб чор саҳифа доир ба инъикоси мулоқоти Иттифоқи Советӣ ва Америка бобати муносибатҳои дутарафа, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, бас кардани истеҳсоли бошитоби яроқи ядроӣ сухан меравад.

Сармақолаҳо аз муаллиф М. Бозичаев таҳти сарлавҳаи “Фарзанди содиқи халқ” [№143 (455) 30 ноябр соли 1989], доир ба 90 – солагии зодрӯзи Шириншо Шоҳтемур зиёд нашр шуданд, “Симои иҷтимоӣ – мадании деҳоти имрӯза” [№ 66 (223) 4 июн соли 1986], “Обҳои гарми Ҷелондӣ ва истифодабарии он” [№98 20 август соли 1991], “Аз меҳнат неъмату аз неъмат осоишии аҳвол” [№98 (201) 13 август соли 1987], ки моҳияти сиёсиву иҷтимоӣ доранд, дар саҳифаҳои рӯзнома нашр шудаанд.

Саҳифаҳои махсус ба мисли “Таҷрибаи пешқадам”, “Бону - барои занон, “Ҷавонон ва бозсозӣ”, “Чаманистон”, “Саҳифаи назорати халқӣ” дар рӯзнома ҷудо шуданд. “Саҳифаи назорати халқӣ” - доир ба иҷро намудани маблағи ҷудошуда ба корҳои сохтмонӣ, оқилона истифода бурдани замин, таъмири роҳҳои автомобилгарди ноҳия, муҳокимаи кори депутатҳои ноҳияи Роштқалъа ва Шуғнон, арзу шикояти меҳнаткашон, тайёрӣ ба зимистонро мавриди таҳлил қарор медод. Хабарҳои хориҷӣ бо рубрикаҳои – “Ахбори ҷаҳон”, “Ахбори ҷаҳон дар мамлакатҳои сотсиализм”, “Хабари мухтасар”, “Ҷаҳони имрӯза” чоп мешуд. Рӯзнома хабарҳои умумикишвариро аз ТоҷикТА ва хабарҳои ҷаҳонро аз ТАСС мегирифт.

Рубрикаи “Ҳосил – 86” ва “Барои чорво хӯроки фаровон” аз натиҷаҳои ширдӯшӣ, рафти кишти баҳорӣ, рафти пилласупорӣ, натиҷаҳои наслгирӣ, тайёр намудани хӯроки

чорво, натиҷаҳои ба даст овардани ҳосил аз колхозҳои ноҳияи Шуғнон хабар медиҳад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки он замон рӯзнома ба кори хоҷагидорӣ зиёд аҳамият медод. Чун рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” органи ҳизби коммунисти ноҳия буд, дар саҳифаҳои он оид ба ҳаёту фаъолияти коммунистон мавод навишта мешуд ва мардумро аз фаъолияти онҳо огоҳ менамуданд ва ҳамаҷониба кӯшишу талоши онҳоро дар беҳбудбахшии ҳаёти рӯзмарра қадр менамуданд. Бобати номи рӯзнома - “Коммунисти Шуғнон” профессор Карамшоев соли 1990 дар мақолаи хеш “Садои шуғнонро баландию фарохӣ накӯст” [№ 113 (579) 20 сентябр соли 1990] иброз намудааст; ки агар рӯзномаи номбурдаро танҳо коммунистон мехонданд, он гоҳ дар атрофи номаш ҳеҷ гуна мулоҳиза пайдо нахоҳад шуд. Лекин маълум аст, ки рӯзнома минбари тамоми мардуми Шуғнон мебошад. Онро мани коммунист ва ҳазорон бепартиявиён мехонанд ва дӯст медоранд. Пас унвони ҳозира мантиқан доираи амалиёту густаришашро тангу маҳдуд вонамуд месозад. Зимнан ёдоварӣ менамоям, ки номувофиқию нопайвандии унвони рӯзномаҳои республикавӣ “Газетаи муаллимон”, “Комсомоли Тоҷикистон” кормандон ва роҳбаронро водор намуд, ки дар номашон фавран тағйирот дароваранд. Ин буд, ки рӯзномаи номбурда аввал “Омӯзгор” ва дуюм “Ҷавонони Тоҷикистон” шуд. Аз ин нигоҳ, муаллиф дар мақолаи хеш пешниҳод кард, ки дар оғози соли 1991 ба рӯзномаи мазкур ё номи “Шуғнон” ё “Бонги Шуғнон” дода шавад.

Маълум аст, ки солҳои 90-уми асри XX нақши Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ва нақши ҳизби коммунист дар ҷумҳуриҳо поин фуромад. Сипас мазмуну мундариҷаи рӯзномаҳо дигар шуданд. Акнун рӯзнома мақсаду маромашро дигар кард. Навигарию пешсафии рӯзномаи номбурда дар бахши тасвиру инъикоси мероси шуғнизабон, ҷолиби таввақҷуҳ мебошад. Дар шумораҳои соли 1990 инъикос ёфтани намунаҳои назм ба забони шуғнониён иқдоми махсусе буд.

Адади нашрияро зимнан то ба имрӯз муқоиса кунем аз ҳама баландтарин дар соли 1986 рост меояд. Чунончи: соли 1986 - 5117 нусха, соли 1987 – 3750, соли 1988 – 3586 нусха, соли 1989 – 3146, соли 1990 – 3447 нусха, соли 1992 – 2712, соли 2015 – 870, соли 2016 – 760, соли 2017 – 870, соли 2018 – 680 нусха, соли 2019 – 800, соли 2020 - 800, соли 2021 - 890, соли 2022 - 830 нусха ба табъ расидааст. Пажӯҳиши мавзуъ ва шиносоӣ бо бастаҳои рӯзнома нишон дод, ки соли 1986 аз ҷиҳати теъдод ва сифати мавод ба талабот ва таъиноти рӯзнома мувофиқ гардидааст.

Ному насаби сармуҳаррирони рӯзнома, ки дар солҳои гуногун кор карданд чунин аст.

Аламшоев Мубораксшо (1.05. 1986), Одилбекова Гулнисо (1.01. 2000), Саидарабова Гулғунча (1.10. 2007), Мирзоқандов Аменҷон (24.04. 2007), Илолов Музофиршо (17.12. 2007), Қурбонбеков Шакарбек (20.01. 2009), Асламшоева Пурнур (4.03. 2021), Мамадносиров Муҳиддин (14.09.2021).

Муаллиф М. Муродов дар китоби хеш “Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон” зикр кардааст, ки то 12 – октябри соли 1991 бо ҳамин ном (Коммунисти Шуғнон) чоп шуд [2]. Аз тарафи муаллифон Раҳим Масов, Ҳайдаршо Пирумшоев дар китоби “Файзи Истиқлол дар “Боми Ҷаҳон” [11, с.291] зикр шудааст, ки рӯзнома аз оғоз то моҳи декабри соли 1991 бо номи “Коммунисти Шуғнон” ба табъ мерасид. Дар рафти пажӯҳиш маълум шуд, ки рӯзнома аз 1- уми январи соли 1992 “Маърифати Шуғнон”- ро ном гирифт. Шиори “Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!” ба шиори “Кӯш то халқро ба кор оӣ” [№1 (771) 1 январи соли 1992] табдил меёбад. Аз зери номи рӯзнома “Маърифати Шуғнон” бо забони форсӣ низ номи “Маърифати Шуғнон” [№ 1 (771) 1 январи соли 1992] навишта шудааст. Муассисаш нашрияи шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Шуғнони ВМКБ таъин гардид. “Маърифати Шуғнон” бо фармати А3 ба миқдори 2712 нусха ҳафтае як маротиба дар рӯзи шанбе то шумораи №4 ба миқдори ҳашт саҳифа нашр мешуд. Аз шумораи №5 ҳафтае ду маротиба рӯзҳои чоршанбе ва шанбе дар ҳаҷми чор саҳифа чоп мешуд. Ин ном “Маърифати Шуғнон” ба он хотир интихоб гардид, ки Шуғнон аз қадим макони маърифати ирфониву адабӣ ва илму фарҳанги Бадахшон маҳсуб мешуд ва ба хотири таъкид ба ин рисолат ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ин арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ ба рӯзнома “Маърифати Шуғнон” ном гузоштанд. Рӯзномаи “Маърифати Шуғнонро”-ро агар “Маорифи Шуғнон” гӯем, хато намешавад, зеро дар саҳифаҳои он аз таҷрибаи беҳтарин омӯзгорони ноҳия мавод нашр мешуд. Агар дар солҳои қаблӣ маводи

рӯзномаро плани панҷсолаи съезди XXVII КПСС ва съезди XX ПК Тоҷикистон ташкил медод, дар солҳои баъдӣ доираи мавзуъҳои он тағйир ёфт. “Маърифати Шуғнон” ягона рӯзномаест, ки хизмати ахбории меҳнаткашони Шуғнонзаминро дар доираи васеътар ба уҳда гирифта, ҳаёти иқтисодӣ, сиёсию мадании шаҳру ноҳияро инъикос мекард ва аз ҳаёти аҳли деҳот, корхонаю муассисаҳои Хоруғу Шуғнон хабару мақолаҳоро мунтазам нашр менамуд. Бояд қайд намуд, ки рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» аз вақти тағйири ном карданаш бештар мавзуи сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, тамаддун инчунин дигар масъалаҳои дар ноҳия рухдодаро пешниҳоди хонандагон мекард. Бухрони иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки бар асари пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ ба вуқуъ омад, ба вазъи воситаҳои ахбори умум низ таъсироти зиёде бар ҷо гузошт. Бахусус, вазъияти матбуот ва аҳли қалам дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хеле мураккаб гардид. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки аз нигоҳи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ аз марказ хеле вобаста буд, ба дигаргуниҳои фаврӣ ва бенизомиҳои зиёде рӯ ба рӯ шуд ва васоити ахбори омма низ замоне дучори бухрон гардид. Ҳамчунин фаъолияти рӯзномаҳои ВМКБ низ ихтилол пайдо кард. Вазъияти матбуот ва аҳли қалам дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хеле мураккаб гардид. Азбаски тамоми буҷа дотатсионӣ буда, аз марказ маблағгузорӣ мегардид, бар асари бенизомиҳо ва муқобилистиҳо маблағгузорӣ қатъ гардида, аксари рӯзномаҳо баста шуданд [15, с.3]. Аз моҳи сентябри соли 1992 баъди ихтисор шудани шумораи коргарон рӯзнома аз сабаби нарасидани маблағи хароҷот моҳе ду маротиба аз чоп баромада, 5 нафар корманди эҷодӣ дошт [15, с.13]. Соли 1994 рӯзнома ба бухрони иқтисодӣ дучор шуда, муддати се моҳ нашр нашуд. Ба ин хотир соли 1994 ҳайати таҳририя дар рӯзнома таҳти сарлавҳаи **“Ба хонандагони гиромӣ”** чунин хабар пешниҳод кардааст, ки хонандагони гиромӣ “Маърифати Шуғнон” боз баъди қариб се моҳ ба нашр оғоз намуд. Сабаби муваққатан қатъ ёфтани рӯзномаро дар нарасидани маблағ иброз намуданд [№35 (897) 27 ноябри соли 1994]. Аз соли 2000- ум бошад, рӯзнома ҳар ҳафта, яъне моҳе чор маротиба нашр мешаваду маблағи хароҷоти он барои ду шумора муайян карда шудааст. Аз ин лиҳоз, қарздории матбаа ва хароҷоти қоғаз рӯз аз рӯз меафзуд. Рӯзнома бинои корӣ надошт. Рӯзноманигорон дар як утоқи кории Ҳукумати ноҳияи Шуғнон фаъолият мекарданд [15]. Вобаста ба шароити иқтисодии ноҳия рӯзнома 3 моҳ – аз 9 май то 2 августи соли 2005 нашр нагардидааст. Рӯзномаи “Маърифати Шуғнон” дар як утоқи кории Ҳукумати ноҳияи Шуғнон фаъолият мекард, ки он низ 23 июли соли 2005 вайрон шуда, ягона нашрияи ноҳия зиёда аз як сол бесарпаноҳ монд. Дар чунин як давраи мушкил Илолов Музофиршоҳ сармуҳаррири рӯзнома таъин гардида, бо заҳмати шабонарӯзӣ тамоми маҳорату истеъдоди хешро барои беҳтар намудани мазмуну сифати он сарф намудааст.

Рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» ягона нашрияи мақомоти маҳаллии Ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон мебошад. Айни ҳол сармуҳаррири ин рӯзнома Муҳиддин Мамадносиров, котиби масъул Саидназар Алиназаров, мухбирон Шабнам Қурбонбекова, Мирзоҷалол Шоҷамолов, Шакарбек Қурбонбеков, ҳуруфчини компютерӣ Орзугул Амонбекова фаъолият дошта, дар инъикоси рӯйдодҳои муҳимми давр ва тарғиби сиёсати давлату ҳукумати кишвар саҳми босазо гузоштанд. Чун солҳои шӯравӣ рӯзнома нашрияи ҳизбӣ нест ва муассисаш имрӯз Мақомоти иҷроияи маҳаллии Ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнони ВМКБ ба ҳисоб меравад. Рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» имрӯз дар фазои осоиштаи кишвар таҷассумгари ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва маънавии ноҳия буда, дар тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ саҳмгузор мебошад. Ҳоло рӯзномаи «Маърифати Шуғнон» моҳе як маротиба дар ҳаҷми ҳашт саҳифа бо теъдоди 830 нусха бо фармати А-3 чоп мешавад. Дар арафаи иду ҷашнҳо дар шакли мусаввар нашр мешавад. Рӯзнома сомонаи худро дорад, суроғаи электрониии он marifati –shugnon@mail.ru мебошад. Суроғаи рӯзнома ҷамоати Поршинев, шаҳраки Ваҳдат аст. Нашрия аз 24 декабри соли 2007 таҳти рақами 0091/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст [6, с.179]. То моҳи январи соли 2022- юм 1509 шумораи нашрияи “Маърифати Шуғнон” ба табъ расидааст. Дар рафти пажӯҳиши мо маълум шуд, ки рӯзномаи “Маърифати Шуғнон” дар фаъолияти қариб 36 – солааш ду даврaро паси сар кардааст:

1) Аз замони таъсис соли 1986 то соли 1991;

2) Замони Истиқлол – аз соли 1992 то имрӯз;

3) Марҳилаи аввали инкишофи рӯзномаи мазкур соли 1986 съезди панҷуми мухбирони коргару деҳқон ва қабули дигар қарорҳо барои таъсиси нашрия самт мебахшид ва то соли 1990 ин раванд идома меёфт. Дар марҳилаи дуюм, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, рӯзнома тағйири ном карда аз «Коммунисти Шуғнон» ба «Маърифати Шуғнон» гузашт. Давраи комилан нав ва аз лиҳози сохтор ва услуби кор ба таври ҷиддӣ фарқкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи мо маҳз дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт.

Муқарриз: ***Муқимов М.*** – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиназаров С. Маърифати Шуғнон 35- сола шуд / С.Алиназаров // Маърифати Шуғнон. – 2021. – 6 май. – (1502).
2. Ғоибов С.Ш. Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои даврии Зарафшон): н.и.ф. / С.Ш. Ғоибов. – Душанбе, 2020. – 189 с.
3. Комилов К. Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлол (Дар мисоли вилояти Суғд). Воситаи таълимӣ / К. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 327 с.
4. Карамшоев Д. Садои Шуғнонро баландию фарохӣ накуст / Д.Карамшоев // Коммунисти Шуғнон. – 1990. – 20 сентябр. - №113 (579).
5. Қутбиддин М. Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеъа. Воситаи таълимӣ / М. Қутбиддин. – Душанбе: 2015. – 128 с.
6. Муродов М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ / М.Муродов ва диг. – Душанбе, 2018. – 199 с.
7. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ. Китоби дарсӣ / М.Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 255 с.
8. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик. Китоби дарсӣ / А. Нуралиев ва диг. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 172 с.
9. Некқадамов Т. Журналистони Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ / Т. Некқадамов. – Душанбе: Нодир, 2005. – 192 с.
10. Некқадамов Т. Шуғнон. Воситаи таълимӣ / Т. Некқадамов. - Душанбе: Ирфон, 2014. – 704 с.
11. Раҳим Масов. Файзи истиқлол дар “Боми ҷаҳон”. Воситаи таълимӣ / Р. Масов, Ҳ.Пирумшоев. - Душанбе, 2011. – 411 с.
12. Тиллои Некқадам. Журналистони Бадахшон. Воситаи таълимӣ / Тиллои Некқадам. - Душанбе, 2005.
13. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик. Китоби дарсӣ / И.Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе, 2008. – 278 с.
14. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика. Китоби дарсӣ / И.Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
15. Шамсиддин Орумбеков. Васоити ахбори омма дар Бадахшони Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. – Хоруғ, 2005. – 26 с.

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ РӮЗНОМАИ “МАЪРИФАТИ ШУҒНОН”

Муаллифи мақола доир ба рӯзномаи маҳаллии ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳқиқот бурдааст. Махсусан, доир ба таърихи пайдоиши рӯзномаи “Маърифати Шуғнон” аз давраи нахуст то имрӯз, сабабҳои тағйири ном кардани рӯзнома, давраҳои паси сар кардани рӯзнома, сармуҳаррирони рӯзнома, ки дар солҳои гуногун кор карданд, таҳқиқот бурдааст. Таҳлили маводи таҳқиқшуда аз давраи “Коммунисти Шуғнон” то “Маърифати Шуғнонро”- ро дар бар мегирад. Дар мақола муаллиф дар асоси таҳлили мисолҳо дар хусуси нахустин маводи дар саҳифаҳои рӯзномаи мазкур ба чопрасида маълумоти мухтасар дода, тартиби муайяни солҳову теъдоди нашри рӯзнома, ному насаби сармуҳаррионро, аз замони шӯравӣ то даврони истиқлолият ба риштаи таҳлил кашидааст. Таҳқиқгар матнҳои мақолаи дар саҳифаҳои рӯзномаи номбурда ба нашррасидаи даврони шӯравӣ ва замони истиқлолиятро мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси мисолҳои саҳифаҳои махсуси рӯзнома, сармақолаҳо ва истифодаи жанрҳои журналистӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Муаллиф дар бобати давраҳои ба буҳрони иқтисодӣ дучор шудани нашри рӯзнома ва аз нав ба фаъолият оғоз намудани он, сабаби аз унвони “Коммунисти Шуғнон” ба “Маърифати Шуғнон” тағйири ном кардани нашрияи мазкур ва санаи нашри нахустини он таҳти унвони “Маърифати Шуғнон” маълумот медиҳад. Ҳамчунин сабабҳои ҳамовозии рӯзнома, ҳадафу вазифаҳои асосии он дар ташвиқу тарғиб, шарҳу инъикоси ҳудуди доираи иттилоот, шиорҳои рӯзнома аз давраҳои нахустини нашр ва баъди тағйири ном кардани он, таҳлили мухтасари маводи нашршуда аз даврони шӯравӣ то замони истиқлолият мавриди муҳокимаи муаллиф қарор гирифтаанд. Таҳқиқгар муайян кард, ки фаъолияти рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” фарохтар буд. Яъне, он на танҳо рӯзномаи ноҳияи Шуғнон, балки шаҳри Хоруғу водии Шоҳдара низ маҳсуб меёфт. Он вақт Роштқалъа ҳанӯз ба ноҳияи Шуғнон тааллуқ дошт ва хабару рӯйдодҳои ин водӣ низ дар рӯзномаи “Коммунисти Шуғнон” нашр мешуданд. Муаллиф аз гузаронидани пажӯҳиши илмӣ муайян кард, ки дар тӯли қариб 36 сол рӯзнома ду маротиба тағйири ном кардааст. Аз таҳлили саҳифаҳои рӯзнома маълум шуд, ки имрӯзҳо журналистони рӯзномаи “Маърифати Шуғнон” дар пешрафти ҷомеа ва ҳамчунин тарғибу ташвиқи ҳадафҳои созандаи давлату ҳукумати кишвар саҳми босазои худро гузошта истодаанд.

Калидвожаҳо: таърихи матбуот, коммунисти Шуғнон, маърифати Шуғнон, рӯзноманигорон, марҳилаҳои рушд, рӯзномаи ноҳиявӣ, инъикос, таҳлил, нақши ВАО, тарғибу ташвиқ.

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ГАЗЕТЫ "МАРИФАТИ ШУГНОН"

Автор исследовал местную газету в Шугнанском районе Горно-Бадахшанской автономной области. В частности, он исследовал историю газеты «Марифати Шугнон» от ее основания до наших дней, причины переименования газеты, период ее существования, главных редакторов, работавших в разные годы. Анализ материала исследования охватывает период от основания «Коммунисти Шугнон» до «Марифати Шугнон». В статье на основе анализа примеров автор дает краткую информацию о первых статьях, опубликованных на страницах газеты и анализирует порядок выхода газеты, имена главных редакторов с советских времен до независимости. Исследователь проанализировал текст статьи, опубликованный в газете в советское время и период независимости, и на примерах разъяснил специальные страницы газеты, редакционные статьи и использование публицистических жанров. Автор описывает период выхода газеты во время экономического кризиса и его возобновления, причину переименования издания газеты из «Коммуниста Шугнана» в «Марифати Шугнан» и дату её первого выхода под названием «Марифати Шугнан». Причины создания газеты, её основные цели и задачи в пропаганде, охват сферы информации, лозунги газеты с первого периода выхода и после ее переименования, краткий анализ изданий от советского периода до независимости. Исследователь установил, что газета «Коммунист Шугнан» была популярной. Другими словами, это была газета не только Шугнанского района, но и г . Хорога и долины Шохдары. В то время Рошткала еще входила в состав Шугнанского района, а новости и события в долине также публиковались в шугнанской коммунистической газете. Автор провел исследование и выяснил, что почти за 36 лет газета дважды меняла название. Анализ страниц газеты показал, что сегодня журналисты газеты «Марифати Шугнон» вносят весомый вклад в развитие общества, а также продвижение созидательных целей государства и власти.

Ключевые слова: история печати, шугнанская коммунистка, шугнанское просвещение, журналисты, этапы развития, районная газета, освещение, анализ, роль СМИ, пропаганда.

VIEW TO THE HISTORY OF THE NEWSPAPER "MARIFATI SHUGHNON"

The author researched the local newspaper in Shugnan district of Gorno-Badakhshan Autonomous Oblast. In particular, the history of the newspaper "Marifati Shugnon" from its inception to the present day, the reasons for the renaming of the newspaper, the period of its existence, the editors-in-chief who worked in different years are reviewed in the article. The analysis of the research material covers the period from the “Shugnon Communist” to the “Shugnon Enlightenment”. In the article, based on the analysis of examples, the author gives a brief information about the first articles published on the pages of the newspaper, and analyzes the order of publication of the newspaper, the names of editors-in-chief from Soviet times to current period. The researcher analyzed the text of the articles published in the newspaper in the time of the Soviet era and the period of independence, and based on the examples, special pages of the newspaper, editorials and the use of journalistic genres were explained. The author describes the period of publication of the newspaper during the economic crisis and its resumption, the reason for the renaming of the publication from "Communist Shugnan" to "Ma’rifati Shugnan" and the date of its first publication under the title "Ma’rifati Shugnan". The reasons for the unanimity of the newspaper, its main goals and objectives in propaganda, description of the scope of information, slogans of the newspaper from the first period of publication and after its renaming, a brief analysis of publications from the Soviet era to independence are discussed. The researcher found that the Shugnan Communist newspaper was more active. In other words, it was a newspaper not only of Shugnan district, but also of Khorog and Shohdara valley. At that time, Roshtqala still belonged to the Shugnan district, and news and events in the valley were also published in the Shugnan Communist newspaper. The author conducted a research and found that the newspaper has changed its name twice in almost 36 years. An analysis of the pages of the newspaper showed that today the journalists of the newspaper "Ma’rifati Shugnon" are making a significant contribution to the development of society, as well as the promotion of the creative goals of the state and government.

Key words: the history of the press, the Shugnan communist, the Shugnan enlightenment, journalists, stages of development, the district newspaper, coverage, analysis, the role of the media, propaganda.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азизуллоева Ганҷина Сунатуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, муаллими калони кафедраи адабиёт ва журналистика. **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хоруғ, Ш.Шоҳтемур, 109. E-mail: **azizulloeva88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 50-126-92-51**

Сведения об авторе: ***Азизуллоева Ганчина Сунатуллоевна*** - Хорогский государственный университет им. М.Назаршоев, старший преподаватель кафедры литературы и журналистики. **Адрес:** 736000, Республика Таджикистан, г.Хорог, Ш.Шохтемур, 109. E-mail: **azizulloeva88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 50-126-92-51**

Information about the author*:* ***Azizulloeva Ganjina Sunatulloevna*** - Khorog State University named after M.Nazarshoev, Senior Lecturer, Department of Literature and Journalism. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Sh.Shohtemur, 109. E-mail: **azizulloeva88@mail.ru.** Тел.: **(+992) 50-126-92-51**

УДК: 007. 4 (575.3)

ДАР ШИНОХТИ САҲИФАҲО БАРОИ БОНУВОН ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

Комилова З.Э.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳама давру замон воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти мардум нақши бориз дорад. Аз ин рӯ пайвастагии доимии аудитория бо ВАО-ро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ҳар як нафар мувофиқи завқ ва интихоби худ ба ин ё он мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Яке аз мавзуъҳои меҳварие, ки дар ВАО пайваста баррасӣ мегардад, масъалаи кору фаъолият ва зиндагии занону бонувон мебошад. Дар адабиёти муосиру классик шоир ва нависандае нест, ки ба мавзӯи зан рӯ наоварда бошад. Дар фазои иттилоттии кишвар, махсусан дар матбуот ба ҳаёту фаъолият ва мушкилоти занон пайваста таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Аслан симои мусбат ё манфии занон дар ВАО мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. «Дар офариниши образи зан-модар андешаи амиқ мебояд, зеро он образ дар баробари муаррифӣ намудани як миллат, ҳамчунин барои занони дигар намуна шуда метавонад ...» [12, с.81] Доир ба ин мавзуъ муҳаққиқон, дар шакли китобу мақолаҳои алоҳида И.К. Усмонов [16], М.Муқим [5], М.Муродӣ [8], П.Гулмуродзода [3], Қ. Мухторӣ [10], Низомова С.А. [11], М. Сафарова [12] андешаҳои худро рӯйи чоп оварда, муаллифон мушкилиҳои дар атрофи инъикоси симои зан-модар ба вуҷуд омадаро, таҳлил намудаанд.

Номгуйи рӯзномаву маҷаллаҳое, ки дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ба ҳаёти бонувон ва мушкилоти онҳо бахшида мешаванд, аз нигоҳи миқдор зиёд нестанд, аммо то қадри имкон мавзуъҳои муҳимму заруриро пайгирӣ мекунанд. Ин гуна нашрияҳо зиндагии занон ва нақши онҳоро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва дигар мушкилоти дар ин атроф ба вуҷудомадаро инъикос менамоянд. Агар ба таърихи пайдоиши нашрияҳои бонувон назар кунем, дар муқоиса бо пайдоиши худи матбуот чандон таърихи тӯлонӣ надоранд.

Дар Тоҷикистон аввалин маҷалла барои бонувон соли 1932 нашр шудааст. Аз «14 марти соли 1932 бюрои иҷроияи КМ ПК (б) Тоҷикистон дар хусуси нашри маҷаллаи ҳармоҳаи оммавию сиёсӣ барои занону духтарон қарор баровард. Шумораи аввалини ин журнал, ки «Бо роҳи Ленин» ном дошт, моҳи майи соли 1932 аз чоп баромад» [13, с.172]. Дар ин марҳила яке аз мавзуи меҳварии маҷаллаи бонувон дар бораи фаранҷипартоӣ, саводомӯзӣ ва амсоли ин ба шумор мерафт. Ба таъкиди муҳаққиқ А.Азимов «Дар ҳар шумораи маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» зери рубрика ва шиорҳои «Занон ва духтарон, савод омӯзед!», «Ҳамаи мо бояд бихонем!» «Нест бод бесаводӣ!» хабару мақолаҳо чоп мешуд» [1, с.79]. Яъне, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар давру замон мавзуи инъикоси худро дорад. Аз нигоҳи илмӣ М. Шукуров дар китоби худ «Инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон» доир ба маҷалла барои бонувон- «Бо роҳи ленинӣ» маълумоти зиёде овардааст. Ҳамчунин дар хусуси ин маҷаллаҳо Хуршеда Отахонова, ки фаъолияти эҷодии худро аз маҷаллаи «Занони Тоҷикистони советӣ» оғоз карда, имрӯз дар маҷаллаи «Фирӯза» давом медиҳад, андешаи худро атрофи рисолати ин маҷаллаҳо баён кардааст. Муҳаққиқони соҳаи журналистика Д. Давронов ва И.Усмонов низ дар бораи ин маҷалла маълумот додаанд. Профессор муҳаққиқ И.Усмонов дар китоби «Журналистика» [14, с.59] дар бораи ин маҷалла характеристикаи мухтасар додааст. Муҳаққиқ А. Азимов низ дар китоби худ «Публитсистика ва воқеият» [1] аз маҷаллаҳои замони Шӯравӣ ёдрас шуда, мазмуну моҳияти маводи «Бо роҳи ленинӣ»-ро таҳлил намуда, маълумотҳои ҷолибу дақиқ медиҳад. Ба вежа муҳаққиқ аз муҳаррирони он ёдоварӣ мекунад, ки «... аввал бар зимаи Ортиқбоева баъдтар ба зиммаи Фотима Алиева ва Музаффара Қосимова гузошта шуда буд» [1, с.76].

Ин журнал аз моҳи майи соли 1957 бо номи «Занони Тоҷикистон» нашр мегардад [13, с.172]. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар номи «Фирӯза»-ро гирифт ва то ҳол бо ҳамин ном чоп мегардад.

Намунаи чунин маҷаллаҳо дар замони соҳибистиқлолии кишвар бо номи «Бонувони Тоҷикистон» ва «Фирӯза» мебошад, ки пурра ба ҳаёт ва фаъолияти бонувони кишвар бахшида мешаванд. Дар замони соҳибистиқлолӣ ба ҳаёти занони кишвар бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Яке аз намунаҳои он моҳи декабр дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мард ва зан ва имкониятҳои баробарии татбиқи онҳо [18] қонун

қабул шуд ва ҳамчунон дертар барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ барои таъмин намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2001-2010» пешниҳод гардид [19], ки барои рушд ва шинохти занону бонувони кишвар шароит фароҳам овард.

«Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон бо қарори Шӯрои Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 1993 №831 ратификатсия шудааст» [16, с.184], ки ин яке аз аввалин санадҳои байналмилалии тасдиқнамудаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи башар мебошад. Ҳамчунин барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа аз соли 1998 барои духтарони кӯҳистон ҷониби ҳукумати кишвар квотаҳои Президентӣ таъсис дода шуданд, ки «тибқи онҳо ба ҳамаи мактабҳои олӣ, ба ҳамаи ихтисосҳо бо назардошти талаботи минтақаҳои Тоҷикистон, миқдори муайяни духтарон бидуни имтиҳон қабул карда мешаванд...» [16, с.187]. Фароҳам сохтани чунин шароит барои таҳсили донишҷӯён иқдоми хуб ба шумор меравад. То имрӯз ҳазорон нафар духтарон соҳиби маълумоти олӣ ва соҳибихтисос гардидаанд. Ба ибораи дигар, «Махсусан, ба гӯш мерасад, ки зани тоҷик имрӯз дар баробари модар будан, ба ҳайси роҳбар, ба ҳайси омӯзгор, ба ҳайси соҳибкор, ба ҳайси варзишгар ва ғайраҳо чӣ дар дохил ва хориҷ аз кишвар шинохта мешавад» [17, с.38].

Ба ин тариқ, мавзуи зан ва масъалаи мақоми зан дар ҷомеа дар замони соҳибистиқлолӣ аз мавзуъҳое ба шумор меравад, ки ҳамеша дар мадди назари аҳли ҷомеа ва махсусан ВАО қарор дорад.

Соли 2020 рӯзномаи расмии «Ҷумҳурият» 262 шумора чоп гардида, асосан ба мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ таваҷҷуҳ намудаанд, вале дар ин миён ба мавзуи занон мавод камтар ба назар мерасад. Дар тули сол рӯзнома ҳамагӣ ҳафт мавод аз ҳаёти занону бонувон нашр намудааст. Аз ҷумла, «Маъюби гурӯҳи 1-ум заминамро тасарруф карданд» (16.04.2020, Сарвиноз Шодмонова), «Бонуе, ки рӯзгоре барои ибрат дошт» (23.04.2020. Б.Баҳодур), «Рӯзгоре барои ибрат» (23.04.2020, Қурбон Мадалиев), «Сифато (бонуе, ки рӯзгори ибрат дошт)» (30.04.2020, Бузургмеҳри Баҳодур), «Вақте зан босавод аст…» (21.11.2020, Саодат Ахмедова), «Ҳафт ахтари тобон» (21.11.2020, Умари Шерхон), «Латофати адабиёти бачагона» (8.06.202, Бузургмеҳри Баҳодур) рӯйи чоп омадааст.

Мақолаи якум бо номи «Маъюби гурӯҳи 1-ум заминамро тасарруф карданд» дар санаи 16.04.2020 дар таҳияи Сарвиноз Шодмонова омода гардида, зери рубрикаи «Шаҳрванд, гӯшаи номаҳои бетаҳрир» рӯйи чоп омадааст. Мазмуни маводи мазкур далолат аз он медиҳад, ки сокини ҷамоати деҳоти Зайнолободи н. Рӯдакӣ Баҳринисо Максимова бо муроҷиати шикоятии худ ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар тамос шудааст. Маводи мазкур хусусияти таҳлилӣ дошта, дар бораи мушкилоти як зани маъюб, ки дар натиҷаи ба садамаи нақлиётӣ гирифтор шудан, як муддати муайян барои муолиҷа ба шаҳри Уротеппа (Истаравшан) меравад, ки дар ин миён хонаи истиқоматии ӯ ба шахси дигар фурӯхта мешавад, сухан меравад. Бо инъикоси мавзуи мазкур муаллиф С. Шодмонова меҳоҳад мушкилоти ин занро ба самъи мақомоти дахлдор расонад. Аз ҷумла, дар анҷоми он чунин таъкид мегардад: «Мактуби нафари маъюб барои рӯзнома арзиши хеле баланд дорад ва то ҳақ ба ҳақдор нарасад, масъалаи мавриди назар пайгирӣ хоҳад шуд» [62].

Дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ дар баробари муваффақиятҳо , инчунин аз камбудӣ ва мушкилоти занон низ сухан меравад, ки мақолаи боло намунаи аз онҳо ба шумор меравад ва ба андешаи муҳаққиқ Қ. Мухторӣ «Масъалаҳои асосие, ки ҳамчун мушкилоти занон баррасӣ мегардад, ниҳоят зиёданд» [10, 273].

Мақолаи дуюм аз ҷониби Қурбон Мадалиев таҳти унвони «Рӯзгоре барои ибрат» дар санаи 23.04.2020, дар хусуси ҳайёт ва фаъолияти Бозорой Ахмедова қисса мекунад. Маводи мазкур хусусияти тарҷумаҳолӣ дошта, дар бораи як зани боэҳтиром ва муваффақ, ки барои дигарон намунаи ибрат аст, сухан меравад. Аз нигоҳи ҳаҷм маводи мазкур хурд буда, қариб аз 5,1 ҳиссаи саҳифаро ташкил мекунад. Бояд ёдовар шуд, ки доир ба мавзуи занон дар саҳифаҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» мавод камтар ба назар мерасад, вале дар сомонаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» доир ба мавзуи мазкур назар ба шакли чопии он зиёдтар мушоҳида мешавад.

Ба туфайли ин ки мавзуъ дар ҳар як давра дорои хусусиятҳои ҷудогона ва хеле доманадор аст, мо бо таҳлили маводи рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавononи Тоҷикистон», «Тоҷикистон», «Самак», «Азия - плюс», «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор» ва «СССР» дар соли 2020 иктифо мекунем.

Ҳангоми саҳифагардонии нашрияҳои дар боло зикргардида, ду шакли муносибат ба мавзуи бонувон ба назар мерасад. Якум хусусияти таърифӣ ва хусусияти танқидиро дар бар мегирад. Дар нашрияҳои мазкур, ки ба мавзуи бонувон бахшида шудааст, миқдоран мавод камтар аст, вале дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» баръакс мавод дар ин мавзуъ бештар чоп гардидааст.

Дар рӯзномаи «Ҷавononи Тоҷикистон» соли 2020 асосан ба рубрикаҳои «Варзиш», «Аз рӯзгори ҳамватанони бурунмарзӣ», «Саҳифаи адабӣ», «Таҳлил» ва ғайраҳо тавaҷҷуҳ намудаанд, аммо дар боби занон саҳифаи алоҳида кушода нашудааст, вале дар мавзуи занон мавод бештар ба назар мерасад. Дар маводи муаллиф Муродбекова Наҷиба «Забондони Раҳимаро то Амрико бурд» (28.01.2021) чунин омадааст, ки духтари тоҷик бо забондонии худ ба қуллаҳои баланд расида, дар шаҳри Ню-Йорки Амрико ҳоло зиндагӣ дорад. Дар онҷо кошонаи ҳусн кушода, кору фаъолият менамояд ва ба мизоҷон хизмат расонида истодааст. Беҳуда нагуфтанд, ки «забон донӣ ҷаҳон- донӣ». Дар ин мавод муаллиф дар бораи зани тоҷик сухан меронад, ки бозабондонии худ ба қуллаҳои баланд расидааст.

Маводи Қиёмиддин Маҳмадҷон дар рубрикаи «Барои оилаи Мавзуна, ки пухтупаз мекунад?» (21.01.2021) хеле аҷиб ба назар мерасанд, МавзунаЧориева ҳамчун муштзани варзида буданаш ба ҳунарҳои чеварӣ, дӯзандагӣ ва пухтани хӯрокпазӣ аз хурдсолӣ завқ надоштааст. Ӯ ҳатто, баъди оиладор шуданаш низ ба чунин корҳо рӯ наовардааст. Барои зан – модар, хусусан барои зани тоҷик, омӯхтан ва аз уҳдаи кори рӯзгор баромадан муҳим аст.

Масалан «Рӯзноманигор – ҷавонтарин қаҳрамони ҷаҳон» (4.02.2021, Аҳмадҷонов И.), «6 сония то медали тиллои FUJAIRAH» (03.08.2021, Қиёмиддин Маҳмадҷон), «Наворҳои ғайри ахлоқии занон» (14.01.2021, Фарзонаи Умаралӣ), «Роҳи умед» (14.01.2021, Қиёмиддин Маҳмадҷон), «Мафтунаи шеър» (07.01.2021) чунин мавод ба назар мерасад

Дар саҳифаҳои нашрияҳои хусусӣ, ба мисли «Самак», «Азия-плюс», «СССР» нашрияҳои соҳавии «Омӯзгор» ва «Адабиёт ва санъат» ба мавзуи бонувон тавaҷҷуҳ намуда, зери рубрикаи доимӣ ё махсус ва ҳамчунин рубрикаҳои тағйирёбанда ва гуногун мавод интишор менамоянд.

Масалан, ҳафтаномаи «Самак» соли 2020 асосан ба рубрикаҳои «Хабар», «Қиссаҳои ҷуғрофӣ», «Пажӯҳиши нигоҳи хос», «Маориф», «Андеша», «Чеҳраҳои мондагор», «Таҳхонаи таърих», «Нуқтаҳои назар», «Тадқиқоти илмӣ», «Аз ҳар боб», «Варзиш» тавaҷҷуҳ намудааст, аммо дар боби занон саҳифаи алоҳида ҷудо нашудааст, вале мавод дар ин мавзуъ бештар ба назар мерасад. Масалан, маводи Сафаров Муҳаммадҷон зери рубрикаи «Қадрдонӣ» «Зебо буд, зебо монд» (16.09.2020) омода гардида, дар бораи як бонуи хоксор, ҳалиму меҳрубон, зани фаъол, ташаббускор, ташкилотчии хубу кордон Зебо Алиева қисса мекунад, ки дар соҳаи сиёсат ва маориф кору фаъолият намудааст. Алиева Зебо Ҷафаровна омӯзгори меҳрубон, фидоии соҳаи маориф буда, зиёда аз 30 соли ҳаёти худро дар ин соҳа ва дар роҳи баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа, таълиму тарбияи фарзандони халқу Ватан сарф намудааст. Бо инъикоси мавзуи мазкур муаллиф Сафаров Муҳаммадҷон зани тоҷикро таҷассумгари руҳи зебоӣ меномад, ки бо ҳуснаш ҷаҳон ва оламу одамро рӯшноӣ мебахшад.

Дар мақолаи 2-юм - «Раъно: ҳатто гумон надоштам, ки ман шоистаи Шоҳҷоиза мегардам» дар санаи 23.12.2020, зери қалами Руқия Гадоалиева таҳия шудааст, ки хусусияти таҳлилӣ дошта, дар бораи Раъно Насриддинова иштирокчии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи донойкитоб аст» нақл мекунад. Дар ин мақола кӯшишу талоши як духтари тоҷик ба назар мерасад, ки бо меҳнати худ ва кӯмаки омӯзгорону волидайн ба шоҳҷоиза ноил гардидааст. Муаллиф дар зимн таъкид мекунад, ки ин дастовардҳои духтарону бонувон бо дастгириҳои Асозгузори сулҳу вадати миллӣ - Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмонов боз ҳам тақвият ёфта, бонувону духтаронро дар ин самт боз ҳам рӯҳбаланд мегардонад. Мақолаи дигар дар ҳафтаномаи «Самак» «Танат ба нози табибон ниёзманд мабод» дар таърихи 25.11.2020, муаллиф: Фаридун

Сафаров таҳия намудааст. Мо дар ин мақола мебинем, ки сухан дар бораи як омӯзгори меҳрубон, хушгуфтор, чеҳрахандону хоксори факултети журналистика Сафарова Моҳира меравад. Сафарова Моҳира нисбат ба донишҷӯён меҳрубон ва хушгуфтор мебошад ва бо услуби хосаи худ донишҷӯёнро ба дарс ҷалб месозад, тавассути ташкили вохӯриҳо бо наттоқони машҳур донишҷӯёнро ба касби ояндаашон бештар ошно мегардонад. Таваҷҷуҳи асосии муаллиф дар ин мавод ба он равона мегардад, ки зан дар ҷомеа чӣ гуна мавқеъ ва обрӯву эътибор пайдо мекунад. Новобаста ба синну сол ин имконият ба ҳама фароҳам оварда шудааст.

Ҳамчунин дар шумораҳои соли 2020-и ҳафтаномаи мазкур як миқдор мақолаҳо дар бораи занон ба назар мерасад, ки намунаи онҳо- «Гулрафтор Шаҳобоваро аз ёд набарорем» (15.07.202, Сафаров М.), «Аз Ҳурматбӣ Зиёвиддинова чаро касе ёд намеоварад» (29.07.2020, Сафаров М.), «Оё Ӯзбекистон метавонад пулҳои Гулнора Каримоваро аз Шветсария баргардонад» (16.09.2020) ва «Ҳунарманди Турсунзода зан бояд дӯзанда бошад» (4.11.2020, Нигора Саидбекова) буда метавонад.

Рӯзномаи «Азия - плюс» ҳафтаномаи хусусии мустақил буда, бо забони русӣ нашр мешавад, гарчанде нашрияи мазкур дар бораи занон саҳифаи алоҳида, рубрикаҳои доимӣ надорад, дар ин хусус дар саҳифаҳои бо номи «Человек», «Общество», «В чем сила, сестра», «Доктор», «Сильный пол», «Единоборства», «Легенда», «Память» аз ҳаёти бонувон хеле зиёд мавод нашр мекунад. Масалан, дар маводи зери унвони «Мать таджикской фитизиатрии» (5.11.2020) мусоҳиб бо як зани собиқадор, зан - модари тоҷик табиби шинохта Умринисо Сироҷиддинова ҳамсуҳбат шудааст. Ӯ беш аз 50 соли умри худро ба мубориза бар зидди бемории сил бахшидааст. Дар мусоҳиба аз ҳаёту фаъолият ва интихоби касби Умринисо Сироҷиддинова сухан меравад. Ӯ соли 1957 ба Донишкадаи тиббӣ дохил шудааст. Умринисо Сироҷиддинова ба худ касби фтизиатрияро интихоб намуд, ки ҳоло табиби кӯдакон шуда, оид ба бемории сил кор мекунад.

Ин мавод очерки портретӣ аст, ки дар он симои як зани фидокори касби худ нақл карда мешавад. Ба таъкиди муҳаққиқ И. Усмонов «Очерк жанри кашшоф буда, нисбат ба жанрҳои адабиёт ба воқиаҳои муҳими рӯз дафъатан ҳамовоз мешавад, симои одамони бунёдкорро дар ҳамон рӯзҳое, ки кори худро идома медиҳанд, бо ҳамон тавре ки дар зиндагӣ ҳаст, нишон медиҳад» [15, с.76]. Ин гуна матлаб хусусияти муаррифӣ ва тарбиявӣ дорад.

Матлаби сеюм доир ба 65 –солагии бонуи тоҷик камонвар Зебунисо Рустамова нашр гардидааст, ки зери рубрикаи «Легенда» таҳти сарлавҳаи «Правила жизни Зебунисо Рустамовой» аз 30 01.2020 ба қалами муаллиф Сайфиддин Қараев тааллуқ дорад, ки ба назари мо зикри баъзе ҷиҳатҳои он муҳим аст. Муаллиф тарзи зиндагии қаҳрамонро чун тинати зани тоҷик батафсил зикр мекунад. Дар ин ҷо аз нигоҳи муаллиф барои зани шарқӣ, аз ҷумла зани тоҷик муносибати инсондӯстона, муомилаи хуш як сифати хоса аст. Ӯ қайд мекунад, ки зан дар ҳар ҳолат, хоҳ ситораи варзиш ва хоҳ чеҳраи намоёни фарҳанг, сиёсат бошад, ӯ ҳамеша инсони хоксор, меҳрубон ва оддӣ бояд бимонад. Зебунисо Рустамова касби худро дӯст медорад ва хамеша кӯшиш мекард, ки дар олимпиадаҳо ғолиб барояд. Соли 1990 дар шаҳри Амстердам ӯро ба кор даъват намуданд. Аз сабабе ки ӯ ватани худро дӯст медорад, ин пешниҳодро рад намуд.

Дар ҷараёни суҳбат Зебунисо Рустамова қайд менамояд, ки: «хеле шодам, ки набераи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, духтари Рустами Эмомалӣ Зебуниссо номгузорӣ шудааст. Ман умедворам, ки ӯ дар оянда ғолиби олимпиадаҳо мегардад» [41].

Дар очерки мазкур дар бораи як зани боэҳтиром ва муваффақ дар соҳаи варзиш, ки барои дигарон намунаи ибрат аст, қисса карда мешавад. Зебунисо Рустамова ҳаёти солимро пешбурда, дар зиндагӣ худро хушбахт меҳисобад, ки ҳар як духтари тоҷик метавонад ба ӯ пайравӣ намояд.

Ҳамчунин дар мавзуи ба бонувон бахшидашуда матлабҳои дигаре бо номи «Искры воспоминаний Мукаддас Набиевой» (9.01.2020, Манзума Фирӯз), «Мискола Абдуллоева «В сфере туризма Таджикистан сильно отстаёт» (23.01.2020, Моҳпора Каримова), «В каждой семье должны быть дети» (13.02.2020), «Ольга Тутубалина «Геройи нашего времини-это мигранты» (27.02.2020), «Лучшие женщины – бойцы в UFC» (1.03.2020) рӯйи чоп омадааст.

Дар рӯзномаи «СССР», ки ҳафтаномаи мустақил буда, зери рубрикаи доимӣ доир ба бонувон мавод нашр намегардад, вале дар бахши рубрикаҳои «СССР ва шумо», «Мо ва таърихи мо», «Аз мост, ки бар мост», «Мо ва онҳо», «Мо ва ташвиши мо», «Мо ва талафоти мо», «Мо ва амният», «Мо ва озмуни мо», «Мо ва баҳси мо», «Мо ва фарҳанги мо» дар бораи ҳаёти бонувон маводи хеле зиёд бахшида шудааст. Яке аз намунаҳои он «Валъамат Мусоева – бонуи сиёсатмадори Раштонзамин» мебошад, ки дар санаи 15.07.2020 нашр гардида, ба қалами Муҳаммадҷон Сафаров тааллуқ дорад. Дар ин мақола дар бораи зани тоҷик, ки солҳои дароз ба Ватан хизмат кардааст, сухан меравад. Ин бонуи муваффақ дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ вазифаҳои пурмасъулро ба уҳда дошта, баҳри ободиву шукуфоии Ватани азизамон саҳми худро гузоштааст. Ӯ яке аз бонувони фаъол, маорифпарвар ва сиёсатмадори варзида буд. Ӯ дар байни 36 мард ягона зане ба шумор мерафт, ки дар ҳайати дастгоҳи роҳбарикунандаи н. Ҳойит вилояти собиқ Ғарм (имрӯзаи Рашт) дар вазифаи мудири маориф, сардори таъминоти иҷтимоӣ, ҳамзамон ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳияи Ҳойитро бар дӯш дошт. Валъамат Мусоева соли 1912 дар деҳаи Шевои собиқ н. Ҳойити вилояти собиқ Ғарм дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст ва ӯ аз хурдсолӣ ба соҳаи илму маърифат рӯ оварда, дар байни аҳолӣ аз ҷумла, занон касби омӯзгориро ба уҳда дошт. Соли 1938 Валъамат Мусоева аз ҷумлаи бонувони Қаротегин номзад ба вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб гашт. Ӯ дар ду давра аз солҳои 1938-1947 ва 1947-1951 вакили мардумӣ Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон буд. Солҳои 1952-1954 муовини раиси н. Ҷиргатол аз соли 1954-1958 муовини раиси н. Варзоб, аз соли 1958-1959 як муддат раиси занон н. Октябр (ҳоло н. И.Сомонӣ) – и ш. Душанбе кор ва фаъолият намудааст. Валъамат Мусоева соҳиби ду фарзанд буда, яке Артисти халқии Тоҷикистон Зафар Нозим ва дигаре Рафоъат Нозимова китобдори номӣ, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, Корманди собиқ Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи, А.Фирдавсӣ мебошанд. Валъамат Мусоева соли 1960 ба нафақа баромада, 30 майи соли 1964 дар ш. Душанбе вафот кардаст. Муаллиф дар мақолаи худ чигуна будани зани тоҷикро иброз намудааст, ки ӯ аз як оилаи деҳқон ба мартабаҳои баланд расидааст, сухан мегӯяд. Ҳамзамон фарзандони соҳибмаърифат ва боистеъдоде тарбия ва ба воя расонидааст, ки имрӯз дар самтҳои фаъолияти худ муваффақ мебошанд.

Дар рӯзномаи «СССР» намунаи мақолаҳое ба назар мерасад, ки дар онҳо дар бораи бонувон сухан меравад. Ба монанди: «Мадина Шарипова – 15 сола шавҳар кардам…» (02.10.2020, Ҷамила Ҳусейнова), «Марҷинаи фронти халқӣ» (03.03.20221, Шаҳрзоди Амин), «Гавҳарбӣ Пиракова – Қаҳрамони зиндаи меҳнати сотсиалистӣ дар ҶТ» (05.03.2021, Ҷамила Ҳусейнова), «Модари тоҷик ва очаи амрикоӣ» (15.07.2020, Сайёфи Мизроб), «7 калиди сиёсату пешрафти тоҷик» (06.03.2020), «Наталя Поммершайм: Байни зани тоҷику амрикоӣ фарқе нест!» (06.03.2020, Ҷамила Ҳусейнова), «Суғд: талоқ меафзояд…» (04.03.2020, Сумани Набиҷон) ва ғайраҳо. Мазмуни мақолаҳои мазкур паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти бонувонро дар бар гирифтааст, ки ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам манфии он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар рӯзномаи соҳавии «Омӯзгор» соли 2020 асосан ба рубрикаҳои «Дастовар», «Паёми ҳафта», «Равзана», «Пешниҳод», «Ҳусни баён», «Мо ва хонанда», «Ҷашнвора», «Фаъолият», «Рангоранг», «Гиромидошт», «Шарафмандон», «Эълон», «Анҷом», «Анис», «Сабқат ва ҷилои ҳунар» таваҷҷуҳ намудаанд, аммо дар боби занон саҳифаи алоҳида кушода нашудааст, вале маводҳо дар ин мавзуъ ба назар мерасад. Масалан, дар мақолаи якум «Омӯзгори асил ва модари мушфиқ» (аз 23.07.2020, Дилбар Қосимова), дар васфи зан - модар аз фаъолияти як нафар муаллима аз шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон оварда шудааст. Омӯзгори математика Ҳусния Шодиева устоди сахтгиру меҳрубон, хушзабону софдил буда, дар дили ҳаряк шогирд тухми меҳру муҳаббат коштааст. Шогирдони ӯ дар сартосари кишвар ва берун аз кишвар кору фаъолият доранд. Ҳусния Шодиева соли 1955 дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1972 ба факултети физика ва математика ДДОТ ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро бомуваффақият хатм намудааст. Беш аз чил сол ба касби омӯзгорӣмашғул шуда, барои халқу Ватани худ содиқона хизмат кардааст. Муаллима борҳо ба ифтихорномаю сипосномаҳо сазовор гардидааст. Аммо афсӯс, чунин устоди асил дар синни 65 – солагӣ аз олам чашм пӯшид. Муаллиф дар ин мавзуъ ёди омӯзгори меҳрубону хоксори худро ба қалам овардааст.

Маводи дуюм «50 соли фаъолияти пурбаракат» (1.10.2020, Б. Ҳайдаров) дар хусуси омӯзгор Ҳалима Илтибоева буда, дар бораи ҳаёту фаъолияти ӯ қисса мекунад. Маводи мазкур хусусияти тарҷумаи ҳолӣ дошта, дар бораи як зани боэҳтиром ва муваффақ сухан меравад, ки ӯ омӯзгори муассисаи таълимии № 35 буда, ба шогирдон аз фанни физика – математика дарс медиҳад. Ҳамзамон, ҳамчунин маслиҳатгар, мураббӣ ва роҳбару роҳбалади мутахассисони ҷавон ба дарсҳои онҳо ворид шуда, маслиҳату тавсияҳои хадафманди методи медиҳад ва ӯро дар мактаб ҳама боэҳтиром «устод», «модар», «мураббӣ» мегӯянд. Барои заҳмати нимасраи худ, муаллима бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм, инчунин бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст. Дар ин мақола дар бораи кору фаолияти омӯзгор сухан меравад.

Дар рӯзномаи «Омӯзгор» дар баробари маводҳои овардашуда, боз як чанд маводи дигар дар бораи фаъолияти занон бо номҳои зерин ба нашр расидаанд:

«Хотираи некаш дар қалби мост» (29.10.2020, гурӯҳи устодон ва шогирдон), «Шоири ширин баён, модари қаҳрамон» (20.08.2020, омӯзгор Рустам Мукарамов), «Тамоми мушкилиҳо бартарафшавандаанд» (16.09.2020 А. Муродӣ ва Н. Раҷабзода), «Мукаррама Қосимова» (8.10.2020), «Фаъолияти ҳадафмандона самаровар аст» (29.10.2020), «Шаҳноза пирӯзӣ ба даст овад» (3.12.2020, Шодӣ Раҷабзода), «Ташаббуси созандаи Зулайхо» (3.12.2020, Ҳотами Ҳомид).

Рӯзномаи соҳавии «Адабиёт ва санъат» махсусан зери рубрикаҳои доимӣ набошад ҳам, вале дар «Бахши санъат», «Аз дафтари адиб», «Худшиносӣ», «Дар суҳбати адиб», «Назм», «Наср», «Ёдкард», «Таҳқиқ», «Пажӯҳиш», «Шодбошӣ», «Китобиёт ва адабиёти ҷаҳон» дар бораи ҳаёти бонувон маводи зиёд нашр намудааст. Масалан, мақолаи «Сарви зебои саҳнаи ҳунар» (12.12.2020, Ортиқ Қодир) дар бораи ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саврнисо Сабзалиева омода гардида, муаллиф ӯро яке аз ҳунарпешаи соҳибэҳтироми театру синамои тоҷик арзёбӣ намудааст. Дар бораи ҳаёту фаъолият, маҳорату истеъдод ва ҳам хислату фазилатҳои инсонӣ, кору фаъолият, фурӯтанӣ, табиати орому пуртамкин, дили беғаму бекина қисса менамояд. Маводи мазкур хусусияти тарҷумаи ҳолӣ дошта, дар бораи зани тоҷик, ки ӯ ҳам ҳунарпешаи театр ва ҳам завқи шерхонӣ низ дошт, бахшида шудааст. Саврнисо Сабзалиева муддати панҷмоҳба бемории COVID-19 гирифтор шуда, оламро падруд намудааст. Дар ин мавод муаллиф дар бораи шодравон Саврнисо Сабзалиева ба некӣ ёд карда, ӯро ҳамчун бонуи муваффақ ва шинохта зикр намудааст. Маводи боқимонда таҳти унвони «Чаҳ-чаҳи гули сурх» (09.07.2020, Б. Раҷабов), «Ҳафтае дар домани биҳишт» (30.07.2020), «Гуле дар чеҳраи санъат» (10.09.2020, Шаҳобиддин Ҳ.), «Вассофи рамзу рози занон» (24.09.2020), «Ҷаҳони шодмонаи Фарзона» (8.10.2020, Хуршед Эҳсон), «Хайри Назарова бо ёдҳо зиндаам» (5.11.2020, Ортиқ Қодир), «Ту набоши нафасам мегирад» (26.11.2020, А. Муродӣ) чоп шудааст, ки ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти бонувон дахл мекунад.

Аз таҳқиқ ва таҳлили саҳифаҳои матбуоти даврӣ доир ба ҳаёти бонувон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

-доир ба ҳаёти бонувон рубрикаи махсус дар нашрияҳо вуҷуд надошта, доир ба ҳаёти бонувон саҳифаҳои хеле зиёд бахшида мешавад. Таҳқиқи мо соли 2020-ро дар бар мегирад, вале дар такя ба таҳқиқоти илмии муҳаққиқони соҳа дар солҳои пешин маълум мешавад, ки ба ҳаёти бонувон бештар таваҷҷуҳ мегардад, чунончи таъкид мегардад: «Дар давоми соли 2014 ба назари мо танҳо як мусоҳибае расид, ки аз муваффақияти занон суҳбат мекунад. Ин ҳам бошад, мусоҳиба ба Ойниҳол Бобоназарова – як нафар зан – сиёсатмадор аст» [10, с.275].

- дар бораи бонувони ватанӣ ва хориҷӣ мавод таҳия мегардад;
- хусусияти тавсифӣ ва танқидӣ доранд;
- асосан ба мавзуъҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва варзишӣ зиёдтар таваҷҷуҳ гардидааст.

Муқарриз: ***Мухторӣ Қ.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Публитсистика ва воқеият / А. Азимов. – Душанбе, 2020. – 143 с.
2. Бободжанова Р. Ислам, традиции и гендерные стереотипы / Р. Бободжанова. – Худжанд, 2005. - 198 с.
3. Гулмурод П.Таджикская печать и гендерные проблемы / П.Гулмурод, Дж. Муким. - Душанбе, 2007. – 98 с.

4. Қутбиддинов А. ВАО ва тафаккури нав дар замони истиқлол / А. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳо). - Душанбе, 2017. – С.16-19. (бо ҳаммуаллифӣ)
5. Муқим Ҷ. Гендер ва журналистика / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2006. – 123 с.
6. Мукимов М. Проблемы и перспективы развития теории и практики СМИ в Таджикистане / М.Мукимов. - Душанбе: РТСУ, 2017. – С.46-54.
7. Муродӣ М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродӣ. – Душанбе, 2017. –224 с.
8. Муродов, М. «Ситоиш»-и занон дар ҳаҷви матбуот / М. Муродов // Баробарҳуқуқии гендерӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе, 2007. – С.79-82.
9. Муродов М. «Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ» / М. Муродов. – Душанбе, 2016. - 291 с.
10. Мухторӣ Қ. Афкори умум дар масъалаи симои зани тоҷик (дар мисоли сомонаҳои “Озодӣ” ва “Озодагон”) / Қ. Мухторӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - №4/7. – С.273-277.
11. Низомова С.А. Становление и развитие женской периодической печати в Таджикистане: дис... канд…фил…наук / С.А. Низомова. - Душанбе, 2014. - 153 с.
12. Сафарова М. Таъсири телевизион ба афкори умум / М.Сафарова. – Душанбе, 2018. – 170 с.
13. Усмонов И.К. Таърихи журналистикаи тоҷик / И.К. Усмонов, Д.Давронов. – Душанбе, 2008. - 136 с.
14. Усмонов И.К. Журналистика. Ҷ.1. / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2008.
15. Усмонов И.К. Жанрҳои публитистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. - 160 с.
16. Усмонов И.К. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2016.
17. Усмонова Н. Дар партави сиёсати созанда. Дар партави паём / Н.Усмонова. - Душанбе, 2015. – С.37-40.
18. Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мард ва зан ва имкониятҳои баробарии татбиқи онҳо». – Душанбе, 2005.
19. Қонуни ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ барои таъмин намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2001-2010». - Душанбе, 2000.

Манбаъ

20. Ахмедова С. Вақте зан босавод аст / С.Ахмедова // Ҷумҳурият. - 2020. - 21 ноябр.
21. Аҳмадҷонов И. Рӯзноманигор – ҷавонтарин қаҳрамони ҷаҳон И.Аҳмадҷонов // Ҷавонони Тоҷикистон. - № 5. 4 феврал.
22. Баҳодур Б. Рӯзгоре барои ибрат / Б. Баҳодур // Ҷумҳурият. – 2020. – 23 апрел.
23. Бузургмеҳри Баҳодур. Сифаторо Бонуе, ки рӯзгори ибрат дошт / Баҳодур, Бузургмеҳр // Ҷумҳурият. – 2020. – 30 апрел
24. Бузургмеҳри Баҳодур. Латофати адабиёти бачагона // Ҷумҳурият. – 2020. – 8 июн
25. В каждой семье должны быть дети // Азия – плюс. - №6 13.02.2020
26. Гадоалиева Р. Раъно: ҳатто гумон надоштам, ки ман шоистаи Шоҳҷоиза мегардам / Р. Гадоалиева // Самак. - 23.12.2020.
27. Каримова М. В сфере туризма таджикистон сильно отстаёт / М. Каримова, М. Абдуллоева // Азия – плюс. - № 03. 23.01.2020
28. Қиёмиддин, М. Барои оилаи Мавзуна ки пухтупаз мекунад? / М.Қиёмиддин // Ҷавонони Тоҷикистон. - 21.01.2021.
29. Қиёмиддин, М. 6 сония то медали тиллои FUJAIRAH / М.Қиёмиддин // Ҷавонони Тоҷикистон. - № 03.08.2021.
30. Қосимова Д. Омӯзгориасил ва модари мушфик / Д. Қосимова // Омӯзгор. - №30 аз 23.07.2020.
31. Лучшие женщины – бойцы в UFC-// Азия – плюс. - 1.03.2020.
32. Мадалиев Қ. Бонуе, ки рӯзгоре барои ибрат дошт / Қ.Мадалиев. - 2020. - 23 апрел.
33. Манзума Ф. Искры воспоминаний Муқадас Набиевой / Ф. Манзума // Азия – плюс. - № 01. - 9.01.2020.
34. Мукарамов Р. Шоири ширинбаён модари қаҳрамон / Р. Мукарамов // Омӯзгор. - №34 аз 20.08.2020.
35. М. Қосимова // Омӯзгор. - № 41 аз 8.10.2020.
36. Муродбекова Н. Забондони Раҳимаро то Амрико бурд / Н. Муродбекова // Ҷавонони Тоҷикистон .- №25. 28. 01.2021.
37. Мафтунаи шеър // Ҷавонони Тоҷикистон. - №01 аз 07.01.2021.
38. Мать таджикской фтизиатрии // Азия – плюс - 5.11.2020.
39. Ольга Тутубалина. Герой нашего времини-это мигранты / Тутубалина, Ольга //- Азия – плюс. - 27.02.2020.
40. Оё Ӯзбекистон метавонад пулҳои Гулнора Кариммовро аз Шветсария баргардонад // Самак. - №38 аз 16.09.2020.
41. Правила жизни Зебунисо Рустамовой // Азия – плюс. - № 04 аз 30 01.2020.
42. Раҷабзода Н. Тамоми мушкилиҳо бартараф шавандаанд / Н. Раҷабзода // Омӯзгор. - №37 аз 16.09.2020.
43. Раҷабзода Ш. Шаҳноза пирӯзӣ ба даст овад / Н. Раҷабзода // Омӯзгор. - № 49 аз 3.12.2020.
44. Роҳи умед Қиёмиддин Маҳмадҷон // Ҷавонони Тоҷикистон. - № 02 аз 14. 01.2021.
45. Сафаров М. Зебо буд, зебомонд / М. Сафаров // Самак. - №38 аз 16.09.2020.
46. Сафаров Ф. Танат ба нози табибон ниёзманд мабод / М. Сафаров // Самак. - №48 аз 25.11.2020.
47. Сафаров М. Гулрафтор Шаҳобоваро аз ёд набарорем / М. Сафаров // Самак. - №29 аз 15.07.2020.
48. Сафаров М. Аз ҳурматӣ Зиёвидинова чаро касе ёд намеоварад / М. Сафаров // Самак. - №31 аз 29.07.2020.
49. Саидбекова Н. Ҳунарманди Турсунзода зан бояд дузанда бошад / Н.Саидбекова // Самак. - №45 аз 4.11.2020.
50. Сафаров М. Валъамат Мусоева – бонуи смёсатмадори Раштонзамин / М. Сафаров // СССР. - 15.07.2020.
51. Сайёф, М. Модари тоҷик ва очаи Амрикоӣ / М.Сайёф // СССР. - 15.07.2020.
52. Сорбон Ҳакимов. Сатр+Риш+Масҷид=? / Ҳакимов Сорбон // СССР. - 02.09.2020.
53. Сумани Набиҷон. Суғд: талоқ меафзояд… / Набиҷон Сумани // СССР. - 04.03.2020.

54. Фаъолияти ҳадафмандона самаровар аст // Омӯзгор. - № 44. 29.10.2020.
55. Фарзонаи У. Наворҳои ғайри ахлоқии занон / У.Фарзонаи // Ҷавонони Тоҷикистон. - № 02 аз 14.01.2021.
56. Хотираи некаш дар қалби мост // Омӯзгор. - №44 аз 29.10.2020.
57. Ҳусейнова Ҷ. Мадина Шарипова – 15 сола шавҳар кардам…» / Ҷ.Ҳусейнова // СССР. - 02.10.2020.
58. Ҳусейнова Ҷ. Гаҳварбӣ Пиракова – Қаҳрамони зиндаи меҳнати сотсиалистӣ дар ҶТ / Ҷ.Ҳусейнова // СССР. - 05.03.2021.
59. Ҳусейнова Ҷ. Наталя Поммершайм: Байни зани тоҷику Амрикоӣ фарқе нест! / Ҷ.Ҳусейнова // СССР. - 06.03.2020.
60. Ҳотами Ҳ. Ташаббуси созандаи Зулайхо / Ҳ.Ҳотами // Омӯзгор. - № 49 аз 3.12.2020.
61. Ҳайдаров Б. 50 соли фаъолияти пурбаракт / Б.Ҳайдаров // Омӯзгор. - № 48 аз 1.10.2020.
62. Шодмонова С. Маъюби гурӯҳи 1-ум заминамро тасаруф карданд / С.Шодмонова // Ҷумҳурият. - 2020. – 16 апрел
63. Шерхон, У. Ҳафт ахтари тобон / У. Шерхон // Ҷумҳурият. – 2020. – 21 ноябр
64. Шаҳрзоди, А. Марҷинаи фронти халқӣ / А. Шаҳрзоди // СССР. - 03.03.2021.
65. 7 калиди сиёсату пешрафти тоҷик // СССР. - 06.03.2020.
66. URL: https://jumhuriyat.tj/
67. URL: http://www.narodnaya.tj/
68. URL: Sadoi mardum.tj ва ғайра.
69. URL: http://javonon.tj/
70. URL: www.asiaplustj.info

ДАР ШИНОХТИ САҲИФАҲО БАРОИ БОНУВОН ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

Мақолаи мазкур ба мавзуи бонувон ва инъкоси он дар матбуоти замони соҳибистиқлолии кишвар бахшида шудааст. Гарчанде дар мақолаи мазкур саҳифаҳои матбуоти имрӯз, ки ба мавзӯи занон бахшида шудаанд таҳлил мегарданд, вале сайри таърихие, назаре ба таърих ва таъсиси нашрияҳои барои занон бахшидашуда низ таваҷҷуҳ мегардад, яъне мақолаи мазкур аз ду қисмат иборат мебошад. Қисмати аввал хусусияти назариявӣ дорад. Муаллиф дар ин бахш ба таҳқиқоти олимони соҳа,махсусан, Усмонов И. Давронов Д., М.Шакурӣ, Х.Отахонова ва ғайраҳо такя намуда, паҳлуҳои таърихии масъаларо баррасӣ мекунад. бароямон маълум гардид, ки дар Тоҷикистон аввалин маҷалла барои бонувон соли 1932 нашр шудааст. Ин нашрия «Бо роҳи Ленин» буд, ки «баъди чанд соли фаъолият тағйири ном кард. Дар соли 1950 номи «Занони Тоҷикистони Советӣ»-ро гирифт. Ин маҷалла то солҳои 70-уми садаи бистум бо ҳамин ном чоп шуд. Минбаъд номи худро кӯтоҳ кард, яъне «Занони Тоҷикистон» ном гирифт». Дар замони соҳибистиқлолии кишвар номи «Фирӯза»-ро гирифт ва то ҳол бо ҳамин ном чоп мегардад. Ҳамчунин маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» низ ба ҳаёт ва фаъолияти бонувони кишвар бахшида мешавад. Бахши дуюми мақола хусусияти таҳлилӣ-муқоисавӣ дошта, намунаи зиёди матбуоти даврии кишварамонро ба монанди «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Тоҷикистон», «Самак», «Азия - плюс», «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор» ва «СССР». Дар аксарияти нашрияҳои номбурда саҳифаҳои махсус гарчанде ба ҳаёти бонувон бахшида нашуда бошад ҳам, вале ба масъалаҳои гуногуне, ки ба ҳаёти занон алоқамандӣ доранд, инъикос мегардад. Аксаран дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ҳангоми таҳлилу баррасӣ маълум гардид, ки ба мавзӯи бонувон бахшидашуда аз нигоҳи навъ ватаниву хориҷӣ буда, рубрикаҳои мунтаззамӣ вуҷуд дорад, аммо дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» саҳифаи махсус дар бораи бонувони варзишгар бахшида шудааст, ки дар хусуси бонувони тамоми кишварҳои ҷаҳон маълумот оварда мешавад.

Калидвожаҳо: жанр, таҳқиқоти журналистӣ, мусоҳиба, очерк, таърих, матбуоти даврӣ, гендер, матбуоти хусусӣ, баробарҳуқуқии зану мард.

ОЗНАКОМЛЕНИЕ СО СТРАНИЦАМИ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ, ПОСВЯЩЕННЫМИ ЖЕНЩИНАМ

Данная статья посвящена проблемам женщин и их освещению в периодической печати страны в период независимости. Несмотря на то, что на страницах сегодняшней периодической печати отражены интересы женщин, они также освещают исторические пути, историю изданий, посвященных женщинам. Статья состоит из двух частей: первая часть – теоретическая, в которой, автор опирается на исследования ученых и специалистов в данной области (Усмонова И., Давронова Д., Мухтори К., М. Шакури, Х. Отахонова и других). В заключении автор пришёл к выводу, что первый женский журнал в Таджикистане был издан в 1932 году. Через несколько лет название «По ленинскому пути» изменилось. В 1950 году он был переименован на «Женщины Советского Таджикистана». Этот журнал издавался под этим названием до 70-х годов XX века. В последующем название журнала сократилось до «Женщины Таджикистана». На момент обретения независимости нашей страной он был переименован в «Фируза» и до сих пор издается под этим названием. Журнал «Бонувони Тоҷикистон» также посвящен жизни и работе женщин. Во второй части статьи был использовань аналитический сравнительный метод. Приведено много примеров из периодических изданий нашей страны, газет: «Джумҳурият», «Молодёжь Таджикистана», «Таджикистан», «Самак», «Азия-Плюс», «Литература и искусство», «Учитель»» и «СССР». Большинство этих публикаций, хотя и не посвящены женской проблематике, но охватывают широкий круг вопросов, связанных с женской проблематикой. В отечественной и зарубежной периодической печати часто освещаются женские темы. В регулярных рубриках этих газет Таджикистана имеются специальные разделы, которые посвящены женщинам-спортсменкам всего мира.

Ключевые слова: «Бо роҳи Ленин» (По ленинскому путӣ), «Фируза», президентская квота, гендер, Зебуниссо Рустамова, «Женщины Таджикистана», женщины, равенство мужчин и женщин, спортсменка, «История таджикской журналистики».

FAMILIARIZATION OF THE PAGES OF PERIODICALS DEVOTED TO WOMEN

This article is devoted to the problem of women and their coverage in periodical press of the country during the years of independence. In spite of the fact that the pages of today's periodical press represent the interests of historical developments, and their views on the history of the publications, as well as devoted to the women. The article consists of two parts: the first part is a theoretical one which is based on researches of scientists and specialists in the metionad field particularly I. Usmonov, D. Davronov, K. Mukhtori, M. Shakuri, H. Otakhonov and others. In conclusion, we came to the fact that the first women's magazine in Tajikistan was published in 1932. A few years later, the title of the magazine "Along the Leninist Way" was changed. In 1950 it was changed to "Women of Soviet Tajikistan". This magazine was published under this title till the 70'th of the twentieth century. Subsequently, the title of the magazine was shortened to "Women of Tajikistan". At the time of our country's independence, it was renamed to"Firuza" and is still published under this name. The magazine "Bonuvoni Tojikiston" also focuses on the life and work of women in the country. In the second part of our article, an analytical comparative method is used, in which there are many examples of periodicals in our country. They are as follows: newspapers: "Jumhuriyat", "Youth of Tajikistan", "Tajikistan", "Samak", "Asia-Plus", "Literature and art", "Teacher" "and "USSR". Most of these publications, although not devoted to women's issues, cover a wide range of issues related to women's problems. In the country's foreign periodicals, the isses on women are often highlighted. Regular headings of these topics in the newspaper "Tajikistan" have special sections dedicated to women -athletes from all over the world.

Key words: "Bo rohi Lenin" (On the Leninist Way), "Firuza", presidential quota, gender, Zebunisso Rustamova, "Women of Tajikistan", women, equality of men and women, sportswoman, "History of Tajik journalism".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Комилова Зебунисо Эргашбоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ. 17. E-mail: **Zebo. Komilova. 74 @ mail.ru**

Сведения об авторе: ***Комилова Зебунисо Эргашбойевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки. 17. E-mail: **Zebo. Komilova. 74 @ mail.ru**

Information about the author: ***Komilova Zebuniso Ergashboyevna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Zebo. Komilova. 74 @ mail.ru**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Исмонов К.Б. Донишмандони форсу тоҷик ва овошиносии араб…… **5**
Исматуллоева П.Р. Сохтори ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои гуногунсохтор…….. **11**
Исмоилов О.Б., Ашрапов Б.П. Вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбурди пасвандҳои исми маънисоз дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII (дар мисоли асари таърихии «Туҳфат-ул-хонӣ»)…… **18**
Абдусамадзода Э.А. Мавқеи номҳои ифтихорӣ (лақаб ва тахаллус) дар “Қасас-ул-анбиё” (таҳқиқи забоншиносӣ)..... **24**
Усмон Сулаймонӣ. Вижагиҳои масдарҳои ҷаълӣ ва қиёси онҳо дар забони дарӣ ва гунаҳои он **30**
Самадов Р.С. Хусусиятҳои корбурди аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забони суғдӣ…… **36**
Камолова Б.Б. Корбурди сифати феълӣ дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”- и Ҷалол Икромӣ…… **42**
Файзова Т. Хушмуомилагии лингвистӣ ва одоби муҳоварат дар асари бадеӣ…… **52**
Шехов И. Истилоҳоти иқтибосии динӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар асоси асарҳои тарҷумашуда…… **60**
Шарифова Г.А. Нақши технологияи иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ дар ташаккули забони миллӣ…… **67**
Давлатов Х.С. Потамонимияи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров…… **74**
Файзова П.Б. Таҳлили муқоисавии тафсири вожаи “об” дар “Фарҳанги Низом” - и Сайид Муҳаммад Алӣ ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ”…… **83**
Кесамирова С.Р. Экзотизмҳо ҳамчун падидаи воҳидҳои луғавии бемуодил аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)…… **98**
Оќилова Х.А. Мафҳуми валентнокӣ дар илми забоншиносӣ…… **103**
Шоева Н. Дараҷаи омӯзиши пешванду пасвандҳо дар забоншиносии тоҷик…….. **111**
Ашрапов Б.П. Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии зарфҳои мураккаб (дар мисоли асари «Туҳфат-ул-хонӣ»-и М.Карминагӣ ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ)…… **117**
Дустзода Х. Дж. Образное значение во фразеологических единицах современного таджикского литературного языка…… **123**
Гулмирзоева З.У. Значение и образы драгоценных камней в таджикской поэзии IX-X веков……. **136**
Сафарова Р.Б. Классификация лексики меры длины в таджикском и английском языках…… **143**
Афзали М.К., Назарова З.А. Стандартизация нормативно - правовой терминологии как основной критерий регламентации языка права…… **149**
Шарипова Г.Дж. Некоторые особенности выражения лексики делового письма в английском языке…….. **158**
Маликов А.Р. Прилагательное в функции сказуемого в таджикском и французском языках…… **167**
Холикова З.К. Парадигматические и синтагматические связи глаголов и глагольных сочетаний «родственные отношения» в русском и таджикском языках…….. **173**
Гарибова М.А. Изучение глаголов речи в русском и таджикском языках…… **181**
Махмудова С.С. Имена собирательные в системе разноструктурных языков (на материале таджикского и немецкого языков)…… **187**
Асадова М.Р. Морфологический способ образования географических терминов в таджикском и английском языках…… **193**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Ӯлмасова З.Ҳ. Муаммои чанд масоили зиндагӣ дар романи Кароматуллоҳи Мирзо «Ишқи Сархӯр»…….. **200**
Абдулазизова З.С. Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёт дар Моваруннаҳри садаи XVIII ва аввали қарни XIX…… **211**
Беронов Ҷ. Профессор Худоӣ Шарифов ва шеъри Носири Хусрав…… **222**
Латипов М.М. Абулқосими Қушайрӣ ва рисолаи ӯ - сарчашмаи муътамади тасаввуфӣ дар «Бӯстон»…….. **229**
Латифов А.Д. Тасвири пайвандҳои хонаводагӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз…….. **236**
Маҳмадуллоева Н.М. Муаммо ва луғаз (айният ва тафовут)…… **244**
Зуфнунби Сайдаҳтам. Мавзуи Ватан дар лирикаи Муҳаммад Ғоиб…….. **250**
Мерганзода М.Б. Таҳқиқи мамдуҳони қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ…… **259**
Мурувватиён Дж. Дж., Мурувватиён С.Ш. Особенности перевода метафор с таджикского языка на русский в художественном тексте (по классификации М.А. Смирновой)…… **267**
Ходжамуродова Ш.Р. Особенности перевода персидско-таджикской поэзии на китайский язык

(на примере «Бустана» Саади Шерози)……. **276**
Хабибуллоева Н.Н. Лирический герой: развитие концепта в науке
и творчестве советских поэтов…….. **284**
Рахмонов З.А. Интерес М. Горького к устной и классической таджикско-персидской литературе.. **291**

ЖУРНАЛИСТИКА

Азизуллоева Г.С. Назаре ба таърихи рӯзномаи “Маърифати Шуғнон”……. **299**
Комилова З.Э. Дар шинохти саҳифаҳо барои бонувон дар матбуоти даврӣ…….. **306**

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2022. №5

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 30.08.2022 г. Заказ №2018/04-01